ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/5 (94)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2012

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Каримов М.Б. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Низомов М. - зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Гулмуродзода П. - кандидат филологических наук, доцент
Исматов С. - кандидат филологических наук, доцент
Кабиров Ш. - кандидат филологических наук, профессор
Кучаров А. - доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Нарзикул М. - доктор филологических наук, профессор
Саломов М. - кандидат филологических наук, доцент
Сафаров У. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012
Вестник Таджикского национального университета, 2012

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ САДОНОКҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

С. Назарзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони модарии мо, ки дар даврони истиқлол барои рушду густариши он тамоми имконияту шароит фароҳам шудааст, дар даврони истиқлолият ба муваффақияту дастовардҳои чашмгире ноил шудааст.

Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳову суханронихои хеш ба донишмандон, забоншиносону фарҳангиёни тоҷик дар баробари таҳқиқу баррасии масъалаҳои бунёдии инкишофи забони модарӣ, барои тавсеаву инкишофи минбаъдаи забони тоҷикӣ вазифаҳои мушаххас мегузоранд. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти кишвар ба муносибати Рӯзи забон дар соли 2009 чунин омадааст: «Аз ин рӯ, яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки бояд мавриди таҳқиқи ҷиддии донишмандон, махсусан забоншиносон қарор гирад, масъалаи муқаррар намудани меъёрҳои забони адабӣ мебошад. Забони давлатиро бояд бар пояи меъёрҳои адабӣ устувор сохта, онро аз ҳама гуна қолабҳои сунъии бегона ва унсурҳои лаҳҷавӣ озод кардан лозим аст. Дар робита ба ин, таъкид месозам, ки инкишофи устувори забонро танҳо дар асоси риояи қоидаҳо ва қонуниятҳои меъёрӣ ва таърихии он таъмин кардан мумкин аст».

То расидан ба ҳолати имрӯзии худ забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш чандин марҳилаву давраҳои рушду инкишофро тай намудааст. Аз рӯи санаду далелҳои забоншиносӣ забонҳои эронӣ, ки забони тоҷикӣ яке аз онҳост, давраи ориёӣ ё ҳиндуэрониро (дар ин давра як забони поя ба номи ориёӣ вуҷуд доштааст) тай карда, сипас ба гурӯҳҳои эронӣ ва ҳиндӣ чудо мешаванд. Ин ду гурӯҳи забонӣ дар марҳилаи аввали рушд бо ҳам дар сатҳи лаҳҷа ё гӯйиш наздикӣ доштаанд, ки сохтори забонии китоби муқаддаси зардуштиён «Авесто» ва «Ведо»-ҳои ҳиндӣ аз ин наздикӣ шаҳодат медиҳад [13,129-130].

Забонҳои эронӣ аз рӯйи талаффузи баъзе овозҳо (овозҳои ҷарангдори б, д, г, (b, d, g), вуҷуд доштан ё надоштани овозҳои с ва z, афтидан ё наафтидани овози ҳ (h) ба гурӯҳҳои забонҳои эронии ғарбӣ (ғарбии шимолӣ – модӣ (марҳилаи бостон), портӣ (марҳилаи миёна), курдӣ, толишӣ, симнонӣ, балучӣ ва ғ. (марҳилаи нав), ғарбии ҷанубӣ – форсии бостон (марҳилаи бостонӣ), форсии миёна (марҳилаи миёна), форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ, тотӣ, ҳазора, лаҳҷаҳои Форс ва ғ. (марҳилаи нав) ва гурӯҳи забонҳои шарқӣ (шимоли шарқӣ – скифӣ (марҳилаи бостон), марҳилаи миёна (аланӣ, суғдӣ, хоразмӣ), марҳилаи нав (осетинӣ ё осӣ ва яғнобӣ) ва ҷанубӣ- шарқӣ (марҳилаи миёна – сакоӣ, бохтарӣ (кушонӣ), марҳилаи нав – афғонӣ (пашту), мунҷонӣ, забонҳои помирӣ, вахонӣ, язгуломӣ, ишкошимӣ) гурӯҳбандӣ шудааст.Азбаски забони авестоӣ ҳам хусусиятҳои забонҳои ғарбӣ ва ҳам хосиятҳои забонҳои шарқии эрониро дорад, он ба ин гурӯҳҳо дохил карда нашудааст. Аз забони бохтарӣ (кушонӣ) ҳам аз марҳилаи бостонӣ санаду далелҳои мушаххас боқӣ намондааст, мисли дигар забонҳое, ки ҳатто аз давраи миёна (пашту, курдӣ, балучӣ ва ғ.) далел надоранд.

Фарқияти ин ду гурӯҳи забонҳои эрониро метавон дар намунаи зерин баръало мушоҳида кард. Вожаи «пой» дар забони эронии қадим агар дар шакли pāda вуҷуд дошта бошад, он дар форсии бостон дар шакли «pād» ва дар форсии миёна (паҳлавӣ) дар шакли «pāy» ва дар форсӣ ва тоҷикии имрӯз он дар шакли pā(y) таҳаввули овоӣ пайдо кардааст. Ҳамин калима дар гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дар намунаи забонҳои сакоии аҳди бостон дар шакли «pād», дар забони аланӣ (осетинии давраи миёнаи рушди забонҳои эронии шарқӣ) ба шакли «fād» ва дар забони осетинӣ (осӣ) ба шакли «fad» тағйири овоӣ пайдо кардааст. Дар нақша ин тағйиротро чунин тасвир кардан мумкин аст.

*pād (форсии бостон)→ pāy (форсии миёна (паҳлавӣ) → pā(y) (забони тоҷикӣ).

*pāda (эронии қадим)

*pād (эронии шарқии қадим) →*fād (забони аланӣ) → fād (забони осетинӣ) [13,84].

Бояд гуфт, ки умумияти забонҳои эронӣ ва ба халқҳои эронии форсҳо, модҳо, ариҳо (сокинони Ҳирот ва атрофи он), бохтариён, суғдиҳо фаҳмо будани забонҳои онҳо на танҳо аз тарафи забоншиносон, балки аз тарафи муаррихон ва ҳатто сайёҳон ба таври махсус қайд шудааст. Масалан, Страбон қайд мекунад, ки форсҳо, модҳо, ариҳо ва суғдиҳо дар асри яки мелодӣ ба забонҳои тақрибан якхела суҳбат мекунанд [13,84].

Бичурин Н.Я. низ аз гуфтаи сайёҳи Чин Чжан-Тсян (асри II пеш аз мелод) ин нуктаро айнан чунин меорад: «Аз Давон (Фарғона) ба тарафи ғарб то давлати Анси (Порт), ҳарчанд ки дар лаҳни гуфтугӯ фарқият зиёд аст, забони онҳо ба ҳамдигар хеле монанд аст ва дар гуфтугӯ ҳамдигарро мефаҳманд» [4,161-188].

Ин умумият ва ягонагии забонии мардуми эронитабор ва вуҷуд доштани як забони умумии ориёӣ ҳамчун забони расмии давлатдории шоҳаншоҳиҳои мо дар намунаи катибаи Бесутуни Дориюши Кабир (забони ориёӣ) ва катибаи Работаки Канишкаи Кабир, шоҳаншоҳи Кӯшониён дар ибтидои ҳазораи аввали мелодӣ (забони ориёӣ) дар асари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», китоби дуюм. «Аз Ориён то Сомониён» ба таври муфассал баррасӣ шуда, аз ҷумла гуфта мешавад: «Ногуфта намонад, ки қабл аз Канишкаи Кабир яке аз бунёдгузорони империяи ҷаҳонии Ҳахоманишӣ – Дорои I дар катибаи Бесутун бо забони ориёӣ китобат шудани навиштаҷоти Бесутунро низ зикр намудааст, ки ин аз мавҷудияти забони умумӣ ва ба ҳамдигар наздики қавмҳои ориёитабор – аз Бохтар кашида то Порс шаҳодат медиҳад» [21,114].

Ин маълумоти умумӣ барои он оварда шуд, ки аксари муҳаққиқоне, ки имрӯз дар матбуот оид ба забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои он андешаронӣ мекунанд, мутаассифона, дар бораи масъалаҳои бунёдии забони мо бе донистани асосҳои аввалияи илми забоншиносӣ пешниҳодҳои ба ном «илмӣ» мекунанд. Мо ин амалро дар бахши садонокҳои забони тоҷикӣ дар солҳои охир зиёд мебинем. Бинобар ин, тасмим гирифтем, ки дар бораи сайри таърихии садонокҳои забони тоҷикӣ аз марҳилаи бостон то имрӯз дар асоси пажӯҳишҳои бунёдии илми забоншиносии эронӣ маълумоти мухтасаре пешниҳод намоем.

Пеш аз ҳама аз тамоми забонҳои эронӣ ба забони тоҷикӣ ва сохтори овоиву дастурӣ ва вожагонии он забонҳои марҳилаи бостон - авестоӣ ва форсии бостон, марҳилаҳои миёна - портӣ, форсии миёна, бохтарӣ (кӯшонӣ) ва суғдӣ таъсири зиёде доранд. Аз ин забонҳо забони форсии бостон ҳамчун забони поягузори забони тоҷикӣ дар аҳди бостон ва забони форсии миёна ҳамчун забони поягузори мустақими забони мо дар аҳди миёна ҳисоб мешаванд ва аз рӯи ақидаи аксари муҳаққиқони эроншинос шартӣ ҳам бошад, забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) давомдиҳандаи бевоситаи забонҳои форсии бостон ва миёна ба шумор меравад. Забони портӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ ва бохтариву суғдӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дохил мешаванд, дар такомули забони тоҷикӣ нақши муҳиме доштаанд. Бояд ёдовар шуд, ки забони тоҷикӣ дар давраи сароғози пайдоиши худ, пеш аз ҳама, дар минтақаи паҳншавии ин забонҳо, яъне забонҳои портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ пайдо шуда, сипас дар асрҳои XI-XII-и мелодӣ ба қисматҳои дигари Эронзамини таърихӣ густариш ёфтааст. Намунаҳои аввалини осори тоҷикӣ (форсии нав) дар Балху Марв ва Бухорову Самарқанд ин ақидаро собит месозад. Бинобар ин, дар шаклгирии меъёрҳои забони адабӣ ин забонҳо таъсири мустақим доранд.

Дар ташаккулёбӣ ва густариши забони тоҷикӣ як гурӯҳ забонҳои эронии шарқӣ низ нақши бузург доранд. Ин забонҳо – забони бохтарӣ ва забони суғдӣ мебошанд, ки дар давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ бештар дар бахши вожагон ва камтар дар бахши овоиву дастурӣ хеле аз хусусиятҳои худро ба забони тоҷикӣ додаанд.

Яке аз хусусиятҳои хоси овозҳои забонҳои бостонии эронӣ ба таври мушаххас фарқ кардани садонокҳо аз лиҳози дарозии овоз мебошад. Забони форсии бостон, ки падарбузурги забони тоҷикӣ ҳисоб мешавад, дар таркиби худ, тавре ки дидем се ҷуфти садонокҳои одӣ (i - ī, - a - ā, u - ū) ва чор садоноки мураккаб (ai, aī, au, aū) дорад [10,47-48].

Инкишофи минбаъдаи садонокҳо дар забони форсии миёна ва портӣ нишон медиҳанд, ки ду садонокҳои мураккаб **ai** ва **au** мутаносибан ба садонокҳои дарози ē ва ō табдил ёфтаанд, дар забони форсии миёна дар давраи оғози инкишофи забони классикии форсӣ-тоҷикӣ шумораи садонокҳо ба ҳашт садонок (i, ī, ē, a, ā, u, ū, o,) мерасад.

Мо ин садонокҳоро дар осори шоирону нависандагони давраи классикии адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XX) мебинем. Дар ин давра дарозиву кӯтоҳии садонокҳо ба андозае аҳамият доштанд, ки дар ивази шеъри ҳиҷоии адабиёти мо шеъри арӯз ба вуҷуд омад. Ин амр агар аз як тараф зери таъсири адабиёти араб ба вуҷуд омада бошад, аз тарафи дигар дар пайдоиши ин навъи шеър нақши садонокҳои кӯтоҳ ва дароз хеле зиёд аст. Ин муқобилгузории садонокҳо ба садонокҳои дарозу кӯтоҳ дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳам инъикос ёфт. Овозҳои садонокҳои дарози ī ва ē бо ҳарфи ى - йо ва ū, ō бо ҳарфи (و) вов навишта мешуданд. Садонокҳои кӯтоҳи i бо касра (-), u – бо замма (ُ) ва a – бо фатҳа(َ) ишора мешуданд, ки баъзан нишон дода намешуданд. Яъне дар алифбои арабиасоси мо барои ду садоноки барои арабҳо номаълум ē ва ō истилоҳҳои «йо-и маҷҳул» ва «вов-и маҷҳул» истифода мешавад. Яъне агар ī йо-и маъруф бошад ва навишт бо талаффуз мувофиқат кунад, пас ē - йо-и маҷҳул ва ū - вови маъруф бошад пас ō вови маҷҳул мебошад. Агар ин истилоҳҳои забоншиносӣ ва овонавишти онро бо алифбои имрӯза баргардонем, ӯ-и дароз дар калимаҳои гӯш, рӯз, бӯй ва ғайра вови маҷҳул ва у-и дарози калимаҳои дуд (форсии миёна dūt), дур (форсии миёна dur) хун (форсии миёна xūn) вови маъруф мебошанд. Ин овозҳо дар забони форсии имрӯз бо вов навишта шуда, ҳамчун у-и дароз ифода мешаванд, вале дар забони тоҷикӣ онҳо бархе бо ӯ-и дароз ва бархе дигар бо у-и кӯтоҳ навишта мешавад, ки ҳоло сарчашмаи баҳси доманадори донишмандон гардидааст. Айнан ҳамин усул дар навишти йо-и маҷҳул ва йо-и маъруф дар забони тоҷикӣ ва форсӣ мушоҳида мешавад. Агар йо-и маҷҳул дар забони тоҷикӣ ба садоноки алоҳидаи ē табдил ёфта бошад, он дар забони форсӣ бо овози ī якҷо шуда, бо йо (ى) навишта мешавад. Масалан, калимаҳои шер ва шир дар забони форсӣ як хел (شیر) навишта мешавад, вале маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Бояд гуфт, ки дар ҳар ду маврид хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ дар форсии миёна дида мешавад, вале дар форсии имрӯз шояд зери таъсири омилҳои забонҳои бегона тағйир карда бошад. Дар вазни арӯз i (и-и кӯтоҳ), ки бо касра (-) ифода мешавад ва ī (и-и дароз) маҷҳул, ки бо йо (ى) ифода мешавад бо ҳамдигар дар шеър ҳамвазн нестанд, вале бархе аз шоирони мо ба иллати чунин дигаргунии нодурусти солҳои 40-уми садаи XX дар имлои забон масалан, калимаи дилро (دل) бо Нил (نیل) қофия мебанданд, ки дар вазни арӯз хатои маҳз ҳисоб мешавад.

Ҳамин тариқ, агар содатар гӯем «вови маъруф» барои арабҳо ӯ-и маълум аст ва бо ин аломат ишорат мешавад, вале «вови маҷҳул» ӯ-и номаълум аст, яъне ба арабҳо ошно нест, вале он ҳам бо вов ишора мешавад. Ба истилоҳи дигар вов – ҳарфи арабист, ки бо аломати «و» ифода мешавад. Дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ин ҳарф ба ғайр аз овози «в» ӯ-и дарозро (ū) ифода мекунад. Истилоҳи «вови маъруф ба ҳамин овоз дар калимаҳои дур, хун, буд ва ғайра марбут аст. Овози ӯ-и дароз (ō) дар калимаҳои рӯз, бӯй, гӯш ба арабҳо маълум набуд ва дар алифбои арабӣ ҳам вуҷуд надошт ва азбаски барои арабҳо овози номаълум буд, онро бо ҳарфи вов (و) ишора карда, «вови маҷҳул», яъне «вови ноошно» номиданд.

«Йо» номи ҳарфи ى дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ мебошад. Ин ҳарф дар алифбои арабӣ овози ī-ро (ӣ-и дароз дар калимаҳои бино, пир, шир, сир…) ифода мекунад. Овози ē (дар калимаи шер, деҳ, пеш, …) барои арабҳо ноошно буд, вале ин овозро ҳам бо йо (ى) ишора мекунанд. Биноан, аввалиро «йо-и маъруф» ва овози ē-ро «йо-и маҷҳул», яъне ноошно ва номаълум номиданд. Овози е дар забони тоҷикӣ аз дарозӣ ба устуворӣ гузашта, садоноки ī-(и-и кӯтоҳ) калимаҳои арабиро пеш аз ҳамсадои ҳ, ки дар арабӣ бо ī талаффуз мешаванд, (иҳтимол, иҳтиром ва ғ.) ба худ тобеъ намуда, онро дар шакли эҳтимол, эҳтиром, эҳдо овардааст. Бояд гуфт, ки садоноки ē (аз таркибҳои овоии эрони қадим ai, ауа) дар тамоми лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ устувории худро нигоҳ доштааст.

Дар марҳилаи нави инкишофи забонҳои эронӣ забони тоҷикӣ дар гурӯҳи забонҳои ҷануби ғарбӣ ҳамроҳ бо забонҳои форсӣ, дарӣ, ҳазора, тотӣ мебошад. Албатта, ин тақсимбандӣ шартӣ буда, фақат барои нишон додани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин забонҳои ба ҳам наздик шартан сохта шудааст. Тавре ки аз ин тақсимбандӣ мебинем, ба ғайр аз забони тотӣ, ки фарқиятҳои он аз забонҳои дигари ин гурӯҳ бештар мебошад, забонҳои дигар (форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ, ҳазора) тақрибан хусусиятҳои гӯйишӣ ва лаҳҷавии як забони умумиро доро мебошанд. Ин умумиятро метавон ба ҳамон умумияти забонҳои ориёӣ итлоқ кард, ки дар аҳди қадим бо номи «забони ориёӣ» (забони форсии қадим ва забони бохтарии кушонӣ дар сангнавиштаҳои

шоҳони Ҳахоманишӣ ва Кӯшонӣ забони ориёӣ номида шудааст) номгузорӣ шудааст [22,211].

Забони классикии форсии тоҷикии мо, ки ба ивази забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ дар қаламрави паҳншавии ин забонҳо ҷойгузини онҳо гардид, аз лиҳози хусусиятҳои овоӣ, дастурӣ ва вожагонӣ аз забонҳои хешованди бостонии хеш хеле дур рафта, хусусиятҳои хоси худро пайдо кард. Пеш аз ҳама, дар бахши фонетика ё овошиносӣ масъалаи тағйирот ва таҳаввули сифатӣ бар ивази тағйироти миқдорӣ ба ҷойи аввал мебарояд. Дар забони тоҷикии давраи классикӣ мисли забони форсии миёна ҳанӯз ҳам ҳашт садонок (се ҷуфти кӯтоҳи дарози i-ī, a-ā, u-ū ва ду садоноки дарози аз садонокҳои мураккаби ai>ē ва au>ō пайдошуда) вуҷуд дорад, вале дар зери таъсири тағйироти сифатӣ дар ҳоли тағйир ёфтан аст. Ҳамин тариқ, дар забони тоҷикии классикӣ (форсии дарӣ) ҳашт садонок (i, ī, ē, a, ā, u, ū, ō) вуҷуд дорад. Барои таҳаввули ҳамсадоҳои ин давраи забони мо тағйироти зиёди сифатӣ дар ҷобаҷогузории онҳо дида мешавад.

Дар бахши сарфу наҳв тағйироти асосӣ аз ҳолати тасрифӣ (синтетикӣ) ба ҳолати таҳлилӣ (аналитикӣ) гузаштани ҳиссаҳои нутқ мебошад.

Аз байн рафтани ҷинсияту тасрифи падежӣ ва гузариши ҳолати ҷамъбандии сегона (танҳо, дугона ва ҷамъ) ба ҷамъбандии дугона (танҳо ва ҷамъ) хусусиятҳои хоси ҳолати таҳлилии забон мебошад, ки ин тағйиротҳо ҳанӯз дар забонҳои форсии миёна, портӣ ва қисман дар забони бохтарӣ намудор шуда буданд. Албатта, дар давраи аввали инкишофи забони классикии форсии тоҷикӣ хусусиятҳои маҳаллӣ ва лаҳҷавии ин забон дар минтақаҳои гуногуни густариши он дида мешуд ва таҳияи фарҳангу луғатномаҳои гуногун шоҳиди ин гуфтаҳост. Вале хусусиятҳои умумӣ ва меъёрии забони адабӣ барои ин забон то имрӯз боқист ва метавон гуфт, ки алорағми хусусиятҳои хоси гунаҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ байни ин се гунаи забони адабӣ умумиятҳо аз фарқиятҳо дида хеле бештар аст.

Тавре ки маълум аст, талаффузи «вови маҷҳул», ки аз рӯи ақидаи забоншиносон имрӯз дар забони форсии Эрон дида намешавад, дар забони тоҷикӣ ва дарии Афғонистон боқӣ мондааст. Албатта, фонемаи ӯ ё ба таври дигар у-и дароз дар забони тоҷикӣ таҳҳиқи ҷиддӣ мехоҳад, зеро ки шакли талаффузи он ба вови маҷҳули классикӣ шартан муқоиса мегардад. Тарзи талаффузи он дар забони форсии миёна ва форсии дарӣ ё тоҷикии аҳди классикӣ ба таври мушаххас маълум нест ва он аз рӯи анъана ва суннати дароз талаффуз кардани он баррасӣ мегардад [15, 20].

Ин масъаларо метавон ба таври муфассал дар намунаҳои мувофиқати таърихии ин овоз аз форсии бостон то забони тоҷикӣ баррасӣ намуд.

Вови маҷҳул дар забони классикии форсии тоҷикӣ аз ҳисоби ба садоноки дарози ū табдил ёфтани садоноки мураккаби aū ва ба воситаи дароз талаффуз кардани баъзе аз таркибҳои овозӣ пайдо шудааст, ки мушаххасан дар мисолҳои зерин дида мешавад:

1. Дар калимаҳои монанди рӯз, гӯш, бӯй, рӯд, рӯй, дар асоси табдил ёфтани садоноки мураккаби забонҳои авестоӣ ва форсии қадим **au** ба садоноки дарози ū пайдо шудаанд:

рӯз < форсии миёна ва портии **rōz** (форсии миёнаи давраи аввал **roč** форсии бостон **raučah** ба маънои рӯз, авестоии **raočan** – равшан < эронии қадим* **raučah**). Калимаи авестоии **raočan** имрӯз дар забони тоҷикӣ дар шакли **равшан** ва **рӯшан** вуҷуд дорад ва ин мисол исбот мекунад, ки имрӯз ҳам кӯтоҳшавии садонокҳои мураккаб (ав-и тоҷикӣ ва оӯ-форсӣ) дар забони мо идома дорад. Равған ва рӯған ҳам шоҳиди ин гуфтаҳост.

гӯш < форсии миёна – **gōš** < форсии бостон **gauša**, авестоии **gaoša**< эронии қадим* **gauša;**

бӯй < форсии миёнаи **bōy** < авестоии **baoδa** < эронии қадим* **bauda;**

рӯд < форсии миёнаи **rōd** < форсии бостон **rautah** < эронии қадим* **rautah;**

рӯй < форсии миёнаи **rōy** < авестоии **raoδa** < эронии қадим **rauda** ба маънои намуди беруна.

2. Бо роҳи ба садоноки дарози ū табдил ёфтани таркибҳои овозӣ:

а) аз эронии қадими* **aua:** ӯ ба маънои шахси сеюми вай < форсии миёнаи **ōy** < форсии бостон **avahya** аз ҷонишини ишоратии **ava** – он, вай < эронии қадим* **ava**:

фурӯ ба маънои поин < форсии миёна **frād** < форсии бостон **frauata** – ба пеш, ба поин;

зӯр ба маънои тавоноӣ, қудрат < форсии миёна **zōr** < форсии миёнаи давраи аввал **zavar**, портии **zāvar** < авестоии **zāvar;**

пӯст < форсии миёна **pōst** < форсии қадим* **pavasta;**

ту < форсии миёна **tō** < авестоии **tava** < эронии қадим* **tava** ба маънои «аз ту»;

б) аз таркиби овозии форсии бостон **agu*** >avu* ōu > ō;

мӯбад < форсии миёна **mōubad** (давраи аввал - **mōupat**) < форсии бостон **magupati** – рӯҳонии зардуштӣ;

в) аз таркиби овозии va > ō;

вожаи **ду** < форсии миёнаи **dō** < авестоии **dva,** форсии бостон **dᵘva** [15,42-43].

Ин таркибҳои овозии авестоӣ ва форсии бостон дар забони тоҷикии имрӯз бояд овози ӯ-ро диҳанд, ки тавре аз имлои имрӯз бармеояд, на ҳамаи ин овозҳо бо ӯ ишора мешавад. Ҳол он ки дар забони мо бе доштани меъёри таърихӣ як силсила қоидаҳо (аз қабили пеш аз овози (h)ҳ дар калимаҳои кӯҳна, кӯҳан ва пеш аз овозҳои h ва айн (аломати сакта) дар калимаҳои арабӣ талаффуз кардани ӯ пайдо шудаанд, ки имрӯз онҳоро ҳамчун хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ қаламдод мекунанд. Ҳол он ки хусусияти хоси ин овозҳоро, яъне ба ӯ-и дароз табдил ёфтани у-и кутоҳ дар лаҳҷаҳои шимолии Тоҷикистон, аз ҷумла дар лаҳҷаҳои «самарқандӣ-бухороӣ, ленинободӣ-конибодомӣ, аштӣ, чустӣ, косонсоӣ, уротеппаӣ, шаҳристонӣ» дар намунаҳои ӯҳда, мӯҳтоҷ, мӯмин (арабии муъмин) ҳанӯз дар соли 1964 муҳаққиқи рус Расторгуева В.С. қайд карда чунин гуфта буд: «Гузариши u (у-и кӯтоҳ) ба ů (ӯ-и дароз) дар зери таъсири ҳамсадои гулӯӣ танҳо дар лаҳҷаҳои шимолӣ (ҷое, ки садоноки ū (ӯ-и дароз) дорад) ва махсусан дар лаҳҷаҳои самарқандиву бухороӣ, ленинободиву конибодомӣ, аштӣ, чустӣ, косонсоӣ, уротепагӣ, шаҳристонӣ дида мешавад» [16,29].

Яъне ин падида дар аксарияти дигари лаҳҷаҳои минтақаҳои тоҷикнишини тоҷикони Осиёи Марказӣ ва лаҳҷаҳои марказӣ, ҷанубӣ ва ҷануби шарқии Тоҷикистон аз тарафи муҳаққиқон маълум карда нашудааст ва онро ҳамчун меъёр ба забони адабӣ дохил кардан ба назар дуруст намерасад. Агар меъёрҳои забони адабиро ба баъзе минтақаҳои тоҷикнишини Ӯзбекистону Тоҷикистон маҳдуд накарда, онро ба тамоми сарзамини тоҷикон мансуб донем, нодурустии ин меъёр боз ҳам равшантар ва бармалотар аён мегардад. Расторгуева В.С. таъсири забонҳои туркӣ ва махсусан забони узбекиро дар пайдо шудани овози **ӯ** дар калимаҳои арабӣ ва тоҷикӣ дар намунаи лаҳҷаҳои Чирчиқ боло, Риштон ва атрофи он зикр намуда чунин мегӯяд: «Ин фонема (овози ӯ дар назар аст) хати инкишофи ō-и маҷҳули куҳанро идома намедиҳад. Он дар ин ҷо аз забони ӯзбекӣ иқтибос шудааст ва фақат дар калимаҳои иқтибосии ӯзбекӣ дида мешавад» (мисолҳо ҳам оварда мешавад).

Баъдан ӯ дар ҳамин ҷо зикр мекунад, ки «ō-и маҷҳул дар ин ҷо ба монанди лаҳҷаҳои марказӣ ба овози ū табдил ёфтааст: rūz, rūy, mūy ва ғ.» [16,41], (яъне ба у-и дарози калимаҳои дур, пур, гур ва ғ.).

Бояд гуфт, ки масъалаи садонокҳои забони тоҷикӣ дар даврони шӯравӣ борҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва то ин дам шумораи садонокҳои забони тоҷикиро пажӯҳишгарон гоҳ дар асоси шумораи садонокҳо дар забони классикии форсӣ-тоҷикӣ 8 садонок, гоҳ ҳафт садонок ва асосан шаш садонок ҳисоб кардаанд.

Дар ибтидои асри ХХ, солҳои 1927-1928 дар давраи омодагӣ барои гузариш ба алифбои лотинӣ баҳс сари садонокҳои дарозу кӯтоҳи ū – u ва i – ī хеле доманадор буд ва ин баҳсҳо аввал бо қабул кардани ҳашт садонок i, ī, e, a, o, ů, ū, u анҷом ёфт. Дар натиҷа китобҳои аввалини дарсӣ барои забони тоҷикӣ, ки солҳои 1929-1930 чоп шуданд, бо овардани ҳашт садонок дар забони тоҷикӣ нашр гардидаанд [18].

Абдурраҳуфи Фитрат дар китоби худ бо номи «Қоидаҳои забони тоҷик (сарф ва нахв)», ки соли 1930 ба чоп расидааст, чунин менависад: «Босадоҳои (садонокҳои - С.Н.) забони тоҷик 8 адад буда, ба се ҷуфт ва 2 тоқа тақсим мешаванд. 6 босадои ҷуфт-ҷуфт:

Кӯтоҳ	у, и, а
Дароз	ӯ, ӣ, о

Ду босадои тоқа: е, ӯ» [1,40-41].

Вале баъдан Комиссия оид ба омодагӣ ба анҷумани илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон садонокҳои забони тоҷикиро 6-то муқаррар намуд ва овозҳои i - ī ва u - ū-ро на аз рӯйи дарозӣ, балки дар асоси устуворӣ муайян намуд [11].

Дар солҳои 1937-1940 дар давраи гузариш ба алифбои кириллӣ масъалаи садонокҳои забони тоҷикӣ аз нав мавриди баррасӣ қарор гирифт. Боз фарқ кардани i – ī

ва ū – u масъалаи асосӣ гардид. Соли 1940 китоби Лутфулло Бузургзода «Фонетикаи забони адабии тоҷикӣ» бо ҳуруфи лотинӣ чоп шуд, ки дар он масъалаи дарозӣ ва кӯтоҳии садонокҳои i - ī ва ū – u аз нав тасдиқ гардида, барои забони тоҷикии меъёр ҳашт садонок муқаррар гардид. Аз ҷумла, ӯ дар бораи овози i: - ī менависад: «i: Ин овоз аз ҷиҳати ҷой ва усули ташаккул аз «i» фарқ надорад, яъне овози қатори пешин ғайрилабӣ ва танги болоӣ буда, аммо аз «i» андак кашидатар (дарозтар) талаффуз карда мешавад: i:d, bi:по, si:r (sī:ri kosa), si:r, zi:n, zi:па, xi:ra, pi:v, di:па, di:ruz//di:rūz, ki:па, si:. Ин овоз дар як қисм шеваҳо монанди забони адабӣ фонемаи мустақил ба шумор равад ҳам, дар як қисм шеваҳо (Самарқанд, Ленинобод) аз «i» фарқ карда намешавад» [5,39]. Л.Бузургзода дар бораи u:(ū) ҳам чунин ақидаро пешниҳод мекунад ва барои намуна мисолҳои du:r, hu:š, šu:š, пu:r, du:d-ро меорад [6,21]. Тавре ки аз ин намунаҳо мебинем, ва худи муаллиф ҳам қайд мекунад, ин дарозиву кутоҳӣ агар дар забони адабӣ ва баъзе аз шеваҳо фонемаи мустақил бошад ҳам, вале дар лаҳҷаҳои Самарқанду Ленинобод аз овози «i» фарқ надорад. Бинобар ин дар имлои забон ҳам минбаъд дар назар гирифта нашудаанд.

Вале баъд аз як соли нашри ин китоб китоби дигаре бо номи «Грамматикаи забони тоҷикӣ» нашр мешавад, ки дар он ҳафт садонок (а, е, u, ӣ, о, у, ӯ) барои забони адабии мо муқаррар шудааст.

Забони тоҷикӣ алорағми гуногунӣ ва мавҷуд будани шумораи зиёди лаҳҷаву шеваҳои мухталиф, ки дар гуногунии талаффузи садонокҳо бештар акс ёфтаанд, умумияти байни ин гӯйишу лаҳҷаҳоро дар худ инъикос намудааст. Ин гӯйишу лаҳҷаҳо аз лиҳози овозҳо дар зинаҳои мухталифи тағйирёбии сифатӣ ва миқдорӣ нисбат ба овозҳои забони адабӣ қарор дошта, ҳангоми таҳлилу баррасиҳои илмӣ умумияти таърихии овозҳои забонҳои эрониро ба таври возеҳ ошкор менамояд. Тавре ки аз сайри таърихии овозҳои забони тоҷикӣ аз авестоиву форсии бостон то забони форсии миёнаву бохтариву суғдӣ дидем, ин забонҳо ба ҷуз аз тағйиротҳои умумӣ, ки дар зинаҳои таҳаввулу такомул ва дар марҳилаҳои рушди таърихӣ ва хусусиятҳои хоси забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ дида мешаванд, умумияти равиши таърихии умумиэронӣ доранд.

Талаффузи садонокҳои i ва ī, яъне и-и кӯтоҳ ва ӣ-и дароз дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи устуворӣ ва ноустуворӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд. Гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ (дарёи Зарафшон тахминан марзи лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубӣ мебошад) ва гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ. Дар лаҳҷаҳои шимолӣ фарқияти байни i ва ī аз рӯи аломати устуворӣ ва ноустуворӣ боқӣ мондааст. Дар лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон (шева ва лаҳҷаҳое, ки дар қисмати ҷануби дарёи Зарафшон воқеъ мебошанд) ҳар ду овози i -и кӯтоҳ ва ī -и дароз ба як садоноки ī табдил ёфтаанд [16,19-20].

Масъалаи талаффузи садонокҳои таърихии u, ū, ō (у ва ӯ-и дароз ва ӯ-и маҷҳул)-ро дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, Расторгуева В.С. ба панҷ навъ ё панҷ намуд ҷудо кардааст [16,23-29].

Дар лаҳҷаҳои навъи аввал ва навъи дувум, ки ба гӯрӯҳи аввал Бухоро Айнӣ, Чуст, Консой, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Истаравшан, Шаҳристон, Панҷакент ва ба гурӯҳи дувум лаҳҷаҳои ш.Самарқанд, болооби Варзоб, Бойсун, лаҳҷаҳои кӯҳистони Ҳисору Қаратоғ дохил мешаванд, овози садоноки маҷҳули «ō» боқӣ монда, аз лиҳози устуворӣ дар муқобили «ū» ва «u» (дар гурӯҳи аввал) ва «u» (дар гурӯҳи дувум) қарор дорад [16, 23-27; 19, 27-29].

Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи сеюм, (лаҳҷаҳои Мастчоҳ, Фалғар, Шайдон, болоби дарёи Чирчик), чорум (лаҳҷаҳои Кӯлоб, Ғорон (Бадахшон), Хумдара, Вахёи боло, Чилдара, Қаротегин, қисмати ҳамвории водии Ҳисор, бахше аз Варзоб) ва гурӯҳи панҷум (лаҳҷаи Дарвоз) хусусиятҳои умумӣ дар талаффузи ин садонокҳо дида мешавад:

1. Дар ҳар се навъ ё гурӯҳ садоноки таърихии ō (ӯ-и дароз) дар калимаҳои гӯш, бӯй, рӯз ба овози дарози ū-ӯ табдил ёфтааст.
2. Овози садоноки дарози ӯ дар калимаҳои хун, дуд, дур, низ бо ō (ӯ-и дароз) якҷо шудааст. Фақат дар лаҳҷаҳои типи сеюм ба ū (у-и дароз) табдил ёфтани (у-и кӯтоҳ) дар баъзе ҳолатҳо дида мешавад.
3. Дар лаҳҷаҳои типи чорум ва панҷум u (у-и кӯтоҳ) боз ҳам кӯтоҳтар шуда, ба ъ табдил ёфтааст, ки аз ҳамаи садонокҳои забони тоҷикӣ имрӯз кӯтоҳтарин садонок дар забони тоҷикӣ мебошад. Фақат дар лаҳҷаҳои гурӯҳи панҷум (Дарвоз) ҳар ду ҳолат, ҳам кӯтоҳшавии u (у-и кӯтоҳ) ба ъ ва ҳам нигоҳ доштани хусусияти ō (ӯ-и дароз) дар калимаҳои монанди рӯз, гӯш, дида мешавад [16, 27-29; 19, 27-29].

Қонунмандиҳои инкишофи дохилии лаҳҷаҳои забони тоҷикии қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон) аз лиҳози овошиносии садонокҳои одӣ шумораи ин садонокҳоро аз 6 садонок то ҳашт садонок нишон медиҳад. Садонокҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба таври умум аз лиҳози таҳаввули таърихӣ ҳадди ақал ду роҳи инкишофи худро тай кардаанд.

Аввал аз лиҳози дарозии талаффуз садонокҳои ҳамгун ба ҳам омада, якҷоя мешаванд, ки дар намунаи якҷояшавии садонокҳои ҳамгуни ӧ ӣ, u ва і, ӣ, е бо равишҳои мухталиф дида мешаванд. Дувум, садонокҳо аз лиҳози хусусиятҳои сифатӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин тағйирот дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба тариқи зерин мушоҳида мешавад (Инъикоси ин таҳаввул аз лиҳози минтақавӣ аз шимол ба ҷануб, яъне аз лаҳҷаҳои шимолӣ ба самти лаҳҷаҳои ҷанубӣ мебошад):

1. Овозҳои садоноки навъи шимолӣ дар се марҳила дараҷаи инкишоф ва таҳаввули садонокҳоро ба самти якҷояшавӣ ё ҳамроҳшавӣ нишон медиҳад:

а) марҳилаи аввал дар лаҳчаҳои гурӯҳи якум (Бухоро, Панҷакент, Уротеппа, Шаҳристон, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Консой, ҷануби Ашт дар намунаи гузаштан аз садонокҳои дарозу кӯтоҳ ба садонокҳои устувору ноустувор (баъзе ҳолатҳои муқобилгузории дарозу кӯтоҳ) дида мешавад. Ин лаҳҷаҳо дорои ҳашт садонок і, (ӣ), е, а, о, u, (ӯ), ů, мебошанд;

б) марҳилаи дувум якҷояшавӣ ва баҳамоии u ва ӯ (у-и дарози калимаҳои дур, нур…) бо нигоҳ доштани муқобилгузории і ӣ дар ҳолати ноустуворӣ ва устуворӣ (і ва ӣ дар намунаи калимаҳои дил-пир, китоб- ширин ва ғ.). Дар ин лаҳҷаҳо (танҳо лаҳҷаи Самарқанд ва атрофи он) ҳафт садонок (і, (ӣ), е, а, о, u, ů,) дида мешавад;

в) марҳилаи савум баҳамоии садонокҳои і ва ӣ (ӣ, и) дар намунаи калимаҳои пир, дил, шир, ва ғ. ва вуҷуд доштани шаш садонок (і , е, а, о, ů, u) дар лаҳҷаҳои кӯҳистони Ҳисор, Бойсун, Дарбанд, Варзоби боло. Бояд гуфт, ки ин лаҳҷаҳо бештар зери таъсири лаҳҷаҳои ҷанубӣ (кулобӣ ва қаротегинӣ) қарор дошта, дар онҳо баҳамоии ӯ ва ů (дар намунаи калимаҳои рӯ > ру, бӯ > бу, сӯ >су) дида мешавад.

2. Лаҳҷаҳои марказӣ (болооби Зарафшон, Мастчоҳ, Фалғар, Сух) бо хусусияти ҳафт садонокӣ (і, ӣ, а, о, е, ӯ, u), лаҳҷаҳои ҷанубӣ (Кӯлобу Вахш, Бадахшон, Рашт, қисмате аз ноҳияи Дарвоз ва Варзобу Ҳисор бахше аз минтақаҳои ҷудогонаи вилояти Фарғонаву Андиҷон) бо хусусияти шашсадонокӣ (і, е, а, о, ъ, ӯ,) ва лаҳҷаҳои ҷанубу шарқӣ (Дарвоз, асосан Дарвози боло) бо доштани нуҳ садонок, (і, е, а, о, ӯ, u, ъ, ů, ӱ) ва дорои хусусиятҳои ҳам шимолӣ ва ҳам ҷанубӣ, дорои аломатҳои зерин мебошад:

а) Хусусияти умумии тағйироти сифатии садонокҳо бо гузаштани садонокҳои таърихии кӯтоҳи u(у) ва дарози ӯ(у) ба ů(ӯ) дар лаҳҷаҳои марказӣ;

б) гузариши садоноки таърихии ӯ ба ӱ дар лаҳҷаҳои ҷануби шарқӣ;

в) маҳдуд шудани дарозии садоноки маҷҳули ӧ (ӯ) ва гузаштани он ба ӯ (у) дар лаҳҷаҳои марказӣ;

г) гузаштани u (у-и кӯтоҳ) ба ъ, яъне боз ҳам кӯтоҳшавии у-и кутоҳ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ.

Ҳамин тариқ дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бештар садонокҳои таърихии қатори ақиб ба тағйироти сифатӣ дучор шудаанд. Агар мо тағйироти сифатии лаҳҷаҳои тоҷикии Афғонистонро (махсусан лаҳҷаҳои шимоли шарқӣ ва маркази Афғонистон-Балх, Бадахшон, Қундуз, Тахор, Самангон, Парвон, Кобул) бо лаҳҷаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон муқоиса кунем, пас умумияти ин лаҳҷаҳо бештар бо лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон дида мешавад ва дар маҷмӯъ лаҳҷаҳои шимолӣ бо доштани хусусиятҳои қадимӣ (асосан доштани ҳашт садонок) аз як тараф ва лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо лаҳҷаҳои шимол ва маркази Афғонистон (бо доштани хусусияти ҳафтсадонокӣ ва шашсадонокӣ) дар байн ва лаҳҷаҳои забони форсӣ бо доштани хусусияти шашсадонокӣ аз тарафи дигар қарор мегиранд [16,38-41].

Тавре ки аз муқоисаи овозҳои садоноки забонҳои баррасишуда ва таҷассуми онҳо дар алифбо аз рӯи барқарор кардани он овозҳо бар асоси таҳқиқот ва пажӯҳишҳои забоншиносон дидем, забонҳои эронии ғарбӣ ва шарқӣ ба таври умум дар ҳолатҳои гуногуни фонетикӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Забонҳои ҷануби ғарбӣ бошад дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

1. Забонҳои форсии бостон, форсии миёна ва марҳилаи классикии инкишофи забони тоҷикӣ хусусияти хоси ба ҳам муқобил гузоштани овоӣ (фонетикӣ)-и садонокҳои кӯтоҳ ва садонокҳои дарозро доранд. Масалан, забони форсии бостон дар ибтидо дорои се овози садоноки дароз (ā, ӯ, ī) ва се садоноки кутоҳ (а, u, і) мебошад.

Баъдан ду овози садоноки мураккаб (дифтонгҳо) ба овозҳои садоноки дароз (ē аз садоноки мураккаби **ai**) ва (ō аз садоноки мураккаби **au**) ба ин гурӯҳ ҳамроҳ мешаванд. Бояд гуфт, ки ин муқобилгузории садонокҳои дарозу кутоҳ дар ин забон аз рӯи андозаи дарозиву кутоҳии овозҳо он қадар зиёд нест.

2. Муқоисаи забонҳои бостонӣ ва миёнаи форсӣ бо забонҳои нави эронӣ дар намунаи забонҳои эронии гурӯҳи ҷануби ғарбӣ чунин тағйиротҳои овоиро нишон медиҳад:

а) таҳаввули сифатӣ ва миқдории садонокҳо дар ин забонҳо;

б) мутобиқати таърихии садонокҳо;

в) таҳаввули умумии таркиби садонокҳо.

Садонокҳои забонҳои муосир пеш аз ҳама хусусияти муқобилгузории сифатии худро ба дарозу кӯтоҳ гум карда, садонокҳои дароз хусусияти маъноии худро аз даст дода (инро мо дар намунаи тағйироти овоии калимаҳои вови мачҳулдор дидем), ба хусусиятҳои дувумдараҷа табдил меёбанд. Ҳамин тариқ, муқобилгузории садонокҳо аз рӯи хусусияти кӯтоҳиву дарозӣ, ки барои забонҳои ду даври аввал хос мебошанд, ба таври умум дар ҳоли аз байн рафтан мебошанд.

Садонокҳои забонҳои эронӣ имрӯз аз рӯи хусусияти устувор ва ноустувор буданашон муайян мешаванд. Аз рӯи ин хусусият шумораи онҳо гуногунанд.

№	забонҳо	устувор	ноустувор	садонокҳои мураккаб
1.	забонҳои форсии Эрон	Ī, ā, ū	e, ä, o	ei, ou
2.	дарӣ (форсии кобулӣ)	ē, ī, ā, ū, ō	i, a, u	ai, au
3.	забони тоҷикӣ	ē, ō, ů	i, a, u	ai, au
4.	ҳазора	ē, ō, ū	i, a, u	ai, au, eй
5.	тотӣ	x, a	i, ŷ, u	ei, au, ө y

Дар забонҳои тотӣ ва баъзе лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар баъзе ҳолатҳо садонокҳои дарози таърихии решаӣ (тоти: ā, i, ū ва тоҷикӣ: i, ū) дида мешавад.

Ба ғайр аз садонокҳои дарозу кутоҳ дар забонҳои номбурда садонокҳои мураккаби дуовоза (дифтонгҳо) дида мешавад. Аз ҷумла:

Забони форсӣ ei, au (meidān, joušan) – мейдон, ҷоушан);

Забони тоҷикӣ ai, au (maidān, jaušan) – майдон, ҷавшан);

Забони дарӣ ai, au (maidān, janšan) – майдон, ҷавшан).

Тавре ки аз ин муқоиса мебинем, дар таркиби садонокҳои мураккаб фарқ байни форсии Эрон аз яктараф ва тоҷикиву дарӣ аз тарафи дигар дида мешавад [15,28-50].

Ҳамсадоҳои забонҳои муосири гурӯҳии забонҳои ҷануби ғарбӣ аз ҳамсадоҳои забони форсии бостон сарчашма мегиранд. Дар забони давраи классикии мо 22 ҳамсадо (p, t, k, b, d, g, č, j, f, s, š, x, h, n, z, ž, y, γ, m, n, v) вуҷуд дошт. Имрӯз забони форсии Эрон низ 22 ҳамсадо дорад. Фақат дар забони тоҷикӣ ва дарӣ, лаҳҷаҳои тоҷикии минтақаи Форс ба ин ҳамсадоҳо як ҳамсадои q (қ) илова мешавад, ки он ҳам бештар дар калимаҳои иқтибосии забонҳои арабӣ ва туркӣ дида мешавад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили садонокҳои забонҳои эронии гурӯҳи ҷануби ғарбӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар забонҳои эронии гурӯҳҳои эронии ғарбӣ (шимоли ғарбӣ ва ҷануби ғарбӣ) аз аҳди бостон то ба ҳол ба ҷуз аз баъзе хусусиятҳои овоӣ будани шаш садоноки кӯтоҳу дароз ва аз шаш то ду садоноки мураккаб (дифтонгҳо) дида мешавад.

2. Садонокҳои мураккаб дар муддати инкишофи забонҳо ба садонокҳои дароз табдил ёфта, дар баъзе ҳолатҳо бо садонокҳои дарозу кӯтоҳи забонҳои баъдӣ якҷо шуда, хусусиятҳои овоии худро аз даст додаанд ва имрӯз ҳам дар намунаҳои равшан – рӯшан, равган –рӯган идома дорад.

3. Садонокҳои мураккаб дар забонҳои эронӣ бархилофи ётбарсарҳои забони тоҷикӣ доимо дар асоси дар аввал омадани садонокҳои кӯтоҳу дароз (ai, au, oy, ei ва ғ.) омадаанд, ки асоси илмӣ надоштани истифодаи ётбарсарҳоро дар забони тоҷикӣ исбот мекунад.

4. Сайри таърихии садонокҳои забони тоҷикӣ аз аҳди бостон то имрӯз собит месозад, ки дар забонҳои эронии ду давраи аввал (бостон ва миёна) доимо сухан дар бораи овозҳои кӯтоҳу дароз ва дар марҳилаи нави инкишофи забонҳои эронӣ садонокҳои устувору ноустувор меравад ва таҳлили садонокҳо дар забони тоҷикӣ ва

забонҳои эронии ба он наздик (гурӯҳи ғарбии эронӣ) аз байн рафтани ҳам дарозӣ ва ҳам устувории садонокҳои дарозро нишон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурауфи Фитрати Бухороӣ. Қоидаҳои забони тоҷик (Сарф ва наҳв). – Душанбе: Сино, 2009.
2. Abdul Chafar Farhadi. le persan parle en Afghanistan. Grammaive du Kaboli/ Paris. 1955.
3. Altheim Fn Awestische Textgeschichte.- Halle, 1949.
4. Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. -Т.1-3, 2 изд. М – Л., 1950-1953.
5. Бузургзода Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик.- Сталинобод, 1940, Соколова В.С. Фонетика таджикского языка, М.-Л., 1949. -С.11-12.
6. Л.Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммадов. Грамматикаи забони тоҷикӣ.- Сталинобод, 1941, с.21.
7. Бартольд В.В. К вопросу о языках сагдийском и тохарском. – В кн.: Иран, т.1, Ленинград, 1927. Бартольд В.В. Сочинения, Т.2, ч.2, -М., 1964.
8. Benveniste E. le systeme phonologugue de' iranien ancien. – BSL, 1968,
9. Brandenstein W. und Mayrhofer M., Handbuch des Altpervsischen. -Wiesbaden, 1961.
10. Bartholomae Chr. Awestisch und Altpersisch || Grundriss der iranischen Philologue. Bd. I. Alt.1.Strusslbug, 1895-1901, Meillet A. Grammaire du v ieux perse.- Paris, 1931.
11. К вопросу об едином литературном таджикском языке, терминологии и латинизированном таджикском алфавите. Материалы работ комиссии по подготовке научно-лингвистического сьезде в Сталинабаде.- Сталинабад, 1930.
12. Henning W.B. The Bactrian inscription. – BSOAS, 1960.
13. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. -М., 1979.
14. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. -М., 1981.
15. Основа иранского языказнания. Новоиранские языки.- М.1982.
16. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. -М., 1964. -С.41, Тагирова К. Таджикские говоры Бастандокского района Узбекской ССР, Сталинабад, 1959.
17. Симс-Вилямс Н. Новые бактрийские документы // Вестник древней истории, 1997, №.3.
18. 1Сухарева О.А. Руководство для изучения таджикского языка.- Самарканд, 1929; Громатович, Дмитриевский, Хашимов. Учебник таджикского языка.- Ташкент, 1931; Соколова В.С. Фонетика таджикского языка. -М.-Л., 1949.
19. Соколова В.С. Исследования по фонетикие иранских языков. (Автореф. докт. диссерт.). Л., 1954.
20. Tedesco P. Dialektologie der westiranischen Turfantexte. – MO, 1925.
21. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, 2004,
22. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ.- Душанбе, 2006.
23. Языки Азии и Африки.-М., Наука, 1978.

ИСТОРИЧЕСКИЙ АСПЕКТ РАЗВИТИЯ ГЛАСНЫХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье автором рассматриваются некоторые аспекты развития гласных таджикского языка в историческом ракурсе. Как известно, система фонетики таджикского языка претерпела качественные изменения в каждом историческом периоде развития языка, имея сложную систему гласных, дифтонгов, трифтонгов в древнем периоде развития языка.

На данном этапе развития языка фонетический строй языка представляет собой систему кратких и долгих гласних с уклоном перехода долгих гласных на устойчивые и неустойчивые.

Ключевые слова: гласные, согласные, звук, история, развитие, язык, устойчивый, неустойчивый, краткий, долгий.

HISTORICAL ASPECTS DEVELOPMENT OF VOWELS OF THE TAJIK LANGUAGE

The author of the article considered some aspects vowels development in the tajik language in the point of historical veiw. As it is known, the system of the tajik phonetics suffered opiality chanqes in every historical stages languages development, has complicated (compound) system of vowels, diphthongs, triphthongs in an ancient period. In this stage of the languages development phonetic system presented itself the system of short and long vowels with inclination of transition of long vowels into stables and unstables.

Key words: vowels, consonans, sound, history, development, language, stable, unstable, long, short.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***С. Назарзода*** –доктор филологических наук, профессор, декан факультета языков Европы и Азии Таджикского национального университета

АДАПТАЦИЯ РУССКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

М.Б. Нагзибекова
Таджикский национальный университет

Одной из отличительных черт развития таджикского языка в последние десятилетия является необычайный динамизм изменений, на-блюдающихся на разных уровнях языковой системы и, в первую очередь, на лексическом уровне. В лексическом составе таджикского языка происходят серьезные количественные и качественные трансформации.

Процессы заимствования, интенсивной адаптации и активизации иноязычной лексики относятся к ряду основных динамических процесс-сов, характеризующих развитие лексического состава таджикского литературного языка конца XX века.

Эти процессы связаны, прежде всего, со структурными трансформациями в общественно-политической и экономической жизни таджикского общества, с качественными переменами в общественном сознании и мировоззрении таджикского народа.

Языковые контакты и лексические заимствования сопутствуют развитию словарного состава любого языка на протяжении всех эпох его существования. Это один из непременных источников пополнения лексико-фразеологического состава языка.

Невозможно представить себе народ, настолько изолированный от своих соседей, что между этим народом и его соседями не существовало бы никаких взаимоотношений ни в какой области. Понятно поэтому, что не существует таких языков, которые в лексическом отношении отличались бы совершенной «чистотой», языков, в лексике которых не заключалось бы слов, заимствованных из других языков в разное время и при различных обстоятельствах [4, 141 -142].

Иноязычные заимствования в составе лексики того или иного языка, степень их адаптации к системе языка-реципиента давно привлекают внимание лингвистов. И это не случайно. Составляя определенный процент лексического состава языка (варьируемый в разные периоды), заимствования, преломляя в процессе адаптации системные явления языка, позволяют исследователю как бы сквозь «призму» языка-источника взглянуть на системные отношения в принимающем языке на разных языковых уровнях (фонетики и фонологии, лексики и словообразования, морфологии и синтаксиса).

Необходимость описания и изучения новых фактов заимствования в словарном составе русского языка давно осознана в отечественном языкознании и никогда не теряла своей актуальности: Совершенно очевидно, что каждый культурный народ должен следить за изменениями в словаре своего языка [5, 75].

Современная лексикология не перестаёт активно изучать слова, проникающие в речь из других языков, и все процессы, сопутствующие этому «проникновению». По-прежнему актуальными остаются многие теоретические и терминологические вопросы, связанные с проблемой лексического заимствования. В самом деле, такие заимствования, как тракторчӣ, газолуд, картошкагӣ, радиошунаванда, газхона и др. не отличаются ни своим «внешним видом», ни своими словоизменительными, словообразовательными и семантическими особенностями от слов исконных и функционируют в таджикском литературном языке наравне с ними. Это полностью освоенные заимствования, закрепившиеся на таджикской почве уже несколько десятилетий. Их чужеродность «рядовой» носитель языка (не лингвист) не ощущает, да и лингвистам в подавляющем большинстве случаев, чтобы установить происхождение такого слова, требуется специальный анализ. В современной лингвистике лексемы, компоненты которого происходят из разных языков, называют словами-гибридами (hybrid) [1, 17].

В данной статье мы проанализируем гибридные слова, состоящие из заимствованного русского слова (или вошедший через русский язык) + таджикских суффиксов, префиксов и сложные слова, состоящие из русского + таджикского слова, взятые из Таджикско-русского словаря 2006 г.

Всего нами было исследовано 436 слов.

Частота употребления способов образования гибридных слов выглядит так:

Суффиксальные - 247 случаев
Префиксальные – 1 случай
Сложные слова –189 случаев

Итак, суффиксальные образования и сложные наиболее частотны, а префиксальные образования – очень непродуктивный способ гибридных слов.

Перейдем к их анализу.

А. Суффиксальные образования гибридных слов

Гибридные таджикские слова, образованные от заимствованных русских слов и таджикских суффиксов, чаще всего относятся к прилагательным, реже – существительным и очень редко к глаголам.

Прилагательные, образованные от русского корня + таджикского суффикса.

Для образования прилагательных от заимствованных русских слов чаще всего использован суффикс Ӣ (варианты ГӢ, ВӢ), реже – другие суффиксы. Приведем таблицу с количественными данными.

№	Суффиксы	Частота	Примеры
1.	-Ӣ	221	Грамматикӣ,граждан ӣ,демографӣ, германӣ, геофизикӣ, докторӣ,дипломӣ, дипломатӣ, демократӣ, индустрӣ, империалистӣ, морфологӣ и др.
2.	-ГӢ (вариант Ӣ)	1	Картошкагӣ
3.	ВӢ (вариант Ӣ	2	Драмавӣ –Фалсафавӣ
4.	- НОК	3	Принсипнок, спиртнок, йоднок
5.	-ГУН	1	газгун
6.	-ОНА	1	Классикона

Существительные, образованные от русского корня + таджикского суффикса.

Для образования существительных от русских слов употреблены следующие таджикские суффиксы:

№	Суффиксы	частота	Примеры
1.	-чӣ	7	Колхозчӣ, миномётчӣ, самоворчӣ, танкчӣ,тракторчӣ, троллейбусчӣ, пулеметчӣ
2.	-онӣ	4	Автоматонӣ,коллективонӣ,механиконӣ стандартонӣ
3.	-гар	1	Гипнозгар
4.	-гарӣ	1	князигарӣ
5.	-ат (ят)	2	Индуктивият, синхроният
6.	-ёт	1	Фалсафиёт
7.	-ча	1	Вагонча
8.	-ҳо (суф., образ. мн.ч.)	1	Субтропикҳо
итого	8 суффиксов	18 случаев	

Таким образом, для образования гибридных существительных использованы 8 таджикских суффиксов. Наиболее продуктивны суффиксы –ЧӢ, ОНӢ, другие суффиксы для образования гибридных слов единичны.

Б. Префиксальный способ образования гибридных слов

Нами обнаружен всего один случай префиксального образования, состоящего из таджикского префикса БЕ + сущ-ного: беалкогол.

В. Сложные слова – гибриды, состоящие из одного заимствованного + таджикского слова, которые образованы следующими способами:

1. Заимствованное слово – сущ-ое + основа настоящего времени глагола таджикского языка (79 случаев): романнавис, филмбардор, гитаранавоз, бетонрез, газсанҷ, бомбапарто, мотосиклрон, драманавис, гармоннавоз, техникадон, теннисбоз, печкасоз, минагузор, витаминдор, бактерияшинос, асфалтпӯш, техникапараст, гайкатоб и др.
2. Заимствованное слово (сущ-ое) + сущ-ое таджикского языка (52 случая): бомбаборон, графхонум, англисзабон, радиоалоқа, теледастгоҳ, теннисбозӣ,

милисахона, телеманора, телебарнома, русзабон, филмнома, ромбшакл, картошкагул, макаронпалав, видеотолор, микроиқлим и др.

3. Заимствованное слово (сущ-ое) + основа настоящего времени глагола + суф. сущ-ного ӣ (39 случая):англиспарастӣ, драманависӣ, танксозӣ, мотосиклронӣ, минагузорӣ, волейболбозӣ, автомобилронӣ, газгузаронӣ, бомбапартоӣ, билетфурӯшӣ, бактерияшиносӣ, бетонрезӣ и др.

4. Заимствованное слово (сущ-ое) + основа настоящего времени глагола + суф. сущ-ного онӣ (1 случай):радиошунавонӣ

5. Заимствованное слово (сущ-ое) + причастие настоящего времени таджикского языка (4 случая): коксшаванда, радиошунаванда, рекламадиҳанда.

6. Заимствованное слово (сущ-ое) + прил-ое таджикского языка (2 случая):картошкабирён, трансмиллӣ.

7. Заимствованное слово (сущ-ое) + основа настоящего времени глагола + уменьшительный суффикс сущ-ного –ак, як (4 случая): газтозакунак, картошкаґундорак, картошкашинонак, минаҷӯяк.

8. Заимствованное слово (сущ-ое) + сущ-ое таджикского языка с суффиксом множ. ч. ҲО (1 случай): гамманурҳо

9. Прилагательное тадж. яз. «противоположный» + заимствованное слово (7 случаев): зиддидемократӣ, зиддикоммунистӣ, зиддитанкӣ, зиддитеррористӣ, зиддифашистӣ,зиддифеодалӣ.

Таким образом, гибридные слова чаще образуются суффиксальным способом, сложные слова также очень продуктивны, а приставочные образования – единичны.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Аврорин, В, А. Проблемы изучения функциональной стороны языка Текст. / В. А. Аврорин. - М.: Наука, 1975. - 276 с.

2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1983. Ҷ.1.- 356.

3. Маринова, Е.В. Иноязычные слова в русской речи конца XX – начала XXI в.: проблемы освоения и функционирования. – М., 2008 – 496 с.

4. *Черных П.Я.* Очерк русской исторической лексикологии. Древнерусский период. - М., 1956. - С. 141 - 142.

5. *Щерба Л.В.* [О словарях живого литературного языка] // Современная русская лексикография: Сб. ст. - М., 1966. - С. 74 - 77.

АДАПТАЦИЯ РУССКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена грамматической адаптации русских заимствований в таджикском языке: анализируются гибридные слова, состоящие из заимствованного русского слова (или вошедший через русский язык) + таджикских суффиксов, префиксов и сложные слова, состоящие из русского + таджикского слова, взятые из Таджикско-русского словаря 2006 г.

Ключевые слова: русский и таджикский языки, адаптация, заимствование, грамматика, словообразование.

ADAPTATION OF THE RUSSIAN LOANS IN THE TAJIK LANGUAGE

Article is devoted to grammatical adaptation of the Russian loans in the Tajik language: the hybrid words consisting of the borrowed Russian word (or entered through Russian) + the Tajik suffixes, prefixes and the compound words consisting of Russian + of the Tajik word, taken of the Tajik-Russian dictionary of 2006 are analyzed.

Key words: Russian and Tajik languages, adaptation, loan, grammar, word formation

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М.Б.Нагзибекова***– доктор филологических наук, профессор, декан факультета русской филологии Таджикского национального университета

ОСОБЕНОСТИ ДИПЛОМАТИЧСЕКОЙ ФРАЗЕОЛОГИИ

Х. А. Саидов
Таджикский национальный университет

Высокопрофессиональная и хорошо организованная дипломатическая служба как неотъемлемая составляющая государственной службы Российской Федерации - важнейшее условие успешного выполнения государством своих функций, решения стратегических и тактических задач политики Российского государства на международной арене.

Многолетний исторический опыт свидетельствует, что государство сильно не только своей экономической мощью, научно-техническим и военным потенциалом, но и своей дипломатией, умелой и гибкой дипломатической службой, профессиональным и нравственным потенциалом кадров дипломатического корпуса. Именно дипломатическая служба во многом предопределяет успешность решения внешнеполитических задач, стоящих перед государством. Особенно, если ее развитие не отстает, а идет в ногу со становлением России как демократического государства. Значение эффективности, профессионализма, компетентности дипломатических институтов и их сотрудников объективно возрастает в переломные моменты истории государства, когда изменяется его правовая база и социально-политическая сущность. Это с одной стороны.

С другой стороны, изменения в управлении, организации, формах и методах деятельности дипломатических структур обусловлены известной модификацией системы международных отношений, глобализацией и интернационализацией международных проблем, усиленным влиянием на дипломатический процесс новых информационных технологий, повышением удельного веса многосторонней дипломатической деятельности соответствующих институтов. Влияние всех этих факторов будет возрастать и в XXI в., что закономерно ставит на повестку дня задачу укрепления научных основ дипломатии и дипломатической службы.

Дипломатическая фразеология занимает особое место в лингвистическом спектре этой науки. Фразами – дипломатическими могут стать зачастую все политические фразы, высказывания или словосочетания в документах, в основном ориентированные во внешнюю политику.

Возьмем, к примеру, документ - «Концепции внешней политики Российской Федерации», утвержденной Президентом Российской Федерации 28 июня 2000 г., где в концентрированном виде представлен анализ международной ситуации, изложены взгляды на содержание, основные направления и приоритеты внешнеполитической деятельности России, нацеленные на формирование равноправных, взаимовыгодных, партнерских отношений России с окружающим миром, и рассмотрим его на наличие дипломатических (внешнеполитических) фраз:

«Для российской дипломатии и дипломатической службы особую значимость имеет ***ориентация служащих внешнеполитического ведомства*** на первостепенное решение таких задач, как:

- ***обеспечение надежной безопасности страны, сохранение и укрепление ее суверенитета и территориальной целостности, прочных и авторитетных позиций в мировом сообществе*** как одного из влиятельных центров современного многополярного мира;

- ***воздействие на общемировые процессы*** в целях формирования стабильного, справедливого и демократического миропорядка;

- создание ***благоприятных внешних условий*** для поступательного развития России, подъема ее экономики, повышения уровня жизни населения, успешного проведения демократических преобразований, укрепления основ конституционного строя;

- ***формирование пояса добрососедства*** по периметру российских границ, устранению имеющихся и предотвращению возникающих ***потенциальных очагов напряженности и конфликтов*** в прилегающих к Российской Федерации регионах;

- поиск согласия и совпадающих интересов с зарубежными странами и межгосударственными объединениями в процессе решения задач, определяемых ***национальными приоритетами России*** и улучшающих ***условия и параметры международного взаимодействия***;

- всесторонняя ***защита прав и интересов*** российских граждан и соотечественников за рубежом;

- ***содействие позитивному восприятию*** Российской Федерации в мире, популяризации русского языка и культуры народов России в иностранных государствах».

Как мы видим в одном документе (отрезке одного документа) встречаются такие концентрации внешнеполитических (дипломатических) фраз. Одной из особенностей выделенных выше фраз является то, что они являются стандартными (шаблонами) и могут быть использованы при множественных раскладах (переговоры, различные документы, послания президентов и т. д.).

Теоретико-методологической основой анализа дипломатической терминологии стали положения и выводы, изложенные в трудах известных государственных деятелей, отечественных и зарубежных ученых-политологов, юристов, социологов, историков, экономистов. Нормативно-источниковая база состоит из конституционного и текущего законодательства, нормативно-правовых актов государственной власти.

Немалые трудности связаны также с отсутствием устоявшегося понятийного аппарата, необходимостью использования при анализе дипломатической службы более строго нормативно отработанной терминологии.

Овладение наукой «Дипломатическая служба» без хороших знаний в области ее терминологии и фразеологии не эффективно. Правильное и достойное (на нужном уровне) изучение основных составляющих решит задачи:

- повышения профессиональной компетенции студентов и слушателей системы подготовки, переподготовки и повышения квалификации кадров дипломатической службы с точки зрения обеспечения высокого уровня их теоретико-методологической и практической подготовки по проблемам дипломатии и дипломатической службы. А значит более полного и глубокого усвоения каждым обучающимся сущности, тенденций и особенностей, происходящих в мировой практике организации дипломатической службы процессов;
- развития практических навыков и умений решения политико-управленческих, организационно-правовых, информационно-аналитических, кадровых и иных задач в рамках профессионального обеспечения деятельности органов государственной власти по реализации внешнеполитических интересов российского государства;
- освоения исторического отечественного и зарубежного опыта организации и функционирования дипломатической службы, адаптации лучшего мирового опыта к условиям современной России;
- формирования таких профессиональных качеств дипломатического служащего, которые бы в максимально полном объеме учитывали не только все многообразие нынешнего этапа мирового развития, но и особенности организации и функционирования дипломатической службы у себя в стране и за рубежом.

Как мы уже отмечали, важным составляющим дипломатического делопроизводства является как фразеология, так и термины. Более того, сперва термины, а потом фразы, зачастую производные от терминов.

Исследование дипломатической и политической терминологии в английском и таджикском языках представляет большой лингвистический интерес. В связи с усилением темпов глобализации в мире последние несколько веков, во многих странах мира появилась необходимость выработать или же усовершенствовать дипломатическую и политическую терминологию в своем языке, чтобы наиболее четко выразить свою позицию во время переговоров. Со временем появились стандарты в дипломатическом политическом лексиконе, которые являются наиболее приближенными к единым («Венская конвенция о дипломатических сношениях - 1961г.»). В настоящее время возрастает внимание к изучению дипломатической и политической терминологии в нашей стране, так как Республика Таджикистан является относительно молодым государством. Несмотря на большое количество трудов, разнообразие тематик и областей исследования в области дипломатических терминологий, ряд задач остается нерешенным. Так, достоверность переводов с английского и французского языков и узкая исследовательская база по данной тематике в нашей Республике нуждаются в дальнейших разработках.

Терминология каждой области знания ограничена определённым объемом терминов, так как словесно отражает систему основных ее понятий.

В качестве основного материала по раскрытию дипломатической терминологии в таджикском языке мы будем брать дипломатическую терминологию на английском, частично на французском и русском языках, поскольку английский и французский являются официальным языком дипломатии и многие важные переговоры и конференции проводятся

на английском. А в русском языке дипломатические термины имеют наиболее четкий и точный характер.

Так, например:

To claim responsibility for smth. – брать ответственность за что либо – ба ўҳда гирифтани масъулият, Uninamously – единогласно – ба як овоз, to implement agreements – выполнять соглашения – иҷро намудани шартномаҳо, Participants to a convention/treat – участники конвенции/соглашения – иштирокчиёни шартнома.

Также есть такие дипломатические термины, которые не имеют четкого перевода на другом языке, но произносятся чуть по-другому, по сути, они являются международными терминами по дипломатии. Таковыми являются:

Агреман - термин, употребляемый в дипломатической практике (от французского agreer - согласие), подразумевает согласие правительства принимающего государства на назначение определенного лица дипломатическим представителем направляющего государства. Агреман запрашивается только на глав дипломатических миссий (в современной практике - на послов) и, как правило, через ведомство иностранных дел принимающей страны убывающим послом или старшим сотрудником дипломатической миссии. В ходе личного визита ответственному лицу страны пребывания устно излагается суть дела и передается краткая биографическая справка вновь назначаемого представителя. В некоторых странах практикуется направление в ведомство иностранных дел также и официальной ноты с просьбой о выдаче агремана. Во многих случаях об отказе в агремане не сообщается - истечение уместного срока (4–8 недель) является сигналом нежелательности предложенного кандидата.

В случае устного запроса агремана, положительный ответ дается также устно. После получения агремана назначаемый кандидат на должность главы дипломатического представительства рассматривается в качестве персоны грата, отрицательная реакция или ответ принимающей стороны означает, что данный представитель является персоной нон грата.

Мотивы отказа в агремане государство пребывания сообщать не обязано.

В соответствии с международной практикой возможная переписка или обсуждение вопроса об агремане не предаются огласке.

Аккламация (от латинского acclamatio - восклицание) - означает метод принятия решений без проведения голосования в дипломатической практике, а также по регламенту некоторых парламентов, конференций, съездов, форумов и т. п. Решение принимается на основе реакции участников: возгласов, аплодисментов, реплик и высказываний участников с мест и т. п.

В официальных протоколах проводимых мероприятий, как правило, делается пометка «решение принято путем аккламации».

Драгоман (французское dragoman от арабского - переводчик) -устаревшее название официального переводчика, состоявшего при дипломатических и консульских миссий в восточных странах. Согласно установившимся традициям, драгоман причислялся к членам дипломатического или консульского корпуса.

Драгоманы, как правило, были не просто переводчиками, но и авторитетными специалистами, знающими порядки, нравы и историю страны пребывания. Эти специалисты очень высоко ценились и порой могли находиться в этой должности до преклонных лет. В современной дипломатической практике этот термин постепенно выходит из обращения, хотя может употребляться в переносном смысле - для характеристики состоящих в штате дипломатических миссий высококлассных специалистов, хорошо владеющих восточными языками.

Нунций (от латинского Nuntius — посланец) — дипломатический представитель папы римского в странах, с которыми Ватикан имеет дипломатические отношения. Нунций относится к высшему уровню дипломатических представителей. В ряде католических стран нунций по традиции являлся дуайеном дипломатического корпуса вне зависимости от даты вручения верительных грамот другими послами. В настоящее время такая практика отошла в прошлое.

Таким образом, можно заключить, что дипломатическая терминология и фразеология в таджикском языке на сегодняшний день является не полноценной и не может охватывать все области дипломатии и ведения международных переговоров. Но все же доработки и исследования в этом направлении ведутся, что означает, что в скором будущем эта проблема должна решиться.

Вывод. Фразеологический фонд дипломатии настолько велик, что полное его исследование не уместилось бы в рамки данной работы. Тем не менее, на примере рассмотренных фразеологизмов можно отчетливо представить насколько разнообразных по своей семантике и выразительности ФЕ современного английского, русского и таджикского языков.

Благодаря литературным произведениям писателей и поэтов, дипломатов, политологов, как самой Великобритании, так и разных стран мира, английский язык, в том числе и в дипломатическом сегменте, в настоящее время насчитывает огромное количество фразеологизмов. Но, не следует забывать и о том, что из истории и культуры различных стран мира в различные языки также перешло огромное количество фразеологизмов.

Ведущим языком дипломатии, на сегодня является английский, собственно потому мы столько говорим об английском языке. Надо отметить, что в современной английской речи не наблюдается использование выражений, взятых из литературы стран Азии.

Широкое распространение получили лишь фразеологизмы, заимствованные из литературы стран так или иначе территориально приближенных к Великобритании. Следует отметить, что особенно велико в английском языке число библеизмов.

Важным фактом является то, что все неанглийские литературные заимствования, представленные в данной работе, являются полными кальками с того или иного языка. В современном английском языке эти фразеологизмы не употребляются в иноязычной форме. Поэтому мы не можем говорить здесь о процессе ассимиляции фразеологизмов, заимствованных из различных языков мира.

Фразеология – чрезвычайно сложное явление, изучение которого требует своего метода исследования, а также использования данных других наук – лексикологии, грамматики, стилистики, фонетики, истории языка, истории, философии, логики и страноведения.

Мнения лингвистов по ряду проблем фразеологии расходятся, и это вполне естественно. Тем не менее, важной задачей лингвистов, работающих в области фразеологии, является объединение усилий и нахождение точек соприкосновения в интересах, как теории фразеологии, так и практики преподавания иностранных языков.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка: учебное пособие для институтов и факультетов иностранных языков/ А.В. Кунин. - 3-е изд. - Дубна: Феникс+, 2005. - 209 с.
2. Кунин А.В. Английская фразеология. Теоретический курс. - М., 1981. - 209 с.
3. Кунин А.В. Фразеология современного английского языка. - М.: Международные отношения, 1996. - 209 с.
4. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь. 3-е изд., стереотип. – М.: Русский язык, 2001. - 209 с.
5. Литвинов П.П. Англо-русский фразеологический словарь с тематической классификацией. – М.: Яхонт, 2000. - 158 с.
6. Литвинов П.П. Фразеология. – М.: Примстрой –М., 2001. - 158 с.
7. Лотман Ю. М. О разграничении лингвистического илитературоведческого понятия структуры / Ю.М. Лотман // ВЯ - 1963.-№ 3. - С. 45.

ОСОБЕННОСТИ ДИПЛОМАТИЧЕСКОЙ ФРАЗЕОЛОГИИ

Данная статья посвящена особенностям дипломатической фразеологии и изучению дипломатических терминов и терминологии в изучаемых языках. Данная работа может быть использована дипломатами, студентами и аспирантами филологического направления.

Ключевые слова: дипломатическая служба, фразеология, драгоман, исследования, ведущий язык, дипломатия, термин, лингвист, нунций, грамматика.

FEATURES OF DIPLOMATIC PHRASEOLOGY

Given article is devoted about feature of diplomatic phraseology and studying of diplomatic terms and terminology in studied languages. The given work can be used diplomats, students and post-graduate students of a philological direction.

Key words: diplomatic service, phraseology, dragoman, the researches, leading language, diplomacy, the term, the linguist, nuntius, grammar.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Х. А. Саидов*** **-** заведующий общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета, кандидат филологических наук, доцент. Телефон: **(918)-78-09-00.**

ТАЪСИРИ ПАЙВАНДАКИ «*КИ*» ДАР МУҚАРРАР НАМУДАНИ САРҲАДИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ САБАБ

М.Ҷ. Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар илми забоншиносии тоҷик солҳои зиёдест, ки як масъала гоҳ пӯшидаву гоҳ ошкоро мавриди баҳс қарор дорад. Ин мавқеи пайвандаки ***ки*** нисбат ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрав аст. Бисёр муҳаққиқон доир ба вазифаи грамматикии ин пайвандак сухан ронда, ҷойи онро дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеъ нишон дода бошанд ҳам, дар хусуси гузоштани аломати вергул чизе нагуфтаанд. Муҳаққиқони асосии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони тоҷикӣ Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов дар тадқиқоти солҳои гуногунашон ба мавқеи пайвандаки ***ки*** дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аҳамият дода, аммо дар бораи гузоштани аломати вергул чизе нагуфтаанд. Танҳо соли 2005 дар конфронси илмӣ бахшида ба солгарди устод Садриддин Айнӣ дар як мақола ва соли 2010 дар як гузориши илмӣ забоншинос Б. Камолиддинов дар мавриди сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайраве, ки бо пайвандаки *ки* алоқаманд мегардад, ибрози назар намуда, мегӯяд: «То ба наздикӣ ба гӯши шогирдон мехондем, ки ҳар ҷо ки пайвандаки **ки** ояд, пеш аз он вергул гузоштан лозим аст. Сабаби дар рӯзномаву маҷаллаҳои имрӯза ин тарз навиштани пайвандакҳои таркибии *вақте, ки; баъде, ки; ба тарзе, ки; ба шарте, ки; аз сабаби он, ки,* ҳатто *зеро, ки; азбас, ки* ва ғайра низ ҳамин таълими ғалати мактабист. Аммо ғалате, ки дар навишти ин пайвандак дар намунаҳои аз осори адибону рӯзноманигорон овардашуда содир гардидааст, сабаби дигар дорад, ки он ба равшан дарк накардани вазифаю мавқеи кор фармудани аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вобаста аст” [5].

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки барои таҳвияти мавқеи пайвандаки *ки* ва ҷойи ҷумлаи пайрав нисбат ба сарҷумла калимаҳои ҳамнисбат нақши муҳим доранд. Муҳаққиқ Ш. Рустамов калимаву таркибҳои ҳамнисбатро баррасӣ намуда, зикр мекунад, ки *«Ҷумлаи пайрав аз ҷиҳати вазифаи синтаксисӣ бо калимаи ҳамнисбат баробар мебошад, калимаи ҳамнисбат дар таркиби сарҷумла ба кадом вазифа ки ояд, ҷумлаи пайрав низ ба ҳамон вазифа меояд»* [4, 182].

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб, ки дар адабиёти бадеӣ мо дучор шудем, калимаҳои ҳамнисбат танҳо бо пайвандаки синтаксисии *ки* меоянд ва ба мавқеи пайвандаки *ки* дар дохили ҷумлаи пайрав таъсир мерасонанд. *Ҳатто мегӯянд, ки закиён маҳз* ***барои ҳамин*** *ҳам закианд,* ***ки*** *дар ягон соҳаи маҳдуд мумтозанд (ПК 74: 197); Ва натанҳо* ***аз он сабаб*** *тафовут дорад,* ***ки*** *ин гуна одамон аз наздик шудан ба моҳияи мақсудашон масрур мешаванд, балки аз осон гардидани кори насли оянда, насли фардоина низ шодмонӣ мекунанд.* (ПК 74: 224). Чунонки аз мисолҳои боло мебинем, дар ин гуна ҷумлаҳо пайвандаки *ки* ҳамеша дар аввали ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла омадааст.

Дар ин хусус Ш. Рустамов ишорае карда бошад ҳам, равшан баён накардааст: «… *ба вазифаи калимаҳои ҳамнисбат асосан ҷонишинҳои ишоратӣ истифода мешаванд… аммо ҳамон ҷонишинҳои ишоратӣ калимаҳои ҳамнисбат ба шумор мераванд, ки бо калимаи эзоҳшавандаи таркиби сарҷумла ва бо пайвандаки* ***ки*** *муносибати маъноию грамматикӣ дошта бошанд»* [4, 191].

Албатта, амали ҷумлаи пайрави сабаб бояд пеш аз амали сарҷумла воқеъ гардад. Ҷудо кардани сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайрави сабабро низ аз рӯйи ин меъёр метавон муқаррар намуд: *Маъзур медоред,* ***ки*** *аз мавзӯъ андак канор рафтем (ПК 74: 45); Ҳозир гиззас карда ба маориф рафта Азиз Каримро бин,* ***ки*** *вай туро кофта гаштааст (СҶ 67: 274).* Дар ҷумлаҳои мазкур шубҳае нест, ки амали …*аз мавзӯъ андак канор рафтем* пеш аз *Маъзур медоред…* ва *вай туро кофта гаштааст* пеш аз *.рафта Азиз Каримро бин…* воқеъ гардидаанд.

Ҳамин хусусият масъалаи гузоштани аломати вергулро пеш аз пайвандаки *ки* ё баъд аз он ҳал мекунад. Иштибоҳи гузоштани аломати вергул дар миёни сарҷумла ва ҷумлаи пайрави сабаб бисёр маврид маҳз аз сабаби ба назар нагирифтани пайдарпайии амали ҷумлаи пайрав ва сарҷумла рӯй додааст: *Аз афти кор, миқдори меваи хушк ва мавизе, ки мувофиқи шарт мо бояд ба бой мерасондем, хеле зиёд буд, (?) ки амакам ба мо, бачаҳо, худсарона кандани ангур ва афшондани меваҳоро қатъиян манъ карда буд (СҶ. 67: 187); Аз афти кор, ранги зарди маро дида ба ҳолам ва фикру андешаҳоям пай бурда*

буд, (?) ки гуфт… (СҶ 67: 239); Риши гуллиашро, зоҳиран, нав тарошидааст, (?) ки манаҳаш, ду бари рухсораш бехи турби маргелонӣ барин кабудча метобад. (ПК 74: 81) Дар соҳили дигар падарам магар аз умедвории мадади тасодуфӣ ноумед шуда буд, (?) ки Мухторро дар китфаш бардошта ба об даромад (СҶ. 67: 136).

Дар ҳамаи ин ҷумлаҳо аломати вергул бояд пас аз пайвандаки *ки* гузошта шавад: *Гуфт – чаро?* (Барои он ки) *Аз афти кор, ранги зарди маро дида ба ҳолам ва фикру андешаҳоям пай бурда буд; Риши гуллиашро зоҳиран нав тарошидааст ки, манаҳаш, ду бари рухсораш бехи турби маргелонӣ барин кабудча метобад*.

Дар мисолҳои боло тобиши маънои ***модалӣ*** ба назар мерасад, инро воҳидҳои туфайлии аз *афти кор, зоҳиран, магар* таҳвият додаанд. Метавон гуфт, ки як мавриди асосии дар охири ҷумлаи пайрав омадани пайвандаки *ки* ҷой доштани ифодаи ***модалият*** дар ҷумлаҳои пайрави сабаб аст.

Агарчи дар аксари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб ҳамин хусусият мушоҳида мешавад, наметавон чунин хулоса баровард, ки танҳо бо таъсири воҳидҳои туфайлии ифодакунандаи эҳтимолият мавқеи ҷумлаи пайрав нисбат ба сарҷумла тағйир ёфта бошад. Дар мисолҳои дигар низ, ки муносибати амалҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав равшан аст, хусусияти эҳтимолият надоранд, ҳамин гуна дар охири ҷумлаи пайрав омадани пайвандаки *ки* ба назар мерасад: *Шарофати лутфи ӯ буд ки, Иброҳимҷон назар ба ҳамсиннҳои худ хеле пештар бо забони русӣ китоб хонда мефаҳмидагӣ шуд. (ПК 74: 87); …дар хонаамон зиндагонии Зебиро ба падарам ҳикоя карда будам ки, вай дар газаб шуда гуфт (СҶ. 67: 150); Ин буд ки, пирамарди қадпасти рухсораш пуроҷинг…качал-качал қадам ниҳода ба мизи раёсат наздик омад (ПК 74: 100).*

Дар мисолҳои боло ҷойи аломати вергулро мо тағйир додем, зеро андешаи ин, ки пайвандаки *ки* дар мобайн ё охири ҷумлаи пайрав омада метавонад, то вақте ки профессор Б. Камолиддинов дар ин бора махсус дар конфронсҳои илмӣ маърӯза карданд, боҷуръат гуфта нашудааст. Бо ҳамин сабаб ҳатто то имрӯз ҳам дар чунин мавридҳо (мисли ҷумлаҳои боло) сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайравро ғалат ҷудо мекунанд. Нависанда Ф. Муҳаммадиев низ, ки аз ин хусусияти забон огоҳ набудааст, дар ин мисол бар хилофи талаботи ҳусни баён ду пайвандаки *ки*-ро дар як ҷумлаи пайрав кор фармудааст:

Хусусан ки, ҳамин моҷаро сабаб шуда буд, (?) ки ӯ дигар ихтиёри шавҳар накарданро ба худ аҳд намояд (ПК 74: 157).

Агар ӯ дар охири ҷумлаи пайрав омадани пайвандаки *ки*-ро пай мебурд, «хусусан ки»-ро истифода намекард: *ҳамин моҷаро сабаб шуда буд ки, ӯ дигар ихтиёри шавҳар накарданро ба худ аҳд намояд.*

Дар баъзе мавридҳо матн барои дақиқ муайян кардани сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ёрӣ мерасонад. Дар ин мисол, агар қисмати аввали матнро партофта, танҳо кисмати «*Ин буд, ки пирамарди қадпасти рухсораш пуроҷинге, ки пойҳои каҷи кавалеристӣ дошт, качал-качал қадам ниҳода ба мизи раёсат наздик омад"*-ро гирем ва аломати вергулро пеш аз пайвандаки *ки* гузорем, ҷумла ба ҷумлаи пайрави хабар монандӣ пайдо мекунад, аммо матн равшан месозад, ки сабаб дар қисмати аввал зикр шуда, дар як ҷумлаи хулосакунандаи сабабӣ ҷамъбаст мегардад ва сарҷумларо эзоҳ медиҳад ва талаб мекунад, ки аломати вергул пас аз пайвандаки *ки* гузошта шавад:

Садри маҷлис номи яке аз ветеранҳоро гирифта, эълон намуд, ки фалонӣ барои хизматҳои шоиста дар тарбияи ватанпарваронаи насли ҷавон ва иштироки фаъолона дар корҳои оммавию сиёсии клуб бо тавсифнома мукофотонида мешавад. Ин буд, ки пирамарди қадпасти рухсораш пуроҷинге, ки пойҳои каҷи кавалеристӣ дошт, качал-качал қадам ниҳода ба мизи раёсат наздик омад (ПК 74: 100).

Мисоли зер низ айнан ҳамин гуна аст:

Вақте ки эскадронҳои Сари Қамиш номашро гирифта, роҳи Кӯлобро пеш гирифтанд, ба полки саворае вохӯрданд, ки аз Душанбе меомад. Ин буд ки, муҳосирагарони Кӯлоб дар як рӯз торумор шуданд. (ПК 74: 208).

Масъалаи дигари ба мавқеи пайвандаки *ки* алоқаманд дар дохили ҷумлаи пайрав омадани он аст. Профессор Д. Тоҷиев дар «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» ҷойи пайвандаки *ки*-ро дар ҷумлаи пайрави сабаб нишон дода бошад ҳам, оид ба гузоштани аломати вергул чизе намегӯяд [ниг.: Тоҷиев Д. 1981: 104]. Ин хели ҷумлаҳои пайрав, ки пайвандаки *ки* дар дохилашон омада, аломати вергул пеш ва пас аз он гузошта намешавад, дар забони тоҷикӣ маъмуланд ва бештар хоси забони зиндаанд [Д. Тоҷиев низ ба ин ишора кардааст (Тоҷиев Д. 1981: 104)]: *Амон ки*

мунтазири ин набудааст, чаппа шуда ба замин фурӯ галтиданашро худаш ҳам нафаҳмида мондааст (СҶ. 67: 16); *Дар рӯзҳои хунук ки замин ях мекард, кашида баровардани бехи ҷуворимакка душвор мегардид…* (СҶ. 67: 60); *Мошинсавор ки омадаед, аз афташ, сайри ягон ҷойро таклиф карданиед* (ПК 74: 185); *...Иброҳимҷон ки дар байни издиҳом даступо гум карда буд, ваҷоҳати хандаоваре дошт* (ПК 74: 51); *Ошнобозӣ ки шуд, бе тарафдорию тарафгирӣ намешавад* (ПК 74: 289).

Таҳлилу баррасии мисолҳои адабиёти бадеӣ нишон медиҳанд, ки пайвандаки *ки* дар сохтори наҳвии ҷумлаҳои забони тоҷикӣ нақши хеле мухим мебозад. Иштибоҳҳое, ки дар мақоми гузоштани аломати вергул нисбат ба он рух медиҳанд, ба туфайли сервазифа будани он рӯй додаанд. Маҳз ҳамин сервазифагии он боиси мушкилӣ чи дар байни муҳаққиқон ва чи соҳибзабонони одӣ гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматика. 1989. - Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1989.-Ҷ.3.-423с.
2. Камолиддинов Б. 2003.- Камолиддинов Б. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаи пайрави натиҷа// Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ.-Душанбе,2003.-135с.-С.63-68.
3. Камолиддинов Б. Ҳусни ҷумлабандӣ бояд осеб набинад//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Д. 2010.-нашри махсус бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ.-С214-218.-№ISSN 2074-1847
4. Рустамов Ш. 1988 - Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. – Душанбе: Маориф, 1988.-340с.
5. Рустамов Ш. 1968.- Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1968.-122с.
6. Тоҷиев Д. 1981. - Тоҷиев Д. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1981.-219с.

Манбаъ

1. ПК 74 - Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ.- Душанбе: Ирфон, 1974.-367с.
2. СҶ 67 - Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо.- Душанбе: Ирфон, 1967.-376с.

ВЛИЯНИЕ ПОДЧИНИТЕЛЬНОГО СОЮЗА *«КИ»* НА ГРАНИЦУ ГЛАВНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ И ПРИДАТОЧНОГО ПРИЧИНЫ

В данной статье поднят вопрос определения границы между главным и придаточным предложением причины с подчинительным союзом «ки». Так как до сих пор в таджикском языкознании границей между главным и подчинительным предложением считалася союз «ки» и он вставлялся в начале подчинительных предложениях. Автор продвигает мнение о том, что данный союз может вставляться в начале, середине и в конце подчинительного предложения и, относительно, запятая не всегда вставляется перед этим союзом, как была принята раньше.

Ключевые слова: союз «ки», придаточное предложение причины, главное предложение, граница между главным и придаточным предложением, модальность, обучение.

THE INFLUENCE OF SUBORDINATE CONJUNCTION «KI» ON THE BORDER OF MAIN AND SUBORDINATE SENTENCES AND ПРИДАТОЧНОГО OF REASON

The Present article is considered the matter of determination of the border between the main and subordinate sentences of reason with subordinate conjunction «ki», till nowadays the main and subordinate sentences of reason was considered subordinate conjunction «ki» and it was inserted at the beginning initially subordinate sentence in Tajik linguistics by border between.

The Author promotes the opinion about that given conjunction can be inserted at the beginning initially, medium and at the end of subordinate sentences and, comparatively, comma not is always inserted before this conjunction, as it was accepted earlier.

Key words: conjunction "ki", main and subordinate sentences of reason, the border between the main and subordinate sentences; modality, teaching.

СВЕДЕНИЕ ОБ АВТОРЕ: ***М.Дж.Мирзоева*** – докторант Таджикского национального университета

НЕКОТОРЫЕ ЗАПРЕТЫ В ТАДЖИКСКОЙ АНТРОПОНИМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ

Л.Т.Рузиева
Таджикский национальный университет

В прошлом, когда люди не знали тайн природы, считали разные природные явления результатом действия злых духов, и не называли их своими именами, на которые налагался запрет, и когда приходилось о них говорить, их имена заменялись другими словами, эвфемизмами, что якобы должно было отвращать ярость, гнев злых духов. Это - одна из главных причин появления эвфемизмов. Поэтому языковеды и теперь называют эвфемизмами слова и выражения, употребляемые вместо запрещенных слов, «разрешенными» словами. Запрещение произносить такие слова называют «табу».

Слово «табу» объясняется как этнографическое понятие, закон, религиозный запрет, налагаемый на какой - либо предмет, действие, слово и т.п. В группу эвфемизмов, связанных с табу, входят также: а) эвфемизмы, связанные с именами собственными мужа и жены; б) эвфемизмы в языке семьи; в) эвфемизмы, употребляемые вместо имен людей; г) термины родства и личные имена.

По обычаю таджиков и других народов Центральной Азии в дореволюционное время, муж жену, а жена мужа не называли по имени, это явление встречается в некоторой степени, особенно в деревнях, и теперь. Пока в семье нет ребенка, жена мужа и муж жену зовут «*хой, хей*» (букв.: *эй, э, гей*); после появления ребенка - «*дадаш, дадеш, дадохомо*» (букв.: его, её, наш отец), «*очаш, буваш, апаш*» (букв.: *его, её, наша мать*), или именем первенца, так как называть мужа или жену своим именем не прилично, неудобно, неуважительно по отношению друг к другу и не принято для совместной семейной жизни. В некоторых районах и среди таджиков, проживающих в других республиках Центральной Азии и Казахстане, вместо слова «*шу, шавхар*» (букв.: *муж*), употребляются слова «*шарик, шерик*», «*ошно, рафик*» (букв.: *друг, товарищ*), «*он (ун) кас*» (букв.: *тот человек*), «*урток*» (разг., букв.: *друг*), «*поччот, язнат*» (букв.: *зять твой*), «*хучаин*» (букв.: *хозяин*), «*ҳамсар, ҳамболин*» - от глагольного словосочетания «*ба як болишт сар мондан*» (букв.: *разделяющий подушку*), «*дадош*» (букв.:*отец его*). А вместо слова «*зан*» (букв.: *женщина*), говорят «*оила*» (букв.: *семья*), «*бачаҳо*» (букв.: *дети*), «*ҳамсар*» (букв.:*положивший голову на одну подушку*), «*занаки хона*» (букв.: *домохозяйка*), «*хучаинзан*» (букв.*: женщина - хозяйка*), «*хучаини хона*» (букв.:*хозяйка дома*), «*ёр*» (букв.:*подружка, подруга жизни*).

Наряду с этими эвфемизмами в уважительном порядке называют муж жену и жена мужа по их занятости, профессии, должности и т.п.: *«муаллим, муаллима» (букв.:учитель, учительница), «муаллим зан» (муаллим/ ийгит) (букв.: учительница женщина, учитель молодой)*.

В русском языке можно выделить следующие примеры: *благоверный (муж), хозяйка, пава (молодая жена), благоверная (лучшая половина), бабуля (старушка)* и т.п.

В языке женщин употребляются специальные слова и словосочетания, которые непосредственно не называют родственников мужа - его отца, мать, брата, сестру - вместо них женщины используют слова, например, неизвестные таджикам тюркского происхождения (например, в Согдийской области и таджико-населенных пунктах Республики Узбекистан и Кыргызстана) или же диалекты.

Так молодые невестки и женщины дают братьям и сестрам мужа другие имена. Они называют их по положению в семье: *«қайнӣ, хевар, қайнаґо» (букв: родственник, брат жены, шурин), «қайнато, хусур» (букв.: отец жены или мужа, тесть), «қайинсини, қайсингул» (букв.: сестра мужа или жены), «афсун, авусун» (букв.: жена брата мужа)*.

В русском языке можно выделить следующие примеры: супруги *(жена, муж), золовка (сестра), шурин (родной брат, родная сестра)* и т.п.

У таджикского народа, приметы и суеверия играли немалую роль при наименовании детей. Причиной этого были так же и религиозные предубеждения. Люди считали, что упоминание настоящего имени ребенка может быть услышано злыми духами и мифическими существами, которые могут нанести ребенку вред, навлечь на него беды и несчастья.

К примеру, в Ходжентском районе ребенку колхозника дали имя *Гулпарӣ* (букв.: *розапери*), но мать, чтобы уберечь ребенка от злых духов и выразить ему добрые

пожелания, стала звать дочь *Бойсанам* (букв.: *богатая красавица*). Это имя стало эвфемистическим, а затем её стали называть другим новым созвучным с прежним именем (*Бойсанам*), эвфемистическим именем *Шоҳсанам* (букв.: *королева - красавица*). Другой пример: *у мальчика по имени Рӯзибой были красно - рыжеватые волосы, и поэтому его стали называть Тиллобой (букв.: богатый золотом*), но имя *Рӯзибой* с его значением было известно всем таджикам. Но мать, чтобы уберечь сына от дурного глаза и опять же, в целях не терять хорошее значение имени, стала называть его другим синонимом имени - *Олтинбой* (букв.: *«тилло» -золото, «бой» - богатый*) .

В русском языке можно выделить следующие примеры: *Элизар - (золотой), Рашель – (цвет пудры)* и т.п.

Большой материал для изучения этнографического аспекта имен дает связь терминов родства с личными именами в таджикской семье. Знакомясь с некоторыми аспектами антропонимии предгорной части Заравшанской долины, исследователи обращают внимание на то, что в быту местные жители личные имена употребляют редко. В семье человека обычно называют словами, которые выражают то или иное родственное отношение. При обращении к матери дети, например, называют ее *оча*, а своих отцов называют *ота, додо*. Так, обращаясь к бабушке, говорят *биби,* а к дедушке - *бобо*, Существуют также соответствующие формы в разговоре между братьями и сестрами. Младшие, по возрасту, сестры и братья в разговоре со старшей сестрой называют ее *апа*, а старшего брата - *ако*. Согласно существующим традициям, местным обычаям, муж, обращаясь к жене, называет ее по имени старшего в семье ребенка, при посторонних же употребляет форму: *очаи бачаҳо «мать (всех) детей*». В разговоре с мужем о нем жена также называет его по имени старшего в семье ребенка или отцом этого ребенка.

Как отмечает Н.А.Кисляков, у таджиков, согласно этому обычаю, муж и жена должны были избегать называть друг друга по имени; при обращении одного к другому они говорили: "*отец такого", "мать такого*", называя при этом имя своего сына или дочери. Если же у супругов детей не было, то они называли друг друга, например, по имени брата мужа, ставя впереди имени соответствующий родственный термин: *брат «такого-то», невестка «такого - то»* [5,56].

При этом выявляется ситуация, когда термины родства, которые употребляют люди в повседневной жизни, обращаясь друг к другу, не всегда выражают их истинные кровнородственные связи.

Существование обычая давать новорожденному имя умершего близкого родственника в Фальгаре и Матче - селениях, расположенных в верхней горной части Зеравшанской долины, отмечено А.Л.Троицкой. По этому поводу она замечает, что в таких случаях мать зовет ребенка по родству *оча 'мать'*, если имя дано в честь покойной матери*, ота, додо 'отец'* и т.д. в зависимости от того, в честь кого назван ребенок [7,127]. Примерно такие же общие замечания об этом обычае у народов Центральной Азии имеются и у других авторов.

Между тем, прослеживая, в связи с наследственными именами, различные формы обращения, бытующие среди местного населения, можно заметить, что обращение по родству к детям, получившим имена своих предков, в одном случае является более значимым и имеет гораздо более широкое распространение, вследствие чего термины обращения по родству затем становятся личными именами людей, а в другом — оно не только не выходит за пределы семьи, но и внутри нее имеет довольно узкое, дробное употребление, отражая реальное отношение родства этого лица лишь по отношению к говорящему. В этом случае термин родства не становится личным именем.

Азизмо, например, именуется *оча* не только родной матерью, но и всеми остальными родственниками, как по материнской линии, так и по отцовской. Ее называл *"оча"* при жизни и отец, для окружающего населения она является также *"оча*", факт, свидетельствующий о том, что термин "*оча"* уже стал подлинным именем *Азизмо*. Так же обстоит дело и с употреблением терминов родства по отношению к *Рухсат Бекмуродовой, Арбобу Арбобову* и другим, имена которых не произносятся. Так термины родства превратились в собственные имена: *Оча, Биби, Додо, Бобо*.

Имеющийся в нашем распоряжении материал не позволяет, однако, ответить на вопрос, почему обращение по родству к детям, которым даны имена умерших родственников, в одном случае имеет широкое употребление, а в другом - нет. Но этот материал со всей очевидностью показывает существование среди местного населения и

другого обычая. Потомки, получившие имена умерших дедов и бабушек, называются соответственно *бобо 'дед' или биби 'бабка'* всеми родственниками, но при этом к термину родства, как правило, прибавляется уменьшительный суффикс *-ча.* Например, *бибича 'бабушка', бобоча 'дедушка'.* Следует сказать, что уменьшительный суффикс *-ча* прибавляется только к терминам *бобо и биби,* а термин *додо* употребляется со словом *мурод - 'желание, пожелание', например, додомурод.* Слово *мурод* прибавляется и к термину *бобо: бобомурод*. Отсюда очень распространенные среди местного населения мужские имена *Бобомурод или Додомурод*.

К терминам родства прибавляется также ласкательный суффикс *-чон'* душа, душенька', например, *Бобочон.* Эти термины родства стали личными именами: *Бободжон, Бибиджон, Дододжон.*

А.Г.Гафуров дает другое объяснение имени *Бободжон.* В позднем средневековье, отмечает он, в восточных мусульманских странах детей часто называли в честь суфийских духовных старейшин. Глава суфийского ордена носил титул *баба* (тадж. *бобо)* '*духовный отец'*, и в этом случае значение имени *Бабаджан (тадж. Бободжон*) будет '*душа святого отца'*, т.е. '*тот, в кого переселяется дух святого отца*'. Ср. имя *Бабакул 'раб духовного отца*' [2,86].

Можно отметить еще одну характерную черту местной антропонимии. Так, при обращении к ребенку, унаследовавшему имя умершего предка, его называют именем этого предка, добавляя к имени термин родства. В этом случае одна часть имени сочетается с другой с помощью частицы 'и', образуя известную в иранских языках изафетную конструкцию связи определения с определяемым. Например, *Бобои Абдукарим 'дед Абдукарим', Бобои Ашур 'дед Ашур'* и т.п. Но изафет (частица 'и'), вставляемый между определением и определяемым, может отсутствовать. Таковы, например, *Бобосодиқ 'дед Содиқ', Бобонур 'дед Нур'* и т.д.

До сих пор мы говорили о наследственных именах, относящихся к умершим предкам - дедам, бабушкам и прабабушкам. Однако нередки случаи, когда детям дают имена их умерших братьев, сестер, дядей, тетей и других родственников.

С обычаем давать новорожденному имя умершего близкого родственника связано и то внимание, некоторое даже почтение, с которым родственники относятся к такому ребенку. Перечисленные нами выше лица благодаря тому, что они заимствовали имена своих предков, окружены в семье всеобщей заботой и вниманием, В отношении *Азизмо,* например, сказали, что до достижения совершеннолетия она могла подолгу находиться и жить то у одних, то у других родственников по линии матери, получая от них различные подарки в виде нового платья, платка и проч. Таким образом, уважение к своим умершим родителям переносится и на ребенка, в честь которых он назван. Но это, однако, как отмечает М.С.Андреев, не распространяется на другого из супругов, который не считает себя обязанным относиться в силу этого с уважением к своему сыну или дочери.

С традицией передачи имени родителей детям связаны у населения Заравшанской долины, по-видимому, и какие-то определенные представления. Характеризуя этот обычай передачи имен у таджиков Хуфа и верховьев Пянджа, М.С.Андреев отмечает, что здесь имя, данное в честь предка, до наступления совершеннолетия не произносится. Им не только не называют ребенка, но даже его никому не открывают. Считается, что в этого ребенка входит дух его предка. Если предку понравился ребенок, названный его именем, то из такого ребенка вырастет добрый, хороший человек, которому бывает удача ('*баракат*') во всех его делах. Если же, наоборот, потомок предку не нравится, то он забирает его к себе из этого мира, и носивший имя своего предка в этом случае умирает. Так как заранее невозможно предугадать, как отнесется предок к ребенку, получившему его имя, то считается благоразумным не произносить настоящего имени ребенка, чтобы об этом не узнал предок и не обиделся. Если же открыть настоящее имя потом, по наступлении совершеннолетия, как это делается обычно, то тогда, даже если предки недовольны, все равно они ничего не могут сделать, опасный возраст уже миновал [1,83].

Любопытно в этой связи и замечание А.Г.Гафурова. Отмечая, что передача имени родителей детям вызвана представлением о бессмертии души, а не простым почитанием предков, А.Г.Гафуров пишет: 'Вера в то, что с именем предка в ребенка входит его дух, основывается на представлении об имени как о душе человека, которая, раз покинув тело умершего, будет потом вселяться в того или иного потомка через имя. Отсюда и

все тревоги о продолжении рода и отношение к бездетности как к самому большому несчастью, ибо тогда некому будет передать имя’.

Суммируя наши наблюдения, можно сказать, что здесь потомки принимают имена своих умерших близких родственников, что эти имена затем часто заменяются в быту соответствующими терминами родства, которые и закрепляются за ними в качестве лично-собственного имени. Это происходит, главным образом, потому, что человек, названный в честь покойного деда или бабки в представлении окружающих родственников олицетворяет того предка, от которого он принял свое имя.

Специальное исследование личных имен таджиков может оказываться полезным при установлении исторических и этнографических особенностей нации. Некоторые запреты в антропонимической системе таджиков наблюдаются и сейчас.

Личные имена представляют интерес как особый слой лексики, непосредственно связанный с историей народа, с историей культуры общества.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму). //Труды Института истории, археологии и этнографии АН Тадж.ССР. Т.7. Вып. 1. -Сталинабад, 1953.
2. Гафуров А.Г. Таджикская антропонимия. //Личные имена в прошлом, настоящем и будущем.- М.: Наука 1970.- С. 278-283.
3. Горбачевский А.А. Слово об именах. //Памир, 1968, №1.-С. 88-89.
4. Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. Труды Ин. этнографии АН СССР. Новая серия. Т. XXIV. М.-Л., 1959.
5. Суперанская А.В. Толкование имен. // Наука и жизнь. - 1991, № 4. - С.96 -101.
6. Троицкая А.Л. Рождение и первые годы жизни ребенка у таджиков долины Зеравшана. //Советская этнография, 1935.

НЕКОТОРЫЕ ЗАПРЕТЫ В ТАДЖИКСКОЙ АНТРОПОНИМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ

В данной статье рассматриваются так называемые «запреты» в таджикской антропонимической системе, приводятся примеры употребления запрещённых слов.

Ключевые слова: эвфемизм, антропонимическая система, имя, этнографический аспект, форма обращения, термины родства, суффикс.

SOME OF THE PROHIBITIONS IN THE TAJIK ANTHROPONYMIC SYSTEM

In the past, when people did not know the secrets of nature, considered various natural phenomena result of evil spirits, and called them by their names, which imposed the ban, and when he had to talk about them, their names were replaced by other words, euphemisms, which allegedly should have been ward off anger, wrath of evil spirits. This - one of the main causes of euphemisms. Therefore, linguists, and is now called euphemisms words and expressions used in place of swear words, "allowed" by the words. The prohibition to utter such words is called "taboo".

Key words: euphemism, antroponimichesky system, name, ethnographic aspect, address form, relationship terms, suffix.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Л.Т.Рузиева*** **–**кандидат филологических наук, доцент ТНУ

КАТЕГОРИЯИ ШУМОРА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФРАНСАВӢ
(дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ)

М. О. Назарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, ки оид ба масъалаи категорияи грамматикии шумораи исм маълумот диҳем. «Категорияи шумораи исм аломати барҷастаи грамматикиест, ки онро аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад. Шаклҳои шумораи танҳову ҷамъи исм ифодаи грамматикии ин категория мебошад»- қайд кардааст забоншинос Ш.Рустамов. Маълум аст, ки исм дар забони тоҷикӣ ва франсавӣ дорои якчанд категорияҳои грамматикӣ мебошад. Яке аз онҳо категорияи шумора ба шумор меравад. Категорияи мазкур яке аз нишондодҳои асосии исм буда, хусусияти грамматикии исмро ифода мекунад. Мақола ба таври муқоисавӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ) таълиф меёбад, ки дар лингвистикаи қиёсии тоҷик қадами аввалин

хоҳад буд. Дар он категорияи шумора ва роҳу воситаҳои ифодаи он дар ҳар ду забон мавриди омӯзиш ва ҳаллу фасл қарор мегирад.

Шумораи ҷамъи исм дар забони тоҷикӣ бо ёрии пасвандҳои шаклсози ***–ҳо, -он(-гон,-вон,-ён)*** ифода меёбад. Таҳлили мисолҳои аз забони нависанда дар интихоби мо нишон доданд, ки дар асари «Духтари оташ» нависанда пасванди шаклсози ***–ҳо*** –ро бамаврид ва фаровон корбаст намудааст. Чунончи:

Китобҳо *дар ҷояш, чойнику* ***пиёлаҳо*** *аз чирк тоза шудаанд, гарду чанги рӯйи ин гилеми куҳна камтар нест шуда, гулҳояш аён гаштааст… (184).*

Les livres *sont à leur place, la théière brille,* ***les tasses*** *sont propres, pas une saleté sur la nappe, on en voit même le dessin…(236).*

Лунгидорҳо зуд ба лаълӣ чой оварда, ба назди меҳмонҳо дастурхон паҳн карданд(231).

On apporta des plateaux avec du thé et une collation (293).

Дар мисоли боло пасванди шаклсози –ҳо бо исмҳои моддии китоб, пиёла ва гул омада, ҳам шакли ҷамъи исмро ва ҳам миқдори зиёди ашёҳоро ифода кардааст. Дар забони тоҷикӣ пасванди –ҳо бештар ба исмҳои беҷон васл мешавад.

Дар забони франсавӣ бошад, категорияи ҷамъи исм роҳу воситаҳои зиёди ифода дорад, он бо ёрии пасвандҳои s(x) ифода мегардад. Дар тарҷумаи ҷумлаи боло ба забони франсавӣ шакли чамъи исм бо ёрии пасванди мазкур (***-s)*** ифода шудааст.

Баъд дар Бухоро Ҳайдарқул Қорӣ Шарифро бо рафиқаш аз дасти ***муллобачаҳо*** *халос карда буд(161).*

Par la suit, à Boukhara, Khaidarkoul avait un jour defend Koricharif et ses ***amis*** *qui avaient été attaqués par les élèves de l'école (209).*

… ана ману апему якто -дуто ***ҳамсояҳо*** *ҷамъ шуда фотеҳа хондем…(195).*

Moi aussi et deux ou trios ***voisins*** *. Nous avons dit la prière des morts (249).*

Ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки дар бобати пасванди шаклсози мазкур дар байни забоншиносон ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Инҳо !!!

Вобаста ба ифодаи морфологии шумора, дар забони франсавӣ ду ҳодиса мушоҳида мешавад: **а)** табиати тағйирёбии шакли ***cheval/chevaux***. Дар ин ҷо флексияи ба монанди ҷамъи беруна дида намешавад, масалан: намуди китоб/ китобҳо. Аммо дар истифодаи асосҳои гуногуне, ки яке аз онҳо фақат дар шакли ҷамъ истифода мешавад, (***chevaux***) дигараш барои ифодаи намудҳо ва калимаҳои боқимонда корбуд мешавад: (***cheval, chevalier, etc***), чунин тағйирёбиро ба флексияи дохила низ нисбат додан мумкин аст. Ҳангоми тағйирёбии фонетикӣ он ба суплетивизм наздик мешавад: bail- baux; б) табиати овозӣ [z] дар liaison. Ӯ ҳамчун суффикс(аз тарафи Дамурет ва Пишон), ё ки ҳамчун префикс (аз тарафи Гугнейм) муқаррар карда шудааст. Ш. Баллӣ бошад, ҳатто инфиксро морфемае меҳисобад ин дар байни детерминатив ва исм меистад: ***les –[z] -amis***. Ба ақидаи К. И. Мок Contribution à l'étude des categories morphologiques du genre et du nombre dans le français parlé actuel чунин меҳисобид, ки исм дар нутқи шифоҳӣ дар шумора тағйир намеёбад ва ***[z]*** фақат дар синтагмаҳои устувор пайдо мешавад: ***Les Etats-Unis, Les Jeux Olimpiques***. Аммо ***[z]*** дар liaison агарчи ҳатмӣ набошад нест, лекин нишонаи потенсиалии шакли ҷамъ буда, онро ҳангоми таҳлили воситаҳои ифодаи шумораи исмҳо ба назар нагирифтан мумкин нест. Аз ҷиҳати махсусиятҳои талаффуз ин овоз дар бисёр ҳолатҳо ба калимаи баъд омада, хоҳ вай исм бошад ё сифат пайваст мешавад (l***es Etats-Unis***). Аз ин сабаб онро ҳамчун аломати шакли ҷамъ дар гурӯҳи исмӣ тамоман дида баромадан ба мақсад мувофиқ аст. (с. 79-80 Т. Г. фран. яз).

Одатан ***канизҳо, хизамтгорҳо*** *ба намоз хондан ва таҳорат кардан фурсат надоштанд ва ҳеҷ кас ҳам дар ин хусус онҳоро сарзаниш намекард.(с. 36). Дар ин ҷумла пасванди –ҳо бо исмҳои чидаи ҷондор омадааст.*

Les éscalves et les servants *n'avaient pas le temps de prier plusieurs fois par jour ni, bien sûr, celui de faire les ablutions, personne d'ailleurs ne le leur reprochait (page 49).*

Дар берун ***хурӯсҳо*** *дафъаи савум ҷеғ мезаданд ва кӯчаю хиёбонҳои шаҳр кайҳо аз мадум холӣ шуда буд, ҳама дар хоби роҳат буданд (170).*

Les coqs *chantérent pour la troisiéme fois. Depuis longtemps les rues étaient vides, la ville dormait(219)*

Чунонки аз ин мисол бармеояд, категорияи ҷамъи исм дар забони франсавӣ ба воситаи пасванди ***–s*** (*les éscalves et les servants*) сурат гирифтааст.

Бо суффикси –**ҳо** омадани исмҳо ба таркиби овозии онҳо низ вобаста мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки баъзе узвҳои бадани инсон танҳо бо суфикси –***ҳо*** ва баъзеи

дигарашон ҳам бо суффикси –***ҳо*** ва ҳам бо суффикси –***он*** ҷамъ баста мешаванд: *рӯйҳо, сарҳо, дилҳо, баданҳо, пойҳо, ишкамҳо, биниҳо, даҳанҳо вале дастҳо- дастон, чашмҳо-чашмон, гӯшҳо – гӯшон, лабҳо – лабон, абрӯҳо - абрӯвон, гесӯҳо- гесӯвон, ангуштҳо – ангуштон, зонуҳо – зонувон* (Исм, с 70).

Дар забони фаронсавӣ исм дорои артикл буда, дар мавриди ба шумораи танҳо ва ҷамъ омадани исм бо он мувофиқат мекунад . Агар исм дар шумораи ҷамъ бо пасванди –**s** ифода гардад, дар он ҳолат артикли шумораи ҷамъ ***les*** (ва ё des) пеш аз исм истифода мешавад:

Дастони *сафеди ӯ низ аз ҳино рангин буда, бо* ***ангуштаринҳо, дастпонаҳо*** *оро ёфта буданд (саҳ 126).*

Ses ***mains blanches*** *étaient* ***décories*** *de* ***bagues*** *et de* ***bracelets*** *(p162).*

Ин даъфа дар назди мадрасачаи лаби ҳавзи Арбоб Ашрафҷонро дид, ки нишастааст ва чашмонаш ба роҳгузарон аст(214).

Cette fois il était assis à sa place et examinait attentivement ***les passants****(273).*

Дар мисоли зерин исмҳои ***дастон*** ва ***ангуштаринҳо, дастпонаҳо*** дар шумораи ҷамъ бо пасвандҳои -***он*** ва -***ҳо*** ифода ёфтаанд. Дар забони фаронсавӣ бошад, исмҳо дар шумораи ҷамъ бо пасванди –**s** (***mains,bagues,bracelets****)* мавриди истифода қарор гирифтаанд. Пасванди –**s** одатан талаффуз карда намешавад. Дар забони фаронсавӣ ҳам исмҳои беҷон ва ҳам ҷондор бо пасванди –**s** маънои ҷамъро ифода мекунад. Пас маълум мегардад, ки пасванди- **s** муштараквазифа буда, дар ҳамаи исмҳо корбаст мешавад.

Як чизро қайд кардан бамаврид аст, ки дар забони тоҷикӣ агар исм дар шумораи ҷамъ бошад, сифати бо он омада дар шумораи танҳо ифода меёбад, аммо дар забони фаронсавӣ сифат ҳамеша бо исми бо он омада дар ҷинс ва шумора мувофиқат мекунад, яъне агар исм дар шумораи танҳо бошад, сифат низ дар шумораи танҳо ва агар ҷамъ бошад, сифат дар шумораи ҷамъ меояд. Масалан, дар мисоли боло дар ибораи ***дастони сафед*** исм бо шумораи ҷамъ ва сифат бо шумораи танҳо ва дар забони фаронсавӣ ҳам исм ва ҳам сифат *(****mains blanches****)* дар шумораи ҷамъ ифода гардидаанд.

Роҳи дигари ифодаи категорияи шумора дар шакли ҷамъ пасванди шаклсози -***он*** ва муродифи грамматикии ***он (-гон, -ён, -вон)*** ба шумор меравад. Шумораи ҷамъи исмҳо дар забони фаронсавӣ чи тавре ки дар боло қайд намудем, бо ёрии пасванди – ***s*** ифода меёбад. Аммо дар як қатор исмҳои забони фаронсавӣ категорияи ҷамъ бо ёрии пасванди -***x*** фаҳмида мешавад: jeu-jeux, bijou- bijoux.

Бо суфикси –***он (-гон, -ён, вон)*** на танҳо исмҳои ҷондор, балки чанде аз исмҳои беҷон низ ҷамъ баста мешаванд ва шаклҳои анъанавӣ ба шумор мераванд (Гр. Зт. 72-73).

Пасванди -s-и талаффузнашаванда ва артикли шумораи ҷамъи les дар забони франсавӣ ҳам бо исмҳои ҷондор ва ҳам бо исмҳои беҷон истифода мешаванд.

Мардум пӯстлохи ***дарахтон****, решаи гиёҳҳоро канда мехӯрданд ва аз гуруснагӣ беҳол, аз хӯрокҳои нобоб варам карда буданд (саҳ 59).*

Les gens mangeaient les racines ***des arbres****, l'herbe, il avaient le ventre enflé tant ils avaient faim (p 82).*

Ана мо ҳам мисли ***самарқандиҳо, тошкандиҳо*** *мешудем, чашмамон кушодатар мешуд…(190).*

Vous voyez, ***les habitants*** *de Samarcand et Tochkent ont ouvert les yeux. Si seulement nous aussi... (242).*

Аз таҳлили мисолҳо маълум гардид, ки пасванди ҷамъсози –он бо исми беҷони ***дарахт*** омада, шакли ҷамъро (***дарахтон)*** ифода кардааст. Дар тарҷумаи забони фаронсавӣ бошад, он бо артикли номуайянии шумораи ҷамъи ***des*** ва пасванди -***s (des arbres)-и*** талаффузнашаванда корбаст шудааст.

Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ калимаҳое мавҷуданд, ки бе ягон нишондиҳандаи грамматикӣ маънои ҷамъро мефаҳмонанд, чунончи рама, мардум, ғалла ва амсоли инҳо. Аммо ин қабил калимаҳо дар забони франсавӣ унсури ҷамъбандӣ қабул мекунанд.

Мардум *мегуфт, ки Худо ба Муҳаммадаминбой барои он фарзанд намедиҳад, ки вай ба фарзанди одам марҳамате надорад (39).*

Les gens *disaient que Dieu refusait de lui en accorder car il n'aimait pas ceux des autres (52).*

Дастаи созандагони *Муҳаррамча як пайт бозии худро тамом накарда, дастаи созандаи Тилло омада расид (127).*

Les musiciennes *de Moukharramcha n'avaient pas encore fini de jouer déjà arrivaient d'autres musiciennes qui accompanaient la danseuse Tillo (163).*

Ҳамин тариқ, категорияи ҷамъ чи дар забони тоҷикӣ ва чи фаронсавӣ роҳу воситаҳои гуногуни ифода дорад.

Таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи маводи гирдоварда нишон дод, ки категорияи ҷамъ ва роҳу воситаҳои ифодаи он дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ гуногун аст:

1. Дар забони тоҷикӣ пасванди –ҳо серъистеъмол буда, бо аксарияти исмҳо омада метавонад, дар забони франсавӣ пасванди-s бо исмҳои ҷондору беҷон бештар истифода мегардад.

2. Воситаи дигари ифодаи ҷамъ дар забони франсавӣ пасванди-х мебошад, ки дараҷаи истеъмолаш маҳдуд аст.

Ҳангоми муқоисаи маводи таҳқиқ мушоҳида намудем, ки тарҷумон баъзе порчаҳоро матни аслиро ихтисор кардааст. Ҳаминро бояд зикр кард, ки тарҷума бевосита сурат нагирифта, балки ба воситаи забони дуюм ё миёнарав сурат гирифта ифода ёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

I) илмӣ

1. Гак В. Г. Теоретическая грамматика французского языка.
2. Морфология. Москва.: «Высшая школа», 1979.- 304с..
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираии тоҷик. – Душанбе: Дониш, қисми I 1985. - 347с.
4. Илия Л. И. Синтаксис современного французского языка. Москва.
5. 1962. – 384с.
6. Ш. Рустамов ИСМ. –Душанбе: Дониш, 1981.-220с.

I) бадеӣ

1. Ҷалол Икромӣ. Духтари оташ . Душанбе: Ирфон, 1983.- 528с.
2. Ikromi Dj/ La fille de feu. Traduit de russe par A. Mazzi. Editions du progrés. Moscou, 1966 - 611 pages.

КАТЕГОРИЯ ЧИСЛА В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

(на основе романа ДЖ. Икрами «Дочь огня», «La fille de feu»)

Категория числа в таджикском и французском языках в сопоставительном аспекте представляет особый интерес у исследователей-языковедов, так как трудности данной проблематики состоят в том, что французские окончания –s; -x и таджиские ***–ҳо, -он(-гон,-вон,-ён)*** не всегда идентичны и тождественны. Подобный вопрос довольно часто возникает при типологическом сопоставлении фактических материалов.

Ключевые слова: категория числа,сопоставительный аспект, тождественный, суффикс; лингвистика.

CATEGORY OF NUMERALS IN TAJIK AND FRENCH LANGUAGES

(at the materials of "DukhtarI otashe" by J. Ikromi)

Category of Numerals in Tajik and French languages in comparison aspects that the in difficulties of this problem are in French suffixes –s; -x; and Tajik –ho –on (-gon, - von, -yn) are not always identical and the same such problems appeared often in comparison materials added the autor.

Key words: category of Numeral; comparison; aspects; identical; suffixes; linguistics.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. О. Назарова*** – соискатель Таджикского национального университета

ИФОДАИ ЭҲСОСОТ ДАР ЭВФЕМИЗМҲОИ ЛУҒАВӢ

М. Ҳайдаров

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калима ва маъноҳои нарму гӯшнавоз, ки бо номи эвфемизмҳо машҳуранд, ҳарчанд ки оҳиста-оҳиста хусусияти нармоҳангии худро аз даст дода, ба ҷумлаи калимаҳои даҒал мегузаранд, дар як давраи муайяни истеъмоли худ аз бобати ифодаи эҳсосот дар байни гурӯҳи калимаҳои услуби баланд ба мақоми махсус соҳиб мегарданд. Истифодаи онҳо нуткро муассир намуда, диққати хонанда ва ё шунавандаро ба худ ҷалб мекунад. «Дар ҷомеаи мутамаддин меъёрҳои муайяни ахлоқӣ вуҷуд доранд, ки мутобиқи онҳо номбар кардани номи аслии баъзе ашё ва мафҳумҳои даҒал манъ аст» [3, 160]. Ин анъанаи истифодабарии чунин калимаҳо таъсири худро дер ё зуд ба забони асарҳои

бадеӣ низ мерасонад, зеро асари бадеӣ инъикосгари расму русум, анъана ва тарзи зиндагии халқ аст. Эвфемизм «ҳодиса, воқеа, предметро, ки маънои қабеҳ дошта, ба забон гирифтани он аз рӯйи одоб нест ба тарзи дигар, бо маънои нисбатан сабуктар, дар маънои қобили қабул гуфтан аст»[1, 65]. Ба ин маънӣ эвфемизмҳо, пеш аз ҳама, бар ивази калимаҳои ифодагари мафҳумҳои одӣ, воқеӣ ба кор бурда мешаванд. Мисол, калимаҳои **даргузаштан** ва **вафот кардан** бар ивази калимаи оддии **мурдан** истифода бурда мешавад. Як нозукии ифоданокиро дар калимаи **мурдан** мушоҳида кардан мумкин аст. Он ҳам дар ифодаи ҳайвонҳо, парандаҳо, одамон, умуман, тамоми махлуқоти рӯйи заминӣ ба кор бурда мешавад, аммо калимаҳои нарму гӯшнавози **даргузаштан** ва **вафот кардан** танҳо нисбат ба одамон дар истеъмоланд:

*Зиндагида, Вайсуф **даргузаштанд**, **раҳматӣ** шуданд(С. Раҳимзоди Афардӣ, Догҳои офтоб, 82). Пас аз **вафоти** падараш бори гарони рӯзгор ба сари Саидпаҳлавон афтод(Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 53).*

Калимаҳои нарму гӯшнавози бо мафҳумҳои маргу мурда алоқаманд дар забони адабии муосири тоҷик хеле зиёданд, ки дар бештари онҳо оҳанги маҳзунӣ ё худ ифодаи лутф мушоҳида мешавад. Чунончи, раҳматӣ ба маънои «фавтида», ҳалокат «марг», марҳум «шахси фавтида», қазо «фавт», дафн «гӯронидан» оромгоҳ «қабр, гӯр» ва монанди инҳо:

*Магар ҳамин марди хирадманд, ҳамин ходими маъруфу машҳури идораи корҳои дохилии республика рафиқ Ҳамроҳ Олимӣ набуд, ки бо **раҳматӣ** модари пирашон аз як гиребон сар бароварда, Иброҳимҷонро зӯран ба хеши худашон хонадор кардаанд (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 109). Ивон амак қариби пешин хабар овард, ки зани **марҳум** ҳамроҳи падараш ва директори институти тадқиқотие, ки ӯ кор мекардааст, ба Душанбе расидааст (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 167). **Ҳалокати** шавҳар, чанд соли машаққатноки бевазанӣ, ҳар саге, ҳатто сангу кулӯхе дар пайи озори ӯ буд (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 353). Аз рӯйи одат аҳли хонаводаи Тоҳир фардои рӯзи **дафн** саҳарӣ ба оромгоҳаш ба ёдоварӣ омада, палангро дар он ҷо диданд (Ҷ. Икромӣ, Ҳамида , 47).*

Калимаҳои муродифии **нотоб** ва **дардманд** дар назар шомили як услуб, яъне ҳарду умумиистеъмоланд, аммо аз нигоҳи ифодаи оҳанг аз ҳам фарқ мекунанд. Дуруст аст, ки ҳарду ба ҷойи калимаҳои **касал** ва **бемор** истифода бурда мешаванд, аммо мавридҳои истеъмоли гуногунро доранд. Калимаи **нотоб** маънои «бемории сабуки зуд сиҳатшаванда»-ро дошта дар он ифодаи эҳтиром дида мешавад. Дар калимаи **дардманд** бошад, ифодаи лутфу марҳамат мушоҳида мешавад ва маъноияш «бемории нисбатан сабуктари дер сиҳатшаванда ва ё умуман сиҳатнашаванда» аст. Ф. Муҳаммадиев дар як маврид ин ду калимаро хеле мувофиқ истифода бурдааст:

*Он чизеро, ки аз сар гузаронида, **нотоб** шуда будед, таҳти назорати табиб нақл мекунед(Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 46). Шахси **дардманд** ба тарзе ки бояду шояд, дар ҳаракат набудааст, яъне ба кори ҷисмонӣ машгул набудааст(Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 40).*

Эвфемизмҳои луғавӣ бештар дар ивази калимаҳои ифодагари мафҳумҳои даҳал ба кор бурда мешаванд. Дар ин гурӯҳи калимаҳо бештар ифодаи эҳтиром нисбат ба шахси дуюм, яъне шунаванда дида мешавад. Калимаҳои нарму гӯшнавози муродифии **дуҷон, ҳомила**, **обистан** «буғӯз» аз ҳамин қабиланд:

-Чаро аз хоҷагии Шариф касе нест?

-Вай каси мерафтагӣ надорад.

-Занаш чӣ?

*-**Дуҷон** аст. (Ӯрун Кӯҳзод, Роҳи агба, 37). Насруллохон модари ӯро дар вақти **ҳомила** буданаш талоқ карда , ба амлокдори худ Аббосӣ дода буд (С. Улугзода, Восеъ, 156). Духтараш аз кадом як зинокори нокас **обистан** шудааст(С. Улугзода, Ривояти сугдӣ, 25).*

Калимаҳои **поҷома** ва **лозимӣ** «эзори занона» , **сабукпо** «фоҳиша», **бордор** «буғӯз», **халоҷо** «ҳоҷатхона» низ мафҳумҳои аввалро ифода кардаанд:

*Мард ҳар роҳ аз зан мепурсад, ки берун меравам чӣ бипӯшам оқибат ба дили зан зад, ки ба ӯ **поҷомаашро** дароз кард(Баҳманёр, Шоҳаншоҳ, 253). Онҳо сару либоси ӯро нав намуданд; аз карбоси гафс ду куртаю **лозимӣ** дӯхтанду як чоруқи пӯстиговӣ ҳам хариданд(Р. Ҷалил, Шӯроб, 12). Ният доштанд, ки ин баҳор бори аввал онро **бордор** кунанд(С. Улугзода, Восеъ, 30). Дилтанг шуд ва хеста ба **халоҷо** рафт ва аз он тараф*

дастони тарашро бо рӯймолча поккунон омад ва дар баробари онҳо рост истод(Ӯрун Кӯҳзод, ҳамон ҷо, 498).

Дар баъзе калимаҳои эвфемистӣ хоксорӣ низ ифода мегардад. Калимаҳои **камина** ва **банда**, ки ба ҷойи калимаи умумиистеъмолии **ман** дар истифодааанд, дар забон ҳамчун нишонаи хоксорӣ истеъмол мешаванд. Ҳарчанд калимаи **ман** даҒал нест, аммо истифодаи бемавриди зиёди он ифодаи кибр, маҒруриро ба миён оварда метавонад, аз ин хотир гӯянда баъзан калимаи **каминаро** истифода кунад, дар ҷойи дигар калимаи **бандаро** ба кор медарорад:

*Медонед, ки **каминаи** шумо, ки ҳоло гӯё фармонбардоратон шуда гаштааст, фардо кӣ шуданаш мумкин?(Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 298) . Инро донед , ки **каминаи** шумо чандон хушку холӣ ва беҳиссу идрок ҳам не!(Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 301). Вазифаи ҷонии **банда** ҳисобу китоб аст(Сипеҳри Ҳасанзод, Бозгашти аспи даҳмарда, 135).*

Имрӯзҳо дар забони адабии тоҷикӣ калимаи **қишлоқӣ** то андозае таҳқирро ифода мекунад. Бо мафҳуми **қишлоқӣ** мардум «қафомондагӣ, аз оламу одам то андозае бехабар будан»-ро мефаҳманд. Аз ҳамин хотир нависанда ба ҷойи калимаи **қишлоқӣ** вожаи **рустоиро** дар асараш истифода бурдааст, ки дар ин маврид дар калимаи **рустоӣ** оҳанги хоксорӣ мушоҳида мешавад:

*Бӯйи тани бошандагони шаҳр аст, ки бар димоги кӯдакони **рустоӣ** аз бӯйи гул ҳам форамтар мерасад(Б. Абдурраҳмон, Дунёи сабзи ишқ, 12).*

Дар баъзе аз калимаҳои эвфемистӣ мафҳумҳои муқаррарӣ дар шакли ниҳоят нарм, боодобона ифода мешаванд. Истифодаи ин гуна калимаҳо ба истеъдоди нигорандагии адиб вобаста аст. Мисол калимаҳои **ҳамсар** «зан», **издивоҷ** «иҷоб, никоҳ», **оҷиза** «зан, арӯс», **сабукмаҒз** «беақл» тасдиқи гуфтаҳои боло шуда метавонанд:

*Ва нахустин касе, ки аз асрори ман гумоне мебурд, **ҳамсари** меҳрубони ман буд (Б. Абдураҳмон, Дунёи сабзи ишқ, 4). **Оҷизаи** нав муборак усто, –овоз баровард кадоме аз сурнайчиён(Ф. Ниёзӣ, Асарҳо, ҷ. 1,8). Ба **издивоҷи** духтарат ба ин ҷавон розӣ ҳастӣ? (С. Улугзода, Восеъ, 64). Медонед, ки ду-се ҷавони **сабукмаҒзи** ширакайф дар паси ҳайкал бо овози баланд беадабона хандаву шӯхӣ мекунанд (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 83).*

Калимаи **ҷазирбод** ба ҷойи вожаҳои **хароб**, **нобуд**, **нестӣ** ифода шудааст, ки он мафҳумро то андозае нарм ифода мекунад. Ин калима эвфемизми шевагӣ мебошад:

*Қишлоқро **ҷазирбод** намекунанд? Ё ту хаёл мекунӣ мангит беақл аст? (С. Улугзода. Восеъ, 24).*

Эвфемизмҳо дар назм нармию гӯшнавозии худро бештар ифода мекунанд, зеро истифодаи калимаҳои хушоҳанг маҳз тақозои назм аст. Масалан, агар дар калимаи **дарбеҳ** ба маънои «поргӣ, ямоқ», одоби баланд ифода шуда бошад, дар калима **мадфан** «қабр, гӯр» изҳори эҳтиром ва дар калимаи **муштипар** «кампир, пир» лутфу марҳамат таҷассуми худро ёфтаанд:

Зиндагӣ пираҳани афсурда аст,
***Дарбеҳаш** гар бикунӣ боз дарад.*
Раҳи мақсуд раҳи фардоро
Гар қариб оварӣ, ӯ дур барад (Л. Шералӣ, Куллиёт, ҷ. 1, 244).

Модари хушназарам, ҳар назарам ҳадяи туст,
Асаре дорам агар, он асарам ҳадяи туст.
Дар фазои абадият каш парвози дароз,
*Модари **муштипарам**, болу парам ҳадяи туст (Л. Шералӣ, Куллиёт, ҷ. 1, 281).*

*Бар **мадфани** модарам чу гул бигзорам,*
Ман мӯи сафеди хешро бишморам.
Чун панҷаи хуршед сарам бинвозад,
Аз панҷаи нарми модарам ёд орам (Л. Шералӣ, Куллиёт. Ҷ. 1, 282).

Дар баъзе аз сарчашмаҳои забоншиносӣ калимаву шаклҳои **очеш, додо, додош, бобош, амакашон, келин** ҳамчун табу маънидод карда мешаванд. Гӯё ки «бо тақозои маданияти шарқ ва таъсири дини мубини Ислом номи якдигарро ба забон гирифтани зану шавҳар убол мебошад. Ба нисбат занон номи шавҳарии худро ё мардон номи ҳамсари худро нафақат дар назди бегонагон, ҳатто дар назди фарзандонашон ҳам ба забон намегиранд» [1, 75]. Ба ақидаи мо, ҳамаи ин калимаҳо эвфемизм мебошанд, зеро

дар онҳо ифодаи эҳтиром бараъло намоён аст. Чунин калимаҳо бештар дар шакли нарм муроҷиатро ифода кардаанд. Мисол, муроҷиат аз забони зан ба шавҳар:

*– Охир, роҳи шумо дигар-дия, **дадош**, - гуфт Латофатбону бо алам (Ю. Акобиров, Осмони соф, 27). Ин қадар чӣ гусса мехӯред **дадеш**!-мегуфт модари Мирак (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 74). **Амакаш**, имрӯз рӯзи таваллуди Мирзо Ашраф будааст, як табрик намекунед?!-гуфт Ҳаловатбону (Ю. Акобиров, Осмони соф, 15).*

Ин гуна калимаҳо дар мавридҳои зиёд муроҷиатро ифода накарда нисбат ба шавҳар танҳо эҳтиромро дар бар гирифтаанд:

*- Марҳамат**, амакатон** дар хона мешаванд, - гуфт Латофатбону (Ю. Акобиров, Осмони соф, 61). –**Дадет** як-ду соат бад рафта мерасад (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 90).*

Муроҷиати мард ба зан бо калимаву шаклҳои **очеш**, **очаш** низ зиёд ба назар мерасад, ки ин маврид онҳо ифодагари эҳтиром нисбат ба зан мебошанд:

*Акнун **очеш** ҷойхоби маро парто, писарат барвақтар хобад… (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 55). **Очеш**, писарам писари дуруст мешавад (Ҷ. Икромӣ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 55).*

Калимаи **келин** низ дар баъзе мавридҳо эвфемизм шуда дар худ ифодаи эҳтиромро таҷассум кардааст. Дар чунин маврид муроҷиат ё умуман, сухан дар бораи зане меравад, ки келин будани вай шарт нест, масалан, зани ҳамсоя, келини ҳамсоя ё ягон шинос аз ҷинси зани шавҳардор ва монанди инҳо:

*Худатон ягон шаб **келинро** гирифта ба ҳавлии мо биёед (Ю. Акобиров, Осмони соф, 140). Хафа нашавед **келин**! Созанда, ки ҳастем ба ҳар ҷо рафтан мегирем. (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 111).*

Ин калима ба маънои «завҷа» низ ба сифати эвфемизм истифода мегардад:

*Ин ҷо як ҷӯраи араҳхӯр дорам, **келинатон** ӯро бад мебинад (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 37). –Як ду рӯз нотоб шуда будам: - гуфт вай дар меҳмонхона,– **келинатон** Ҳалимаҷон бисёр тарсид(Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 37).*

Эвфемизмҳоро ба гурӯҳҳои маъноӣ ва луғавӣ ҷудо кардан мумкин аст. Эвфемизмҳои маъноӣ чунин калимаҳое мебошанд, ки дар заминаи инкишофи ин ё он маъноянон ба вуҷуд омадаанд. Калима дар асл маъно ва ё маъноҳои дигар дошта бошад ҳам, аммо аксари мавридҳо дар матнҳои ҷудогона хусусияти эвфемистӣ пайдо мекунад. Чунин вазъият дар забони адабии муосири тоҷик ниҳоят зиёд мушоҳида мешавад. Мисол калимаи **шер** дар асл номи ҳайвони ваҳшӣ аст, аммо ба сабаби назар ба дигар ҳайвонҳо боқувват будаанаш шахсони далеру паҳлавонро ба он нисбат медиҳанд. Маънои эвфемистии калимаи **шер** ифодаҳои фахр ва навозишу меҳрубонир дар бар гирифтааст:

*-Ҳа **шер**! Ана чашм кушодӣ**, шер**! Ба чашмонат акаат мурад. Дарди ту ба ман занад**, шер**…(Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 280).*

Калимаи **гардам** феъли шахси якуми шумораи танҳо аст, аммо дар матн баъзан дар ҳамин шаклу қиёфаи овозӣ хусусияти эвфемистӣ пайдо намуда, дар он «изҳори қаноат» ифода гаштааст:

***Гардам** Ойимҳо ҳастетон-мӣ? (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 210). – **Гардам**, Фирӯзаҷон – мегуфт Ойими шоҳ (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 210).*

Инчунин феъли **рафтан** гоҳо чун феълҳои **даргузаштан, гузаштан** ба маънои «мурдан» дар истифода аст. Яке аз хусусиятҳои эвфемизмҳои маъноӣ ҳам дар ҳамин ифода ёфтааст, ки онҳо танҳо дар матн зоҳир мегарданд, яъне вобаста ба ифодаи фикр таҷассуми худро меёбанд:

*Агар ин фоҷиа амри воқеъӣ намебуд, касе бовар намекард, ки ҳамин хел як паҳлавон-йигит аз ҳаёт банохост **мерафта** бошад (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 169).*

Ифодаи эҳтиромро дар калимаҳои муқаррарии хешутаборӣ, ки дар матн маънои эвфемистӣ пайдо кардаанд, мушоҳида карда метавонем. Ин гуна калимаҳо дар забони адабии муосири тоҷик кам нестанд. Чунончи, калимаҳои **додош, дадеш** ба маънои «шавҳар» аз забони зан, **амакатон** ба маънои «шавҳарам» аз забони зан, **келинатон** ба маънои «завҷа, зан», **келин** муроҷиат ба зане, ки шарт не вай келин бошад, аз ҳамин қабиланд:

*–Охир, раҳи шумо дигар-дия, **дадош**-гуфт Шарофатбону ба алам (Ю. Акобиров, Осмони соф, 27). – Айб аст, **додош**, истед! Наход ба як кӯдак сар ба сар шавед, астагфируллоҳ гӯед, худатонро ба даст гиред, –модари Рустам ба миён даромад, падарро ба шасташ гардонд (К. Мирзоев, Дар орзуи падар, 324). – Марҳамат, **амакатон** дар хона*

мешаванд, – гуфт Латофатбону (Ю. Акобиров, Осмони соф, 61). Ин ҷо як ҷӯраи арақхӯр дорам, ***келинатон*** *ӯро бад мебинад. (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 111).*

Калимаи **оҷиз** дар фарҳанги забони тоҷикӣ «бекувват, нотавон, заиф, дармонда, бечора» маънидод шудааст ва калимаи **оҷизаро** бошад, ҳамчун муанннаси он овардааанд[5, 951]. Шакли охир дар забони адабии муосири тоҷик ба маънои «зан, завҷа» ба кор бурда мешавад, ки дар ин маврид бо он то андозае хоксорӣ ифода гардидааст:

–Ту Мирзо, ***оҷизаи*** *мана модар хондӣ? –гуфт ба ман (Мутеуллоҳ Наҷмиддинов, Ширинмоҳ, 170).* ***Оҷизаи*** *нав муборак, усто,–овоз баровард кадоме аз сурнайчиён. (Ф. Ниёзӣ, Асарҳо, 8).*

Калимаҳои **лозимӣ** ва **поҷома**, ки ба маънои «эзор» истифода бурда мешавад, оҳангу ифодаҳои якхела доранд, яъне ҳар ду ҳам мафҳумро нарм ифода менамоянд, аммо **лозимӣ**, ки дар асл маънои «даркорӣ»-ро дорад, ин ҷо эвфемизми маъноӣ шудааст. Калимаи **поҷома** эвфемизми луғавӣ аст ва танҳо нисбат ба занҳо корбаст мешавад. Вожаи **лозимӣ** бошад, доираи истифодаи васеътарро соҳиб аст:

Вай гуфт, ки ба сар фаранҷӣ гирифта, аммо ***лозимиҳоро*** *кашида рафтан даркор аст (Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ, 76). Аз аҳли гузар яке ба ӯ ҷомаи алочаи нимдоште, яке яктаҳ, дигаре* ***лозимии*** *карбосӣ, чаҳорумӣ якто тоқӣ, панҷумӣ рӯймоли миёнбанд оварда доданд (С. Улугзода, Восеъ, 128).*

Ифодаи эҳсосот дар эвфемизмҳои маъноии инфиродӣ зиёдтар мушоҳида мешавад. Истифодаи бамавриди ин гуна калимаҳо аз маҳорати забондонӣ ва аз истеъдоди шоирии нигоранда дарак медиҳад. Масалан, калимаи **бахшида** дар забони адабии муосири тоҷик ба маъноҳои «бо розигӣ додан»(ба ту бахшидам), «авф кардан» (туро бахшидам), «ба муносибати»(бахшида ба рӯзи Иди муаллимон) дар истеъмол аст. Ба маънои «духтари номзадшуда, номзад» истифода шудани он дар дигар мавридҳо ба назар намерасад:

–Ба хушбахтии ту, бахшидаат (духтар) баднамо нест, бинобар ин ба ӯ толиб бисёр аст(С. Айнӣ, Ёддоштҳо, 89).

Ба маънои «зан, завҷа» истифода шудани калимаи **ҳамқисмат** низ оҳанги хоксорӣ дорад ва дар забони адабии муосири тоҷик чизи нав аст:

Бегонаи монанди ***ҳамқисматаш*** *будани он зани дар истгоҳ дидаро фаҳмид(М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 99).*

Эвфемизмҳои луғавӣ ҳамон гуна калимаҳои ифодагари мафҳумҳои нарму гӯшнавозе шомил мешаванд, ки ҳам бо қиёфаи овозӣ ва ҳам бо ифодаи маъноҳояшон ба гурӯҳи калимаҳои нармифода дохил мешаванд. Чунончи, **оромгоҳ** «қабр, гӯр», **қиблагоҳ** «падар», **шодравон** «шахси вафоткарда» ва монанди инҳо:

Оромгоҳи *некному фидоиёне ҳаст, ки дар давоми умри нимасрааш аз ҷаҳон гузаштаанд(М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 728). Замоне ки нозбардор дошт, ноз мекард. Ҳоло чӣ? Ягона қуввати дил* ***қиблагоҳаш*** *мебошад, ки худ муҳтоҷи нозбардор аст(М, Ғоиб, Поси ошноӣ, 130).* ***Шодравон*** *Алиюф Ҷаъфар мардҳоро акаву занҳоро апа мегуфт(Сипеҳри Ҳасанзод, Бозгашти аспи даҳмарда) .*

Хулоса, калимаҳои ифодагари мафҳумҳои нарму гӯшнавоз, ки дар забони адабии муосири тоҷик бо номи эвфемизмҳои луғавӣ дар истифодаанд, аз воситаҳои муҳими луғавии каломи муассир маҳсуб меёбанд. Истифодаи чунин калимаҳо дар шакли нарму гӯшнавоз фикрро боз ҳам муассиртар ифода мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. –Душанбе, 1981.
2. Ларин Б. А. Об эвфемизмах. // Проблеми языкознания. –Л: 1961. –стр. 110.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. –Душанбе, 2007. –С. 156-162.
4. Муҳаммадиев М. Эвфемизмҳо ва аҳамияти он. //Мактаби советӣ – 1978. –№11. –С. 57.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Мураттибон Капранов В. А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва диг. –Иборат аз 2 ҷилд. –М:Советская энциклопедия, 1969 –Ҷ. 1, -951; -Ҷ. 2. -948 с.

ВЫРАЖЕНИЕ ЭМОЦИЙ В СЛОВАРНЫХ ЭВФЕМИЗМАХ

Евфемизмы - лингвистический и стилистический термин, обозначающий замену в речи прямого выражения, которое почему-либо представляется резким и нежелательным, посредством косвенного, смягченного. Многие евфемизмы разговорной речи связаны с совершенно условными и произвольными

обозначениями предмета и их использование в мягкой и ласковой форме делает выражение мысли более действенным. В данной статье автор рассматривает использование словарных эвфемизмов в таджикском языке.

Ключевые слова: евфемизмы, лингвистический и стилистический термин, прямое выражение, косвенное выражение, евфемизмы разговорной речи.

EXPRESSION OF EMOTIONS IN DICTIONARY EUPHEMISMS

Euphemisms - the linguistic and stylistic term designating replacement in speech of direct expression which for some reason or other is represented sharp and undesirable, by means of indirect, softened. Many euphemisms of informal conversation are connected with absolutely conditional and any designations of a subject and their use in a soft and tender form does thought expression by more effective. In this article the author considers use of dictionary euphemisms in the Tajik language.

Key words: euphemisms, linguistic and stylistic term, direct expression, indirect expression, euphemisms of informal conversation.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. Хайдаров*** –соискатель Таджикского национального университета

МАСДАРҲОИ СИНОӢ ДАР ОСОРИ ФАЙЛАСУФОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Наҷмиддин Солиҳов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масдар чун шакли ибтидоии феъл, ки номи амал (*давидан, гуфтан, дидан, навиштан, кор кардан, пешвозгирифтан*) ва ҳолатро чун протсес (*гаштан, хобидан, сабзидан, дӯстдоштан*) мефаҳмонад, ҳамчунин шакли тасрифнашавандаи феъл ба шумор меравад [3,237]. Аз ҷиҳати дигар, ба сабаби он ки мафҳуми аслии феъл дар он мундариҷ аст, ба иллати надоштани замон, шахс ва шумора исм аст, на феъл. Аммо аз ҷиҳати дигар ба сабаби робита ва пайвандҳое, ки бо феъл ва шакли мозӣ (асоси замони гузашта) ва музореъ (замони ҳозира - оянда) дорад, як бахши феъл низ дар бораи он сухан меравад [1,186].

Мавзӯи масдар ба сурати умум яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии араб ва забоншиносии тоҷик мебошад. Аҳамияти мавзӯи масдарро дар забоншиносии араб дар он мушоҳида кардан мумкин аст, ки яке аз мавзӯъҳои баҳс байни мактабҳои Басра ва мактаби Куфа дар он буд, ки дар калимасозии забон кадом воҳиди забонӣ бояд чун асос ба назар гирифта шавад. Басриён дар ин ақида буданд, ки воҳиди асосии забонӣ бояд масдар ба назари эътибор гирифта шавад, дар ҳоле ки чунин воҳиди асосии забонӣ аз назари куфиён, бояд феъли замони гузаштаи фаʻалту (*кардам, иҷро кардам*) бояд чун асос гирифта шавад [2,56].

Дар забони муосири тоҷикӣ дар тӯли таърихи зиёда аз ҳазорсолаи худ калима ва ибораҳои зиёди иқтибосӣ ворид гардида, фонди луғавии онро бой гардонидаанд. Дар шароити кунунӣ забони тоҷикиро бе калима ва истилоҳоти арабиасоси *мактаб*, *мадраса*, *бурҳон*, *далел*, *ҳуҷҷат*, *қиёс*, *қазия*, *мантиқ*, *ҳикмат*, *адад*, *ҳисоб*, *ҳаракат*, *баракат*, *тариқат* ва ғайра тасаввур кардан имконнопазир аст, зеро ин калима ва истилоҳҳо ва ҳазорон калимаю истилоҳоти арабӣ чунон дар хуну пӯсти забони тоҷикӣ ҷо гирифтаанд, ки мӯйро аз хамир танҳо мутахассис ҷудо карда метавонад.

Ҷойи тазаккур аст, ки аз ҷумлаи он иқтибосоте, ки аз арабӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардиданд, масдарҳои арабӣ аз қабили *ҳаракат*, *баракат*, *тақдир*, *муноқиша*, *низоъ*, *эҳтиром*, *инқироз*, *истиқбол* ва ғайра мебошанд, ки онҳо як ҷиҳат фонди луғавии забони тоҷикиро ғанӣ гардонида бошанд, аз ҷониби дигар, дар калимасозӣ ва низоми грамматикии забони тоҷикӣ фаъолона иштирок менамоянд. Мавзӯи баҳси масдарҳои арабӣ ба сурати умум як масъалаи мустақили таҳқиқи лингвистӣ мебошад, барои ҳамин мо дар ин мақолаи худ ба як навъи масдарҳои арабӣ, ки дар забоншиносии арабӣ бо номи масдарҳои синоӣ (*масдарҳои сохта*) ёд мегарданд, таваққуф мекунем.

Агар мавзӯи масдар дар забоншиносии араб аз замони қадим ва то ҳол мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор гирифта бошад, пас масдари ба истилоҳ синоӣ ҳатто чандон мавриди таваҷҷуҳ қарор надоштааст. Бо вуҷуди ин ки ин навъ масдар маҳз дар осори файласуфони исломӣ ал-Киндӣ (тав. 252 ҳ.), ал-Форобӣ (тав. 339 ҳ.), Ибни Сино (тав. 428 ҳ.) ва «Ихвон-ус-сафо» мавриди истифода қарор гирифтааст. Саволе ба миён меояд, ки грамматика ва фалсафа аз ҷумлаи илмҳои ақлӣ мебошанд, вале чаро шакли

масдари синоӣ баъдтар дар ташаккулёбии наҳви арабӣ ба он дохил гардид? Ба ақидаи мо сабаби он дар ин аст, ки осори грамматикии арабҳо пештар аз осори фалсафӣ пайдо гардид, зеро агар асосгузори грамматикаи арабӣ Халил ибни Аҳмад дар охирҳои солҳои 175 ҳ. ва Сибавайҳ дар 180 ҳ. зиндагӣ карда бошанд, пас аввалин файласуфи араб ал-Киндӣ дар охири соли 185 ҳ. ба дунё омадааст. Ин ҳолат ба ин маънист, Ки аввалин файласуфони исломӣ фаъолияти худро дар қарни 3-и ҳиҷрӣ дар давроне оғоз карданд, ки фарҳанг ва тамаддуни арабҳо дар тамоми соҳаҳои улуми инсонӣ ва техникӣ гулгулшукуфонӣ пайдо карда, пояҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давлати ҷавон дар ин аср побарҷо ва устувор гардида буданд.

Аз назари таърихӣ чунин шукуфоиро ба сабабҳои зерин асоснок кардан мумкин аст:

1. Пешрафти забон ва шароити мувофиқ барои истифодаи калимаҳои арабӣ.
2. Табиати мавзӯъҳои фалсафие, ки онҳоро фалсафа ҳал мекард ва онҳо проблемаҳои ҳам динӣ ва ҳам илмӣ буданд.
3. Иртиботи масдари синоӣ дар аксари ҳолатҳо ба истилоҳоти илмӣ.
4. Пайдо гардидани ҳаракати тарҷума бо марҳилаҳои мухталифи он.

Чуноне ки гуфта шуд, мо намунаҳои масдари синоиро дар осори файласуфон ал-Киндӣ, ал-Форобӣ, Ибни Сино ва «Ихвон-ус-сафо» мушоҳида менамоем, ки онҳо асарҳои худро асосан ба забони арабӣ навиштаанд.

Дар забоншиносии араб ғайр аз корҳои донишмандони асримиёнагии араб, ки ба мавзӯи масдари синоӣ даст задааанд, муҳаққиқи араб Абдулваҳҳоб Шаҳота монографияи махсус роҷеъ ба масдарҳои синоӣ навиштааст ва дар ин ҷода монографияи ховаршиноси рус А.Н. Мелянцевро [4] зикр кардан мумкин аст.

Дар забоншиносии тоҷик ғайр аз чанд ишораҳое, ки дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик [3] роҷеъ ба масъалаи умуман масдар омадааст, таҳқиқе ба анҷом нарасидааст, дар ҳоле масдарҳои синоии арабӣ дар забони тоҷикӣ дар сохтани истилоҳоти илмӣ-фалсафӣ нақши муайян бозидаанд.

Ҷойи тазаккур аст, ки масдарҳои синоӣ дар забони арабӣ доманаи фарохтари истифода дошта, роҷеъ ба онҳо аз даврони қадим таҳқиқоти зарурӣ ба анҷом расидааст, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ роҷеъ ба онҳо ишорае ҳам вуҷуд надорад.

Дар ин мақола мо чанде аз масдарҳои синоии арабиро меоварем, ки онҳо дар зимни асари Имом ал-Ғаззолӣ «Кимиёи саодат» сабт гардидаанд.

Дар забоншиносии араб масдари ба истилоҳ синоӣ ҳамон исмҳоеро мегӯянд, ки дар охири худ ё -и нисбат дошта, ба он те-и марбута дар охир илова карда мешавад ва маънои масдариро ба худ касб менамояд, мисли илмият аз *илм*, инсоният аз *инсон*, ҳайвонят аз *ҳайвон*, маъқулият аз *маъқул* ва ғайра. Мисолҳои овардашуда, ба масдарҳои синоӣ мансуб буда, маънои мухталифи муҷаррадро ифода мекунанд. Ин масдар аз даврони қадим диққати забоншиносони арабро ба худ ҷалб карда, мисолҳои он ҳанӯз дар «Қуръон»-у ҳадисҳо мушоҳида гардида, дар даврони тарҷумаҳо аз юнонӣ, ҳиндӣ ва форсӣ ба арабӣ мавриди истифодаи бештар қарор гирифтанд. Ин навъ масдар баръакси масдарҳои умумии арабӣ аз исмҳо, ҷонишинҳо, зарфҳо ва ҳиссачаҳо сохта шуда, маъниҳои мухталифро ифода мекунанд, мисли каммият, кайфият, ҳуввият, ҳалият, иштирокият, демократият ва ғайра.

Масдарҳои синоиро аз исмҳои нисбат мисли инсонӣ, ҳайвонӣ, ақлонӣ, мантиқӣ, иштирокӣ бояд фарқ кард, зеро нишонаи асосии фарққунандаи морфологии онҳо аз исми нисбат дар он аст, ки агар исми нисбат бо ё-и нисбат ба охир расад, пас масдари синоӣ бо ё-и шаддадор ва те-и марбута анҷом меёбад, мисли инсонӣ-*инсоният*, ҳайвонӣ-*ҳайвоният*, ақлонӣ-*ақлоният*, илмӣ-*илмият* ва ғайра.

Аз назари грамматикӣ масдарҳои синоӣ ҳам аз исмҳои ҷомид (*яъне исмҳое, ки танҳо ба охири онҳо пасванди "ийат" ҳамроҳ карда мешавад*) ва аз исмҳои муштақ (*яъне исмҳое, ки дар аввалу мобайн ва охири онҳо ҳарфе изофа карда мешавад*) сохта мешавад. Намунаи исмҳои ҷомид аз ин қарор аст: *инсонийат*, *кайфийат*, *каммийат*, *ҳайвонийат* ва ғ., намунаи исмҳои муштақ инҳоянд: *оламийат*, *фо'илийат*, *асбақийат* ва ғ. Чуноне ки аз мисолҳо дида мешавад, сиғаи масдарҳои синоӣ бо роҳи ҳамроҳ кардани пасванд (суффикс)-и ийат сохта мешавад ва ҳолат ва аломатро ифода мекунад, масалан, исми *инсонийат*, ки дар забони муосири тоҷикӣ ба маънои инсонҳо, аҳли башар ва одамон низ ба кор меравад, ҳамчун масдари синоӣ дорои маъниҳои зер мебошад: а) ҳайвони нотиқ; б) инсонигарӣ, ҳимматбаландӣ, саховатмандӣ; в) дӯстдорӣ ва ғ. Намунаи масдарҳои синоие, ки дар тоҷикӣ истифода мегарданд, инҳоянд: *фардият, ҳатмият,*

*вазъият, воҳидият, вуҷудият, ҳуввият, унсурият, маъқулият, навъият, зиддият, муқобилият, миқдорият, ҳаюло ния*т ва ғайра.

Зимни таҳқиқ аз китоби «Кимиёи саодат»-и Имом ал-Ғаззолӣ намунае чанд аз масдарҳои синоӣ мушоҳида гардид, мисли *абадият, азалият, аҳадият, башарият, раҳбоният, ваҳдоният, зуррият, хусусият, ҷамъият, шаҳвоният, куллият, рабубият, маъруфият, масъулият* ва ғайра.

Дар охир ишорат бояд намуд, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои грамматикӣ ва семантикии масдарҳои синоӣ ва мақому ҷойгоҳи онҳо дар забони тоҷикӣ имконият медиҳад, ки дараҷаи тағйирот ва тобеъшавии иқтибосоти арабиро дар шакли масдарҳо ва иштироки онҳоро дар калимасозии забони тоҷикӣ муайян созем.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ Ҳ., Гиюи Ҳ.А. Дастури забони форсӣ. Вироиши саввум. -Теҳрон, 1389 ш., с. 106; Гранде Б.М. Курс арабской грамматики в сравнительно-истироческомосевещении.- М., 1963, с. 186.
2. Ахвледиани В.Г. Исторические условие возникновения средневекового арабского языкознания // История лингвистических учений. Средневековый восток. - Ленинград: Наука 1981, с. 56.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе: Дониш, 1985, с. 237.
4. Мелянцев А.Н. Масдар в теории и структуре арабского языка. -М., 1990.

"СОЗДАННЫЕ МАСДАРЫ" В ТРУДАХ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ ФИЛОСОФОВ

На основе произведения известного средневекового философа Имама ал-Газзали "Кимиёи саодат" ("Эликсир счастья") в данной статье делается попытка рассмотреть разновидности так называемых "созданных арабских масдаров" и их грамматические особенности в таджикском языке.

Ключевые слова: масдар, созданные масдары, термин, глагол, инфинитив, арабское языкознание, грамматическая теория, лингвистические школы, морфология, синтаксис.

"CREATED MASDARA" IN WORKS OF THE TAJIK-PERSIAN PHILOSOPHERS

On the basis of work of the known medieval philosopher of the Imam al-Gazzali "Kimiyaisaodat" ("A happiness elixir") in article becomes attempt to consider versions so-called "created Arab масдаров" and their grammatical features in the Tajik language.

Key words: масдар, created масдары, the term, a verb, an infinitive, the Arab linguistics, the grammatical theory, linguistic schools, morphology, syntax.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Н.Салихов*** – соискатель ТНУ. Телефон: **93-527-84-28.**

ПАЙДОИШИ АДАБИЁТ БА ЗАБОНИ УРДУ

Ҷовид Холов
Донишкадаи омӯзгории шаҳри Панҷакент

Мардуми сарзамини Ҳинд дар такомули фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ дар тӯли мадиди таърих саҳми бениҳоят бузург гузоштаанд ва ин сарзамин, ки таърихи такрибан панҷҳазорсола дорад ва яке аз гавҳораҳои тамаддуни умумибашарӣ дониста шудааст. Яқинан дар арсаи тӯлонии таърих ба сари ин кишвар чӣ бурдбориҳову чӣ нокомиҳое фурӯ наомадааст. Ҳанӯз дар аввали ҳазорсолаи дуюм дар сарзамини Ҳинд як қатор ҳодисаҳое ба вуқӯъ омаданд, ки сабабгори тағйиротҳои куллӣ аз лиҳози иқтисодиву иҷтимоӣ ба раванди рӯзгори мардуми Ҳиндустон гардиданд. Ва ҳамин гуна як дигаргунӣ дар муайяну музайян намудани ояндаи пешрафти фарҳангии ин кишвар аҳамияти муҳимму назаррасеро бозидааст. Яке аз чунин табаддулот азбайнравии охирин сулолаи ғуломдории Гупта ва Ҳарша (VI-VII) дар Ҳиндустон мебошад, ки фазои ягонаи сиёсиро дар қораи Ҳинд барҳам дода, ба сохтори ҷамоаи феодалӣ ибтидо гузошт.

Аз ҳамин гуна лаҳзаи имконпазири таърих истифода бурда, ҷангҷӯёну аҷнабиён Ҳиндустонро ҳадафи тороҷ, тохту тозҳо ва бадастоварии ҳокимият қарор доданд. Ва ин кишвар минбаъд зуд-зуд ба нишемангоҳи сипаҳсолорҳои мусулмон табдил ёфт, ки асли буду бошашон аз Осиёи Марказӣ ва Эрони имрӯза будааст.

Ба шаҳодати таърих ҳарчанд аз замонҳои қадим мусулмонон аз тариқи баҳру роҳҳои хушкигард бо Ҳиндустон тамос доштанд, вале аввалин ҳамлае, ки ба хоки Ҳинд

сурат гирифт, ҳуҷуме буд, ки лашкаркаши араб Муҳаммад бинни Қосим дар соли 812 ба сарзамини Синд анҷом додааст. Дар натиҷаи ин ҳамла Синд ба тасарруфи мусулмонон даромад. Баъд аз ин ҳамла, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар байни солҳои 1039 то 1125 борҳо ба шибҳи қораи Ҳинд ҳамла кард.

Маҳмуд иёлоти Панҷобро тасарруф кард ва ба тадриҷ хонаводаи ғазнавӣ маглуби силсилаи Ғур шуд. Шаҳобуддини Ғурӣ, ки яке аз афроди мумтоз ва барҷастаи ин силсила буд, дар соли 1292 салтанати Деҳлиро ба зери тасарруфи худ даровард.

Аз ин давра ба баъд, ҳам дар замони ҳукумати муғулҳо дар ин қора ва ҳам шоҳигарии Акбару Шоҳҷаҳон, нуфузи забон ва фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ низ дар нимҷазираи Ҳинд афзоиш ёфт ва ин боис шуд, ки ҳавзаи адабии Ҳинд арзи ҳастӣ кунад. Ин тамоюли мусбати фарҳангӣ дар таърихи халқҳои нимҷазираи Ҳинд ташаккул ва ба пешрафти адабиёт ва фарҳанги ин сарзамин таъсири бафайзе гузоштааст, ки баҳс сари ин масъала аз доираи ҳадафи муаллиф берун аст.

Ҳамлаи арабҳо ва баъдтар туркҳо ба рушди забон ва адабу фарҳанги форсии нимҷазираи Ҳинд мусоидат кард. Таваҷҷуҳи саркардаҳои туркнажод ба шеъру сухани ширини тоҷикӣ низ сабаби паҳн шудани он дар саросари Ҳинд гардид. Мирзо Бобур тамоми хутут ва умуман каломи хешро танҳо ба форсӣ-тоҷикӣ таълиф намудааст. Мисраъҳои зер ба қалами Мирзо Бобур тааллуқ доранд:

Сад ваъда дод аз лаби ширини хеш лек,
Мурдам дар ин умед, ки ваъда вафо накард.
То ӯ кушод он лаби пурханда дар чаман,
Пироҳане намонд, ки ғунча қабо накард.
Бобур ба кӯйи дӯст ҳамехост ҷон диҳад,
Ин кори давлат аст, чӣ созад Худо накард.

Бамаврид аст, ки ғазалеро пешкаши хонандагон гардонем, ки он аз тарафи писари Мирзо Бобур,-сарвари темуриёни Ҳинд баъд аз Бобур-Ҳумоюн эҷод шудааст ва ин ғазал бори дигар аз майлони беандозаи темуриён ба забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шаҳодат медиҳад:

Саросар шодии олам ба як дам ғам намеарзад,
Ба наздам умри садсола ба як мотам намеарзад.
Ку он тахти Сулаймону ку он аҳволи мӯронаш,
Чиҳил хона зари Қорун ба як ҷав ҳам намеарзад.
Набудӣ ҷаннатулмаъво набудӣ ин Ҳумоюнро,
Ки ҷаннат ҳам ба саргардонии одам намеарзад.

Беш аз ин теъдоди бешумори афозилу уламои тоҷикзабон аз ҳудуди Осиёи Марказӣ ба ин сарзамин ҳиҷрат карданд ва дар баробари мардуми маҳаллӣ дар нумӯи илму фарҳанг ва дигар соҳоти иҷтимоии Ҳиндустон саҳмгузор гаштаанд. Бояд таъйид кард, ки онҳо на танҳо дар пешрафти фарҳанги Ҳинд, балки дар густариши илму адаби форс-тоҷик низ гомҳои устувор бардоштаанд. Ҳиндустон дар ҷаҳони имрӯза низ хазинаи бою нотакрори маънавиёти мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз ҳам ҳазорон сарчашмаҳои таърихиву адабии ба забони форсӣ- тоҷикӣ таълифгашта дар сарзамини Ҳинд нигаҳдорӣ карда мешаванд ва мунтазири бозомӯзандагони хешанд.

Дар баробари ривоҷи забони форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ забонҳои маҳаллӣ низ рӯ ба нумӯъ буданд. Миёни лаҳҷаҳо бошад лаҳҷаи намоёни Ҳиндустони шимолӣ кҳари-болӣ зуд миёни мардум паҳн гардид. Ва ин лаҳҷа ба забони гуфтугӯии мардум табдил ёфт. Дар асоси ин забони гуфтугӯӣ минбаъд забони ҳиндустонӣ ва баъдтар забони урду рӯ ба равнақ ниҳод.

Ҷараёни наздикшавӣ ва такомули забонҳои нави ҳиндустонӣ табақаи болоӣ ва поёнии Ҳиндустонро фаро гирифт. Дар байни мардуми табақаҳои поёнӣ бошад чунин ҷараён бо суръат пеш мерафт. Бисёр шоирони форсизабон кӯшиш мекарданд, ки ба забони ҳиндуӣ асар офаранд. Сарчашмаҳо дар ин қатор асари машҳури Абӯрайҳони Берунӣ «ал-Ҳинд» ё «Китоб-ал-Ҳинд»-ро ном бурдаанд. Ва чизи ҷолиби таваҷҷуҳ барои адабиётшиносии тоҷик ин дар қатори саромадони адабиёти урду ном бурдани шуарои машҳури форсизабони Ҳинд Масъуди Саъди Салмон ва Амир Хусрави Деҳлавӣ мебошад. Пайдоиши адабиёт ба забони урду дар ибтидо каме торик ба назар мерасад. Паҳлуҳои таърихии сухани адабӣ ба урду чандон рӯшан нест. Вале ба қавли Рам Бабу Саксена «ҷои шак нест, ки нахуст шоири урду бо тамоми далелҳои чашмрас ин ҳазрати Амир Хусрави Деҳлавӣ мебошад. Ва дар бораи шуҳрати форсии Хусрав ҷои сухан нест. Тахаллуси ӯ бо ҳунари шоириаш хеле муносиб, «Тӯтии Ҳинд». Хусрав аз ҳама пеш

алфози урдуро ба танзим дароварда, ба ин забон шеър гуфт. Аввалин ғазали урду низ ба қалами Амир Хусрав мансуб аст. Магар ин ки як мисраи ғазали Хусрав ба форсӣ буду мисраи дигар ба забони урду» [7,16].

Воқеан таи қарнҳо номи Амир Хусрав дар сарзамини Ҳинд дар қатори беҳтарин донишмандон ёд карда мешавад. Имрӯз ҳам дар оромгоҳи шоир воқеъ дар шаҳри Деҳлӣ ҳар сол дар рӯзи мавлуди мавсуф ҳаводорони шоир гирд меоянду маҳфили ёдбуде бо номи «хусравхонӣ» меороянд. Ин ҳама қадрдонӣ аз шаҳомати нотакрори шоир дарак медиҳад. Беҳуда муҳаққиқони ҳиндшиноси рус Н. Глебов ва А. Сухочев таъйид накардаанд, ки «мероси адабии Хусрав ба забони ҳиндавӣ бевосита мутааллиқ аст бо эҷодиёти даҳонии халқ» [3,14].

Албатта, адабиёт чун оинаи зиндагӣ гоҳо чун воситаи идеологӣ таҷассумгари воқеаву ҳодисот мегардад ва ин зуҳурот наметавонад аз назари аҳли қалам ва аҳли адаб дур бимонад. Ҳамин гуна муносибат ба сари қаламкашони адабиёти урду низ рух додааст. Вақте ки сухан дар бораи адабиёти муосири урдузабон меравад, баъзе ғоя, равия, ҷараёнҳои иртиҷоие, ки имрӯз дар навиштаҷоти гурӯҳе аз адибони Покистон ба назар мерасанду дар адабиёти ин мамлакат инъикос меёбанд, сабаби рӯйдоди каҷфаҳмиҳо ва ё худ каҷшарҳдиҳиҳои муҳаққиқин мегардад. Вале мебоист мо решаҳо ва сабабҳои чунин зуҳуротро амиқан дарёбем ва танҳо дар ҳамин сурат мо худро дар ташреҳи кулли адабиёти урду муваффақ пиндошта метавонем. Аз ин рӯ, яксон маънидод намудани пайдоиши адабиёти урдузабон, таърихи инкишофи минбаъдаи он, сатҳи кунунии вуҷудияти он миёни дигар адабиётҳои Ҳинду Покистон ва Бангладеш кори саҳл набуда, ҷусторе хос ва ҷолиб аст.

Адабиётеро, ки ба забони ҳиндиву урду ба вуҷуд омадааст, ҳаргиз адабиёти воҳиде, ки бунёдаш ин ду забон аст, ё як адабиёти дузабона наметавон гуфт. Чунки дар ин ду адабиёт на фақат аз ҷиҳати тобишҳои забонӣ, балки истифодаи жанру намудҳои адабӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, усулҳои адабӣ фарқи назаррасе ба чашм мерасад. Агар адабиёти ҳиндӣ аз сарчашмаи эҷодиёти даҳонии халқи маҳаллӣ ва мероси бои қадимаи адабиёти санскритӣ, асотири Ҳинди бостон ғизо гирифта бошад, пас адабиёти урду дар қатори анъанаҳову маъхазҳои адабиёти ҳиндӣ, сарчашмаҳои адабиёти классикии форс-тоҷик ҳам таъсири беандоза дорад. Маҳз ҳамин сарчашмаҳои муштарак ба адабиёти урду накҳати хосе бахшидааст. Ё ин ки дар ҳолате ки дар адабиёти ҳиндӣ аз жанру намудҳои анъанавии қадимаи ҳиндӣ истифода шуда бошад, дар адабиёти урду ғазал, рубоӣ, қасида, марсия ва маснавӣ барин намудҳои назми классикии форс-тоҷик мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ва сабаби ҳама ин дар чист?

Барои фаҳмидани ин ба таърихи пайдоиши адабиёти урдузабон бояд назар афканд. Худи истилоҳи «адабиёти урду» ё худ «адабиёти урдузабон» инчунин «забони урду» фақат дар охири асри XVIII ба миён омад. Ҳол он ки мутахассисон пайдоиши ин адабиётро ба асри X-XI мансуб медонанд. Чунон ки маълум аст, дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсии ҷамъият ба забони он ҳам таъсир накарда наметавонад.

Забон ин зуҳуроти ҷамъиятист ва ба таърихи ҷамъият зич алоқаманд аст, бинобар ин ҳаргуна табаддулоти ҷамъиятӣ ба раванди инкишофи забон таъсир мерасонад. Баъзе аз муҳаққиқони забони урду ба ин масъала яктарафа назар карда, пайдоиш ва инкишофи забону адабиёти урдуро чун зуҳуроти аз берун омада, шарҳ медиҳанд. Дар асл чунон ки мебинем, забон ва адабиёти урду таъсири зиёди тамаддуни омадагонро қабул карда бошад ҳам, дар заминаи ғизоии пурғановати маҳаллӣ ташаккул ёфта, унсурҳои мухталифро фаро мегирад. Ба ин забон ба таври фаровон ворид гардидани калимаҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ доираи истифодаи онро боз ҳам васеътар кард. Бинобар ин ба урду дар қатори шуарои маҳаллии Ҳинд адибони аз Эрону Мовароуннаҳр омада низ асарҳо эҷод кардаанд.

Чӣ тавре ки ишора шуд, ибтидои ташаккул ва инкишофи забонҳои нави ҳиндӣ дар шимоли мамлакат ба ибтидои омезиши ду тамаддун-мусулмонӣ ва ҳиндуӣ рост омад. Агар ба адабиёти ин давра назари амиқ афканем, равшан мегардад, ки бисёре аз нависандагон ва шоирони форсизабон шеъру рисолаҳои фалсафии худро ба забони ҳиндавӣ навиштаанд. Дар таърихи адабиёти урду ҳамин қабил асарҳо чун нахустин таҷрибаи ба забони урду таълиф намудани адабиёт ҳисобида мешаванд. Тазкира ва баёзҳои қадима номи як силсила шоирон ва нависандагонро, ки нахустин таҷрибаҳои ба забони ҳиндавӣ (урду) асар эҷод намудан мансуби қалами онҳост, то ба мо оварда расонидааст. Ба эътирофи бисёр сарчашмаҳо шоири маъруф, ки ба ин забони ҳанӯз сайқалнаёфтаи ҳиндавӣ шеър гуфтааст, Масъуди Саъди Салмон ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т
1. Алиев Г.Ю. Персоязычная литература Индии.-М., 1968.-248с.
2. Антонова К.А., Бонгард-Левин Г.М., История Индия.-М: Мысль, 1979.-608с.
3. Глебов Н., Сухочев А. Литература урду.-М.,1967.-230с.
4. Серебряков И.Д. Литературы народов Индии.-М., 1985.-302с.
5. Хусейн С.Э. История литературы урду.-М.,1961.-259с.
6. Ijaz Said Husein. Ta'rikhi adabi urdu.-Allahabad, 1984(Эъджаз Саид Хусейн. История литературы урду).-351с.
7. Saxena Ram Babu.Ta'rikhi adabi urdu.-Lakhnau, 1969 (Саксена Рам Бабу. История литературы урду).-451с.

УЧРЕЖДЕНИЕ ЛИТЕРАТУРЫ НА ЯЗЫКЕ УРДУ

Автор данной статьи рассматривает историческую основу формирования языка урду в Индостане и вклад мигрировавших мусульман, особенно тех, кто прибывал из Средней Азии.

Ключевые слова: Индия, литература урду, персидский язык, поэзия, формирование литературы, первые поэты, Амир Хосроу, Мазуди Сади Сэлмон, Средняя Азия.

ESTABLISHMENT OF LITERATURE IN URDU LANGUAGE

The author of the article considers the historical base of formation of Urdu language in the Indostan and contribution of migrated Muslim, especially who comes from Central Asia.

Key words: India, urdu literature, poetry, formation of literature, first urdu poets, Amir Khosrou, Masudi Sadi Salmon, Central Asia.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Дж.Ш. Холов*** - преподаватель кафедры таджикской филологии Таджикского педагогического института в городе Пенджикент Телефон: **(+992 3475) 5 40 50, (+992) 92 759 54 74**

ЛИЧНЫЕ ПОДЛЕЖАЩИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

М. Юсупова
Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова

Подлежащее стало объектом науки ещё с тех времен, когда не различались части речи и члены предложения. Оно считалось и во многих случаях считается до сих пор непременным атрибутом предложения.

В языкознании существуют различные типологии семантики подлежащих, проводимых на разных основаниях. Классифицируются подлежащие на основе лексической семантики имени в этой позиции и как компонента семантики предикативного ядра (структурной схемы - по терминологии Н.Ю. Шведовой). Чаще прибегают к комплексной классификации. Наиболее полной комплексной семантической классификацией подлежащих представляется их деление на: активные и пассивные подлежащие в зависимости от залога глагола-сказуемого; личные и безличные подлежащие в зависимости от структуры предикативной основы, отрицательные подлежащие и вопросительные подлежащие - по типу модуса предложения.

В данной статье рассматриваются личные подлежащие в таджикском и английском языках.

В обоих сопоставляемых языках личные подлежащие имеют свои грамматические (строевые и сочетательные) и лексические средства оформления.

При выделении личного подлежащего мы опираемся на профессора А.И.Смирницкого, который писал: «В зависимости от *лексического значения подлежащего* (выделено нами. – М.Ю.) личные предложения могут быть разделены на несколько групп: а) предложения личные в собственном смысле слова, б) неопределенно-личные предложения, в) предложения с неопределенно-указательным подлежащим, г) предложения с отрицательным подлежащим, д) предложения с вопросительным подлежащим» [5, 162].

А.И.Смирницкий под лицом понимает всякую выделенность субъекта, предикативного признака, а не лицо в значении «человек». К личным предложениям он относит предложения с подлежащими, и выраженным неличными формами глагола. Под личным подлежащим мы понимаем только те подлежащие, которые выражены именами лиц или личным местоимением. Это лицо может быть названо непосредственно тем или иным

существительным: 1) The Governor shook his head ruefully (15, 263) – **Полковник бо афсӯсу надомат сар ҷунбонид (7, 261)**. 2) Montanelli drew his chair closer to the pallet and sat down (15, 288) - **Монтанелли курсиро ба кати е наздик кашида нишаст (7, 285).**

В этих эквивалентных примерах из двух языков в качестве личных подлежащих выступают слова «Governor» (**полковник**), Montanelli (**Монтанелли**). Характерной особенностью личных подлежащих является то, что их денотаты соотносятся с одушевленными предметами, способными совершать сознательные действия.

Дж. Лакофф ссылается на наблюдение Б. Холла, согласно которому переходные глаголы в подавляющем большинстве случаев предполагают одушевленный субъект (4, 145). Можно предположить, что наиболее часто субъект выражается именем лица. По подсчётам Н.В.Труханович, конкретное одушевленное существительное в функции подлежащего при переходном глаголе встречается в 91,52% случаев (6, 8). Н. Д. Арутюнова считает, что особый семантический и синтаксический статус имен лиц, их двойственная семантическая природа позволяют им занимать позиции, предназначенные не только для предметной лексики, но и для событийной. Поэтому нельзя говорить Knives annoy me, но можно сказать Children annoy me [1, 148-149].

Как пишет А. И. Варшавская, «можно привести примеры и других структур, в которых подлежащее будет выражено именем лица и не- лица. Тем не менее, нельзя не заметить антропоцентричности основных моделей предложения, а также других синтаксических построений» (2, 26). Это значит, что любое высказывание обладает ориентированностью на человека, на говорящее лицо. Поэтому в подавляющем большинстве случаев подлежащее, будучи выраженным именем существительным, оказывается агентивным, хотя, субстантивное слово, выполняющее синтаксическую функцию подлежащего и поэтому занимающее в английском языке первое место в предложении, в каждом из нижеследующих предложений имеет свою собственную семантическую функцию: I am warm (experienser). The rock is warm (objective). Texas is warm (locative). Summer afternoons are warm (time). The jacket is warm (instrumentalis).

По мнению Н.В.Гусаровой, «вообще, подлежащее в современном английском языке (почти то же самое в современном таджикском языке. – М.Ю.) может выполнять гораздо более разнообразные семантические функции» [3, 53]. И далее: «Подлежащее в современном английском языке может выполнять практически любую семантическую функцию» [3, 57].

На наш взгляд, среди этих функций главной является указание на носителя процессуального признака.

Личное подлежащее может быть выражено не только именами существительными, но также и местоимениями. Прежде всего, это может быть личное местоимение: And you never said a word to me (15, 14) – **Ва ту дар ин бора ба ман ҳеч чиз нагуфтӣ, Артур! (7, 16).** We all say no more about these things (15, 24) – **Мо дар ин бора дигар гап нахоҳем зад (7, 29).**

По справедливому замечанию А.И.Смирницого, следует различать подлежащее, выраженное личным местоимением первого и второго лица, от лично-заместительного подлежащего, выраженного местоимением третьего лица. В первом случае субъект - это один из непосредственных участников коммуникации, а во втором случае субъект выявляется из широкого контекста. Сравните 1) I came early (15, 99) – **Ман барвақт омадам (7, 98)** 2) He opened the study door (15, 40) **– Вай дари кабинетро боз кард (7, 41).**

В отличие от первого примера во втором случае неизвестно, кто подразумевается под «he». Только из предыдущего контекста можно определить, что под «he» понимается «father Cardi» (**падар Карди**).

Личное подлежащее может выражаться также указательными, притяжательными, неопределёнными и некоторыми другими разрядами местоимений. При этом личный субъект определяется из широкого контекста: «Well, but my daughter», moaned the wretched man. “Yours will do well enough. Here are two sailors” (13, 83). Both were secure (13, 41). These were unquestionably the quests for whom the house was made ready (13, 45).

Личное подлежащее может выражаться также и местоимением «it» или относительным местоимением: So it’s you that have disgraced the family (15, 52) - **Ин ту будӣ, ки шарафи оилаи моро барбод додӣ (7, 52).** Mrs. Cummidge was a widow of his partner in a boat, who had died very poor (10, 63). – **Хонума Кимиҷ беваи ҳамкорӯ дар қаиқ буд, кадоме ки аз камбағалӣ вафот карда буд.**

В таджикском языке подлежащие в определенно личных примерах как в разговорном, так в книжном стиле, может быть опущено, что зависит от коммуникативной интенции говорящего. При высокой тематичности подлежащего говорящий опускает его. Однако,

отнесенность предикативного признака к тому или иному лицу выражается личными формами лица и числа глагола-сказуемого: **ҳамон шаб аз ҷоям бархоста ба хонаи модарам даромадам (7, 17).** – In the night I got up and went into mother's room (15, 14). **Ғурмагас дам назада оби афюнро нӯшид. Баъд рӯяшро ба тарафи берун гардонида чашмонашро пӯшид (7, 157).** – The Gadfly took the stuff without speaking. Then he turned away and closed his eyes (15, 160).

В таджикских предложениях подлежащие «**ман**» (I) и Uурмагас (The Gadfly) опущены, но из соответствующих флексий глаголов-сказуемых **(-ам, -ид)** ясно, к кому относятся вышеуказанные действия. Такие подлежащие мы называем имплицитными определенно-личными. В английском же языке в силу отсутствия последовательных флексий глаголов-сказуемых подлежащее должно непременно присутствовать в предложении, что видно из приведенных выше переводов таджикских предложений.

Личные подлежащие следует разделить на две группы: определенно-личные и неопределенно-личные.

При определенно-личных подлежащих подразумеваются конкретные лица, а при неопределенно-личных подлежащих неизвестно, о каком конкретном лице или лицах идёт речь. Например в предложениях « My father tried to give me some serious advice (9, 5). - **Падарам кӯшид, то ба ман чанд маслиҳати ҷиддӣ диҳад (8, 7)**. You love him better than you love anyone else in the world (15, 205). – **Ту ӯро аз ҳамаи мардуми олам дӯсттар медорӣ (7, 203-204)».** Подлежащие «father» (**падар**), «you» (**ту**) обозначают конкретное лицо, или указывает на него, тогда как в предложениях «One must take the rough with a smooth (15, 163) – **Кас дар баробари рӯзҳои нағз рӯзҳои сиёҳро ҳам бояд аз сар гузаронад (7, 165)»** подлежащее «one» (**кас**) указывает на неопределенное лицо. Неопределенно-личные подлежащие обычно выражаются некоторыми неопределенными или личными местоимениями. К неопределенно-личному подлежащему, выраженному местоимением they, тяготеет подлежащее it в конструкциях типа it is said и т.п.

Одна из особенностей таджикского языка заключается в том, что неопределенно-личные подлежащие могут опускаться, но на него указывает флексия лица и числа глагола-сказуемого: They say I am like my father, grandmother (12, 138) – **Мегӯянд, ки ман ба падарам монанд ҳастам, модаркалон.** In life you never know what comes next (9, 37). – **Дар ҳаёт намедонӣ, ки чӣ пеш меояд.**

Ближе к неопределенно-личным подлежащим стоят такие подлежащие, которые не обозначают определенную группу лиц, хотя лицо предполагается, и это лицо обозначается обобщенно и условно. Такие подлежащие А. И. Смирницкий называет обобщенными неопределенно-личными: One often has ideas of that kind – **Кас тез-тез ба ҳамин фикр меояд.** You never know where to find him - **ҳаргиз намедонӣ, ки ӯро аз кучо пайдо кард.** В примерах такого рода имеется в виду всякий человек в данной ситуации, и в этом заключается обобщение [5, 161].

Обобщенно-личное подлежащее выражается в обоих языках личными местоимениями we (мо), you (**ту, шумо**) или же существительными типа man (**одам**), friend (**дест**) и т.д: Sir! You don't strike a man when he is alone (14, 98). – **Ҷаноб, Шумо** (то есть все, каждый человек) **мардеро, ки ба замин афтодааст, намезанед**. Как в английском, так и в таджикском примере, речь идёт не о конкретном собеседнике, а о всех обобщенно.

В таджикском языке обобщенно-личное подлежащее может опускаться, но оно имплицитно подразумевается благодаря флексии глагола-сказуемого.

В предолжениях «A man certainly doesn't respect a girl he can kiss whenever he wants to (11, 212) – **Одам, албатта, духтареро ки кадом вақт хоҳад бӯса кардан мегирад, ҳурмат намекунад»** подлежащими являются английский «man» и его таджикский эквивалент «**одам**», которые пердполагают «все мужчины» обобщенно.

Таким образом, личные подлежащие, выраженные существительными, обозначающими лиц, а также некоторыми разрядами местоимений или даже только флексиями глагола-сказуемого (в таджикском языке), указывают на агенса, чей предикативный признак обозначен в сказуемом. Удельный вес такого разряда подлежащих значительно выше, чем у подлежащих, обозначающих не-лиц, что связано с антропроцентричностью основных моделей предложений в обоих языках.

Личные подлежащие могут быть определенно-, неопределенно- и обобщенно-личными. Каждый из этих подтипов имеет свои средства выражения и встречается в определенных синтаксических структурах.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арутюнова Н.Д. К семантической характеристике подлежащего и сказуемого предложения. Всесоюзная научная конференция по теор. ким вопросам языкознания. М., 1974.
2. Варшавская А.И. Семантика агентивности и антропоцентричность английского предложения. // Трехаспектность грамматики (на материале английского языка). Санкт – Петербург, 1992.
3. Гусарова Н.В. Семантика ролевых отношений и способы их выражения. // Трехаспектность грамматики. Санкт – Петербург 1992.
4. Лакоф Дж. Введение в теоретическую лингвистику. М., 1978.
5. Смирницкий А.И. Синтаксис английского языка М., 1957.
6. Труханович Н.В. Синтаксическое функционирование подклассов имени существительного (на материале английского языка). Автореф. канд. дис. Л., 1981.

Список иисточников фактического материала

7. Войнич Э. Uурмагас. Душанбе, 1982.
8. Дефо Д. Робинзон Крузо. Душанбе, 1970.
9. Defoe D., Robinson Crusoe. M., 1981.
10. Dickens Ch. Dombey and Son. M., 1955.
11. Galsworthy J. The Forsyte Saga. B.I, M., 1974.
12. Stevenson R. Stories. Essays. Poems. M., 1972.
13. Voynich E. The Gadfly. M., 1956.

ЛИЧНЫЕ ПОДЛЕЖАЩИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматриваются личные подлежащие в таджикском и английском языках. В обоих сопоставляемых языках личные подлежащие имеют свои грамматические (строевые и сочетательные) и лексические средства оформления. Личные подлежащие, выраженные существительными, обозначающими лиц, а также некоторыми разрядами местоимений или даже только флексиями глагола-сказуемого (в таджикском языке), указывают на агенса, чей предикативный признак обозначен в сказуемом. Удельный вес такого разряда подлежащих значительно выше, чем у подлежащих, обозначающих не-лиц, что связано с антропроцентричностью основных моделей предложений в обоих языках. Личные подлежащие могут быть определенно-, неопределенно- и обобщенно-личными. Каждый из этих подтипов имеет свои средства выражения и встречается в определенных синтаксических структурах.

Ключевые слова: семантика подлежащего, личное подлежащее, определенно - личное, неопределенно - личное, обобщенно - личное.

THE PERSONAL SUBJECT IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article deals with the Personal Subject in Tajik and English languages. In both languages the Personal Subject has its own grammatical (combatant and combinative) and lexical means of formation.

The Personal Subject expressed by nouns denoting person, several kinds of pronouns and even only by flections of verb-predicate (in Tajik language) point to the agency.

The Personal Subject may be the Definite, Indefinite and the Generalized-Personal Subject. Each of these subtypes have their own means of expressing and we face with them in the definite syntactical structures

Key words: Semantic of the Subject, the Personal Subject, the Definite-Personal Subject, the Indefinite-Personal Subject, the Generalized-Personal Subject.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М.Юсупова*** – кандидат филологических наук, доцент факультета иностранных языков ХГУ им. Б.Гафурова. Телефон: **918-67-85-67.**

МАВҚЕИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

М. Р. Сафаралиева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тағйироти ҷиддие, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз асрҳои V111 – 1X ба амал омад, фаровон дохил шудани калимаю истилоҳоти арабӣ мебошад, ки ин на танҳо ба воқеаҳои таърихии дар асрҳои минбаъда рухдода вобаста аст, балки ин ҷараёни дохилшавии унсурҳои забони арабӣ дар тамоми даврахои минбаъдаи таърихии мардуми Осиёи Миёна ва бахусус баъди Эронро истило кардани арабҳо ва дар мамлакат тадричан афзудани нуфузи дину забони арабӣ алоқаманд аст [1,83].

С. Айнӣ ҳанӯз солҳои 20-ум ба ҳалли масъалаҳои илман бузург, амалан таъхирнопазир шуғл варзида буд. Дар мақолаҳои публитсистии солҳои 20-ум таълифкардааш калимаҳои арабиро зиёд кор фармудааст. Аммо гумон кардан лозим нест, ки ҳамаи он иқтибосоти арабӣ вожаҳои камистеъмоли душворфаҳманд. Аз ҷумла, он калимаҳое, ки дар мақолаҳои ӯ ба кор рафтаанд, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ вобастаанд. Онҳоро дар ифодаи мафҳумҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, муҳити зиндагӣ, шуғли инсон, касбу кор, олоти меҳнат, асбобу анҷоми рӯзгор ва ғайраҳо истифода намудааст.

Баробари бисёр калимаҳои арабии дар забони тоҷикӣ маъмул ва кайҳо ҳазмшуда аз қабили калимаҳои *қавм – 50м, соир –50м, мустабид – 32м, атфол – 32м, қиём – 19м, мухторият – 14м, ирқ – 10м, авоил – 10м, масоил – 7м, бизот – 6м, тасаллут – 4м, фавқ – 4м, савқ – 3м, таъбия – 3м, татабӯъ – 2м, вуқуф – 2м, аглаб – 2м, мусаввада – 1м.* калимаю истилоҳоте низ дучор омаданд, ки барои хонандагони имрӯза чандон фаҳмо нестанд.

1. **Калимаю истилоҳоти соҳаи мактабу маориф:**

– Оре! *Мактабҳои ибтидоӣ* таъсис ёфт, кам-кам *асоси таълими умумии маҷбурӣ* дар *ҳаққи атфоли* хурдсол дар *шуруфи татбиқ* аст (1,61).

Дар ин матн исмҳои *мактаб, таълим, атфол, шуруф, татбиқ, таъсис, асос* ва сифатҳои *ибтидоӣ, умумӣ, маҷбурӣ* калимаҳои иқтибосии арабӣ буда, ба ҷуз калимаҳои *атфол (32м)* ва *шуруф (4м)* вожаҳои бегонаи дигар дар забони тоҷикӣ ҷазмшуда ба шумор мераванд.

Шуруф – 1.баландӣ; 2.наздикӣ, қарибӣ, арафа (10,606).

Аён аст, ки аз калимаҳои аслии тоҷикӣ сифатҳои *хурдсол, кам-кам,* феъли *ёфт*, ҳиссачаи тасдиқии *оре*, пешоянди *дар* ва бандаки хабарии *аст* чизи дигаре вуҷуд надорад.

Сабаби ба кор бурда шудани чунин калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки дар мақолаҳои публисистии С. Айнӣ ба назар мерасанд, шояд ин бошад, дар он замон, ки мардум як дараҷа арабидон буданд ва хати арабӣ истифода мешуд, ба аҳли маърифат маънои он вожаҳо маълуму фаҳмо буд, зеро С. Айнӣ дар ҳамон солҳо ҳам кӯшиш мекард, ки навиштаҳояш аз забони омма дур наравад ва он чи ки дар байни мардум роиҷ буд, рӯйи коғаз меовард.

Муҳаққиқони масъалаи иқтибосоти арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар чунин ақидаанд, ки ҷисми зиёди чунин калимаю истилоҳоти арабӣ ифодакунандаи мафҳумҳои на ашёҳои мушаххаси муҳити зиндагии инсон, балки калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ғайримоддӣ, аз қабили илму фарҳанг, дин, расму оин ва муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат ва ғайраанд. Мо ҳам ба таснифоти соҳаҳои истифодаи унсурҳои луғавӣ, ки аз тарафи забоншиносони тоҷик анҷом дода шудааст, такя намуда гурӯҳбандӣ намудем. Азбаски ҷисми зиёди мақолаҳои С. Айнӣ ба масъалаҳои мактабу маориф бахшида шудаанд, дар навбати аввал калимаю истилоҳоти ҳамин соҳаро баррасӣ мекунем. Бояд қайд кард, ки масъалаи мактабу маориф усули таълиму тадрис дар мактабҳо то замони инқилоб дар асарҳои бадеӣ ва китобҳои таълимии С. Айнӣ ҳам муфассал тафсир шудааст. Мо дар ин ҷо аз мақолаҳои публитсистии муаллиф баъзе порчаҳоро намуна оварда, дар бораи калимаҳои иқтибосии онҳо фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунем.

Маълум аст, ки дар забони публитсистикаи солҳои 20-уми асри гузашта миқдори иқтибосоти арабӣ хеле зиёд будааст. Шакли танҳои исми *тифл* дар забони тоҷикӣ нисбатан камистеъмол бошад ҳам, аксари хонандагони рӯзнома маънои онро мефаҳманд, вале шакли ҷамъи он *«атфол»-ро* на ҳама ба осонӣ мефаҳмад.

Аммо дар матни дигар ба ҷуз калимаи *атфол* иқтибосоти арабии *натиҷа мисл, китоб* ба дарк намудани мазмуни ҷумла мушкилие пеш намеоваранд.

То ки дар *натиҷа мисли* «Баҳори дониш» *китобе*, ки ба *атфоли* тоҷикон душворӣ мекунад, ба майдон наёяд.

Модом ки калимаи *тифл* ва шакли ҷамъи тоҷикии он *бегуноҳ* ба ҳамагон фаҳмост, дар шакли ҷамъи арабии *атфол* кор фармудани он ҷоиз нест. Маълум мешавад, ки С. Айнӣ ба услуби нигориши рӯзноманигорони ҳамонвақта пайравӣ карда, он калимаро дар ҳамин шакл кор фармудааст.

Бояд қайд кард, ки дар марҳалаҳои фаъолияти адабӣ, рӯзноманигорӣ ва ноширии С. Айнӣ назари ӯ нисбат ба иқтибосоти арабӣ ва дигар унсурҳои луғавии забон бетағйир намондааст. Барои далели ин ақида аз мақолаҳои ӯ, ки дар солҳои гуногун

нашр шудаанд, намунаҳо оварда, онҳоро аз лиҳози истифодаи иқтибосот ва сабки нигориш бо ҳам муқоиса мекунем:

Аз мақолаи *«Танвири афкор»* (1919):

Дар боло гуфта шуд, ки ҷойи *танвири афкор макотиб (11м)* ва *мадорис (4м)* аст. Воқеан барои таълим ва тарбияи умуми фарзандони ранҷбарон, аз тарафи ҳукумати ранҷбарон (217м), *мактабҳои мутааддид кушода шуд*, боз ба ҳар қадар *мактаб,* ки эҳтиёҷот дошта бошем, аз ғайри *музояқа кушодан мумкин* аст. Лекин ҷавонон ва афкоре, ки аз ин *макотиб тарбия ёфта*, *берун меоянд*, то вақте ки ба дарди мо бархӯранд, ақаллан 7-8 сол *интизорашонро бурданамон* даркор аст ва ҳол он ки мо ба ҳашт рӯз *сабр кардан* фурсат надорем, моро ҳамин рӯз, ҳамин соат ҷавонони *коркун*, одамони доно, ранҷбарони соҳибфикр лозим аст.

Дар солҳои бистуми асри бистум таъбирҳои *мактаб кушодан*, *савод баровардан, ба мактаб давом кардан, хату савод ёд гирифтан (омӯхтан); сифатҳои басавод, саводнок, хату саводнок, кӯрсавод, чаласавод, бесавод, бехату савод*; феълҳои *расидан* (*расондан*), яъне ба *воя (калон) расондан, ёд додан, ёд гирифтан* ва ғайра дар гуфтори мардум зиёд кор фармуда мешуданд. Ба таъсири муҳити ҳамон давра *мактаб кушодан* барин таъбирҳоро С. Айнӣ ҳам ба ҷойи «*таъсис додани (кардани, ёфтани) мактаб*» ба кор бурдааст, ки обуранги услубии гуфтугӯйӣ ва андаке омиёна доштанд:

Аз мақолаи *«Акнун навбати қалам аст»* (1920):

Агар ин шахс *бесавод* ё *кӯрсавод* аст, ба *макотибе,* ки барои бузургон *кушода шудааст*, *давом карда савод мебарорад* ё ки *хату савод*и худро *такмил мекунад*, лоақал ба анҷуманҳои илмӣ ва иқтисодӣ ба ихлос *давом карда*, чизе ёд мегирад, ба тамошохонаҳои мисли кинометуграф ва амсолаш ба нияти ибрат (на ба қасди *лаҳву лааб)* рафта, қисса мебардорад...

Аз мақолаи *«Масъалаи маориф ва китоб»* (1921):

Камтаҷрибагии *муаллимин* як амри табиист, ки ба мурури айём кам-кам *зоил* хоҳад шуд. Чунончи, *муаллимин*е, ки дар *авоили* инқилоб ба *маслаки таълим* даромада буданд, имрӯзҳо хеле соҳибтаҷриба шудаанд, ононе, ки пастар дар ин маслак қадам ниҳодаанд, пастар соҳиби таҷриба хоҳанд шуд. «Таҷриба» ба қонуни *тадриҷ* вобаста аст.

Аммо сабаби дуввумӣ, ки бекитобист, сабаби асосии адами истифода аз *макотиби* ҳозира аст. Ҳарчанд *масъалаи китоб* чанд бор ба саҳфаи матбуот *музокира* ёфт, модом ки ҳанӯз китоби кофӣ ба майдон наёмадааст, такрор музокираи ин масъалаи муҳимаро аз *аҳамми* матолиб медонем.

Дар ин ҷо басомади калимаҳои иқтибосии арабии соҳаи маорифро, ки дар матнҳои боло истифода шудаанд, шумурдем: *масъала* (74м), *китоб* (54м), *таълим* (20м), *музокира* (14м), *муаллимин* (11м), *маслак* (11м), *макотиб (11м), авоил (10м), аҳам (2м), зоил (1м) тадриҷ (1м)*.

Аз басомади калимаҳо маълум мегардад, ки дар мақолаҳои солҳои бистуми нависанда аз ҳама калимаҳои серистеъмол инҳоянд: *масъала* (74м), *китоб* (54м), *таълим* (20м), *музокира* (14м), *муаллимин* (11м), *маслак* (11м), *макотиб (11м), авоил (10м)*. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки аз ҳама калимаҳои камистеъмол, ки дар ин матн ҳам кор фармуда шудаанд, чунинанд: *аҳам (2м), зоил (1м) тадриҷ (1м)*.

Аз мақолаи «*Масъалаи кадррасонӣ масъалаи таъхирнопазир аст*» (1947).

Партияи болшевикӣ ва Ҳукумати Советӣ ин эҳтиёҷро ба назар гирифта чораҳои бузург дида истодаанд. Дар Самарқанд кушода шудани институти тарбия ва *таълими* Тоҷикистон, дар Сталинобод барои кушодани Дорулфунуни давлатӣ тайёрӣ дидан, дар *Москва* ва Ленинград таҳияи ташкил намудани аспирантура барои аспирантҳои гуногунтахассуси Тоҷикистон ва дигарҳо аз ҷумлаи ҳамин чорабиниҳост. Лекин аз ҳамаи ин чорабиниҳо, масъулияти пурра истифода бурдан ба гардани *Вазорати маорифи Тоҷикистон* ва коркунони ӯ ва аз ин ҷумла, ба гардани *муаллимон* меафтад. Ба назари аввал ҳамин тавр менамояд, ки гӯё масъулияти аз *аспирантура* ва аз *мактабҳои олӣ* пурра фоида бурдан ба гардани як *муаллими мактаби* ибтидоии кӯҳсор ва деҳот намеафтода бошад. Аммо дар ҳақиқат ин тавр нест, дар ҳақиқат масъулияти аз ҳама вазнинтар ба гардани *муаллимони мактаби ибтидоӣ* меафтад. Зеро *аспирантҳо* аз байни *студентҳои мактабҳои олӣ* мерасанд, *студентҳо* бошанд, аз байни *талабаҳои мактабҳои куҳна* мебароянд ва *талабаҳои мактабҳои миёна* вақте қобили студентӣ мешаванд, ки *мактаби ибтидоӣ* ва *ҳафтсола* вазифаи худро адо карда бошад».

Аз муқоисаи матнҳои мақолаҳои С. Айнӣ, ки дар солҳои гуногун таълиф шудаанд, маълум мешавад, ки як миқдор калимаҳои иқтибосии арабӣ, аз қабили *танвир*

(мунаввар кардан, равшан *намудан. Танвири афкор* – маьрифат, маориф*), мутааддид* (сершумор), *музояқа (*душворӣ*), лаҳву лааб* (лаҳвиёт – бозӣ, вақтгузаронӣ), *мисдоқ* (маъно), *маҳд* (гаҳвора, иқоматгоҳ, оромгоҳ), *зоил* (нобуд, маҳв, фонӣ, нопадид, сокит) ва ғайра чун унсурҳои луғавии аз фаҳму шуури мардум дур ба эҳтиёҷоти замони навин ношоям тадриҷан аз забони мақолаҳои С. Айнӣ нопадид гардиданд. Дар ин бобат Н. Маъсумӣ менависад: «Дар ҳақиқат агар дар ҷараёни ҳазорсолаи забони адабии тоҷик беҳадду ҳисоб дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ давом карда бошад, аз ибтидои асри ХХ ҷараёни аз унсурҳои номафҳум ва нодаркори арабӣ тоза кардани забони адабии тоҷик сар шуда буд» [6,216].

Исмҳои дар шакли ҷамъбандии арабии шикаста, ба мисли *макотиб, муаллимин, мадорис, атфол, авоил* ва ғайра низ аз истеъмол баромада, ҷойи онҳоро шаклҳои ҷамъбандии тоҷикӣ: *мактабҳо, муаллимон, мадрасаҳо, тифлон, аввалҳо* гирифтаанд. Аз қабили *«масъалаҳои муҳима», «аҳамми матолиб»* ва ғайра низ дар шакли тоҷикии *«масъалаҳои муҳим», «аҳами матолиб»* ба кор рафтаанд.

Агар андаке сустӣ ва *мусоҳила* ба кор равад, Тоҷикистон аз 25 варақи табъи *Маскав* маҳрум хоҳад монд [4,1925].

Дар фаъолияти минбаъдаи публитсистию адабии С. Айнӣ ворид шудани истилоҳоти русӣ ё байналмилалӣ аз рӯйи талаботи сиёсати пешгирифтаи ҳокимияти ҳамондавра, фишори ошкорои забонҳои бегона ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Чунин вазъияти муҳити сиёсию давлатдории онзамона С. Айниро водор намудааст, ки ба ҷойи истилоҳот ва калимаю таъбирҳои маъмули тоҷикӣ ё арабизмҳои тоҷикишуда калимаю таъбирҳои бегонаро ба кор барад. Далели ин гуфтаҳо мактуби С. Айнӣ аст, ки ҷавобан ба эроди муқарризи «Луғати нимтафсилӣ» Е. Э. Бертелс навишта буд.

Устод Айнӣ калимаҳои русӣ ва интернатсионалиро дар эҷодиёташ истифода намебурд ва ҳатто дар луғатномааш бори аввал калимаҳои русиро ҷой надодааст. Як сабаби қабул нашудани луғатномаи С. Айниро Е.Э. Бертелс дар набудани калимаҳои советӣ ва интернатсионалӣ донистааст. Ӯ инчунин дар ҳамон мактуб навиштааст: «Дар луғати Шумо бо он ҳама сарват, ки дорои он ҳаст, калимаҳои советӣ ва интернатсионалӣ ҳеҷ ёфта намешавад. Агарчи ман сабабашро мефаҳмам, агар ин китоб дар ҳамон шакли ҳозирааш аз чоп барояд, баъзе танқидчиёни мӯшикоф як ҳаёҳуе хоҳанд баровард, ки он сараш нопайдо хоҳад буд. Хоҳанд гуфт, ки шумо мухолифи дохил кардани чунин калимаҳо дар забони адабии тоҷик ҳастед [5,37]. Устод Айнӣ пас аз мактуби Бертелс дар эҷодиёти худ, хусусан дар мақолаҳои публитсистиаш калимаҳои русиро хеле зиёд кор фармудааст. Шояд сиёсати давлати шӯравӣ ба С. Айнӣ таъсир кардааст, ки чунин истилоҳҳоро (Москва, студентҳо, аспирантура) ба кор бурдааст.

Ҷиҳати фарқноки дигаре, ки дар ин муддат дар мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ба миён омадааст, ба вуҷуд омадани истилоҳоти нави соҳаи маориф, аз назири *Вазорати маорифи Тоҷикистон, мактабҳои ибтидоӣ, ҳафтсола, миёна, олӣ, талаба* ва ғайра аст.

Дар матни боло вожаи арабии *шуруф (4м)* маънои ба наздикӣ чоп шудани китобҳоро мефаҳмонад.

Дар мақолаҳояш нависанда калимаҳои *аҳам (2м)* ва *масоилро (7м)* кор фармудааст:

Сабаб ҳамин буд, ки масъалаи Шарҳ дар байни ҷаҳонгирон аз *аҳами масоил* ба шумор мерафт.

Бинобар ин, ба *шуъбаҳои маориф* ва ҳамаи *маорифхонаҳо* лозим аст, ки ин *масъаларо* аз ҳамаи *масоил аҳамтар* дониста, як қисм

китоби мактабии узбакӣ ва форсиро ҳозир намоянд.

Аҳам – муҳимтар, заруртар, муҳимтарин, заруртарин (10,116).

Маорифхонаҳо-муассисаҳои таълиму тарбия.

Устод Айнӣ барои гурез аз такрор аввал калимаи умумиистеъмоли *масъаларо* истифода кардааст ва бори дуюм *масоил* гуфтааст. Калимаи *аҳамтар* бошад, ба маънои *муҳимтар* омадааст ва, чунон ки аз муқоисаи ин ду матн маълум мегардад, аввал *аҳами масоил* ва баъд *«аз ҳама масоил аҳамтар»* гуфтааст.

Ҳангоми таҳрири матн устод Айнӣ бо мақсади таъсирбахш шудани гуфтаҳояш маҳз аз ҳамин гуна калимаҳои муътадилмаъно чашм пӯшида ба ҷойи онҳо таъбирҳои арабии дар байни мардум серистеъмолро истифода кардааст:

Агар андаке сустӣ ва *мусоҳила* ба кор равад, Тоҷикистон аз 25 *варақи* табъи Маскав маҳрум хоҳад монд. *Мусоҳила (1м) // мусоҳилат. 1. нармӣ, мулоиматӣ, сустӣ;*

2.бепарвоӣ намудан, бедиққатӣ кардан; дониста сустӣ кардан дар коре; осон пиндоштан, саҳлгирӣ [10,574].

Инчунин дар ин матн истилоҳи дар ҳамон замон маъмул-*варақ* истифода шудааст, ки имрӯз *ҷузъи чопӣ* ном гирифтааст.

Дар матни овардашуда калимаи *мусоҳилаи* арабӣ, ки дар фарҳанг *нармӣ, мулоиматӣ, сустӣ* шарҳ дода шудааст, омадааст.

Дар матни зерин низ калимаи арабии *аглаб,* ки муродифи тоҷикии он *бисёр* аст, истифода шудааст:

Баъд аз аҳди амир Темур ҳам *аглаб* замини Бухорои Шарқӣ мустақил буд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳам ин калима бо се муродифи он шарҳ дода шудааст: *Аглаб (2м)* – бисёр, бештар, аксар [10,111].

Дар забони адабии ибтидои асри ХХ дар наср равияи соданависӣ, тарзи дурусти ҷамъсозии арабӣ нисбатан кам дида мешавад. Ин аст, ки кор фармуда шудани шаклҳои ҷамъи муқассири арабӣ, мисли *авоил, ашхос, автон, машогил, дувул, мадорис, макотиб, асокир* ва ғайра дар насри Айнӣ ва дигарон ҳамчун давоми хеле сустшудаи истеъмоли анъанавии қоидаи ҷамъсозии арабӣ дар забони тоҷикӣ зоҳир мегардад [2,321).

Лекин ба назари таҳқиқ бингарем, авлоди Туркистон аз ин *макотиб* ба қадри гумони халқ ба орзуи ҳукумат баҳраманд нагардиданд.

Дар матни зерин шакли ҷамъи арабии калимаи *аввал-авоил* оварда шудааст:

Дар *авоили* инқилоб бинобар ҷангҳои хонагӣ ҳуҷумҳои хориҷӣ ва туғёнҳои босмачӣ шиори муқаддас дар Осиёи миёна ба амал наёмад.

Монанди ин дар матни зерин низ *таъбя* (3м) истифода шудааст, ки маъноҳои ҷой додан; ҷойгирӣ; ба ҷанг тайёр карданро дорад [10,437]:

Амир Музаффар баъди ҷаҳонгирии русӣ мағлуб шуд ва ба мазмуни... масали ӯзбак амал карда Шарқи Бухороро ғасб ва Деҳнавро зеру забар карда *таъбия* намуд.

Дар ин ҷо С. Айнӣ феъли таркибии умумиистеъмоли *ҷойгир карданро* сарфи назар намуда, аз калимаи арабии *таъбия* феъли «*таъбия намудан*» сохтааст, ки ҳоло дар забони тоҷикӣ умуман истифода намешавад. Барои мардуми одӣ фаҳмидани маънои ин гуна калимаю таркибҳо хеле душвор аст.

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар матбуоти даврӣ ин гуна иқтибосоти арабӣ мушоҳида мешаванд, ки ҳатто зиёиён бе истифодаи луғат маънои онҳоро намефаҳманд.

Дар он замон, ки С. Айнӣ ба рӯйи кор омада, нахустин мақолаҳояшро дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои башумори он давра дарҷ мекард, на танҳо забони рӯзноманигорӣ ба як меъёри муайян ворид нашуда, балки дар атрофи забони адабии тоҷикӣ баҳсу мунозираҳо оғоз ёфта буд. Табиист, ки дар нигоштаҳои С. Айнӣ ҳам унсурҳои луғавии бегона ба кор рафтаанд:

Тоҷикистоне, ки аз *фунуни ҷадида* ва аз таърихи олам, аз *муҷоҳада* ва муборизаи *сунуф* ва *билҷумла* аз тамоми *вуқуоти* дунёи куҳна ва нав *билкуллия* бехабар буд, бояд ба воситаи *макотиб* огоҳӣ ёфта ба майдони инқилоб як наслӣ расонад.

Дар ин матн калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки дар шаклҳои ҷамъи солим *(вуқуот)* ва шикастаи арабӣ *(фунун, сунуф, макотиб)* омадаанд ва иқтибосоти дигар, ки дар шаклҳои гуногун: *ҷадида (5м), муҷоҳида (2м), муборизa (23м), билҷумла(4м)* ва *билкуллия (2м)* омадаанд, ба равшан дарк намудани мазмуни ҷумла барои хонандаи имрӯза мушкилӣ эҷод мекунанд.

Ҷамъи шикаста бо роҳи тағйири сохтори овозии дохили калима сохта мешавад. Ҷамъи шикастаи арабӣ қоидаи махсуси сохтан надорад. Аз ин рӯ хонандаро лозим меояд, ки ҳам шакли танҳо ва ҳам шакли ҷамъи шикастаи калимаро дар ёд нигаҳ дорад [5,86]. Дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда ҷамъи шикаста нисбат ба ҷамъи солим бештар аст.

Дар матни зерин С. Айнӣ ба ҷойи калимаи тоҷикии *сиёҳнавис мусаваддаро* (1м) кор фармудааст, ки дар он вақт шояд умумиистеъмол будааст. Калимаи иқтибосии *мусаввада* дар луғат *когази сиёҳнавис кардашуда, сиёҳнавис* маънидод шудааст [10,748].

Ҳоло ба ҷойи *мусаввада* калимаи тоҷикии *сиёҳнависро* кор мефармоянд:

Мактубҳоро худи қозӣ *мусаввада карда* медод; Тобам нест, бинобар ин *мусаввада* карда дода наметавонам.

2. Калимаю истилоҳҳои иҷтимоию сиёсӣ дар мақолаҳои С. Айнӣ фаровон кор фармуда шудаанд. Сабаби ин ба воқеаҳои сиёсию иҷтимоии он давра, ки мардуми тоҷик аз сар мегузаронидaнд, вобаста аст. С. Айнӣ ба он ҳамаи воқеаҳое, ки дар ҷумҳурии тозабунёд рӯй медоданд, бетараф истода наметавонист. Ба ҳар падидаи

зиндагии нав ҳамовозӣ мекард, рӯйдодҳои номатлубро бо хашму ғазаб маҳкум менамуд. Дар байни калимаю истилоҳоти сиёсию иҷтимоии он давра, ки дар забони расонаҳои хабарӣ хеле серистеъмол гардида, обуранги рӯҳияи инқилобӣ пайдо карда буданд, аз қабили *инқилоб (186м), анҷуман, ҷумҳурият, иштирокиюн (16м), фирқа (108м), аксариюн (3м)* ва ғайра истилоҳоти сиёсӣ, ба қавле, *«зебу ороиши сиёсии»* нигоштаҳои аҳли қалами он замон шуда буданд.

Чунончи, устод Айнӣ дар мақолаҳои худ ҳар як калимаи иқтибосии арабиро хуб санҷида, дар ҷойи мувофиқаш кор мефармуд. Аз он ҷумла, калимаи *аҳдро (19м)* дар матни зерин ба маънои *замон* ва *давр* истифода кардааст. Инчунин калимаҳои *тасаллут (2м)* ва *мустабид (32м)* низ ба назар мерасанд, ки дар фарҳанг чунин тафсир шудаанд:

«*Тасаллут*-зердаст кардан, ҳокимият, ҳукмронӣ, дастёбӣ» [27,335].

Дар *аҳди* амирони манғития Бухоро ва Бухорои Шарқӣ ба осонӣ ба *тасаллут*и манғития сар фуруд наёвард.

Муаллиф дар ин маврид калимаи *тасаллутро* ба маънои *Ҳокимият,* яъне «Бухорои Шарқӣ ба осонӣ ба *Ҳокимияти* манғития сар фуруд наовард» истифода кардааст. Калимаи *мустабид* бошад, дар фарҳанг ба ду маъно омадааст:1. *истибдодкунанда, худсар, худрой; 2. ҳокими мутлақ* [10,755].

С. Айнӣ дар ин ҷо калимаи арабии *мустабидро* бо як ҳисси бадбинӣ истифода кардааст, ки маънои *худсар ва худрой* дорад ва нависанда истифодаи маҳз ҳамин калимаро ҷоиз донистааст, зеро нисбат ба *худсар* ва *худрой* калимаи *мустабид* дар он давра таъсирбахштар буд:

Ҳангоме ки ранҷбарони Русия алами инқилобро бардошта моро аз асорати панҷоҳсолаи ҳукумати *мустабид*а халос кардаанд,…мо тамошобинӣ мекунем, мо ҳанӯз ин ҳама сели инқилобро абри даргузар, ин ҳама шӯру ғавғоро талотуми ҳавоии айёми баҳор мепиндорем.

Калимаи *ирқ*, ки дар мисолҳои зерин оварда шудааст, калимаи арабӣ буда, дар байни тоҷикон низ як андоза мустаъмал гардидааст. Дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда ҳамагӣ 8-маротиба истифода шудааст, вале маънои онро на ҳамаи мардум ба осонӣ фаҳмида метавонанд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» *ирқ* чунин шарҳ ёфтааст: 1. раги бадан; 2. раги хешӣ, мансубият, хешию таборӣ, қавму хешӣ [10,19]:

Таъсири ин маданият буд, ки ҷаҳонгири бузург, Темури Курагон, бо вуҷуди ин ки *ирқан* турк буд, «Тузуки темурӣ»-ро ба тоҷикӣ навишт. Мақсади ин ҷамъият, чунон ки аз номаш маълум аст, дар бораи таърих, *ирқ,* урфу одат, забон ва луғат, ҷуғрофӣ ва адабиёти тоҷик тафтишот ба кор бурдан аст.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Айнӣ ба воситаи калимаи арабии *ирқ,* ки маънои *хешию таборирo* дорад, дар матни мақолаҳояш истифода карда, инчунин ба воситаи пасванди «*–ан*» шакли сохтаи *ирқанро (2м)* ба кор бурдааст. Хусусияти калимасозӣ пайдо кардани калимаҳои иқтибосии арабӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин унсурҳои луғавии бегона ба забонамон дохил шуда, як дараҷа ҳазм шудаанд, яъне нишонаҳои тоҷикӣ пайдо кардаанд:

ҳукукмати Шӯрой ба ҳар миллат ва қавм, хусусан ба касоне, ки мисли тоҷикон зиёда *фақир* ва пасмондаанд, ҳар вақт раҳнамойӣ кунад.

Дар ин матн истилоҳоти *ҳукумат (241м), шӯро (295м), миллат (44м), қавм (50м)* иқтибосоти сиёсӣ буда, дар забони матбуоти солҳои бистуму сиюми асри гузашта хеле серистеъмол шуда буданд. Аз нимаҳои дуюми солҳои сиюм калимаи *шӯро* ба иқтибоси русии *совет* ва сифати нисбии *шӯрой (шӯравӣ*) бо *советӣ* иваз карда шуд. Калимаҳои дигари дар матни боло ишорашуда мафҳумҳои муҳити зиндагиро ифода мекунанд. Аммо сифати *фақир* ва исми *фақирон* ҳамчун муродифи тоҷикии *камбағал* ва *камбағалон* аз ҷумлаи суханони маъмули иҷтимоии забони рӯзномаву маҷаллаҳои он давра шуда буданд:

Калимаи *фақири* арабӣ дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маъноҳои камбағал, қашшоқ, нодор, муҳтоҷ, он ки фақат дорои қути лоямут мебошад; муқобили ғанӣ омадааст: [10,428].

Калимаи *фақир* низ дар байни мардуми тоҷик ҳазм гардидааст ва ба ҷойи муродифҳои арабию тоҷикиаш, ба монанди *қашшоқ, нодор, муҳтоҷ* ва ғайра бештар истифода мешавад. Дар мақолаҳои С. Айнӣ калимаҳои *фақир 17м. фуқаро 25* маротиба ва *фақирон 4м.* истифода гардидаанд. Ба ин маънӣ муҳаққиқ С. Қаландаров дар монографияи худ қайд мекунад: «Баъзе калимаҳои ҷамъи шикастаи арабӣ, ки бо қонунҳои дохилии инкишофи забони тоҷикӣ мувофиқати пурра надоштанд, бо ду шакл:

ҳам ба шакли шикаста ва ҳам бо пасванди тоҷикии-*он* сохта шудаанд. Масалан *фақирон // фуқаро, тифлон // атфол* ва ғайра» [5, 89].

С. Айнӣ дар мақолаҳояш калимаи *тифлро* дар шакли ҷамъи шикастаи арабӣ – *атфол* 32 маротиба ва дар шакли ҷамъи тоҷикӣ –*тифлон* 5 маротиба истифода кардааст. Аз басомад бармеояд, ки дар забони матбуоти солҳои бистум шакли ҷамъбандии шикастаи арабии ин калима маъмул будааст.

Дар матни зерин истилоҳи арабии *қавм(50м)* истифода гардидааст, ки ҳоло дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида, тамоми мардум маънои онро чун калимаи тоҷикӣ фаҳмида метавонанд:

Маълум аст, ки асоси тараққӣ ва тамаддуни ҳар миллат ва *қавм вобаста бар* маориф ва макотиб аст.

қавм – 1) мардуми як маҷалла, гузар ва ё деҳа, ки дар як масҷид ва аз паси як имом намоз мехонанд; 2) тоифа, қабила, халқ, мардум [10,663]. Дар ин ҷо С. Айнӣ қавмро ба маънои дуюм истифода намудааст.

Истилоҳи қавм дар солҳои бистуми саддаи гузашта аз ҷумлаи истилоҳоти серистеъмоли забони матбуот башумор мерафт. Бинобар ин дар мақолаҳои дар мавзӯъҳои сиёсию иҷтимоӣ навиштаи С. Айнӣ бисёр корбурд шудааст. Баъдтар нуфузи истеъмоли он камтар шуд. Ва ба ҷойи он истилоҳи «миллат» серистеъмол гардид.

Чунон ки мебинем, С. Айнӣ ин феълро (вобаста бар) бо пешоянди *бар* кор фармудааст, на бо пешоянди *аз.*

Ба ин маънӣ М. Шакурӣ чунин мегӯяд: «Дар навиштаҳои ҳозира – чи дар матбуоти ҷорӣ ва радиову телевизион, чи дар адабиёти бадеӣ бо пешоянди *аз* омадани калимаи *вобаста* расм шудааст: Бахти ҳар кас *аз* худаш *вобаста* аст.

Бояд гуфт, ки дар ин гуна мавридҳо фақат бо пешоянди *ба* омадани *вобаста* дуруст аст, аммо бо пешоянди *аз* омадани онро дуруст шумурдан ҳаргиз мумкин нест. Чаро ки *вобаста* аз феъли *бастан* аст ва ҳол он ки *бастан* бо тоҷикӣ пешоянди *ба* талаб дорад: одтан чизеро ба чизе мебанданд, аммо чизеро аз чизе бастан дар забони мо нест. Пас ҷумлаи болоро ба ин тарз ислоҳ кардан лозим аст: «Бахти ҳар кас *ба* худаш *вобаста* аст» [11,248].

Чунонки дар матни боло ишора кардем, вобаста ба тағйири ҳаёти ҷамъият як миқдор калимаҳои арабӣ маънои сиёсӣ гирифта, ба лексикаи фаъоли забони адабии тоҷикӣ дохил гардиданд: *ҷумҳурият, шӯро, фирқа* бо ёрии воситаҳои морфологии забони тоҷикӣ аз онҳо як қатор калимаҳои нав сохта шуда буданд: *фирқавӣ, фирқагӣ, бафирқадорӣ* ва ҳоказо [4,25].

Эшон ба ҷойи он ки қадри ин неъмати ғайри *мутараққиба*ро (1м)*(гайричашмдошт*) дониста ба Ҳукумати Шӯроии Русия ҳампойӣ намуда, ҳуҷум ва фишори давлати императории Русия ва *соири* давлатҳои империёлистиро аз хотир набароранд, ба иғвои ду-се нафар сарватдорони худ ба найрангҳои давлатҳои ҷаҳонгири дунё фирефта шуда, ба Инқилоби Кабири Русия кӯрнамакӣ карда ҳуҷум намуданд.

Дар матни овардашуда калимаи *соир* (50м) истифода шудааст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ду маъно омадааст: *Соир* – 1. дигар, боқимондаи чизе, соири дигар; боқӣ, боқимонда. *Соир* – 2. 1. сайркунанда, раванда, 2. машҳур, шоеъ [10, 257]. Дар С. Айнӣ ба маънои якум кор фармуда шудааст.

3. Хусусияти забони матбуот аст, ки дар марҳалаҳои муайяни рушди ҷомеа як миқдор истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ серистеъмол гардида, сарбории маъноии мусбат ё манфӣ пайдо мекунанд. Чунончи, дар ифодаи табақаи камбизоати ҷамъият истилоҳи *камбагал, фақир, қашшоқ, побараҳна, кулак, бой* дар шакли ҷамъ: *камбагалон, заҳматкашон, фақирон (фуқаро), қашшоқон, побараҳнагон, кулакҳо, боён* аз ҳамин гуна табақаҳои ҷомеаи он давра ба шумор мераванд. Ҳамин сарбории мусбат ва манфии чунин истилоҳоти иҷтимоии он давра дар мақолаҳои С. Айнӣ ҳам барҷаста ифода ёфтааст.

Қисмати зиёди иктибосоти арабӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардум далолат мекунанд: *қиём (19м), масоил (7м), савқ (3м), татабӯъ (2м), восил (2м), биззот(6м), нофеъ (2м), аъзам (2м), вуқуф (2м), фавқ (2м), авқот (1м)* ва ғайра.

Баъд аз *татабӯъ* ва заҳмати бепоён ба ёрмандӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи дӯстон ин маҷмӯа ба поён расид. Лекин ба ин ҳама саъю кӯшиши нигоранда ва сарфи *авқот* ин китоб ғайр аз маҷмӯаи намунаҳои адабии ҳазорсола будан дигар *мазият* надорад.

Татабӯъ – 1. аз пайи чизе рафтан, ба талошу кӯшиш ба талаби чизе рафтан; ҷустуҷӯ кардан; 2. тадқиқ, тадқиқ кардан; тобеӣ, тобеъ шудан; пайравӣ [10,638].

Авқот – *ч. вақт [10, 637].*

Мазият (1м) – афзалият, бартарӣ [10, 621].

Дар матни боло калимаи *татабӯъ* ба маънои талошу кӯшиш омада, калимаи *авқот* бошад, ҷамъи вақтро мефаҳмонад. Калимаи «татабӯъ» бо «заҳмат» ҳамроҳ омадааст. Аз маънои «заҳмат» пай бурдан мумкин аст, ки «татабӯъ» ба маънои амале мисли кӯшишу коре далолат мекунад.

Баробари калимаҳои арабии заҳмат, ҳусн, таваҷҷуҳ, маҷмӯа, саъй, сарф, китоб, ғайр, адаб, ки дар забони тоҷикӣ кайҳо ҳазм шудаанд, аз қабили татабӯъ, – калимаҳое истифода шудаанд, ки дар забон камистеъмол буда, ба ҳамаи хонандагон фаҳмо нестанд.

Дар матни зерин калимаи *восил* омадааст, ки маънои он на ба ҳамагон маълум аст:

Восил – расанда, фарорасанда, васлшаванда, пайвастшаванда, пайваста, васлшуда [8,242].

Қувваи инқилобӣ ҷаҳонро умуман ва озодии ҷаҳони Шарқро хусусан лозим аст, ба васиятҳои Ленин амал намоянд ва дастурамалҳои ӯро ба кор баранд ва аз хати ҳаракатҳои ӯ набароянд, то ки ба мактабе, ки озодист, *восил* шаванд [1,82].

Аз шарҳи маънои «*восил шудан*» аён аст, ки он дар забони тоҷикӣ вожаҳои ҳаммаънои зиёде дорад. Ҳатто феъли «*васл шудан*», ки ҳиссаи номии он бо «*восил*» ҳамреша аст, мафҳуми амалро возеҳ ва фаҳмотар ифода мекунад.

... ҳамин қадар муомилаи амир ва хонҳо, ки ҳақиқатан ба чизе намеарзид, ҷавононро ба сӯйи адабиёт *савқ* мекард [1,92].

Савқ кардан – рондан, рониш [8,117].

Дар ин ҷо низ *савқи* арабӣ маънои ба сӯйе ронданро дорад [8,117].

Лекин агар дар ин кор мардум *бизот* иштирок намоянд, ба осонӣ ба матлаб хоҳем расид [1,62];

Ба ҳар ҳол ин қабил курс аз курсҳое, ки дар соли нуздаҳум ва бистум барои ӯзбакон дар Самарқанд кушода шуда буд, *нофеъ* ва самарадортар хоҳад шуд [1,69].

Нофеъ – фоиданок, судманд, манфиатнок, бофоида [8,873]. Дар матнҳои боло калимаҳои *бизот* ва *нофеъ* истифода шудаанд: *Бизот* – аз рӯйи ҳастию моҳият ва нафсу табиат; аслан [8,183*]***. Нофеъ*** – фоиданок, судманд, манфиатнок, бофоида[8, 873].

Лекин ин ҳам бояд аз хотир бароварда нашавад, ки барои самарадор шудани курс ба диққат қабул кардани шогирдон аз *аъзами* шартҳост [1,69].

Дар ин ҷо С. Айнӣ *аъзами шартҳо* гуфта бузургтарин корро дар назар дорад, *аъзам* – азимтар, бузургтар, калонтар аст [8,110].

Дар матнҳои зерин калимаҳои *филҷумла*, *вуқуф, фавҷ* ва *ақд* истифода шудаанд, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ҳам гоҳ-гоҳ истифода мешаванд:

Ҳар китобе, ки барои Тоҷикистон тартиб меёбад, бояд дар Самарқанд ва Бухоро бо иштироки касоне, ки *филҷумла* ба маишат, одат, ислоҳоту шеваи тоҷикон *вуқуф* доранд, тартиб ёбад [1,85].

Филҷумла – 1. ҳосили калом, хулласи калом, хулоса; 2. умуман, ба таври умумӣ; ба ҳар сурат, ба ҳар ҳол [5;43]. *Вуқуф* – 1. ист, даранг, таваҷҷуҳ; 2. огоҳӣ, хабардорӣ, бохабарӣ [8,246].

Дар забони адабии китобии тоҷикӣ пешоянди *фӣ*- аз асрҳои миёна то ибтидои солҳои бистуми асри ХХ дар истеъмол буд [5,147]. Чунончи, дар осори Ҳофиз, Ҷомӣ ва Бедил низ ба назар мерасад:

Филҷумла эътимод макун бар саботи даҳр,
К-ин корхонаест, ки тағйир мекунанд (Ҳофиз).
Вуҷуди сояву хуршед *филҳақиқат* як (Ҷомӣ).
Филҳақиқат чӣ шоҳ, к-ӯ дарвеш,
Ҳар киро исм беш – иззат беш (Бедил).

Филҷумла дар мақолаҳои солҳои 20-уми С. Айнӣ 5 маротиба истифода шудааст.

Дар воқеъ Туркистон дар ин чаҳорсолаи инқилоб хеле муассисаҳои илмӣ ва соҳиби *фавҷҷо, муаллим ва мутаалим* гардид [2,58]. *Фавҷ* (2м) – 1. даста, гурӯҳе аз мардум; дастаи муайяни лашкар [8,404].

Бо вуҷуди ин дар *аҳди* подшоҳони мустабиди Шарқ, *билхоса (5м)* дар замони амир ва хонҳои охирини Бухоро ва Туркистон, аҳли қалам, чунон ки бояду шояд, қадру эътибор наёфтанд [1,91].

Дар ин ҷо С. Айнӣ бо мақсади гурез аз такрор як маротиба *аҳд* гуфта бори дуюм муродифи он-*замон*ро кор мефармояд. Калимаи арабии *аҳд* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба се маъно омадааст: *ваъда, шарт, паймон, қарордод, муоҳида (аҳди дуруст, аҳду паймон); маҷмӯи ихтиёр, тасарруф; замон, давр* тафсир шудааст [8,117].

Дар матни боло ба маънои *давр* омадааст. Калимаи *билхоса* як тарзи шаклсозии арабӣ ба воситаи пешоянди–*би* мебошад, ки дар боло низ бо – *фи филҷумла* сохта шуда буд.

Дар интиҳо муайян кардан хостем, ки ҳамасрони С. Айнӣ калимаҳои арабиро дар кадом сатҳ кор фармудааанд. Вобаста ба ин эҷодиёти яке аз поягузорони матбуоти тоҷик Сайидризои Ализодаро дида мебароем. Ҳангоми мутолиаи 5 мақолаи ин муаллиф чунин калимаҳои арабиро дучор омадем:

Муаҳҳара, маркази қалбӣ, марҷаун, равзаи муттаҳҳара, марбут, нуфус, масофатанасокир, англисҳои мудаббир, кунҳи ҳуррият, воҷиб, мухотара, аксариюн, муҷоҳидин, мутолиба, мутазалзил, маҳқур, машрӯъ, мустабид, эъдом, аглаб, зимом, госибони ситамгар, мутааллим, гасб, ҷароид, ҷадид, иҷтимоъ, иштирокиюн, фирқаи иштирокиюн, масоили фирқагӣ, тасвиб, иқдом, фосид, вукало, вазоифи лозимулиҷро, камоҳувваҳаққуҳу, фавҷҳои сурх, ашхоси муфсид ва муфаттин, танвир, муаллим, муаллимин, мувоҳот, ҷаҳолат, миллали мухталифаи олам, мулоҳиза, қавм, муқаддар, иттиҳоз, мунозиа, мунҷар, ихтилоф, тазарруан [10,29 – 44].

Аз калимаҳои арабии дар ин матн истифодашуда дар мақолаҳои С. Айнӣ танҳо вожаҳои *аксариюн, муҷоҳидин, мустабид, госибон, мутааллим, ҷадид, иҷтимоъ, иштирокиюн, фирқаи иштирокиюн, масоили фирқагӣ, фавҷҳо, танвир, муаллим, муаллимин, қавм* дида мешаванд. Аз ин муқоиса ба хулоса омадан мумкин аст, ки С. Айнӣ нисбат ба С. Ализода аз калимаҳои арабӣ камтар истифода кардааст ва забонаш нибат ба ӯ содатар аст.

Муаллифи «Сабкшиносӣ» Муҳаммад Тақии Баҳор дар хусуси аввалин иқтибосот дар давраи пас аз истилои арабҳо ба Осиёи Миёна ва Эрон ба забони дарӣ сухан ронда, қайд мекунад, ки: «танҳо луғоте, ки форсӣ надошта ва луғоти идории арабӣ ва баъзе муродифот, ки дар нигориш ба кор меомад ё ба дарди қавофии шеър мехӯрад ва ё луғоти кӯтоҳ ва фасеҳи арабӣ, ки дар баробари он луғоти дароз ва ғайрифасеҳи форсӣ будааст, дохили адабиёти форсӣ шуд». Дар ин ҷо ба «луғоти кӯтоҳ ва фасеҳ» гуфтани муаллиф ба пуррагӣ розӣ мешавем [5,103], зеро дар байни калимаҳои иқтибосии арабии дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва мақолаҳои С. Айнӣ ба кор рафта низ калимаҳои душворфаҳм, ки дар зер оварда мешаванд дар забони тоҷикӣ мавқеъ пайдо накардааанд. Онҳо ё дар эҷодиёти ин ё он нависанда як-ду маротиба ба кор рафтаанд ё давраи муайяне дар забони тоҷикӣ будааанду бас.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи истеъмоли калимаю истилоҳоти иқтибосии арабӣ дар асари ёддоштии Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» ва дар мақолаҳои С. Айнӣ дар поён чанд порчаи асари мазкурро интихоб намуда, калимаҳои иқтибосии арабии онро бо калимаҳои арабии матни чанд мақолаи дар солҳои 20-ум таълифнамудаи С. Айнӣ муқоиса менамоем:

«Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш:

Лобуд, бидоят, рубъи маскун, барр мусаллам, софӣ ва бенизоъ, ҷанби охирати бениҳоят, манозеъ, ҳақир, тақрир, мустаор, раоё, қозиюлқуззот, муқтазо, тавозӯъ, интизори арбоби ҳоҷат, нофила, аврод ва азкор, навофил (с.40.)

Таваҷуъ, талатуф, аозими мақом, истишора, мавоҷиб, умури мулкӣ, мушоварат, манофеъ, раъйи султон, масун, камоҳия, бисоти қурб, умури азима, эҳтимом, ҷалоили умури салтанат, таҷвиз, заъм, гавр, маҳалли дахли вилоят, мутаҳаққиқ, рафъат, муҷиб, маар раият, кумош, хазоин маъмур гардад (с.56).

Тафаррус, илтифот, истимтоъ, хуфия, билҷумла, иртифоъ, муҳил, авқот, мунаббат, дакокин, анвои амтиа, ақмиша, байъу ишро, мавқуф, анфия, қубайл, ишоъ, тавф, мусалло, издиҳом, алалфавр, маскунин, сутур, музоҳим, мулоқӣ, магмум, ҳулӣ, ҳалал, мофавқ, мутасаввир, қадҳ (с.112).

С. Айнӣ

Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дод? (*1919*)

Лузум, маҳкум, ҷаҳолат, завол, фосид, баъи ҷоизи шарътӣ, ирқ, рафоҳи ҳол, танвири афкор, тадохул, базлӣ, тазминот, тарқим, мултафит, изъофан, музоифатан, афиф, маъмула, мусрифона, музмина, нофеъ, ҷиргаи миллаи мухталифа (1.37).

Қавми тоҷик ва рӯзнома (*1921*)

Мазбӯҳона, эҳтизор, аҳами масоил, эҳма, ихтилол, мусиран (1.65).

Масъалаи маориф ва китоб *(1924)*

Музокира мубоҳиса, аъзами шартҳо [1,6].

Аз муқоисаи саҳифаи аввал, мобайн ва охири асар маълум мешавад, ки Аҳмади Дониш барои наздик кардани забони адабӣ ба забони халқ то андозае майл намудааст. Бо вуҷуди он забони асари Донишро чандон содаю оммафаҳм гуфтан мумкин нест, вале кӯшишҳои истилоҳпарастии ӯ доир ба забон дар он давра қадами ҷиддие ба пеш буд. [5,91].

Азбаски «Наводир-ул-вақоеъ» асари ёддоштию таърихист дар он истифодаи калимаҳои арабӣ мувофиқи талаби замон аст ва зиёд истифода шудани калимаҳои арабӣ ба ҳамин вобастагӣ дорад.

Аз ин муқоиса ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар замони С. Айнӣ истифодаи иқтибосоти душворфаҳми арабӣ аз байн рафта, ягон-ягон калимаи ба омма нофаҳмо дар мақолаҳои минбаъдаи С. Айнӣ дида мешаванд.

Хулоса, назари С. Айнӣ ба масъалаи муносибати забони адабии тоҷик бо забонҳои дигар, иқтибоси калима ва покизагии забони адабии тоҷик аз ибтидои фаъолияти илмӣ, публитсистӣ ва адабиаш якмаром намондааст. Дар мақолаҳои публитсистиаш дар истеъмоли калимаю истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз тақозои сабки маъмули нигориши ибтидои асри гузашта канор нарафтааст. Дараҷаи истеъмоли калимаю истилоҳоти арабӣ дар мақолаҳои ӯ ба мисли қаламкашони дигари ҳамондавра будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. – Душанбе: Ирфон, 1991.
2. Энсиклопедияи насри тоҷику форс.- Душанбе, 2010.
3. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо.– Душанбе: Ирфон, 2007.
4. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳ.Карим.– Душанбе: Ирфон, 1977.
5. Қаландаров. С. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ» -и Аҳмади Дониш. – Душанбе: Олами китоб, 2010.
6. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1976.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. -Сталинобод, 1959.
8. Назарзода С.Ташаккули истилоҳоти ҷамъиятиву сиёсии забони тоҷикӣ дар асри ХХ . – Душанбе, 2004.
9. Саидризои Ализода. Маслаки мо ҳаҷ. – Душанбе: Эҷод, 2007.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М.: Советская энциклопедия, 1969
11. Шакурӣ М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад. – Душанбе: Ирфон, 2005.

Маводи тадқиқот

1. Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст // Шуълаи инқилоб. 1920. – 6 июл.
2. Айнӣ С. Ба муносибати эълони Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон // Овози тоҷик. 1925. – 15 март.
3. Айнӣ С. Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ // Шуълаи инқилоб. 1921. – 21 сентябр.
4. Айнӣ С. Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии Тоҷикистон // Овози тоҷик. 1925. – 6 март.
5. Айнӣ С. Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон // Овози тоҷик. 1924. – 12 сентябр.
6. Айнӣ С. Инқилоби Ӯктабр ва олами Шарқ // Шуълаи инқилоб. 1921. – 7 ноябр.
7. Айнӣ С. Куллиёт ҷ. 1. -Душанбе: Ирфон, 1977.
8. Айнӣ. С. Кори тоҷикон гул карданист // Овози тоҷик. 1925. – 15 март.
9. Айнӣ С. Қавми тоҷик ва рӯзнома // Овози тоҷик. 1924. – 25 август.
10. Айнӣ С. Ленин ва Шарқ // Овози тоҷик. 1925. – 12 феврал.
11. Айнӣ С. Масъалаи маориф ва китоб // Шӯълаи инқилоб. 1921. – 1 август.
12. Айнӣ С. Масъалаи Шарқ // Шуълаи инқилоб. 1919. – 29 декабр.
13. Айнӣ. С. Матбуоти тоҷик // Овози тоҷик. 1926. – 6 сентябр.
14. Айнӣ. С. Масъалаи кадррасонӣ масъалаи таъхирнопаразир аст // Газетаи муаллимон. 1947. – 22 апрел.
15. Айнӣ С. Сайф ва қалам // Шуълаи инқилоб. 1920. – 17 июн.
16. Айнӣ С. Танвири афкор // Шуълаи инқилоб. 1919. – 7 декабр.
17. Айнӣ С. Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дод? // Шуълаи инқилоб, 1928. – 15 декабр.
18. Айнӣ. С. Ҳукумати Шӯроӣ такмил ёфт // Шуълаи инқилоб. 1920. – 7 феврал.

МЕСТО АРАБСКИХ СЛОВ В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ САДРИДДИНА АЙНИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению использование арабских слов в публицистических произведениях Садриддина Айни.

Ключевые слова: Садриддин Айни, публицистика, публицистические произведения, арабские слова, использование арабских слов в публицистических произведениях Садриддина Айни.

PLACE OF THE ARAB WORDS IN PUBLICISTIC WORKS SADRIDDINA AYNI

In this article the author subjected to consideration and studying use of the Arab words in Sadriddin Ayni's publicist works.

Key words: Sadriddin Ayni, journalism, publicistic works, the Arab words, use of the Arab words in Sadriddin Ayni's publicist works.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. Р.Сафаралиева*** –аспирантка Таджикского национального университета

МУРОДИФОТИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР НАСРИ Ӯ. КӮҲЗОД

Нигина Худоёрова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба ҷумлаи муродифоти фразеологӣ «ду ва зиёда воҳидҳои фразеологии аз бобати маънои фразеологӣ ба ҳам наздик ва сохти якхела дошта, ки бо обуранги бадеӣ ва мавқеи истеъмолӣ аз ҳам фарқ мекунанд» [2,55] дохил карда мешаванд.

Аз ин нуқтаи назар, масалан, ибораҳои **ба даҳон об гирифтан, лаб накушодан** бо маънои «хомӯш будан», ё ки ибораҳои **дил ба даст овардан, дил бастан** ва бисёр дигарҳо ба маънои «нагздидан» ба ҷумлаи муродифоти фразеологӣ дохил шуда метавонанд:

Тамом, бо ҳамин, гӯё ҳама **ба даҳон об гирифта** бошанд, хомӯш монданд (Роҳи паси ағба, с. 230). Вай **лаб накушода,** бо ҳаракати сару дастҳо ба хонаи дарун ишора кард (Роҳи паси ағба, с.333). Аммо **вай лаб накушода,** Рачаб чойи нимсарди пиёларо ҳурт кашиду таъкидан ба Вера гуфт (Роҳи паси ағба, с. 181). Гоҳ-гоҳе хобҳои хуш медид, ки бо духтараки хушрӯй шинос шуда, **дили ӯро ба даст овардааст** ва ин ягона воситаи хурсандиаш шуда буд (Роҳи паси ағба, с. 365). Ӯ худаш худашро пешакӣ бовар кунонида буд, ки ҳозир хеста, боодобона ин занро ба рақс даъват мекунад ва дар вақти рақс худро мешиносонад, албатта, зан зуд ба ӯ **дил мебандад** (Роҳи паси ағба, с. 364).

«Ҷиҳати муҳими воҳиди фразеологии синонимӣ ифодаи маъноҳои умумии ба ҳам наздики онҳост. Чунин ақидае, ки гӯё ду ва зиёда ифодаҳои синонимӣ як мафҳумро айнан ифода карда, дар матн якдигарро пурра иваз карда метавонанд, ба ҳақиқат дуруст намеояд» [2,56].

Муродифоти фразеологӣ бояд аз рӯйи сохтор бо ҳам мувофиқат намоянд. Таркиби фразеологӣ бо таркиби дигари фразеологӣ, ибораи фразеологӣ бо ибораи фразеологӣ ва ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҳамин гуна ҷумлаҳои дигари устувор муродиф мешаванд. Чунин муродифот аз бобати мувофиқати калимаҳои таркибии худ низ ба ҳам монандӣ доранд. Дар таркиби воҳидҳои фразеологии бо ҳам муродиф бештар чунин калимаҳое истифода шудаанд, ки ба як гурӯҳи лексикӣ шомил ҳастанд. Ҷузъҳои дохилии муродифҳои фразеологии худ, бештар аз калимаҳои ҳаммаъно ва ё аз бобати мазмун ба ҳам наздик ташкил ёфтаанд.

«Маҷмӯи воҳидҳои фразеологии ба ҳам синоним силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд. Дар силсилаи синонимӣ воҳидҳои фразеологии аз ҷиҳати обуранг ва мавқеи истеъмолиашон гуногун гирд меоянд. Хусусияти умумии ҳамаи фразеологизмҳои ба силсилаҳои синонимӣ дохилшаванда умумияти маъноӣ ва мутобиқи сохти онҳо аст» [56]. Ҳар як фразеологизми силсилаи муродифӣ аз воҳидҳои фразеологии дигари ҳамин занҷир бо образи худ бо ҷилваҳои нотакрори маъноии худ фарқ мекунанд. Аз ин ҷиҳат аз назар гузаронидани силсилаи муродифоти дар забони асарҳои ин нависандаи хушзавқ истифодашуда **ҷон додан, чашм пӯшидан, бандагиро ба ҷо овардан, ба макони абадӣ рафтан, рост ба ҷаннат рафтан, аз дунё рафтан, аз олам гузаштан, ба асфалас софилин фиристодан, барҳам додан, ба сари касе об рехтан, кори касеро тамом кардан, сари худро хӯрдан** ва бисёри дигарҳо, ки ба маъноии умумии «мурдан, ҳалок шудан» ба кор бурда шудаанд, мавриди диққат аст:

Ислом ҷояш ҷаннат шавад, домани як беваро дошта, гашт-гашту оқибат ба хонаву дар нарасида **аз олам гузашт** (Бандии озод, с. 92). Ба воситаи мо корашро буд мекунад. Корашон буд ки шуд, **ба асфалассофилин мефиристанд**. Баҳонаашон тайёр: феодал, буржу, миллатчӣ, душмани халқ (Бандии озод, с. 205). Дилам бисёр мехоҳад, ки пеш аз

чашм пӯшидан боз як бори дигар ба дидори шумо мушарраф шавам (Бандии озод, с. 264). То охири умр бо сари хам зиндагӣ кард. Азбаски ҳеҷ тоқати гапбардорӣ надошт, одамгурезу одамбезор шуд ва **аз ҷаҳон чашм пӯшид** (Бандии озод, с. 222). Ҳамон ноаҳлӣ, ҳамин зумъӣ ва ҳамин нифоқпарастӣ буд, ки **ба сари иттиҳоди мо об рехт** ва моро ба хориву залилӣ расонд. Агар дошта меовардед, – гуфт директор, – ман ҳозир **ба сари ин об мерехтам.** Лекин шоҳид надоред, исбот надоред (Тоҷикони имрӯза, с. 222).

Ибораи **ҷон додан** мафҳуми мавриди назарро нисбатан пурратар ифода карда, обуранги муътадил дар бар дорад. Дар ибораи **чашм пӯшидан** ба маънои «мурдан» мақсад нарму рамзӣ ифода гардидааст. Ибораҳои **аз дунё рафтан, аз олам чашм пӯшидан, аз ҷаҳон чашм пӯшидан** ҳамон мафҳум хеле нарм ифода шудааст. Дар мавриди дигар ибораҳои **барҳам додан**, **ба сари касе об рехтан** мафҳуми «мурдан, кушта шудан»-ро як андоза дурушт ифода мекунад.

Ҷиҳати муҳиму ҷолиби диққати муродифоти фразеологӣ дар образҳои бадеии заминаи онҳо таҷассум ёфтааст. Аз ин бобат аъзоҳои чудогонаи воҳидҳои занҷири синонимӣ ин ё он мафҳумро ҳама вақт пурра ифода карда наметавонанд. Ҳар яке аз воҳидҳои фразеологӣ одатан ба ягон паҳлуи мафҳуми ифодашаванда ишорат мекунанд. Ин аст, ки Ӯрун Кӯҳзод дар мавриди истеъмоли чунин таъбирот барои равшан кушода додани моҳияти якмафҳум ду ва зиёда воҳидҳои ба ҳам муродифро ба кор бурдааст.

Аз рӯйи муносибатҳои байни маъноҳояшон воҳидҳои фразеологии синонимии асарҳои Ӯрун Кӯҳзодро низ ба гурӯҳҳои муродифҳои ҳаммаъно ва муродифҳои наздикмаъно ҷудо кардан мумкин аст (ниг.:1,2). Муродифоти фразеологии ҳаммаъно бо ифодаи маънои умумии худ бо ҳам баробар буда, дар матн якдигарро иваз карда метавонанд. Чунончи, инро дар умумияти воҳидҳои фразеологии **сари касе ба осмонҳо мерасад, қабат ба қабат гӯшт гирифтан, ба пӯсти худ нагунҷидан** ё ки **дандон ба дандон мондан** ва **мум барин шудан**, ки дар мисолҳои поён ба кор рафтаанд мушоҳида кардан мумкин аст:

Ҳардуи ҳамин маъракаро бе каму кост, бо овозаю дабдаба гузаронанд, **сарашон ба осмонҳо мерасад**, қарзи одамии худро адошуда медонанд, ки умр ба зоеъ нагузаронидаанд (Бандии озод, с. 97). …аммо Шинелпӯшсавора аз канори пахтазор мегузашту **қабат ба қабат гӯшт мегирифт**, ки ҳосили нагз мешавад ва ӯро аз минбарҳо таъриф мекунанд ва медол медиҳанд (Бандии озод, с. 97). Ӯ бояд ҳамон гапҳоеро гӯяд, ки пештар гуфта буданд ва гоҳи гуфтанашон вай **ба пӯсти худ намеғунҷид**, ки сарамро ба кучо занам?! (Роҳи паси аґба, с. 309). Абдол аз ин таърифҳо зери бори шарм монд ва дар айни ҳол чунон хушаш омад, ки мулоим шуд. **Мум барин шуд** ва сар то по ба табассуми ноаён мубаддал гашт ва лол монд (Роҳи паси аґба, с. 332). Аммо сир бой додан дар кор нест, **дандон ба дандон монда тоқат кардан** лозимаст, чун ки ҳамаи ин базмиҳо ба ӯ чашм дӯхтанд (Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, с. 43).

Муродифоти фразеологии наздикмаъно аз бобати мундариҷа бо ҳам пурра баробар нестанд. «Берун аз матни муайян муносибати синонимии онҳоро на ҳама вақт таъйин кардан мумкинаст. Онҳо семантикаи баҳам наздик доранд ва мафҳуми ифодашавандаро аз паҳлуҳои мухталиф шарҳу эзоҳ медиҳанд» [2, 56]. Воҳидҳои фразеологии наздикмаъно дар забони асарҳои Ӯрун Кӯҳзод барои кушодани нозукиҳои маъноӣ, эҳсосотӣ ва адами такрори воситаҳои фикр корбаст шудаанд:

Дар ибораҳои **санги таги дандон**, **каждуми таги бурё**, ки маънои «рақиб, душман» ва **чашми кордон**, **панҷ панҷааш ҳунар**, маънои«баҳунар»-ро ифода кардаанд, таҳвияти гуфтаҳои болоро мушоҳида кардан мумкин аст: Ҳамаи Такобиҳо душманони ману ту ҳастанд. Як умр мо Болообиҳоро ґорат мекунанд. **Санги таги дандонамон шудаанд** онҳо. Аз решаашон нест кардан даркор ҳамаи инҳоро (Бандии озод, с. 8). Ба ҳар навъ, ҳоло он воқеаҳоро аз шумо беҳтар медонистагӣ кам,– такрор шуд ҳамон овоз, ҳамон овозе, ки Баҳромро **каждуми таги бурё** гуфта буд (Бандии озод, с. 157). Ҳо вай Аҳмадбой барин **чашми кордону** пулёб набуд?! (Роҳи паси аґба, с. 298). Яке аз ҳамон гунҷишконе буд, ки дар урфият **панҷ панҷааш ҳунар** мегӯянд ва панҷ хонаву панҷ ҷуфти модаву як тӯда чӯҷа дошт (Таҳвими раҳгум, с. 230).

Ҳамин тариқ, дар забони асарҳои нависанда Ӯрун Кӯҳзод истифодаи муродифоти фразеологӣ мавқеи муайянро ишгол менамояд. Чунин воситаҳои тайёри забон барои пуробу ранг гардидани образҳои ҷудогонаи асарҳои адиби хушсалиқа заминаи муҳимро фароҳам овардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Маджидов Х.Фразеологическая система современного таджикского литературного языка.– Душанбе, 2006.– 406 стр.
2. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик.– Душанбе, 1982.– 104 с.
3. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Ҷ. 1.–Душанбе, 1963.–952 с.
4. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Ҷ. 2.–Душанбе, 1964.–802 с.
5. Ҷалилов Ҳ. Муродифоти ибораҳои рехта // Мактаби советӣ.–1969.–№6.– С. 20-23.

СИНОНИМЫ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ПРОЗЕ У. КУХЗОД

В данной статье рассмотрены богатства и разнообразность фразеологических единиц в прозе У. Кухзод. Особое внимание уделено семантике и структуре, и выявлению синонимов фразеологических единиц, употребленных в данном художественном произведении.

Ключевые слова: лексика, выражение, многообразность, структура, синоним, художественный стиль, предложение, словосочетание, особенность.

SYNONYMS AND KINDS OF IN THE U. KUHZOD'S PROSE

This article is considered the reaches and variety of phraseological combinations in the prose of U. Kuhzod. The special emphasis is devoted to the semantics and structure of phraseological combinations which are used in this work of art and to the revelation of their synonyms.

Key words: vocabulary, expression, multiformity, structure, synonym, artistic stile, sentence, word-combination, feature.

СВЕДЕНИЕ ОБ АВТОРЕ: ***Худоёрова Нигина-*** ассистент кафедры современного таджикского языка ТНУ

К ВОПРОСУ О СЕМАНТИЧЕСКОМ ПОЛЕ ГЛАГОЛОВ ОЩУЩЕНИЯ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Джумабой Усмонов
Педагогический институт города Пенджикент

Возникающие при исследовании семантических особенностей глагольных форм проблемы сложны и многочисленны, т.к. они тесно связаны с решением кардинальных вопросов описания системы языка и его основ, связей и отношений в языке. Кроме того, без решения проблем, связанных с категориальным статусом неличных форм, их места и роли в системе глагола, нельзя признать исчерпывающими исследования личного глагола, его конструктивной и системообразующей роли в структуре предложения – основной синтаксической единицы, а также в синтаксической парадигматике в целом. Последний аспект проблемы частично нашел отражение в сопоставительных работах, где рассматривалась одна из неличных форм – инфинитив в составе словосочетаний. Мы имеем в виду диссертационные работы В.С.Смолы «Способы и средства передачи конструкций с инфинитивом русского языка на таджикский» (Смола, 1972) и Р.Т. Рахматовой «Диахроническая типология инфинитивных конструкций (на материале персидского, таджикского и английского языков. В этих исследованиях предпринято описание структуры словосочетаний с инфинитивом и конструкций с ним, определение их значений, выявление их эквивалентов в сравниваемых языках на лексическом и грамматическом уровнях.

Огромный вклад в исследование русского глагола, в историю становления и развития теоретических вопросов данной части речи внесли фундаментальные труды ученых-русистов В.В.Виноградова, Л.В.Щерба, А.В.Бондарко, Л.Л. Буланина, Н.С. Авиловой, В.В.Богданова, Г.А. Золотовой, Н.Ю. Шведовой, Д.Н.Шмелева, А.И. Брицина и многих др.

В работах российских лингвистов, исследовавших специфику семантического поля глаголов ощущения, обоняния и осязания, также приводится вывод о том, что иногда нейтрализуются эквиволентные оппозиции по конкретным орудийным семам. Каждый из первых трех подклассов характеризуется почти одинаковым набором оппозиций по семам не целенаправленности – целенаправленности, активности – пассивности, не результативности – результативности, бытийности – становления, не каузативности – каузативности, положительной – отрицательной модальности. При этом слабо выраженные оппозиции по семам бытийности – становления свойственны только пассивным (непроизвольным) глаголам восприятия.

Наряду с трудами российских лингвистов, таджикскими учеными в данном направлении завершен ряд исследований, достаточно хорошо раскрывающих уровень изученности вопроса.

За последние десятилетия в отечественном языкознании было проведено большое количество исследований для сопоставления разноструктурных языков, при этом типологические исследования в основном базируются на сопоставлении таджикского и русского или таджикского и английского языков. Гораздо реже в сферу сопоставления вовлекаются другие языки, хотя научные исследования проводятся на материале языков, относящихся к тюркской семье или к славянской, германской, романской, индийской ветвям индоевропейской семьи языков.

Наиболее важным считается изучение лексики языка как определенного структурно-семантически организованного объединения. Исходным пунктом исследований семантических групп является совпадение в лексике каждого языка рядов слов по своему основному семантическому содержанию. На этой основе выделяются и описываются тематические группы. Особую значимость в исследованиях получили различные лексико-семантические группы.

Существуют различного рода классификации глаголов, наиболее известные из которых – таксономическая классификация (Ю.С. Степанов), классификация по доминирующему лексическому компоненту (Л.М. Васильев), по синтагматическим признакам (Т.П. Ломтев, М.Д. Степанова и др.), по семантическим признакам акциональности /неакциональности (Ф. Данем, Т.А. Кильдибекова) и другие.

Так, в работе Расторгуевой В.С. и Неменовой Р.Л. «Краткий очерк грамматики таджикского языка» определены конкретные классы глаголов, отмечены их синтаксические функции, а также пути вербализации других частей речи – существительных и прилагательных.

В исследованиях, посвященных глаголу таджикского и русского языков, утверждается, что в обоих языках, как в языках аналитического строя расхождения между частями речи обнаруживают менее отчетливо, чем в языках флективного строя.

Большое значение для изучения глагола таджикского языка, его грамматических категорий, глагольного словообразования, появления и истории формирования, т.е. для методологии исследования глагольной системы таджикского языка в целом, имеют исследования Б. Ниязмухаммадова, Д. Таджиева, В.С. Расторгуевой, А.З. Розенфельд, АА.Керимовой, Н.Масуми, Дсаймиддинова, Ш.Рустамова, А.Мирзоева, Ш.Ниёзи, рассматривающие наиболее сложные аспекты глагола как одной из основных частей речи. Наиболее полная характеристика глагола как особой части речи, вскрывающая богатство его форм, представлена в трехтомной «Грамматике современного таджикского литературного языка» (Грамматикаи забони ҳозираи адабии тоҷик, т. 1, 1985). Многочисленные статьи, монографии, диссертации свидетельствуют об огромном интересе к проблемам изучения глагола, как в русском, так и в таджикском языках.

Глубокое и всестороннее сопоставительное изучение языковых явлений таджикского и русского языков, исследование грамматических категорий каждого из языков с учетом их специфики, стремление установить основные различия между этими двумя индоевропейскими языками заставило исследователей расширить базу своих наблюдений.

Одним из примеров такого изучения двух языков может служить докторская диссертация И.Б.Мошеева «Сопоставительно-типологическое исследование глагольной системы русского и таджикского языков (система личных имен)», в которой в сопоставительном плане освещены основные грамматические категории глагола, отмечены сходства и расхождения глагольной системы данных языков, как в плане содержания, так и в плане выражения (Мошеев, 1979).

Ценным вкладом в исследование самой природы глагола в русском и таджикском языках является монография С.Иброхимова «Глаголы движения в русском и таджикском языках» (Иброхимов, 1987). Автор данной работы одним из первых среди таджикских лингвистов уделил внимание многоаспектной проблеме семантики глаголов, обозначающих движение.

Продолжая это направление на материале глаголов речи в русском и таджикском языках, в своей монографии «Семантический анализ глаголов речи микрополя «говорить» в разноструктурных языках» Н.Р.Ганиева установила внутренние связи и отношения глаголов данного микрополя, как во внутриязыковом, так и в межъязыковом соотношении (Ганиева, 2002). Также глубокая разработка и сопоставительный анализ глаголов просматривается в

исследованиях таких языковедов, как М.Т.Джаббарова, Д.М.Искандарова, Н.И.Каримова, Ш.Рахимова и других, которые рассмотрели в сопоставительном аспекте различные семантические особенности глаголов русского и таджикского языков.

Как было отмечено ранее, отечественным лингвистом Н.Р. Ганиевой на достаточно глубоком научном уровне рассмотрена ЛСГ глаголов речи, в основу разграничения которых легла классификация Л.М. Васильева. Он разработал методы семантической организации глаголов. Эти методы являются едиными для анализа системных отношений глаголов.

Серьезный вклад в исследование вопроса семантической функции эмотивных глаголов вносит диссертация Ш. Рахимовой (2010). В работе точно очерчены функциональные, семантико-прагматические особенности эмотивных глаголов русского и таджикского языков, установлены их группы и классы, разряды.

Следует отметить, что при наименовании элементов системы лексико-семантической группы (ЛСГ) глаголов ощущения мнения ученых-исследователей неоднозначны. Например, Л.М. Васильев подчеркивает, что «глаголы восприятия, в отличие от глаголов ощущения и желания, обозначают отражение сознанием человека внешней среды, свойств и предметов внешнего мира. Одни из них указывают на восприятие вообще, другие – лишь на восприятия, осуществляемые с помощью определенных органов чувств». Так, данная подкатегория глаголов называется А.А Юлдашевым глаголами чувственного восприятия, Л.М. Васильевым и Т.Т. Мусаевым – глаголами ощущения, а М. Оразовым – глаголами чувства.

Значения ощущения тесно связаны со значением чувственного восприятия людей, но они не всегда совпадают с ними по всем параметрам. Значения ощущения входят в систему значений чувственного восприятия как их частное явление.

Следовательно, глаголы ощущения представляют собой означенные языковыми средствами структуры и формы, означивание которых обязательно вербально, поскольку семантический фактор является одним из условий оформления любого концепта, в том числе и языкового суждения об ощущениях.

Одной из объективных процедур в определении функциональных смысловых значений глаголов ощущения РЯ и ТЯ является изучение их контекстных позиций, поскольку именно в таких обобщенных объективизациях заложены определенные потенциальные возможности для развития сферы лексического значения не какого-то одного релевантного признака объекта (глагола ощущения), а целого ряда его различительных особенностей, определяющих особые признаки глагольной лексемы со значением ощущения.

Семантическая мощность русского и таджикского глаголов на уровне языка в целом примерно одинакова, однако на уровне речи (текста) она существенно различается. Речевая ситуация на таджикском языке имеет более глагольный характер (количество глагольных словоупотреблений в таджикском тексте намного превышает данное количество в русском языке).

В своей книге «Семантика русского глагола» Л.В. Васильев подразделяет глаголы ощущения на ряд групп и подгрупп. Он говорит, что глаголы ощущения обозначают отражение в сознании биологически обусловленных сигналов о внутреннем состоянии организма. По наиболее общему значению «испытывать какое-либо ощущение (вызываемое как внешними, так и внутренними стимулами)» объединяются глаголы *ощущать, испытывать*. Каузативное значение «вызывать то или иное ощущение у кого-либо» имеют глаголы *раздражать, дразнить*. Глаголов со значением становления ощущения в русском языке нет. Отдельно Васильев выделяет глаголы обоняния. У книжного глагола *обонять* очень мало синонимов. В определенном контексте его функцию могут выполнять глагол слухового восприятия *слышать* (при нейтрализации семы «слухом») и глаголы с общим значением чувственного восприятия *чувствовать, чуять* (разг.), *воспринимать, замечать*. Глаголы обоняния перекрещиваются по семе «запах» с группой глаголов, объединенных значением «издавать запах».

Итак, в работах зарубежных и отечественных лингвистов отмечается, что семантический класс глаголов восприятия РЯ по семам, обозначающим средства восприятия, подразделяются на пять классов:

1.Глаголы с общим значением восприятия;
2.Глаголы зрительного восприятия;
3.Глаголы слухового восприятия;
4.Глаголы обоняния;
5.Глаголы осязания.

Глаголы первого подкласса имплицируют лишь типовую (виртуальную) сему орудийности (воспринимать или замечать можно любым органом чувств, но только лишь органами чувств). Глаголы же остальных подклассов содержат в своей семантике конкретные орудийные семы.

Таким образом, глагол, как одна из основных знаменательных частей речи, всегда являлся объектом пристального внимания ученых и подвергался исследованию в различных направлениях.Семантическое поле глаголов ощущения в русском и таджикском языках представляет собой слова, обозначающие отражение в сознании биологически обусловленных сигналов о внутреннем состоянии организма. Подводимые под эту категорию слова образуются от различных частей речи, вследствие чего они сохраняют следы от тех разрядов слов, от которых они произошли.

Русский и таджикский языки являются наглядным примером языков, генетически максимально близких друг другу, но, тем не менее, представляют собой отдельные языковые системы, поэтому сопоставительное изучение глаголов ощущения в данных языках позволяет нам дать наиболее достоверную характеристику этого семантического поля.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арнольд И.В. Семантическая структура слов в современном английском языке и методика ее исследования (на материале существительного). –Л., 1966.
2. Арутюнова Н.Д. Метафора в языке чувств. – М., 1999.
3. Блох М.Я. Теоретические основы грамматики. –М.: Высшая школа, 1986.
4. Бондарко А.В., Буланин Л.Л. Русский глагол.-Л., 1967. -С. 64-65.
5. Васильев Л.М. Семантика русского глагола. - М.: Высшая школа, 1981. – 288 с.
6. Ганиева Н.Р. Семантический анализ глаголов речи микрополя «говорить» в разноструктурных языках.- Худжанд, 2002.-120с.

К ВОПРОСУ О СЕМАНТИЧЕСКОМ ПОЛЕ ГЛАГОЛОВ ОЩУЩЕНИЯ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящается исследованию семантического поля глаголов ощущения в русском и в таджикском языке в сопоставительном аспекте. Автор доказывает, что семантический фактор является одним из условий оформления любого концепта, в том числе и языкового суждения об ощущениях. Семантика на уровне языка в целом одинакова, однако на уровне речи (текста) различается. Речевая ситуация на таджикском языке имеет более глагольный характер чем в русском языке. Глаголов со значением становления ощущения в русском и таджикском языках позволяет нам дать наиболее достоверную характеристику этого семантического поля.

Ключевые слова: глаголы, ощущения, поле, сопоставление, семантический аспект, фактор, концепт, речевая ситуация, различие

TO THE QUESTION OF THE SEMANTIC FIELD OF VERBS OF FEELING IN THE RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

This article deals with revealing the role of one of the semantically means of the verbs sensation. In Russian and Tajik languages in compared aspects argued that semantically factor appeared one of terms some concepts and judgment at sensation.

Key words: verbs, sensation, away, compared, semantically, aspects, factor, concepts, speech situation, and differential.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Усмонов Джумабой*** - старший преподаватель кафедры русского языка, начальник учебной части Педагогического института города Пенджикент.

ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ ИССЛЕДОВАНИЯ ТЕРМИНА В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

Ш.С. Раззокбердиев
Таджикский национальный университет

В отличие от объектов, существующих независимо от человека, предмет науки формируется познающим его субъектом с позиций теоретических знаний эпохи, поэтому обращение к теоретическому прошлому вопроса является актуальным.

Теоретическое исследование в области терминологии в нашей стране традиционно связывают с именами М. Шукуров, О. Косимов, М.Х Султон, С. Назарзода, С. Джоматов, Х.Саидов (за рубежом) А.А. Реформатского, Г.О. Винокура, В. М. Лейчика, Д.С. Лотте и.т.д.

Интенсивное изучение этой проблемы, как в нашей стране, так и за рубежом приходится на 20-30-е годы XX века, когда в науке сформировалось понятие ***«термин».*** Определение понятия ***«термин»*** и требования к нему до сих пор остаются спорными, так как многие языковеды в зависимости от объекта своего исследования дают различные определения данному понятию. Применительно к нашей работе следует упомянуть, что «структурно- семантический анализ терминологии полезное ископаемое в таджикском языке (на материале английского языка) в которых понятие ***«термин»*** связано с принадлежностью к конкретной области знаний.

«Термин - это всегда результат и орудие профессионального мышления и специально-профессионального общения» [Головин, Кобрин, 1987, с.4). Сходную трактовку данному понятию мы находим у С. Назарзода: «термин - лексическая единица определенного языка для специальных целей, обозначающая общее - конкретное или абстрактное - понятие теории определенной специальной области знаний или деятельности» [3,16-17].

Что касается определений к термину, то с течением времени они изменяются, но положения, выдвинутые Д.С. Лотте, остаются общепринятыми:

1) термин рассматривается как член национальной терминологическойсистемы;

2) терминоэлемент является минимальной единицей, имеющейтерминологическое значение и участвующей в терминообразовании;

3) естественно сложившиеся терминологии обладают определенными «недостатками»;

4) различаются «абсолютная» и «относительная» однозначность терминов;

5) необходимо членение массива понятий на «собственные» и «привлеченные» (упорядочиваются только термины собственных понятий);

6) первоначально следует придавать упорядоченным терминам статус терминологической рекомендации, с тем, чтобы специалисты привыкли к новому пониманию терминов;

7) в первую очередь следует уделять внимание правильному построению узлов терминов, являющихся терминами-производителями, ибо от их структуры зависит и вся структура собственной отраслевой терминологии;

8) образованный термин должен быть именем собственным предмета или понятия, не имея в данной области синонимов и не представляя собой омонима;

9) существующий и вновь создаваемый термин должен вызывать определенную ассоциацию - «частную» (смысловую) или «узловую» (агрегатную) [2,1961].

Для терминоведения остается актуальной проблема исследования в границах научного дискурса. Термин как языковой феномен на протяжении всей своей истории развития рассматривался каждым ученым с определенной точки зрения, и, несмотря на большое количество работ, посвященных терминологии, многие проблемы, касающиеся термина, еще не решены. Никто из исследователей не обладает монополией на истину, поэтому терминологическая работа должна продолжаться.

Задача настоящего исследования «структурно- семантический анализ терминологии полезное ископаемое в таджикском языкаех (на материале английских языках). В связи с этим обратимся к основным проблемам процесса актуализации терминов.

В современной лингвистике в изучении термина известны два основных подхода: нормативный и дескриптивный. При нормативном подходе термин рассматривается в качестве лексической единицы определенного типа, обладающей особой семантической и грамматической структурой, которая отличает его от слов общелитературного языка.

Сторонники нормативного подхода выработали требования к термину, сущность которых заключалась в том, что такой термин должен быть однозначным, точным, систематичным, кратким и не иметь синонимов (М.Х Султон). В их исследованиях термин представлен не как динамичный, функционирующий в живой речи и, следовательно, подверженный изменениям элемент, а как статичный элемент сферы фиксации. В лингвистической литературе такой термин получил название «идеальный термин».

Кроме сферы фиксации, существует еще сфера функционирования, так как термины «трудно изолировать от окружающей языковой стихии» в которой они представлены в реальных условиях.

При изучении термина в сфере функционирования сторонники дескриптивного подхода подвергли сомнению правомерность предъявления к терминам требования как к статичному элементу сферы фиксации [Винокур, 1939]. Специфика термина по его мнению, состоит в том, что термин не является особым словом, а лишь словом в особой функции. Все это означает, что любое слово может стать термином, а любой термин перейти в сферу общеупотребительной лексики. Различия между термином и словом в нетерминологическом употреблении лежат не в области свойств этих лексических единиц, а в области их функционирования.

При этом термин, являясь языковой единицей, принадлежит языку и подчиняется его законам, модифицируясь в каждом конкретном случае, а поэтому он может быть многозначным, ему присуще наличие синонимов, антонимов и словосочетаний при выражении определенного понятия. Современные исследования подтверждают правоту сторонников дескриптивного подхода, точку зрения которых на рассматриваемый объект - термин, мы полностью разделяем.

Отсутствие общепринятого определения и параметрирования понятия термина с моделью его презентации, включающей лингвистический, филологический и профессионально-коммуникативные подходы, привело к разработке в отечественной лингвистике новой теории (концепция «языкового субстрата»).

Согласно концепции «языкового субстрата» термин представляет собой «сложное трехслойное образование, включающее:

а) естественно-языковой субстрат - материальный (звуковой или графический) компонент структуры термина, а также идеальный (семантический) компонент этой структуры, определяемые принадлежностью термина к лексической системе того или иного естественного языка;

б) логический суперстрат, то есть содержательные признаки, позволяющиетермину обозначать общее - абстрактное или конкретное понятие всистеме понятий;

в) терминологическую сущность, то есть содержательные ифункциональные признаки, позволяющие термину выполнять функцииэлемента теории, описывающей определенную специальную сферучеловеческих знаний или деятельности» [Лейчик, 1989, 7].

Так, если представить себе лексику любого языка как всеобъемлющую систему, состоящую из ряда более мелких подсистем, то лексику общелитературного языка и терминологию объединяют следующие характеристики: наличие грамматических категорий на основании их связи с именуемым объектом, наличие имен, классов, предметов и индивидуальных предметов, явлений. Терминам, как и общелитературной лексике, присущи многозначность, омонимия, синонимия, что в определенной степени ограничивает точность и однозначность терминов.

При определении понятия ***«термин»*** с семантической точки зрения учитывается зависимость соответствующих языковых единиц от их лексического значения, а также возможность терминологического использования (наряду с отдельными словами) и словосочетаний, что особенно характерно для новых терминологий.

Известно, что терминология формируется в прямой зависимости от науки, а некоторые науки, такие, как геология, сейчас переживают коренной перелом в связи с изменением общественных формаций, бурным развитием ранее несуществовавших отраслей знания. Эти процессы находят отражение в создании новой терминологии и сложных процессах трансформации прежних терминов и целых терминосистем, а отсюда в значительной степени исчерпавшая себя к 60-70 годам теория словообразования приобрела к концу XX столетия второе дыхание [Буянова, 2002]. В связи с этим, вновь поднимается вопрос о создании терминов, выявляется изменение тенденций в терминотворчестве.

Появляется новый подход к проблемам терминотворчества, который заключается в том, что все терминотворчество рассматривается через призму неологии, и классификация способов образования терминов сводится к выявлению различных видов неологии.

Если раньше ставился вопрос в одном плане - плане языка-источника терминов - и отсутствовала постановка вопроса о закономерности и соответствии процесса терминотворчества основным тенденциям исторического развития того или другого языка, то сейчас вплотную встает вопрос об определении источника, откуда должны и будут черпаться основные и производные термина, равно как и законы построения и строения современного и будущего термина. В процессе терминотворчества акцентируется внимание на том, что возможности построения новых терминов, возможности установления связей между формой и значением терминаы определяются структурными особенностями языка.

При создании нового термина идет поиск необходимой знаковой информации на основе имеющегося языкового опыта, закрепление ее в особой «информационно-терминологической сфере языка» и прогнозирование новых достижений в данном направлении. Семантическая определенность нового термина базируется на однозначном соотношении языкового знака и передаваемого им факта, появляется обоснованность привлечения аппарата иностранных языков, особенно стран с развитой индустриальной базой [Белоконь, 1991]. На образование нового термина оказывает значительное влияние экстралингвистический фактор, связанный с процессами возникновения новых наук и других достижений. В ряде случаев экстралингвистические факторы являются определяющими [5,20], что способствует заимствованию термина вместе с понятием из языка-источника. **Например:** *антрацит Anthracite; от англ. Anthrax - уголь* **Антрацит - ископаемый гумусовый уголь высшей степени метаморфизма, блестящий, серовато-черного цвета.** *Базальт от англ. Basalt-* пробный камень*; тендер (tender) — «открытый международный коммерческий конкурс».*

К началу XXI века представление о термине как о новой единице языка значительно меняется в связи с тем, что общий уровень абстрактности дефиниций, обозначенных вновь порожденными терминами, становится выше, а семантическая структура оказывается более гибкой по сравнению с терминами, обслуживающими потребности предшествующего знания. В семантике такого термина, как показывают наблюдения, обращает на себя внимание специализированность его значения, точность его семантических границ, его отрешенность от образных и «эмоциональных переживаний» Термин становится средством, орудием и регулятором научной коммуникации. Термин, как знак понятия характеризуется многоплановостью и многофункциональностью аспектов своей репрезентации.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Қодирӣ С. Истилоҳ саҳеҳ ва кутоҳ бошад \\ мач. «Садои Шарқ». 1974 №2.
2. Лотте Д .С . «Основы построения научно- технической терминологии». -Москва 1961.
3. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимои- сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX.-Душанбе, 2004
4. Реформатского А.А.. Что такое термин и терминология? \\ Вопросы терминологии.-Москва, 1961.- ср. 46-54.
5. Татаринов // Исследования термина в современной Лингвистике.- 1994.- с.20.
6. Шакуров М. Назаре ба таҳаввули принсипҳои истилоҳсозии тоҷикӣ // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. - 1991-№4.-С. 3-7.

ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ ИССЛЕДОВАНИЯ ТЕРМИНА В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

Интенсивное изучение этой проблемы, как в нашей стране, так и за рубежом приходится на 20-30-е годы XX века, когда в науке сформировалось понятие ***«термин».*** Определение понятия ***«термин»*** и требования к нему до сих пор остаются спорными, так как многие языковеды в зависимости от объекта своего исследования дают различные определения данному понятию. Применительно к нашей работе следует упомянуть, что «структурно- семантический анализ терминологии полезное ископаемое в таджикском языкаех (на материале английского языка) в которых понятие ***«термин»*** связано с принадлежностью к конкретной области знаний.

Ключевые слова: фразеологизм, аспекты, семантика, методология, структура, понятие, тенденция, лингвистика, терминология , термин

THE BASIC TENDENCIES OF RESEARCH OF THE TERM IN THE MODERN LINGUISTICS

Intensive studying of this problem as in our country and abroad it is necessary for 20-30th years of the XX-th century when in a science the concept ***"term"*** was generated**.** Definition of concept ***"term"*** and requirements to it remain till now disputable as many languages depending on object of the research give various definitions to the given concept. With reference to our job it is necessary to mention that «structurally - semantic analysis of terminology a mineral in Tajik languages (on a material English languages) in which the concept***"term"***is connected with an accessory to a concrete field of knowledge.

Key words: a phrase logical unit, aspects, semantics, methodology, structure, meaning, tendenthy, linguistics, terminology, term

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ш.С. Раззокбердиев*** – аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета. Телефон: **93-454-77-07/ sharafjon22@mail.**

БОБОҶОН НИЁЗМУҲАММАДОВ – НАХУСТИН ОЛИМИ ТОҶИКИСТОН

Т.С. Ориёфар
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар замоне ки дар миқёси олам эҳсоси худшиносии халқу миллатҳо боло гирифтааст ва даъвати таърихшиносону сиёсатшиносон барои таҷдиди назар ба таърих садо медиҳад, ногузир будани зарурати омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи ҳам равандҳои таърихӣ ва ҳам фаъолияти шахсиятҳое, ки ба таърих таъсир расонидаанд, беш аз пеш эҳсос мегардад. Хусусан, ҳамакнун омӯзиш ва таҳқиқи фаъолияти шахсиятҳое, ки на танҳо ба таърих таъсири амиқ расониданд, балки созандаи таърих низ буданд, зарур аст.

Сиёсати фарҳангии давлати Тоҷикистон низ дар айни замон ба он равона шудааст, ки ному корномаҳои фарзандони фарзонаи халқи тоҷик дар ҳофизаи таърих ба таври абадӣ маҳфуз гардонида шавад. Лозим ба тазаккур аст, ки маҳз бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти ҷоннисоронаи устодон – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва арбобони давлативу сиёсӣ – Шириншо Шотемуру Нусратулло Махсум баҳои арзанда дода шуд ва заҳмати ин шахсиятҳои таърихиву таърихсоз бо унвони олии «Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадр гардид.

Бо мақсади қадршиносӣ аз заҳмати олимони маъруф, ки барои пешрафти илм ва густариши дониш кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд ва барои дуруст муайян намудани марҳалаҳои таърихии инкишофи илм омӯзиши таърихи илм зарур аст. Таърихи илмро бидуни баррасии нақши шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, ки ҳаёти худро ба ташаккулу инкишофи соҳаҳои гуногуни илм бахшидаанд, наметавон таҳқиқ намуд, зеро ки таърих сохтаи инсоният аст ва басе воқеъ гардидааст, ки шахсиятҳои алоҳида ба равиши таърих таъсири амиқ расонидаанд.

Яке аз шахсиятҳои шинохта ва олимони маъруфи Тоҷикистон, ки бо таҳқиқоти илмӣ на танҳо дар миқёси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар байни шарқшиносони ҷаҳон машҳур буд, нахустин номзади илму нахустин доктори илми филология аз Тоҷикистон ва яке аз нахустин академикҳои тоҷик Бобоҷон Ниёзович Ниёзмуҳаммадов (1906-1979) мебошад, ки забоншиноси барҷастаи соҳибмактаб буд.

Ба қавли як қатор муҳаққиқон, Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ҳамчун устоди забоншинос тамоми соҳаҳои илми забоншиносиро тадқиқ намудааст. Бо назардошти мақоли машҳури «Мушт намунаи хирвор аст» ақидаи чанде аз онҳоро иқтибос меорем:

«Марҳалаи бузурге дар рушди забоншиносии тоҷик бо номи Б.Н.Ниёзмуҳаммадов алоқаманд аст. Муболиға намешавад агар гӯем, дар илми забоншиносии тоҷик соҳае нест, ки ин олим дар ҷараёни фаъолияти гуногунҷабҳаи худ ба он дахл накарда бошад». [20]

«Ҳудуди корҳои тадқиқотии Б.Н.Ниёзмуҳаммадов хеле васеъ буда, дар забоншиносии тоҷик соҳае нест, ки ӯ қаламронӣ ва қувваозмоӣ накарда бошад». [19, 59]

«Дар забоншиносии тоҷик соҳае нест, ки Бобоҷон Ниёзович дар фаъолияти худ ба он шуғл накарда бошад» [2].

Омӯзиши фаъолияти академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ба баррасии марҳалаҳои гуногуни рушди илми забоншиносии давраи шӯравӣ (ва пеш аз ҳама забоншиносии тоҷик) мусоидат мекунад. Ба қавли забоншиноси шинохта Норматов М.: «Хизмати академик Б.Ниёзмуҳаммадов дар тарбияи забоншиносони тоҷик хеле калон аст. Як қатор забоншиносон бевосита дар зери роҳбарии ӯ рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуда бошанд, аксари забоншиносон – олимони тоҷик дар ҳимояи рисолаҳои номзадиву доктории худ аз хизмати ӯ баҳра бурдаанд» [18, 81].

Арбобони илми Тоҷикистон, узви вобастаи АИ, доктори илмҳои филология Носирҷон Маъсумӣ ва академик, доктори илмҳои филология, профессор Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мақолаи «Олим ва мураббии забоншиносони ҷавон» фаъолияти илмӣ ва омӯзгории академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадовро ҳамаҷониба таҳқиқ карда, ба он баҳои баланд ва сазовор додаанд. Муаллифон дар мақолаи мазкур доир ба тарҷумаи ҳоли Ниёзмуҳаммадов Б.Н. маълумоти мухтасар дода, фаъолияти ӯро вобаста аз санаҳои таърихӣ ва тадқиқоти илмӣ ба марҳалаҳои гуногун тақсим кардаанд. Муаллифони мақола марҳалаи якуми фаъолияти Ниёзмуҳаммадов Б.Н.-ро «давраи таҳсил ва балоғати дониш» номидаанд. Марҳалаи дуюми фаъолияти Ниёзмуҳаммадов

Б.Н. аз нуқтаи назари муаллифони мақолаи мазкур даҳ сол – солҳои 1938-1948-ро дар бар мегирад ва «давраи камолоти илмӣ ва педагогии Ниёзмуҳаммадов Б.Н.» номида мешавад. «Марҳалаи сеюми фаъолияти соҳибҷашн, - омадааст дар мақола, - солҳои 50-60-умро дар бар мегирад». Муаллифони мақола ин давраи фаъолияти Ниёзмуҳаммадов Б.Н.-ро аз се ҷиҳат баррасӣ кардаанд: 1) «ҳамчун ноиб-президент ва баъд котиб-академики шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ дар чорабиниҳои илмӣ ва ташкилии Академияи фанҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои он фаъолона ширкат карда, қобилияти роҳбарӣ ва ташкилотӣ зоҳир намуд»; 2) «академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. дар ин солҳо яке аз вазифаҳои муҳимми илмӣ-академикии худро бомуваффақият адо карда меояд, ки ин аз тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва педагогӣ иборат аст»; 3) «Аз тарафи сеюм, фаъолияти академикии Б.Н.Ниёзмуҳаммадов бевосита ба давоми бомуваффақияти кори илмию эҷодии худи ӯ дахл дорад. Асарҳои илмии ӯ доир ба шевашиносӣ ва грамматикаи забони адабии тоҷик боиси ҳамчун яке аз донишмандони маъруфи филологияи эронӣ шинохта шудани ӯ гардиданд» [4].

Узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор Қосимова М.Н. дар мақолаи илмии «Б.Н. Ниёзмуҳаммадов ва забоншиносии тоҷик» бо арҷгузорӣ аз хидматҳои Ниёзмуҳаммадов Б.Н. менависад: «Академик Бобоҷон Ниёзович Ниёзмуҳаммадов яке аз поягузорони илми забоншиносии муосири тоҷик буда, мактаби илмии худро таъсис додааст, ки то кунун аз ҳосили пурбори ин мактаб забоншиносии тоҷик ғизо мегирад. Ӯ дар рушду нумуи илми забоншиносӣ корҳои зиёдеро анҷом додааст ва асарҳои ӯ дар инкишофи минбаъдаи ин соҳаи илм нақши бузурге гузошта, дар тарбияи забоншиносон ёрӣ мерасонад» [1, 21].

Тарҷумаи ҳоли академики АИ Тоҷикистон, лауреати Мукофоти давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илму техника, доктори илмҳои филология, профессор Ниёзмуҳаммадов Бобоҷон Ниёзович дар назари аввал хеле сода ва типӣ менамояд. Ӯ – писари косиби мӯзадӯзи деҳотӣ ҳангоми ғалаба кардани инқилоби сотсиалистии рус, ки дар таърихи замони шӯравӣ бо номи «Революцияи Кабири Социалистии Октябрь» ёд мешавад, 11-сола буд. Падараш дар солҳои аввали инқилоб (соли 1922) фавтид ва ӯро ба монанди дигар кӯдакони бепарастор, интернату мактаби шӯравӣ дар паноҳи худ гирифта, тарбия намуд. Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов дар натиҷаи омӯзиш ва заҳматписандӣ ба дараҷаҳои баландтарини илмӣ расида, барои дигар зиёиёни замони худ намунаи ибрат гардид.

Ниёзмуҳаммадов Б.Н. 11-уми июни соли 1938 дар Шӯрои илмии Институти шарқшиносии Ленинград рисолаи илмии худро таҳти унвони «Канибадамское наречие таджикского языка», ки ба тадқиқи илмии шеваи яке аз ноҳияҳои бузургтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология бомуваффақият ҳимоя намуд ва номи ӯ дар саҳифаҳои таърих ба ҳайси нахустин номзади илм аз Тоҷикистон сабт гардид.

Ниёзмуҳаммадов Б.Н. соли 1938 пас аз ҳимояи рисолаи илмӣ ба Душанбе баргашт ва мудири сектори таъриху забоншиносии Пойгоҳи тоҷикистонии Академияи илмҳои СССР таъйин шуд. Ӯ дар баробари бо тадқиқоти илмӣ машғул будан дар Институти давлатии педагогии Сталинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) низ ба фаъолияти омӯзгорӣ идома дод. Ҳамон сол дар донишгоҳи мазкур кафедраи забон ва адабиёти тоҷик таъсис гардид, ки Ниёзмуҳаммадов Б.Н. нахустин мудири он таъйин шуд.

Дар солҳои 1939-1941 дар РСС Тоҷикистон маъракаи гузариш аз ҳуруфи лотиниасос ба алифбои русиасоси тоҷикӣ (кириллӣ) шурӯъ шуд. Ходимони илмии сектори таъриху забоншиносии Пойгоҳ С.Арзуманов, Л.Бузургзода, Р.Ҷалилов, Н.Ершов ва С.Нестеренко таҳти роҳбарии Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов лоиҳаи алифбои навро тартиб доданд.

Соли 1941 Пойгоҳи тоҷикистонии АИ СССР ба Филиали тоҷикистонии АИ СССР мубаддал гардонида шуд, ки дар таркибаш Институти илмӣ-тадқиқотии таърих, забон ва адабиёт таъсис гардид. Дар таъсиси ин пажӯҳишгоҳ низ саҳми Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ба назар намоён аст. Сектори илмҳои гуманитарии Пойгоҳ баъди дар Душанбе ба фаъолият шурӯъ кардани нахустин номзади илмҳои филология Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов аввал ба сектори таъриху забоншиносӣ ва баъдан ба Институти илмӣ-тадқиқотии таърих, забон ва адабиёти филиал табдил ёфт.

Ҳангоми таъсиси сектори таъриху забоншиносии Пойгоҳ ва Институти таърих, забон ва адабиёти филиал роҳбарияти АИ СССР дар Тоҷикистон фаъолият кардани

олими соҳибунвон ва шинохтаеро ба монанди Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ба назари эътибор гирифта буд, бинобар ин ӯ аввал (1938) мудири сектори мазкур ва баъдан (1941) директори институти номбурда таъйин гардид.

1-уми июни соли 1944 Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ба мӯҳлати 3 сол ба докторантураи Институти шарқшиносии АИ СССР расман шомил гардид ва мушовири илмии ӯ узви вобастаи АИ СССР Бертелс Е.Э. таъйин шуд. Ӯ 18-уми июни соли 1948 рисолаи илмиро ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология таҳти унвони «Синтаксиси ҷумлаҳои содда дар забони адабии тоҷикӣ» дар Институти шарқшиносии АИ СССР бомуваффақият ҳимоя намуд.

Ниёзмуҳаммадов Б.Н. дар баробари нахустин номзади илм аз Тоҷикистон будан ҳамчунин нахустин олими тоҷикистонист, ки сазовори унвони илмии доктори илмҳо гардидааст. Рисолаи доктории ӯ дар пажӯҳиши синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик нахустин тадқиқоти мукаммал мебошад.

Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов баъди ҳимояи рисолаи докторӣ ба Тоҷикистон бармегардад ва ҷонишини раиси раёсати филиали тоҷикистонии АИ СССР таъйин мешавад. Ӯ дар ин вазифа аз 1-уми августи соли 1948 то 14-уми апрели соли 1951 фаъолият кардааст. Ҳамчунин, дар айни замон мудири кафедраи забони тоҷикии Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) таъйин мешавад.

14-уми апрели соли 1951 АИ РСС Тоҷикистон таъсис гардид. Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов яке аз нахустин академикҳо ва ноиби президенти АИ РСС Тоҷикистон интихоб шуд.

Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ҳамчун ноиби президент барои рушди АИ РСС Тоҷикистон, таъсис гардидани институтҳои он, равнақ ёфтани пажӯҳишоти илмӣ ва ба фаъолияти илмӣ ҷалб гардидани ҷавонони лаёқатманд ҳамаҷониба мусоидат намудааст. Ӯ дар баробари фаъолият дар АИ Тоҷикистон мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ва профессори Институти давлатии педагогии Сталинобод буд.

Ниёзмуҳаммадов Б.Н. дар ҷаласаи раёсати АИ Тоҷикистон, ки 4 октябри соли 1961 баргузор шуда буд, изҳор дошт, ки ӯро бинобар вазъи саломатӣ аз вазифа озод намоянд. Ҷаласа хоҳиши Ниёзмуҳаммадов Б.Н.-ро пазируфт ва 11-уми октябри соли 1961 фармони аз кор озод шудани ӯ содир гардид.

Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ба Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ баргашт ва мудири сектори забони адабии ҳозираи тоҷик таъйин гардида, то вақти ба нафақа рафтан дар ҳамин вазифа кор кард. Моҳи июни соли 1975 ҷаласаи раёсати АИ Тоҷикистон қарор кард, ки бо назардошти фаъолияти пурсамари илмӣ-тадқиқотӣ ва омӯзгории Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ба ӯ нафақаи академикӣ таъйин карда шавад.

Академики АИ Тоҷикистон, лауреати Мукофоти давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илму техника, Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор Ниёзмуҳаммадов Б.Н. 25-уми октябри соли 1979 дар синни 74-солагӣ аз олам гузашт.

Ин олими нуктасанҷ, ки беш аз 150 асари арзишманди илмӣ эҷод кардааст, дар ташаккул ва рушди илми забоншиносии тоҷик саҳми назаррас гузошта, соҳиби мактаби илмист. Шогирдони мактаби илмии академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ба дараҷаҳои баланди илмии доктори илмҳои филологияву аъзои вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон расидаанд. Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология Ш. Рустамов, доктори илми филология А. Мирзоев ва номзадҳои илм К. Саидова, Л. Қаҳҳорова, В. Қосимов, А Абдураҳимов, М.Акрамов ва чанде дигар шогирдони Ниёзмуҳаммадов Б. Н. мебошанд, ки қисме аз онҳо имрӯз кори оғознамудаи устоди худро бомуваффақият идома медиҳанд.

Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов ҳамчунин яке аз нахустин муаллифони китобҳои дарсии забони тоҷикӣ мебошад, ки он китобҳо ҳам барои забони модариро омӯхтани хонандагони мактабҳои миёна ва ҳам барои ба паҳнои илми забоншиносии тоҷик ворид гардидани донишҷӯёни мактабҳои олии Тоҷикистон хидмат кардаанд. Аз ҷумла, ӯ муаллиф ва ҳаммуаллифи китобҳои дарсии «Морфологияи забони адабии ҳозираи тоҷик» (1941); «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 5-ум ва 6-уми мактабҳои миёна (1941); «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (Қисми I, 1947); «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (Қисми II, 1952); «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (Қисми I, 1956); «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (Қисмҳои 1 ва 2, 1960), муаллифи китобҳои илмӣ-тадқиқотии «Канибадамское наречие

таджикского языка» (1951); «Ҷумлаҳои содда дар забони тоҷикӣ» (1956); «Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (1960); «Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик» (1960); «Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик» (1968), муаллифи мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳлилии «Таджикский литературный язык»; «Таджикский литературный язык за 26 лет»; «Баъзе ҷамъбастҳои корҳои кардашуда ва вазифаҳои забоншиносии тоҷик»; «Барои забоншиносии марксистӣ»; «Муваффақиятҳои забоншиносии советии тоҷик»; «Таджикское советское языкознание»; «Перестройка языковедческой работы в Таджикистане»; «За новый подъем языковедческой работы в Таджикистане»; «Развитие таджикской филологии за 25 лет»; «О некоторых особенностях таджикских говоров Шаартуза»; «О терминологической работе в Таджикистане»; «Маълумоти тоза оид ба сохти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа»; «Забоншиносии тоҷик дар солҳои Ҳокимияти Советӣ» ва ғ. мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки библиографияи осори илмии Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ҳамагӣ як маротиба ба чоп расидааст [3]. Ин таърихнома аз ду ҷиҳат номукаммал мебошад. Аввал ин, ки он номгӯи асарҳои Ниёзмуҳаммадов Б.Н., номгӯи асарҳои дар зери таҳрири ӯ мураттабгардида ва номгӯи мақолаву китобҳои дар бораи ӯ навишташударо то соли 1965 дар бар мегирад. Дуюм, номгӯи на ҳамаи осори илмӣ, ки дар солҳои 1932 – 1965 аз ҷониби Ниёзмуҳаммадов Б.Н., дар зери таҳрири ӯ ва дар бораи фаъолияти самараноки ӯ интишор гардида буданд, дар он зикр гардидааст. Аз ин ҷо, дар солҳои наздик мураттаб сохтани библиографияи мероси илмии академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. яке аз вазифаҳои муҳими забоншиносон ва муҳаққиқон аст, ки ба ин восита ҷараёни рушди илми забоншиносии тоҷик дар муддати беш аз 45 сол муайян мегардад.

Академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. яке аз нахустин муаллимонест, ки муаллимони ояндаро таълим медоданд. Ӯ ҳам дар УДТ ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ва ҳам дар Институти педагогии ш.Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) солҳои зиёд фаъолият карда, барои тарбияи филологҳо саҳм гирифтааст.

Ҳарчанд ки хидматҳои академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. дар вақти зиндагиаш бо мукофотҳои давлатӣ қадр карда шудаанд (аз ҷумла: медали «Барои меҳнати шоён» (1944), ордени «Нишони фахрӣ» (1945), медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» (1948), ордени «Нишони фахрӣ» (1949), ордени «Нишони фахрӣ» (1950), медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» (1960), ордени «Байрақи сурхи меҳнат» (1971), ҳамчунин Грамотаҳои фахрии раёсати Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон (6 адад) ва Ифтихорномаи АИ РСС Тоҷикистон), пас аз фавташ барои абадӣ гардонидани хотираи ӯ иқдоми назаррас сурат нагирифт.

Дар замони шӯравӣ барои бузургдошти хотираи шахсиятҳои барҷаста аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир мегардид ва дар аксар маврид дар баробари интишори таъзияномаи расмӣ номгӯи чорабиниҳое ҳам чоп мешуд, ки ба бузургдошти хотираи марҳум бахшида мешуданд. Аммо чунин ҳолат дар мавриди бузургдошти хотираи академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. мушоҳида нашуд. Баъди вафоти ӯ бо ибтикор ва пофишории сокинони ш. Конибодоми вилояти Суғд танҳо як кӯча ба номи академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. гузошта шуду тамом.

Академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. барои ташаккул ва рушди илми забоншиносии тоҷик хидматҳои зиёд карда, дар тарбияи ҷавони лаёқатманд, ки минбаъд ба дараҷаҳои баландтарини илмӣ расидаанд, саҳми беандоза гузоштааст ва бинобар ин меарзад, ки бо мақсади бузургдошти хотираи ин шахсияти барҷаста бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол – ш. Душанбе ва дар зодгоҳи ӯ – ш. Конибодом хона-музеи ин олим ифтитоҳ гардад. Зарурати таъсиси хона-музей ва дар ш.Душанбе гузоштани хиёбоне ба номи академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. барои тарбияи насли ҷавон, омӯзиши таърихи илми забоншиносии тоҷик ва барои равшанӣ андохтан ба гӯшаҳои торики таърихи Тоҷикистон эҳсос мегардад.

Ҳангоми дар хусуси мавқеъ ва рушди забони тоҷикӣ сухан рондан ногузир аз ному корномаи академик Ниёзмуҳаммадов Б.Н. ёд мекунем, зеро ки ӯ ҳамчун нахустин олими забоншиноси аз ҷониби шарқшиносони ҷаҳон эътирофшуда дар саргаҳи ташаккул ва рушди забоншиносии муосири тоҷик қарор дошт. Бузургдошти хотираи ин олими барҷаста эътирофи саҳми ӯ дар ташаккул ва рушди илмҳои филологияи тоҷик, ҳамчунин эътирофи нақши муассири мактаби забоншиносии ӯ ва эътирофи саҳми шогирдонаш дар пешравии илми забоншиносии тоҷик хоҳад буд. Месазад, ки оид ба

фаъолияти илмии академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ баргузор гарданд ва куллиёти осори ӯ ба дасти хонандагон, олимон ва донишҷӯён расад, ки ин ҳам аҳамияти илмӣ, ҳам аҳамияти амалӣ ва ҳам аҳамияти тарбиявӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Академик Ниёзмуҳаммадов Бобоҷон Ниёзович, Душанбе, «Авасто», 2008.
2. Бозидов Н. Аввалин доктор – филологи тоҷик. - Бадахшони советӣ, 1966, 3 июл.
3. Кононенко Л.А. Бабаджан Ниязович Ниязмухаммедов. Душанбе, Дониш, 1966, 100 стр.
4. Маъсумӣ Н., Шукуров М. Олим ва мураббии забоншиносони ҷавон. – Маориф ва маданият, 1966, 21 май.
5. Ниёзмуҳаммадов Б. Баъзе ҷамъбастҳои корҳои кардашуда ва вазифаҳои забоншиносии тоҷик - Газетаи муаллимон, 1946, 13 дек.
6. Ниёзмуҳаммадов Б. Барои забоншиносии марксистӣ - Шарқи Сурх, 1950, № 9
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Муваффақиятҳои забоншиносии советии тоҷик - Газетаи муаллимон, 1951, 14 апр.
8. Ниёзмуҳаммадов Б. Маълумоти тоза оид ба сохти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа - Мактаби советӣ, 1966, № 4
9. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии тоҷик дар солҳои Ҳокимияти Советӣ- Мактаби советӣ, 1967, № 11
10. Ниязмухаммедов Б. Таджикский литературный язык - Коммунист Таджикистана, 1944, 21 апр.
11. Ниязмухаммедов Б. Таджикский литературный язык за 26 лет - Известия Таджикского филиала АН СССР, 1946, № 26
12. Ниязмухаммедов Б. Таджикское советское языкознание - Коммунист Таджикистана, 1951, 7 апр.
13. Ниязмухаммедов Б. Перестройка языковедческой работы в Таджикистане - Коммунист Таджикистана, 1951, 24 июн
14. Ниязмухаммедов Б. За новый подъем языковедческой работы в Таджикистане - Известия АН Тадж. ССР, 1952, вып. 1
15. Ниязмухаммедов Б. Развитие таджикской филологии за 25 лет - Известия отделения общественных наук АН Тадж. ССР, 1954, № 6
16. Ниязмухаммедов Б. О некоторых особенностях таджикских говоров Шаартуза - Известия отделения общественных наук АН Тадж. ССР, 1960, № 2
17. Ниязмухаммедов Б. О терминологической работе в Таджикистане - Вопросы терминологии, М.,1961
18. Норматов М. Забоншиносии умумӣ. Душанбе, Маориф, 1991, саҳ. 81.
19. Рустамов Ш. Роҳи пуршарафи олим. – Мактаби Советӣ, 1966, № 5, саҳ. 59
20. Шарофов Н., Николаев И. Поиск ученого. – Комсомолец Таджикистана, 1966, 20 мая.

БОБОДЖОН НИЯЗМУХЕММАДОВ – ПЕРВЫЙ УЧЕНЫЙ ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена жизнеописанию и деятельности академика АН РТ, лауреата Государственной премии имени Абуали ибн Сино по науке и технике, Заслуженного деятеля науки Таджикистана, доктора филологических наук, профессора Ниязмухаммедова Бободжона Ниязовича (1906-1979). Автор, коротко останавливаясь на биографии ученого, приводит сведения о его научных трудах и ссылается на мнение ряда известных ученых по оценке плодотворной деятельности Ниязмухаммедова Б.Н. В статье говорится о целесообразности открытия в городах Душанбе и Конибодом Согдийской области дом-музея Ниязмухаммедова Б.Н., проведения республиканской научной конференции по изучению его научных трудов и издания сборника его научного наследия. По мнению автора, чествование памяти этого великого ученого является признанием его заслуг в становлении и развитии филологических наук, влиятельной роли его научной школы и заслуг его учеников в развитии таджикского языкознания.

Ключевые слова: первый ученый, кандидат наук, доктор наук, языкознание, востоковедение, история науки, научная школа.

BOBODZHON NIYAZMUHAMMEDOV - THE FIRST THE SCIENTIST TAJIKISTAN

Article is devoted the biography and activity of academician Academy of sciences of Tajikistan, the winner of the State award of name Абуали ибн Сино on a science and the technician, the Honored worker of a science of Tajikistan, the Doctor of Philology, professor Niyazmuhammedov Bobodzhon Niyazovich (1906-1979). The author, shortly stopping on the biography of the scientist, results data on its proceedings and refers to opinions of some known scientists according to fruitful activity Niyazmuhammedov B.N. In article it is spoken about expediency of opening in cities of Dushanbe and Konibodom to Sogdiysky area of a house-museum of Niyazmuhammedov B.N., carrying out of republican scientific conference on studying of its proceedings and the edition of the collection of its scientific heritage. According to the author, celebration of memory of this great scientist is recognition of its merits in formation and

development of the philological sciences, an influential role of its scientific school and merits of its pupils in development of the Tajik linguistics

Key words: the first scientist, the candidate of sciences, the doctor of sciences, linguistics, oriental studies, science history, scientific school.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Т.С.Ориёфар* - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

СУХАНЕ ЧАНД ОИД БА ТАФОВУТИ ИСТИЛОҲ АЗ ДИГАР ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ

Ш. Ҳаитова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърифи истилоҳ аз мавқеи илми тозабунёди истилоҳшиносӣ нисбат ба таърифи забоншиносии ин мафҳум каме фарқ мекунад. Аз нуктаи назари илми истилоҳшиносӣ, мафҳуми истилоҳ се унсур дорад: унсури забонӣ, унсури мантиқӣ ва унсури вижаи истилоҳӣ. Унсури забонии истилоҳ – ин ҳамон субстрат (мабдаъ) ё воҳиди луғавии ин ё он забони миллӣ (табиӣ) мебошад, ки ба сифати истилоҳ пазируфта мешавад [6,28].

Унсури мантиқии истилоҳ, яъне суперстрат ё фавқулмабдаи мантиқии истилоҳро аломатҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо ба истилоҳ барои ифода кардани мафҳуми махсус имконият медиҳанд. Дар байни ин ду аносир ё мабодии яке забониву дигаре мантиқии истилоҳ унсури вижаи истилоҳ, яъне аломатҳои дарҷкунанда ва шаклдиҳандаи моҳияти ҷавҳарии истилоҳ ҷой мегиранд.

Ба ҳамин тариқ, истилоҳ аз нуктаи назари илми истилоҳшиносӣ мавзӯи махсусест, ки аз вожаҳои шомили мавзӯи илми забоншиносӣ фарқ мекунад. Таърифи мафҳуми истилоҳро аз мавқеи илми истилоҳшиносии муосир олими шинохтаи рус В. М. Лейчик чунин баён мекунад: «Истилоҳот – воҳидҳои луғавии забонҳои махсус буда, вазифаашон ифода кардани мафҳумҳои мушаххас ё таҷридии мансуби назарияҳое мебошад, ки он назарияҳо дар доираи соҳаҳои муайяни илму фаъолият танзим ёфтаанд ё матраҳ карда шудаанд [6,29].

Бояд зикр кард, ки ҳам илми истилоҳшиносӣ ва ҳам илми забоншиносӣ истилоҳро дар шакли воҳиди луғавӣ муоина ва таҳқиқ менамоянд, аммо ҳар кадоми ин илмҳо танҳо ҳамон аломатҳои истилоҳро ошкор кардаву шарҳ медиҳанд, ки барояш нисбатан муҳим ба шумор мераванд. Аз ҳамин сабаб, ҳар кадоми ин илмҳо барои истилоҳ ва истилоҳсозӣ меъёрҳо ва талаботҳои гуногунро ба миён мегузоранд.

Масалан, дар таърифи забоншиносии истилоҳ таваҷҷуҳи муҳаққиқон ҳарчи бештар ба масъалаи аз ҳам ҷудо кардани сохтори мазмунӣ ва шаклии истилоҳот равона карда мешавад. Муҳаққиқон зимни таҳқиқи сохтори мазмунии истилоҳ, маъмулан, усули бо ном «секунҷаи семантикӣ»-ро истифода мебаранд. Мутобиқи ин усул, сохтори мазмунии истилоҳ ба секунҷае шабоҳат дорад, ки дар як қуллааш истилоҳ, дар қуллаи дувумаш аломати истилоҳ ва дар қуллаи савумаш мафҳуми он ҷой дода шудаанд [11,85].

Вақте ки сухан дар бораи маънои истилоҳ – нахустунсури сохтори мазмунии истилоҳ меравад, дар чунин ҳолат маънои воҳиди луғавии забони миллӣ, ки вазифаи истилоҳро ба дӯш доштаву онро ичро карда истодааст, дар назар дошта мешавад. Дар ин хел ҳолатҳо кулли воҳидҳои луғавӣ маънои номинативӣ доранд – онҳо мустақиман мафҳумҳои махсусеро ном мебаранд, ки бо маънои номинативии онҳо мувофиқ меоянд. Дар баробари ин, агар воҳиди луғавӣ на як, балки якчанд маънои номинативӣ дошта бошад, дар он сурат, маънои номинативие, ки вожаи истилоҳшавандаро бо мафҳуми махсуси илмӣ вобаста мекунад аз дигар маъноҳои номинативии вожа тавассути нишон додан ё таъкид кардани денотат – ҳамон мафҳум ё чизе, ки вожа ба маънои истилоҳии худ онро ном мебарад, фарқ кунонида мешавад. Масалан, ифодагари маънои махсуси номинативӣ будани вожаи *тег* дар соҳаи ҷарроҳии тиббӣ ва ҳамзамон, фарқияти он аз дигар маъноҳои номинативии ин вожа *(теги абрӯ, теги нигоҳ, теги қассобӣ, теги аҷал ва г.)* аз тариқи денотатсия ба таври зерин нишон дода мешавад: *теги ҷарроҳӣ.* Ҳамаи маъноҳои номинативии вожаи истилоҳӣ нисбат ба якдигар омоним мебошанд.

Аммо ин нуктаи назар, ки маънои истилоҳ – ин ҳамон мафҳуми махсусест, ки истилоҳ ифодааш мекунад, каме тавзеҳ мехоҳад. Аввалан, бисёр вақт мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин ё он воҳиди луғавӣ дар низоми истилоҳотии ин ё он забони махсус на

як, балки якчанд мафҳумро ифода мекунад, ё баръакс, мебинем барои ифода кардани як мафҳуми махсус на як, балки якчанд истилоҳро истифода бурдан мумкин аст. Дар чунин ҳолат ҳамон истилоҳеро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст, ки мафҳуми ифодаёбандаро аз ҳама беҳтару дақиқтар ифода карда метавонад. Баъдан, дар забони илм истилоҳоти зиёде низ ҳастанд, ки як қисми онҳо мафҳумҳои ҳанӯз ташаккулнаёфтаи соҳаҳои гуногуни илмро ифода мекунанд, қисми дигарашон бошад, мафҳумҳоеро ифода мекунанд, ки ба назарияҳои ботила ё радшуда тааллуқ дошта, арзишу аҳамияти худро гум кардаанд. Аз ҳамин сабаб, чунин истилоҳотро ифодагари мафҳумҳои махсуси илмӣ шуморидан дуруст нест. Аммо ҳолати савум ва аз ҳама муҳим ин аст, ки маънои аксарияти кулли истилоҳоти илмӣ – мафҳумҳои кулли соҳаҳои махсуси илму фаъолият мебошанд. Танҳо дар чунин ҳолат ва танҳо дар нисбати ҳамин гуна истилоҳот бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки онҳо маънои махсусу дақиқи илмӣ доранд.

Умуман, барои дуруст муайян кардани мақоми маънои истилоҳӣ дар сохтори семантикии воҳиди луғавии забони миллӣ бо ҳам муқоиса намудани истилоҳоти илмҳои қадиму ҷадид кумак расонида метавонад. Дар илмҳои қадим, маъмулан, истилоҳоте ба кор бурда мешаванд, ки маънои истилоҳии онҳо нисбат ба маънои ғайриистилоҳии онҳо дар дараҷаи поёнтар меистад, яъне дувумдараҷа маҳсуб мешавад. Масалан, дар соҳаи бофандагӣ бисёр вожаҳое барои ифодаи мафҳумҳои хоси ин соҳа истифода бурда мешаванд, ки маънои асосиашон ғайриистилоҳӣ мебошад, мисли *калоба, ресмон, ришта* ва ғ.

Чуноне ки ҳангоми истифодаи воситаҳои гуногуни танзими истилоҳот маълум мегардад, онҳоро дар мутобиқат бо анвои сохтори мухталифе, ки доранд, чандин навъ тасниф кардан мумкин аст: таснифи мундариҷавӣ, тасниф аз рӯйи шакли забонӣ, таснифи функсионалӣ, тасниф аз рӯйи аломатҳои забониву ғайризабонӣ. Ҳамаи таснифоти зикршуда бо ҳам сахт алоқаманд буда, донистани онҳо зарур мебошад. Ҳангоми таснифи истилоҳот бояд якчанд хусусиятҳои муҳиме, ки барои ҳамаи истилоҳот новобаста аз мансубияти онҳо ба низоми гуногуни истилоҳотӣ хос мебошанд, ба инобат гирифта шаванд. Яке аз чунин хусусиятҳо – мафҳумҳои кулливу махсусро ифода кардани истилоҳоти илмӣ мебошад. Истилоҳоти илмӣ бо ин хусусияти худ аз дигар воситаҳои номинативие, ки барои ифодаи мафҳумҳои ҷузъиву инфиродӣ истифода бурда мешаванд, бараъло фарқ мекунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи таснифи мафҳумҳои куллӣ то имрӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст. Натиҷаҳое, ки муҳаққиқон то имрӯз ба даст овардаанд, барои таснифи пурраву мукаммали мафҳумҳои куллӣ чандон ҳам кифоят намекунанд. Хулосаи ин натиҷаҳо чунин аст: ҳар як мафҳуми куллӣ ба як мавзӯи мушаххас ё тадриҷии кулливу таснифпазири ин ё он соҳаи муайяни илму фаъолият мутааллиқ мебошад.

Ҳангоми таснифи мафҳумҳои куллӣ дар навбати аввал куллитарин мафҳумҳое тасниф карда мешаванд, ки дар фалсафа ва илми мантиқ онҳоро ***категорияҳо*** ё ***маъкулаҳо*** меноманд. Ба ин гурӯҳ, ки дар раъси низоми табақавии мафҳумҳо ҷой дода мешавад, мафҳумҳои *модда, фазо, замон, миқдор, сифат, андоза* ва ғ. шомил мешаванд.

Дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин таърифи истилоҳ оварда шудааст: «Истилоҳ (муродифи арабӣ-тоҷикии вожаи юнонии *terminus- ҳад, ҳудуд)*- вожае, ки ҳангоми истифода шуданаш дар доираи ин ё он соҳаи илм, техника, маданият ва ё истеҳсолот як мафҳуми муайянро ифода мекунад. Хусусияти аз ҳама муҳими истилоҳ якмаъноӣ мебошад»[3,63]. Айнан ҳамин гуна таърифи истилоҳ бо андаке дигаргунӣ дар китоби дигари дарсӣ бо номи «Лексикаи забони адабии тоҷикӣ» ба назар мерасад: «Истилоҳ (муродифи арабиву тоҷикии калимаи юнонии *terminus* – ҳад, ҳудуд) – калимае мебошад, ки мафҳумҳои якмаънои соҳаҳои гуногуни ҳаёт – илм, истеҳсолот, санъат ва ғайраро ифода мекунад» [8,125]. Чунин таърифи мухтасари истилоҳ дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» низ оварда шудааст: «Истилоҳ – калима ё иборае, ки аҷсому падидаҳо ва мафҳумҳои илмӣ, маданӣ, техникӣ ва ғайраро ба таври дақиқ ифода мекунад. Истилоҳ дар тафовут аз калимаҳои маъмулӣ танҳо як маъно ва ҳудуди муайяни семантикӣ дорад» [13,51].

Муаллифи китоби «Муқаддимаи забоншиносӣ» низ дар асари номбурда моҳияту вазифаи истилоҳро ба таври хеле кӯтоҳ чунин баён кардааст: «Истилоҳот – калимаҳои махсусе мебошанд, ки як маъноро ифода карда (бо ин хусусияти худ), аз калимаҳои маъмулӣ, махсусан аз калимаҳои сермаъно фарқ мекунанд» [10,48].

Бояд тазаккур дод, ки аз байни муҳаққиқони тоҷик таърифи аз нуқтаи назари илми истилоҳшиносии муосир нисбатан комилу дурусти истилоҳро М. Султон баён кардааст. Ӯ дар қисмати муқаддимавии монографияи худ, ки дар он таърихи ташаккулёбии истилоҳоти илмии тоҷикиро таҳқиқ кардааст, мафҳуми истилоҳро чунин шарҳ медиҳад: «Истилоҳот – вожаҳое мебошанд, ки дар доираи амалкарди як илм мафҳумҳои мушаххасро ифода карда, дар якҷоягӣ бо дигар воҳидҳои забонии бо истилоҳот алоқаманд (як) низом (мушаххас)-и истилоҳотиро ташкил медиҳанд» [7,25].

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, аз миёни ҳамаи воҳидҳои луғавии забони миллӣ (табиӣ) танҳо истилоҳот хусусияти тафсиркунандагӣ (дефинитивӣ) доранд. Масалан, Л. В. Морозова менависад, ки аломати муҳими истилоҳ – тафсири илмие мебошад, ки дар мазмуни он ғунҷонида шудааст [9,5]. Аммо аксарияти муҳаққиқон ин ақидаро рад намуда, чунин нуктаи назарро собит менамоянд, ки на танҳо истилоҳот, балки ҳар як вожаву ибораи маъмулӣ низ метавонад тафсир дошта бошад. Илова бар ин, бояд таъкид кард, ки дар баъзе соҳаҳои махсуси илму истеҳсолот бисёр мафҳумҳое вуҷуд доранд, ки бо воситаҳои забонӣ, аммо бе тафсири лафзӣ, ифода карда мешаванд. Маънои истилоҳоте, ки чунин мафҳумҳои бо сухан тафсирнашавандаро ифода мекунанд, на ба воситаи тафсири лафзӣ, балки бо дигар воситаву усулҳо баён карда мешаванд. Ҳолатҳои зикршударо ба назар гирифта, бархе муҳаққиқон шакли нисбатан дақиқи таърифи мантиқии истилоҳро ба таври зерин баён кардаанд: истилоҳ воҳиди луғавие мебошад, ки тафсир (дифинитсия) мехоҳад (2;4;5;12).

Натиҷаҳое, ки дар таҳқиқотҳои навини истилоҳшиносӣ ба даст оварда шудаанд, ба таври умумӣ собит менамоянд, ки ҳар як вожа, ҳар як воҳиди луғавии забони миллӣ имконият ё «ҳуқуқи» истилоҳ шуданро доранд.

Танҳо бо истифода аз усулҳои илми забоншиносӣ ошкор кардани тафовути миёни истилоҳот ва дигар воҳидҳои луғавие, ки дар радифи истилоҳот дар забони илм ба кор бурда шуда, аммо маънои махсус надоранд, кори хеле мушкил аст. Барои ҳалли ин масъалаи мушкил усулҳои мантиқӣ – забоншиносӣ истифода бурда мешаванд. Дар натиҷаи истифодаи ин усулҳо дар илми забоншиносӣ якчанд нуктаи назар дар бораи таносуби байни мафҳум ва маънои луғавии истилоҳ ташаккул ёфтаанд:

1.Истилоҳ маънои луғавӣ дорад ва он маъно ҳамон мафҳумест, ки онро истилоҳ ифода мекунад;

2. Истилоҳ маънои луғавӣ дорад, аммо маънои луғавии истилоҳ ва мафҳуме, ки истилоҳ ифода мекунад, як чиз нестанд;

3. Истилоҳ маънои луғавӣ надорад ва маънои истилоҳ ҳамон мафҳумест, ки дар истилоҳ ифода ёфтааст;

4. Истилоҳот мафҳумҳои амиқи илмиро ифода мекунанд, дар вожаҳои маъмулӣ бошад мафҳумҳои соддаву оммафаҳм ифода меёбанд [1,3].

А Д А Б И Ё Т

1. Герд А. Ещё раз о значении термина // Лингвистические аспекты терминологии.–Воронеж: Издательство Воронежского университета, 1980. – С. 3 – 9.
2. Даниленко В. П. Русская терминология: Опыт лингвистического описания. – С. 15.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика, морфология (Дар зери таҳрири Б. Ниёзмуҳаммадов). – Душанбе: Ирфон, 1973. – С. 63.
4. КанделакиТ. Л. Семантика и мотивированность терминов. – М.: Наука, 1977. – С. 7;
5. Лейчик В. М. Терминоведение: Предмет, методы, структура. – С. 31 – 32.
6. Лейчик В. М. Языки для специальных целей – функциональные разновидности современных развитых национальных языков // Общие и частные проблемы функциональных целей. – М.: Наука, 1986. – С. 28 – 43.
7. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 25.
8. Муҳаммадиев М., Талбакова Х., Нурмуҳаммадов Ю. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1997. – С. 125.
9. Морозова Л. В. Опыт дефиниционного описания терминополя: На базе терминов ядерной физики и техники. Автореф. дисс. на соискание уч. ст. канд. филол. наук. – Калинин, 1970. – С. 5.
10. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995. – С. 48.
11. Степанов Ю. С. Семиотика. – М.: Наука, 1971. – С. 85 – 91; Фреге Г. Смысл и денотат // Семиотика и информатика. Восьмой выпуск. – М.: ВИНИТИ, 1977. – С. 181 – 210.

12. Шелов С. Д. Определение терминов и понятийная структура терминологии. – СПб.: Изд-во Санкт Петербургского университета, 1998. – С. 83; Лейчик В. М. Терминоведение: Предмет, методы, структура. – С. 24-25 и др.
13. Энциклопедияи Советии Тоҷик. – Ч. III. – Душанбе, 1981. – С. 51.

НЕСКОЛЬКО СЛОВ ОБ ОТЛИЧИИ ТЕРМИНОВ ОТ ДРУГИХ СЛОВАРНЫХ ЕДИНИЦ

Статья посвящена изучению и определению терминов, а также выявлению отличительных свойств терминов от других словарных единиц на примере таджикского языка.

Ключевые слова: языкознание, терминология, термины, словарные единицы, различия и свойства терминов, таджикское языкознание.

SOME WORDS ABOUT DIFFERENCE OF TERMS FROM OTHER DICTIONARY UNITS

Article is devoted to studying and definition of terms, and also detection of distinctive properties of terms from other dictionary units on the example of the Tajik language.

Key words: linguistics, terminology, terms, dictionary units, distinctions and properties of terms, Tajik linguistics.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ш. Хаитова*** **–** докторант Таджикского национального университета

ҶУМЛАИ СОДА АЗ НИГОҲИ МАЪНО ВА ОҲАНГИ ГӮЙИШ ДАР «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»

Маҳдӣ Дорхол
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони форсӣ гӯянда барои баёни мақсадҳо ҷумлаҳоро бо оҳангу маъноҳои мушаххас баён менамояд, ки шунаванда бо шунидани он аксуламал нишон медиҳад. Масалан, дар ҷумлаи «Ризо китобро хонд», хонанда хабареро аз ин ҷумла мутаваҷеҳ мегардад, вале вақте гӯянда бо тарзи саволӣ ин ҷумларо баён кунад, Мисол: «Ризо китобро хонд?» шунаванда маҷбур ба посух додан мегардад.

Ҷумла аз нигоҳи оҳанг ва маъно дар китобҳои дастури забони форсӣ ба чаҳор сурат зикр гардидааст. Ба таври мисол Парвиз Нотели Хонларӣ дар китоби «Дастури забони форсӣ» худ чунин баён кардааст.

«Ҷумла маҷмӯае аз калимаҳое аст, ки бар рӯйи ҳам дорои як мафҳуми тамом ва комил аст ва ҷумла чаҳор навъ аст:1.Хабарӣ; 2.Пурсишӣ; 3.Амрӣ; 4. Тааҷҷубӣ [4]. Дар китоби «Тарихи Байҳақӣ» ҷумлаҳоро метавон аз дидгоҳи маъно ва оҳанг ба навъҳои зерин тақсим кард:

I.Ҷумлаи содаи хабарӣ (ҳикоягӣ) Дар ин навъ ҷумла гӯянда анҷом додани коре, ё рӯй додани ҳолате ва ё эҷоди иртиботеро ба шунаванда хабар медиҳад ва ё ҳикоят мекунад. Чунончи, дар «Таърихи Байҳақӣ» омадааст: Он тахт биорост [2,53][*]

Амир Масъуд бадин нома сахт шод шуд (с. 60).

Устодам Хоҷа Бунасри Мушкон сахт тарсон мебуд (саҳ.53).

Бад-он вақт шуғли девони рисолат ман медоштам (саҳ.163).

Бӯсайид аз шодӣ бигирист сахт ба дард (саҳ.181).

Ин маҷлисро ҳокими лашкар ва фақиҳи буния ба Амир расониданд (саҳ. 233).

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки китоби «Таърихи Байҳақӣ» китоби таърихӣ ва ривоятӣ ва ҳикоятӣ мебошад, ҷумлаҳои хабарӣ бештар дида мешавад. Ба таври мисол пас аз баррасии 1000 ҷумлаи сода беш аз 700 ҷумлаи сода хабарӣ дида шуда, ки бо таваҷҷуҳ ба навъи ин китоб интизор мерафт, ки аз се навъи дигар ҷумлаҳо (пурсишӣ, амрӣ, тааҷҷубӣ) бештар бошад. Сохтори ҷумлаҳои содаи хабарӣ дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» аз лиҳози баён ва гуфтор ва дигар мавридҳо бар ҷумлаҳо баъд аз худ низ таъсири мустақим гузошта ва ба навъе ҷумлаҳои гуфтории имрӯзаи забони форсӣ гирифта шуда ва намунае аз ин китоб мебошад. Масалан, ҷумлаи: Амирро ин ҷавобҳо сахт хуш омад (с.70) дар гӯйиши имрӯзии забони форсӣ ин навъ оҳанг ба ҳамин сурат низ гуфта мешавад. Мисол: Донишҷӯ аз гуфтори устод бисёр шодмон шуд.

[*] Минбаъд дар қавс танҳо саҳифаи ин асар зикр мешавад.

Пас мебинем дар ин ду навъ гӯйиш дар ду давраи таърихии мутафовит ҳеҷ тағйири ҷиддӣ ва ошкоре дида намешавад.

Таркиби ҷумлаҳои хабарӣ

Таркиби ҷумлаҳои хабарӣ, ки дар «Таърихи Байҳақӣ» ба кор рафтааст, бештар ба суратҳои зер аст:

1. Ҷумлаи содаи хабарии яктаркибаи холис (хуллас): Дарёфт (саҳ. 14).

2. Ҷумлаи содаи хабарии яктаркибаи тафсилӣ: Бо мо бандагон шукри бисёр кард (саҳ. 72).

3. Ҷумлаи содаи хабарии яктаркибаи холис: шуданд? (саҳ. 274).

4. Ҷумлаи содаи хабарии дутаркибаи тафсилӣ: Ин ғуломони мақмудӣ низ дар гуфтугӯ омадаанд (саҳ. 183).

5. Ҷумлаи содаи хабарӣ, ки ниҳод дар ибтидои ҷумла меояд: Муставориён шумори вай бознигаристанд (саҳ. 180).

6. Ҷумлаи содаи хабарӣ, ки бо мафъул шурӯъ гардидааст: Онро аз миёни мум берун гирифт (саҳ. 23).

7. Ҷумлаи содаи хабарӣ, ки бо ҳол шурӯъ шудааст:

а) бо ҳоли замон шурӯъ шудааст: Як рӯз аз бом маро овоз дод (саҳ. 166). Дигар рӯз он ҷо барнишаст (саҳ. 21). Он шаб дар пояи кӯҳ фуруд омад (саҳ. 169).

б) бо ҳоли макон шурӯъ шудааст:

Ҷангҷойҳо бидид (саҳ. 168). Ба машриқ ва мағриб сухани ман равон аст (саҳ. 223).

в) бо ҳоли кайфият шурӯъ шудааст: Хӯрон-хӯрон омад то хайма (саҳ. 285).

г) бо ҳоли миқдор шурӯъ шуда бошад: Бисёр ғурӣ кушта шуд (саҳ. 172).

Пас аз баррасии таркиби ҷумлаҳои хабарӣ дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» бештар мавриде, ки аз гунаҳои мухталифи ин ҷумлаҳо ба чашм хурд, ҷумлаҳои содаи хабарии дутаркиба, ки ниҳод дар ибтидои ҷумла меояд, қариби 400 ҷумла аз ин навъ ба чашм хурд. Баъд аз он ҷумлаҳои яктаркибаи тафсилӣ, ки ниҳод дар ибтидои он намебошад ва бинобар далоили чун, иҷоз ва зикр дар ҷумлаи қабл ниҳодро ҳазф менамояд ва қариби 300 ҷумла аз ин навъ ёфта шуд. Баъд аз ин ду навъ ҷумла 100 адад ҷумлаи содаи яктаркибаи холис ва 70 адад ҷумлаи содаи хабарӣ, ки мафъул дар ибтидои ҷумла омадааст ва баъд аз ин чор қисми ҷумла суратҳои мухталиф, ки бо ҳол дар як (қайд) шурӯъ гардидааст, ки аз ҳамаи анвои ҷумлаҳои хабарӣ камтар мебошад.

II. Ҷумлаи пурсишӣ (истифҳомӣ). Ҷумлаҳои содаи истифҳомие, ки дар «Таърихи Байҳақӣ» истифода шудаанд, асосан монанди ҷумлаҳои хабарӣ дар забони имрӯзаи форсии тоҷикӣ тафовути назаррас надорад. Дар нутқи шифоҳӣ ҷумлаи саволиро аз рӯйи оҳанг метавон фаҳмид. Дар нутқи навишторӣ фарқи ин ду навъ ҷумларо аз рӯйи аломати пурсиш, ки дар охири ҷумлаи пурсишӣ мегузорем, мефаҳмем.

Муқоиса шавад:

Ҳасан омад. (ҷумлаи хабарӣ). Ҳасан омад? (ҷумлаи пурсишӣ)

Гоҳе дар ҷумлаҳои пурсишӣ калимаҳои пурсишӣ монанди: Оё, кӣ, чӣ, кадом ва ... меоянд, ки мутаносиб бо калимаҳои пурсишӣ посух дода мешавад. Пас бо таърифе, ки аз ҷумлаҳои пурсишӣ доштем, метавон ҷумлаи пурсишӣ (истифҳомӣ)-ро чаҳор гуна донист:

1. Ҷумлаи пурсише, ки монанди ҷумлаи хабарӣ аст ва тафовути он дуро аз оҳанги ҷумла метавон дарёфт. Чунончи:

Ҳасан ба донишгоҳ расид? // Ҳасан ба донишгоҳ расид.

2. Дар аввали ҷумла вожаи «**оё**» меояд. Оё, дар имтиҳони донишгоҳ ширкат намудӣ?

3. Яке аз калимаҳои пурсишӣ ба мисли: кадом, куҷо, чаро дар ҷумла ба кор меравад.

Кадом дарсро хондӣ? Куҷо рафтӣ? Чаро ба мактаб нарафтӣ?

4.Калимаи оё дар аввал ва калимаи пурсиш дар зимни пурсиш боҳам меояд. Оё чӣ хабар дорӣ?

Дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» сохтори ҷумлаи пурсишӣ монанди гӯйиши имрӯзии забони форсии тоҷикӣ мебошад. Танҳо баъзе вижагиҳое дорад. Дар ифодаҳои ҷумлаҳои саволӣ муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» мисли сохтори ҷумлаи саволӣ дар забони форсии тоҷикии имрӯз аз вожаҳои истифҳомӣ хуб истифода кардааст. Чунончи, дар ҷумлаҳои зер дида мешавад:

Тадбир чист? (саҳ.16)

Кадом кас бурд наздики вай? (С.8)

Акнун Худованд чӣ дида аст дар ин боб? (саҳ. 12)
Аз жож хойидан таваҷҷуҳ кардӣ? (саҳ. 217)
Ман дар ин миёна ба чӣ корам? (саҳ. 200)
Ё бо Саид чӣ гӯӣ? (саҳ.181)

Пас аз баррасии зиёда аз 1000 ҷумлаи сода дар ҷилди панҷум ва шашуми «Таърихи Байҳақӣ» зиёда аз 150 ҷумлаи пурсишӣ дида шуда, ки тақрибан ҳеҷ тафовути сохторӣ дар он дида намешавад. Ба навъ чаҳор пурсиши зикршударо дар асар метавон ёфт, ки баъд аз ҷумлаи ҳикоятӣ бештарин навъ ҷумла дар ин китоб дониста мешавад. Дар китобҳои таърихӣ, дастури забони форсӣ таркиб ва сохтори ин навъ ҷумлаҳо дар қарнҳои баъд аз китобати «Таърихи Байҳақӣ» дида мешавад, ки монандӣ ва шабоҳат дар сохтори онҳо низ мушоҳида мешавад.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» таркиб ва ҳайати ҷумлаҳои пурсишӣ ба суратҳои мухталиф дида шудааст:

1. Бидуни нишонаи пурсиш ва бо оҳанги саволӣ мешавад:
Ин пайғоми Худованд ба ҳақиқат мегузорӣ? (саҳ.222)
Аз жож хоидан тавба кардӣ? (саҳ.217)
2. Овардани нишона ва калимаи пурсиш дар оғози ҷумла:
Чӣ гӯӣ дар дин ва эътиқоди ин мард? (саҳ. 230)
3. Овардани нишона ва калимаи пурсиш дар охири ҷумла:
Тадбир чист? (саҳ.16)
4. Қарор гирифтани калима ва нишонаи пурсишӣ баъд аз нидо:
Ё бо соид чӣ гӯи? (саҳ.181)
5. Қарор гирифтани нишона ва калимаи пурсишӣ баъд аз мафъул:
Маро чаро бояд кушед? (саҳ.222)

Дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» аз калима ва нишонаи пурсишӣ бештар истифода мешавад. Ва он қадар нависандаи ин китоб ҳунармандона калимаи пурсишро дар тамоми қисматҳои ҷумла ба кор мебарад, ки наметавон барои он қонун ва қоидае навишт. Аммо он чи барои ман дар ин китоб собит шуда, замонест, ки Абулфазли Байҳақӣ аз калимаи пурсиш истифода намекунад, мехоҳад бар зебоии нутқ биафзояд ва таъсири каломашро зиёд кунад:

Аз жож хоидан товба кардӣ?

То лаҳзаи охир мухотаб намедонад, ки ҳадафи гӯянда суол ва пурсиш аст, вале бо тамом шудани ҷумла маҷбур мешавад, ҷавобро баён намояд. Ва дар ҷавоб ҳа ё не бигӯяд ва замонеро барои пурсиши дигар фароҳам нанамояд.

III.Ҷумлаи содаи амрӣ. Навъи дигар аз ҷумалаҳои сода ҷумалае аст, ки дар он фармоне, амре дода шудааст ва ё дархосте менамоем, ки дар муқобил мухотабро лозим ба анҷоми аксуламал менамояд. Дар ҷумлаи амрӣ аз касе мехоҳем, ки кореро анҷом бидиҳад ё ҳолатеро бипазирад. Мисол: Барои имтиҳон бештар дарс бихонед.

Вақте мегӯем Биё! Хитоби мо ба касе аст, ки рӯ ба рӯйи мо истодааст ё ба василаи телефон ё нома мавриди хитоб қарор мегирад. Пас лозим нест, ки номи ӯ дар ҷумла биёяд. Ба ин сабаб аст, ки дар ҷумали амрӣ аксар мубтадо ҳазф шудааст. Мисол: «Китобро бихон», монанд аст ба «Ризо китобро бихон».

Масалан, дар «Таърихи Байҳақӣ» ҷумлаҳое ба-дин монанд хеле зиёд аст: Ҳар гоҳ мухотаб фармони мушаххас набошад, яъне надонад, ки фармон ба ӯ дода мешавад, ногузир ӯро ном мебарем. Ном бурдани касе, ки тарафи хитоб аст, нидо хонда мешавад. Агар чанд нафар рӯ ба рӯйи шумо бошанд, мехоҳем ба яке аз онҳо фармоне бидиҳем. Агар номи ӯро наёваред, ҳеҷ як аз он чанд нафар намедонад, ки кадом як бояд фармонро анҷом бидиҳад ё ҳолатеро бипазирад. Пас номи он касро, ки мақсади шумо аст, зикр мекунед. Ӯро «нидо» мекунед.

Эраҷ, китобро биёр! Гоҳе низ калимаи «эй»-ро ба аввали номи ӯ изофа мекунем: Эй Эраҷ, китобро биёвар! Калимаи «Эй» дар ин ҷо нидо хонда мешавад. Дар адабиёти форсӣ хоса дар шеъргоҳе ба ҷойи калимаи «Эй» пеш аз исм, ҳарфи «е» дар охири ном изофа карда мешавад:

Саъдиё! Марди накӯном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба некӯӣ набаранд.

Дар форсии имрӯз ҳар гоҳ феъли амрӣ созанд, яъне як калима танҳо бошад, дар аввали модаи он ҳамеша ҷузъи пешини «би» меояд: биёр, биё, бинишин, бихӯр, бигир ва ғ.

Агар феъл аз ду калима таркиб шуда бошад, дар аввали модаи феъли оянда ҷузъи пешини «би» изофа намешавад: Пок кун, зуд бош, пок кун?...

Дар адабиёти форсӣ, махсусан дар шеър, ҳама сиғаҳои амрӣ бе ҷузъи пешини «би» ба кор мерафтааст.

Духул зан гӯ ду навбат зан башорат,

Ки душам қадр буд имрӯз Наврӯз (Саъдӣ).

Гоҳе низ дар адабиёти форсӣ ҷузъи пешини «ме» ба аввали феъли амр изофа карда мешавад:

Бирав, кор мекун магу чист кор,

Ки сармояи ҷовидонӣ аст кор.

Сурати манфии феъли амр «наҳй», яъне касеро аз коре боз доштан.

Нишонаи наҳй дар адабиёти форсӣ **на** ва гоҳе **ма** аст.

Ӯро боз надорӣ (саҳ.25).

Маро фаромӯш макунед (саҳ.9).

Шарм мадоред. (саҳ.17).

Ҳамон тавр ки аз таърифҳои боло бармеояд, ҷумлаҳои содаи амрӣ яке аз пуркорбурдтарин навъҳои ҷумлаи сода дар забони форсӣ аст. Ин навъ ҷумлаҳо дуруст мутобиқи мавридҳои гуфташуда, аз тамоми анвои ин навъ ҷумла дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» дида мешавад. Мутобиқи баррасии зиёда аз 1000 ҷумлаи сода сурат гирифта, тақрибан ҷумлаи амрӣ дар навъҳои мухталифи он дида мешавад. Баъд аз ҷумлаи ҳикоятӣ ва истифҳомӣ пуркорбурдтарин навъи ҷумла дар китоби ҷовидонаи «Таърихи Байҳақӣ» мебошад. Метавон гуфт бағайри суратҳои қадимии ҷумлаҳои амрӣ навъҳои дигари ҷумлаи амрӣ бо ҷумлаҳои амрии гӯйиши имрӯзи забони форсӣ ҳеҷ тафовуте надошта, ба навъи ҳолатҳои ҷумлаҳои амрии имрӯз аз сохтор ва дастури ин навъ ҷумла дар ин китоб пайравӣ мекунад. Метавон гуфт, ки манбаъ, марҷаъ ва маъхази навъҳои ин навъ ҷумларо бояд дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» ёфт. Ҷумлаҳои амрӣ ба сабаби вуҷуди таърихи шоҳони Ғазнавӣ дар ин китоб ба тарзи хуб дида мешавад. Нависанда аз ҳунари беназири худ дар сохтани ин навъ ҷумла хеле хуб истифода намудааст.

IY.Ҷумлаи содаи хитобӣ Дар ин навъ ҷумла, ҳамон тавр ки аз номаш бар меояд, мухотабро мавриди хитоб қарор медиҳанд. Дархостро ба суратҳои мухталиф аз ҷумла: **илтиҷо**, **дуо**, **орзу**, **таманно** ва илтизом менамояд. Ҳол бар хилофи ҷумлаи амрӣ маҷбур дар анҷоми он намебошад, мухотаб дар анҷоми он соҳибихтиёр мебошад. (Дар бисёр китобҳои дастури забон ин навъ ҷумларо бо номи ҷумлаи таманнӣ мехонанд). Масалан: Худое, бар мо раҳм фармо. Эй кош, борон биборад.

Дар бисёр китобҳои таърихӣ ин навъ ҷумла дида мешавад, ки сазовори мавқеияти ҳар ҷумла аз навъи хоси он истифода мешавад. Метавон гуфт, ки ин навъ ҷумла то ҳудуде шабоҳат ба ҷумлаи амрӣ дорад, Вале тафовути ошкор дар он аст, ки дар ҷумлаи амрӣ мухотаб маҷбур ба анҷоми кор мебошад, вале дар ин навъ ҷумла ҳеҷ маҷбуре нест.Ҷумлаи хитобиро вобаста ба маъною мазмуне, ки баён медорад, тахминан ба чунин навъҳо метавон аз рӯи маводи «Таърихи Байҳақӣ» ҷудо кард:

1.**Ҷумлаи дуоӣ**: Худовандро бақо бод (саҳ.11). Зиндагонии Худованд дароз бод (саҳ.12).

2.**Ҷумлаи илтизомӣ**: Моро низ бибояд рафт (саҳ.21). Ночор ин шаҳнаро бибояд гумошт (саҳ.21).

3.**Ҷумлаи орзуӣ**: Эзид Таоло бад-ин дард ғам нагирад (саҳ.225).

Дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» аз ҳар навъи ин ҷумла дида мешавад, ки бо ҳолат ва сохтори ин навъ ҷумлаҳо дар имрӯза тафовути зиёде дида намешавад. Қаноат бештар дар маҳали қарор гирифтани ҷузъҳоест, ки дар кулли ин сохтор то форсии имрӯза идома дошта ва дорад. Пас аз баррасии 1000 ҷумлаи сода дар ҷилди панҷум ва шашуми «Таърихи Байҳақӣ» беш аз 70 навъ аз ин ҷумлаҳо дида мешавад, ки бештари онҳо ҷумлаҳои дуоӣ ва камтарини он илтизомӣ аст.

Ин навъ ҷумла яке аз навъҳои ҷумлаҳои эҳсосӣ аст, ки дар он илова бар мавридҳои ин навъ ҷумла, ки гуфта шуд, эҳсосотро низ бар меангезад ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки китоби «Таърихи Байҳақӣ» як китоби таърихи ҷомеъ аст, аз ин навъи ҷумла бештар истифода шудааст. Дар он ҷумлаи хитобӣ мувофиқ ба дастури забон ба зебоӣ нигошта шуда, ки метавон гуфт яке аз мутанавеътарин китоби таърихии Эрон дар хусуси дастури забон аст, ки нависандаи он бо истифода аз ҷумлаҳои содаи хитобӣ қасди барангехтани эҳсосоти хонанда ва қазовати онон нисбат ба масоили иттифоқ афтода дар он даврон аст. Дар поёни ин қисмат аз ҷумлаи сода (ҷумла аз нигоҳи маъно) ишора

мешавад. Се навъи аввали ин ҷумлаҳо дар китобҳои дастурии имрӯзӣ низ вуҷуд дорад. Фақат навъи чорум (ҷумлаи содаи хитобӣ) вуҷуд надорад. Дар баҳсҳои дигар монанди пардохтани феълҳо ба баррасии он пардохта шуда ва ба ҷои баҳси ҷумлаи тааҷҷубӣ матраҳ гардида ва бо таваҷҷуҳи таърихӣ будани дастури ин рисола фақат ба баррасии анвои таърихии ин навъ ҷумлаҳо пардохта мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадҷаводи Машкур. Дастурнома дар сарфу наҳви форсӣ. - Теҳрон: Интишори Шарқ, чопи сездаҳум, 1368.
2. Муҳаммад Абулфайзи Байҳақии Дабир. Таърихи Байҳақӣ.-Теҳрон, соли 1378 ҳ.
3. Ҳасан Аҳмад, Ҳасан Анварӣ. Дастури забони форсӣ. -Теҳрон, 1379.
4. Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ. –Теҳрон: Интишори Тӯс, 1373 ҳ.
5. Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ. –Теҳрон: Интишори Бунёди фарҳангии Эрон. -1363.ҳ.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе, Ҷилди 2. 1989
7. Хоҷаев Д. Андешаҳои Носири Хусрав оид ба анвои ҷумлаҳои сода//Маърифат, 2004,№11-12.-С.11-12.

ПРОСТОЕ ПРЕДЛОЖЕНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЗНАЧЕНИЯ И ПРОИЗНОШЕНИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «ТАЪРИХИ БАЙХАКИ» («ИСТОРИЯ БАЙХАКИ»)

В статье рассмотрены различные способы выражения простых предложений с точки зрения значения и произношения в произведении «Таърихи Байхаки» («История Байхаки»).

Ключевые слова: простое предлжожение, значение, произношение, произведение «Таърихи Байхаки» («История Байхаки»).

SIMPLE SENTENCE FROM THE POINT OF VIEW OF VALUE AND THE PRONUNCIATION IN THE WORK "TARIHI BAYHAKI" ("HISTORY BAYKHAKA")

In article various ways of expression of simple sentences from the point of view of value and a pronunciation in the work "Tajrikhi Baykhaki" ("Baykhaka's History") are considered.

Key words: simple sentence, value, pronunciation, works "Tajrikhi Baykhaki" ("Baykhaka's History").

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Махди Дорхол***-соискатель Таджикского национального университета

ХУСУСИЯТҲОИ ФОНЕТИКИИ МУАРРАБОТИ “КИТОБ УС –САЙДАНА ФИ – Т - ТИБ”-И АБӮРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

Фарзона Саидова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар миёни осори тиббии қадим «Китоб ус-сайдана фи-т-тиб»-и Абӯрайҳони Берунӣ мероси гаронбаҳои илмие мебошад, ки дар он на танҳо хусусиётҳои грамматикӣ-синтаксисии истилоҳоти тиббии тоҷикӣ инъикос ёфтааст, балки тағйироти фонетикии муарработи тоҷикиро низ метавон баррасӣ кард.

Агар ба таърихи забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ муроҷиат намоем маълум мегардад, ки ҷараёни воридшавии иқтибосоти тоҷикӣ ба забони арабӣ ҳам дар давраи пеш аз ислом, ҳам дар замони густариши дини ислом дар Эрону Мовароуннаҳр ба забони арабӣ идома ёфтааст. Ҳарду марҳилаи воридшавӣ чӣ аз ҷиҳати тарзи дохилшавӣ ва чӣ аз ҷиҳати миқдору сифат аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд. Фарқи марҳилаи пеш аз ислом дар ин аст, ки калимаҳои форсӣ аз давраи Ҳахоманишиён то оғози ислом, асосан, дар шакли шифоҳӣ ворид гардиданд ва ҳеҷ ҳуҷҷате ба сурати хаттӣ ворид шудани онҳоро дар даст надорем, ҳарчанд дар замони Ҳахоманишиён хати оромиасоси мехӣ, ки катибаҳои Тахти Ҷамшед ва ғайра бо онҳо навишта шудааст, вуҷуд дошт. Вале чунонки сарчашмаҳо аз истифодаи ин хат ба арабҳои қадим ишора намекунанд, маълум мегардад, ки истифодаи хат дар арабҳо то чанд муддат пеш аз пайдоиши ислом аз набатиён дар Ҳира омӯхтаанд.

Фарқи воридшавии калимаҳои тоҷикӣ ба арабӣ дар даврони чанд муддат пеш аз даврони ислом ва рӯзгори интишори ислом дар ин аст, ки вожаҳои тоҷикӣ аввал дар ашъори шоирони даврони ҷоҳилият, ки бархе аз онҳо дар дарбори шоҳони эронӣ буданд ва сипас ба воситаи тарҷумаҳо аз форсии Сосонӣ дар шакли хаттӣ ба арабӣ гузаштанд.

Ҳамчунин эҳтимол меравад, ки дар замони рӯзгори наҳзати тарҷума осори тиббии пахлавӣ, форсии миёна, ҳатто шояд форсии нав низ ба арабӣ аз тарафи ин мутарҷимон ва ё мутарҷимони дигар баргардон шуда, истилоҳоти зиёди тоҷикии илми тиб ва дорушиносӣ ба забони арабӣ ворид шудааст, ки шакли муарраби бархе аз ин истилоҳот дубора ба забони тоҷикӣ дохил гардидааст. Мисол: Аллозвард шакли арабишудаи *ложвард* (371) аст; алмайфухтаҷ (631) *майи пухта* аст; алҳурбуса (431) *(хӯрбуса)*; бодранҷбуя (253) *(бодрангбӯя)*; бодзаҳр (254) *(подзаҳр)*; бозинҷон (255) *(бодинҷон)*; банҷанкушт (297) *(панҷангушт)*; ҷуланҷубин (859) *(гулангубин)*; ҷулласон (860) *(гулафшон)*.

Чунонки маълум аст, ҳама гуна иқтибосоте, ки аз як забон ба забони дигар ворид мешаванд, одатан, бо тағйиротҳои мухталифи овоӣ (фонетикӣ) дучор мегарданд. «Тағйир ёфтани маводи иқтибосӣ аз забони бегона чунон як раванди хосе мебошад, ки дар забони иқтибосгиранда сабаби пайдо гардидани калимаи нав дар асоси калимаи бегона гардида, онро барои иқтибос гирифтан зарурӣ бояд ҳисобид ҳарчанд он иқтибос дар забони асл боқӣ хоҳад монд»

Одатан, маводи иқтибосгардида аз як забон ба забони дигар ба қонуну қоидаҳои овозии забони иқтибосгиранда ва меъёрҳои талаффузи он тобеъ ва созгор мегарданд. Дар натиҷаи ин овозҳое, ки ба забони иқтибосгиранда мувофиқат надоранд, ё ба овозҳои ба онҳо наздик иваз мешаванд, ё сифатан мавриди тағйири ҷиддии овозӣ, чун: метатеза, эпентеза, синкопа, апокопа ва ғайра қарор мегиранд. Дар ин бора Е. Д. Поливанов менависад: «Овози бегонае, ки дар низоми овозии забони иқтибосгиранда муодили овозӣ надорад, одатан, аз он ҷо ки шакли мутобиқи талаффузи забони иқтибосшавандаро надорад, барои иқтибосгиранда душвор ва ғайриодӣ буда, вай онро бо овози наздики забони хеш иваз менамояд».

Муарработе, ки арабҳо аз забонҳои бегона ба фонди луғавии забони худ дохил кардаанд ва бархе аз онҳо дар осори тиббӣ низ ворид шудаанд, ба тағйироти ҷиддии фонетикӣ дучор гардидаанд, то ки ба қонунҳо ва табиати забони арабӣ мувофиқ шаванд. Аз ин ҷо он муарработ ё худ иқтибосоти форсие, ки дар забони арабӣ ворид гардидаанд, дар муқоиса ба асли форсии худ ба тағйироти ҷиддии фонетикӣ дучор шудаанд. Чунин ҳолат ба сабаби фарқиятҳои ҷиддии овозии байни забони тоҷикӣ, аз як ҷиҳат, аз тарафи дигар, забони арабӣ ба амал омадааст. Ин ҳолатро метавон бараъло дар муарработи тоҷикии китоби «Сайдана» мушоҳида кард. Масалан:

Аллозвард шакли арабишудаи *ложвард* аст (371), ҷулнор *(гулнор)* (532), ҷавзи бавва *(гавзи буввa)* (360), занҷар *(зангор)* (503), розиёнаҷ *(розиёна)* (469), кичуман *(ки чу ман)* (745), казмозаҷ *(газмозак)* (757), кандоф *(кандоб)* (438), хандиқун *(кандигун)* (438), марзанҷӯш *(марзонгӯш)* (170), харҷӯш *(харгӯш)* (425) басбонҷ, басбоиҷ *(биспояк)* (273), сиканҷабин *(сикангубин)* (538), футанаҷ *(пудина)* (381), филзаҳраҷ *(пилзаҳра)* (694), филҷуш *(пилгушак)* (694), шоҳлуҷ *(шоҳолу)* (222), шоҳтараҷ *(шоҳтара)* (252), фарфах *(парпаҳн)* (279).

Чуноне, ки ба мушоҳида мерасад, муарработи тоҷикӣ ҳангоми воридшавӣ ва азхудшавӣ дар забони арабӣ на танҳо аз назари овозӣ тағйир пазируфтаанд, балки дар вожаҳои тоҷикие, ки бо садоноки кӯтоҳи [а] ба охир мерасанд, баъди ба забони арабӣ гузаштан дар онҳо ду ҳамсадои арабии [ҷ] ва [к] илова карда мешавад:

Мисли «бунафсаҷ» (183) - номи растанӣ, ки дар форсии миёна «ванафшаг» ва дар забони тоҷикӣ дар шакли *«бунафша»* ва ё *«банафша»* аст; ё ки «фолузаҷ» (162) - ширинӣ аз орд ва асал, ки дар форсии миёна «полудаг» ва забони тоҷикӣ дар шакли *«полуда»* мебошад; «бобунаҷ» (129) - номи рустанӣ, ки дар тоҷикӣ *«бобуна»* аст; «баҳромаҷ» (190) - номи рустанӣ, ки дар тоҷикӣ *«баҳрома»* аст; «ордҳолаҷ» (224) - номи таъом, ки дар тоҷикӣ *«ордҳола»* ё *«ордтула»* аст. Дар забони муосири тоҷикӣ ба ин маъно наздик калимаи «отала»-ро истифода мебаранд, ки шояд аз ҳамин ҷо баромада бошад; «шоҳдонаҷ» (293) - навъи дона, ки дар тоҷикӣ *«шоҳдона»* аст; «туршаҷ» (352) - номи гиёҳ, ки дар тоҷикӣ *«турша»* аст ҳамон «шилха», «қав» ё «сурхпой» мебошад; «розиёнаҷ» (458) - номи рустанӣ, ки дар тоҷикӣ *«розиёна»* аст; «сунбозаҷ» (574) - навъи маъдан, ки дар тоҷикӣ *«сунбода»* (наждак) аст; «шираҷ» (575) - маводи дорӯӣ, ки дар тоҷикӣ *«шира»* аст; «шоҳтараҷ» (588) - номи гиёҳ, ки ба тоҷикӣ *«шоҳтара»* аст; «футанаҷ» (799) - ки ба тоҷикӣ *«пудина»* аст; «коканаҷ» (873) - номи гиёҳ, ки ба тоҷикӣ *«кокуна»* аст; «сурмақ» (532) - ки дар тоҷикӣ *«сурма»* аст; «шоҳдонақ»- навъи дона, ки дар тоҷикӣ «шоҳдона» аст; «фустуқ» (773), ки ба тоҷикӣ *«писта»* аст; «ҷардақ» (17) - навъе аз нон, ки ба шакли гирд пухта мешавад, ки ба тоҷикӣ *«гирда»* аст ва ғайра.

Ҷойи тазаккур аст, ки на ҳамаи калимаҳои иқтибосӣ ба сурати якхела ба тағйироти фонетикӣ дучор мегарданд. Баъзе аз ин вожаҳо ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосгиранда тобеъ гардида, шакли аслии худро тағйир медиҳанд, қисми дигар бошад, дар шакли аслии худ боқӣ мемонанд. Чунин ҳолат ба чанд омилҳо вобаста мебошад, ки пеш аз ҳама аз роҳҳои иқтибосгирӣ ва низоми овозии забони асл ва аз он ҷиҳат, ки то чи андоза ба низоми овозии забони иқтибосгиранда мувофиқат ва созгорӣ дорад, вобаста мебошад.

Муарработи тоҷикии ба забони арабӣ дохилгардида дар муқоиса ба шакли аслии онҳо ба тағйироти чашмраси фонетикӣ дучор гардидаанд. Чунин ҳодиса ба тафовути ҷиддии низоми овозии забони арабӣ, аз як тараф ва забони тоҷикӣ аз тарафи дигар, вобаста мебошад.

Низоми овозии забони арабӣ ҳарчанд аз ҷиҳати овозҳои садонок ба ҳамдигар як қаробате дошта бошанд ҳам, вале аз лиҳози садонокҳои нӯгизабонӣ, ҳалқӣ ва шиддатнок талаффузшаванда фарқияти ҷиддӣ доранд.

Овозҳои арабӣ аз рӯйи махраҷи худ ба ҳамсадоҳои зич чун د [д], ت [т]; ҳамсадоҳои роғӣ ё молишхӯранда ث [с̲], ز [з], ذ [з̲], س [с]; ҳамсадои зичи роғӣ ج [ҷ] тақсим мешавад.

Аз рӯйи тарзи талаффузи садонокҳо ба ҳамсадоҳои лабӣ (лабӣ-лабӣ, лабӣ-дандонӣ) чун م [м], ب [б], ف [ф], و [ӯ]; комӣ (пешикомӣ, миёникомӣ, пуштикомии чуқур): ت [т], ض [д]; ك [к], ي [ӣ]; ق [к], غ [г], خ [х], ҳалқӣ: ء [ҳамза] ва ع [ʿ].

Тарзи талаффузи ҳамсадоҳо дорои чунин хусусиятҳо мебошанд:

1) вуҷуди шавшув;

2) оҳанги мусиқии овоз, зеро ҳамсадоҳо аз ҷиҳати овоз ба ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг тақсим мешаванд;

3) палатализатсия ё нармкунии овоз, мисли африкати ج [ҷ];

4) шиддатноксозии овоз: ط [т], ظ [з], ص [с], ض [д].

Муқоисаи низоми овозии забони тоҷикӣ ва арабӣ нишон медиҳад, ки онҳо аз ҷиҳати миқдори ҳамсадоҳо аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доранд:

1) дар забони тоҷикӣ 25 ҳамсадо, дар арабӣ 28 ҳамсадо мавҷуд аст;

2) ҳамсадоҳои тоҷикӣ дар бисёр ҳолатҳо аз ҳамсадоҳои арабӣ бо нармию мулоимии худ фарқ мекунанд;

3) дар забони арабӣ чунин ҳамсадоҳое мавҷуд аст, ки онҳо дар низоми овозии забони тоҷикӣ вуҷуд надоранд: ҳамсадоҳои байнизабонии ث [с̲], ذ[з̲]; ҳамсадоҳои шиддатнок талаффузшаванда ط [т], ظ [з], ص [с], ض [д]; ҳамсадоҳои ҳалқии ع [ʿ], ح [х]; аз ҷиҳати дигар дар забони тоҷикӣ чунин ҳамсадоҳое мавҷуд аст, ки дар низоми овозии забони адабии арабӣ мавҷуд нестанд: گ [г], پ [п], ژ [ж], چ [ч]. Ҳамчунин ҳамсадоҳои ҷарангдори арабӣ дар фарқият аз ҳамсадоҳои тоҷикӣ дар охири калима ба сабаби аломати танвин ҷарангдор боқӣ мемонанд, мисли كتابٌ [китобун].

Яке аз хусусиятҳои хоси садонокҳои забони арабӣ ин аст, ки чун забони тоҷикӣ ба аломати дарозӣ ва кӯтоҳии худ фарқ менамоянд ин ҳолатро дар забони тоҷикӣ камтар мушоҳида менамоем: جمالٌ [ҷамолун] – зебоӣ, جملٌ [ҷамалун] – шутур; حرامٌ [ҳаромун] – манъгардида, حرمٌ [ҳарамун] – ҳарам, мамнӯъ.

Дар забони арабӣ шаш садонок мавҷуд аст, ки сетои он дароз [а], [ӯ], [ӣ] ва сетои дигар кӯтоҳ аст [а], [у], [и], дар забони тоҷикӣ ҳашт садонок аст, ки сетои он [о], [ӯ], [ё] дароз буда, панҷтои дигар [а], [у], [и], [е] ва [э] кӯтоҳанд.

Яке аз падидаҳои зиёд такроршавандаи овозӣ дар забонҳо ба овози худӣ табдил додани овози бегона, яъне (ҷойивазкунии ҳамсадоҳо) мебошад.

1. Табдил ёфтани хамсадои [пе] – и тоҷикӣ ба ҳамсадои [бе] ва [фе] – и арабӣ

Бо назардошти ин ки забони арабӣ аслан хамсадои [пе] – и тоҷикиро надорад, табиист, ки ҳамон калимаҳои муаррабе, ки аз забони тоҷикӣ ба ҳамсадои [пе] гузаштаанд, ба [бе] ё [фе] – и арабӣ табдил ёфтаанд, зеро гузариши [пе] ба [бе] ё [фе] – и арабӣ як қонунест, ки натанҳо дар муарработи қадимаи арабӣ, балки дар замони муосир низ мушоҳида мешавад: «байдақ» ҷамъаш «баёдиқ» – *«пиёда»* дар форсии миёна *«паёдаг»*; «бушт» – *«пушт»*; «бобуш» *«попуш»*; дар муарработи тоҷикии китоби «Сайдана» низ чунин ҳолат зиёд ба назар расид:

Мисоли гузаштани ҳарфи [пе] – и тоҷикӣ ба [бе] – и арабӣ дар «Сайдана»: «барсиёвушон» (139) - номи рустани, ки дар тоҷикӣ *«парсиёвушон»* аст; «басбояҷ» (151) - номи дору, ки ба тоҷикӣ *«баспояк»* аст (рус. полиподиум); «банҷанкушт» (181) - номи

гиёҳ, ки дар тоҷикӣ *«панҷангушт»* аст; «хушасбарам» (398) - номи дигари нозбӯй, ки ба тоҷикӣ *«хушиспарам»* аст;

Мисоли гузариши ҳарфи [пе] - и тоҷикӣ ба [фе] - и арабӣ дар «Сайдана»: «исфанд» (49) - номи гиёҳ, ки ба тоҷикӣ *«испанд»* ё *«сипанд»* аст; «исфидоҷ» (55) - номи моддаи кимёӣ, ки ба тоҷикӣ *«испедоб»* ё *«сафедоб»* аст; «фодзаҳр» («бодзаҳр») (318) - номи дору ба муқобили заҳр, ки ба тоҷикӣ *«подзаҳр»* аст; «футанаҷ» (799) - номи растанӣ, ки ба тоҷикӣ *«пудина»* аст; «филҷуш» (804) - номи растанӣ, ки ба тоҷикӣ *«пилгуш»* ё *«пилгушак»* аст; «фирузаҷ» (651) - *«пирӯзак»*; «афюн» (56) - *«апюн»*; «фарфах» (279) - навъе аз гиёҳ, ки ба тоҷикӣ *«парпаҳн»* аст ва ғайра.

2. Табдил ёфтани ҳамсадои [че] - и тоҷикӣ ба ҳамсадои

[се (сод)] ё [ҷе] - и арабӣ

Худи Абӯрайҳони Берунӣ дар муқаддимаи китоби «Сайдана» ҳамчунин ба ҳарфи «сод» дар арабӣ табдил шудани ҳарфи «чим»-ро аз забонҳои форсиву ҳиндӣ таъкид намуда, вожаҳои чарм (сарм), чанг (санҷ), чандал ва чандан (сандал), Чин (Син), Чаґониён (Саґониён) [1.130] ва ғайраро мисол овардааст, ки воқеияти айниро ифода мекунад.

Чунон ки гуфта шуд, дар забони арабӣ ҳамсадои пешизабонии тоҷикии [че] вуҷуд надорад, ва чунон ки мисолҳои муарработи китоби «Сайдана» нишон медиҳад, гузариши ин овози забони тоҷикӣ ба ҳамсадои арабии [ҷе] ё [се] як қонуни муназзам аст. Қариб дар ҳама сарчашмаҳои тиббӣ, ки мавод ҷамъоварӣ гардид, ин ҳолат як қонуният дорад.

Мисоли гузариши ҳарфи [че] - и тоҷикӣ ба [ҷе] - и арабӣ дар «Сайдана»: «ҷашмизаҷ» (399) - навъе аз доруи дарди чашм, ки ба тоҷикӣ *«чашмизак»* аст.

Мисоли гузариши ҳарфи [че] - и тоҷикӣ ба [се (сод)] - и арабӣ дар «Сайдана»: «дорсинӣ» (416) - навъе аз буттаи дарахти чинӣ, ки ба тоҷикӣ *«дорчинӣ»* аст; «синор» (433) - муарраби калимаи тоҷикии *«чинор»* аст; «сандал» (21) - навъи кафши чӯбӣ, ки ба тоҷикӣ *«чандал»* аст.

3. Табдил ёфтани ҳамсадои [ге] - и тоҷикӣ ба ҳамсадои [ҷе], [ґе]

ё [ке] - и арабӣ

Бояд таъкид кард, ки гузариши ҳамсадои форсӣ-тоҷикии [ге] дар вожаҳои муарраб як қонунияте аст, ки онҳо дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо ба мушоҳида расиданд:

Мисоли гузариши ҳамсадои [ге] – и тоҷикӣ ба ҳамсадои [ҷе] – и арабӣ дар «Сайдана»: «ҷардаҚ» (17) - навъи ноне, ки ба шакли гирд пухта мешавад, ки дар тоҷикӣ *«гирда»* аст; «бозранҷбуйа» (125) - навъе аз растанӣ, ки буйи бодаранг дорад, ки ба тоҷикӣ *«бодрангбуйа»* аст; «бозинҷон» (1267) - муарраби вожаи тоҷикии *«бодингон»* аст (рус. «баклажан» муодили русии он низ ба номи тоҷикии он беиртибот нест); «турунҷон» (209) - муарраби вожаи форсии *«турунгон»*, ки дар забони муосири тоҷикӣ онро «лимӯгиёҳ» ва «наъноии лимӯй» низ гӯянд; «ҷоварс» (240) - муарраби вожаи форсии *«говарс»* аст, ки дар забони тоҷикӣ онро «арзан» низ гуянд; «банҷ» (180) - муарраби вожаи тоҷикии *«банг»* аст; «ҷазар» (254) - муарраби вожаи форсии *«газар»* аст, ки дар забони муосири тоҷикӣ ба он сабзӣ гӯянд; «ҷазмозаҷ» (273) - навъи чормаґз, муарраби калимаи тоҷикии *«газмозак»* аст; «нарҷис» (981) - *«наргис»*, «ҷулнор» (260) - *«гулнор»* (ки дурустараш «гули анор» аст), «ҷавз» (275) - навъи чормаґз, муарраби вожаи тоҷикии «гавз»; «таранҷубин» (210) - навъи дору, ки ба тоҷикӣ *«тарангубин»* аст ва даҳо калимаҳои дигар.

Мисоли гузариши ҳамсадои [ге] – и тоҷикӣ ба ҳамсадои [ґе] – и арабӣ дар «Сайдана»: «ґовширак» (662) - навъи хӯрданӣ, муарраби вожаи тоҷикии *«говширак»* аст; «ґоз» (68) - муарраби вожаи тоҷикии *«гоз»* аст.

Мисоли гузариши ҳамсадои [ге] – и тоҷикӣ ба ҳамсадои [ке] – и арабӣ дар «Сайдана»: «ҷаблоҳанк» (244) - баромадаш аз калимаи тоҷикии *«ҷабраҳанг»* аст; «банҷанкушт» (181) - навъи гиёҳ, ки ба тоҷикӣ *«панҷангушт»* аст.

4. Табдил ёфтани ҳамсадои [же] – и тоҷикӣ ба ҳамсадои [зе] ва ё

[ҷе] – и арабӣ дар «Сайдана»: «лозвард» (371), «лоҷвард» (58) - муарраби вожаи форсии *«ложвард»* аст.

5. Табдил ёфтани ҳамсадои [де] – и тоҷикӣ ба ҳамсадои [зе] -

и арабӣ. Ҳамсадои [дол] - и арабӣ ҳамсадои пешизабонӣ буда, бо ҳамсадои тоҷикии [де] монанд аст. Дар вожаҳои муарраби китоби «Сайдана» қонунияти гузариши овози [де] – и тоҷикӣ ба овози [зе (зол)] – и арабӣ мушоҳида гардид: «бозинҷон» (127) - *«бодинҷон»*; «бозранҷбуйа» (125) - навъи гиёҳ, ки бӯйи бодаранг дорад, ки ба тоҷикӣ

«бодрангбуйа» аст; «тузарӣ» (227) – муарраби вожаи форсии *«тударӣ»* - навъи гандум, ки дар Сурия меруяд (рус. клоповник); «сазоб» (529) - моддаи кимёӣ, муарраби вожаи тоҷикии *«садоб»*; «фониз» (763) - оби дандон, муарраби вожаи тоҷикии *«понид»* (рус. леденец) ва ғайра.

6. Табдил ёфтани ҳамсадои [ше] – и тоҷикӣ ба ҳамсадои [се] - и арабӣ.

Ҳамсадои [се] дар забони арабӣ аз ҷиҳати талаффуз ҳамсадои пешикомӣ буда, аз ҷиҳати талаффуз бо ҳамсадои пешикомии тоҷикии [се] монанд аст. Дар муарработи китоби «Сайдана» ҳамсадои [ше] – и тоҷикӣ ба [се] - и арабӣ гузаштааст: «миск» (992) - муарраби вожаи тоҷикии «мушк» аст; «сирвол» (584) - муарраби вожаи тоҷикии «шарвол» аст.

7. Ҳамсадои ج [ҷим] – и арабӣ ва [ғ] - и тоҷикӣ

Ҳамсадои [ҷе] – и арабӣ аффрикати ҷарангдори пешизабонӣ буда, аз ҷиҳати талаффуз ба ҳамсадои тоҷикии *[ҷе]* монанд мебошад. Муарработи тоҷикӣ китоби «Сайдан» нишон медиҳад, ки ҳамсадои *[ге]* - и тоҷикӣ ба африкати [ҷе] - и арабӣ табдил мешавад: «арҷувон» (36) – муарраби калимаи тоҷикии *«аргувон»* аст.

Хулоса, муарработи тоҷикӣ дар забони арабӣ дар аксари мавридҳо сурати пештараи худро куллан тағйир додаанд. Сабаби ин, ба назари мо, аввал ба сурати шифоҳӣ гузаштани онҳо ба забони арабӣ буда, сабаби дигар ва аз ҳама муҳим он аст, ки низоми овозии забони тоҷикӣ ба низоми фонетикии забони арабӣ мувофиқ нест.

Чуноне, ки ба мушоҳида расид, аз чор ҳарфи хоси забони тоҷикӣ, яъне ҳарфҳои *« г, п, ж, ч »* ки дар забони арабӣ мавҷуд нестанд, дар арабӣ ба ҷои ҳарфи *«г»*, ҳарфи «ғ» ғовширак *(говширак)* (662) ва ҳарфи «ҷ» ҷулнор *(гулнор)* (532) истифода шудааст.

Ба ҷои ҳарфи *«ж»* бошад ҳарфи «з» аллозвард *(ложвард)* (371), ва ҳарфи «ҷ» *лоҷвард* (58) корбаст шудааст.

Ба ҷои ҳарфи *«п»* ҳарфи «б» бодзаҳр *(подзаҳр)* (254) ва ҳарфи «ф» футанаҷ *(пудина)* (381) истифода шудааст.

Ба ҷои ҳарфи *«ч»* ҳарфи «с» дорсинӣ *(дорчинӣ)* (416) истифода шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Беруни Абу Райхан. Фармакогнозия в медицине (Исследование, перевод, примечания и указатели У.И. Каримова). Избранные произведения. Т.IV. – Ташкент, 1973.
2. البیرونی، ابوالریحان محمد بن احمد. کتاب الصیدنة في الطّب. با تصحیح و مقدمه و تحشیه عباس زریاب، تهران، 1370
3. Бердиева Т. Назарияи иктибос (Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ). - Душанбе, 1991.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. Лексикология, фонетика ва морфология. - Душанбе: Ирфон, 1987.
5. Муваффақ Абумансур. Гиёҳнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, мулҳақот, луғот, тавзеҳот ва феҳрасти номҳо аз Юсуф Нуралиев ва Ҷобулқо Додалишоев (бароришу дувум) - Душанбе: Ирфон, 1992.

ФОНЕТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ АРАБИЗИРОВАННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛЕКСИКИ В «КИТАБ АС- САЙДАНА ФИ-Т-ТИБ» АБУРАЙХАНА БЕРУНИ

В данной статье на основе многочисленных примеров подвергаются анализу фонетические особенности ряда медицинских терминов в «Китаб ас сайдана фи-т-тиб». Обращая внимание на такие фонетические явление как субститутсия - изменение места согласных при использовании арабизированной таджикской лексики, автор отмечает, что заимствованные таджикские медицинские термины в арабском языке употребляются со значительными фонетическими изменениями, которые соответствуют внутренним флексиям арабского языка.

Ключевые слова: субститутсия, таджикские арабизированные термины, внутренняя флексия, медицинские термины, фонетические особенности.

PHONETIC OF ARABIC BASED TAJIK LEXICON OF “ KITOB US SAIDANA FI-T-TIB” ABURAIHAN BERUNI

In the article, on the base of numerous examples the analysis of phonetic of medical terminology in the book of “kitob us saidana fi-t-tib” conducted.General attention was given to such a phonetic sphere such as substitution changing the place of consonants with the use of Arabic based Tajik lexicon, the author, points out that borrowing Tajik medical terminology in the Arabic language are used with some phonetic changes, which coincides with Arabic flections

Key words: substitution, Tajik Arabisized terminology, internal flections, medical terminology, phonetic bases.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фарзона Саидова*** – аспирантка Таджикского национального университета **.**

ПРОБЛЕМЫ МОДЕЛИРОВАНИЯ СТРУКТУРЫ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Дилафруз Рахимова
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

Свободные словосочетания образуются по моделям переменных сочетаний слов, регулярно реализующим однотипные переменные сочетания слов по определенной структурной схеме, опорным для которой является стержневое слово словосочетания. Фразеологические единицы (ФЕ) образованы в языке по моделям свободных сочетаний слов, однако, они не порождаются, а функционируют в готовом виде и извлекаются из фразеологического фонда, воспроизводятся, в чем и проявляется специфичность структурной организации и моделирования ФЕ. В конструктивной организации ФЕ отсутствует порождающая модель, что обуславливает специфический характер моделирования и отличает его от моделирования переменных сочетаний слов. В этом проявляется один из важнейших показателей дифференциального признака фразеологизмов – устойчивость как внутренней, так и внешней структуры ФЕ.

В фразеологии многих языков предпринято моделирование структуры словосочетаний. Однако, к настоящему времени еще далеко неоднозначно принято направление моделирования во фразеологии. Многие важнейшие проблемы структурной типизации, которые основывают принципы моделирования, остаются еще не разработанными.

Прежде всего, встает вопрос, насколько правомочна постановка самого вопроса о моделировании фразеологических единиц, если исходить из того, что ФЕ образуются в языке по моделям свободных сочетаний слов. А.И. Молотков, один из известных исследователей ФЕ, высказывает верное суждение о том, что фразеологизм лишь генетически является словосочетанием. Между компонентами во фразеологизме нет тех смысловых и формальных отношений и связей, которые отмечаются между словами в словосочетании. Фразеологизмы не есть словосочетания, так как, во-первых, в их составе нет слов, во-вторых, компоненты не вступают в связи со словами предложения. На основании этого А.И.Молотков приходит к выводу о том, что «основным в изучении фразеологизма делается смысловая и формальная характеристика не компонентов (по схеме связей слов в словосочетании), а изучение самого фразеологизма в целом как единицы языка, имеющей вполне определенную форму, свое определенное содержание и свои особенности употребления в речи» [4,183].

Проблема моделирования структуры ФЕ возникает в связи с тем, что в соответствии с категориальными общеязыковыми признаками ФЕ выделяется в качестве самостоятельной единицы лексической системы языка. Согласно им ФЕ обладают устойчивостью или постоянным составом, одним и тем же порядком слов и одной и той же структурой. Замена одного из компонентов или изменение формы одного из слов может привести к разрушению всей ФЕ. Допускаемая вариантность формы в некоторых ФЕ составляет незначительное число всей массы фразеологизмов.

ФЕ имеют регулярную повторяемость, возобновляемость в речи и, исходя из этого, только воспроизводимые обороты входят в фразеологический состав того или иного языка. Чтобы вновь созданные единицы стали ФЕ, они должны стабилизироваться таким образом, чтобы носители языка начали их воспринимать как нечто цельное, как готовые структурно и семантически оформленные единицы, а это возможно только после процесса речи, а не в процессе речи. Ср: англ.: **twiddle one's thumbs; to have kittens; hand smb a lemon; add winds to smb. (smth); give wings to smb. (smth); one's mruth smit; тадж.: забон хомӯш доштан; сирро фош кардан; даҳон накушодан: нафас ях кардан и др.**

Фразеологическим сочетаниям обычно не соответствуют аналогичные свободные сочетания, состоящие из тех же компонентов. Большинство ФЕ приобретают добавочное лексическое и грамматическое значение, не характерное для обычных сочетаний. Ср. тадж.: **худро гум кардан; тешаро ба пои худ задан; ба болои сӯхта намакоб; хӯрдагирӣ кардан;** англ.**: find fault with; to cook one's goose; not to know if one is standing on one's head or one's heel; add fuel to the fire и др**.

Особенность фразеологических сочетаний заключается в том, что в отличие от свободных словосочетаний синтаксические связи компонентов в фразеологизмах до некоторой степени затемнились, а иногда совсем стерлись.

Моделирование фразеологизмов отражает грамматическую однотипность структуры, которая характерна для ФЕ и на основе проявления которой выделяются типы и классы

фразеологизмов. Модели ФЕ являются универсальными, они охватывают все пространство фразеологизмов языка.

Таким образом, отсутствие порождающей модели у ФЕ, соотнесенность, прежде всего грамматическая, со свободным словосочетанием не означает, что применение моделирования по отношению к фразеологизмам и в самой сфере фразеологии не возможно. Наоборот, основные черты фразеологизмов, реализующие их категориальные лингвистические признаки в языке как особой языковой единицы, характеризуют ФЕ как наиболее структурированный в системе языка элемент, который при этом проявляет эти признаки наиболее универсально: как во внутренней, семантической форме, так и во внешней, структурной организации компонентов. Моделеобразующие признаки ФЕ в то же время имеют специфический характер, отличаясь от моделирования других языковых единиц, в том числе от моделирования переменных сочетаний слов и предложений.

ФЕ функционируют в языковой системе в различных аспектах существования, характеризуясь многоаспектной единицей языка. Отражая специфические аспекты функционирования ФЕ, в сфере фразеологии могут использоваться различные аспекты моделирования.

Выделяя ФЕ на основе семантической устойчивости и воспроизводимости, исследователи тем самым признают внутреннюю семантическую оформленность фразеологизма в качестве одного из релевантных признаков ФЕ. ФЕ проявляют единство на основе общности выражаемого семантического признака, Наличие общего семантического признака, который представляется в семантике каждого компонента, становится признаком, интегрирующим компоненты в семантические группы. Каждая ФЕ характеризуется специфическим набором смысла, минимальных смысловых компонентов: сем, интегральных и дифференциальных. Теми же свойствами в семантической организации обладают семантические группы, выделяемые также на основе специфического представления различных дифференциальных семантических признаков.

Таким образом, общность семантического признака становится основой дифференциации ФЕ на семантические группы. Моделирование семантической структуры фразеологизмов английского и таджикского языков основано на учете фразеологической семантики ФЕ, категориальных и дифференциальных признаков лексико-семантического устройства ФЕ названных языков. «Семантическую структуру фразеологизма, становящуюся основанием для моделирования ФЕ, можно представить как микросистему, все элементы которой находятся в тесной связи и взаимозависимости между собой» [1]. Следует отметить, что регулярные соответствия между семантической и грамматической моделями отсутствуют. Одна и та же семантическая модель реализуется в ФЕ разных структурных схем, сравните:

в фразеологизмах cut one s coat according to one`s cloth (буквально: “отрезать воротник пальто” – мувофиыи к=рпа пой дароз кардан) – жить по средствам, по одежке протягивай ножки; make both ends meet (букв.: «сделать так, чтобы оба конца встретились») - сводить концы с концами- н=г ба н=г расондан.

Семантическая моделированность отражает синонимические отношения, возникающие между различными по структуре фразеологическими единицами. Объединяясь в семантическую группу, ФЕ образуют различные семантические модели. Приведенные ниже ФЕ объединяются в одну фразо-семантическую группу, создавая семантическую модель с интегральным семантическим признаком положительной черты характера человека: **all three; clever Dick; a waking encyclop(a)edia;on the ball; a high mind; a big heart; go it alone; a self-made man; do for oneself; go on one's own hoors; play a straight bat; treat smb white** и др.

Структурные модели ФЕ в сопоставляемых языках воспроизводят, (имитируют) грамматическое устройство фразеологизмов, отображая существенные структурно-грамматические свойства ФЕ в сопоставляемых языках. Воспроизводясь как готовые целостные единицы в процессе общения, ФЕ представляют собой готовые целостные единицы, образованные по грамматическим моделям словосочетаний. Исходя из этого, при моделировании грамматической структуры ФЕ в работе учитываются лексико-грамматические свойства ФЕ, общие сочетательные признаки компонентов, отражающие грамматические закономерности сочетаемости слов в сопоставляемых языках. Важную роль в реализации различных моделей ФЕ играет валентность стержневого компонента.

Валентность является одной из важнейших способностей глагола в таджикском и английском языках. Глагол проявляет наибольшую развитость способности вступать в синтаксические связи с другими элементами в структуре предложения.

В качестве грамматической организации модели употребляются грамматические средства: предлоги, союзы, а в таджикском языке также послелоги. Все названные элементы становятся моделеобразующими элементами ФЕ сопоставляемых языков.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арсеньтева Е.Ф. Сопоставительный анализ фразеологических единиц. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1989.
2. Кунин А.В. Большой англо-русский фразеологический словарь. Издание 5-е, испр.- М.: «Живой язык». 1998. – 942с.
3. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Чилди 1, Душанбе, 1963, 952с.; чилди 2 – Душанбе, 1964, - 908 с.
4. Молотков А.И. Основы фразеологии русского языка.- Л.: Наука, 1977.- 183с
5. Мачидов Х. Фразеология// Энциклопедияи советии точик. – Душанбе. – 1987. – Ч 7 – С 583

ПРОБЛЕМЫ МОДЕЛИРОВАНИЯ СТРУКТУРЫ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В фразеологии многих языков предпринято моделирование структуры словосочетаний. Однако, к настоящему времени еще далеко неоднозначно принято направление моделирования в о фразеологии. Многие важнейшие проблемы структурной типизации, которые основывают принципы моделирования, остаются еще не разработанными. В настоящей статье авторы пытаются выявить общие закономерности моделирования структуры ФЕ в таджикском и английском языках.

Ключевые слова: фразеологические единицы, дифференциальные признаки, грамматическая структура, семантические особенности, внешняя и внутренняя структура.

STRUCTURE MODELING PROBLEMS OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN TAJIK AND ENGLISH

In Phraseology of many languages steps are taken to pattern the structure of phrases. But there is no unique solution in the area of modeling in phraseology. The most important problems of structural typification based on the principles of modeling haven't been worked out. In the given article authors try to explore the general patterns of Structure modeling problems of phraseological units both in Tajik and English.

Key words: Phraseological units, differential features, grammar structure, semantic peculiarities, external and internal structure.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Д.А.Рахимова* - соискатель ТГУПБП

НАҚШИ ОМИЛҲОИ СИЁСӢ ДАР ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Г. Х. Шукуров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дарҳам шикастани низоми шӯравии собиқ дар қораи Осиёи Марказӣ, ки аксарият форсигӯанд, махсусун дар Тоҷикистон ба тағйироту таҳаввулоти назарраси забонӣ овард. Ин раванд аз нимаи дуюми солҳои 80- уми садаи ХХ – даврони бозсозии Горбачёвӣ оғоз гардида, пошхӯрии ногаҳонии Шӯравӣ онро суръат бахшид. Ин таҳаввулот бештар дар қисмати лексикии забони тоҷикӣ нуфуз дошта, то кунун тӯли 20 сол идома дорад. Аксар муҳаққиқон ва забоншиносон дар таърихи тадқиқоти забоншиносии тоҷик ба масоили лингвистии таҳаввулу тағйироти забони адабии тоҷик таваҷҷуҳ намудаанд, омилҳои ғайризабонии он то ҳадде маҳдуд мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Ба истиснои чанде аз донишмандон, ба мисли профессорон Т. Бердиева, Толиб Ваҳҳобов, С. Назарзода ва дигарон. Дар ҳоле, ки дар забоншиносии олам, масъалаи нақши омилҳои сиёсӣ дар дигаргунӣ, рушд ва ҳатто нест гардидани забонҳои олам васеъ тадқиқ гардидааст.

Дар доираи ин навишта наметавон ин масъаларо пурра ҳаллу фасл намуд. Мо танҳо доир ба муҳимтарин равандҳои сиёсӣ ва нақшу таъсири он дар ташаккул, таҳаввул ва рушди забони адабии тоҷик, махсусан дар забони матбуоти даврони истиқлол ибрози андеша менамоем. Ба андешаи мо раванди таҳаввулот ва рушди

забони адабӣ дар матбуот характери дуҷониба дошт: аз як тараф маҳдудшавии вожагони даврони шӯравӣ (советизмҳо), аз ҷониби дигар зуҳури вожагони даврони нав – даврони Истиқлол - вожаҳои замони истиқлол. Мусаллам аст, ки ин вожаҳо дар забоншиносии мо аз дидгоҳи омилҳои забонӣ борҳо тадқиқ шудаанд, вале ҷанбаи ғайризабонии он, махсусан сиёсии он, то имрӯз тадқиқ нашудаанд.

Вожаҳои серистеъмоли даврони Шӯравӣ, ки ороишгари матбуоти давр буданд, таҳти таъсири дигаргунии сиёсӣ аз истеъмол берун шуданд ва то ҳадде матрук ва арзиши маъноиву услубии худро аз даст доданд. Заминаи пайдоиш ва густариши вожаҳои даврони Шӯравиро иқтибос аз аз забони русӣ ва забонҳои ғарбӣ, ки тавассути забони русӣ ба тоҷикӣ омада буданд, ташкил медод. «Тарҷумаҳо аз забонҳо ғарбӣ (асосан русӣ) дар забони тоҷикӣ… таърихи чандоне надорад ва намунаҳои аввалини он дар авохири қарни XIX мушоҳида шудааст. Бо пайдо шудани рӯзномаву маҷаллаҳои нахустин ба забони тоҷикӣ дар ин ришта оғоз мешавад» [5, 172-173]. Ин гуна вожаҳо на танҳо дар забони тоҷикӣ, балки дар забони русӣ ва забонҳои дигари ҷамоҳири Шӯравии собиқ нав буданд, дар пайдоиши онҳо нақши омилҳои сиёсӣ бештар буданд. Н. М. Шанский дар китоби «Слова, рождённые октябрем» зикри чанд вожаеро мекунад, ки махсуси даврони инқилоб, даврони шӯравианд. Мисли: советӣ/шӯравӣ/, шанбегӣ /субботник/, ВЛКМС, ликбез, колхоз, совоз, пионер, СССР, стенгазета /газетаи деворӣ/, ударник/зарбдор/, пятилетка/панҷсола/, темурчиён, КПСС, дружинник /дружиначиён/, космонавт, космодром, иподром, катюша... [7, 5-13]. Ин гуна вожаҳо дар соҳаҳои гуногун зуҳур намуданд, вале вожаҳое, ки таҳти таъсири сиёсати шӯравӣ пайдо шуданд, вижагиҳои хешро доштанд.

Забоншиносон дар тадқиқи ин гурӯҳи вожаҳои забон то ҳанӯз ба як андешаи муайян наомадаанд, бавижа дар забоншиносии тоҷик. Гурӯҳе андеша доранд, ки ин гуна вожаҳо беобуранг буданд ва забони асили форсии тоҷикиро махлут ва аз арзиши бунёдӣ дур кардаанд. Гурӯҳе фикри дигар доранд, ки ин зарурат буд ва зуҳури ин гуна вожаҳо забони моро такмил доданд ва ғайра. Албатта, ин масъала ниёз ба тадқиқи алоҳида дорад.

Паҳлуи дигари масъала ба наввожаҳои замони истиқлол марбут аст. Бояд зикр намуд, ки мавзӯи наввожаҳои замони истиқлол тадқиқ шудаанд, вале то ҳанӯз қазияҳое дар тадқиқи ин вожаҳо мавҷуданд, ки ниёз ба тадқиқи ҷиддӣ дорад. Пажӯҳиши мо танҳо ба нақши авомили сиёсӣ дар зуҳур ва густариши ин гурӯҳи вожаҳо мебошад, ки дар забоншиносии муосири тоҷик хеле муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаҳони муосир ҷойи шак нест, ки забон ҳамчун васоити мухобира танҳо дар ҷомеа таҳаввул ва рушд мекунад. Аз ин рӯ тамоми дигаргуниҳои дар забон бавуҷудоянда аз таъсири омилҳои сиёсӣ озод нестанд. Зуҳури вожа ва истилоҳоти нав дар забони адабии тоҷик ва устувор гардидани ҷанбаҳои классикии забони адабии тоҷик аз ҳисоби вожаҳои нав ба омилҳои сиёсии даврони истиқлол марбут аст.

Тоҷикистон дар оғози истиқлол ба ҷанги шаҳрвандӣ мувоҷеҳ гардид. Дар забони адабии тоҷик вожаҳое мустаъмал гардиданд, ки то ин давр мавриди истифода набуданд. Маншаи пайдоиши ин вожаҳо аз ҳаводису воқеоте буд, ки дар ҷомеа ҳаррӯза рух медоданд. Вазъияти иҷтимоии Тоҷикистонро дар он замон вожа ва истилоҳоте бозгӯ мекунанд, ки то он давр дар луғатномаҳо набуданд. Масъалаи муҳим ин аст, ки ин дигаргуниҳо чӣ натиҷаҳо бо худ дошт. Натиҷаҳои онҳо мусбат буданд ё манфӣ? Барои посух ба якчанд ҳаводиси рухдода таваҷҷуҳ мекунем. Агарчӣ хеле мухтасар аст, вале ин вожа ва истилоҳот дар ҳаёти сиёсии миллати тоҷик хеле муҳиманд, заминаи пайдоиши онҳо маҳз омилҳои сиёсӣ мебошанд.

Пас аз пошхӯрии Шӯравӣ дар ҷомеаи тоҷик воқеаи баҳманмоҳ / моҳи феврал / ба вуҷуд омад. Ин воқеа дар забон ибораи **баҳманмоҳи хунин**ро мустаъмал гардонид. Ҳодисаи дигар ҷанги шаҳрвандӣ, ки низоми сиёсии ватани моро халалдор кард ва боиси куштор ва хонавайрониҳо гардид. Ибораи **ҷанги шаҳрванди**ро мустаъмал намуд. Носуботии ҷомеа ва ҷангҳои бемаънӣ дар забони тоҷикӣ вожа ва истилоҳоту ибораҳои зиёдеро, ки нав буданд, дар истеъмол қарор дод. Мисли: **даргириҳои сиёсӣ, майдоннишинӣ, сангарнишинӣ, ба яғмо бурдан, муташаннич сохтан, гуреза, гурезаи сиёсӣ, қумандон, оши оштӣ** ва ғайра. Агар ба матбуоти давр таваҷҷуҳ намоем ин гурӯҳ вожаҳо то соли 1997 дар забон хеле серистеъмоланд, вале дар соли 1997, ки дар Тоҷикистон оппозитсияи тоҷик бо ҳукумат созишномаи сулҳ ба имзо мерасонанд, он рӯзро - рӯзи **Оштии миллӣ** эълон мекунанд. Сипас замони сулҳу созандагӣ фаро мерасад. Дар матбуот вожа ва истилоҳоти **ваҳдат, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот,**

созандагӣ, бунёдкорӣ ва ғайра ороишгари матбуот мешаванд. Пас аз он замоне фаро мерасад, ки сиёсати давлат ба бунёди роҳу нақбҳо ва нерӯгоҳҳо равона мегардад. Дар ин давра вожаҳои амсоли **нақби Истиқлол, нерӯгоҳи Сангтӯда, шоҳроҳи ваҳдат, соли оби тоза, Нерӯгоҳи Роғун** ва ғайра серистеъмол мегарданд. Имрӯзҳо, ки дар Тоҷикистон сиёсати созанда бо кулли кишварҳои ҷаҳон роҳандозӣ гардидааст, дар низоми сиёсии кишвари мо истилоҳи **сиёсати дарҳои боз** маъмул аст. Дар сиёсати фарҳангии кишвар эҳёи суннатҳои қадимӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ истилоҳи **Наврӯзи ҷаҳонӣ** дар забони адабӣ истилоҳи нав аст.

Баррасии ин гурӯҳи вожа ва истилоҳот, ки дар таҳаввул ва рушди забони адабии мо нақши муҳим доранд, тадқиқи васеъ ва густурдаро тақозо дорад. Вале як чиз муссалам аст, ки зуҳури ин гурӯҳ вожаҳо таҳтушшуои омилҳои сиёсӣ рӯйи кор омадаанд.

Дар забоншиносии иҷтимоӣ фаҳмиши ибороти илмии **сиёсати забон, забони сиёсат, сохтмони забон, сиёсати миллӣ** якранг нест. Аз ин рӯ, барои муаяйн намудани он ки сиёсати даврони истиқлол то чӣ андоза дар таҳаввул ва рушди забони адабӣ дар матбуоти тоҷик нақш дорад, тавзеҳи истилоҳоти фавқуззикр воҷиб аст. Ин мафоҳими илмӣ низ дар Шӯравии собиқ зуҳур ва маъруфият пайдо намуд. Олимони маъруф Г.О. Винокур, Г. Григорев, Ю. Д. Дешериев, М. И. Исаев ин мафоҳимро ба таври гуногун тавзеҳ намуданд [2, 432- 433]. Ю.Д. Дешериев мафҳуми сиёсати забониро чунин шарҳ медиҳад: “Ифодаи муносибати ҷомеа дар симои синфи ҳукмрон ба ҳалли проблемаҳои забонӣ дар давлати муайян ба шумор меравад” [2, 254- 255]. Масъалаи дигар муайян намудани омилҳои сиёсӣ аст. Барои тавзеҳи омилҳои сиёсӣ ба назар гирифтани вазъияти забонӣ хеле муҳим аст. Л.Б. Николский менависад, ки: “мо зери мафҳуми сиёсати забонӣ маҷмӯи чорабинию иқдомотеро дар назар дорем, ки барои тағйир ва ҳифзи тақсимоти мавҷудаи амалкарди забон ё шакли мавҷудаи забон, барои ҷорӣ кардани қоидаҳои нави забонӣ ва ё нигоҳдории шакли куҳна иштирок мекунанд” [6, 435].

Давлат ҳамчун сохтори нерӯманди сиёсӣ ва идорӣ дар Тоҷикистон барои рушди забони адабӣ саҳмгузор аст. Муҳимтарин омили сиёсӣ барои такмилу рушди забони тоҷикӣ ин зуҳури низоми демократӣ дар ҷомеаи тоҷик ва таъсири он ба забони адбии тоҷик аст, ки бо вижагиҳои худ ниёз ба тадқиқи алоҳида дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффор Ҷӯраев. Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи президент. “Шарқи озод”, 2009 , 160 саҳ
2. Дешериев Ю. Д. Социальная лингвистика. К основном общей терории.- М.: 1977. 255стр
3. Исаев Магомет Измаилович. Социолингвистические проблемы языков народов СССР. М:. Высшая школа, 1982- 168 стр.
4. Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ. Забони милӣ ва ҷаҳонгарой. Душанбе : Шӯҷоиён, 2010, 220 саҳ.
5. Сайфиддин Назарзода. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ - сиёсии забони оҷикӣ дар садаи XX/ “Дониш”, Душанбе , 2004, 302 с
6. Толиб Ваҳҳобов. Баъзе вежагиҳои сиёсати забонӣ ва сохтмони забон. /Рамзошнои маънӣ. Маҷмӯи мақолаҳо “Ношир”, Хӯҷанд, 2011..432- 439/.
7. Шанский Н. М. Слова, рожденные октябрем. М. : “Просвещение”, 1987, 126 ст
8. Швейцер А. Д. Современная социолингвистика. Теория, проблемы, методы. М.: “Наука”, 1977- 176 стр.

РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ В ТРАНСФОРМАЦИИ И РАЗВИТИИ ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье рассмотрено влияние политических процессов на появление неологизимов в языке таджикской прессы. Языковая политика и ее влияние на трансформаацию лексического состава таджикского литературного языка - важный фактор и гарантия последующего развития таджикского литературного языка в период независимоти.

Ключевые слова: таджикский литературный язык, период независимости, политические процессы, языковая политика, трансформация лексического состава, язык таджикской прессы.

ROLE POLITICAL FACTORS IN TRANSFORMATION AND DEVELOPMENTS OF THE TAJIK LITERARY LANGUAGE IN THE PERIOD OF NEZAVISIMOSTA

In article emergence неологизимы in language of the Tajik press is considered under influence political processes. Language порлитика and its influence in a transformaation lexical structure of the Tajik literary language an

important factor and a guarantee in the subsequent developments of the Tajik literary language during the period независимоты.

Key words: Tajik literary language, independence period, political processes, language policy, transformation of lexical structure, language of the Tajik press.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:**Г. *Х. Шукуров* –** кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка Таджикского национального университета

ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ КОРБУРДИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВИИ ИСМ ДАР «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

М.Н. Амонова
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат

Муродифот (синонимия) чунин типи муносиботи семантикии воҳидҳои луғавӣ мебошад, ки шабоҳат ва ё қаробати маъноии чанд калимаро ифода менамояд. Ғановати табиати забон дар бахши корбурди вожагони муродиф ва гуногунии вазифаҳое, ки муродифот дар тамоми навъҳои сабки забон иҷро кардааст, боис шудааст то ба ин категорияи луғавӣ-семантикӣ дар илм аз паҳлуҳои мухталиф назар андохта шавад. Бархе аз донишмандон зикр намудаанд, ки «чунин калимаеро ба маънии том метавон синоним шумурд, ки нисбат ба эквиваленти худ (ба калимаи дигаре бо маънии шабеҳ ва ё то ҳадди аксар наздик) муносибати муайян пайдо карда, метавонад ба он аз рӯи ягон хусусият (аз рӯи тобиши нозуки маъно, экспрессияи ифодакунанда, тобиши ҳиссӣ, мансубияти услубӣ, ҳамнишинӣ…) муқобил истад» [19, 11]. Д.Э. Розентал вобаста ба ҳамин нукта ду мавқеи корбурдии муродифот – идеографӣ ва услубиро зикр намудааст. Ӯ таъкид менамояд, ки муродифоти идеографӣ аз рӯи тобишҳои маъноии худ ва муродифоти услубӣ аз рӯи доираи истеъмолашон (мансубият ба сабкҳои нутқ) ва тобишҳои ҳиссӣ (экспрессивӣ) дар пасманзари вожаи асосии қатори синонимӣ аз ҳамдигар тафовут доранд [17, 83]. Ҳамин тариқ, ҳангоми баррасии мавзӯи муродифот ду ҷанбаи забоншиносии он рӯи кор омадааст, ки яке ҷанбаи луғавӣ ва дигаре сабкию услубии он мебошад.

Доир ба хусусиятҳои луғавии муродифот дар забони тоҷикӣ дар китобу мақолот ва луғатҳо маълумоти муфассал дода шудааст [13; 14; 15; 16; 20; 5; 6 ва ғ]. Ҷанбаҳои корбурди услубии муродифот дар осори адибони тоҷик бошад, мавриди таҳқиқу баррасии донишмандон Н. Маъсумӣ [12], Р. Ғаффоров [1; 2; 3], Б. Камолиддинов [7; 8; 9; 10], Х. Ҳусейнов [22], М. Қурбонов [11], С. Сабзаев (18) ва дигарон қарор дода шудааст.

Қобили зикр аст, ки муродифоти услубӣ «соҳаи асосии услубшиносӣ буда, дар тавлиди услубҳои забон мавқеи муҳим доранд; онҳо категорияи асосии услубшиносӣ – услубҳои забонро нисбат ба дигар воситаҳои услубӣ барҷаста ифода мекунанд» [Қурбонов 1991, 14]. Гарчанд вожагон метавонанд аз лиҳози маънӣ ва сабкӣ ҳамдигарро иваз намоянд, «қаторҳои синонимӣ маъмулан системаи тобишҳои ҳамон як мафҳумеро ифода менамоянд, ки дар ҳолатҳои муайян метавонанд бетафовут набошанд» [23, 122], аз ин рӯ «фарқҳои маъноӣ ва услубии калимаҳои синонимӣ водор мекунанд, ки дар интихоб ва истифодаи онҳо бепарво набошем, балки кӯшиш намоем, ки ҳар яки вожаҳои ҳаммаъно ё наздикмаъно дар ҷойгаҳи муносиб кор фармуда шаванд» [4, 56]. Корбурди дурусти муродифот барои дақиқ, тибқи мавқеъ ва ҳадафи гуфтор ифода намудани мафҳум, пуробуранг тасвир намудани воқеот ва худдорӣ аз такрори як калима ёрӣ мерасонад. Дар мавриди корбурди муродифот ҳамин нуктаро бояд дар мадди назар дошт, ки маъмулан вожагон наметавонанд муродифи мутлақи ҳамдигар бошанд: «агар муродифҳо аз лиҳози семантикӣ фарқе надошта бошанд, пас дар байни онҳо бояд тафовути услубӣ вуҷуд дошта бошад» [17, 84].

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар забоншиносии муосири тоҷик мавриди таваҷҷуҳи камтаре қарор гирифтааст, хусусиёти услубии муродифот дар осори адибони классикии форс-тоҷик, аз ҷумла Носири Хусрав, ба шумор меравад. Дар бораи корбурди муродифоти услубӣ дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав танҳо ишороти ҷудогонае дар мақолоти Д. Фозилов [21, 475] ва Маҳдии Дурахшон [25, 189] ба назар мерасанд. Дар мавриди корбурди калимаҳои мутародиф дар «Сафарнома», пеш аз, ҳама

таъкид бояд кард, ки ин асар ҳамчун асари бадеист, ки дар қолиби махсуси хотироти сафар таълиф гардидааст, аз ин рӯ, истеъмоли муродифот низ вобаста ба ҳамин таъйиноти функсионалии асар, ки на барои доираи маҳдуди ашхос, чунон ки, масалан хоси осори илмӣ аст, балки барои оммаи васеи хонандагон таълиф гардидааст, сурат гирифтааст. Зимни корбурди вожагони мутародиф нависанда кӯшидааст аз муродифоте, ки дар замони таълифи асар барои хонанда ғайри қобили фаҳм мебошанд, худдорӣ намояд ва аз муродифоти камкорбурд танҳо дар мавридҳои лозимӣ, ҳангоме ки зарурати тасвири ҳодисоти замон ё макони ғайр ба миён меояд, истифода барад.

Маъмулан ҳам калимоти аслӣ ва ҳам вожагони иқтибосӣ метавонанд дар мавридҳои мушаххас бо ҳамдигар муродиф бошанд ва силсилаи синонимиро ташкил диҳанд. Аксаран калимоти аслӣ метавонанд бо ҳам дар ин ва ё он мавриде муродиф шаванд, ки дар канори маънои аслии худ ба маънои дигар (маънои кӯчида) ба кор раванд. Теъдоде аз чунин калимот бо изофат омада, маънии луғавии онҳо заифтар мегардад ва дорои маъниҳои функсионалии тозае гардида, ба як навъ пешояндгунаҳо табдил меёбанд. Масалан, дар «Сафарнома» муаллиф барои худдорӣ аз такрори вожа пайи ҳам ду муродифи калимаро ба кор мебарад, ки маънии «соҳил»-ро ифода намудаанд: *Ва аз* ***канори*** *Миср то Искандария сӣ фарсанг гиранд. Ва аз Искандария аз* ***лаби*** *дарёи Рум то* ***канори*** *Нил аст* (с. 46).

Таҳлили луғавии вожаи **лаб** нишон медиҳад, ки он дар ин маврид ба маънии аслии худ ба кор нарафтааст: «*Лаб* – 1. ҳар як аз ду пардаи муҳотии азлонӣ, ки дар ҷилави даҳлези даҳонӣ дар қисматҳои таҳтонӣ ва фавқонӣ ҷой дорад; 2. бахши хорҷии даҳон мураккаб аз ду қитъаи гӯштӣ ва сурх…; 3. канор, соҳил; 4. канора, ҳошия; 5. каломи маъшуқ…» [24, 3551-3552]. Мушоҳида нишон медиҳад, ки маънои севуми ин вожа (канор, соҳил) на хоси забони Носири Хусрав аст, балки ҳанӯз дар ибтидои ташаккули забони адабии форсии дарӣ, яъне пеш аз замони ӯ мустаъмал будааст:

Гар ман ин дӯстии ту бибарам то ***лаби*** *гӯр,*
Бизанам наъра, валекин зи ту бинам ҳунаро (Рӯдакӣ).

Мавриди зикр аст, ки вожаи лаб дар таркибҳои изофии пешояндӣ ба ҳамин маъно дар ин асари нависанда корбурди зиёд дорад: *Пас аз он ба шаҳри Сайдо расидем ҳам бар* ***лаби*** *дарё* (с. 19); *Деворҳо бар* ***лаби*** *оби дарё даромада ва даргоҳе панҷоҳ газ бигузошта бе девор илло он ки занҷирҳо аз ин девор бад-он девор…* (с. 20); *… аз он ҷо ба шаҳри Меҳрбон расидем, шаҳри бузург аст бар* ***лаби*** *дарё ниҳода бар ҷониби шарқӣ ва бозоре бузург дорад ва ҷомее неку* (с. 98).

Вожаи канор низ дар ин маврид ба маънии аслии худ ба кор нарафтааст, зеро дар фарҳангҳо ба маъноҳои зерини он ишора шудааст: 1. ҷониб, тараф, карон; 2. ҷанб, паҳлу; 3. баҒал, оғӯш; 4. дар оғӯш гирифтан; 5. гӯша; 6. соҳил (-и рӯд, дарё); 7. ҷудо, мунфасил [24, 3071]. Аз таҳлили инкишофи маъноии ин вожа бармеояд, ки чунин ҳаммаъно шудани он бо калимаи *лаб* танҳо дар сурате муяссар шудааст, ки дар ин маврид аз маънои аввалияи худ хеле дур равад. Воқеан, чунончи аз як байти Рӯдакӣ маълум мегардад, корбурди вожа ба ҳамин маънӣ низ қабл аз замони Носири Хусрав маъмул будааст:

Бар ***канори*** *ҷӯй бинам растаи бодому себ,*
Рост пиндорӣ қатори уштурони анбура.

Мавриди дигаре, ки дар заминаи истеъмоли муродифот ба назар мерасад, интихоби вожаи дархури матлаб аз байни калимаҳои силсилаи муродифӣ мебошад. Масалан, дар ҷумлаҳои зайл калимаи сар ба маънии «боло, қисми болоӣ» батакрор ва пайи ҳам омадааст: *Ва дар миёни ҷомеъ дувисту анд сутуни сангин бардоштааст, … ва бар сутунҳо тоқҳо задааст, ҳама аз санг ва бар* ***сари*** *тоқҳо боз сутунҳо –задааст – кӯтоҳ аз он. Ва сафе дигар тоқ зада бар* ***сари*** *он тоқҳои бузург…Ва андар соҳати масҷид санге бузург ниҳодааст ва ҳавзе сангини мудаввари бузург бар* ***сари*** *он санг ниҳода ва иртифоаш қомати марде…* (с. 14).

М.Муҳаммадиев барҳақ таъкид намудааст, ки «калимаи *сар* дар забон яке аз калимаҳои сермаъно аст, ки ба ғайр аз маънои синонимӣ ба вазифаҳои зиёде омада, вобаста ба калимаҳои алоқаманди худ тобишҳои гуногуни маъноиро ифода менамояд» [15, 179]. Дар мавриди вожаи сар бояд гуфт, ки дар осори хаттӣ ба маъниҳои зиёде ба кор рафтааст ва як мавриди истеъмоли он бо изофа (*сари*) мебошад, ки ба маъниҳои зайл ба кор рафтааст; «1. ҳангоми, мавқеи; 2. дар боби, дар бораи; 3. болои, фавқи; 4. ибтидои, оғози; 5. сабаби, ҷиҳати» [24, 1848]. Дар мисоли фавқ дар доираи маънои «3. болои, фавқи» ҳамроҳ бо пешоянди бар омада, маънои луғавиаш заиф мегардад ва чун

ҷузъи пешоянди таркибии изофӣ ба кор меравад. Дар мисоли боло таркиби *бар сари* нисбат ба пешояндҳои изофии *болои, бар болои ё фавқи, бар фавқи* мафҳуми баёншавандаро саҳеҳ ва дақиқтар ифода кардааст, аз ин рӯ нависанда онро ба муродифҳояш иваз накарда, балки мукаррараН ба кор бурдааст. Дар ҷумлаи зайл низ ду бор такрор шудани *«бар сари»* заъфи услубӣ набуда, ба ҳамин сабаб рух додааст: ***Бар сари*** *он устувонаҳои рухом барпо карда, ҳар яке ҳашт газ ва ситабрӣ чунонки ба ҷаҳд дар оғӯши ду мард ғунҷад ва* ***бар сари*** *ин сутунҳо тоқҳо задааст ба ду ҷониб ҳама аз санг мунҳадам (*с. 19).

Мавриди дигари корбурди муродифот дақиқтар ва мушаххастар баён кардани мафҳум ба воситаи калима аст, ки дар ин маврид метавонад аз байни калимоти наздикмаъно, ки танҳо дар ҳолати тасвири дақиқтари мафҳум тафовутҳо ва тобишҳои маънои онҳо равшан мегарданд, вожаи зарурӣ, ки ҳамчун луғати соҳавӣ маънои хос дорад, интихоб карда шавад. Масалан, калимаҳои тоҷикии *девор*, *бора* ва арабии *рабаз*, *сур* зоҳиран мутародифанд, аммо калимаи девор мафҳуми ҳама гуна деворро баён менамояд, калимаи *бора* ба маънои «девори қалъа, ҳисор» [24, 451] вожаи *рабаз* гарчанд ба маънои «ҳисор, қалъа, бора» истеъмол гардад ҳам [24, 1636], маънии хосаи он «девор, ҳисори гирди шаҳр, гирдогирди ҳисори шаҳр, девори баланди гирди қалъа ё шаҳр. 2. қисми берунии шаҳрҳои қадимӣ» аст. Вожаи сур бошад, ба маънии «девори гирдогирди шаҳр, бора» ба кор рафтааст. Аз ин рӯ, нависанда ин чор вожаи бо ҳам синонимро дар мавқеи худ ба кор бурдааст: *Болои* ***девор*** *бист арш иртифоъ дорад ва паҳнои* ***девор*** *даҳ арш; Ва ҳама сарҳои* ***девор*** *кунгура ва андаруни кунгура мамарре сохта…* (с. 13); ***Бораи*** *азим буд аз санги сафед баршуда, ҳар санге понсад ман* (с. 12*); Ва андаруни шаҳр дар бисёр нардбонҳои сангин бастааст, ки бар сари* ***бора*** *тавонад шуд* (с. 13); *Ва беруни ин* ***сур сури*** *дигар аст ҳам аз ин санг, болои он даҳ газ* (с. 13); *Ва* ***сури*** *беруниро низ дарвозаҳои оҳанин барнишондаанд мухолифи дарвозаҳои андарунӣ. Чунонки чун аз дарвозаҳои* ***сури*** *аввал дарраванд, маблаге дар фусайл бибояд рафт, то ба дарвозаи* ***сури*** *дувум расанд ва фарохии фусайл понздаҳ газ бошад* (с. 13).

Тобишҳои маънои бисёре аз вожагони муродифе, ки мафҳумҳои тахассусиро баён менамоянд, низ ба ҳамин тарз сурат гирифтаанд. Масалан, вожагони *сутун, амуд, устувона* дар маҷмӯъ марбут ба як мафҳуме мебошанд, ки барои бино ва иморат қисми такягоҳ ва ё зиннатӣ маҳсуб мешавад: «***Сутун*** – ҷузъи устувонаии шаклӣ, ки сақф ва аҷзои биноро нигоҳ дорад, пояи сангӣ ё чӯбӣ ё симонӣ, ки дар зери бино созанд, амуд; дираки хайма ва ҷузъи он…» [24, 1735-1736]; «Амуд – сутун, чӯби хайма» [24, 2352];«***Устувона*** – сутун, сутуни рост» [24, 262]. Аммо дар асл ин калимаҳои муродиф ҳамчун истилоҳи меъморӣ баёнкунандаи ҷузъҳое аз мафҳуми «сутун» ҳастанд. Дар луғате, ки ба нашри тоҷикии «Сафарнома» илҳоқ шудааст, низ ба ҳамин тафовутҳои мафҳумии онҳо ишора гардидааст: «***устувона*** - посутун» [с. 115]; «***амуд*** – сутунпояҳои сангин» [с.108]. Дар чунин мавридҳо нависанда дақиққорона ҳар кадоме аз ин калимотро дар ҷои худ ба кор мебарад: *Ва дар миёни ҷомеъ дувисту анд* ***сутуни*** *сангин бардоштааст, … ва бар* ***сутунҳо*** *тоқҳо задааст, ҳама аз санг ва бар сари тоқҳо боз* ***сутунҳо*** *–задааст – кӯтоҳ аз он* [с. 14]; *… ва ин биноро аз хишт ба миқдори бист газ баровардаанд ва бар сари он* ***устувонаҳои*** *рухом барпо карда, ҳар яке ҳашт газ ва ситабри чунонки ба ҷаҳд дар оғӯши ду мард ғунҷад ва бар сари ин* ***сутунҳо*** *тоқҳо задааст аз санг мунҳадим* [с. 19]; *Ва ҳама саҳрои он ноҳият* ***сутунҳои*** *рухом аст ва* ***сарсутунҳо*** *ва* ***тансутунҳо*** *ҳама рухоми манқуши мудаввар ва мураббаъ ва мусаддас…* [с. 19]; *Ва масҷиди одина дар миёни шаҳр аст ва аз ҳамаи шаҳр баландтар аст ва* ***устувонаҳо*** *ҳама рухом аст* [с.20] *… ва биноҳои бисёр дар миёни об аст ва ва манзараҳо сохтаанд ва бар сари* ***устувонаҳо*** *рухом, ки* ***устувонаҳо*** *дар об аст* [с. 22]; *Ва ғӯянд мавлуди Исо алайҳиссалом дар ин масҷид буда, санге аз ин* ***сутунҳо*** *нишони ду ангушт дорад…* (с. 30); *Паҳнояш ба бисту се тоқ ва* ***амудҳои*** *рухом тамомат саду ҳаштоду чаҳор аст ва гуфтанд ин ҳама* ***амудҳоро*** *хулафои БаҒдод фармуданд аз ҷониби Шом ба роҳи дарё бурдан* [с. 77].

Чи тавре ки аз мисолҳои боло бармеояд, нависанда дар мавриди тасвири ҷузъҳои иморот то ҳадде дақиққорона сухан меронад, ки тафовутҳои маънои яке аз ин вожагони мутародиф барои хонанда комилан равшан мешавад. Масалан, ҳангоми тасвири сутун ӯ ҷузъиёти онро бо калимаҳои тоҷикии *сарсутун* ва *тансутун* ба қалам додааст, ки ин навъе ишора ба ифодакунандаи мафҳуми куллитар будани калимаи *сутун* нисбат ба муродифҳои зикршудаи он аст.

Чунин дақиқназарии Носири Хусрав дар интихоби муродифот ҳангоми тасвири дигар бахшҳои воқеияти зиндагӣ ва табиат низ ба назар мерасад: *Ҳавои Макка азим гарм бошад ва охири баҳманмоҳи қадим* ***хиёр*** *ва* ***бодиринг*** *ва бодинҷони тоза дидам он ҷо* [с. 75]. Дар ин маврид ду калима – *хиёр* ва *бодрирингро*, ки имрӯз комилан муродифи ҳамдигаранд, зикр бояд кард, ки яке дар байни форсизабонони Эрон ва дувумӣ дар байни тоҷикзабонҳо ба як маънӣ (навъе аз сабзавот) ба кор бурда мешавад. Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин калимаи *бодиринг* ба маънии зайл тафсир шудааст: «*Бодранг* [= *бодоранг* = *бодобаранг*; паҳлавии vātrang] (гиёҳ.) боланг» [24, 442], ки зери моддаи луғавии *боланг* чунин маънидод гардидааст: «тираи мураккаботи вобаста ба тираи садобиён, ки пӯсти меваашдорои барҷастагиҳои бисёр ва нисбатан дурушт аст ва меваашдурушттар аз дигар мураккабот ва байзашакл мебошад» [24, 467]. Тафсири *хиёр* бошад чунин сурат гирифтааст: «гиёҳе аз тираи кадуиён, ки ақсоми гуногун дорад ва меваашдурушту сабз ё сафедранг аст ва онро хом хӯранд. Буттаи он монанди буттаи харбуза аст» [24, 1467]. Аз ин тафсирот бармеояд, ки дар замони Носири Хусрав бодиринг ва хиёр ду навъи сабзавоти шабеҳи ҳам будаанд ва аз ин рӯ ,бо калимоти гуногун ифода гардидаанд.

Дар забони форсӣ ва тоҷикии муосир калимаҳои *баландӣ* ва *иртифоъ* бо ҳам муродифанд, аммо дар «Сафарнома» ҳар кадоме дар мавриди муайяне ба кор бурда шудааст: *Шаҳр дар* ***баландӣ*** *ниҳода, замине кач ва боқӣ ҳамвор ва дар ҳама соҳил, ки* ***баландӣ*** *набошад, шаҳр насозанд, аз бими ғалабаи оби дарё ва хавфи амвоҷ, ки бар карона мезанад* (с. 20); *Болои девор бист арш* ***иртифоъ*** *дорад ва ва паҳнои девор даҳ араш* (с. 13); *Ва андар соҳати масҷид … ва ҳавзе сангини мудаввари азими бузург бар сари он санг ниҳода ва* ***иртифоаш*** *қомати марде ва даври доираи он ду газ* (с. 14). Чунон ки аз ҷумлаҳои фавқ бармеояд, вожаи форсии *баландӣ* ба маънии «ҷой ё мавзеи баланд» ва калимаи арабии *иртифоъ* ба маънии «андозаи фосилаи байни ду нуқтаи амудӣ» ба кор рафтаанд.

Як мавриди хеле ҷолиби истифодаи муродифот дар асари Носири Хусрав, ки онро метавон махсусияти сабкии адиб номид, ин аст, ки калимоти муродиф яке ба тафсири дигаре омадааст ва вожае, ки ба тафсири калимаи душворфаҳм ё ноошно омадааст, маъмулан вожаи форсии оммафаҳм мебошад: *Ва он ҷо* ***корвонсарое*** *дидам, ки* ***дорулвазир*** *мегуфтанд, дар он ҷо қасаб фурӯшанд ва дигар ҳеҷ ва дар ишкуби зер хайётон нишинанд ва дар боло раффои он; Ӯ бо* ***пардадор****, ки* ***соҳибусситр*** *мегӯянд, бигуфт* (с. 60);

Дар «Сафарнома» гурӯҳи калони муродифоти ҷуфт ба кор рафтаанд, ки дар матн хусусиятҳои гуногуни услубиро касб кардаанд. Ин муродифот ба ҳиссаҳои нутқи мухталиф мансуб буда, корбурди онҳо бештар ба вежагии сабкии ҷумла иртибот дорад. Бояд гуфт, ки ин навъи муродифот метавонанд ҳам калимаҳои аслӣ ва ҳам иқтибосӣ бошанд.

Теъдоде аз муродифоти ҷуфтро исмҳо ташкил додаанд, ки дар асар барои баёни тобишҳои мухталифи маъноӣ ва сабкӣ ба кор рафта, барои рангинии баёни адиб кумак намудаанд:

Гарду ғубор: *… ва ба андозаи ҳар сурате обгинаи рақиқ сохта ва бар рӯи суратҳо ниҳода, азим шаффоф, чунонки ҳеҷ ҳиҷоби сурат нашудааст ва онро ҷиҳати гарду ғубор кардаанд, то бар сурат нанишинад* (с. 41).

Ин ҷумла ҳангоми тасвири калисои тарсоён дар Байтулмуқаддас бо номи Байъатулқумома ба кор рафтааст, ки пас аз ғорату харобӣ аз нав обод шуда, дохили иморат бо суратҳои Исо ва анбиёи дигаре чун Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ ва Яъқуб ва фарзандонашон музайян гаштааст ва ҳамин обгина барои аз гарду ғубор ҳифз кардани онҳо сохта шудааст. Вожаи *гард* дар фарҳанг ба маънии «хоки барангехта, хоки бархоста» [24, 3230] шарҳ дода шудааст. Калимаи *ғубор* аз вожагони сермаънои забон аст, ки «1. гард, хоки нарм; 2. ҳар чизи бисёр нарм» [24, 2386] аз муҳимтарин маъниҳои он ба шумор меояд. Аз ин тафсирҳо маълум мешавад, ки ҳар дуи ин калима наметавонанд муродифи мутлақи ҳамдигар бошанд, зеро гард хокест, ки бар ҳаво бархостааст, аммо ғубор хоки бисёр нарм аст. Аз ин рӯ, нависанда барои мушаххастар баён кардани матлаби худ ин ду вожаро дар паҳлуи ҳам ба кор бурдааст.

Зару тилло: *…ҳама ба такаллуфи бисёр сохта ва рухоми рангин ва наққошӣ ва тасвир ва калисоро андарун бо дебоҳои румӣ пероста ва мусаввар карда ва бисёр зару тилло бар он ҷо ба кор бурда…* (с. 41).

Аз ин ҷуфти муродифот вожаи аввалӣ тоҷикӣ ва дувумӣ арабист. Зар «филизест гаронбаҳо ба ранги зарду дурахшон ва қобили турук, ки барои сохтани сиккаҳо ва

зевар ва ғайра ба кор баранд ва дар 1100 дараҷа ҳарорат завб гардад» [24, 1728], аммо тилло «ҳар чи дармоланд онро бар чизе, андуд» [24, 2229] ва «зар» маънии маҷозии он аст. Дар забони имрӯза ин ду калима муродифи комили ҳамдигар бошанд ҳам, дар замони Носири Хусрав, аз рӯи маъно тафовут доштаанд, яъне тилло заре будааст, ки андуда мешавад. Бо овардани ин ҷуфти муродифот нависанда хостааст, ба мавҷудияти зар ҳамчун филиз ва ҳам андудаи он ишора намояд.

***Ҷӯю наҳр**: Ва сари ин **ҷӯйҳо ва наҳрҳо** баста бошад ба ҳама вилоят* (с. 51).

Ин муродифоти ҷуфт аз калимаҳои тоҷикӣ ва арабӣ таркиб ёфта, дар маҷмӯъ масири ҷараёни обро ифода кардааст. Ду ҷузъи ин ҷуфт бо ҳам муродифи комил намебошанд, зеро маънии ҷӯй «1. рӯди кӯчак; маҷрое, ки обро аз он ҷиҳати машруб кардани замин убур диҳанд» [24, 1247] ва наҳр «1. ҷӯй; 2. рӯдхона» [24, 4869] аст ва маъние, ки нависанда мехоҳад матлаби худро ба воситаи он ба таври пурра баён кунад, танҳо тавассути истеъмоли ҷуфи ин ду вожа метавонад ифода гардад.

***Қаҳт ва тангӣ**: Ҳуҷҷоҷро имсол маслиҳат нест, ки сафари Ҳиҷоз кунанд, ки имсол он ҷо қаҳт ва тангӣ аст ва халқ бисёр мурдааст* (с. 63).

Дар ҷуфти муродифии мазкур калимаҳои арабӣ ва форсӣ дар канори ҳам омадаанд ва маънии ҷузъи нахуст «хушксолӣ, беҳосилӣ» [24, 2640] ва сонӣ «қиматӣ, мухолифи фаровонӣ ва арзонӣ» аст. Дар зимн бояд таъкид дошт, ки калимаи *тангӣ* хоси гуфтори моваро-уннаҳрӣ аст ва ҳатто дар фарҳанги Муин ба ҳамин маънии он ишора нарафтааст. Чунон ки аз тафсири маъноҳои ин ду калима маълум мешавад, дар канори ҳам истеъмол гардидани ин ду вожаи наздикмаъно барои баёни комили матлаб мусоидат намудааст.

***Манҳийёт ва ношоист**: … ва ба масҷиди ҷомеъ шудам ва намоз кардам ва ёрӣ хостам аз Борӣ таборак ва таоло ба гузоридани он чи ба ман воҷиб аст ва ва даст боздоштан аз **манҳийёт** ва **ношоист**, чунонки Ҳақ субҳонаҳу ва тааоло фармудааст* (с. 8).

Вожагони ин ҷуфт яке арабӣ ва дигаре тоҷикист ва ҳар ду исми маънӣ буда, *манҳийёт* (ҷамъи «манҳийя») ба маънии «умури боздоштшуда, корҳои наҳйшуда» ва *ношоист* ба маънии акси шоиста, яъне «коре, ки набояд кард» ба кор рафтааст. Қобили таъкид аст, ки ҳар ду калима ҳам ба мафҳумҳои ахлоқи динӣ рабт доранд ва яке марбут ба дини ислом буда, дигаре ҳамчун истилоҳи ойини зардуштӣ ба ҳамин маъно дар забони форсии миёна ба кор бурда мешуд (муқоиса шавад: «Шоист, нашоист» номи китоби ахлоқии зардуштӣ).

***Афъол ва аъмол**:Андешидам, ки то ҳама аъмол ва афъоли худ бадал накунам, фараҳ наёбам* (с. 8).

Дар ҷуфти мутародифи фавқ ду калимаи арабӣ дар шакли ҷамъи арабӣ ба кор рафтаанд, ки маънои *афъол* «корҳо, кардаҳо, кунишҳо, кирдорҳо» [Муин, 1371, 318] ва *аъмол* «корҳо, кардаҳо, кирдорҳо» [Муин, 1371, 305] мебошад ва ҳудудан дар доираи он маъное истеъмол гаштааст, ки муродифоти ҷуфти тоҷикии «рафтору кирдор» ифода мекунад. Вожаи аввал баёнгари тобиши маъноии «феъли хӯ» ва вожаи дувум тобиши маъноии «кору амал» мебошад ва маҷмуан барои ифодаи маънии куллии «хулқу хӯ ва корҳои анҷомшуда аз тарафи касе» ба кор бурда шудааст.

***Зулм ва ҷавр**: Ва чӣ эмин раияте ва одил султон буд, ки дар айёми эшон чунин ҳолҳо бошад ва чандин молҳо, ки на султон бар касе **зулм ва ҷавр** кунад ва на раият чизе пинҳон ва пӯшида дорад* (с. 60).

Ҳар ду калимаи ин ҷуфти муродифӣ вожагони иқтибоии арабӣ мебошанд, ки то ба имрӯз дар забон ба кор мераванд ва маънии яке «1. ситам кардан, бедод кардан; 2. бедодӣ, ситамгарӣ; 3. бедод, ситам» [24, 2252] ва дигаре «1. ситам кардан, зулм кардан; 2. ситам, зулм» [24, 1251] аст, ки бо ҳам хеле наздик мебошанд. Чунин бо ҳам омадани ду калима бо маъниҳои шабеҳ барои қавӣ кардани таъсири эмотсионалии гуфтор ёрӣ додааст.

***Мулук ва салотин**: Ман боргоҳи **мулук** ва **салотини** Аҷам дидаам, чун Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писараш Масъуд. Эшон **подшоҳони** бузург буданд бо неъмат ва таҷаммули бисёр. Акнун мехоҳам, ки маҷлиси **амирулмуъмининро** ҳам бинам* (с. 60).

Ин ҷуфти муродифӣ аз рӯи баромади ҷузъҳояш вожагони арабӣ мебошанд, ки ба сурати ҷамъи арабӣ (аз шакли муфради *малик* ва *султон*) ба кор рафта, ҳар ду ҳам муродифи калимаи форсӣ-тоҷикии «подшоҳ» мебошанд. Сабаби аслии ҳамчун муродифи ҷуфт ба кор рафтани ин калимаҳо ин аст, ки дар ҳар кишвар ҳокими он ба таври хос унвон мешуд: дар ҷое сарвари давлатро «малик» ва дар мамлакати дигар «султон» мегуфтанд. Аз ин сабаб нависанда шоҳонро ба ҳамон сурати роиҷ дар

кишварашон номбар карда, ба ҳамин васила таъкид кардааст, ки дарборҳои зиёди шоҳони кишварҳои гуногунро дидааст ва дар ҷумлаи баъдӣ онҳоро ба форсӣ «подшоҳон» гуфтааст. Ғараз аз овардани вожаи амиралмуъминин ин аст, ки шоҳи Миср, ки ҷумлаҳои фавқ дар ҳикояте дар бораи ӯ омадааст, худро ҳамин тавр унвонгузорӣ мекардааст.

***Туҳаф ва ҳадоё**: Писаре ҳафтсоларо бо зани худ ва бисёр **туҳаф ва ҳадоё** ба ҳазрати султон фиристод ва бар гузашта узрҳо хост* (с. 66).

Ҳар ду ҷузъи ин ҷуфти муродифӣ калимаҳои иқтибосии арабианд, ки дар қолаби арабӣ ҷамъ баста шудаанд. Ин ду вожа бо ҳам гарчанд маъниҳои наздик дошта бошанд ҳам, вале аз рӯи тобишҳои маъноии худ аз ҳамдигар тафовут доранд. *Туҳфа* «армуғон, савғот» ва «чизи нафису бадеъ чизи тӯҳфаӣ аст» [24, 1039], аммо маънои *ҳадя* «ирсол доштани туҳфа ва армуғон» [24, 5110] мебошад, ки сипас ба маънии «ҳар чизе, ки бахшида бошанд» ба кор рафтааст. Нависанда ба василаи корбурди ин ҷуфти синонимӣ ба гуногунии навъи атоҳо ишора кардааст.

***Тағйир ва табдил**: …гуфтанд: «Фармонбарӣ, на вазирӣ, чизе ки ба хонаи Худо тааллуқ дошта бошад, дар он ҷо **тағйир ва табдил** ҷоиз нест.»* (с. 62).

Ҳар дуи ин ҷузъҳо калимаҳои арабӣ (исми амал) буда, калимаи аввал маънии «ғайр гардондан, ба сурати ғайр даровардан» ва калимаи дувум «бадал кардан, иваз намудан»-ро ифода мекунад ва чунончи аз ин тафсир маълум мегардад, ҳар кадоме тобишҳои маъноии хоси худро доранд, ва муштаракан амалеро мефаҳмонанд, дигар кардану ба чизи дигар иваз намуданро ифода менамоянд.

***Аима ва қузот**: Чун эшон биёмаданд, қариб ду моҳ берун нишастанд ва эшонро дар шаҳр намегузоштанд ва туҳфаҳои эшонро қабул намекарданд, то **аима ва қуззоти** шаҳр ҳама ба шафоат ба даргоҳи сутон шуданд ва хоҳиш карданд, ки эшонро қабул карданд ва бо ташриф бо хилъат бозгардониданд* (с. 66).

Дар ин таркибе, ки иборат аз ду калимаи дорои шакли ҷамъи арабӣ (имомон ва қозиҳо) аст, ҷузъҳо бо ҳам муродифи бевосита нестанд ва иртиботи маъноии онҳо заиф аст, аммо мафҳуми муштарак, яъне мансуб будани онҳоро ба маъмурияти динӣ баён менамоянд. Ҳамин иртиботи заифи маъноӣ имкон додаст, то ду вожа бо ҳам омада, маънии умумии «аҳли дин»-ро ба вуҷуд оваранд.

Ба ҳамин тариқ, аз таҳлили корбурди муродифоти исм дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав метавон натиҷа гирифт, ки истеъмоли муродифоти исм дар ин асар пеш аз ҳама хусусияти услубӣ дошта, вожагони муродиф ҳам ба сурати мустақил ва ҳам ба сурати ҷуфтҳои муродифӣ барои пуробурангии баён, ифодаи тобишҳои гуногуни экспрессивӣ-ҳиссӣ, дақиқу мушаххас ифода намудани матлаби нависанда ба кор рафтаанд. Таҳқиқи истифодаи муродифоти исм дар асар барои равшан намудани вижагиҳои услубии асар ёрӣ мерасонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффоров Р. Забон ва услуби очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»// Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи IV. -Душанбе, 1971. – С.181-201.
2. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил. –Душанбе: Дониш, 1966. – 225 с.
3. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
4. Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б.Услубшиносӣ. Китоби дарсӣ.-Душанбе: Маориф, 1995. 191 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 105 с.
7. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 185 с.
8. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 116 с.
9. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён (синонимияи ҷумлаҳои содда). – Душанбе: Маориф, 1986. – 133 с.
10. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 117 с.
11. Қурбонов М. Услубшиносӣ (Созмони услубии забони адабии ҳозираи тоҷик).-Душанбе:ДДТ,1991-102 с.
12. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. – Душанбе, 1976. – 73 с.
13. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1962. – 162 с.
14. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1968. – 80 с.
15. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1993. – 272 с.

16. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик (маводи таълимӣ). – Душанбе, 1997. – 197 с.
17. Розенталь Д.Э. Практическая стилистика русского языка. Учебник для вузов. – М.: Высшая школа, 1987. – 399 с.
18. Сабзаев С. М. Маҳорати суханварии Носири Хусрав. – Душанбе, 2003. – 40 с.
19. Словарь синонимов русского языка, т. 1. – Л., 1970.
20. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1967.
21. Фозилов Д. Андешае чанд оид ба забон ва услуби «Сафарнома»-и Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ//Носири Хусрав: дирӯз, имрӯз ва фардо. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – С. 474-477.
22. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 258 с.
23. Щерба Л.В. Избранные работы по русскому языку. – М., 1957. – 122с.
24. دکتر محمد معین. فذهنگ فارسی. عبارت از 6 جلد. تهران: موسسه انتشارات امیر کبیر, 1375. – 52277 ص.
25. یادنامه ناصر خسرو. – مشهد: دامشگاه فردوسی، 1376. – 872 ص.

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ УПОТРЕБЛЕНИЯ ЛЕКСИЧЕСКИХ СИНОНИМОВ ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В «САФАРНАМЕ» НОСИРА ХОСРАВА

Лингвистический анализ особенностей синонимии имен существительных в произведении Носира Хосрава показывает, что употребление синонимичных слов в нем в основном имеет стилистический характер. Синонимичные слова применяются как в форме самостоятельных и заменяющих друг друга лексем, так и в форме парных синонимов, а их стилистическая функция заключается в том, что они образуют систему оттенков одного и того же понятия, которые в конкретных условиях служат для более выразительного, точного и целенаправленного выражения мысли писателя. Исследование употребления синонимии поможет раскрывать различные стилистические особенности не только конкретного произведения Носира Хосрава, но и особенности стилей таджикско-персидской прозы XI-XII вв. в целом.

Ключевые слова: синонимы, стиль языка, стилистические особенности, функционалное назначение, синонимические пары, смысловые оттенки, цель писателья.

STYLISTIC FEATURES OF THE USE OF LEXICAL SYNONYMS NOUNS IN "SAFARNAME" NOSIRI KHOSRAVI

Linguistic analysis of the characteristics of synonyms of nouns in the product Nosiri Khosravi shows that the use of synonymous words in it is mainly a stylistic nature. Synonymous words are applied in the form of individual and replacing each other tokens, and in the form of pairs of synonyms, and their stylistic feature is the fact that they form a system of shades of the same concepts that are used in specific circumstances for a more expressive and accurate deliberate expression of thoughts of the writer. The study will help reveal the use of synonymy various stylistic features not only a specific product Nosiri Khosravi, but the styles and features of the Tajik-Persian prose XI-XII centuries. as a whole.

Key words: synonyms, style, language, stylistic features, funksionalnye purpose, a pair of synonyms, connotations purpose of the writer

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Амонова Муслима*** **–** соискатель Института предпринимательства и сервиса

ЧИДАШАВИИ АЪЗОҲОИ ҶУМЛА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муҳаббат Назарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Доир ба чидашавии аъзоҳои ҷумла бисёр муҳаққиқони русу тоҷик ва аврупо изҳори назар кардаанд. Масалан, ба ақидаи П. А. Лекант аъзоҳои чида, аъзои ҷумлаеро мегӯянд, ки як вазифаи синтаксисиро иҷро мекунанд ва ба як аъзои ҷумла тобеъшавандаанд [5, 478]. Д. Э. Розентал чунин мешуморад, ки аъзои чида аъзои ҷумлаи аз ҷиҳати грамматикӣ якхела ва бо ҳам муттаҳид, ки бо як аъзои ҷумла муносибати якхела доранд ва бо якдигар бо алоқаи пайваст алоқаманд мешаванд [9,268]. А. М. Пешковский аъзои чида аъзоҳоеро дар назар дорад, ки муттаҳиданд ё метавонанд бе таъғйироти маъноӣ ва грамматикӣ бо пайвандакҳо бо ҳам алоқаманд шаванд [7, 236] Г. Г. Почепсов аъзоҳои чидаро васеъкунӣ ё зиёдкунӣ номидааст ва онро ба таври зерин муайян кардааст: Васеъкунӣ аз хусусияти грамматикии забон асос гирифта, бо иловаи якчанд воҳидҳои синтаксисии дигар – элементҳои монанди дар як ҳолат буда, ки алоқаи умумии синтаксисиашон дар сохти ҷумла шаддашавии яке бо дигараш ҳаст [8].

Мувофиқи назарияи муосири ҳам забони русӣ ва ҳам забони англисӣ Н. А. Герасименко нишон медиҳад, ки аъзоҳои чидаи ҷумла:

а) дар ҷумла як вазифаи синтаксисиро иҷро мекунанд;

б) бо ҳамаи аъзоҳои ҷумла, ки аз рӯи муносибат як нақши асосиро иҷро мекунанд, як савол гузоштан мумкин;

в) муттаҳиданд ва ё бо пайвандакҳои пайвасткунанда пайваст мешаванд;

г) бо интонатсияи шумур талаффуз мешаванд [10,292].

М. А. Шелякин ақидаи бисёре аз олимонро ҳамчун ҳақиқат қабул кардааст, ки дар ҷумлаҳои чидааъзо алоқаи пайваст бо пайвандак, бо интонатсия ва бе пайвандак танҳо бо интонатсия низ шуда метавонад [12,298].

Ҷумлаи чидааъзо ҷумлае ҳаст, ки дар он яке аз аъзоҳо ба ҳам муносибати ягонаи маъноӣ ва грамматикӣ дошта, бо як тарзи алоқа муносибати ягонаи шумур доранд. Аъзоҳои чида баробарҳуқуқ буда, тобеи якдигар нестанд.

Ҳамаи аъзоҳои ҷумла чида шуда омада метавонанд. Дар насри бадеии тоҷик ҷумлаҳое, ки дар он якчанд аъзо чида шуда меоянд, ниҳоят зиёд вомехӯрдан мумкин аст. Устод Айнӣ, ки дар насри бадеии тоҷик бо эҷоди асарҳои баландғоя мавқеи арзанда дорад, дар истифодаи ҷумлаҳои чидааъзо низ услуби хоси худро дошта, аз онҳо фаровон истифода кардааст.

Мо дар баррасии ҷумлаҳои чидааъзо аз «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (Нашриёти давлатии Тоҷикистон. – Сталинобод, 1958, 99с.) ва тарҷумаи англисии он бо номи – “ Pages from my own story”, ки дар Маскав соли 1958 аз тарафи мутарҷим Ҷорҷ Х. Хенна ба табъ расидааст, истифода кардем ва дар асоси маводҳои гирдовардаамон мавқеи аъзоҳои чидаро дар ташкил ва тартиби ҷумла дар забони англисӣ ва тоҷикӣ дида мебароем.

Чи тавре ки аз сарчашмаҳо маълум аст, ҳамаи аъзоҳои ҷумла чида шуда метавонанд ва мо аз рӯйи тартиби муайяни онҳо (сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав) сохтор ва мавқеи онҳоро дар ҷумла дар забони тоҷикӣ ва англисӣ аз назар мегузаронем.

Чидашавии мубтадо. Мубтадо аъзои мустақилест, ки дар ҷумла сухан дар бораи он меравад**.** Мубтадо низ дар навбати худ ҳамчун аъзои ҷумла чида шуда метавонад. Ду ё зиёда мубтадоҳое, ки дар ҷумла ба як хабар тобеъ шуда, ба айни як савол ҷавоб мешаванд, мубтадои чида ном дорад.

Мубтадоҳои чида дар забони тоҷикӣ одатан бо **исм, ҷонишин ва масдар** ифода меёбанд ва дар ҷумла бо пайвандакҳои пайвасткунанда, ва интонатсияи пайваст бо якдигар алоқа пайдо мекунанад.

Мубтадо аз ҷиҳати таркиб ду хел мешавад: сода ва тафсилӣ. Мубтадоҳои сода ва тафсилӣ низ чида шуда метавонанд, ки истифодаи онҳо дар насри бадеии тоҷик хеле зиёд мушоҳида карда мешавад. Дар алоқаи аъзоҳои чида ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ, пайвандаки пайвасткунандаи «ва» аз ҳама серистеъмолтарин мебошад. Пайвандаки пайвасткунандаи «у» ҳам дар тарҷумаи англисии аъзоҳои чида “and”, яъне “ва» тарҷума мешавад. Мисол: Дӯздии мардумро мову ту бартараф карда наметавонем – ҳама дӯзданд (11. С. А, 37). Дар ҷумлаи додашуда ҷонишинҳои шахси якуми ҷамъ ва дуюми танҳо ба вазифаи мубтадо омада, бо пайвандаки « у» бо якдигар пайваст шуда, чида шудаанд. Дар тарҷумаи англисиаш ин фикр бо ду ҷумла баён шудааст: You and I cannot abolish dishonesty in people. They are all thieves (12. S. A,43). Дар ин ҷо низ ҷонишинҳои шахсии “you” ва “ I” дар вазифаи мубтадо бо пайвандаки «ва» бо ҳам пайваст шуда, мубтадои чида шуда, дар аввали ҷумла омадаанд. Мубтадоҳои чидае, ки дар тарҷумаи англисиашон ҳамчун хабари чида шудаанд низ зиёд мушоҳида кардан мумкин: Пухтупазу ҷомашӯиаш дар хонаи бародараш мешуд (11. С. А, 42). Дар ин ҷумла исмҳои «пухтупаз» ва «ҷомашӯӣ» бо пайвандаки пайиҳами «у» алоқа баста мубтадои чида шудаанд. Тарҷумаи англисиаш чунин аст: Ibrohim was fed and his clothes were washed in the house of his brother. (12. S. A., 50) Дар ҷумлаи англисӣ калимаҳои « was fed» ва “ were washed” чида шуда омадаанд. Ё дар ҷумлаи - Он сол хӯрок ва пӯшоки ман аз хонаи Иброҳим шуд. (11. С. А, 42) Дар ҷумлаи фавқ исмҳои «хӯрок» ва «пӯшок» чида шудаанд. Мубтадои дуюм тафсили муайянкунандаи изофӣ гирифтааст. Англисиаш: That year I was fed and clothed in Ibrohim’ s house. (12. S. A,51) Дар тарҷумаи англисии ин ҷумла феълҳои «fed» ва “ clothed” ба вазифаи хабари ҷумла омада чида шудаанд, яъне хабар чида шудааст на мубтадо. Ё дар ҷумлаи - Дар тарафи ман танҳо додарам Сироҷиддин, Ҳомидхӯҷаи Мехрӣ ва Мирзо Назрулло монданд (11. С. А.73). Дар ин ҷумла исмҳои хос бо эзоҳдиҳандаашон дар нақши мубтадои чида

омада, бо пайвандак ва интонатсияи шумури пайваст бо ҳам алоқа бастаанд. Дар тарҷумаи англисӣ ин ҷумла ҳамчун мубтадои истисноии чида шуда омадааст: The only one who were on my side were my younger brother Sirajiddin, later killed by the Emir, Hamid Khoja Mehri, killed by the Emir in that same year of 1918 and Mirzo Nazrullah, arrested together with me… (12. S. A. 92). Баъзан ҷумлаҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки мубтадоҳои чида дар тарҷумаи англисиашон чида нашудаанд. Масалан**:** Мову шумо ҳар рӯз дар ҳамин даргоҳ ҳастем (11. С. А. 63). Дар ҷумлаи фавқ ҷонишинҳои шахсии «мо» ва «шумо» бо пайвандаки пайвасткунандаи «ва» бо ҳам алоқа баста, вазифаи мубтадои чидаро иҷро кардаанд. Тарҷумаи англисии ин ҷумла чунин аст: We come to these doors every day (12. S. A. 79). Дар ин ҷо танҳо ҷонишини шахси якуми ҷамъ «we»-мо ифода ёфтааст. Яъне мубтадо чида нашудааст.

Чидашавии хабар. Хабар ҳамчун сараъзои ҷумла, амал, ҳолат ва ё аломати мубтадоро мефаҳмонад. Хабар аз рӯи вазифааш ҳамчун як аъзои муҳимтарини ҷумла ба ҳисоб меравад. Хабарҳо ҳам дар ҷумла чида шуда меоянд. Дар забони тоҷикӣ хабарҳои чида одатан бо феъл, исм, сифат, сифати феълӣ ва дигар ҳиссаҳои нутқ, ки амал ҳолат ва хосияти предметро мефаҳмонанд, ифода меёбанд. Хабарҳои чида дар насри бадеии тоҷик ва ҳам дар назм зиёд мушоҳида карда мешаванд. Воситаи асосии хабарҳои чида дар забони ҳам тоҷикӣ ва ҳам англисӣ пайвандакҳо ва интонатсия мебошад. Мисол: Падарам аз сари дӯкони чархтарошиаш хеста барои намози пешин таҳорат кард ва баромада ба масҷид рафт (11. С. А. 10). Дар ин ҷумла хабарҳои таркибӣ бо пайвандак ва интонатсия алоқа баста чида шуда омадаанд. Хабари якум таркибии номӣ буда, хабари дуюм таркибии феълӣ аст. Тарҷумаи англисии ин ҷумла чунин аст: My father got up from the bench on which he had been dressing a millstone, performed his ablutions and went to the mosque for the midday prayer… (12. S. A. 5). Дар ин ҷумла низ хабарҳои тафсилӣ чида шудаанд. Хабарҳои чидае, ки дар ҷумла ҳам бо интонатсия ва ҳам бо пайвандак бо ҳам алоқа бастаанд, зиёд вохӯрдан мумкин, ки онҳо дар тарҷумаи англисиашон нисбатан таъғирпазиранд. Масалан, дар ҷумлаи - Ана ҳамин ҷоро хуб каландгардон мекунӣ, палавкаду мекорӣ ва ба бозор бурда мефурӯшӣ (11. С. А. 16). Дар ин ҷумла хабарҳои феълӣ чида шудаанд. Тарҷумаи англисии ин ҷумла чунин аст: I‘ll give you a hoe and you can dig up the earth and plant pumpkins; you can sell your harvest on the market… (12. S. A. 13). Дар забони тоҷикӣ аз рӯи қоида феълҳои ёридиҳанда бо ҳар як хабари чида такрор намеоянд, ки ин ҳолат дар тарҷумаи англисии онҳо низ мушоҳида карда мешавад. Мисол: Падарам ба нияти ҷуворӣ киштан заминро тирамоҳ кишт карда, нурӣ рехта, қавсоб ва чиллаоб дода монда буд (11. С. А.17). Хабари чида дар ин ҷумла бо интонатсияи пайвасти шумур бо ҳам алоқа бастаанд. Феъли ёридиҳандаи «будан» ба ду хабари чидаи аввал низ дахл дорад. Англисиаш: In the autumn my father ploughed and manured the plot he intented planting to jugara and watered it twice in the month of Kavs and Chillah (12. S.A. 14). Феълҳои «ploughed,” manured”, ба вазифаи хабари чида омадаанд. Дар тарҷумаи англисӣ хабари тафсилии «қавсоб ва чиллаоб дода монда буд» ҳамчун ҳоли замони чида омадааст. Яъне - «дар моҳи қавс ва чилла» тарҷума шудааст. Чунин ҳолатро дар тарҷумаи хабарҳои чида зиёд мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, «Дар рӯзи чилуми бемориаш падарам арақ карда, тамоман ҳушёр шуда, шир талаб кард» (12. С. А. 19).

Дар ҷумлаи фавқ хабарҳо бо интонатсияи пайвасти шумур чида шудаанд. Англисиаш: On the fortieth day of his illness my father completely regained consciousness after a long period of sweating and asked for milk (12. S. A.17).

Дар ҷумлаи тоҷикӣ се хабар «арақ карда» «ҳушёр шуда», « талаб кард» чида шудааст. Дар ҷумлаи англисӣ ду хабар- «regained consciousness” ва “asked for ” чида шудаанд. Хабари якум ҳоли замон гирифтааст. Хабари дуюм хабари содаи феълӣ аст. Баъзан дар тарҷумаи англисӣ воситаи алоқаи аъзоҳои чида фарқ мекунанд. Ҷувориро бод карда, ғалбер карда, чош кардем (11.С. А. 23). Дар ҷумлаи додашуда хабарҳои феълӣ бо интонатсияи пайвасти шумур алоқа пайдо карда, чида шудаанд. Англисиаш: No sooner had we winnowed the jugara, sifted it and piled it up…(12. S. A. 23). Дар тарҷумаи англисии ин ҷумла бошад, хабарҳои чида ҳам бо интонатсия ва ҳам бо пайвандаки пайвасткунандаи «ва» алоқа бастаанд.

Чидашавии муайянкунанда. Муайянкунандаҳои чида ба як муайяншаванда тобеъ шуда, ҳар кадом ё муайяншавандаро бевосита муайян мекунанд. Муайянкунандаҳои чида низ дар ҷумла бо воситаи интонатсия ва пайвандакҳо бо ҳамдигар алоқа пайдо мекунанд. Муайянкунандаҳои чида дар ҷумла бо исм, сифат, ҷонишин ва масдар ифода

меёбанд. Дар забони тоҷикӣ дар муайянкунандаҳои чида фақат муайянкунандаи аввал бо муайяншаванда алоқаманд мешавад. Мисол: Шеърҳои охирини Шоҳин, қозӣ Қурбонхон, Музтариб, Ҳайрат ва дигарҳо аз ҳамин қисми охиранд (11. С. А. 54). Дар ҷумлаи додашуда исмҳо дар нақши муайянкунандаҳои соҳибии чида омадаанд. Англисиаш: Shahin wrote his last verses in this manner and Qazi Qurban Khan, Muztarib, Hairat and a few others also wrote in the same style (12. S. A. 66). Дар ҷумлаи англисӣ исмҳои "Qazi Qurban Khan", "Muztarib", "Hairat" ва «a few others» ҳамчун мубтадои чида омадаанд. Агар ин ҷумларо бо чунин тарз тарҷума кунем, муайянкунанда чида шуда метавонад. The last verses of Shahin, Qazi Qurban Khan, Muztarib, Hairat and a few others also wrote in this style. Дар ин ҷо муайяншаванда бо муайянкунандаи аввал бо изофат алоқа карда, муайянкунандаҳои чида бо интонатсияи пайвасти шумур ва пайвандак бо ҳам алоқа бастанд. Дар ҷумлаи «Ҳайрат як ҷавони қадпасти гарданкӯтоҳи лоғарбадани сиёҳчеҳра буд» (11.С. А,47). муайянкунандаҳои изофӣ ба тарзи пайдарпай чун муайянкунандаи тафсилӣ омада, муродифи муайянкунандаи чида аст: **Ҳайрат як ҷавони қадпаст, гарданкӯтоҳ, лоғарбадан ва сиёҳчеҳра буд.** Англисиаш: He was a swarthy, slim youngster of medium height with a short neck (12. S. A, 57). Дар тарҷумаи англисии ин ҷумла бошад ҳам, муайянкунандаҳои изофӣ ва ҳам беизофӣ чида шудаанд. Дар ҷанги байни амир ва подшоҳи рус панҷаи дасти росташ бурида шудааст (11. С. А. 39). Mirizam lost his right hand in the were between the Emir and the Russian tsar (12. S. A, 47). Дар ҳарду ҷумла ҳам муайянкунандаҳои соҳибӣ бо пайвандаки «ва» бо ҳам алоқа пайдо карда, чида шудаанд. Баъзан ҳолатҳое низ мушоҳида карда мешавад, ки муайянкунандаҳои чида дар тарҷумаи англисиашон ҳамчун хабари чида омадаанд. Мисол: Дар мадраса ҳам кори ҷомашӯӣ ва ошпазӣ ёфт мешуд (11.С.А. 46). Дар ҷумлаи тоҷикӣ исмҳои «ҷомашӯӣ» ва «ошпазӣ» ба вазифаи муайянкунандаи чида омадаанд. Дар тарҷумаи англисиаш ин калимаҳо ҳамчун хабари чида омадаанд: … I was able to cook and wash at the madrasah … (12. S. A. 57). Муайянкунандаҳои чидаеро ҳам мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар тарҷумаи англисиашон вазифаи мубтадои чидаро ичро кардаанд. Мисол: Аммо дараҷаи устод ва шогирд қариб баробар буд (12. С. А. 42). Исмҳои «устод» ва «шогирд» ба вазифаи муайянкунандаи чида омадаанд. Англисиаш: … muster and pupil were about equal in their degree of skill (12. S.A. 50). Дар ин ҷо исмҳои «muster» ва " pupil"(устод ва шогирд) ҳамчун мубтадои чида омадаанд.

Чидашавии пуркунада. Чидашавии пуркунанда ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ хеле маъмулу серистеъмол аст.

Чидашавии пуркунандаи бевосита. Пуркунандаҳои бевосита умуман моҳияти лексикӣ- синтаксисии феълҳои гузарандаро муайян ва мушаххас мекунанд. Пуркунандаҳои бевосита низ дар насри бадеии устод Айнӣ ва умуман дар забони тоҷикӣ ба таври фаровон вомехӯранд.

Чи хеле ки ба мо маълум аст, дар забони тоҷикӣ дар таркибӣ пуркунандаҳои чида нақши асосиро пешояндҳо ва пайвандакҳо мебозанд. Дар забони англисӣ низ чунин ҳолат мушоҳида мешавад.

Пайвандакҳо дар забони тоҷикӣ дар ҷумлаи чидааъзо бо аъзоҳои чидашуда як бор ё барои таъкид бо ҳар як аъзои чида такроран омада метавонанд: Акнун хонаи мо як беморхонаеро мемонд, ки дар он ҷо ҳам доктор, ҳам фелдшер, ҳам сестра ва ҳам санитарка ман будам (11. С.А. 18). Дар ин ҷумла пуркунандаи бевосита бо интонатсияи пайвасти шумур чида шудааст. Ҳиссачаи «ҳам» барои таъкид бо ҳар як пуркунанда такроран омадааст. Тарҷумаи англисии ин ҷумла чунин аст: Our house was than like a hospital in which I was doctor, matron, nurse and a ward. Дар тарҷумаи англисиаш низ пуркунандаи бевосита бо интонатсияи пайвасти шумур чида шудааст, аммо ҳиссачаи «ҳам» пеш аз ягон пуркунандаи чида наомадааст. Дар он ҷо ҳам ошпаз ва ҳам сестраи тиббии он бемор ман будам (11. С. А. 40). Дар ин ҷумла пуркунандаҳои бевосита бо пайвандаки «ва» бо ҳам алоқа баста, чида шудааст ва ҳиссачаи «ҳам» барои таъкид такрор шудааст. Пуркунандаи дуюм дорои муайянкунанда аст. Дар тарҷумаи англисии ин ҷумла пуркунанда чида нашудааст: I went with him and acted as cook and nurse to him (12. S. A. 49). Калимаи «as» (ҳамчун) якҷоя бо исмҳои «cook" (ошпаз) ва «nurse" (сестра) ба вазифаи ҳоли монандии чида омадаанд. Ин ҷумларо ин тавр тарҷума кардан мумкин, ки дар ин ҳолат пуркунандаҳо чида шуда метавонанд: I was there the cook and also the nurse of that sick – man. Дар ин ҷо исмҳои "cook" ва "nurse" ба вазифаи пуркунандаи чида омадаанд. Ҳиссачаи «ҳам» танҳо бо пуркунандаи дуюм омадааст, лекин ба ҳарду пуркунанда тааллуқ дорад.

Пуркунандаҳое, ки дар забони тоҷикӣ бо пайвандаки пайиҳами «у» чида шудаанд, ҳангоми тарҷумаи англисиашон бо интонатсия ва пайвандаки «ва» бо ҳам алоқа пайдо мекунанд: Бо ёрии деҳқонбачагон хару аспу гов ғун карда, хӯп баста, дар ду рӯз кӯфтем (11. С. А. 23). Пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта бо пайвандаки «у» бо ҳам алоқа пайдо карда, чида шудаанд. Тарҷумаи англисиаш: With the help of some boys I got togather donkeys, horses and oxen and in two days we threshed all the jugara under their hoofs (12. S.A.22). Дар ин ҷумла пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта чида шудааст. Пуркунандаҳои чида бо интонатсия ва пайвандаки «ва» бо ҳамдигар алоқа пайдо кардаанд. Пуркунандаҳои чида дар ҷумлаи тоҷикӣ дар шакли танҳо ва дар тарҷумаи англисӣ дар шакли ҷамъ омадаанд. Агар аз рӯйи ифодаи дурусти фикр гӯем, дар ҷумлаи англисӣ нисбат ба ҷумлаи тоҷикӣ пурратар ва равшантар баён шудааст.

Чидашавии пуркунандаи бевосита. Предмете, ки таъсиру ҳаракати амал ба он мегузарад пуркунандаи бевосита ном дорад. Пуркунандаҳои бевосита низ чида мешаванд. Мисол: Бо нишондоди падарам дар замин пору ва хокҳои пӯсида рехтам (11. С. А. 16). Дар ҷумлаи фавқ пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта чида шудааст. Пуркунандаи дуюм муайянкунандаи сифати феълӣ гирифтааст. Пуркунандаи чида дар байни ҷумла - пеш аз хабар, омадааст: Following my father' s advice I sprinkled the earth with manure and leaf- mould (12. S. A.13). Исмҳои "manner" ва «leaf – mould" бо пайвандаки «ва» бо ҳам алоқа пайдо карда, ба вазифаи пуркунандаи чида омадаанд. Мавридҳое низ мушоҳида карда мешавад, ки пуркунандаҳои чида дар тарҷумаи англисиашон чида нашудаанд. Мисол: Аммо ӯ сипоҳиён ва эшонону дуохононро бисёр дӯст медошт (11. С. А. 90). Дар ин ҷумла исмҳои **сипоҳиён, эшонон ва дуохонон** бо пайвандакҳои пайвасткунандаи «ва» ва «у» бо ҳам алоқа баста, чида шуда аз рӯйи қоидаи умумии наҳвиёт баъд аз мубтадо омадаанд. Англисиаш: … but he held both professions in great esteem … (12. S. A. 139). Дар ин ҷо пуркунанда чида нашудааст. Тарҷумон ба ҷои калимаҳои «сипоҳиён», «эшонон» ва «дуохонон» ибораи " both professions" («ҳар ду касб») – ро истифода кардааст. Ин ҷумларо ба ин тарз низ тарҷума кардан мумкин аст, ки дар ин ҳолат пуркунандаҳо чида шуда метавонанд: But he loved courtiers, eshons and prayer – healers very much. Дар ин ҷумла пуркунандаи содаи бевосита чида шудааст.

Чи хеле ки маълум аст, пуркунандаҳо аз ҷиҳати таркиб сода ва тафсилӣ мешаванд. Пуркунандаҳои тафсилӣ ҳам чида мешаванд. Мисол: Бори вазнин ва кори зӯри ин ҳавлии серодам бештарин ба гардани ман буд (11. С. А. 33). Тарҷумаи англисии ин ҷумла чунин аст: Almost all the heavy household tasks lay on my shoulders – and there chores enough in that densely inhabited courtyard (12. S. A. 37). Дар ҷумлаи тоҷикӣ пуркунандаи бевоситаи бо муайянкунандаи изофии тафсилёфта чида шудааст, лекин дар тарҷумаи англисиаш пуркунандаи тафсилӣ чида нашудааст. Пуркунанда бо як ибора: "heavy household tasks" (супоришҳои вазнини хонадорӣ) ифода ёфтааст.

Чидашавии пуркунандаи бавосита. Чидашавии пуркунандаи бавосита дар насри бадеӣ хеле зиёд мушоҳида карда мешавад. Воситаи асосии алоқаи байни пуркунандаҳои чидаи бавосита ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ пайвандакҳо ва интонатсия мебошад: Ман бо Мулло Назруллои Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфнун, Содиқхӯҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохӯҷаи Таҳсин, Қорӣ Абдулкарими Офарини Дӯзахӣ, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Ҳаити Саҳбо ва дигарҳо дар он ҷо шинос ва ҳолдон шудам (11. С. А. 33). Дар ҷумлаи фавқ исмҳои хоси таркибӣ бо интонатсияи пайвасти шумур бо ҳам алоқа пайдо карда, ба вазифаи пуркунандаи бавоситаи чида омадаанд. Англисиаш: I made acquaintance of Mullah Nazrullah Lutfi, Abdulmajid Zufunun, Sadi Khoja Gulshani, Hamidbek Hamid, Abdullah Khoja Tahsin, Kary Abdulkarim, Afarin Sahbah and other literary figures of that time (12. S. A. 37). Дар тарҷумаи англисӣ низ пуркунандаи бавоситаи тафсилӣ чида шудааст. Пуркунандаҳои чида дар китоби «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» - и устод Айнӣ хеле зиёданд: Дар он сол баъзе аз шарикон ва ҳамҳуҷраҳоям шеър навиштани маро фаҳмиданд (11. С. А. 46). Дар ҷумлаи овардашуда пуркунандаи бавосита чида шуда, ҳамзамон пуркунандаи бевосита низ пас аз он бо ибораи масдарии «шеър навиштан» ифода шудааст. Тарҷумаи англисиаш: That year some of my fellow – students and madrasah neighbours learned that I was writing verse (12. S. A. 57). Дар ин ҷумла исмҳои «fellow – students" ва "madrasah neighbours" пуркунандаи чидаи бавосита шудаанд.

Пуркунандаҳои чида пеш ё баъд аз калима ё ибораҳои хулосакунанда низ омада метавонанд. Ҳангоми тарҷумаи чунин ҷумлаҳо – яъне ҷумлае, ки дар он пуркунандаҳои

чида пеш ё баъд аз калимаҳои хулосакунанда меоянд, дар тартиби калима фарқиятҳо мушоҳида карда мешавад. Мисол: Одатан дар он гуна суҳбатҳо хизмати даруни меҳмонхона – чойкашӣ, дастархонандозӣ ва дигарҳоро ман ва Мирзо Абдулвоҳид мекардем (11. С. А. 32). Дар ин ҷо пуркунандаи чида баъд аз воҳиди хулосакунанда омада, бо интонатсия ва пайвандак алоқа бастааст. Ҳамзамон мубтадоҳои: Ман ва Мирзо Абдулвоҳид дар хотимаи ҷумла омадаанд. Англисиаш: Mirzo Abdulvohid and I usually waited on the guests on these occasions poured out tea and carried the food round (12. S. A. 32). Дар тарҷумаи англисӣ пуркунандаи бевосита чида шудааст, лекин воҳиди хулосакунада, ки «хизмати даруни меҳмонхона» аст, зикр нашудааст. Агар мо воҳиди хулосакунандаро пеш аз пуркунандаи чида монем, ҷумла аз рӯйи маъно ва аз ҷиҳати грамматикӣ ҳам хато намешавад: Usually on these occations serving in the guestroom – poured out tea, carried the food round and others had done by me and Mirzo Abdulvohid.

Дар забони тоҷикӣ пуркунандаҳои чида бо исму шумора ва нумератив ҳам ифода меёбанд, ки ин ҳолат дар тарҷумаи ҷумлаҳои англисӣ ҳам ба назар мерасад: Хулоса кори деҳқониям имсол барбод шуд, танҳо як ҷувол тутмавиз ва як ҷувол ғӯлунг хушконида тавонистам. (11. С. А. .25) Дар ҷумлаи фавқ пуркунандаи таркибаш бо шумораю нумератив тафсил ёфта, чида шудааст. Англисиаш: In short all that year ‘ s farm – work came to nought; all I managed to do was to dry one bag mulberries and one bag of apricots. (12. S. A. 26) Дар ҳар ду ҷумла ҳам пуркунандаи чида бо шумораю нумератив якхел тафсил ёфтааст.

Чидашавии ҳол. Ҳолҳо ҳам дар навбати худ ҳамчун аъзои ҷумла чида шуда метавонанд. Ҳоли чида дар насри бадеӣ зиёд мушоҳида карда мешавад. Ҳоли чида дар ҷумла бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода меёбанд. Ҳама намуди ҳолҳо чида шуда метавонанд. Чунончи, Дар баҳорон кӯча, паскӯча ва атрофи шаҳри Бухороро гардиш карда, хуб омӯхтам (11.С. А. 31). Дар ҷумлаи додашуда ҳоли макон бо интонатсия ва пайвандакҳо бо ҳам алоқа пайдо карда, чида шудаанд. Тарҷумаи англисии ин ҷумла ин тавр аст: In the spring I had been through all the streets and lanes in the city and its environs on food and had come to khow them thoroughtly (12. S. A. 34). Дар тарҷумаи англисӣ низ исмҳои маънои макондоштаи «streets” ва “lanes” ҳоли макони чидашудаанд. Ҳоли замон ҳам пеш аз ҳоли макони чида омадааст. Ба Самарқанд, Хӯҷанд ва тарафҳои Фарғона рафтам (11. С. А. 68). Дар ҷумлаи фавқ исмҳои хос бо воситаи интонатсия ва пайвандаки пайвасткунанда бо ҳам алоқа баста тарҷумаи англисии ин ҷумла чунин аст: I visited all the districts and villages of the Bokhara Region and was also in Samarkand , Khojent and Ferghana Valley (12. S. A. 85). Дар тарҷумаи англисии ин ҷумла низ ҳоли макон бо интонатсия ва пайвандаки «ва» бо ҳам алоқаманд шуда, чида шудааст.

Баъдҳо ман фаҳмидам, ки ҳамаи хизматгорҳои ин ҷо бе музд ва бе либос кор мекардаанд (11. С. А. 33). Дар ҷумлаи додашуда ҳоли тарзи амал тариқа аз пешоянди «бе» ва исмҳои «кор» ва «либос» таркиб ёфта бо пайвандаки «ва» бо ҳам алоқа пайдо карда чида шудаанд. Англисиаш: It was only later that I realized that all Sharifjan – Makhdum 's servants worked without pay (12. S. A. 38). Дар тарҷумаи англисии ин ҷумла ҳоли тарзи амал чида нашудааст.

Пошобибӣ ҳар рӯз маро ба чанд ҷой ба чизбардоштабарӣ ва чизбардоштабиёрӣ мефиристод (11. С. А. 33). Дар ин ҷумла ҳоли мақсад бо пайвандаки «ва» бо ҳам алоқаманд шуда, чида шудааст. Тарҷумаи англисиаш: In addition to that my employer’ s mother sent me on errands to fetch and carry several times a day (12. S. A. 38). Дар тарҷумаи англисӣ ҳоли мақсад бо масдарҳои «to fetch” ва “carry” ифода ёфтаанд.

Ман ҳуҷраи ӯро рӯфта ва либосҳояшро бе музду миннат шуста медодам (11. С. А. 45). Дар ҷумлаи додашуда исмҳои «музд» ва «миннат» якҷоя бо пешоянди «бе» вазъияти иҷро шудани амалро нишон дода, чида шудааст. Анг: For two years I swept out his cell and washed his clothes free of charge… (12. S. A. 55). Дар ин ҷумла низ ҳоли тарзи амал чида нашудааст. Дар тарҷумаи англисии ҳолҳои чида чунин ҳолатҳо зиёд мушоҳида кардан мумкин аст, яъне ҳолатҳое, ки ҳоли чида дар тарҷумаи англисиаш чида нашудааст.

Мирзо ин таҳрирро бо хати худ покнавис карда, пеши қозӣ бурд ва баъд аз чанд дақиқа хандон ва шукуфон баромад… (11. С. А. 56). Дар ин ҷумла ҳоли тарзи амали чида бо феъли ҳол ифода ёфтааст. A few minutes later he returned, happy and beaming with joy (12. S. A. 70). Дар ин ҷо ҳоли тарзи амали чида бо зарфҳои тарзи амал ифода шудаанд.

Ҳоли монандӣ низ дар навбати худ чида шуда меояд: Мирзо Абдулвоҳид мисли ман бе падару модар ва бе хешованд будааст (11. С. А. 33). Дар ҷумлаи додашуда ҳоли монандӣ бо пайвандакҳои пайвасткунанда бо ҳам алоқаманд шуда, чида шудааст. Mirza – Abdulvahid was, like myself, an orphan and had no relatives whatsoever (12.S. A. 38). Дар тарҷумаи англисӣ низ исмҳои «orphan” ва “ relatives” бо калимаи ёридиҳандаи “ like» (мисли) ва ҷонишини нафсии «myself” (худам) омада, ҳолати предметро ба таври қиёс шарҳ дода, чида шудааст.

Аъзоҳои чидаи ҷумла ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ дар нутқи бадеию гуфтугӯӣ ва дар маҷаллаҳои иҷтимоию сиёсӣ ҳам истифода мешаванд. Онҳо барои боз ҳам равшантар сохтан ва барои афзудани таъсири сухан истифода мешаванд.

Аъзоҳои чида аз ҷиҳати таркиб дар ҳар ду забон бо ҳам монанданд. Воситаи асосии грамматикии аъзоҳои чида дар ҳар ду забон пешояндҳо ва пайвандакҳо мебошанд ва дар чидашавии онҳо мавқеи истифодаи онҳо (пешоянд ва пайвандакҳо) ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ гуногун аст. Яъне пайвандакҳо вобаста ба вазъияти фикр ва тарзи баён гоҳо такрор ва асосан як ё ду бор дар аввал пеш аз як аъзои чида ё пеш аз охирин аъзои чида оварда мешаванд. Аъзоҳои чида дар забони тоҷикӣ бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ, калимаҳои мустақилмаъно, калимаҳои ёридиҳанда ва ибораҳо ифода шуда метавонанд, ки ин ҳолатро дар тарҷумаи англисии ҷумлаҳои чидааъзо низ мушоҳида карда тавонистем. Чидашавии аъзоҳои ҷумла дар забони англисӣ ҳам хусусиятҳои хеле зиёди услубӣ дошта серистеъмоланд. Дар тарҷумаи адабӣ на ҳамеша аъзоҳои чидаи ҷумла нигоҳ дошта мешаванд. Ҳангоми муқоисаи аъзоҳои чидаи ҷумла дар тарҷумаи англисиашон баъзе фарқиятҳо дар тартиби калимаҳо дар сохтори ҷумла мушоҳида карда мешавад:

1) Баъзан як аъзои чидаи ҷумла дар тарҷумаи англисиаш нақши дигар аъзои ҷумларо иҷро кардааст. Масалан, мубтадо баъзан дар нақши хабари чида ва ё муайянкунандаи чида омадааст. Ин ҳолатро дар мубтадо, муайянкунанда, пуркунанда ва хабар вохӯрдан мумкин аст. Чунин ҳолат танҳо дар чидашавии ҳол мушоҳида нашуд. Яъне ҳоли чида дар тарҷумаи англисиаш нақши дигар аъзои чидаи ҷумларо иҷро накардааст.

2) Фарқияти дигари аъзоҳои чида воситаи алоқаи онҳо дар тарҷумаи англисиашон мебошад. Агар дар забони тоҷикӣ аъзоҳои чида дар ҷумла бо интонатсияи пайвасти шумур бо ҳам алоқа пайдо карда бошанд, дар тарҷумаи англисӣ ҳам ба интонатсия ва ҳам ба пайвандакҳо алоқа кардаанд.

3) Баъзан аъзоҳои чидаи ҷумла дар тарҷумаи англисиашон чида нашуда, бо як калима ё ибора ба маънои умумияш ифода ёфтааст.

Мавқеи аъзоҳои чидаи ҷумла дар забони тоҷикӣ асосан пеш аз хабар аст. Лекин баъзан аз рӯйи зарурату эҳтиёҷи услуб ва мазмуни фикр аъзоҳои чидаи ҷумла дар аввал, дар мобайн ва баъзан дар охири ҷумла низ омада метавонанд. Дар забони англисӣ бошад, ҷои аъзоҳои чида дар ҷумла бештар баъд аз хабар аст. Аз рӯйи маълумотҳо ва таҳлили ҷумлаҳо маълум шуд, ки ҷойи аъзоҳои чида дар ҷумла дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ озодтар аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бозидов Н. Пуркунандаи бавосита дар забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе; 2000. – 178с.
2. Исматуллоев М. Ф. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшаҳркунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик.Қисми 1. -Душанбе, 1971. - 173с.
3. Исматуллоев М. Ф. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшаҳркунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2. -Душанбе, 1986. – 128с.
4. Исматуллоев, М. Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе, 1961. – 63с.
5. Лекант, П. А. Современный русский язык: 3 – е изд. -М.: Дрофа, 2002. – 560с.
6. Ниёзмуҳаммадов Н. Б, Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе, 1968. – 196с.
7. Пешковский, А. М. Лингвистика. Поэтика. -Стилистика. М, 2007. – 800с.
8. Почепцев, Г. Г. Конструктивный анализ структури предложения. -М,- 2001.- 650с.
9. Розенталь, Д. Э. Справочник по русскому языку. Практическая стилистика. -М, - 2006. – 384с.
10. Русский язык: учебник. для. студ. сред. проф. Под ред. Герасименко, Н. А. – 3- е изд. -М, 2006. – 496с.
11. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон.- Сталинобод, 1958. – 99с.
12. Sadriddin Aini. Pages from my own story. Foreign languages publishing house. – Moscow, 1958. – 126p

13. Шелякин, М. А. Справочник по русской грамматике. -М.: Дрофа, 2006. – 355с.

ОДНОРОДНЫЕ ЧЛЕНЫ ПРЕДЛОЖЕНИЯ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается структура и способы выражения однородных членов предложения на таджикском и английском языках.

Ключевые слова: однородные члены предложения, однородные подлежащие, однородные сказуемое, однородные определения, однордные дополнения, однородные обстоятельство, способы связа, выражения.

HOMOGENEOUS PARTS OF SENTENCES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES.

the article considers the structure and the ways of expression of homogeneouse sentenses in tajik and english languages.

Key words: homogeneous parts of sentence, homogeneous subject, homogeneous predicate, homogeneous attribute, homogeneous adverbial modifier, methods of communication, expression.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаббат Назарова*** – аспирантка Таджикского национального университета

ТАКРОРИ ВОЖАҲОИ МУОДИЛ ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗ

Муҳаммадризо Ҳусейнзода
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ин мақола сухан дар бораи такрори вожаҳои муодил дар ашъори Ҳофиз меравад. Ҳофиз сабрро дар чашмандози арзишҳои инсонӣ ба маънои дақиқи он, яъне пойдорӣ, шикебоӣ ва таҳаммул дар умуре дониста аст, ки яке аз арзандатарин ва ҷомеътарин фазилатҳост.

1. Ҳавсала. Ҳавсала калимаи арабӣ аст, ки вориди забони форсӣ шуда ва маънои он дар арабӣ иборат аст, аз чина додани паррандагон, ки дар луғатномаҳо ва тадовули оммаи мардум киноя аз шикеб ва тобу тоқат ва таҳаммул аст ва ҳамчунин дар ҷумалоте маънои гунҷоиш ва зарфиятро медиҳад. Ҳофиз ин вожаи бо мазмуни сабр ва маонии истилоҳӣ гуфташударо ду бор дар ғазалиёти 136/93 ва 290/166 ба кор гирифта аст.

2. Вожагони шикеб ва шикебоӣ. Ин вожаҳо низ ба маънои сабр, дар маҷмӯъ се бор дар ғазалиёти 95/66, 297/302, 493/352 такрор шудаанд.

3. Вожаи ҳилм. Ҳилм ба маънои хештандорӣ дар луғатномаҳо маъно шудааст. Яъне инсон бар хашм ва пархошгарии хеш ғалаба карда ва онро дар контроли хеш дошта бошад. Ҳамчунин ҳилм ба маънои шикебоӣ ва хештандорӣ пеш аз вуқуи ҳаводис аст ва дар мутуни равоншиносӣ, аз дидгоҳи ислом сабр дар муқобили шаҳавот ва ғароизро ҳилм гуфтаанд. Ин вожа ду бор дар ғазали шумораи 366/252 ва як бор дар дигар қолабҳои шеърӣ дар девони Ҳофиз ба ривояти Қазвинӣ, сафҳаи 367 такрор шудааст.

4. Вожаи таҳаммул. Таҳаммул тавоноии муқовимат дар баробари ҳаводиси ногувор ва номулоимоти зиндагӣ мисли дарду фишори равонии ношӣ аз рӯйдодҳои танишзо мебошад. Таҳаммул навъи дигаре аз сабр аст, ки Ҳофиз 8 бор ин вожаро ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи таркиботи изофӣ дар ғазалиёти 83/58, 173/117, 276/187, 414//286, 919/81, 449/313, 482/341 ва як бор низ дар қолабҳои дигар ба ҷуз ғазал ва ба сурати байти зер такрор кардааст:

Чун кард дар дилам асар овози андалеб,
Гаштам чунон ки ҳеҷ намондам таҳаммуле.

5. Пойвор, пой доштан, пойдорӣ кардан, яъне тоб ва муқовимат доштан, ки ду бор дар ғазали шумораи 363/350, 83/58 такрор шудааст ва ҳамчунин мазмуни кулли ғазали шумораи 119 сафҳаи 81 девони Ҳофиз ба ривояти Қазвинӣ – ғанӣ дар мавриди пойдорӣ мебошад.

6. Вожаи тоқат. Тоқат ба маънои сабру таҳаммул ҳам ба танҳоӣ дар шеъри Ҳофиз ва ҳам ҳамроҳи соири калимоти ҳаммаъно ва дар маҷмӯъ дар чаҳор ғазали 137/87, 212/144, 382/191, 384/366 такрор гардидааст.

7. Вожаи тоб, тоб овардан. Тоб ба маънои ғаму ранҷ ва тоб овардан яъне тоқат овардан, сабурӣ кардан мебошад, ки худи калимаи тоб 6 бор ба маънои сабр дар ғазалҳои шумораи 84/59, 337/231, 466/ 328, 127/87, 492/351, 14/12 омадааст.

8. Собит, собитқадам, субот кардан. Вожаҳое ҳастанд, ки дар забони Ҳофиз маънои пойдориро ба зеҳн мутабодир мекунанд ва дар ғазалҳои ӯ ҳам ба танҳоӣ ва ҳам дар канори худи вожаи сабр, мазмуни сабру шикебоиро дар зеҳни хонанда ҷо меандозанд ва дар ғазалиёти шумораи 25/17,485/344, 314/214 (ду бор), 183/134, 200/136, 264/179, 396/273 такрор шудааст.

9. Поёб. Ба назари Қазвинӣ ва ҳамчунин дар китоби «Бурҳони қотеъ» ба маънои тобу тоқат ва муқовимат аст ва ҳамчунин ба мазмуни байте аз ғазали 439/352 девони Ҳофиз низ ҳамон маънои тобу тоқат ва муқовиматро медиҳад, ки ҳамроҳ бо шикебоӣ фақт як бор ба шарҳи зер омадааст:

Муштоқиву маҳҷурӣ дур аз ту чунонам кард,
К-аз даст нахоҳад шуд, поёби шикебоӣ.

10. Итоби касеро кашидан. Ҳофиз нозу хашм ва сарзаниши маъшуқ ва маҳбубро таҳаммул карда аст, ки ду бор дар ғазалиёти Ҳофиз дар ғазали шумораи 187/117, 425/295 омадааст.

11. Заҳмати ин борро кашидан. Ин иборатро Ҳофиз як бор дар байти зер ба маънои таҳаммул кардан овардааст:

Гуфтӣ сари ту бастаи фитроки мо шавад,
Саҳласт агар ту заҳмати ин бор мекашӣ. 459/322

Эй маҳбуб, гуфтӣ ки сари ошиқон бояд бар фитроки маъшуқ овехта шавад, агар ту ранҷу заҳмати ин корро таҳаммул кунӣ, аз назари мо душвор нест ва мо ба ҷону дил мепазирем [Хатиби Раҳбар, 626].

12. Побарҷо будан, яъне собир будан, дар ғазали 203/138 омадааст.

13. Истабрат. Вожае аст муодили сабр дар арабӣ, ки Ҳофиз фақат як бор ва дар муламмаоти хеш онро ба кор гирифтааст дар ғазали шумораи 461/323.

14. Қарору хоб. Ҳофиз дар баъзе ашъори хеш ва бештар дар мазмуни сабр дар мақоми ишқ ба дафаоти мутааддид ин иборатро ҳам ҳамроҳ бо сабр ва муодилҳои он ба кор гирифта, ки ба далели густарда будани он аз зикри шавоҳид худдорӣ мешавад.

15. Диранг. Маънои сабр ва аҷала накарданро медиҳад ва дар ғазалиёти Ҳофиз фақат як бор ба сурати зер омадааст:

Суҳбат аст соқиё қадаҳе пуршароб кун,
Даври фалак диранг надорад шитоб кун. 396/273

Басомади вожаҳои муқобили сабр дар забони Ҳофиз

Дар мутуни забон ва адабиёти ирфонӣ ҳар гоҳ калимаи сабр омада, зидди онро, ки сифати ҷазаъ ва фазаъ буда ва як калимаи арабӣ аст низ овардаанд. Аммо забони Ҳофиз, ки дар авҷ ва яке аз қуллаҳои забону адаби форсӣ мебошад, фақат як бор онро ба кор гирифта ва бештар барои табйини мазомини зидди сабр аз вожаҳо ва калимоту таркиботи дигаре истифода кардааст, ки мо ба далели густардагии абёти марбут фақат ба зикри шумораи ғазал ва сафҳае, ки ғазал ва байти марбута дар он омадааст, ба таври ҷудогона зикр мекунем.

1. Бесабрӣ. Дар баррасӣ дар девони Ҳофиз мутаваҷҷеҳ шудем, ки вожаи бесабрӣ танҳо як бор он ҳам ҳамроҳ бо ду вожаи дигар ва бо мазомини муқобили сабр дар ғазали шумораи 107 сафҳаи 73 нусхаи девони Қазвинӣ омадааст.

2. Бетоқатӣ. Ҳамон тавре ки гуфта шуд, тоқат, яъне тобу тавон ва доштани зарфият аст, ки бетоқатӣ акси он аст, ки як бор дар ашъори Ҳофиз дар ғазали шумораи 359/247 омадааст.

3. Беқарорӣ. Се бор дар ғазалиёти шумораи 394/387, 457/319, 195/132 бо мазомини муқобили сабр оварда шудааст.

4. Бе хобу хӯр. Таъсире, ки вуҷуди мушкилот барои худ дорад, хобу хӯроки онро аз ӯ мегирад, лизо бе хобу хӯр ба маънои камсабрӣ, як бор дар ғазали шумораи 487/346 тавассути Ҳофиз ба унвони натиҷаи бесабрӣ ҳунармандона ба кор гирифта шудааст.

5. Шитоб. Вожаи шитоб, яъне аҷала. Масалан: Бо ин шитоб ба кучо меравӣ, яъне бо ин аҷала ба кучо меравӣ. Ин маъно ба навъе муқобили сабр аст ва Ҳофиз ин вожаро ҳамроҳ бо таркиботи изофии он ҳашт бор дар ғазалиёти худ такрор кардааст. Ғазалҳои шумораи 2/11, 221/150, 395/272, 396/273, 124/84, 446/310, 90/63.

6. Таъҷил, яъне аҷала, яъне шитоб, ки дар девони Ҳофиз ба эҳтимоми Қазвинӣ ду бор, аммо дар тасҳеҳи доктор Хонларӣ се бор омада аст, ба унвони мисол мехонем:

Ҳофиз суруди маҷлиси мо зикри хайри туст,
Таъҷил кун ҳой, ки асбу қабо мефиристамат.

7. Камҳавсала. Тангҳавсала, камҳавсала ду бор ва камҳавсала як бор ва ба маънои фарди камзарфият ва бесабрӣ ва касе ки зуд аз кӯра дар меояд, тавассути Ҳофиз дар ғазалиёти шумораи 215/146, 377/260 такрор шудааст.

8. Синатанг. Дилтанг, тангдил вожаҳое ҳастанд, ки Ҳофиз дар мазмуни муқобили сабру шикебоӣ дар ғазалиёти хеш онҳоро 8 бор такрор кардааст, дар ғазалҳои 367/253, 355/244, 348/239, 392/270, 58/41, 9/1098 Девони Ҳофиз тасҳеҳи Хонларӣ 26/1032.

Аммо агар бихоҳем як ғазалро, ки намунаи комил аз инъикоси дилтангии Ҳофиз ба маънои сар омадани сабри ӯст, бидонем, ғазали шумораи 480/331 бо байти:

Сина моломоли дард аст, эй дарего марҳаме,
Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, Худоро ҳамдаме.

Беҳтарин гузина хоҳад буд, ки гарчи дар он вожаи дилтангӣ нест, вале комилан нишондиҳандаи дилтангии шадиди Ҳофиз аз дарду ранҷ ва фироқи ёр аст, ки зимнан дар кулли ғазал мафоҳими дигари сабр низ омадааст.

9. Ҷон сӯхтан. Ҷон ба лаб расидан, ба танг омадани ҷон, яъне ба сутӯҳ омадан, яъне тамом шудани сабр аз вожаҳо ва таркиботе ҳастанд, ки дар ҳамаи онҳо Ҳофиз мазомини муқобили сабрро мадди назар доштааст, дар ғазалиёти 91/63, 167/114, 135/95, 327/223, 17/14, 91/63, 233/158, 308/209, 168/114, 300/453 (Девони Хонларӣ) 238/161, 263/179, 299/452, (Хонларӣ), 493/351, 494/354, 17/14, 67/47 ин вожаҳо такрор шудаанд.

10. Гила ба маънои изҳори дилтангӣ ва шикоят. Бо таваҷҷуҳ ба баррасӣ бар рӯи ашъори Ҳофиз ва ин ки худи ӯ дар муламмаоти хеш, сабри мадди назари худро сабри ҷамил ё сабри тамом зикр карда аст ва ин сабр, яъне ин ки инсон мушкилотро таҳаммул намояд ва гилаву шикояте ҳам накунад ва ҳам ҷазау фазаъ нанамояд ва эътироз накунад. Ин вижагиҳои шахсиятӣ ҳама дар Ҳофиз мавҷуд буда ва лизо Ҳофиз ҳар вақт вожаи гиларо дар ашъори хеш овард, гила карданро накӯҳиш намудааст. Ҳофиз аз ин вожа чи ба сурати муфрад ва чи дар шакли ҷамъи он чаҳордаҳ бор истифода намудааст, дар ғазалҳои шумораи 193/131, 215/142, 268/182, 271/183, 467/328, 493/352, 337/222, 142/97, 457/320, 351/241, 192/129, 471/333 абёте, ки дар ғазалиёти фавқ вожаи гила ё гилаҳо омадааст, дар ҳамаи нусхаҳои девон, ба вижа дар нусхаи тасҳеҳшудаи Қазвинӣ ва ҳамчунин Хонларӣ муштарак ҳастанд ва фақат дар мавриди ғазали 600/1062 ва дар ғазале ки байти охири он «Ту бандаӣ, гила аз дӯстон макун Ҳофиз» дар девони Хонларӣ ҳаст, дар ҳоле ки ин байт ва ғазали мазкур дар девони Ҳофиз, нусхаи Қазвинӣ вуҷуд надорад.

11. Нола ва шикоят. Маънои дигари гила кардан аст, ки 3 бор омадааст ва дар ҳар мавриде Ҳофиз тавсия карда, ки инсон гила накунад. Аз маворидe, ки матраҳ шудааст вожаи гила бо ин ки аз вожагони муқобили сабр аст, вале Ҳофиз худ ва дигаронро тавсия ба сабр намуда ва аз гила кардан парҳез додааст ва ба унвони мисол дар ғазали 351/492 гуфта, ки: Ҳофиз аз зулму ситаме ки рӯзгор ба ту мекунад, гила макун. Ё дар ғазали 457/322 тавсия карда, ки инсон набояд дар муқобили фақру бенавоӣ нолаву гила намояд, ки ба назар мерасад дар ин ҷо Ҳофиз анвои сабрро низ ба навъе матраҳ карда аст.

Робитаи сабр ва худдорӣ дар шеъри Ҳофиз

Забони шеърии Ҳофиз, ки равиши тафаккури ӯст, илова бар риояти усули ҳунарӣ ва зебоишинохтӣ дар он аз як мантиқ ва андеша ва хиради вижае бархурдор аст, ба иборати дигар каломи Ҳофиз каломе фохир буда, ки нишондиҳандаи хирадмандии хоси гӯяндаи он мебошад. Ҳофиз дар баёни мақсади хеш аз ақлу хирад ба шеваи ҳунармандона истифода карда ба тавре ки худ дар ин бора чунин мегӯяд:

Равонро бо хирад дар ҳам сиришем,
В-азон тухме ки ҳосил гашт киштем.

Дар боби робитаи сабру хирад дар баррасие, ки мо дар девони Ҳофиз анҷом додем, мутаваҷҷеҳ шудем, ки Ҳофиз дар 6 ғазал сабру хирадро бо ҳам ва ба як маъно дар назар гирифта ва дар бақияи ашъори хештан, ки дар мавриди сабр суруда, ҳамеша сабрро сифати афроди оқил, доно, зирак ва бо ҳуш донистааст ва ин нуктаро ёдовар шуда, ки ақлу ҳуш ба унвони як мушовири дарунӣ ҳамвора ба инсон ин нидоро гӯшзад мекунад, ки таҳаммули хешро дар муқобили мушкилот боло бурда ва сабур бошад. Ҳофиз аз ҷумлаи фазоили ақлро ин медонад, ки инсонро ба сабру хештандорӣ водор мекунад.

Хирад дар гӯши ҳуш дӣ ҳамегуфт,
Бирав сабурӣ бикун дар бенавоӣ.

Ё ин ки мегӯяд:

Эй дил андар зулфаш дар парешонӣ манол,
Мурги зирак чун ба дом афтад таҳаммул боядаш.
276/187

Илова бар ин маворид Ҳофиз дар ғазалиёти 81/57, 276/187, 173/117, 282/191 ва ҳамчунин дар дигар қолабҳои шеърӣ дар сафҳаи 384 девони нусхаи Қазвинӣ низ сабру ҳушро бо ҳам мавриди истифода қарор додааст. Нависандаи ин мақола мазмуни робитаи сабр ва хирадро, ки дигар шоирони бузурги форсизабон бо ҳам матраҳ кардаанд, мавриди баррасӣ қарор дода ва дар қолаби як мақолаи таҳқиқии ҷудогона табйин ва иншоаллоҳ ба зудӣ чоп ва нашр хоҳад кард.

Робитаи сабр дар забони Ҳофиз. Вожаи дил дар забони суфиёна мафҳуми вижае дорад, ки соликон аз тариқи он ба мақомоти маънавӣ ошно мешаванд, дил барои онҳо хилватгоҳи аҳли вафо ва миодгоҳ ва оинае аст, ки таҷаллии ҳақ дар он мушоҳида мешавад. Лизо Ҳофиз дар сар то сари ғазалиёти худ аз дил ном бурда ва онро ҷойгоҳи муҳиме дар шахсияти инсон донистааст. Бештарин вожае, ки бо басомади боло дар девони Ҳофиз ба кор гирифта шуда вожаи дил аст, аммо ҳамроҳии он бо вожаи сабр дар 26 ғазал ба шумораҳои 3/11, 83/58, 107/73, 119/81 (дар се байти ин ғазал), 173/117, 276/187, 283/191, 348/239, 477/338, 484/343, 70/49, 127/87, 129/95, 147/100, 300/204, 392/270, 397/273, 167/114, 213/144, 355/244, 359/247, 4141/286, 465/327, 47/331 ва дар сафҳаи 384 девони нусхаи тасҳеҳшудаи Қазвинӣ дар қолаби рубоӣ ду бор вожаи сабр ва дил ҳамроҳ омадаанд. Дар ин ҷо ба унвони мисол фақат ба байти зер ишора мекунем:

Ба сабр кӯш ту эй дил, ки ҳақ раҳо накунад
Чунон азизнигине ба дасти аҳримане.

Симои афроди сабур аз назари Ҳофиз

1. Таваккал доштан. Аз назари Ҳофиз яке аз вижагиҳои инсони собир таваккал доштан аст ва аз тарафи дигар дар дидгоҳи Ҳофиз ин афроди мутаваккил ҳастанд, ки сабру бурдбориро пешаи худ сохта ва хештандор ҳастанд. Бинобар ин, сабру таваккал дар забони Ҳофиз монанди ду рӯи як сикка ҳастанд, ки Ҳофиз муътақид аст, ки афроди сабур дар воқеъ дар гирифториҳо бо доштани таваккал ба Худо ва рӯҳияи умедвор ба рӯёрӯӣ бо мушкилот мепардозанд. Ҳофиз дар сар то сари девони хеш ба ин мазмунҳо ишора кардааст ва яке аз чаҳорчӯбҳои тафаккуроти ӯст. Вай дар ғазалиёти 435/304, 88/61, 418/289, 416/288, 112/76 ба ин маврид ишора дошта аст. Вақте ки Ҳофиз бо мушкилоте ки касе барояш ба вуҷуд оварда, ба ҷои ин ки гилаву шикоят кунад, аз Худо сипосгузорӣ мекунад ва аз ӯ сабр мехоҳад.

Аз сабри ошиқ хуштар набошад,
Сабр аз Худо хоҳ сабр аз Худо хоҳ.

Ё ин ки гӯяд:

Гар теғ борад дар кӯйи он моҳ
Гардан ниҳодем ал-ҳукму лиллоҳ.

2. Афроди сабур хирадманду зирак ҳастанд ва ояндагару оқибатандеш, ки дар мавоқеи буҳрон сабрро калиди кушоиши мушкилоти хеш медонанд.

3. Аз назари Ҳофиз фарди собир дар баробари захми забонҳо, туҳматҳо ва носозиҳо ва маломатҳои афроди ҷоҳил бо бурдборӣ рафтор мекунад ва чун ба дурустии кори хеш имон дорад. Лизо ба гуфтаҳои беасос таваҷҷуҳ намекунад. Усулан дар мақоми Ҳофиз ранҷидан дар тарикат маъно надорад.

Вафо кунему маломат кашем,
Ки дар тариқати мо кофарист ранҷидан. 393/271

Дар ғазалиёти 83/58, 364/251, ба ин мавзӯъ ишора шудааст.

4. Афроди сабур ҳатман афроди муқовим аз назари шахсиятӣ ҳастанд, сиаи садри болое доранд ва нокомиро лузуман бад намедонанд, балки онро фароянди мубтанӣ дар қавоми шахсияти одамӣ талаққӣ мекунад. Ба ин нукта равоншиносии ҷадид ҳам муътақид аст ва ҳар шикастеро муқаддимаи як пирӯзӣ медонанд, бинобар ин, сафҳаро холӣ намекунанд.

Даст аз талаб надорам то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон ё ҷон зи тан барояд. 157/233

Бинобар ин, афрод сабур дар роҳи ҳадафи хеш аз ҳеч чизе тарснок намешаванд ва лизо бо ин ки месӯзанд, вале месозанд, аммо намесӯзонанд ва ҳамчунин аз по намеафтанд:

Дар ошиқӣ гурез набошад зи сӯзу соз,

Истодаам чу шамъ матарсон зи оташам. 232/328

Аз назари Ҳофиз чи касоне наметавонанд собир бошанд?

Сабр як вижагии равонӣ ва суботи дарунӣ аст, ки натиҷаи он мудирияти эҳсосот ва ҳаяҷонот тавони таҳаммули сахтиҳо ва сахткушиҳо ва нигаҳдории нафс дар муқобили ҳаводиси нороҳаткунанада аст. Доштани ин вижагӣ барои баъзе афрод имконпазир нест.

Ҳофиз мегӯяд:

На ҳар дарахт таҳаммул кунад ҷафои хазон
Ғуломи ҳиммати сарвам ки ин қадам. 81/119

Аз назари Ҳофиз афроде, ки дорои вижагиҳои зер ҳастанд наметавонанд сабур бошанд:

1. **Касоне ки сиаи сабри поёне доранд**. Инсонҳои камзарфияте, ки дили заифе дошта ва остонаи таҳаммули онҳо ва зарфияти равониашон кам аст, ки равоншиносии ҷадид ин афродро дар типи шахсиятии навъи А ҷой медиҳанд, ки шомили касоне аст, ки мехоҳанд дар ҳадди ақали замони мумкин бештарин натиҷаи лозимаро ба даст оваранд. Нурӣ, [1387, 25].

Ҳофиз дар ғазалҳои шумораи 355/446, 258/159, ба ин матлаб ишора дорад.

2. Афроди нозпарварда наметавонанд афроди сабуре бошанд ва дар муқобили мушкилот муқовимат кунанд.

Ҳофиз мегӯяд:

Нозпарварда танаум набарад роҳ ба дӯст,
Ошиқӣ шеваи риндони балокаш бошад.

Маънии байт: Он ки дар фарохӣ ва осонӣ ба нозу неъмат парвариш ёфтааст, ба кӯйи маъшуқ роҳ натвонад ёфт. Ишқварзӣ ойини ворастагон ва қаландарон аст, ки дар роҳи расидан ба дӯст балову меҳнатро ба ҷон мепазиранд [Хатиби Раҳбар, 216].

Ҳамчунин Ҳофиз дар ҷои дигар ва дар ин маъно чунин сурудааст:

Эй ки дар кӯчаи маъшуқи мо мегузарӣ,
Барҳазар бош, ки сар мешиканад деворaш. 275/188

Ту нозуктабъиву тоқат надорӣ,
Ғароиҳои муште далқпӯшон. 386/266

Натоиҷ ва коркардҳои сабр дар зиндагӣ аз забони Ҳофиз

1. Сабру бурдборӣ боиси муваффақияти инсон дар зиндагӣ мешавад.

Соҳибназарони улуми рафтории муосир муваффақиятро дар се омили ишқ, пуштикор ва сабр медонанд ва ҳамчунин натиҷаи таҷрибаҳо ва таҳқиқот дар ҳавзаи равоншиносӣ нишон дода, ки афроде ки дар худ маҳоргирии бештаре доранд, дар тамоми заминаҳо муваффақтар аз афроде ҳастанд, ки аҷулона ва шитобзада амал мекунанд [Нурӣ, 2, 1387].

Бо баррасӣ дар маҷмӯи абёти Ҳофиз, ки дар мавриди сабр гирдоварӣ намудаем, мутаваҷҷеҳ шудем, ки ҳар он чи равоншиносии ҷадид гуфтааст, Ҳофиз дар гузаштаи дур бисёр зебо ва ҳунармандона онро баён намуда аст. Ба унвони шоҳиди мисол чанд байтеро дар ин маъно зикр мекунем:

Сабру зафар ҳар ду дӯстони қадиманд,
Бар асари сабр навбати зафар ояд.

Ин байт дар девони Ҳофиз, нусхаи Анҷавии Шероз ва Қудсӣ омадааст, ки байти баъдии он низ чунин аст:

Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,
Бори дигар рӯзгори чун шакар ояд.

Аз назари Ҳофиз натиҷаи қатъии талош пуштикори ҳамроҳ бо сабр комёбӣ аст.

Сабр кун Ҳофиз ба сахтӣ рӯзу шаб,
То биёбӣ мунтаҳои комро.

Илова бар маворидии зикршуда Ҳофиз дар ғазалиёт 183/124, се бор ба муваффақият, ки натиҷа ва самараи сабр пойдорӣ аст, ишора мекунад.

2. Иштиёқи расидан ба ҳадаф, интизори муваффақият инсонро умедвор кардааст, ки ин рӯҳияи амирворона ва интизори расидан ба вазъияти матлуб аз дигар коркардҳо ва самароти сабр аст, ки Ҳофиз дар ғазалҳои 434/302, 90/229, 36/155, 234/105, 222/158 ва мукаррар ба осор ва паёмҳои шавқбарангез ва умедоварии сабр дар зиндаги ишора карда аст ва ба унвони мисол дар ғазали 106/112 мегӯяд:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон гам махӯр,

Кулбаи аҳзон шавад рӯзе гулистон гам махӯр.

Робитаи сабр ва мудирияти замон аз назари Ҳофиз

Ҳофиз дар маворидe сабрро таҷвиз намекунад, балки шитоб карданро низ тавсия менамояд. Аз назари Ҳофиз ҳамон тавр, ки сахтиҳо мустамар нестанд муҳлатҳо низ поён мепазиранд ба вижа, ки умри инсон кӯтоҳ аст ва фурсатҳо зуд аз даст мераванд ва лизо инсон набояд фурсатсӯзӣ кунад, балки боястӣ фурсатҳоро ғанимат шумурда ва замони ҳолро аз даст надиҳад. Ӯ дар ғазалиёти 444, 310, 229, 289, 418/289, 229/155, 395/372, 396/273, 414/286, 449/313, 421/292, 397/373, 445/606, 368/254 (ду бор) таваҷҷӯҳ мекунад, ки чун умр ва замони кам дар ихтиёр дорем, лизо бояд барои истифодаи беҳтар аз фурсатҳоямон шитоб кунем:

Май бе гаш аст вақте хушаст шитоб,
Соли дигар, ки дорад умеди навбаҳоре. 444/310

Фалсафаи маънаёбии сабр ва ранҷ дар дидгоҳи Ҳофиз. Ҷумлаи маъруфе аст, ки мегӯяд: «Шикебӣ дастоварди ранҷ аст ва ба касе ато намешавад». Ба иборати дигар сабр ва бурдбории тавъам бо ранҷ ва заҳмат аст. Дар руйкарди маъноҳармони Виктор Фронкел, ки таҳти таъсири фалсафаи Нича буда, гуфта шудааст, ки: «Ҳар касе ки ӯ дар зиндагӣ чарое дорад, бо ҳар чигунае месозад». Ҳамчунин ин гурӯҳ муъталиҳидан, ки зиндагӣ иборат аст аз ранҷ кашидан, аммо барои ин ранҷ маъно ёфтан, яъне идомаи зиндагӣ.

Ба ҳар ҳол, худи ранҷи зиёд ранҷовар нест, аммо ин ки фард надонад барои чи бояд сабр кунад ва ранҷ бикашад, хеле дарднок аст. Пас, бинобар ин бояд маъноҳои сабр карданҳо ва ранҷ кашиданҳоро дар зиндагӣ дарк намуд. Аз назари Ҳофиз инсони мутаодил аз оқибати ранҷ кашидани худ иттилоъ дорад ва чун медонад ки саранҷоми ин ранҷ ва сабр комёбӣ аст, лизо анвои зиндагӣ ва фалсафаи онро ёфтааст ва чунин инсоне оромиш дорад.

Ҳофиз бо истифода аз тамсил, киноя ва ташбеҳ дар ғазалиёти шумораи 239/161, 25/19, 364/251, 123/86, 418/250, 289/170, 482/341, 246/153 ба ин матолиб ишора дорад.

Дар китоби «Фарҳанги ашъори Ҳофиз» мехонем: Вақте ба девони Ҳофиз нигоҳ кунӣ, мушоҳида хоҳӣ кард, ки ҳар ҷо сухани ишқ аст, ғолибан бо душвории роҳ ва ғаму ранҷ ҳамроҳ аст [Раҷоии Бухороӣ, 1389, 626].

Хулоса, Ҳофиз сабрро дар чашмандози арзишҳои инсонӣ ба маъноҳои дақиқи он, яъне пойдорӣ, шикебӣ ва таҳаммул дар умуре дониста аст, ки яке аз арзандатарин ва ҷомеътарин фазилатҳост. Ӯ ҳамчунин мафҳуми сабрро дар иртибот бо лазоиз ва хоҳишҳо ва воқеиятҳои гуногуни фазои инсон бо асомии мухталифе баён кардааст. Илова бар он чун Ҳофиз ба рамуз ва суннатҳои дигаргуннопазири олами хилқат огоҳ аст, шарти дастёбӣ ба аҳдоф ва рози пирӯзӣ бар мушкилотро сабру истиқомат медонад.

Ончунон ки дидед, нависандаи ин мақола бо баррасии 495 ғазал, 78 қитъа ва соири қолабҳои шеъри Ҳофиз беш аз 200 байт аз онҳоро таҳти унвони ашъори сабро – ашъоре ки вожа ва мазомини сар ва мафоҳими муодил ва муқобили он тавассути Ҳофиз суруда шудаандро гулчин намуда ва ин мақола бар асоси натоиҷи ба даст омада аз ин баррасӣ ончунон ки мутолиа фармудед, тадвин гардид. Мо дар ин баррасӣ мутаваҷҷеҳ шудем, ки гар чи сабр ва ранҷ ба зоҳир талх мебошад, аммо меваи ширине дорад, чунки моро ба аҳдофи олӣ мерасонад, яъне сабри ҳамроҳ бо пуштикор шаҷараи умеди азим ва шукӯҳмандро дар зиндагии инсони сабур борвар месозад ва саранҷом ранҷҳо тамомшуданӣ буда ва сиёҳиву торикии шаби ҳиҷрон ба фурӯғи сапедаи субҳ равшан мегардад ва хуршеди иқбол аз байни абрҳои сиёҳу торики осмони зиндагӣ тулӯъ хоҳад кард. Ба назари нигоранда, ин ғазал хулоса ва усораи дидгоҳи Ҳофиз бо мавзӯи сабр аст, ки фақат ба байти аввали он ишора мекунем, ки ҳусни хитоми ин навиштор низ бошад.

Боғбон гар панҷ рӯзе суҳбати гул боядаш,
Бар ҷафои ҳиҷрон сабри булбул боядаш.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳиҷозӣ Алоуддин. Рӯшаноии роҳ, чопи аввал.- Теҳрон: Интишороти Ойини тарбият, 1380.
2. Хурамшоҳӣ, Баҳоуддин. Ҳофизнома, шарҳи алфоз, аълом, мафоҳими калидии абёти душвори Ҳофиз, чопи саввум, ширкати интишороти улуми фарҳангӣ бо ҳамкории интишороти Суруш, 1376.
3. Хатиби Раҳбар, Халил. Девони ғазалиёти Мавлоно Шамсиддин Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ (чопи понздаҳум).- Теҳрон: Интишороти Сафиалишоҳ. 1374.
4. Шултс, Давон. Равоншиносии Камол, Хушдил, Гетӣ. Чопи панҷум, 1369.
5. Раҷоии Бухороӣ, Аҳмад Алӣ. Фарҳанги ашъори Ҳофиз, чопи нуҳум.- Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1389.

6. Сиддиқиён, Маҳиндухт, Миробидинӣ, Абӯтолиб. Фарҳанги вожанамои Ҳофиз, (ба инзомии Фарҳанги басомадӣ бар асоси Ҳофиз, доктор Парвиз Нотил Хонларӣ) (чопи саввум).- Теҳрон: Интишороти Ҳайдарӣ, 1383.
7. Қазвинӣ, Муҳаммад, Ғанӣ, Қосим. Девони Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ, чопи шашум.- Теҳрон: Интишороти Заввор, 1369.
8. Нурӣ, Начибуллоҳ, Баррасии пояҳои равоншинохтӣ ва нишонгони сабр дар Қуръон, нашрияи электронии омӯзишӣ ва пажӯҳишии Садро, 1387.

ПОВТОРЕНИЕ РАВНОЗНАЧНЫХ ТЕРМИНОВ В ТВОРЧЕСТВЕ ХАФИЗА

В данной статье речь идет о повторении равнозначных терминов в творчестве Хафиза. Хафиз рассматривает терпение в рамках человеческих ценностей в его определенном смысле, то есть как твердость, выносливость, устойчивость в решениях, что является ценнейшим социальным качеством.

Ключевые слова: терпение, равнозначные термины, газель, байт.

REPEAT OF EQUIVALENT TERMS ON CREATION OF HAFIZ

This article about repeat of equivalent terms on creation of Hafiz. Hafiz considers patience in frame human price definitely meaning to wit hardness stability on resolutions is the valuable social quality.

Key words: patience, equivalent terms, gazel, bayt.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммадризо Хусейнзода*** – соискатель отделения иностранных языков Академии наук Республики Таджикистан

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДАР ШИНОХТИ ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ

Азам Қутбизода Аббасалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносӣ илмест, ки забони инсонро мавриди мутолиа қарор медиҳад ва метавон онро аз шуъбаҳои ҷомеашиносӣ донист, зеро забон низ монандӣ давлат, хонавода ва иқтисод аз бунёдҳо ва ниҳодҳои иҷтимоист.

Дастури забон низ яке аз қисматҳои муҳими забоншиносӣ аст ва монанди забон ва забоншиносӣ дорои таърифҳои гуногун аст, зеро ҳар гурӯҳе ва мактабе онро мутобиқи завқи худ таъриф ва тавсиф кардаанд.

Аз назари Хусрав Фаршидвард дар китоби «Дастури мухтасари таърихи забони форсӣ», дастур бахше аз забоншиносист, ки дар бораи сохти овоӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва маънои забон баҳс мекунад [10,27].

Аммо чизе, ки аҳамият дорад, ин аст ки дар тамоми дастурҳои забон калима ё сода ё мураккаб, арзёбӣ шудааст.

Сода калимаеро гӯянд, ки дорои аҷзои мустақил набошад, яъне ҳар кадом аз ҳиссаи он мустақиман ба маъное далолат мекунад.

Мураккаб калимаеро гӯянд, ки аз ду ё бештар ҷузъи маънодор таркиб шуда бошад.

Навъи аввали калимоти мураккаб он аст, ки аз пайвастани ду исм ё исму сифат ҳосил шуда бошад ва ҳар яке аз аҷзои он дорои маънии мустақил ва ҷудогонае бошад ва аз таркиби онҳо маънии воҳиди дигаре ба даст биёяд, монанди: китобхона, тангкӯча, шифохона ва монанди инҳо.

Навъи дувуми калимоти мураккаб, аз ду ҷузъ ташкил ёфта, маҷмӯи он ду ҷузъ маънии воҳидеро дар зеҳни шунаванда меоварад, аммо танҳо яке аз ин ду ҷузъ дар ҳар калима, калимаи мустақиле аст ва ҷузъи дигари ин калима ҳеҷ гоҳ ҷудогона ба кор намеравад, балки кори онҳо таркиб бо калимаи дигар ва сохтани калимаи тозае аст.

Аҷозеро, ки худ дорои маънии мустақиле нестанд ва ҷудогона ба кор намераванд, аммо калимаи тозае аз калимаи дигар месозанд “ҷузъи пайванд” мехонем.

Ҷузъи пайванд агар пеш аз калимаи дигар воқеъ шавад, пешванд хонда мешавад ва агар пас аз калима қарор гирад, пасванд аст.

Барои таҳқиқ дар баҳси муҳим ва ҳассоси пасванд ва пасвандгузорӣ дар забони форсӣ шарти муқаддам ва асосӣ ин аст, ки вижагиҳои пасвандро аз пеш шинохт ва ҳудуди онро аз марзҳои дигар ҷузъҳо ва унсурҳои забон ба рӯшанӣ қарор дод. Ба ин манзур мебоист таърифи дақиқ ва рӯшане аз пасванд дар даст дошт, бо меъёр қарор

додани он аз иштибоҳ дурӣ ҷӯст. Ва пасвандро аз ғайри пасванд ва муштақи пасвандиро аз муштақи ғайрипасвандӣ боз шинохт.

Манобеи дастури забоншиносӣ ва ҳамчунин фарҳангҳои гуногуни форсӣ ва хориҷӣ ҳар кадом таърифи хосе аз пасвандро додаанд, ки бо тафовутҳои ҷузъӣ, умуман пасвандро аз як дарича ба дидгоҳ нигаристаанд ва ҳадду марз ва вижагиҳои мушобеҳе барои он қоил шудаанд. Барои огоҳӣ аз ин таърифҳо бархе аз онҳоро баррасӣ мекунем:

Аз назари Муҳаммадӣ Муин дар китоби “Фарҳанги форсӣ” пасванд қисмати муаххари калима аст, ки ҷузъи реша набошад [2,54]. Дар китоби «Фарҳанги фаронсаи имрӯз» чунин омадааст: «Пасванд унсуре аст, ки дар охири як калима ва ё як реша менишинад ва шаклу маънии онро тағйир медиҳад» [4,2]. Дар китоби Кешони Хусрав“Иштиқоқи пасвандӣ дар забони форсии имрӯз” чунин омадааст: “Пасванд унсури бидуни маъноӣ аст, ки ба охири як калима афзуда мешавад ва дар маънии он тасарруф мекунад” [5,1]. Дар китоби «Дастури забони форсӣ»-и панҷ устод (Ёсамӣ, Баҳор, Ҳариб, Фурузонфар, Ҳумоӣ) омадааст: «Мақсуд аз пасванд ҳуруфи муфрад ва мураккабе аст, ки ба охири калима афзуда гардад ва дар маънии онҳо тасарруф кунад» [5, 47]. Аз назари Ҳасани Амид дар китоби “Фарҳанги форсии Амид” омада: «Пасванд иборат аз ҳуруфе аст, ки дар охири баъзе калимот афзуда мешавад ва дар маънии онҳо тасарруф мекунад» [3, 142]. Муҳаммадҷаводи Машкур дар китоби “Дастурнома дар сарфу наҳви форсӣ” овардааст “Пасванд иборат аст аз адавоти муфрад ва мураккабе, ки ба охири калимот афзуда гардад ва дар маънои онҳо тасарруф кунад”[6,163].

Бо дар назар гирифтани хутути аслии таърифҳои боло ва бо ҷамъбандии нуқтаҳои асосӣ ва муҳими онҳо метавон ба таърифи зер даст ёфт: пасванд иборат аст аз як унсури забонии ғайримустақил ва орӣ аз маънӣ, ки ба охири баъзе калимот, ки реша ном доранд васл мешаванд ва дар маънии онҳо тасарруф мекунанд ва дар натиҷа маънои ҷадиде тавлид мешавад.

Дар натиҷа пасванд дорои чаҳор вижагӣ аст:

1. Як унсури ғайримустақил (орӣ аз маънӣ) аст;
2. Ба охири як калима, ки реша ном дорад, васл мешавад;
3. Дар маънии реша тасарруф мекунад;
4. Шакл ё ҳолати дастурии решаро тағйир медиҳад.

Нақши аслии пасванд дар ин ошкор мешавад, ки пасванд як унсури вожасоз аст.

Пасванд ҳолати дастурии решаро тағйир медиҳад, ки дар натиҷа метавон пасвандро омили тағйирдиҳандаи дастурии реша номид.

Имрӯз бар асари пешрафти илмӣ ва техникии ҷомеа забони форсӣ беш аз ҳар замони дигар ниёз ба вожагони тахассусӣ, фаннӣ ва илмӣ дорад. Хушбахтона, пасванд ба унвони яке аз унсурҳои муҳими вожасозии забони форсӣ бахши муҳиме аз ин бори сангинро бо шоистагии тамом бар дӯш мекашад ва дар замони бисёр кӯтоҳе бо сохтани ҳазорон вожаи тахассусӣ ва илмӣ, аз як сӯ, вожагони забони форсиро беш аз пеш ғанитар сохта, ва аз тарафи дигар, бо эҷоди садди маҳкаме забони форсиро аз ҳуҷуми истилоҳоти бегона то ҳудуди зиёди масъум нигоҳ медорад.

Пасванд дар сохтори сифот низ таъсири босазое доштааст, аммо пеш аз он ки мақом ва арзиши пасвандҳои сифатсозро баррасӣ намоем, зарур донистем, ки назари уламои пешинро дар мавриди сифат дошта бошем.

Дар китоби «Ғиёс-ул-луғот» чунин омадааст: сифат, яъне баён кардани ҳол ва аломат ва нишонаи чизе мебошад. Аз назари Алиакбари Деҳхудо «Сифат калимаест, ки ҳолат ва чигунагии чизеро ё касеро бирасонад» [1,94].

Аз назари Аҳмади Шафоҳӣ дар китоби «Мабонии илмии дастури забони форсӣ”: «Сифат калимаест маънодор, ки барои номидани чигунагии ҷинс, ранг, хавос ва...» ва ба таври куллӣ барои номидани аломатҳои зоҳирӣ ва ботинии ашё ба кор меравад ва робитаи бисёр наздик ва ногусастанӣ бо исм дорад [8,18].

Ҳасани Аҳмадии Гевӣ ва Ҳасани Анварӣ дар китоби “Дастури забони форсии як” навиштаанд: «Сифат вожа ё гурӯҳи аз вожаҳост, ки дар бораи исм тавзеҳ медиҳад ва яке аз хусусиёти исмро аз қабили ҳолат, миқдор, шумора ва монанди онро баён мекунад» [7,132].

Мишкотуддинӣ дар китоби «Дастури забони форсӣ» (вожагон ва пайвандҳои сохта) навиштааст: Ба даста аз вожаҳо, ки аз лиҳози маънӣ ба ҳолат ё чигунагии исм ишора мекунанд ва аз лиҳози вижагиҳои сохтвожа бо пасвандҳои -тар ва -тарин ба кор мераванд, сифат мегӯянд» [9,96].

Дар китоби “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” омадааст: “Сифат, аломат ва чигунагии шайъро мефаҳмонад ва аломатҳои хоси он, одатан, дар дохили иборот рӯшан зоҳир мегардад” [11,132].

Бо ин тавзеҳот аҳамияти сифат дар наср ва назм ва мутуни адабӣ ва ҳатто гуфторҳои рӯзмара ба хубӣ рӯшан мешавад.

Ин аҳамият боис мешавад, ки мо барои сохти сифат арзиши бештар қоил бошем. Ба ин манзур сифатро аз ҷиҳати таркиб баррасӣ менамоем.

Сифатҳо ба ду даста басит (сода) ва мураккаб тақсим мешаванд. Сифатҳои басит аз як калима ташкил мешаванд: Монанди хуб, сафед, баланд ва монанди инҳо.

Сифатҳои мураккаб, ки бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои сифат дар калимасозии сифат таркибҳои мухталиферо эҷод кардааст.

Муҳимтарин ҳиссаҳои нутқе, ки сифати мураккаб месозанд, иборатанд аз:

1. Ду исм: ҳунарпеша (ҳунар+пеша), сангдил (санг+дил);
2. Ду исм ва ҳарф: хонабардӯш (хона+бар+дӯш), побарҷо (по-+бар+ҷо);
3. Ду сифат бо вови атф: сафеду сиёҳ, ҳозиру ғоиб;
4. Исм ва сифат: рӯшандил (рӯшан+дил), гумроҳ (гум+роҳ), хубрӯ (хуб+рӯ);
5. Зарф ва сифат: дерошно (дер+ошно), зудранҷ (зуд+ранҷ), пешгом (пеш+гом);
6. Адад ва исм: якдил (як+дил), дурӯ (ду+рӯ), ҳафтранг (ҳафт+ранг);
7. Замири нафсӣ-таркибӣ ва исм: худраъй (худ+раъй), худҳисоб (худ+ҳисоб);
8. Пешванд ва исм: бехирад (бе+хирад), боадаб (бо+адаб);
9. Пешванд ва сифат: нохуш (но+хуш), нобино, (но+бино) нораво (но+раво);.
10. Исм ва пасванд ғамгин (ғам+гин) бимнок, (бим+нок) донишман (дониш+манд), оҳанин (оҳан+ин).

Аз баррасии китобҳои мухталифи дастури забон ва мақолоти пажуҳишӣ, ки дар мавриди калимасозии сифат навишта шудаанд ва ҳамчунин баррасии поённомаҳои мухталиф дар ин замина, чунин бармеояд, ки нақши пасвандҳо дар калимасозии сифат хеле муассир будааст ва, мутаассифона, бо таваҷҷуҳ бо ин таъсир теъдоди пасвандҳои сифатсоз ва таркиботи онҳо ба таври саҳеҳ дар ин дастурҳо ва мақолот баррасӣ нашудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзӯъ нишон дод, ки доманаи густариши пасвандҳои сифатсоз дар забони форсии тоҷикӣ бисёр васеъ будааст. Мо бар асоси ҷустуҷӯ дар луғатномаю фарҳангҳо, китоби дастур ва мақолоти пажӯҳишӣ ва поённомаҳои мухталиф, дувоздаҳ адад таркиби дигар ва панҷоҳ адад пасванди сифатсоз пайдо кардем, ки изофа бар даҳ намуди қаблӣ зикр мешавад:

1.Аз асоси музореъ ва пасванд: бино (бин+о) парҳезгор (парҳез+гор), равон (рав+он), дурахшанда (дурахш+анда);

2.Аз сифат ва пасванд: хушксор, бузургвор, сурхфон;

3.Асоси мозӣ ва пасванд: офаридгор, растагор, харидор, гирифтор;

4.Ададҳои тартиби гурӯҳи аввал ва пасванд: нахустин, аввалин;

5.Шумора исм пасванд: дуроҳӣ, сероҳӣ;

6.Шумора ва калимоти таъни воҳиди исм ва пасванд: садтоӣ, (сад+то+ӣ) секилоӣ,(се+кило+ӣ)....

7.Муайянкунанда ва муайяншаванда ва пасванд: зербиноӣ, (зер+бино+ӣ), сарангуштӣ.

8.Ҷонишин ва пасванд: худамонӣ;

9.Масдар ва пасванд: шунидонӣ (шунидан+ӣ), тамошоӣ (тамошо+ӣ), хондонӣ (хондан+ӣ);

10. Зарф ва пасванд: фавқонӣ (фавқ-онӣ) таҳтонӣ (таҳт-онӣ); Шумора ва пасванд: дугона, панҷгона.

11. Сифат ва пасванд: хубтар, (хуб+тар), машҳуртарин, (машҳур+тарин)

Мо дар масири анҷоми ин таҳқиқ ба манбаҳои дастурӣ ва забоншиносии гуногун руҷӯъ кардем ва аз бисёре аз онҳо бо дараҷоти гуногун баҳра гирифтем. Аммо бояд эътироф кард, ки баҳси пасванд дар забоншиносӣ хеле кам назари забоншиносонро ба худ ҷалб кардааст. Дар натиҷа, то он ҷо ки ба забони форсӣ марбут мешавад, таҳқиқоти бисёр каме дар баҳси пасванд анҷом гирифтааст ва бархе аз забоншиносон бо дар назар нагирифтани таъриф ва маънои пасванд ва шинохти ноқис аз вижагиҳои он калимаи мустақил ва дорои маъниро ба унвони пасванд қарор додаанд. Монанди: ёр (ҳушёр, давлатёр), дор (ҷондор), бардор (номбардор, фармонбардор), кор (серкор, дурудкор

(дуредгар)) ва аммо олимони забоншинос ҳеҷ як маҷӯаи комил ва муттаҳиде аз пасвандҳои сифатсозро ироа нанамудаанд.

Ба ҳамин далел, дар ин мақола тасмим гирифтаем, ки маҷмӯаи комиле аз пасвандҳои сифатсозро ироа намоем, ки адади онҳо ба 51 мерасад:

О, **осо, огин, он, оне, онӣ, ор, боре, бон, буд, бурдор, тар, тарин, чи, дис, со, сор, сон, фом, фаш, ак, коре, ки, гор, гон, гоне, гонӣ, гар, ган, гуне, ги, гин, ум, мон, манд, умин, нок, анде, у, вор, воре, вар, ваш, ван, ви, е, ӣ, ик,ин, ине, й.**

Аз ҳосили ин таҳқиқ се гурӯҳ метавонанд истифода кунанд:

Гурӯҳи нахуст вожсозон ҳастанд, онҳо метавонанд бо мутолиаи ин мақола бо усул ва равишҳо ва қонунҳои калимасозии сифат ва пасвандҳои сифатсоз ва навъи таркиботи онҳо ошно шаванд. Ва онҳоро ба кор бибанданд.

Гурӯҳи дувум бакорбарандагони сифатҳои мавҷуд, яъне мутарҷимон ва устодон ва муаллифон ва муҳаққиқон ва ба таври куллӣ касоне ҳастанд, ки мехоҳанд аз миёни калимаҳои барсохтаи дигарон калимаеро интихоб кунанд.

Тасмимгирӣ дар ихтиёри вожа лозим доштани огоҳии иҷмолӣ аз чигунагии таркиб ва сохти сифот аст, ки дар ин мақола ба он ишора шудааст.

Гурӯҳи савум: назарияпардозон ва мунақидони кори вожагузинианд. Онон пас аз мутолиаи ин мақола хоҳанд дар ёфт, ки назарияпардозӣ ва махсусан нақд дар амри вожагузинии сифат ва сифатҳои пасвандӣ ба доштани маълумоти дақиқ ниёз дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома. Дар 50 ҷилд.Чопи дуввум. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон.-Теҳрон, 1377.-Ҷ.32. С.93
2. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Дар шаш ҷилд.Ҷ. 3. -Интишорои Амир Кабир.-Теҳрон, 1381.- 4240 с.
3. Амид Ҳасан. Фарҳани форсии Амид. Чопи дуввум. -Интишороти Амир Кабир. Ҷ. 1.-Теҳрон, 1375.- 437 с.
4. Кешонии Хусру. Иштиқоқи пасвандӣ дар забони форсии имрӯз. Чопи аввал. -Интишороти маркази нашри донишгоҳӣ.-Теҳрон.- 1371.- 127 с.
5. Қариб Абдулазим ва дигарон (Рашиди Ёсамӣ, Маликушуарои Баҳор, Бадиъузамони Фурузонфар). Дастуризабони форсии панҷ устод. Чопи панҷум интишороти Фирдавс.-Теҳрон, 1373.-137 с.
6. Машкур Муҳаммад Ҷавод. Дастурнома дар сарфу наҳви забони форсӣ. Интишороти шарқ.-Теҳрон, 1350.-383 с.
7. Аҳмадии Гивӣ ва Анварӣ Ҳасан. Дастуризабони форсии як. Чопи 23. Интишороти Фотимӣ.- Теҳрон, 1379.- 384 с.
8. Шафоӣ Аҳмад. Мабонии илмии дастури забони форсӣ. Чопи панҷум. Интишороти Нувин.-Теҳрон, 1371.-645 с.
9. Мишкотуддинӣ Маҳдӣ. Дастури забони форсӣ (вожагон ва пайвандҳои сохтӣ). Чопи аввал интишороти самт.-Теҳрон, 1384.
10. Фаршидвард, Хусру Дастури мухтасари таърихии забони форсӣ. Чопи аввал. Интишороти завор.-Теҳрон, 1387.-243 с.
11. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷк.- Душанбе: Дониш, 1985, 350 с.

НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ОБ ОПРЕДЕЛЕНИИ СЛОВООБРАЗУЮШИХ СУФФИКСОВ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЬХ

В данной статье рассматривается степень изученности прилагательньх в грамматике персидского язька. Выявлены роль и место суффиксов в словообразовании имен прилагательньх. Автором статьи собран обширный материал о словообразующих суффиксах имен прилагательньх.

Ключевье слов: лингвистика, грамматика, прилагательный, префикс, часть, простой, сложный, корень, существительное, основа.

SOME PERSPECTIVES IN RECOGNIZING ADJECTIVE MAKING SUFFIXES

A proper definition of Persian grammar, adjective and adjective- making suffixes and its importance in adjective making was expressed in this article and we provided all combinations that make compound adjective and also a very complete collection of adjective-making suffixes in Persian language.

Key words: Linguistics‹ Grammar ‹Adjective‹ Suffix‹ Elements ‹Simple ‹Compound‹ Root ‹Noun‹ Base

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Азам Кутбизаде Аббасали***- аспирантка Таджикского национального университета

ОСНОВНЫЕ ТИПЫ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЗНАЧЕНИЙ СЛОВ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Мурод Хусайнов
Кулябский государственный университет им. Абуабдулло Рудаки

Основные типы лексических значений слов. Лексическое значение слова, являясь элементом общеязыковой системы, тем не менее обладает собственно семантическими, т.е. присущими только ему, специфическими свойствами, например разные способы номинации предметов, понятий, явлений, признаков по характеру соотнесения с действительностью (прямое – непрямое, или переносное), по степени мотивированности (непроизводное - производное), по способам и возможностям лексической сочетаемости (свободные - несвободные), по характеру выполняемых функций (номинативные экспрессивно - синонимические).

1.По способу номинации, т.е. характеру связи значения слова с предметом объективной действительности, выделяются два типа лексических значений – прямое, или основное, и непрямое, или переносное. Прямым значение названо потому, что слово, обладающее им, прямо указывает на предмет (явление, действие, качество и т.д), т.е. непосредственно соотнесено с понятием или отдельными его признаками. Основным (или главным) называют обычно то значение слова (в плане синхронного анализа лексики), которое менее всех остальных значений обусловлено свойствами его сочетаемости. Основное значение четко и определенно обусловлено парадигматически. Прямое значение выступающее в качестве основной, устойчивой наминации предмета в современный период языкового развития, называют также первичным (об относительном характере этого наименования). Непрямым (или переносным) называется такое значение слова, появление которого обусловлено возникновением сравнений ассоциаций, объединяющих один предмет с другим. Переносное значение появляется в результате переноса прямого (основного) обозначения являются частными, их называют вторичными.

2.По степени семантической мотивированости выделяются два вида значений слова: непроизводное (немотивированное, первичное) и производное (мотивированное первычным, исходным значением, являющееся вторичным).

Так, Д.Н. Шмелев, сопоставляя слова земля, лес, земной, земляк, лесной, отмечал, что два первых (земля, лес) считаются немотивированным, а остальные (земной, земляк, лесной- мотивированными, производными). Можно сказать – заключает он, - что производные имеют «связанное» в деривационном отношении значение, само же исходное слово – относительно «свободное». Если с этих позиций проанализировать семантику слова gold {gold} – тилло, silver –{silve}-ну□ра, copper- {kope}-мис, golden -{goulden}- тиллой, silver – {silve}- ну□рагин, copper {kope} – миссин, то можно сказать, что слово gold {gold} – тилло, silver –{silve}-ну□ра, copper- {kope}-мис, считается немотивированным а остальные golden - {goulden}-тиллой, silver – {silve} copper {kope}- мотивированными – производными. Таким образом, выделение разных типов лексических значений помогает глубже разобраться в семантической структуре слова, т.е. понять характер системных внутрисловных связей. По своей лингвистической природе слово- сложная, многомерная разноплановая единица языка. Уже при первой попытке аналитически осмыслить слово становится очевидным присущий ему дихотизм (гр. dicha –две части + tome - сечение) – легко вычленяемая исконная двусторонняя сущность: с одной стороны, - материальное звуковое оформление, с другой, – одинаково понимаемый носителями языка, общественно закрепленный за словом смысл (т.е. отражение путем языкового обозначения, названия того или иного предмета, явления, качества и т.д. внеязыковой реальной действительности). Однако, определять слово только как языковой элемент, состоящий из ряда звуков, обозначающих то или иное понятие, - значит изолировать его от системы языка в целом. Учитывая сложность и многоплановость структуры слова, современные исследователи при его характеристике используют так называемый многоаспектный тип анализа, т.е. указывают на сумму самых разных языковых признаков: фонетическую оформленность и наличие одного ударения (или не двуударность): лексико – семантическую значимость слова и его способность выражать понятие у слов знаменательных (ср. отсутствие непосредственной соотнесенности с понятием у слов служебных); его отдельность и непроницаемость (т.е. невозможность дополнительных вставок внутрь слова без изменения его значения); идиоматичность (иначе непредсказуемость, немотивированность названия или неполную его мотивированность); отнесенность к тем или иным частям речи. В лексикологии определение, предложенное

Д.Н.Шмелевым: слово - это единица наименования, характеризующаяся цельнооформленностью (фонетической и грамматической) и идиоматичностью. Перечисленные выше отличительные признаки слова и одно из его определений дают лишь общее представление о нем. Полнее и глубже структурно – семантическая сущность слова, его функциональная роль будут поняты в процессе последовательного изучения лексики – семантической системы русского языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Шмелев Д.Н. Проблемы семантического анализа лексики. -Москва, 1973.
2. Виноградов В.В.Лексикология и лексикография. -Москва ,1977.
3. Шанский Н.М Лексикология современного русского языка .Москва, 1972.
4. Фомина М.И Современный русский язык, “Лексикология Москва” Высшая школа”. 1990.
5. Иностранные языки в школе выпуск 15.Москва “Высшая школа 1980.
6. С.Солехов. Русско – Таджикский разговорник. –Душанбе, 1990.
7. П. Ҷамшедов. Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ.- Душанбе, 2008.
8. А. Мамадназаров. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Душанбе,2010 .
9. Сангинов Р. Tajik English – Russian phrasebook. -Душанбе, 2009.
10. М. П. Шаскольская. Кристаллы. -Москва “Наука”,1978.

ОСНОВНЫЕ ТИПЫ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЗНАЧЕНИЙ СЛОВ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению главные типы лексических значений слов на английском языке и преимущество двуязычных и многоязычных словарей в их исследовании.

Ключевые слова: словарь, исследование, слово, язык, английский язык, статья, современная, печать.

THE MAIN TYPES OF LEXICAL MEANININGS OF WORDDS IN ENGLISH LANGUAGE

The article deals with the main types of lexical meanings of words in English languages and advantage of the bilingual and multilingual dictionaries in the study of them.

Key words: dictionary, study, word, language, English language, article, modern, print.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мурод Хусайнов-*** соискатель КГУ им.Абуабдулло Рудаки

КОММУНИКАТИВНЫЙ МЕТОД В ПРЕПОДАВАНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Шахомат Фатема
Институт гуманитарных наук АН РТ

Преподавание английского языка как иностранного языка уже давно определило изменения в педагогических методах. Ныне выдвигаются такие понятия, как «управление временем» или «использование времени», «ограниченная практика» и «свободная практика», «студенты», «спектакль».. Наиболее важным является то, что акцент в классе сместился от ориентации на учителя к ориентации на студента. Этот аспект ввел новые «правила» и отношения, особенно для учителя. Современная педагогика уяснила, что класс является двусторонним сбалансированным отношением между тем, кто учит и теми, кто учится. Таким образом, две части «договорятся» о своей важности в классе, в том смысле, что для лучшей учебной деятельности тот, кто учит должен быть более или менее динамичным или причастным. Он тот, кто знает, фактически расставляет вещи в порядок и знает лучшее отношение к своему партнеру.

Существует убеждение о том, что наиболее важной задачей преподавателя является создание условий, в которых будет происходить обучение. Думается, что следует дополнить вышесказанное тем, что учитель должен обеспечить условия, в которых будет происходить лучшее обучение, так как человек стремится к оптимальной деятельности с целью получения наиболее выгодных результатов. Таким образом, коммуникативный метод является соответствующим отношением к этой цели. Он касается классного взаимодействия как важного педагогического принципа. Тем не менее, подобная концепция взаимодействия в аудитории долгое время считалась ошибочной, так как она идентифицировалась лишь взаимодействием учителя- студента.

Очень важно для учащегося слушать учителя и говорить с ним, так как последний является тем, кто может и способен решить - достигнут ли требуемый уровень точности.

Студенты всегда смотрят на человека, обучающего их, как на человека, обладающего необходимыми навыками по наблюдению, пониманию, и самое важное, по исправлению ошибок. Но это не всегда лучший способ учиться, особенно когда речь идет о преподавании иностранного языкя. Наряду с презентацией или практикой (как часть урочных подходов) существует также производственная часть.

Студент учится много от того, что он слышит от учителя или магнитофона, но более важно, чтобы он стал тем, кто может реально произвести язык. Проблема в преподавании иностранного языка заключается не только в процессе ввода, предоставления информации, но и в произношении слов и объяснении их смысла. Это также проблема вывода в том, что студент способен произносить.

Принимая во внимание, что студент поглощает правильное представление о языке (или определенной лексики), слушая учителя, можно легко впасть в ошибку доминирования урока для исключения любого другого участника. Таким образом, следует постоянно признавать, что взаимодействуя с преподавателем, студент учится взаимодействовать с компетентным пользователем языка. Опять же, если разговорная практика учащихся происходит в форме один-на-один с преподавателем, то у них будет очень мало времени говорить на иностранном языке (особенно, если в классе учатся 25 человек). Одним из главных уроков, который должен знать каждый новый учитель – это то, что «речь» учащисся не обязательно означает, что происходит обучение; во многих случаях, время речи учителя не всегда является временем, в котором учащиеся делают очень много и вовлекаются в урок, поэтому для лучшего обучения учитель должен управлять временем, чтобы оно было полезным для учащихся.

С другой стороны, студенты должны взаимодействовать между собой настолько, насколько это возможно. Сделано ли это по тому способу, как они сидят, и особенно по манере, в которой они общаются друг с другом, продолжительность времени их речи должна увеличиться по сравнению со временем учителя. Последний может также быть лишь посредником между ними, координатором языкового производства учащихся. Один из наиболее важных отличий, существующих здесь, находится между учителем в качестве контролера и учителя как участника, так как эти два понятия представляют пределы поведения учителя. Контролер стоит перед классом и выделяется как человек, управляет всем - от обучения до возможных реакций учащегося. Он является «кукольным мастером» наблюдения и принятия решения – следует ли сделать какой-либо определенный жест. С другой стороны, участники вовлекаются в классе не только коммуникативно, но иногда и физически, сохраняя низкий профиль, чтобы позволить студентам достичь наилучших результатов от их индивидуальной или групповой задачи.

При изучении английского языка студенты получают язык – так как язык является в некотором роде «вкладом» студентов (хотят ли они получать его или нет). Но этого не достаточно: учитель также должен обеспечить возможности для студентов активировать эти знания и «производить» язык. Контролирующие учителя должны знать, когда и как долго они должны позволять студентам говорить, потому что производство языка предполагает репетицию во время получения обратной связи (от учителя или от студентов). Таким образом, ясно, что существует большая потребность в коммуникативном выходе от студентов и обратной связи. Если учителя забывают «выйти» из положения контроллера, то студенты уже не могут иметь языковую практику и как следствие их разговорные навыки пострадают существенным образом. Когда речь идет о входе стоит заметить, что «тонко настроенный вход» часто является «фокусом представления нового языка, где повторение, коррекция учителя, методы обсуждения или открытия часто используются для содействия когнитивным стратегиям. В стадии презентации учителя, как правило, выступают в качестве контроллеров как в выборе языка, которого должны использовать студенты, так и в точном воспроизведении новых элементов языка. Они захотят исправлять ошибки, которые они слышат и видят на этом этапе довольно строго - в противоположность к такой коррекции, которая обычно предлагается на практике и в коммуникативной деятельности» [2, 41].

Для того, чтобы получить лучшие результаты в классе, ориентированном на студенте, необходимо убедиться, что студент получит их и что он может привлечь их внимание. Важной причиной, почему учащиеся не могут успешно следовать инструкциям деятельности (или не понимают объяснений учителя чего-либо) является то, что они фактически не слушают их, возможно, потому, что они не в полной мере были внимательными во время их представления. Иногда, когда учитель вкладывает энергию в поисках лучшего способа представления урочной темы, он может игнорировать необходимость привлечения внимания

студентов перед тем, как она предоставляется. Когда студенты разговаривают или не обращают внимания на представление темы, то даже хорошее преподавание будет иметь мало шансов на достижение цели. Именно поэтому учитель должен принимать во внимание несколько советов, чтобы действительно сосредоточиться на деятельности студентов. Прежде всего, он должен сосредоточиться на зрительном контакте насколько это возможно. Затем учитель может сделать жест, означающий, что он хочет поговорить (например, поднимая руку или произношением слова). Автор данных строк поступает следующим образом: делает зрительный контакт и ждет, сохраняя зрительный контакт. Он не двигается и не говорит ни слова, не проявляет нетерпимость или тревогу - просто продолжает двигать глазами по аудитории от человека к человеку. В конце концов, студенты понимают, что требуется внимание и с этого момента он приступает к своему преподаванию.

Очень важно для учителя, чтобы он знал – в чем заключается его роль в классе, особенно в парных или групповых видах деятельности. «Сразу же после того, как вы даете инструкцию для выполнения задачи и студенты приступают к нему, часто необходимо срочно проверить, чтобы убедиться в том, что студенты занимаются тем видом деятельности, который вы попросили их сделать и поняли основные инструкции и механику деятельности. Вы можете сделать это тихо, незаметным хождением по аудитории, прислушиваясь к кратким обрывкам упражнений из разных групп и убеждением в том, что студенты делают то, что они должны сделать. Такой надзор можно назвать проверкой механики» [1, 93]

В большинстве мероприятий, цель состоит в том, чтобы учащиеся работали самостоятельно как можно больше; свободно говорили с наименьшим вмешательством со стороны учителя. Присутствие учителя может восприниматься иногда как помеха. Поясним: если учитель «тоже присутствует», то студент будет смотреть на него за руководство, коррекцию или слово, в то время как более полезно для них, чтобы те сами старались и научились использовать свои собственные ресурсы. Таким образом, поведение учителя может варьироваться от осторожного мониторинга до полного исчезновения деятельности. Тем не менее, в некоторых задачах, особенно в тех, в которых студенты нуждаются в совете, входе или поддержке, учитель может быть более вовлеченным в деятельность и его роль становится более активной. В подобных случаях наилучшим вариантом для учителя является активный надзор или участие.

Незаметный контроль означает поддержание определенного присутствия себя в качестве учителя в классе, а не предлагать помощь или вмешиваться каждый раз, когда что-то кажется неправильным. Студенты должны знать, что учитель присутствует, но не прерывает их. Учитель присутствует, смотрит и слушает внимательно, даже если будет возникать какая-либо значительная проблема или ошибка, он не должен вмешиваться. Таким образом, студенты не будут чувствовать искушение обращаться каждый раз к учителю и сделают задачу сами, производя и используя язык как можно больше. Даже если они обращаются за помощью к учителю, то он должен делать это быстро и эффективно, а затем вернуться к положению мониторингу.

Тем не менее, бывают случаи, когда учитель рискует навязать свое присутствие слишком много, помогая учащимся и, таким образом, уменьшает объем работы, которую следует выполнить. «Иногда наилучшим вариантом для учителя является незаметность, то есть находиться за пределами непосредственного поля зрения. Учитель может пойти в угол аудитории и сидеть тихо. Он должен держать небольшой процент внимания к аудитории, чтобы знать когда активность достигает конца или кризисную точку, но в остальном учитель сдерживает себя от этого. Расслабьтесь и перестаньте быть учителем на некоторое время. В ряде конкретных случаях, вы можете подчеркнуть пункты, над которыми студенты должны работать без вашей помощи, и в таких случаях даже выход из аудитории на несколько минут может быть одним из вариантов» [1, 94]. Существует также случай, когда учитель выходит из аудитории на несколько минут, студенты – так как они вовлечены в решение задачи - могут даже не заметить отсутствие учителя.

Активный мониторинг является более заметным для студентов и позволяет им быть более осведомленным о присутствии учителя и возможности просить у него помощи. Учитель, который активно совершает мониторинг будет ходить, просматривать и прослушиваться ко многим различным группам, часто предлагать спонтанный совет и исправления, а также ответы на запросы и вопросы студентов. Этот метод может легко трансформироваться в участие, когда учитель садится и присоединяется к группе (временно

или на всю задачу). Он может быть частью той группы, но в то же время предлагает помощь, идеи или даже задавать вопросы.

Коммуникативный метод прибегает к различным методам обучения студентов. С одной стороны, существует часть ограниченной практики, а с другой, существует часть свободной практики. Когда речь идет об ограниченной задачи, учитель нацеливается на упражнения (письменные или устные), сосредоточенные на определенных темах языка или грамматических проблем. Например, учитель может использовать письменные упражнения типа «заполнения пробелов» чтобы студенты выучили новые слова или новые грамматические элементы. В то же время, устное упражнение может иметь в качестве основной цели слова, используемые в определенной коммуникационной ситуации (например, при бронировании номера в гостинице или принятии участия в интервью для определенной работы или должности в компании). Эти виды деятельности, как правило, являются более легкими, чем свободная практика, так как они ограничивают выбор студентов в рамках определенных тем. Когда дело доходит до свободной практики следует понимать способность учащегося рассуждать и поддерживать логические утверждения. Как правило, это является коммуникативной деятельностью, требующей от студента потенциала ведения диалога, отвечать и задавать вопросы. Представляется как общая истина, что для коммуникативной цели этот метод является более подходящим, чем те, в которых студентам предлагается решать только упражнения с установленным образцом, в которых фантазия и способность учащегося не оспариваются, следовательно, и не улучшаются.

Таким образом, проблема речевых способностей - как плавности, так и точности – фактически считается целью коммуникативного метода так как она нацелена на студента и его языковых потребностей, а отвечая четким целям, поставленными учителем после анализа потребностей студента.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Jim Scrivener – Learning Teaching, Macmillan Books for Teachers, Oxford, 2005
2. Jeremy Harmer – The Practice of English Language Teaching, Longman, 1995
3. Stephen D. Krashen – Principles and Practice in Second Language Acquisition, Pergamon Press.

КОММУНИКАТИВНЫЙ МЕТОД В ПРЕПОДАВАНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматриваются основные особенности коммуникативного подхода в преподавании английского языка и возможные проблемы, которые могут возникнуть в нем. Так как он является методом, ориентированном на студента, следовательно, учитель должен пересмотреть свою позицию в классе и понимать, что традиционные методы ныне изменились существенным образом.

Ключевые слова: коммуникативный метод, преподавание, английский язык, аудитория, учитель, учащийся.

COMMUNICATIVE METHOD IN ENGLISH LANGUAGE TEACHING

The paper deals with the main features of communicative approach in English language teaching and the possible problems that may appear. As it is a student focused method, the teacher should re-evaluate his/her position in the class and understand that the traditional class has changed significantly.

Key words: communicative method, teaching, English language, class, teacher, student.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фатема Шахомат*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

НАЗАРЕ БА ЛУҒАТИ ГӮЙИШИ БАХТИЁРИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

Ардашер Сосон

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Гӯйиши бахтиёрӣ аз нигоҳи луғат ва сарфу нахв миёни дигар гӯйишҳои форсии Эрон фарқ мекунад. Гӯйиш, чунонки Р.И. Траст менигорад: «Сурати тағйирёфтаи боризи иҷтимоӣ ё минтақавие аз як забон аст, ки бо анвои дигар аз назари дастурӣ (грамматикӣ) ва ё вожагон мутафовит бошад». Таҳқиқи гӯйишҳои маҳаллӣ таваҷҷуҳ ба шохае аз забоншиносии амалӣ аст, ки ба таҷзия, таҳлил ва таснифи гунаҳои маҳалии забон мепардозад.

Гӯйишҳо чун нишонае аз фарҳанги пурғанои ин ё он мавзеъ пайваста дар такомулу табодул қарор доранд. Ин ҳодисаи воқеӣ табиист, ки дар гӯйишҳои тамоми забонҳои

олам ба назар мерасад. Аз ҷумла дар гӯйишҳои форсии Эрон низ. Ба ин муносибат дар муқаддимаи «Луғатномаи Деҳхудо» омада, ки «Бисёре аз лаҳҷаҳои эронӣ дар баробари нуфузи рӯзафзуни забони форсӣ дар ҳоли аз байн рафтан ҳастанд ва ҳақ ин аст, ки ҳар чӣ зудтар дар гирдоварӣ ва тадвини онҳо кӯшиш шавад».

Ҳар як аз вожаҳои гӯйишӣ гӯё гӯшае аз таърихи забон, таърихи сиёсӣ ва таърихи иҷтимоӣ аст ва бо баррасӣ ва эҳёи онҳо метавон дар роҳи бозсозии забонҳои куҳан ва ҳалли мушкилоти вожасозӣ ва дастури забони форсӣ қадами устувор бардошт.

Мардум дар маҷмӯъ офаринандагони вожаҳо ҳастанд. Калимоти бисёре дар гуфтори аввом (мардуми оддӣ) ба кор мераванд, ки гоҳе дар забони адабӣ муродиф доранд, гоҳе надоранд. Барои тавонгар шудани забон корбурди ин ду навъ калимот на танҳо лозим, балки зарурӣ аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки поя ва асоси адабиёт, забон, тамаддун ва фарҳанги ҳар миллате бо гӯйишҳо ва одобу русуми маҳаллии мардуми он кишвар уствор аст ва аз тарафи дигар, дар гӯйишҳо вожаҳои асил ва дастнахӯрдае (зиёд) ёфт мешаванд. Бо огоҳӣ аз гӯйишҳои мутафовит метавон давраҳои таҳаввулоти забонро тайин кард ва дар баробари таҳоҷуми вожаҳои бегона онҳоро муқоисаву муқобила кард ва бо эҷоди як маҷмӯаи гӯйишҳо ба иртиботи ҷуғрофиёӣ ва ҳамчунин иртиботи иҷтимоиву фарҳангии мардум дар забонҳои хос пай бурд.

Гӯйишшиносӣ як шохаи забоншиносӣ аст, ки аҳдофи худро дорад. Ҳадафи он, пеш аз ҳама гирдоварӣ ва таснифи илмии маводи гӯйишҳо ва гунаҳои забонӣ аст. Бо густариши омӯзиши умумӣ ва расонаҳои иртиботи ҷамъӣ дар натиҷа забони меъёр бо мавқеияти иҷтимоӣ ба истилоҳи болотар ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, батадриҷ гӯйиши расмӣ ҷойгузини гӯйишҳо ва забонҳои маҳаллӣ шавад, ин «гуна»- ҳо дар ҳоли аз байн рафтан қарор мегиранд.

Гӯйишҳо барои муҳаққиқ дар мавриди баррасӣ аз масоили марбут ба мардумшиносӣ, қавмшиносӣ, адабиётшиносӣ, ҷомеъашиносӣ ва таъриху фарҳангӣ мардум аз манобеи бисёр ғанӣ маҳсуб меёбанд. Илова бар ин, гирдоварии додаҳо аз гӯйишҳои маҳаллӣ метавонад ба ҳалли мушкилоти зиёде зимни решашиносӣ ва дастури забон кумак расонад, ҳамчун улгӯ ва асоси сохтани вожаҳо ва муодили ҷадид қарор гиранд. Зеро ин бахшҳои забонӣ бо якдигар дар иртибот ҳастанд ва ағлаб аз як хонаводаи забонӣ мебошанд.

Ҳенри Лоёрди англис аз соли 1839 то 1852 (ҳудуди 14-сол) дар миёни бахтиёриҳо зиндагӣ кард ва аз ҷузъитарин масоили одобу русум ва маҳрамонатарин масоили рӯзгори эшон воқиф гардид, дар китоби худ «Сафарнома» дар хусуси забони бахтиёриҳо менависад: «Бахтиёриҳо бо як лаҳҷаи маҳаллии эронӣ, ки маъмулан ба забони Лурӣ маъруф аст, такаллум мекунанд. Ин лаҳҷа бидуни ин ки луғоти туркӣ ва арабӣ вориди он шуда бошад, бо як гунаи лаҳҷаи таҳриф шудаи форсии қадим аст, ки бахтиёриҳо онро ҳифз кардаанд. Ин лаҳҷа, ки воқеан ҳамон забони мардуми Эрони бостон аст, бештар ба адабиёти муосир ва забони «Шоҳнома» шабоҳат дорад ва ман хеле зуд тавонистам ба ин забон такаллум намоям».

Ин гуна нигоштаҳо дар иртибот ба гӯйиши бахтиёрӣ хеле зиёд аст. Аз ҷумла Ровлинсун менависад: «Забони бахтиёриҳо забони фурс (форсҳо)- и қадим аст, ки шабоҳат ба забони паҳлавӣ дорад ва дар замони Сосониён бад-он такаллум менамуданд».

Доктор Парвиз Нотили Хонларӣ дар китоби «Таърихи забони форсӣ» дар хусуси гӯйишҳои дигари эронии нав зимни баршуморидани онҳо аз ҷумла: Эронӣ, Мароғӣ, Курдӣ, Хузӣ, Дейламӣ, Гилакӣ, Табарӣ, Ҳиравӣ, Бухороӣ, Марвӣ, Хоразмӣ, Самарқандӣ, Суғдӣ, Озарӣ ва ғ... ба таснифи гӯйишҳои дигари Эронии нав дар замони муосир мепардозад, ки муҳимтарин забонҳо ва гӯйишҳои Эронии имрӯзро бад ин гуна баён мекунад:

1.**Тоҷикӣ**. Ин забон ҳамон форсии дарӣ аст, бо андак тафовуте дар вожагон ва баъзе аз фонемаҳои тоҷикӣ забони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва гузашта аз ин дар бисёре аз навоҳии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (водии Фарғона, Зарафшон ва водии Қашкадарё ва манотиқи масири рӯдҳои Сурхандарё ва Чирчиқ ва ғайра...) ва назди анбӯҳи аз мардуми шаҳрҳои бузурге мисли Бухорову Самарқанд ва гурӯҳе аз сокинони Ҷумҳурии шӯравии Қирғизистон (навоҳии Ҷалолободу Ош) ва Ҷумҳурии Қазоқистон мутадовил аст.

Тоҷикони асил бозмондаи Эрониёне ҳастанд, ки аз қадимитарин рӯзгор дар он сарзамин мезистаанд ва батадриҷ дар тайи қарнҳои дароз аҳвоми дигари машриқи Осиё

дар сарзамини эшон нуфуз карданд ва ҷой гирифтанд ва акнун қисматҳои аз ин ноҳия ба сурати ҷазираҳои боқимонда, ки мардуми он, забон ва одоби эронии худро ҳифз кардаанд.

2.Дарии Афғонистон;

3.Курдӣ;

4.Лурӣ ва Бахтиёрӣ.

Дар кӯҳистони Бахтиёрӣ ва қисмате аз мағриби устони (вилояти) Форс қабилаҳои бахтиёрӣ, мамасанӣ, бӯйраҳмадӣ ба гӯйишҳое сухан мегӯянд, ки бо курдӣ хешовандӣ доранд, аммо бо ҳеҷ яке аз шуъбаҳои он дуруст ва яксон нестанд. Миёни худи онҳо низ вижагиҳо ва дигаргуниҳое ба чашм мехӯрад, ки ҳанӯз ҳудуд ва фосилаҳои онҳо комилан мушаххас карда нашудааст. Аммо маъмулан ҳамаи гӯйишҳои Лурӣ ва Бахтиёриро ҷузви як гурӯҳ бишуморанд».

Маълум аст, ки забон ва гӯйишҳои мухталифи форсӣ ва кулли забонҳову гӯйишҳои эронӣ аз оилаи бузурги забонҳои ҳиндуориёӣ бурун омада, ҳар кадоми он дар тӯли таърих ба роҳи мустақил рушд кардаанд. Бо вуҷуди ин оилаи бузург то кунун аз байн нарафтааст. Ба ин маънӣ Вил Дуронт менависад: «Эрониён дар тӯли таърихи дарози худ ба забонҳои гуногун сухан мегуфтаанд. Форсии бостон забони дарборӣ ва бузургони қавм дар замони Дорюши аввал ба шумор мерафт. Ин забон бо забони Санскрит пайванди бисёр наздик дорад ва ин худ нишон медиҳад, ки он ду забон лаҳҷаҳое аз забони қадимитар будаанд ва ин ҳар ду лаҳҷа аз хешони бисёр наздики забони англисӣ ба шумор мераванд».

Барои исботи матолиби боло вожаҳое, ки дар забони англисӣ ва форсӣ вуҷуд дорад, шоҳид оварда мешавад. Аммо наметавон иддао кард, ки онҳо аз ҳамдигар қарз гирифта бошанд. Дар ҳақиқат, ин вожаҳо марбут ба ҳамон оилаи бузург аст (ҳиндуориёӣ), ки ҳазорон сол пеш моли як забон маҳсуб мешуданд. Вале бар асари гузашти замон ва дурӣ аз ҳамдигар он қадар тағйиру таҳаввул ва ҳазфу зоиш дар ин забонҳо ба вуҷуд омадааст, ки гӯё забонҳои бегона ҳастанд. Лекин, дар ҳақиқат, ҳастии вожаҳои фаровони муштарак, донишмандонро бар он доштааст, то исбот кунанд, ки ин забонҳо аз як реша сарчашма гирифтаанд ва таърихи вуруд ба забонҳои дигар надоранд:

форсӣ	**маъно**	**англисӣ**	**маъно**	**тавзеҳот**
дев	аҳриман-шайтон	дивайн	худо-илоҳӣ	
аст	феъл	ис	феъли аст	дар санскрит асте, юнонии бостон эсте, дар забони литва эсте, дар русии бостон ҷесте ва дар лотин эст, олмони ист, фаронсавӣ эст.
акнун		нув	ҳоло	
ном		наме	ном	
дар		дӯр	дар	
гов		кав	гов	
бародар		брадер	бародар	

форсӣ	**маъно**	**англисӣ**	**маъно**	**тавзеҳот**
падар		фадер	падар	
модар		мадер	модар	
духтар		дутер	духтар	
истгоҳ		стайшиён	истгоҳ	
кушк	қаср	куск	утоқи кӯчак	
абрӯ		ибру	абрӯ	
пардис	боғ	парадайс	боғ-биҳишт	
андар	дарун	ентер	вуруд	
дод, дар калимаҳои Бағдод - Исфандиёр	фарида дода	дата	додаҳои иттилоот	
ҷавон, дар паҳлавӣ ёвот		анг	ҷавон	
шарбат		сиюруп	шираи чизе	

нав	тоза	нев	тоза-нав	
мушк	бӯйи хуш	муск	бӯйи хуш	
шакар		шугер	шакар	
кей-Каён	шоҳ	кинг	подшоҳ	

Ҳамчунин дар гӯйиши бахтиёрӣ вожаҳое вуҷуд доранд, ки дар забони форсии меъёр (забони расмӣ ва адабии Эрон) вуҷуд надорад, вале дар забони англисӣ низ ин вожаҳо амал мекунанд. Манзури мо вожаҳое нест, ки таърихи вуруд ба гӯйиши бахтиёрӣ доранд ва аз замоне ворид шудаанд, ки англисҳо барои иктишофи нефт дар минтақаи Бахтиёрӣ, аз ҷумла масҷиди Сулаймон, ҳузур пайдо карданд ва мардуми бумӣ бо тозаворидҳо кор мекарданд ва муровида доштанду баъзе аз калимоти англисиро то имрӯз ҳам дар масҷиди Сулаймон аз интариқ такаллум мекунанд. На ин тавр нест ин вожагон марбут ба ҳазорон сол пеш буда, ки дар забони англисӣ маҳфуз мондаанд ва дар гӯишҳои мухталифи Бахтиёрӣ, ки идомаи забони Паҳлавӣ Сосонӣ мебошанд ва ба асли модарзабон наздиктаранд, ҳам вуҷуд доранд ва наметавон гуфт, ки онҳо аз ҳамдигар қарз гирифтаанд. Монанди:

бахтиёрӣ	**англисӣ**	**маънои форсӣ**	**бахтиёрӣ**	**англисӣ**	**маъно**
лива	лунтик	девона, девонаи занҷирӣ	тавнидан	тавн	зубкардан гудохтан
булоз	блаз	оташи фурӯзон	лос	лас	духтар, маъшуқа, мода

бахтиёрӣ	**англисӣ**	**маънои форсӣ**	**бахтиёрӣ**	**англисӣ**	**маъно**
чина	чайн	девор, силсила кӯҳ, ришта, занҷир	чут	чийт	бадахлоқ, дурӯя, тақаллубкор
бандал	банд	тасмаи мухсуси маҳкам кардани лента	нуфт	нувз	бинӣ, димоғ
куфа	сувф	сурфа	гир	гэйр	дар бахтиёрӣ дандон, дар англисӣ бархӯрд кардани данда ба чизе
сайл	сей	дидан	рок	рак	сухра
юв	юу	ту - ӯ	ҳавш	хувз	хона

бахтиёрӣ	**англисӣ**	**маъно**	**тавзеҳот**
хуш	хӯш	сукут	Дар бахтиёрӣ дар замоне, ки мехоҳанд хар истад, ҳуш ба кор мебаранд яъне сокит бош. Дар яғнобӣ ҳам ҳош ба кор мебаранд. Дар тоҷикӣ- иш.
лумба	лиймб	босен, баромодагии пушти инсон	
миндел	миддел	миёна, миён	
мама	мама	пистон	
бӯран	бӯрн	сухта	Дар бахтиёрӣ ба биринҷе, ки таги дег ва зарф сухта бошад бӯран мегӯянд ва дар англисӣ бӯрн, яъне сухта ба кор меравад.
нун (паҳлавӣ)	нув	акнун , ҳоло	
тапнидан	тамп	ҷамъ кардан, фишурда	
бахтиёрӣ	**англисӣ**	**маъно**	**тавзеҳот**
турк-турк	трӯдҷ	қадами оҳиста, ба оҳистаги роҳ рафтан	

турнидан	тӯрн	ғалтонидан, давр задан	
тевиз-тевиз	твийс	борони рез-рез ва нам-нам	Дар англисӣ, яъне ду баробар музоаф
паннӣ	эмптӣ	холӣ	
матум	минд	зеҳн, фикр	Дар номҳои Баҳман, Ҳуман, Душман, Аҳриман ман ба маънои фикр,зеҳну андеша аст.
дуввин	давн	поийн	
диг	дай	дирӯз	Дар порсии бостон дай, авестоӣ зйю, санскрит ҳюаз, паҳлавӣ диюг-диюк.
нув	нив	Ҷадид, нав	

Ҳамчунин дар гӯйишӣ бахтиёрӣ вожаҳое аз забонҳои авестоӣ, эломӣ ва шумерӣ ба чашм мехӯранд ва инак барои намуна вожаҳое, ки аз забони авестоӣ дар гӯйишӣ бахтиёрӣ боқӣ мондааст, вале дар форсии меъёр вуҷуд надорад, баён мешавад:

бахтиёрӣ	**авестоӣ**	**маъно**	**тавзеҳот**
ишкафт	ишкат	кӯҳ , ғор	
дӯш	дуйша	шаб	
эй	и	ин	
ну	нӯ	кунун , акнун	
по	поо	пойидан, мувозиб будан	
бийдан	бит	будан	
берч	бареҷ	дурахшидан	
ҷенгир	чангра	чангол	Дар бахтиёрӣ василаи чанголмонанд барои ҷудо кардани донаҳои гандум аз коҳ дар хирман
пор	парва	соли гузашта	
му	ма	ман	
бахтиёрӣ	**авестоӣ**	**маъно**	**тавзеҳот**
перор	паруиатёра	ду сол пеш	
паврин	паривиян	сифати мансуб ба соли гузашта	Дар бахтиёрӣ ба гови дусола ҳам паврина мегӯянд.
ийсу	ийза	инак	
ҳав	ҳав	ҳаракат додан	Дар бахтиёрӣ барои ҳаракат додани говҳо ҳангоми шухм задан бо говоҳан ҳав мегӯянд ва гов ҳаракат мекунад.
мазг	мазга	мағз	
мандир	ман	интизор кашидан	
ҷумӯ	ҚимӯҚ	ҷуфт, ду ҷинс	
парз	пайридеза	парчин, деворе, ки бо гил даври боғ мекашанд.	Дар авестоӣ пайрӣ, яъне пиромуни, атрофи ва дейза, яъне анбошта кардан.

Ба ин тариқ, чунон ки дида мешавад, гӯйиши бахтиёрӣ аз нигоҳи луғат хусусияти архаистӣ дорад ва дар таркиби луғавии худ вожаҳоро алъон маҳфуз доштааст, ки ба давраҳои ибтидоии рушди оилаи бузурги забонҳои ҳиндуориёӣ иртибот мегиранд. Ба таври муштарак ба кор додани иддае аз вожагоне дар забони англисӣ, форсӣ ва гӯйишҳои бахтиёрӣ ҳодисаи нав набуда, балки ин рӯйдодест қадима, ки аз ҳамон давраи аввали ташаккули ин забонҳо дар доираи як оилаи бузург боқӣ мондааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Trask . R .I . A dictionary of phonetics and phonologh .Rout. Ltdge London 1996.
2. Доктор Муин.Муқаддимаи луғатномаи Деҳхудо.-Теҳрон, 1354.
3. Лоёрд Ҳенрӣ. Сафарномаи Лоёрд. -Теҳрон. -Интишороти Ваҳид, 1366.

4. Некзод Амири Ҳусайнӣ. Шинохти сарзамини бахтиёрӣ. –Исфаҳон: Интишороти Нишот, 1354.
5. Парвиз Нотили Хонларӣ. Таърихи забони форсӣ. –Теҳрон:Интишороти фарҳангии нашри нав. Ҷилди аввал. Чопи ҳаштум.- 1387.
6. Фурутан. Дастури забони бахтиёрӣ. – Аҳвоз: Маркази интишороти илмии Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Аҳвоз. Чопи дувум.-1388.

ПЕХЛАВИЙСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В БАХТИЯРИЙСКОМ ДИАЛЕКТЕ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье говорится о ряде пехлавийских элементов, которые почти без всякого фонетического и семантического изменения сохраняются в Бахтиярском говоре персидского языка.

Ключевые слова: история языка, древнеперсидский язык, среднеперсидский язык, диалект, Бахтиярийский диалект, лингвогеография, язык перси- дари, пехлеви ашкони, язык пехлави- сосони.

PEKHLAVIYSKIYE ELEMENTS IN BAKHTIYARIYSK THE DIALECT OF THE PERSIAN LANGUAGE

This article is about Bakhtiyar dialect which is used in south west of Iran. Bakhtiyar dialect is the continuation of Pahlavi language of Sosoniyon period. Pahlavi language of Sosoniyon period is close to Indo-Arian group of language.

Key words: dialect Bakhtiyar dialect, Pahlavi language, language of Avesta, English language and language participation.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ардашер Сосон*** - аспирант ТГПУ им. Садриддина Айни

ИСТИХРОҶИ КАШИШИ ҶУБРОНИИ МУСАВВИТҲО ВА ЗАМИНАИ БАСОМАДИ ОН ДАР ГӮЙИШИ СИСТОНӢ (ЛАҲҶАИ БАЗӢ)

Беҳрузи Ҷаҳонтег
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Басомади кашишҳои ҷубронӣ дар гӯйиши систонӣ бисёр зиёд аст, ки лозим ба ташхис ва шинохти дақиқ ё корбурди он дар калом ниёз ба маҳорати комил ва ҳузури баландмуддат дар минтақае, ки ин гӯйиш ба кор меравад, дорад ва чунончи гуйишваре натавонад ин кашиши вокаи (дарозии садонок)-ро истифода кунад, наметавон гуфт аз гурӯҳи ҳамзабонони ин гӯйиш мебошад. Дар ибтидо дар пайи он ҳастем, ки ин падида (кашиши воқеӣ) дар чӣ маҳал ва шароите вуқӯъ меёбад, ки метавон гуфт дар вокаҳои (садонокҳои) зер иттифоқ меафтад ва ба ин шарҳ мебошад.

Воҷ (фонема)-и / а, ки худ дорои вижагӣ: пешӣ боз, афтода, ҳамроҳ бо кашиш аст. Ин вока дар гӯйиши систонӣ фарқият эҷод мекунад, яъне ин садонок бидуни кашиш бо ҳамон садонок, ки ҳамроҳ бо кашиш бошад, дар тақобул (қиёс) аст ва боиси ихтилофи маъноӣ мегардад ва дар натиҷа бояд ҳар якеро воҷи ҷудогона ба ҳисоб овард ва низ метавон гуфт, ки падидаи хоси гӯйиши систонӣ нест.

Воҷи â: /, ки худ дорои вижагии: пасин, гирд, афтода, боз, ҳамроҳ бо кашиш мебошад. Шинохти ин воҷ бо вочҳои ҳамсони худ мушкил аст ва ниёз ба иқдоми зайл қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Гурӯҳи аз ин вожаҳои кашидагии вокӣ он аз тариқи шунидан қобили ташхис мебошад.

Монанди: / sa:lâ: / (таоуф) / tlâ: / (тилло)

Ва гурӯҳи дигари ин вожаҳо ҳамон вожаҳое ҳастанд, ки дар порсии расмӣ âh хатм мешаванд, ки дар гӯйиши систонӣ зимни ҳазфи h кашиши вокаи ҳамроҳи он тӯлонитар мешавад.

Sâh дар порсӣ чунин табдил мешавад ба: Sâ дар гӯйиши систонӣ

Воҷи /u, ки дорои вижагии пасин, гирд, баста, афрошта, ҳамроҳ бо кашиш аст, ки воҷгуна (аллофон)-и /u/ низ ҳамроҳи ӯ аст ва чун тафовути маъноӣ эҷод намекунад, наметавон гуфт, ки мутафовит аз ҳам мебошанд, вале бо ҳам дар тавзеи такмилии якдигаранд ва низ гунаи озод ҳам нестанд.

Воҷи / i: дорои вижагии пасин, густурда, афрошта, баста ҳамроҳ бо кашиш аст, ки воҷгунаи /i /-ро аз қафояш мекашад; ин дуро метавон дар тавзеи такмилии якдигар донист ба ҷуз ду маврид дар як таквож (морфема) /si:x/ ба маънои ‘сихкабоб’ ва таквожаи /six/ ба маънои ‘рост истодан’.

Воҷи / о: дорои вижагии: пасин, гирд, нимабоз, ҳамроҳ бо кашиш аст. Ин воҷ, ки ҳамон воҷи /о/ аст, ки дар фарҳанги порсӣ онро ба /в/ маҷҳул таъбир мекунанд, ки дар он ҷо тобеи меъёрҳои тавзеи такмил аст, на гунаи озоди он.

Воҷи / е: дорои вижагии: пасин, боз, миёна, ҳамроҳ бо кашиш аст, ки навъи дувум /i / маҷҳул аст ва гоҳи ба сурати /е/ таҷаллӣ мекунад ҳамон (ё) маҷҳул аст, ки ба ду шакл /е/ ва /е:/ ба талффуз мешавад:

1-2- Шарҳ ва тафсили кашиши вокаӣ.

Ин шарҳро метавон дар аҳсоми кашиш, кашишзудоӣ, кашишафзоӣ, иҷтимоӣ беш аз як кашиш дар як вожа, робитаи ташдид ва кашиш, бубинем.

Аҳсоми кашиш. Дастае аз кашишҳо ҷои холии h-ро пур мекунад:

/Mâh/ дар порсии расмӣ табдил мешавад ба //mâ:/ дар гӯйиши систонӣ

/hatman/ дар порсии расмӣ табдил мешавад ба /a:tman/ дар гӯйиши систонӣ

/šahrâm/ дар порсӣ расми табдил мешавад ба /ša:râm/ дар гӯйиши систонӣ.

Дастае аз кашишҳо ҷои холӣ (ҳамза,ъ)-ро пур мекунанд:

/vade/ дар порсии расмӣ табдил мешавад ба /va:da/ дар гӯйиши систонӣ

/qorъân/ дар порсии расмӣ табдил мешавад ба /qorâ:n/ дар гӯйиши систонӣ

/naъl/ дар порсии расмӣ табдил мешавад ба /na:l/ дар гӯйиши систонӣ

Ин гуна кашишҳоро кашишҳои ҷубронӣ гӯянд, ки тибқи як қоидаи овоӣ омма, ки дар забони форсӣ ба ин сурат матраҳ мешаванд, ки ҳар гоҳ дар калимаи баъд аз як калимаи мусаввит як ё ду сомит (ҳамсадо) омада бошад ва ба далеле аз далоили овоӣ яке аз ин ду сомит ҳазф шавад мусаввит мавриди баҳс ба ҷуброни ҳазфӣ сурат гирифта кашида талаффуз мешавад.

Дастае аз кашишҳо ҷойи холии /n/ ро пур мекунанд, ки гоҳе ин вожаҳо масдар ҳастанд ва гоҳе ғайри он.

А: масдарҳо:

Гӯйиши систонӣ	**Форсии расмӣ**	
bexta:	бихтан	bixtan
rexta:	рихтан	rixtan
rafta:	рафтан	raftan

Б: ғайри масдарҳо:

Гӯйиши систонӣ	**Форсии расмӣ**	
čorpo	чӯпон	čupân
jo:	ҷон	jân
a:râso:	ҳаросон	harâsân

Дастае аз кашишҳо ҷойи холии /d/-ро пур мекунанд:

Гӯйиши систонӣ	**Форсии расмӣ**	
pâei:	поин	pâein
laga:	лагад	lagad
ble:	балан	boland

Дастае аз кашишҳо ҷойи холии /a/-ро пур мекунанд:

Гӯйиши систонӣ	**Форсии расмӣ**	
nma:d	намад	namad
kma:nd	каманд	kamand
spa:r	сипар	separ

Дастае аз кашишҳо намоёнгари таамул, таъкид ва ибрози отифаанд:

Маъно ба порсии расмӣ	**Талаффуз бо таҳаммул**	**Талаффузи маъмулӣ**
мегӯям (бо таъкид)	me:go:	me:go
меоӣ (мутмаин ҳастам, ки меоӣ)	myâ:i:	myâi
он сол (бо таъкид)	osâ:l	onsâl

Дастае аз кашишҳо ҷои холии шиносаҳои «м, ё, над»-ро дар феъл пур мекунад. Дар феъли музореи ахборӣ, шахси ҷамъ дар се феъли «рафтан, шудан, додан» пас аз бан ба ҷои id, im, and, ки шиносаи шахси ҷамъ аст /a/ мегиранд ба ин тартиб:

маъно	**масдар**	**шахс ва шумора**	**ҷузъи пешин**	**буни музореъ**	**шиноса**	**феъл**

рафтан	rafta:	аввали шахси муфрад	me:	r	â	me:ra
рафтан	rafta:	дувуми шахси муфрад	me:	r	ey	me:rey
рафтан	rafta:	савуми шахси муфрад	me:	r	a	me:ra
шудан	rafta:	ҷамъ	me:	r	a:	me:ra:
шудан	šta:	аввали шахси муфрад	me:	š	â	me:šâ
шудан	šta:	дувуми шахси муфрад	me:	š	ey	me:sey
шудан	šta:	савуми шахси муфрад	me:	š	o	me:šo
додан	šta:	ҷамъ	me:	š	a:	me:ša:
додан	dâda:	аввали шахси муфрад	me:	d	â	me:dâ
додан	dâda:	дувуми шахси муфрад	me:	d	ey	me:dey
додан	dâda:	савуми шахси муфрад	me:	d	a	me:da
додан	dâda:	ҷамъ	me:	d	a:	me:da:

Ва низ дар феъли пуркорбурд omda, дар замони музореъ ахбори навъгунаи истиснои манфӣ вуҷуд дорад, ки шахси ҷамъи он пас аз реша ба ҷойи im, id, and, ки шиносаи шахси ҷамъ аст /a:/ мегирад.

Гунаи истисної	**Феъли omda: омадан**	
-	-	шахс
манфӣ	мусбат	-
nmeyâ	myâo	аввали шахси муфрад
nmeyay	myâi	дувуми шахси муфрад
nmeya	myâa	савуми шахси муфрад
nmeya:	myâe	ҷамъ

Чаҳор феъли музореи илтизоми аз omda, sta, jasta, rafta: ҳар як гунаи озоде доранд, ки шахси ҷамъи онҳо пас аз реша ба ҷойи im, id, and, ки шиносаҳои шахси ҷамъ ҳастанд /a:/ мегиранд.

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**	**Масдар**
bša:	bšo	bšey	bšâ:	шудан/šta:
ša:	šo	ši/šey	ša:	
bya:	beya	byey	byâ:	/omda: омадан
bra:	--------	brey	brâ:	/rafta: рафтан
bja:	--------	bjey	bjâ:	/jasta:ҷустан

Чаҳор феъли фавқ, ки дар музореи илтизоми мусбат, гунаи озод доштанд, дар манфӣ ҳам айнан ҳамон гунаҳои озодро бо ин тафовут, дар шахси ҷамъ /b/ ҳазф мешавад ва /n/ ба ҷойи он менишинад.

- Аммо ин афъол дар феъли амр низ навъи гунаи озод доранд, ки дар шахси ҷамъи онҳо пас аз реша ба ҷойи im, id, and, ки шиносаи шахси ҷамъ аст, /a:/ мегирад/

Маъно	**Шахси ҷамъ**	**Масдар**
Бишавед	bša:	шудан/ šta:
Биёед	bya:	омадан/ omda:
Биравед	bra:	рафтан/ rafta:
Бичаҳед, фирор кунед	bja:	ҷастан/ jasta:

Аммо шиносаҳои нақлиҳо дар феълҳои мозӣ бо бақияи шиносаҳо мутафовит аст, ки шиносаи гурӯҳи нақлии феъли мозӣ чунин аст:

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**
a:	a	ey	â

Бо таваҷҷуҳ ба шиносаи фавқ мебинем, ки кашиши воқеӣ дар шахси ҷамъи нақлӣ иттифоқ меафтад:

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**	-------	Мозӣ нақлӣ
šnasta:	šnasta	šnastey	snasta	мусбат	сода
nasnasta:	na šnasta	na šnastey	na šnasta	манфӣ	

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**	**-------**	Мозӣ нақлӣ истим рорӣ
mešnasta:	mešnasta	mešnastey	mešnastâ	мусбат	
nmešnasta:	nmešnasta	nmešnastey	nmešnastâ	манфӣ	

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**	**-------**	Мозӣ нақлӣ истимрорӣ мустамар
de:de mešnastada:	de:de mešnastada	de:de mešnastada	de:de mešnastadâ	мусбат	
--------	--------	--------	--------	манфӣ	

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**	**-------**	Мозӣ баъид нақлӣ
šnastada:	šnastada	šnastadey	šnastadâ	мусбат	
nasnastada:	našnastada	našnastadey	našnastada	манфӣ	

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**	**-------**	Мозӣ баъид нақлӣ истим рорӣ
mešnastada:	mešnastada	mešnastadey	mešnastadâ	мусбат	
nmešnastada:	našnastada	nasnštadey	na šnastadâ	манфӣ	

Ҷамъ	**Савуми шахси муфрад**	**Дувуми шахси муфрад**	**Аввали шахси муфрад**	**-------**	Мозӣ баъид нақлӣ истим рорӣ муста мар
de:de me nastada:	de:de mešnastada	de:de mešnastada	de:de mešnastadâ	мусбат	
-------	-------	-------	-------	манфӣ	

Дастае аз кашишҳо дар гӯйиши систонӣ намоёнгари иғроқ мебошанд:

Маъно	**Талаффуз бо кашиш**	**Талаффузи маъмулӣ**
Он қадар дӯст дорад, ки..	do:st dâra:	do:st dâra:
Фаровониҳое аст, ки…	frâvoni yâ:	frâvoni yâ:

Чунон бороне меборад, ки нагу…	bâreš me:na:	bâreš me:na:
Ин қадар ночиз, ки…	e:zqa	e:zqa

Дар ин маврид низ кашишҳо вучуд дорад, ки ба ҷойи ташдид омада ё ҷойи холиро пур мекунад:

Гӯйиши систонӣ	Форсии расмӣ	
a:ra	арра	arre
sa:rešta	сарришта	sarrešte
xa:râti	харротӣ	xarrâti

1-2-2- **Кашишзудоӣ ва кашишафзоӣ**

Гоҳе фароянда вижаи муҷиби кашиш мешавад, яъне аз тӯли мусаввит мекоҳад ва гоҳе ба он меафзояд, ки ҳам муҷиби тахфиф ё ҳазфи кашиш мешавад ва ҳам афзоиши кашиш.

Навъи кашиш	**Вожа+ванд ё вожаи дигар**		**Вожаи кашишдор**	
Ҳазфи кашиш	арӯсҳо	aros+košak	арӯс	a:ros
Ҳазфи кашиш	дӯкондор	doko+dâr	дӯкон	doko:
Ҳазфи кашиш	шӯрбо	šorvâ	шӯр	šo:r
Тахфифи кашиш	рӯзҳо	roz+for	рӯз	ro:z
Тахфифи кашиш	пироҳанҳо	pene:r+sorx	пироҳан	pe:na:r
Ҳазфи кашиш	бародарҳо	prâda:r+o	бародар	brâda:r
Ҳазфи кашиш	ҷавонҳо	jvo:n+i	ҷавон	jvo:
Интиқоли кашиш	шонаҳо	šona:+â	шона	šo:na
Интиқоли кашиш	баҳонаҳо	bona+â	баҳона	bo:na
Афзоиши кашиш	ситораҳо	stara:+â	ситора	stâra
Афзоиши кашиш	зиндаҳо	zenda:+ jo	зинда	zenda
Афзоиши кашиш	гурбаҳо	gorba:+ go	гурба	gorba
Афзоиши кашиш	мурдаҳо	marda:+ go	мурда	marda
Афзоиши кашиш	муҳраҳо	mura:+ â	муҳра	mu:ra

1-2-3- Иҷтимои бештар аз як кашиш дар як вожа:

Имкони вуҷуди ду кашиш дар як вожа бисёр заиф аст бо ин ҳол метавон бо ин гуна вожаҳо бархӯрд кард, ки дар ин сурат ду вока аз як ҷинс нестанд.

Монанди: /ba:bo/ падар /da:rmo/ дард-дармон

Аммо ҳангоме ба ин вожа як ванд изофа шавад, кашиши муҷаддад ҳам мегиранд.

Монанди: /ama:ka/ амма → /ama:ka:+go/ аммаҳо

Монанди: /xla:ka/ хола→ /xla:ka:+go/ холаҳо

Усули ҳамроҳи вокаҳои кашида ташдид намеояд:

Монанди /jâdde/ ҷода ja:da

Дар бархе маворид ба сурати истисноӣ, мумкин аст, сурат гирад. Монанди /a:rrom/ ҳаром /a:rrâk/ хушёр.

1-2-4- Воҷороӣ ва кашиш

Метавон гуфт, ки навъе воҷороӣ дар вожаи чи асил бошад чи дахил дар кашиш он муассир аст, ба ҷуз дар маворидиандак мисли вожаҳои jal, bad, gap, dap, tad, ram бақияи вожаҳое, ки ороиши воҷи CVC доранд метавонанд яке аз ин ҳолатҳо бошанд:

Вокаи онҳо /a:/ монанди pa:r/ пар- /sa:r/ сар /ka:l (замин) чунончи ин набошад воҷи сеюми онҳо омодагии пазируфтани ташдидро дорад, яъне агар пеш аз вока қарор гиранд, мушаддад мешаванд.

Мисли /pap [p] ҷигари сафед // jaj [j]/ ҷӯҷатеғӣ

Ва гоҳе ҳам машмули ҳарду қойда мешаванд, монанди:

/šal [l]/ шал ša:l-/ /sam[m] саҳм /sa:m/

Ба ҷуз маворидиандак мисли patk, pačk, palg, jašn бақияи вожаҳое, ки ороиши воҷӣ /cvcc/ доранд, дар гӯйиши систонӣ ба сурати /cv:cc/ талаффуз мешаванд. Яъне бидуни он ки дар теъдоди вочҳои чунин калимоте тағйире ҳодис шавад ё фароянди хоссе иттифоқ афтад, вокаи мавҷудашон кашида талаффуз мешавад, монанди:

/a:št /ҳашт, /ta:xt/ тахт /ja:l/ нодонӣ

Ба ҷуз мавриди маҳдуд тамоми вожаҳое, ки воҷороии /cvcvc/ доранд, чи асил бошанд, чи дахил, дар гӯйиши систонӣ ба сурати /ccv: c/ талаффуз мешаванд.

Гӯйиши систонӣ	Форсии расмӣ	
tla:b	талаб	talab
qla:m	қалам	qalam
qda:m	қадам	qadam
nva:d	навад	navad

А Д А Б И Ё Т

1. Aghai Behrooz lutfan kulle adabiyote dar maqale darj gardidera be in shakl bo ishare be sahife benvised.
2. Барзӣ кашиши ҷубронии мусаввата дар форсӣ//Маҷаллаи Забоншиносӣ, соли 10 № 2, 1332.
3. Сарҳад Иброҳим. Решаёбии садвожаи сиистонӣ. – Машҳад, 1388.
4. Эраҷ Афшор. Вожаномаи систонӣ. -Теҳрон, 1365.

РАСШИФРОВКА ПРИНУДИТЕЛЬНЫХ ГЛАСНЫХ И ИХ ЧАСТОТНОЕ ОСНОВАНИЕ В СИСТАНСКОМ ГОВОРЕ (БАЙЗИСКИЙ ДИАЛЕКТ)

В данной статье предъявляются некоторые исследования об опознавании и расшифровке принудительных гласных и их частотных оснований в систанском говоре (байзиский диалект).

Ключевые слова: систанский говор, байзиский диалект, принудительные гласные, частотное основание.

INTERPRETATION OF COMPULSORY VOWELS AND THEIR FREQUENCY BASIS IN SISTANSK DIALECT (BAYZISKY DIALECT)

In this article some researches about an identification and interpretation of compulsory vowels and their frequency bases in a sistansky dialect (a bayzisky dialect) are shown.

Key words: sistansky dialect, bayzisky dialect, compulsory vowels, frequency basis.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Бехруз Джахонтег*** – соискатель кафедры иностранных языков АН РТ

БАРРАСИИ СОХТОРИ МУҲТАВОИИ ВАҚФНОМАҲОИ ДАВРАИ ҚОҶОРИЯ ДАР ЭРОН

Молаи Мохаммад Ахмад
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Вақф яке аз ниҳодҳои барҷастаи исломист, ки нашри улум ва маориф ва эҷоди мадорису марокизи илмӣ ва тарбияти донишмандону мутахассисон ва бобҳои хайрот бо он ниҳод иртибот доштааст. Вақф илмест солеҳ ва боқӣ ва мисдоқи равшанест аз таовун ва таозид ва инфоқест орӣ аз миннат ва эҳсонест холӣ аз азият ва ба дур аз таҳқири шахсияти дигарон ва тасаддуқест доимиву мустамар, бидуни риё ва вомест бидуни изтироб ҷиҳати бозпардохти он ва таъдили сарватест бо ризову рағбат, ки аз тариқи он бо канзи амвол ва такосур ва бурузи ихтилофи табақотии фоҳиш, ба наҳви маъқуле муборизa мешавад. Шеваи иншо ва танзими вақфномаҳо аз гузаштаҳои дур то кунун услуби хосе доштааст. Наср ва истилоҳоти хоси адабии фиқҳӣ ва ҳуқуқии бакоррафта дар нигариши он муҷиб шудааст, ки адабиёти хосе дар батни вақфномаҳо қобили ташхис бошад. Истилоҳоти хоси доираи ҷуғрофиёии вақф, оёти Қуръони карим ва мазомини адабии бакоррафта дар иншои вақфномаҳо бо андаке диққат ҳокӣ аз мавзӯи марбут ба мавқуфа ва муҳтавои куллии он аст.

Маънои луғавии вақф ва таърифи истилоҳии он. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо зери ин вожа омадааст: «истодан, вақф кардан бар масокин ва чизеро барои Худо дар истилоҳи фиқҳӣ: нигаҳдошт ва ҳабс кардани айни мулкест бар мулки воқиф ва масраф кардани манфиати он дар роҳи Худо» [2].

Баъзе аз фуқаҳо гӯянд: «Вақф ҳабси айни мол аст дар мулки Худои таоло, пас, бинобар ин, моликияти мулки он ба Худованд мунтақил мешавад ва дар истилоҳи қонуни маданӣ, «ҳабси айн ва тасбили самара бар ҳасби нияти воқиф...» [4,56].

Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин ва сойири фарҳангҳо ва китобҳои истилоҳот низ маъниҳои ҳамсони ин нигоштаанд, ки кӯтоҳшудаи он чунин аст: нигаҳ доштани сармоя, хона, русто, ободӣ ё заминеро барои ҳамеша, бидуни ихтиёри фурӯш ва ҷобаҷоӣ (=иваз кардан) ва аз миён бурдани он ва сипас баҳра расондан аз суди он ба мардуми ниёзманд ва дармонда ва гоҳ гурӯҳе вижа аз донишмандон ва донишандӯзон ва баробари дастур ва хости вақфкунанда, ки мутаваллиҳо ё ноибуттаваллияҳо ва ... масъули анҷоми он мебошанд.

Назру ниёз дар Эрони қабл аз ислом: Дар Эрони бостон вақф ба маънии имрӯза вуҷуд надоштааст, балки умури хайр ба унвони ниёз ва порае аз онҳо бидуни таваҷҷуҳ ба аҷру подоши дунявӣ ё ухравӣ анҷом меёфтааст ва агар имрӯз мо мавқуфотеро ба номи зартуштиён дар канору гӯшаи Эрон мебинем, ба тақлид аз ислом будааст. Зартуштиён дар мавоқеи хосе моли худро вақф мекарданд, то аз ғасби он ҷилавгирӣ ба амал оваранд, бинобар ин, вақф дар Эрони бостон собиқае чун ойини муқаддаси ислом надорад, вале он чи аз китобҳо ва навиштаҳои зартуштиён бармеояд, мусаллам аст, ки хайроту мубаррот ба наҳви аҳсан ва шоистае марсум будааст [1,33].

Болсара дар китоби «Матикани ҳазор достон», ки ба маънои маҷмӯаи ҳазор фатвои фиқҳӣ мебошад, ба сурати хулоса менависад: «Вақф дар Эрони бостон ҳам ба гунаи хос буд ва ҳам ба гунаи ом ва аммо хос чунон буд, ки мол барои муддате маҳдуд ё муддати ҳаёти шахс ва пас аз он ҷиҳати авлод вақф мешуд. Вақфи ом барои хайрия ё муассисаи мазҳабӣ, тарҳими солона, хайри амвот, авлод (=фарзандон)-и бевазанон ва нигаҳдорӣ аз онон ва мақосид (мақсадҳо)-е шабеҳ бад-он, хулоса, барои ичрои як нияти хоси авқоф барқарор мешуд. Бояд гуфт, ки мавқуфот дар мавриди занон ҳам ба монанди мардон буд, яъне занон ҳам мисли мардон аз вазифаҳои авқоф баҳраманд мешуданд ва онон низ боясти пеш аз вогузории рақобат, ойини савганд барои амонатдорӣ нисбат ба вазоифи хеш ба ҷой оранд, зан ё мард нисбат ба тавдеи руқба ҳасби навбатҳои муқаррар ва бар тибқи шароити оми шаръии мазкури вақфнома мукаллаф мебуд моли мавқуф куллан набояд фурӯхта шавад, магар вақте ки хусусан вақф аз барои ҳазина ва корбурд дар тибқи ҳукм доир шуда бошад» [1,40-43].

Вақф дар соири кишварҳо. Суннати вақф вижаи кишварҳои исломӣ ва шарқӣ нест, дар кишварҳои арабӣ ва ҳатто дар нуқоти дурафтодаи ҷазираҳои Австралияву Африқо ва дар миёни сурхпӯстони Амрикои ҷанубӣ низ ин суннат вуҷуд дошта ва ин қавмҳо барои маъбадҳо ва парастишгоҳҳо ва калисоҳо ва савмааҳову дайрҳояшон мавқуфаҳоеро ихтисос додаанд, ба вижа дар Мисри бостон ва Юнону Чину Ҳинду Ҷопон ва Руму Бобулу Фаластини қабл аз ислом низ мавқуфоте вуҷуд дошта, ки барои ҷараёни кори маъбадҳо ва савмааҳову парастишгоҳҳо ва бозсозии онҳо ва гузарони зиндагии ускуфҳо, браҳманҳо, коҳинҳо аз даромади он баҳра мегирифтаанд ва худ низ онро сарпарастӣ мекарданд ва ба донишомӯзони мадрасаҳои вобаста ба маъбадҳо хадамоти лозимро медоданд.

Вақф дар Эрони пеш аз ислом. Вақф дар Эрони пеш аз ислом пешинае равшан дорад, зеро барои нигаҳдорӣ аз муҳроваҳо, оташкадаҳо, оташгоҳҳо ва барпо доштани оташ (Заротушт) ва осоиши зиндагии муғон, мӯбадон, ҳирбадон аз даромади замину хона ва боғҳои вақфшуда баҳра мегирифтанд. Ҳамза бинни Ҳасани Исфаҳонӣ менависад: «Аз подшоҳоне, ки оташкада сохта ва деҳҳо бар онҳо вақф карда, яке Хусрави Парвиз аст, ки оташкадае дар бормони Кирмон сохта буд. Ба таври куллӣ, метавон гуфт, дар замони Сосониён ағлаб даромади мавқуфот насиби мӯбадон мешуд ва девони мавқуфот бар амволи вақфӣ назорат доштааст [1,40-43].

Вақф пас аз зуҳури ислом. Дини мубини ислом зуҳур кард ва барои ичтимооти башарӣ некӣ ва хайр ба армуғон овард. Тамоми адёни осмонӣ мубашшири ахлоқи ичтимоӣ буданд ва дини ислом, ки аз ҳар ҷиҳат комил буд, аз назари ахлоқӣ ҳам дастуроти ҷомее дар бар дошт. Ислом барои ичрои адолати ичтимоӣ ва тавзеи сарват ва барандохтани фақру фоқа, ки худ омили аслӣ ва аввалияи бисёре аз инҳирофоти ахлоқӣ ва фасоди ичтимоӣ аст, қавонини олии молиётӣ чун хумс ва закот вазъ фармуд ва дар айни ҳол, ағниёро ташвиқ ба хайрот ва мубаррот кард, то ба фуқаро кумак ва ёрӣ шавад ва решаи аслии фасод қатъ гардад ва ҳатто молдоронро аз ҷамъ ва нигаҳдории сарват ва ба кор наандохтани он барҳазар дошт. Дар ин маврид он қадар таъкид фармуд, ки яке аз аломатҳои имони саҳеҳ ба исломро инфоқ ба фуқарову

тиҳидастон ва дастгирӣ аз бенавоёну зердастон донистааст. Барои онон, ки ба ин умури хайр иқдом мекунанд, дараҷоти баланд ва рӯзии некӯ пешбинӣ кардааст.

Ҳамон тавр ки дар Қуръони маҷид машҳур аст, пайдост, ки дини ислом мардумро ба инфоқу базл ва бахшиш барои нигаҳдории заифон ва фақирон гоҳ ташвиқ ва гоҳ маръуб сохтааст.

Вақф аз дидгоҳи Қуръон ва сираи набавӣ: «Ва Худованд бар ҳидояти касоне, ки ҳидоят ёфтаанд, меафзояд ва дар назди Парвардигори ту подош ва натиҷаи кирдорҳои шоистае, ки боқӣ мондаанд, беҳтар аст» *(сураи Марям, ояи 76)*.

Бо муроҷиа ба оёти шарифа, мулоҳиза мешавад, ки унвонҳои *хайр*, *эҳсон*, *маъруф, инфоқ*, ки дар Қуръон фаровон омадааст, унвонҳои ом ва шомил аст ва вақфро низ дар бар мегирад, хусусан, унвонҳои *боқийотуссолиҳот,* ки дар ин оя омадааст, бо *садақаи ҷорӣ*, ки меъёри барҷастаи он вақф аст, татбиқ дорад, зеро вақф аз беҳтарин масодиқи садақа ва хайроту мубаррот аст, ки манфиатҳои мустамар дорад. Садақа додан амали инсонро арзиши пойдор мебахшад ва баъд аз вафот, ҳисоби хайроти воқифро камокон мафтӯҳ мегузорад. Бо муроҷиат ба сираи паёмбари акрам (с) мулоҳиза мешавад, ки вақф сираи муштараки он бузургворон будааст, то ҷое ки Ҷобир бинни Абдуллоҳи Ансорӣ гуфтааст: «Ҳеҷ тавонгаре аз саҳоба набуд, магар ин ки чизе вақф кард».

Вақф дар Эрон пас аз зуҳури ислом. Он чи роҷеъ ба вақф ва осори авқоф дар давраи исломии Эрон дар ҳоли ҳозир равшан ва муҳим аст, аз давраи оли Буя ва Салҷуқиён ва асри Издуддавлаи Дайламӣ ба баъд мебошад, вале ин далел нест, ки қабл аз он таърихи биноҳои вақф кам Буда ва ё вуҷуд надоштааст. Он чи мусаллам аст, дар давроне, ки Эрон аз неъмати амнияту осоиш то ҳадде баҳраманд буд, фурсати корҳои хайрия ва авқоф барои салотину бузургон ва мардум даст дода ва ҳамин тавр дар ҳамлаҳо ва тохтутозҳову ҷангҳо ва қатли омҳо ё вабо ва қаҳтиҳо ва селобҳо на фақат касе ба фикри хайр науфтода, балки баръакс, ағлаби амлок ва абния вайрон ва нобуд шуда ва мутаваллиёни он аз байн рафтаанд вагарна ҳамон тавр ки Шарден мегӯяд, «Ҳангоме ки эрониён хона барои худ бино мекунанд, бозоре сохта, дӯконҳои онро иҷора медиҳанд ва низ гармоба ва қаҳвахона бино карда, аз даромади он баҳраманд мешаванд; корвонсароҳое низ барпо карда ва гоҳе онро ба вақф мерасонанд, то умум аз он истифода бибаранд. Ба илова, масҷиди кӯчаке низ месозанд, ки алтоф ва баракоти худовандӣ насиби эшон гардад ва агар бизоату тавоноии онҳо бештар бошад, пулҳо ва роҳҳои шоссе ва корвонсароҳое барои осоиши омма месозанд».

Пас аз зуҳури ислом суннати ҳасанаи вақф бо таъсирпазирӣ аз ҷаҳонбинии исломӣ ва эътиқод ба маобид ба сурате устувор ва ҷиҳатдор матраҳ гардид ва рӯз ба рӯз бар шумори мавқуфоти гуногун афзуда шуд. Бисёре аз масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо, такяҳо дорои замин ва боғу киштзор шуданд.

Албатта, вақф дар тӯли таърихи ислом дар даврахои мухталифи ҳокимияти хулафо ва шоҳон дастхуши фарозу нишебҳое шудааст. Бо муроҷиа ба бисёре аз мавқуфоти Остони Қудси Разавӣ ва бархе ҳарамҳои имомзодагон ва боқимондаҳову мазорҳои Эрон мебинем, ки қадимтарини онҳо аз қарни шашум намегузарад ва аз он ба баъд аст, ки сол ба сол теъдоди рақобати мавқуфа афзунӣ мегирад. Вале дар мавриди мавқуфаҳои ом (ҳазина (=харҷ)-ҳои умумӣ, азодорӣ, итъом (=хӯрок додан)) вазъ чунин нест. Шояд охирин боре, ки ин мавқуфот ба забти ҳукуматӣ даромаданд, ба фармони Нодиршоҳи Афшор буд. Дар ин бора ба қисмате аз навиштаи Муртазо Рованди таваҷҷуҳ фармоед:

«…Нодир бо рӯҳониён ва шиа робитаи хубе надошт, барои тазъифи онҳо қисмати аъзами заминҳои мавқуфаро ба арзиши як миллион туман забт кард. Бо ин ҳол, пас аз поёнии асри Нодир ва сипарӣ шудани давраи фатрат (=сустӣ, заъф) ва ошӯбу истиқрори ҳукумати Қоҷория бори дигар сунани (=суннатҳои) қадим таҷдид шуд. Дар давраи Қоҷория касоне, ки ба вақфи дороии худ иқдом кардаанд, кам нестанд».

Ташкилоти идории авқоф дар Эрон. Аз ташкилоти идории авқоф дар Эрон то давраи Саффориён (245-290 ҳ.) иттилои саҳеҳе дар даст нест. Вале ҷузви ташкилоти идории давраи Сомониён (261-389 ҳ.) аз «девони мавқуфот» ва ё «девони авқоф» ном бурда мешавад, ки ба кори масҷидҳо ва заминҳои мавқуфа расидагӣ мекардааст ва қабл аз эҷоди девони авқоф вазифаи идораи авқоф ба уҳдаи қуззот будааст [9,14].

Аз ба вуҷуд омадани девони мавқуфот ва ё девони авқоф дар Эрон, дар нимаи дувуми қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ *(баробар бо қарни X милодӣ)* маълум мешавад, ки мавқуфоти нисбатан фаровоне дар Эрони он рӯз буда, ки девоне барои идораи онҳо ба вуҷуд омадааст ва чун муҳимтарин манбаи даромад дар он рӯзҳо замини кишоварзӣ буд

ва рақобати мавқуфаро низ маъмулан заминҳои мазрӯӣ ташкил медод, бинобар ин, рақобати мавқуфа аз аҳамияте бархурдор буд [9,17].

Аз қарни чаҳоруми ҳичрӣ ба баъд аст, ки вақфи китобхона ва эҳдоси (=бунёди) мадраса ба вуфур ба чашм мехӯрад. Дар охирҳои қарни ҳафтум (=қарни XIII милодӣ), баъд аз ҳамлаи муғул, дар давраи Элхониён, пас аз он, ки Ғозонхон мусалмон шуд ва ба эҷоди мавқуфот ҳиммат гумошт, ки Рашидуддин Фазлуллоҳ дар «Таърихи муборакі Ғозонӣ» шарҳи он мавқуфотро овардааст: «Ғозонхон барои гунбади олии масҷиди ҷомеъ, мадрасаҳо, доруссиёда, расад, дорушшифо, байтулкутуб, малобиси (=либоси) беморон, байтулқонун, байтулмутаваллӣ, ҳавзхона, гармоба, сабил ва хонақоҳҳо мавқуфоте дар назар гирифт ва барои гардонандагони ин муассисот мавоҷиб ва ҳуқуқе таъйин кард. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар вақфномаи Ғозон ғайр аз пулҳои фаровоне, ки дар роҳи бақои муассисоти омулманфиа харҷ мешудааст, муқаррар шуда буд, ки дар мактабҳои муайян сад нафар ятимро савод ва Қуръон биомӯзанд ва тарбият кунанд ва вачҳи маишати солонаи ононро бипардозанд. Ҳамин ки савод ва Қуръон омӯхтанд, сад нафари дигарро таҳти таълиму тарбият қарор диҳанд. Муқаррар шуда буд, ки панҷ нафари маълум ва панҷ муроқиб, ки мулозими кӯдакон бошанд ва панҷ аврат (=зан), ки ғамхорагӣ кунанд ва барои атфоли сарироҳӣ муқаррар шуда буд, ки «атфол, ки ба роҳ меандозанд, эшонро баргиранд ва учра (=музд, подош)-и доягон ва мояҳтоҷашон бидиҳанд, то он гоҳ ки бузург шаванд ва ба синни тамайюз расанд, санъате ё пешае битавонанд омӯхт». Дар вақфномаҳои марбут дар робита бо мурғони ҳаво муқаррар шудааст: «Анвои мурғон, ки дар шаш моҳи зимистон, ки сармо ва барф бошад, гандум ва говарс (=навъе арзан)-и муносифа бар бом резанд, то бихӯранд ва ҳеч кас он мурғонро нагирад ва ҳар ки қасди эшон кунад, дар лаънат ва сухут (=ғазаб, хашм)-и Ҳақ таоло бошад ва мутаволиву сокинони бақоъ (=қитъаҳои замин) монеъ ва муътариз шаванд ва илло (=вагарна) осим (=гунаҳкор) бошанд» [9,22-27].

Муҳтавои вақфномаҳо

Вақфнома чист: Вақфнома санаде шаръӣ аст, ки чаҳорчӯби он дар даврахои мухталиф яксон будааст ва санадеро метавон вақфнома номид, ки дорои шартҳои зайл бошад:

1. Ном ва мушаххасоти молик ё моликоне, ки бахше аз амвол ва амлоки худро барои умури хайр аз моликияти худ муҷаззо (=ҷудо) кардаанд;
2. Мушаххасоти амвол ва миқдори саҳҳом ва маҳалли вуқӯи рақобат;
3. Таъйини масориф мутобиқ бо шаръ;
4. Зикр накардани маҳдудаи замонӣ барои хуруҷи амвол ва амлок аз мулкият (абадӣ будан);
5. Тавлият;
6. Қабз ва иқбоз;
7. Сиҷили вуқӯӣ;
8. Эълони ҷорӣ шудани сиғаи вақф;
9. Рӯз, моҳ ва соли таҳрири санад.

Чорчӯби вақфномаҳо. Аксари вақфномаҳои мавҷуд дорои чорчӯби яксон ва шабеҳ ба якдигар мебошанд, ки метавон онҳоро ба чанд қисмат тақсим кард: қисмати таҳмидия, мавриди вақф ва масорифи он, вазоифи мутаволӣ ва нозиру гувоҳон.

Ин шакли вақфноманависӣ суннатест, ки амалан аз замони Сафавия марсум шудааст. Воқиф дар бахши аввал ба навъе ба ситоши Парвардигор барои додани чунин моле ҷиҳати масрафҳо дар кори хайр мепардозад ва он гоҳ ба гунае аз гуноҳони худ тавба карда ва талаби афв менамояд ва зикр мекунад, ки ҳадафи дунё чизе ҷуз сохтани охират нест. Бинобар ин, ҳар чи дорӣ дорад, барои эҳёи он ба кор бурда ва дар ҳолати ҳушёрии комил дар умури хайр вақф менамояд. Коре, ки муҷиби мағфирати ҳазрати борӣ таоло гардида ва қалами афв бар аъмоли ношоистаи инсон мекашад.

Дар идома ва пас аз бахши нахуст, ки ағлаб аз аҳодис ва ривоёт ва порае ҷумлаҳои арабӣ ташкил ёфта, қисмати форсӣ шурӯъ мешавад, ки дар он нависанда зимни таъриф ва тамҷидҳои бисёр, аз воқиф ба зикри маротиби порсоӣ ва дониши вай мепардозад.

Ва сипас мавриди вақф ҳамчун амлок, мустақилот, заминҳои кишт ва ё маскунӣ, дӯконҳо ва қанавотро зикр намуда ва дар қисмати баъдӣ, ки бо номи «нияти воқиф» машҳур аст, мавриди масрафи авоиди ҳосила аз мавқуфаро баён менамояд. Ва ниҳоятан, мутаваллӣ (сарпараст) ва нозири мавқуфа ва вазифаҳои инсонро дар пайи амал ва ичрои нияти воқиф мушаххас намуда ва дар хотима таърихи анҷоми вақфро

зикр ва теъдоде аз эътиқодмандон ва бузургонро низ гувоҳ бар анҷоми вақф гирифта ва номи эшонро зикр менамояд.

Санади вақфнома. Пас аз он ки шахс ҳозир шуд моли худро вақф кунад, боясти барои он санаде таҳия намояд, то ҳам худи ӯ ва ҳам ояндагон бар муфоди он огоҳӣ ҳосил карда ва ба он амал намоянд.

Агар ки яке аз асноди вақфномаҳои мавҷудро мулоҳиза намоем, мебинем, ки дар он ибтидо наъти Худо ва расули акрам (с) ва аимма (=имомон)-и атҳор алайҳимуссалом омада ва баъдан аз зикри аҳлияти воқиф, бад-ин маънӣ, ки дар айни тандурустӣ ва камоли ақлу булуғ ва рушд мубодарат ба амали вақф карда, сухан ронда шуда ва дар айни тандурустӣ, сиғаи вақфро, ки иборат аз эҷоб ва қабули он аст, бо таваҷҷуҳ ба ин ки муддати вақф доим аст ё муваққат, мастур (=пӯшида) дошта ва қабзеро, ки таҳвили моли вақф аст, марқум намуда, сипас теъдоди рақобати вақф ва маҳаллу навъи ҳар якро то он ҷо, ки ибҳоме боқӣ намода, шумурда ва пас аз он ҳисса ва саҳми ҳар як аз мавқуфи алайҳимро таъйин ва дар охир худ ва баъд аз худ авлод (=фарзандон)-и худро мутаваллии вақф қарор додааст ва дар интиҳои санади вақфнома ояе аз Қуръони карим омада, то касе ҳаққи тасарруф ва табдили онро надошта бошад.

Бинобар ин, муҳтавои тамомии вақфномаҳо дар мавридҳои зайл хулоса мешавад:

а) номи воқиф ва аҳлияти ӯ;

б) таъйини муддати вақф;

в) сиғаи вақф ва қабзи он;

г) теъдоди рақобати мавқуфа;

д) таъйини мутаваллии ҳол ва мутаваллиёни баъдӣ ва гоҳе нозир ё нозирони мавқуфа;

е) таъйини хароҷоти вақф ё мавқуф алайҳим мебошад, ки зайлан ба шарҳи мухтасари ҳар як аз мавридҳои ёдшуда пардохта мешавад.

1) **Номи воқиф**. Мақсуд аз зикри номи воқиф ин аст, ки дониста шавад мавқуфаро чӣ касе эҷод ва вақф кардааст. Ба илова, исми ҳар мавқуфа маъмулан ба номи воқифи он аст.

2) ***Таъйини муддати вақф***. Маъмулан, воқиф дар вақфнома зикр мекунад, ки мавриди вақф ба сурати доимӣ вақф шудааст ва ё ин ки ҳабсия мебошад ва манзур ин аст, ки вақф барои ҳамеша аст ё пас аз муддате аз ҳолати вақф хориҷ мегардад. Барои ин манзур дар санади вақфнома қайд мегардад, ки «ҳабси мӯбад» ва «вақфи мухаллад» ва ғ., ки дар ин ҷо бар давоми вақф ва абадӣ будани он таъкид шудааст.

3) ***Сиғаи вақф.*** Сиғаи вақф иборат аст аз эҷоб ва қабули он, монанди тамоми ақдҳои мутадовила, ки эҷоб аз тарафи воқиф ба ҳар лафзе, ки далолат бар маънии вақф кунад, воқеъ шавад ва қабул аз тарафи табақаи аввали мавқуфилайҳим маҳсур ё қоиммақоми қонунии онҳо ва ё аз тарафи ҳоким дар мавқуфилайҳим ғайримаҳсур ё вақф бар масорифи омма ба амал биёяд. Ба иборати дигар, ҳар гоҳ вақф хос бошад, табақаи аввал аз авлоди воқиф ва агар вақф ом бошад, ҳоким қабули вақфро бинмояд.

4) ***Зикри рақобати мавқуфа.*** Тазаккури якояки рақобати мавқуфа дар санади вақфнома ба ду ҷиҳат аст:

аввал ин ки маълум гардад навъи моле, ки вақф мешавад, чист ва муштамил бар чандтост ва дар айни ҳол, равшан бошад, ки рақобати мавриди вақф аз ҷумлаи амволест, ки мусалмон метавонад онро тамаллук ва ниҳоятан вақф кунад;

дуввум ин ки баъдан ин рақобатро воқиф ва мутаваллиён айнан нигаҳдорӣ карда ва аз тасарруфу таҷовузи дигарон маҳфуз бидоранд ва ба таври куллӣ дороӣ ва мулки вақф маълум ва муайян буда бошад.

Бад-ин ҷиҳат дар куллияи вақфномаҳо як-як рақобати мавқуфа бо зикри маҳал ва ҳатто ҳудуд ва даромади он навишта шудааст.

5) **Таъйини мутаваллӣ.** Воқиф зимни санади вақфнома барои нигаҳдории айни мол ва сарфи даромад ва манофеи он бар масориф ё мавқуфилайҳим ба як ё чанд нафар маъмурият медиҳад, ки ба ин кор иқдом намоянд, касеро, ки воқиф маъмури иҷрои ниятҳои худ мекунад, *мутаваллӣ* меноманд.

6) **Масорифи вақфнома (мавқуфилайҳим).** Воқиф дар санади вақфнома боясти таъйин намояд, ки манофеи ҳосила аз даромади амлоки мавқуфа ба чӣ масорифе мерасад. Ба иборати дигар, мавқуфилайҳимро мушаххас созад.

Мавқуфилайҳим ё мавриди масрафи мавқуфа ҳам метавонад шахс ё ашхос муайяне бошад ва ҳам метавонад маворидии дигаре ғайр аз ашхос бошад, ки барои намуна чанд маврид аз мавқуфилайҳим (шахс ё маворидии дигар) зикр мешавад:

- мисол барои мавқуфилайҳим, агар шахс бошад: аҳвом, бастагон, авлод (фарзандон), абноуссабил, хадама, муҳассилини фақиру бебизоат ва ғ.;

- мисол барои маворидо дигари мавқуфилайҳим:

1) таъмиру нигаҳдории пул;

2) сохтан ва таъмироти зарурии мадраса;

3) сохтмон ва таъмини махорӣи марокизи беҳдоштӣ ва дармонӣ ва бемористонҳо ва ғ.;

4) равзахонӣ барои ривоҷи шиорҳои мазҳабӣ;

5) сохтани роҳ;

6) таҳияи оби нӯшиданӣ барои сокинони шаҳр ё маҳаллае хос ва ғ.;

7) сохтани ҳаммом

8) таҳияи кафшу либос барои фақирон;

9) тарвиҷ ва тавсиаи илму дониш, хусусан, улуми динӣ;

10) таъсис ва таъмини харҷи ширхоргоҳҳо ва парваришгоҳҳо;

11) соири умури мазҳабиву иҷтимоӣ ва беҳдоштиву фарҳангӣ ва ғ.

Қадимтарин вақфномаҳо. Рашидуддин Фазлуллоҳ – писари Абулхайри Ҳамадонӣ, мутаваллид ба соли 697 ҳ. ё ба соли 698 ҳ. ва ба соли 718 дар ҳафтодсолагӣ бо писари 16-солааш кушта шуд.

Яке аз хадамоти муҳими ӯ таъсисоти «Рубъи рашидӣ» дар наздикии шаҳри Табрез будааст. Вақфномаи ин таъсисот ба носи «Алвақфиятуррашидия бихаттилвоқиф фӣ баёни шароити умурилвақф ва-лмасориф» ба кӯшиши Муҷтабо Минавӣ ва Эрачи Афшор ва сармояи Анҷумани осори миллӣ ба соли 1356 дар Теҳрон чопи ҳуруфӣ шудааст. Зайлан ба қисмате аз феҳристи мундариҷоти он ишора мешавад:

Вақфномаи «Рубъи рашидӣ» муштамил аст бар 3 боб ва ҳар боб маъмулан аз чанд қисм ташкил шуда ва ҳар қисм аз чанд фасл ва ҳар фасл аз чанд ҳарф ва ҳар ҳарф аз чанд дафъа ва гоҳе ҳар дафъа ҳам ба чанд қисмат тақсим шудааст. Ва вақфномаи мавриди баҳс дорои 342 сафҳа аст, ки илова бар он 37 сафҳа ҳам муқаддима дорад.

Қисми аввал аз фасли аввали боби аввал дар баёни усули мавқуф илайҳ (равза, хонақоҳ, доруззиёфа ва дорушшифо)

Қисми дувум: тавобеъ ва марофиқ – сарои мутаваллӣ, сарои мушарраф, сарои носир, ҳуҷраҳо, ҳаммом, ҳавзхона, ду сароча, анборҳо, сақояҳо, даҳлез, саробистон, хизона, ин таъсисоти ҳайратовар, илова бар мударрисону фақеҳон ва мутааллимон, муштамил бар байтулкутуб низ будааст ва ҳазорон аслу нуктаи зарифи дигар, ки бояд асли он вақфномаро хонд ва лаззат бурд [1,61-69].

Вазъияти мавқуфот дар давраи Қоҷория *(қарни сездаҳуми ҳиҷрӣ).* Медонем, ки Нодир Мирзо – писари Шоҳрух Мирзо – охирин султони Афшория аз соли 1210 ҳ. то 1218 салтанат кард. Ва сипас салтанати Қоҷория бо ҷулуси Оқомуҳаммадхони Қоҷор аз соли 1218 ҳиҷрии қамарӣ оғоз ва бо халъи Аҳмадшоҳ ба соли 1343 ҳ. мунқариз гашт.

Вазъи авқоф дар давраи Қоҷория ҳамчунон дарҳам ва ошуфта буд, вале бетардид, вақф дар давраи Қоҷория, ки даврони ташкили ҳастаи аввалияи Теҳрони кунунӣ ба шумор меояд, нақши асосӣ ва ғайри қобили инкор дошт.

Дар давраи Қоҷория ниёзҳои ҷадиди фарҳангӣ пайдо шуд, мардум аз бесаводӣ эҳсоси шарм карда ва хоҳони таҳсили фарзандони худ дар мадрасаҳо шуданд. Аз ин рӯ, ниёз ба ниҳодҳои фарҳангии бештари як зарурат буд. Нухбагон барои нафъи ин ниёз аз равишҳои мутааддиде истифода карданд, ки яке аз онҳо вақф буд. Дар ҳақиқат, вақф дар таъмини ҳазинаи ин ниёзҳо таъсири бисёр амиқе дошт, ба тавре ки мавқуфоти ҷадид ва қобили таваҷҷуҳе дар қарни сездаҳум вақф шуд ва вақфномаҳои ҷадиде ба риштаи таҳрир даромад. Аз ҷумла:

- вақфномаи обанбори Ҳоҷ Ҳусейни Аттор, Язд, фӣ шаъбон, санаи 1205 ҳ.
- вақфномаи масҷиди ҷомеи Муҳаммадободи Чоҳук, Язд, фӣ санаи 1269 ҳ.
- вақфномаи мадрасаи Шоҳзода, Язд, фӣ шаввол, санаи 1241 ҳ.
- вақфномаи обанбори Кӯча Буюк, санаи 1256 ҳ.
- вақфномаи Ҳусейнияи Шоҳзда Фозил, санаи 1294 ҳ.
- вақфномаи Саққохонаи Бозори Исмоил, санаи 1245 ҳ. ва ғ. [5].

Намунаҳое аз вақф дар мутуни форсӣ. Ҳаҷми вақфномаҳо гоҳ баробари китоб ва рисолаҳои муфассал аст. Бо тааммул дар ин қабил матнҳо метавон нақшҳои фаровонеро дар боби вақф ва бозтобҳои он дар мутуни форсӣ фароҳам кард ва истинбот аз онҳоро бар уҳдаи аҳли таҳқиқ қарор дод. Он чи дар пай меояд, бахшҳои кӯтоҳ ва баргузидаест аз назму насри баландпоягони форсӣ, ки дар фаслномаи

фарҳангӣ, таҳқиқӣ, таърихӣ ва иҷтимоии «Вақф – мероси ҷовидон» таҳти унвони мақолаи «Вақф дар мутуни адаби форсӣ» тавассути оқои Муҳаммадризо Туркӣ дар боби вақф ё бо илҳом аз он падид омадааст.

Таърихи Бухоро: зикри ҷӯйи Мӯлиён ва сифати ӯ. Дар қадим ин зиёи ҷӯйи Мӯлиён мулки Туғшода будааст ва вай ҳар касе аз фарзандон ва домодони худро ҳиссае додааст ва амир Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳу алайҳ, ин зиёъро бихарид аз Ҳасан бинни Муҳаммад ибни Толут, ки сарҳангулмустаин биннулмуътасим буд.

Ва амир Исмоил ба ҷӯйи Мӯлиён саройҳо ва бӯстонҳо сохт ва бештар бар маволиён вақф кард ва ҳанӯз вақф аст ва пайваста ӯро аз ҷиҳати маволиёни хеш дилмашғул будӣ, то рӯзе амир Исмоил аз ҳисори Бухоро ба ҷӯйи Мӯлиён наззора мекард, симои алкабир (мавлои) падари ӯ (пеши ӯ) истода буд, ӯро ба ғоят дӯст доштӣ ва некӯ доштӣ.

Амир Исмоил гуфт: «Ҳаргиз бувад, ки Худои таоло сабабе созад, то ин зиёъро аз баҳри шумо бихарам ва маро зиндагонӣ диҳад, то бинам, ки ин зиёъ мутааллиқ ба шумо шуда (аст), аз он ки ин зиёъ аз ҳамаи зиёи Бухоро бақиматтар асту хуштар».

Худои таоло рӯзӣ кард, то ҷумла бихарид ва бар маволиён дод, то ҷӯйи Маволиён ном шуд ва омӣ мардум «ҷӯйи Мӯлиён» гӯянд.

Корбурди вақф дар сухани шоирон. Калимаи вақф дар сухани шоирон дар маъно ва мафҳуме мутафовит бо якдигар ба кор рафтааст, ки дар хилоли овардани ашъор, тавзеҳи мухтасаре низ ба бори маъноии он хоҳад шуд.

Ишқ ҷуз бахшиши худойӣ нест,
Ин ба султониву гадойӣ нест.
Ишқ вақф аст бар дили пурдард,
Вақф дар шаръи мо ниҳоӣ нест (*Аттор*).

Яъне, ишқ вақфи дили пурдард аст ва вақф дар дину ойини мо қобили хариду фурӯш намебошад.

Хонақоҳе, ки ба харҷаш накунад дахл вафо,
Сарфаи вақф дар он аст, ки майхона шавад!

Маҷзуби Табрезӣ

Чун дар замонҳои қадим хонақоҳҳо вақф мешуданд, шоир бо дидаи танз мегӯяд, агар чунин хонақоҳ мавқуфае дахлу харҷ намекунад, пас бинобар ин, сарфа ва салоҳи вақф дар он аст, ки табдил ба майхона шавад, то умури мавқуфа равнақ бигирад.

Дар байти аввал манзур аз калимаи вақф моли вақфшуда ва мавқуфа мебошад. Дар байти дуввум манзур ин аст, ки ин боғ, яъне биҳишт вақфи одамӣ шуда ва ихтисос ба банӣ Одам дорад.

Ҳунар ва зебоӣ дар муҳтавои вақфномаҳо. Вақфномаҳои мавҷуд умуман дорои муқаддимаест, ки дар он иллат ва ҷиҳати вақф зикр шудааст. Дар ин муқаддима маъмулан нависандаи вақфнома пас аз тасбеҳи Худои карим ва наъти расули акрам (с) ва имомон, шаммае аз маҳосини хайроту мубаррот зикр ва сипас рақобати мавқуфотро ном бурда ва баъд аз он масорифи вақф ва мутаваллиёнро таъйин карда ва дар охир ояи шарифа («**фаман бадаллаҳу баъдамо самиъаҳу фаиннамо исмуҳу ъаллазина йубаддалунаҳу инналлоҳа самиъунъалимун»**[†] -ро, ки умуми оя махсуси васият аст, таҳрир кардааст, то касе ба худ иҷоза надиҳад дар вақфнома ва рақобати он ва масорифи муқаррара тасарруфе бинамояд.

Муқаддимае, ки бар вақфномаҳо навишта шуда, дорои ибораҳои мухталифест, вале умуман мусаҷҷаъ аст ва аз назари адабу фарҳанги кишвар арзанда мебошад. Аксари вақфномаҳо дорои ибороти ширини форсӣ аст, ки барои намуна иборотеро аз вақфномаи Фатҳалишоҳи Қоҷор зикр менамоем:

Муқаддимаи вақфномаи Фатҳалишоҳи Қоҷор ва фарзандаш шоҳзода Алинақлӣ Мирзо мутааллиқ ба қарни сездаҳуми ҳиҷрии қамарӣ

«*Алҳамду лиллаҳи ллази аъламу халласа ибодиҳи битирози аъзозилмаърифати ваттаҳқиқи ва фазлаҳум ъало гайриҳим бисунуфилкиромати ваттавфиқин ва ваффақаҳум литтамҳиди қавоъидилхайроти ва ташаййиди маъоқидилмабарроти лийабқо осори масоъиҳим алҷамилати ъало саҳоиқилайиоми битақдирулъазизил ъалайм. Ва саллаллоҳи ъало Муҳаммадин хайри халқиҳи ва олиҳи аҷмаъин*.

[†] Бақара, 181.

Зеботарин ҳамде, ки воқифони мавоқифи убудият ва окифони даргоҳи улуҳият мақбули боргоҳи самадият гардонда ва раънотарин шукре, ки каррубиёни олами ғайб ва коркунони ҷаҳони лорайб хилъати таҳсин бар вай пӯшонанд, ҳазрати воқифуссароириро сазост, ки зимоми саодатмандони фирӯзи бахтро ба дасти қоиди тавфиқ дода ва мифтоҳи абвоби саодоти сармадия ва нейли муродоти абадия дар кафи инфоқ ниҳода, зилоли эҳсонаш пайваста ғубори ифтиқор аз чеҳраи оламиён шуста ва хомаи имтинонаш рӯзии бандагонро бар хони эҳсон навишта ва дар чархи чаҳорум, ки масҷиди байтулмаъмур аст, дар мадраси фалак Барҷисро мударрис сохта, Тайласони фирақи аном анҷум андохта, Кайвон дар деҳкадаи бандагиаш деҳқони куҳанасос ва моҳи нав дар яди музореоти санъаш дос:

Ин гуҳарин хонаи минонамой
Карда ба санъ аз пайи мардум ба пой,
Кавкабаи чарх ба анҷум нигошт,
Анҷумани хок ба мардум гумошт.

Пайғамбаре, ки то қиёми соат мамлакати имомати вақфи авлоди киром ва итрати воломақом ӯст, яъне ҷаноби муқаддаси аъло Муҳаммадулмустафо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салам:

Васии Аҳмади мурсал, ки бе муҳаббати ӯ
Ба рӯзи ҳашр нагардад анбиё мағфур,
Агар на зоти ту будӣ, ғараз куҷо одам
Зи катми ғайб ниҳодӣ қадам ба садри зуҳур?

Ва баъд ғараз аз хилқати инсон ва боиси бар эҷоди бандагон, ки ба дараҷоти ибодот ва ба салми ҳасанот ба осмони қурби эзадӣ қадам ниҳанд ва ба василаи бандагӣ ва зариаи сарафкандагӣ ба даргоҳи иззаташ тақарруб ҷӯянд» [4].

Таҳлили вожагонии муқаддимаи вақфномаи мазкур:

1. Овардани тамҳидия ба забони арабӣ, ки нигоранда дар он баъд аз ҳамду санои Худованд бар паёмбари ислом (с) дуруд мефиристад
2. Ҷамъ бастани калимоти арабӣ ба василаи «ан» ان ки нишонаи ҷамъи форсӣ аст.
3. Истишҳод ба оёт ва аҳодис.
4. Мутобиқати сифат ва мавсуф дар ҷамъ ва муфрад будан ва музаккару муаннас будан, мисол: «абвоби саодоти сармадия» ва «муродоти абадия»
5. Овардани истилоҳоти нуҷумӣ дар вақфнома, ки нишон аз огоҳии нигоранда аз илми нуҷум мебошад.
6. Ҳазфи афъол ба қарнияи маънавӣ.
7. Иқтибос ва овардани шеъри шоирон.
8. Ба кор бурдани иборот ва луғоти арабӣ ба вуфур дар матн.
9. Ба кор бурдани ҷамъи мукассир дар матн, монанди «арозӣ, саҳорӣ, маротеъ ва тавоҳин»
10. Овардани саҷъ дар калимоти «сохта ва андохта»:

Дар мадраси фалак Барҷисро мударрис сохта… Тайласони фирақи аном анҷум андохта.

Бо таваҷҷуҳ ба муҳтавои теъдоди зиёде аз вақфномаҳо дар давраи Қоҷория, метавон гуфт, ки бештарин аҳдофи вақф дар давраи Қоҷория равзахонӣ, сохт ва эҳёи масоҷид, таҳсили донишҷӯён, ҳазинаҳои омӯзишӣ, беҳдоштӣ ва дармонӣ ва кумак ба мустамандон будааст.

Насри бакоррафта дар вақфномаҳои ин давра низ умуман насре муншиёна ва оканда аз саҷъ ва дигар саноеи адабӣ аст, ки бо мавриди вақф таносуби комил дорад. Маъмулан, дар иншои муқаддимаи вақфномаҳо илова бар дарҳам омехтани ҷумлаҳои насру назм, арабӣ ва форсӣ ба сурати саҷъ ва мавзун, оёти Қуръони карим ҷойгоҳе вижа дорад. Ҳамчунин, лозим ба зикр аст, ки муҳтавои вақфномаҳо маъмулан бо якдигар тафовут дорад. Ба унвони мисол, аксари сангнавиштаҳои мавқуфот муқаддимаҳои кӯтоҳу фишурда дошта ва котиби вақфнома натавониста қаламро ҷавлон диҳад ва саъй шуда дар ҷумлаҳое бисёр кӯтоҳ муқаддимае расо халқ намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯсаид Аҳмад бинни Салмон. Муқаддимае бар фарҳанги вақф. – Теҳрон: Интишороти Созмони авқоф, 1358 ҳ.ш.
2. Алиакбари Деҳҳудо. Луғатнома. – Теҳрон, 1372 ҳ.ш.

3. Абдулҳусейн Сипанто. Таърихчаи авқофи Исфаҳон. – Интишороти Идораи кулли минтақаи Исфаҳон, 1346 ҳ.ш.
4. Вақф – мероси ҷовидон. Фаслномаи фарҳангӣ, таҳқиқӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ. – Интишороти Созмони авқоф ва умури хайрия, №1-37
5. Мустафо Матбаачӣ. Ҷойгоҳи вақф дар таҳаввулоти ҷомеаи Эрон: давраи Қоҷория. Маҷмӯаи мақолоти Ҳамоиши байналмилалии вақф ва тамаддуни исломӣ. – Теҳрон, Интишороти Усва, 1378 ҳ.ш.
6. Муҳаммадризо Тасдиқӣ. Ёдгори мондагор *(маҷмӯаи мавқуфоти Язд)*. – Теҳрон: Интишороти Ситоиш, чопи аввал, 1380.
7. Минудухт Мустафавӣ. Вақф дар Эрони бостон //№ 34…, обони 1351 ҳ.ш.
8. Муҳаммад Ҳакимӣ. Вақф ва баҳрамандии ҳамагонӣ. – Теҳрон: Интишороти Ҳиҷрат, чопи дуввум, 1380 ҳ.ш.
9. Нодир Раёҳии Сомонӣ. Вақф ва сайри таҳаввулоти қонунгузорӣ дар мавқуфот. – Шероз: Интишороти Навид, 1378 ҳ.ш.
10. Умедиёнӣ, Сайид Ҳусейн. Нақши вақф дар фароянди тавсиа. – Қум: Интишороти Ҳиҷрат, 1380 ҳ.ш.
11. Ҳерберт Боса. Пажӯҳише дар ташкилоти девони исломӣ. *Тарҷ.* Ғуломризо Вараҳром. – Теҳрон: Интишороти Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, чопи аввал, 1367 ҳ.ш.
12. Ҷалолуддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ. – Теҳрон, Муассисаи нашри Ҳумо, чопи чаҳорум, 1367 ҳ.ш.

ИЗУЧЕНИЕ СТРУКТУРЫ И СОДЕРЖАНИЯ ДОКУМЕНТОВ НА ВАКУФНОЕ ИМУЩЕСТВО В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ КАДЖАРОВ В ИРАНЕ

Документ на вакуфное имущество является одним из ценных и важных актов Ирана, который можно использовать как историческую реликвию. В данной статье автором на основе изучения богатого исторического материала подвергнуто изучению и рассмотрению структура и содержание документов на вакуфное имущество в период правления династии Каджаров в Иране.

Ключевые слова: документ на вакуфное имущество, период правления династии Каджаров, структура и содержание документов, имущественное пожертвование.

STUDYING OF STRUCTURE AND CONTENTS OF DOCUMENTS ON VAKUFNOYE PROPERTY IN THE PERIOD OF BOARD KADZHAROV IN IRAN

The document on vakufny property is one of valuable and important acts of Iran which can be used as a historical relic. In this article by the author on the basis of studying of a rich historical material it is subjected to studying and consideration structure and contents of documents on vakufny property in the period of dynasty board Kadzharov in Iran.

Key words: the document on vakufny property, the period of board of a dynasty Kadzharov, structure and contents of documents, a property donation.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Молаи Мохаммад Ахмад*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

КИНОЯ АЗ СИФАТ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ АЗ НИГОҲИ ЗАБОНШИНОСӢ

Муҳаммадризо Фаллоҳаттафтӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Забо низоми печида, муҷаррад ва зоёст, ки байни овоҳо ва вожгони интихобшудаи инсонӣ аз як сӯ, маъонӣ ва мафоҳиму паёмовар аз сӯйи дигар, робита барқарор мекунад [4,5].

Ё ба иборати дигар, забон як низом ва маҷмӯае аз далолатҳо (нишонаҳо), иродае аст, ки ба манзури баёни фикр ба кор меравад ва илме, ки ба шинохти забон мепардозад, илми забоншиносӣ мегӯянд. Ба илми забоншиносии ҷадид забоншиносии сохтгаро ё ҳамгонаӣ гӯянд ва ҳадафи он дар дараҷаи аввал шинохти худи забон аст ва қасд дорад ба кашфи воқеияти забон бипардозад.

Забоншиносон, забонро дар се сатҳ баррасӣ мекунанд: 1- фонетика**;** 2- дастури забон (сарф ва наҳв); 3.- равобити маъноӣ.

Дар бахши фонетика ба мутолиаи садоҳои забон ва қоидаҳои таркиби онҳо ба манзури эҷоди сохтаҳои овоии забон мепардозад. Воҷ (аок) ҷузъи басит, мушаххас ва муфориқро дар асвоти малфуз аст ё ба иборати дигар воҷ, овое аст, ки метавонад дар як

сохти овоӣ, ҷонишини овои дигар шавад ва он сохтро ба сохти дигар табдил кунад [4,14].

Бахши дастури забон шомили ду қисмат аст, ки сарф ва наҳв номида мешавад. Бахши сарф ба баррасӣ ва табақабандии нишонаҳои сода мисли (боғ ё «-бон»дар вожаи боғбон) ва моанди инҳо мепардозад. Аз нишонаҳо ба номи «таквожа» ёд мекунад ва онгоҳ ба чигунагии таркиб, таквожаҳо то ҳадди калимоти муштақ ва калимоти мураккаб таваҷҷуҳ мекунад. Таквожа дар ин таъриф ба воҳиди маънодоре гуфта мешавад, ки ба воҳидҳои маънодори кӯчактари бахшпазир набошад. Таквожа худ ба ду дастаи озод ва вобаста тақсим мешавад. Ба таквожае, ки маънои комил ва мустақил дорад, таквожаи озод ва таквожае, ки бидуни маънӣ ҳастанд, чунин таквожаҳоро таквожаи вобаста мегӯянд. Дар бахши наҳв ба шеваи таркиби анвои калимот то сатҳи гурӯҳ ё ҷумла мепардозад ва дар сатҳи савум забоншиносӣ (равобити маъноӣ) ба баррасии маънои анвои таквожаҳо, калимаҳо, гурӯҳҳо, ҷумлаҳо ва равобити маъноии онҳо пардохта мешавад. Байни вожагони забон ва фарҳанг ва тамадуни ҷомеа робитаи бисёр наздик барқарор аст, то он чи ки метавон гуфт: вожагони забон, оинаи фарҳанги мардумӣ аст, ки он вожагонро ба кор мебаранд [6,18].

Намунаҳои киноя аз сифат дар «Шоҳнома»:

Аспафкан: шуҷоъ, қаввиҳайкал ва қудратманд

Саворему гурдему аспафканем,
Касеро, ки доно бувад, бишаканем (байти 77).

(исм+ бин феъл)= сифат/ вожагӣ ва сифтаеро намоён мекунад/ аз ду ҷузъи дастурии (асп+ афкан) в аду таквожаи мустақил (асп + афкан) в аду воҷ (а-с-п-а-ф-г-а-н) ташкил шудааст.

Афканда: хору залил ва нотавон

Чу он нома бархонд Қайсар зи тахт,
Фуруд омад он марди бедорбахт.
Ба Яздон чунин гуфт к-ой роҳнамой,
Ҳамеша туюи ҷовидона баҷой
Ту пирӯз кардӣ мар он бандаро,
Кушанда туйи марди афкандаро
(Подшоҳи Хусрави Парвиз/ байти 2042)
Чунин гуфт роҳиб, ки ин кас надид,
На пеш аз Масеҳ ин сухан касе шунид.
Ки бар шаҳриёри занд бандаӣ,
Яке баднажодию афкандаӣ (Подшоҳии Яздигурд/ байт 664)

Аз як сифат ташкил шуда / вижагии хосеро мушаххас мекунад, дорои як ҷузи дастурӣ, ду таквожа (афган+да) ва ҳашт овоз а-ф-к-а-н-д-а аст.

Бадасл: бадгавҳар, он ки сиришти носара дорад:

Зи бадасл чашми беҳӣ доштанд,
Бувад хок дар дида андоштанд

(сифат+исм)= сифат/ намоёнкунандаи яквижагие аст / ду ҷузъи дастурӣ в ду таквожаи мустақил (бад+асл) ва ҳафт овоз дорад.

Баддил: тарсу ва ҷубон:

Ҳунари худ далерӣ аст бар ҷойгоҳ,
Ки баддил набошад сазовори гоҳ (Мулҳақот, с. 257, боби 35).
Дили марди баддил гурезон зи тан,
Далерон зи хуфтон бурида кафан (Комус, байти 12353).

(сифта+исм)= сифат / як сифатро намоён мекунад/ дорои ду ҷузъи дастурӣ в ду таквожаи мустақил (бад+дил) ва шаш овоз аст.

Бадрак: хабис бадсиришт:

Чу бишнид пиронаш дашном дод,
Баду гуфт кори бадраги девзод (Сиёвуш, байти 3333).

(сифат+исм)= сифат, вижагии хосеро нишон медиҳад, ду ҷузъи дастурӣ, ду таквожаи мустақил (бад+раг) ва шаш овоз дорад.

Баднишон: хабис ва бадсиришт:

Ба дашном бикшод лаб шаҳриёр,
Бар он анҷуман Тӯсро кард хор.
Аз он пас баду гуфт коре баднишон,
Ки гум бод номат зи гарданкашон (Фурӯд, байти 1266)

(сифат+ исм)+ сифат, нишондиҳандаи як васф аст, ду ҷузъи дастурӣ, ду таквожаи мустақил (бад+нишон) ва ҳашт овоз дорад.

Бедил: ишқ

Ки парвардаи мурғ, бедил шудааст,
Аз оби мижжа, пой дар гил шудааст (Манучеҳр, байти 1186).

(ванд+исм)= сифат вижагӣ ва сифатеро буруз медиҳад, дорои ду ҷузъи дастурӣ, як таквожаи вобаста ва як таквожаи мустақил аст ва панҷ овоз дорад.

Покдоман: афифа ва порсо

Сӯйи Гурдия номае буд ҷудо,
Ки эй покдоманзан порсо (Хусрав ва Парвиз, байти 273).
Ҷавон гуфту он покдоман шунид,
Зи гуфтори ӯ хомӯшӣ баргузид
(Подшоҳии Хусрав ва Парвиз, байти 2748).

(Сифат+исм)= сифат / муайянкунадаи як сифат аст, дорои ду ҷузъи дастурӣ аст. Ду таквожаи мустақил ва ҳашт овоз дорад.

Песа: дуранг ва мунофиқ:

Бузургоне, ки аз тухмаи висаанд,
Дурӯянд ва бо ҳар касе песаанд (Хоқони Чин, байти 109).

(исм+ванд+ сифат як вижагиро буруз медиҳад, дорои як ҷузъи дастурӣ, ду таквожа (пес+ а) ва чор овоз п-е-с-а аст.

Пилафкан: шуҷоъ ва мутаҳаввур, паҳлавони қавиҳайкал:

Бирафтанд бодаст карда ба каш,
Бузургонии пирафгани шерфаш
(Ҷанги Кайхусрав бо Афросиёб, байт, 2473)

(исм+бин феъл) = сифат, вижагӣ ва сифатеро нишон медиҳад, дорои ду ҷузъи дастрӯӣ, ду таквожаи мустақил ва нӯҳ овоз аст.

Тангдил: ғамгин ва нороҳат

Набояд, ки бошӣ бадин тангдил,
Зи тимор бояд туро занг дил (Дувоздаҳ рух, 1415)

(сифат+исм)= сифат, мушаххаскунадаи яквижагӣ аст, ду ҷузъи дастурӣ, ду таквожа ва ҳафт овоз дорад.

Тезчанг: қавӣ ва ҷанговар

Ҳаросонам аз Рустами тезчанг,
Таносон, ки бошад ба коми наҳанг? (Ҳоқони Чин, байти 1108).

(сифат+ исм)= сифат, сифатеро буруз медиҳад, ду ҷузъи дастурӣ, ду таквожаи мустақил дорад ва овозҳояш ҳафто аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Буруманд Саидҷавод. Дигаргуниҳои вожагон дар забони форсӣ.- Теҳрон: Интишороти Тус, 1363, 198 с.
2. Хазоили Муҳаммад,Сайид Зиёуддини Мизомиронӣ.Дастури забони форсӣ-Теҳрон:Ҷовидон,1351.-164 с.
3. Дабири Сиёқӣ Муҳаммад. Кашф-ул-абёти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.- Ҷ. 2.-Теҳрон, 1348.- 949 с.
4. Хонларӣ Нотил. Забоншиносӣ.- Ҷилди аввал.-Теҳрон, 1363.
5. Ҷалилӣ Маҳмуд. Нигоҳи бисёр иҷмолӣ ба масоили куллӣ дар дастури забони форсӣ.-Машҳад,1365- 93с.
6. Муҳаммадризо Ботинӣ. Масоили забншиносии навин. Даҳ мақола.- Теҳрон, 1369.

ИНОСКАЗАТЕЛЬНЫЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЯЗЫКОЗНАНИЯ

В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению использование иносказательных прилагательных в «Шахнаме» Фирдоуси.

Ключевые слова: «Шахнаме» Фирдоуси, языкознание, иносказательные прилагательные в «Шахнаме» Фирдоуси.

ALLEGORIC ADJECTIVES IN "SHAKHNAME" FIRDOUSI FROM THE POINT OF VIEW OF LINGUISTICS

In this article the author subjected to studying and consideration use of allegoric adjectives in "Shakhnam" by Firdausi.

Key words: To "Shakhname" Firdausi, linguistics, allegoric adjectives in "Shakhname" Firdousi.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммадризо Фаллохаттафти*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ЛЕКСИКА, СВЯЗАННАЯ С НОМИНАЦИЕЙ ЖИВОТНЫХ

Ф.М. Орипова
Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни

Данная семантическая группа номинации животных в основном мотивирована выше приводимыми лексемами. Эти слова являются общими для всей иранско-таджикской группы языков. Из сравнения мы наглядно видим, как следовало ожидать, что овцы, козы и рогатый скот был по-видимому, у таджиков основными домашними животными, которых стали разводить раньше, чем других, и которые и сейчас имеют преобладающее значение в горне таджикской жизни. Это породило сравнительно богатую терминологию, сравнимую по богатству терминологи соседних турецких скотоводческих народов [Андреев **1958, 117]**.

Многочисленные примеры из жизни и обычаев таджикских народов, а также информация информантов (Т. I) с разнообразной терминологией свидетельствует о том что животноводство является самым древним занятие таджикских народностей, и оно носит характер древне циклический, полностью оседлый (стойловой), когда скот выгоняют на близкие к кишлакам пастбища *(чарогох)* склоны гор с весны, а потом поздней осенью пригоняк домой на постоянное место жительства. Зимой, при блап приятных погодных условиях, их пасут у подножья гор недалеко от кишлаков.

Животные *барзагов,наргови ахта* вол, бык, bullock, bull и *гусфанд* баран, buck с древ, времен для таджиков, как и для других народов, были только в почете, но и священными. Согласно народным повериям они появились на земле одновременно с самим человеком (Т. I). Об этом свидетельствуют многие сохранившиеся обычаи и приметы. Например, во время весеннего праздника *огард,ҷуяк кашидан* первая борозда, букв, выводить быков, быков-волов вводят в дом *{чид)* и делают специальные пригоювления: *ордоба, атола* похлебка на масле и молоке, пекут блины разных форм *(забонча* язычок), напоминающие разных животных (бычка, корову, барашка, горных коз, архаров). По мусульманско-исмаилитским представлениям на быков и овец нельзя садиться, нельзя также наступать на шерсть, бить по спине, потому что священная книга Коран была спущена на землю и была поставлена сначала на спине быка-вола. На день праздника *Иди Қурбон* Праздник жертвоприношения разрешается резать только Барана *"гусфанд","sheep";* потому что Бог еще со времени *Иброхим - паёмбар* - Пророка-Ибрагима послал на землю именно это животное. Оставшиеся кости нельзя бросать на землю отдавать собакам, а нужно положить в чистое место (на куч камней или крышу дома). Руки и рот после этого следует вымыть. После еды нельзя ходить в туалет, не умывшись.

Термины, отражающие названия домашних животны разнообразны. Образование таких терминов носит не спорадический и спонтанный характер, а имеет глубокий корень, связанный с определенными конкретными понятиями. Прежде всего, они отражают значения родового отличия, посте- пенно перешедише в грамматические. Язык таджиков пополнялся такими словами, которые можно разделить на общие и частные понятия:

- **общие:** *ҳайвони хонагӣ* домашний скот, domestic animal *чорводорӣ* скотоводство; cattle breeding *ҳайвони калони шохдор* крупный рогатый скот; cattle нигоҳ доштани ҳайвони калони шохдор держат крупный рогатый скот, ҳайвони хурд мелкий скот, ҳайвонҳои хонагӣ, домашние животные; *нигоҳ доштани меш, гусфанд ва бӯз* держать овец и коз *мол* мелкий скот домашние животные; *молдорӣ* держать мелкий скот.

Трудно восстановить значение слова *ҳайвони хонагӣ* домашний скот, *чорпоҳои хонагӣ* домашние животные, держать скот. Он употребляется лишь в речи старожилов и в названиях топонимического характера - *Лагарсанг* букв, скала под названием *Лагар* и стало архаичным. Предположительно это слово состоит из двух: корня *la* дикий баран, бурое животное гора, камень, - и его можно возводить к др.-инд. *rcyas* t имен антилопы, др.-ир. **rs, *rsya* [KEWA I 124, ЭСВЯ О*»],

Что касается второго слова *санг,* то оно имеет значение камень, пастбище и происходит из др.-ир. **var(i),* iitfСТ. др.-инд. *giri,* хот. *ggara* —(Bailey. Diet. 80). *yar,* ср.-перс. *gar* гора, rock; stone, афг. *var* гора mountain.

К этому производному слову в таджикском добавляются суффиксы *-дор (чорводор)* -имеющий скот и *-и* (домашние животные, скотоводство.

чорво животное, скот, *чорводорӣ* животноводство, livestock farming употребляются в речи таджиков параллельно с другими вышеуказанными словами. С добавлением суффикса *-дор:* чорводор приобретает значение животновод, а с суффиксом *-и: чорводорӣ* животноводство. Оно происходит от арабского слова *haywan* животное, animal, zoic.

Таджикское слово чорвои калони шохдор рогатый скот, скот, *чорводорӣ* скотоводство, заниматься рогатым скотом с позицией древней основы с фонетическим преобразованием начало слова (анлаута *s)* и изменения вокализации основы восходит к авест. *staora* крупный рогатый скот, гот. *tiur* бык, др.-исл. *stjorr* бык, др.-англ. *steor,* др.-нем. *stior,* является общим для всей иранско-таджикской группы: возможно происходит из др.-ир. *maya,* - букв, блеющая, ср. авес1 *ma/i* (EVSh 43) или *any-maya* – овца (др. инд. *mimatu* блеет - (AIW 128). афг. *mez, (маг* баран), тадж. *meš* овца

Слова *мол* скот, мелкий скот, богатство и *молдор* скотоводство, почти вытеснили другие затрагиваемые нам слова и чаще употребляются в речи, *мол* заимствовано и арабского языка и перешло в обиход таджикский язык, теряя первоначальное значение богатство. С суффиксом мн. числа *~ҳо. мол-ҳо* тоже имеет значение мелкий скот овцы и козы; с суффиксом - *дор. мол-дор* имеющий скот а с - и; *молдор - ӣ* - скотоводство.

- частные: *буққа* бык, bull; *буккапарварӣ,* букв, держать быков волов, bull-ranch; *гов* корова; *гов>парварӣ*, cow-ranch; букв, держать коров *гусфанд* овцы; *гусфандпарварӣ* букв.держать овец, ewe-ranch *бӯз* козы; *бӯзпарварӣ* держать коз, she-goat-ranch; *бӯзгола* коза; *бӯзголапарварӣ* букв, держать коз; *гуночин,* молодая, не отелившая телка, heifer-ranch; *гусола* теленок двухгодовалый, calf; гов "бык самка" ;барзагов"бык самец" *меш* овца; *гусфанд* баран, buck; *anjeM* годовалая овца, неокотившая овца, *қӯшқор* баран (самец); *барра* ягненок, lamb; буз -коза, *такка, серка* козел; *буз* годовалая коза, неокотившая коза; *бузпарвар* козел-производитель; *буз* козёл (самец); *бузича* козленок; *бузгола* молодая козочка; *асп " конь", horse; асппарварӣ* букв, держать коней, horse-ranch; *той, тойча* жеребенок, colt; *асп* прирученный годовалый конь; *мочахар* ослица, jenny, she-ass; *хар,мочахар* осел, ослица / *нархар* осел-самец, ass; *курра* осленок; *хачир* мул, mule; *шутур* верблюд (самец, самка), camel; *шутур* верблюд, camel; *шутурдорӣ* букв, держать верблюда; *шутурбача* верблюжонок, colt; *маркаб* осел; *маркабдорӣ* букв, держать ослов; *хар* / нархар осел- самец, осла-самка ослица; мурғ курица, chicken-ranch; *мургпарварӣ* букв. держать куриц.

Общность употребления терминов носителями языка таджикской группы слов *gow, buqa, nargow* а также других терминов, связанных с животноводством, свидетельствуют об их древнеиранском происхождении: слово *buqa, nargow* восхотдит к **uxsaKa* (авест. *uxs^K* бык - ГОЯШ 25; EVSh 101; ЭСВЯ 150): Это слово для таджикского языка и его диалектов является общим. С присоединением к нему суффикса *–дор; парвар: буққапарвар,* приобретает значение имеющий быка, а с суффиксом *-и: буққапарварӣ; буққадорӣ* - уход за быками.

Гов (cow) восходит к др.-ир. * yav(a)-, авест. gav-, др.-инд. gau-, бык, корова- (ашк. ga, ир. * gava корова – CDIAL 4147.2), хот. guha (Bailey. Dict. 89), - gawa, * gawa –(EVSH 111), согд. у w, янг. *you* корова, бык, ишк. *yu*, осет. *qug* корова, перс. *gav* бык, корова (Shaw 186; ТОМ. PD 764; IIFL II523; ИЭСОЯ II 312; ЭСВЯ 191).

Ғуночин нетель восходить к * *fra-gama-ci / ка* (EVSh 33; IIFL I 284), авест. aiwi. gama. зима, хорезм. *ymk* время, перс. *hangam* время, пора. Из др.-ир. *fra-gama*(*ка*) – прошлогодний (ср. др.инд. * *pragamaka* – годовалый, кати *prome*, вайг. *prama*. прас. pamc годовалый козленок, ягненок (CDIAL 8469). Ср. вах. – тадж. *yunoji(n),* тадж.-бад. *yunojin,* телка по третьему году, тюрк. узб. *yunojin,* телка").

В таджикском говоре наряду с *гуноҷин* употребляется синонимическое слово *гӯсола, буқача* нетель. Происхождение этого слова неизвестно, однако надо предпологать, что на ряду с ним используется слово букул зрелый, созревший, по отношению к мужскому роду. Ср. осет. baga помет мелких животных (овцы, собаки) (ИЭСОЯ 23).

Навбаст, наргов бычок,goby; букв. ново-связанный, заимств. тадж. *navband*, букв. ново-связанный. Ср. ягн. *navbast* бык, в первые приставленный к работе (Хромов. Янг. 175), бадж. . *navband* бычок первого года вандж. *nowund* корова, неподпускающая теленка (ЭСВЯ 245), где *naw* восходит к древн.-перс. **nawa*-, **nawaka*.

Этимология *қӯтос*, *хашгов* як неизвестна. Возможно оно произходила от исконного хаш рог , восходящего к **sruva-,* авест. *sru-, srva-* ноготь, рог (ЭСВЯ 350) и общеиранского *gow* корова, означающего рогатого корова.

Қӯтос помес яка и коровы, yak. И.М. Стеблин-Каенский предпологает отсутствие этого слова в иранских языках и возводит его к тюркскому, ср. кирг. *argin, argun,* помес яка и домашней коровы, уйгурск. *erjan* метис (Уйг.РС 67), тюрк. *argun* помес дикого жеребца с домашней кобылой (ЭСВЯ 85). Аналогичное по значению таджикское слово қӯтос помес яка и коровы. Г.Моргенстиерне возводит к *upa/ apir (EVSh 20) Ср. авест. raeswa mixing. согд. patruз- to mix (Gersh.587); хот. arih-to share (Emm. SGS).Мешгов овце бык заимствованное слово из иранского *gow* бык и *mexc* овца.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Oxford Англо-русский, и русско-английский словарь.
2. Герд-Герд А.С Введение в этнолингвистику. Учебное пособие СП(б) языковой центр,1955.
3. Грюнберг, Стеблин - Каменский 1974 – Грюнберг А.Л., Стеблин – Каменский И.М. Этнолингвистическая характеристика Восточного Гиндукуша.- Проблемы картографирования в языкознание и этнографии Л., 1974.- .276-283.
4. Жирмунский – Жирмунский В.М. Националный язык и социальные диалекты. Л.,1936. С. 107.
5. ЭСИЯ –Росторгуева В.С., Эдельман Д.И Этимологический словарь иранских языков. Том I М., 2000
6. Забони адабии тоҷик, ќисми 1-2.- Сталинобод, 1987
7. ЭСВЯ – Стеблин-Каменский И.М Этимологический словарь ваханского языка. Санкт-Петербург, 1999

ЛЕКСИКА СВЯЗАННАЯ С НОМИНАЦИЕЙ ЖИВОТНЫХ

В статье автором проанализировано происхождение номинации животноводческой лексики, и их перевод на таджикский и английский языки. Многочисленные примеры из жизни и обычаев таджикского народа, разнообразная терминология свидетельствуют о том, что животноводство является самым древним занятием таджикских народностей.

Ключевые слова: термин, слово, терминология, животноводство, скотоводство, таджикско –иранские группы.

THE LEXICAL LINKED WITH ANIMAL(ZOIC) NOMINATION

The lexical nomination of live-stock term is analyses in this article. The author showed their tajik and English translation.

From numerous examples of life and custom with tajik nation, we get to know that live-stock is an ancient business for tajik nation.

Key words: term, word, terminology, live-stock farming, cattle –breeding, ajik-iranian group.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ф.М. Орипова*** -аспирантка ТГПУ им.Садриддина Айни. Телефон.:**92-774-11-18**

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАИ «ГУЛ» ДАР ҒАЗАЛИЁТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Меҳрубон Назаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Камоли Хуҷандӣ яке аз бузургтарин шоирони ширинкалом дар таърихи адабиёти пурғановатамон маҳсуб ёфта, бо эҷодиёти худ дар рушди ғазал нақши муассир гузоштааст. Хоҷа Камол устоди беҳамтои сухан аст. Забони осораш хеле ғанӣ, рангоранг, гӯшнавоз ва дилчасп мебошад. Ҳар қадар осори ӯро бештар бихонед, ҳамон қадар ба хусусиятҳои ҷолибу гуногуни забонӣ ошно мешавед. Дар асри XIV дар эҷоди жанри ғазал ва рушди он Камоли Хуҷандӣ чун Ҳофизи Шерозӣ саҳми муайян дорад. Мавзӯи асосии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ ишқу муҳаббат, тараннуми меҳри ватан ва арҷгузорӣ ба он, бо ёди Ватан зистан, нороҳатӣ аз ғурбат ва монанди инҳо мебошад. Мавзӯи ишқу муҳаббати Камоли Хуҷандӣ ишқи инсонӣ, ишқи ҳақиқӣ буда, аз он ишқи илоҳие, ки шоирони мутасаввиф тараннум кардаанд, ба куллӣ фарқ дорад. Маъшуқа, дар тасвири Камоли Хуҷандӣ, одамест мисли дигар як офаридаи дунявӣ, ки дар рӯйи замин, дар канори нозпарвари табиат, дар байни мардум хиромон аст ва ҳамон табиати муъҷизаофарин ба вай ҳусну малоҳат ато кардааст. Ишқи Камоли Хуҷандӣ, ки дар он идеалҳои олӣ тасвир шудаанд, фақат эҳсоси хосаи як фард шахсияти худи шоир набуда,

балки ифодаи бадеии фикру ақида, марому мақсад ва умеду орзуҳои мардум - халқи меҳнатии кулфатдидаро ба риштаи тасвир гирифтааст. Яке аз ҷолибтарин хусусиятҳои ғазалиёти ин шоири ширинкалом корбасти вожаи **гул** ва тобишҳои он дар ашъори ӯ маҳсуб меёбад. Вожаи **гул** дар ғазалиёти Хоҷа Камол бо маҳорати баланди шоирӣ корбаст гардида, забони ғазалиёти шоирро равону хушоҳанг, пурмазмуну ҷаззоб гардонида, мутолиаи ононро хеле гуворо сохтааст. Ин вожа ҳамаи хусусиятҳои каломи бадеиро дар худ таҷассум намуда, шаҳомати ғазалиёти шоири ширингуфторро боз ҳам ҷаззобтар гардондааст. Хоҷа Камол аз вожаи **гул** ҳамчун воситаи муҳими тасвири бадеӣ корбаст намудааст. Мо тасмим гирифтем, ки зимни ин мақола мавқеву манзалат ва дараҷаи корбасти вожаи **гул** ва тобишҳои маъноии онро дар ғазалиёти Хоҷа Камол мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Бояд гуфт, ки вожаи **гул** дар ғазалиёти Хоҷа Камол дар мавриди зарурӣ барои фасоҳат ва бадеияти матн, вобаста ба муносибат барои тақвияти фикр истифода мегардад. Камоли Хуҷандӣ дар ғазалиёти худ аз вожаи **гул** ба маврид истифода намудааст, ки онро метавон аз рӯйи сохт ва маъно ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо кард: а) омадани вожаи **гул** ба маънои аслӣ; б) омадани вожаи **гул** ба маънои маҷозӣ; в) вожаи **гул** дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ; г) вожаи **гул** дар ифодаҳои маҷозӣ; **ғ)** нақши вожаи **гул** дар калимасозӣ:

Дар луғатномаву фарҳангҳо, аз ҷумла дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаҳои гул ва гиёҳ чунин шарҳу эзоҳ ёфтаанд: **"гул"** 1. Ғунча ва ё муғчаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, шукуфаи кушода, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёҳон дар шохҳои худ ҳосил мекунанд ва баъд аз муддате ба ҷойи он тухм ё мева ба вуҷуд меояд; гули садбарг, вард, ки аксар хор дорад; 2. киноя аз рухсор, рӯй, чеҳра [6, 281-282].

Дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ вожаи гул ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ корбаст гардидааст, ки барои тақвияти андешаи худ чанд мисол меоварем:

1. Ба маънии аслӣ. Вожаи гул барои ифодаи маънии аслӣ дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ камтар истифода шудааст. Аз ин рӯ, теъдоди ин қабил байтҳо ангуштшуморанд, ки дар онҳо вожаи гул ба маънои аслӣ омада бошад:

Ором ояд пеши сарву ***лола*** рафт дар чаман,
Тобон рухсору боло дӯст медорам туро. (14)[‡]

Лола гули асосан сурхранги даштӣ ва кӯҳӣ, ки аз анвои гуногун иборат аст, дар аввали баҳор мешукуфад ва дар миёнаи баргҳо доғи сиёҳ дорад.

2. Ба маънои маҷозӣ. Ифода ва ё баёнҳои ғайривоқеӣ боиси тобиш ё ҷилоҳои нави маъноӣ гашта, онро маънои маҷозӣ меноманд.

Мардум ба даври рӯи ту дар гирянд аз оҳи ман,
Шарт аст, барои рехтан дар ***мавсими гул*** бодро. (22)

Мавсими гул фасли баҳор [6, 77].

Бикаш **домани ҳусн чун *гул*** зи ноз,
Ки бар қади ту дӯхтаанд ин қабо. (24)

Домани ҳусн чун *гул* канори зебоӣ,ифодакунандаи ҳусну ҷамоли мисли маҳбубадошта.

Пеши гули андоми ту дорад ***гул* андоме**,вале,
Лутфе набошад ончунон андоми бе андомро.(42)

Гул андоме нозукбадан, зебобадан, латифпайкар, нозанин [6, 283].

Дар маҷмӯъ, маҷоз дар забони шеър унсури хеле муҳим маҳсуб шуда, пояи асосии бунёди он аст. Зеро маҳз тавассути он сухани шоир муассир мегардад ва мафҳумҳо бо тарзу услуби хос инъикос меёбанд.

Дар баробари санъатҳои бадеӣ сохтани образҳои гуногун ва ифодаи ҷаззоб нақши муҳим бозида, аз маҳорату сухандонӣ ва ҳунару истеъдоди ҳар як эҷодкор дар офаридани асарҳои бадеӣ дарак медиҳад. Ҳоло дар асоси ин гуфтаҳо чандин мисолҳо меоварем аз эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ ва онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Бигзор дар он кӯй мани ашкфишонро,
То дида диҳад **об *гул*у сарву райҳонро. (15)**

Об додани дида аз гул аз зебоии ёр, маъшуқа ҳаловат бурдани чашм:

---

‡ Камоли Хуҷандӣ. Девон. – Душанбе: Адиб, 1987.- С.14.– Минбаъд саҳифаҳои ҳамин асар дар қавсайн оварда мешавад.

Дӣ мешудам дар он кӯҳ омад нидо аз он сӯ,
К-ошиқи сару зар, магзар ба **гулшани мо. (18)**

Гулшан гулзор, яъне сабзазору чаманзор

Шайх Камоли Хуҷандӣ дар ғазалҳои хеш шавқи лаззати ҳаётро хеле самимӣ суруда, дар ташвиқи зебоиҳои табиат тавассути корбасти вожаи «***гул***» саҳм гузоштаст. Камол дар яке аз ғазалҳояш фаро расидани фасли баҳор, равон шудани об ва дар лаби ҷӯйю чаман дамидани сабза ва хониши мурғи хушилҳони табиатро басо табиӣ ва дилкаш ба қалам дода, шавқи табиатдӯстии хонандаро ба ҷунбиш овардааст:

Гул зи рух пардаву наргис ба чаман чашм кушод,
Сарви шамшодқаду мурғи чаман нола кашид.

Ба ақидаи Камол, табиат ҳама чизро ато намудааст. Инсон бояд бо сайъю кӯшиши худ ин бойгариҳои табиатро аз бар ва ҳифз намояд. Камол инсонро ба ҳаёти хурраму покӣ ва тозагии табиату сарзамини диёри худ даъват намудаст:

Чист ин тезӣ, рақибо, ҳар замонат бо Камол,
Пеши ***гул***, эй боғбон, аз хор беҳтар андалеб. (53:7)

Пеши гул аз зебогӣ дар назди ёр, маҳбуба очиз мондан.

Боди сабо дар чаман васфи ҷамоли ту кард,
Шуд ба гулистон зи шарм **лолаи сероб** ноб. (61)

Лолаи сероб киноя аз рӯйи сурхи маҳбуба аст [6,678].

Он **гули нав** аз кадомин бӯстон бархостаст,
К-аз насими ӯ зи ҳар сӯ бӯи ҷон бархостаст. (71)

Гули нав гули тоза, тару зебо, киноя аз ёри зебою хушсурат.

3. Вожаи гул дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ. Гул вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар таркиби чандин воҳидҳои фразеологии феълӣ дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ истеъмол гардидааст:

Гул зи рух пардаву наргис ба чаман чашм кушод,
Сарви шамшодқаду мурғи чаман нола кашид.

Гул зи рух парда кушодан воҳиди фразеологии феълӣ буда, маҷозан далолат ба зебоӣ мафтун шудан аст.

Дар домани гул чок фитодаст зи ҳар сӯ,
Эй боди сабо, бӯи ту аз пераҳани кист? (69)

Дар домани гул чок фитодан, домани ҳусн чун гул кашидан, гул барад воҳидҳои фразеологии феълӣ буда, маҷозан аз нигоҳи зебогӣ ба чизе мафтун шуда, ошкор кардани зебоӣ аст.

Бикаш **домани ҳусн чун *гул*** зи ноз,
Ки бар қади ту дӯхтаанд ин қабо. (24)

Сифати рӯи ту чун дар қалам овард Камол,
нусхаи ҳусн аз варақи нусхаи мо. (16)

Кардаанд сайд он зулфу рух дилҳои беоромро,
Баҳри шикори булбул **бар *гул* ниҳоди домро**. (42)

Дом бар *гул* ниҳодан воҳиди фразеологии феълӣ буда, дили маҳбубаро ба даст овардан ё ӯро ба худ моил кардан аст.

Ҳайфаст бар он рух, **ки фитад сояи *гулбарг***,
Гулбарг таҳаммул накунад бори гаронро. (15)

Сояи гулбарг афтодан маҷозан аз зебогии рӯй баҳра бардоштанро ифода мекунад.

Дар миёни хору хоро гар туӣ ҳамроҳ маро,
Гул шиносам хорро, дебо шуморам хорро. (43)

***Хорро чун гул* шинохтан** маҳбубаро қадр кардан мебошад.

4. Вожаи *гул* дар ифодаҳои маҷозӣ. Маҷоз яке аз мафҳумҳои муҳимест, ки дар низоми илмҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Ҳадафи асосии **маҷоз** ба ифодаи маъно равона шудааст. Яъне воситаест, ки тавассути он аз калимаҳое, ки маънои луғавӣ доранд, маънои дигаре тавлид меёбад. Дар шаклгирии ифодаҳои маҷозӣ нақши вожаи гул назаррас аст. Ҳоло чанд мисол меоварем:

Ҳар кӣ ҳиҷил шуд, ба арақ тар шавад,
Пеши рухат з-он **гули рангин** тар аст. (102)

Гули рангин киноя аз рӯйи гулгун, рӯйи зебо; киноя аз маҳбуба ва лаби маҳбуба.

Бод ба **гулзор** аз он ки бӯи ту овард,

Шохи **гули тоза**ро ҳамеша шикаст аст. (112)

Гули тоза тару зебо, киноя аз ёри зебою хушсурат

Ба даври рухи хуб хуш бигзарон ,

Ки **даврони гул** бениҳоят хуш аст. (74)

Даврони гул маҷозан ба маънои даври гул, яъне ба фасли баҳор далолат мекунад.

Чун қабои ғунчаву **пероҳани гул** бар танаш,

Карда кӯшишҳо муаттар кокули мушкини дӯст. (92)

Пероҳани гул киноя аз либоси зебои маҳбуба.

Ҷуз ғами рӯи ту бар дилам зи зайфӣ,

Гар ҳама **барги гул** аст, бори гарон аст. (96)

Барги гул киноя аз лаб ва рӯйи маъшуқа. [6, 144]

Ҳама олам ба тамошои ту шоданд, оре,

Ту маҳи идию рӯи ту **гули наврӯзист**. (97)

Гули наврӯзӣ гулест, ки дар аввали баҳор мешукуфад [6, 282].

Аз **гулистони рухат** ҳусни бӯстон як варақ аст,

Ҳомӣ аз варақи ҳусни ту инам сабақ аст. (77)

Гулистони рухат маҷозан ба маънои зебогӣ далолат мекунад.

Ҳусни гул кам шуду муштоқии булбул ҳам кост,

Ишқи ман бар ту чу ҳунат ба ҳамон як насоқ аст. (77)

Ҳусни гул киноя аз зебоии маҳбуба

Аз арақи рӯи туст **орази гул** қатрае,

Чунки зи шабнам фитад бар рухи насрин гулоб. (61)

Орази гул киноя аз рӯйи маҳбуба

Бе **гули васл** дилозурдаӣ аз хори фироқ,

Булбули хастаи бебаргу наворо дарёб. (59)

Гули васл киноя аз маҳбуба**.**

Анбар аст он дил ё мушки ноб,

Ё зи сунбул бар **гули сурӣ** ниқоб. (60)

Гули сурӣ а) гули сурх; б) киноя аз рӯи маҳбуба [6, 282].

Лаълии дурахшон нигар, ғайрати ёқути ноб,

Лолаи сероб бин, бастаи сунбул ниқоб. (61)

Лолаи сероб киноя аз рӯйи сурхи маҳбуба аст [6,678].

Эй **гули райҳони** ту сунбули бустон фурӯз,

Турраи маҳпӯши ту силсилаи мушки ноб. (61)

Гули райҳон киноя аз тан ва қади маҳбуба [6, 283].

5. Нақши вожаи гул дар калимасозӣ. Вожаи гул дар калимасозӣ низ нақши муайян дорад:

Эй зи сад **гулбарг** нозуктар танат ,

Бар ту ларзонтар гул аз пероҳанат. (87)

Гулбарг аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои гул – исм ва барг – исм таркиб ёфтааст ва ба маънои зебо, хушрӯӣ далолат мекунад.

Хирқаи аз раҳи ман боз ба ман ***гулгун*** шуд,

Ишқ ҳар дам ба дигар ранг даровард маро. (20)

Гулгун аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъҳои гул – исм ва пасванди – гун таркиб ёфтааст ва ба маънои гулмонанд, зебо, хушрӯӣ далолат мекунад.

Бод **гулрез** шуду бар сари гул жола чакид,

Об дар ҷуву зи гиромон чу сабза дамид.

Ҳамин тариқ, ки вожаи **гул** дар ғазалиёти Хоҷа Камол барои фасоҳат ва бадеияти матн, вобаста ба муносибат барои таҳвияти фикр истифода мегардад ва ин вожа дар ғазалиёти Хоҷа Камол ба маъноҳои аслӣ, маҷозӣ, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, дар ифодаҳои маҷозӣ хеле серистеъмол мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик. –Душанбе, 2003.–390 с.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ.Ҷ. 1.— Душанбе, 2007.- 185 с.
3. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот.Ҷ 1.- Душанбе: Адиб, 1987.– 450 с.
4. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот.Ҷ 2.–Душанбе: Адиб, 1988.– 450 с.
5. Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1.– Душанбе: Адиб, 1993. – 485 с.

6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1.- М.: СЭ, 1969.-951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ.- Ҷ. 2. – М.: СЭ, 1969.- 950 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1.– Душанбе, 2008.– 949 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2.– Душанбе, 2008.–943 с.
10. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI-XII).- Душанбе, 2002. - 96 с.
11. Ҳаитова Ш. Дафтари ишқ. – Душанбе, 2006. – 134 с.
12. Ҳофизи Ӯбаҳӣ. Туҳфат-ул-аҳбоб.– Душанбе: Ирфон, 1992. – 225 с.

СМЫСЛОВОЙ ОТТЕНОК СЛОВА *«ГУЛ» («ЦВЕТОК»)* В ГАЗЕЛЯХ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

Камол Худжанди является одним из великих представителей в истории таджикской литературы и оставил неизгладимый след в развитии жанра газели. Слово *"гул" ("цветок")* очень широко использован Камолом Худжанди в составе фразеологических единиц, в подлинном и переносном значениях для придания различных окрасок и смысловых оттенков его произведениям.В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению использование слова *"гул" ("цветок")* в газелях Камола Худжанди.

Ключевые слова: роль слова"гул", пераҳани гул, период цветения, чистый цветок, листья цветка, наш цветник, весенный цветок, красота цвектка, тюльпан.

SEMANTIC SHADE OF THE WORD "RUMBLE" ("FLOWER") IN KAMOL KHOJEND'S GAZELLES

Kamol Hudzhandi is one of great representatives in the history of the Tajik literature and left an indelible trace in development of a genre of a gazelle. The word" a rumble" ("flower") is very widely used by Kamol Hudzhandi as a part of phraseological units, in original and figurative values for giving of various colorings and semantic shades to its works. In this article the author subjected to studying and consideration use of the word "rumble" ("flower") in Kamol Hudzhandi's gazelles.

Key words: word role" rumble", flowering period, pure flower, flower leaves, our flower bed, flower, tulip.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мехрубон Назаров*** – соискатель Таджикского национального университета

ВОЖАҲОИ ГӮЙИШИ БАХТИЁРӢ

Ардашери Сосон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таркиби луғавии гӯйиши бахтиёрӣ хеле гуногуншакл ва гуногунранг аст. Дар он ҳама гуна вожаҳое, ки дар забони имрӯзаи форсӣ роиҷанд, мавриди истифода қарор мегиранд. Аммо миёни он калимаҳо вожаҳое, ки махсус дар тангнои интишори гӯйиши бахтиёрӣ амал мекунанд ва онҳо дар забони меъёрии муосири форсӣ ба назар намерасанд ва, агар расанд ҳам, дар ифодаи маънии дигар ба кор мераванд, як гурӯҳи калонро ташкил медиҳанд. Ин навъи калимаҳо дар забоншиносии муосири рус зимни истилоҳи «лексические диалектизмы» шинохта, тадқиқ карда мешаванд. Дар забоншиносии тоҷик бошад, вожаҳои навъи мазкур таҳти номи «калимаҳои хоси шева» маъруфият доранд. Азбаски дар забоншиносии Эрон луғати гӯйишҳои маҳаллӣ кам мавриди омӯзиш ва диду боздид қарор гирифтааст, ин истилоҳ бори нахуст дар тадқиқоти мо мавриди истифода қарор мегирад ва таҳти ин мафҳум вожаҳоеро ҷо медиҳем, ки пурра хусусияти маҳаллӣ касб карда, танҳо дар муоширати соҳибони гӯиши бахтиёрӣ ба кор мераванд. Дар иртибот ба ин мо аз истилоҳи «вожаҳои гӯйишӣ» кор гирифтем.

Дар бобати муайян сохтани мафҳуми вожаҳои гӯйишӣ мо ба ду меъёр такя кардем:

1.Иртиботи гӯйиши бахтиёрӣ бо забони меъёрии форсӣ.

2.Иртиботи гӯйиши бахтиёрӣ бо дигар гӯйишҳои забони форсӣ.

Вақте ки аз мавқеи ин ду меъёр ба таркиби луғавии гӯйиши бахтиёрӣ мутаваҷҷеҳ гардидем, пеши чашм ду гурӯҳи вожаҳо намоён шуда монданд:

1.Вожаҳои умумихалқӣ.

2.Вожаҳои гӯйишӣ.

Вожаҳои умумихалқӣ калимоте мебошанд, ки дар ҳавзаи интишори лаҳҷаи бахтиёрӣ маҳдуд намемонанд, балки дар забони меъёрии имрӯзаи форсӣ ва ҳам дар ҳама гӯйишҳои кунунии манотиқи мухталифи Эрон гардиш хӯрда, муоширати ҳамешагӣ ва саросарии мардуми ин сарзаминро таъмин месозанд ва ба ин васила якҷоя бо хусусиятҳои овозиву дастурӣ аз нигоҳи таборӣ ин лаҳҷаро бо забони меъёрӣ ва

дигар лаҳҷаҳои забони форсӣ алоқаманд месозанд. Аз қабили **падар, модар, бародар, бобо, санг, об кӯҳ, замин, дарахт, мева, себ, ангур, чашма, дарё** ва амсоли инҳо. Аммо вожаҳои гӯйишӣ ин гуна имкониятро надоранд. Онҳо чунин воҳидҳои луғавианд, ки баръакси гурӯҳи якум, танҳо дар доираи густариши лаҳҷаи бахтиёрӣ ва дигар гӯйишҳои ба он наздик ба кор мераванду бас ва тамоми манотиқи интишори забони форсии Эронро фаро гирифта наметавонанд. Барои намуна мо ҳоло аз вожаҳои **обхавс** (замини тахту ҳамворе, ки об ҳама ҷойи онро фаро бигирад), **арда** (ордшуда), **сухр** (сурх), **чос** (ғизое, ки дар нимрӯз хӯранд), **хор** (осон, ба осонӣ), **дувол** (камарбанд), **сарина** (оғоз, мавқеъ) ва амсоли инҳо ёд мекунем, ки мувофиқи маводи андӯхтаи мо онҳо танҳо дар гӯйишӣ бахтиёрӣ мавриди коройӣ қарор доранду бас.

Калимаҳои умумихалқӣ қариб 70%-и таркиби луғавии лаҳҷаи бахтиёриро ташкил дода, тамоми соҳоти фаъолияти аҳолии ин мавзеи таърихиро дар бар мегиранд. Ба ин гурӯҳ на танҳо унсурҳои марбут ба забони форсӣ, балки ба қавли профессор В.С. Расторгуева, он калимаҳои иқтибосие, ки дар забони форсӣ ҳазм гардидаанд (арабӣ, туркӣ, англисӣ ва ғ.), низ дохил мешаванд [1964,149].

Вожаҳои гӯйишӣ аз нигоҳи теъдод бо калимоти умумихалқӣ баробар нестанд, аммо, бо вуҷуди ин, як қабати калони луғати гӯйиши бахтиёрӣ аз ҳамин навъи вожаҳо иборат аст, ки аҳдофи муҳаққиқ, пеш аз ҳама, муайян намудани манобеи зуҳурот, нишонаҳои фарққунанда, муносибати маъной-мавзеӣ ва хелҳои онҳо дар таркиби луғавии лаҳҷаи мазкур мебошад.

Дар мавриди муайян намудани мафҳуми «вожаҳои гӯйишӣ» (диалектизмҳои лексикӣ) мо ба асарҳои олимони маъруфи рус Ф.Б.Филин, Ф.Б.Сороколетов, А.В.Калинин, Н.М.Шанский, В.С.Расторгуева, Д.Э.Розентал, М.А.Теленко-ва, О.И.Блинова ва олимони тоҷик Р.Ғаффоров, Ғ.Ҷӯраев, Ш.Исмоилов, Т.Маҷ судов, Н.Гадоев ва дигарон такя намудем.

Одатан, дар бобати муайян намудани вожаҳои гӯйишӣ, чунон ки гуфта шуд, ду меъёр ба инобат гирифта мешавад: а) муносибати луғати лаҳҷаи тадқиқшаванда бо забони меъёрӣ,б) муносибати луғати лаҳҷаи мавриди тадқиқ бо дигар лаҳҷаҳо.

Ҳангоми баррасии луғати лаҳҷаи бахтиёрӣ аз мавқеи ҳамин ду меъёр ду навъи вожаҳои гӯйишӣ дучор омаданд:

1.Вожаҳои гӯйишии пурра.

2.Вожаҳои гӯйишии нопурра.

Алъон дар ин мақола мо суҳбате дорем сари вожаҳои гӯйишии пурраи гӯйиши бахтиёрии забони форсии Эрон.

Ба гурӯҳи вожаҳои гӯйишии пурра чунин калимаҳоро мебояд шомил сохт, ки аз нигоҳи таркиби овозӣ ва маънӣ хоси лаҳҷа буда, решаҳои онҳо дар забони меъёрӣ ва дигар лаҳҷаҳои забони форсӣ дучор намеоянд ва агар дучор оянд ҳам, аз доираи лаҳҷаҳои ҳамсоя берун намераванд. Масалан, вожаҳои **обёр** (он кас, ки ба зироат об медиҳад), **сарина** (замон, мавқеъ, ҳангом), **қав** (бонг, фарёд), **калот** (қалъа, диж), **вир** (ҳофиза, хотир), **навзин** (аспи ҷавоне, ки тоза ба он зин гузошта бошанд) ва ғайра ҳамин гуна хусусият доранд. Ин намуди вожаҳои гӯйишӣ бештар дар ифодаи номи асбобу анҷоми рӯзгор, ашёи хоҷагӣ, анвои либос, номи анвои ғизо, воҳидҳои ченак, муносибати ашхоси гуногун ва амсоли инҳо ба кор мераванд. Масалан, вожаҳои **гирда** (як навъи нон), **гупол** (гурз), **киро** (арзиш, қимат), **чос** (ғизои нисфирӯзӣ), **дувол** (камарбанд), **мукрӣ** (корвони тоҷирон), **баҳег** (арес), **пист** (ҳар чизи нарм аз ҷинси орд ва биринҷ), **пейидан** (андоза гирифтан), **дав** (дашном, ҳақорат), **воша** (пасванди шабоҳат:-ваш), **имо** (мо), **ишо** (шумо) аз ҳамон қабиланд.

Як теъдоди муайяни вожаҳои гӯйишии пурраи гӯйиши бахтиёрӣ бештар хусусияти мардумӣ зоҳир мекунанд ва онҳо дар ифодаи мафҳумҳои марбут ба суннатҳои мардумӣ, тарзи рӯзгордорӣ, кору пайкори мардум дар зиндагӣ, муносибату муошират соҳибони лаҳҷа мавриди истифода қарор мегиранд. Аз қабили **ҳула** (чӯби дароз,баланд),**оббурда** (фақир, қашшоқ), **дуғв**о (ғизое, ки аз дӯғ ва биринҷ ва каме равған созанд), **хуфта** (лагаде, ки асп ё хар бо ҳар ду по мезананд**), ҳампо** (ҳамроҳ, рафиқи роҳ), **суру** (шохи гов ё гӯсфанд), **даштвон** (нигоҳбони киштзор), **пал** (гесӯи зан), **фъриз** (фарзанд), **доҳул** (хусса, матарсак), **қасил** (алафи сабз барои чорпоён) ва ғайра.

Калимоти гӯйишии пурра аз нигоҳи ҳудуди истеъмол дар як сатҳ қарор дошта наметавонанд. Ба ин маънӣ, агар қисме аз онҳо танҳо дар тангнои густариши гӯйиши бахтиёрӣ мавриди истифода қарор гиранд, қисми дигар аз доираи интишори лаҳҷаи бахтиёрӣ дуртар убур карда, то дигар лаҳҷаҳои ҳамсояи гӯйиши бахтиёрӣ рафта

мерасанд ва дар муоширати ҳамарӯзаи мардум васеъ ба кор мераванд. Бинобар ин, мо дар такя ба рисолаи профессор Ш.Исмоилов, ки ин навъи вожаҳо дар он рисола ба ду гурӯҳ - мухолиф ва ғайримухолиф ҷудо карда шудаанд [Исмоилов 1982,7], калимоти гӯйишии пурраи гӯйиши бахтиёриро ба ду гурӯҳ тасниф менамоем:

1. Ба гурӯҳи якум вожаҳое дохил мешаванд, ки ба ҷуз гӯйиши бахтиёрӣ дар гӯйишҳои дигари форсии Эрон низ мавриди коро̄ қарор доранд. Аз гунаи **танҷ / танҷидан** (фишурдан), **ғов** (фарёд, хурӯш), **дешмун** (дашном, ҳақорат), **хиш** (василае, ки бо он заминро шудгор кунанд), **писа** (дуранг, сиёҳу сафед) ва амсоли инҳо. Ин навъи вожаҳои гӯйишӣ иртиботи табории гӯйиши бахтиёриро бо дигар гӯйишҳои форсии Эрон барқарор намуда, ин ба он далолат мекунад, ки рушди гӯйиши бахтиёрӣ худо аз ин ҳисори дигар гӯйишҳои бо ҳам хеш, ки бунёди забони меъёрии форсии кунунии Эрон такя бар онҳо дорад, идома намеёбад.

2. Ба гурӯҳи дуюм чунин вожаҳои гӯйишӣ метавонанд шомил буда бошанд, ки хатти интишори онҳо аз доираи густариши гӯйиши бахтиёрӣ убур карда наметавонад. Ба ин гурӯҳ вожаҳои зеринро дохил намудан мумкин аст: **паре** (гӯша, канор), **гар** (кӯҳ), **рит** (бараҳна), **нахиз** (камингоҳ), **моза** (миёни ду китф), **буроз** (зебо, зебоӣ), **пист** (ҳар чизи нарм аз қабили орд, ё биринҷ), **сухр** (сурх) ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки зуҳуроти калимоти гӯйишӣ дар ин ё он гӯйиши алоҳида ва ё гӯйишҳои бо ҳам хеш ҳодисаи тасоддуфӣ ва ё берун аз доираи тафаккуру дарки соҳибони худи гӯйиш буда наметавонад. Онҳо, албатта, манбаъҳои зухурот ва омилҳои такомулоту таҳаввулоти худро доранд, ки яке аз он манбаъҳо аз забони меъёрӣ ва умумигуфтугӯӣ бо мурури замон берун афтодану дар нутқи мардуми мавзеъҳои ҷудогона маҳфуз мондани худи вожаҳост. Барои мисол мо ҳоло метавонем калимоти **хор** (осон), **додан** (задан), **қав** (бонг, фарёд), **гав (п**аҳлавон, бародар), **вир** (ҳофиза) ва амсоли инҳоро аз гӯйиши бахтиёрӣ намуна бигирем, ки дар вақташ дар нигоштаи адибони адабиёти классикии форсу тоҷик мавриди коро̄ қарор гирифтаанд, вале оҳиста-оҳиста ба ҳайси меъёри забони адабӣ ҳастии худро аз даст дода, ба сифати вожаи гӯйишӣ ҳоло дар маҳалҳои ҷудогонаи минтақаи бахтиёрӣ ва дигар манотиқи ба он наздик истеъмол меёбанд:

Овоз доданд, ки санг **диҳед,** ҳеҷ кас даст ба санг намекард ва ҳама зор-зор мегиристанд ... (Таърихи Байҳақӣ).

Ту пури **гави** пилтан Рустамӣ,
Зи дастони Сомию аз Найрамӣ.
(Фирдавсӣ)

Қави ҳою ҳуй аз ду лашкар бихост,
Ҷаҳон пур даҳоде шуд аз чапу рост.
(Асадии Тӯсӣ)

Чунон **хораш** аз пушти зин баргирифт,
Ки шоҳу сипоҳ монд андар шигифт.
(Фирдавсӣ)

Бипурсид номаш зи Фаррух Ҳуҷир,
Бад-ӯ гуфт номаш надорам ба **вир.**
(Фирдавсӣ)

Дарвоқеъ, он маъниҳое, ки вожаҳои мазкур дар гӯйиши бахтиёрӣ ифода менамоянд, аз маънии қаблии худ, ки дар осори классикон ба кор рафтаанд ва бо ҳамон маънӣ дар фарҳангномаҳо тасвир ёфтаанд, фарқ надоранд. Инро мо дар мавриди муқоисаи далоили фародаст ба мушоҳида гирифтем.

Ба ин тариқ, луғати гӯйиши бахтиёрӣ аз нигоҳи таркиб хеле мукаммал буда, дар он ҳам вожаҳои умумифорсӣ ва ҳам вожаҳои марбут ба гӯйиши мазкур ғунҷоиш ёфтаанд. Вале қабати аз ҳама муҳими онро калимоте ташкил медиҳанд, ки онҳо танҳо дар доираи густариши гӯйиши бахтиёрӣ мавриди коро̄ қарор доранд ва ин навъи калимот дар адабиёти илмӣ бо номи “калимоти гӯйишии пурра” шинохтаву омӯхта мешаванд [3,8].

А Д А Б И Ё Т

1. Расторгуева В.С.Опыт сравнительного изучения таджикских говоров.-М.,1964.-188 с.
2. Исмоилов Ш.Лексика каратегинского говора.- АКД.- Душанбе, 1982.- 24 с.
3. Неменова Р.Л.,Ҷӯраев Ғ.Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ.-Ҷ.1.-Душанбе,1980,349 с.

4. Исмоилов Ш.Лексика Каратегинского говора.-АКД.-Душанбе,1982.-24 с.
5. Сангинова Р.Лексика канибадамского говора таджикского языка.-АКД.-Душанбе, 2012.- 24 с.

ЛЕКСИКА В ДИАЛЕКТЕ БАХТИЁРИ

В данной статье речь идёт о полных лексических диалектизмах, которые используются в говоре бахтияри персидского языка Ирана. Автор указывает на разнообразие лексических диалектизмов, источники их появления в данном говоре, их семантику и структуру и тематические группы, а также их синонимичное, антономичное и омонимичное отношение.

Ключевые слова: диалектизм, лексические диалектизмы, полные лексические диалектизмы, неполные лексические диалектизмы, говор, семантика, наречие, структура.

THE WORDS OF BAKHTIYORI DIALECT

The article deals with the woқds of Bakhtiyoқi dialect. It should be pointed out that the lexical structure of the Bakhtiyori dialect is very rich and various and it includes the words which are commonly used in today's Persian language as well as. Therefore, the lexis of the local dialects are reviewed less in the Iran linguistics, this term is used in ourresearch firstly and we place the words which have the local properties under that concept, and these words are used only by owner of the Bakhtiyori dialect.

Key words: dialect, Bakhtiyori dialect, lexical structure, language, linguistic, Iran linguistic, research, local properties.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ардашери Сосон*** **–** аспирант ТГПУ им.Садриддина Айни

ВОЖАҲОИ ДИНИИ МИФОЛОГӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ

Ҳ. Элназарова
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Аҳриман, иблис, шайтон. Аҳриман дар «Авесто» ба сурати*Mainyava* омадааст, ки аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст. Ҷузъи аввали вожа angra ба маънои «бад, хабис» ва ҷузъи дуюм, ҳамсон аст, ки дар форсӣ *мину* ё *маниш* шудааст ва маҷмӯан ин калима ба маънои «бадхоҳи биҳишт» ё «хиради хабис ва палид» мебошад [6,135].

Инчунин вожаи мавриди андеша дар забони форсии дарӣ ба гунаҳои Аҳриман, Аҳраман, Аҳроман, Охроман, Охраман, Оҳриман, Аҳран,Оҳран,Оҳрима, Ҳариман ба кор рафтааст. Аммо дар «Шоҳнома» танҳо се шакле аз онҳо Оҳраман, Аҳриман ва Аҳраман ба назар мерасад.Бояд зикр кард, ки Аҳриман дар замони подшоҳии Каюмарс ба шукӯҳу шаҳомати шоҳии ӯ ҳасад бурда, бо Каюмарс ба душманӣ пардохтааст.

Оҳарман:

Ҳама назди ман сар ба сар кофиранд,
В-аз Оҳармани бадкуниш бадтаранд.
(1,222)

Аҳраман:

Аз ин бача чун бачаи Аҳраман,
Сияҳчашму мӯяш ба сони суман.
(1,216)

Аҳриман:

Мар ӯро бибурд Аҳриман дил зи ҷой,
Дигаргуна пеш андаровард рой.
(5,202)

Ҳамон кирм к-аз мағзи Аҳриман аст.,
Ҷаҳонофаринандаро душман аст.
(7,219)

Дев – мавҷудоти афсонавии бадҳайбату бузургҷусса. Дев-вожаи қадима буда, то имрӯз дар забони форсӣ –тоҷикӣ бо каме тафовути овозӣ ҳифз шудааст. Чунончи, ин вожа дар паҳлавӣ ба гунаи *dev*, дар авестоӣ *daēva*, ҳиндии бостон *dēva* корбурд доштааст. Вожаи *dev* дар қадим ба гурӯҳе аз парвардигорони (худоёни) ориёӣ шинохта

мешудааст. Аммо пас аз зуҳури Зардушт ва муаррифии Аҳуромаздо парвардигорони аҳди қадим ё девон гумроҳкунандагон ва шаётин хонда шуданд, вале калима ё мафҳуми дев дар назди ҳамаи аҳвоми ҳиндуаврупоӣ ба истиснои эрониён маънои аслии худро нигоҳ доштааст. Мафҳуми dēva назди ҳиндувон ҳанӯз ҳам ба маънои Худо мебошад. Инчунин Зевс (Zeus) номи парвардигори бузурги юнонӣ ва dues парвардигори лотинӣ ва dieu дар франсавӣ аз ҳамин реша аст [7; 6,393]. Дар «Шоҳнома» фъолияти девон ва париён бо достони «Каюмарс» ва кушта шудани Сиёмак оғоз мешавад. Баъдан Таҳмурас девонро ба корҳои мухталиф вомедорад. Сипас Заҳҳок мехоҳад лашкаре аз деву парӣ фароҳам оварад ва онҳоро бо мардумон даромезад ва ба ҷанги Фаридун равад.Аммо ҳузури девон дар «Шоҳнома» дар давраи паҳлавонии Рустам бештар ба мушоҳида мерасад. Фирдавсӣ баъзан девонро ҷовидон мехонад, вале аз ин мафҳум дар мавридҳои зиёд ба сурати тасвирӣ истифода мекунад.

Пуровозатарин дев дар «Шоҳнома» Деви Сапед мебошад, ки саркардаи девони Мозандарон будааст.

Даридам ҷигаргоҳи Деви Сапед,
Надорад бад-ӯ шоҳ аз ин пас умед.
(2,84)
Ҳамегуфт ин гуна Деви Сапед,
Ҳамедод, дилро бад-он сон навид.
(2,82)
Пизишкон, ки диданд карданд умед,
Ба хуни дилу мағзи Деви Сапед.(2,78)

Номҳои эронӣ бо шумули номҳои олиҳаҳо бахши махсус мебошанд, ки идомаи онҳо дар забони авестоӣ мутобиқи назари зардуштӣ сурат гирифтааст. Ҳамин тавзеҳ баъдан вориди забонҳои даврони баъд гардид. Ин нукта бахусус ба вожагони аҳриманӣ робита дорад, ки бо олиҳаҳо, чеҳраҳо, воқеаҳо ва аъмолу мафҳумҳои манфӣ баробар буданд. Ин ки ин вожаҳо мутобиқи маънои аслӣ бо калимаҳои маъмулӣ баёнгари он мафҳумҳои мутародиф мебошанд, аммо ба таври ошкор бозтоби маънои манфӣ доранд. Дар канори ин дар идомаи чунин вожа дар забонҳои дигар марбут ба даврони баъдӣ чунин маънои манфӣ метавонад вуҷуд надошта бошад. Зеро ин вожаҳо дар даврони зардуштӣ бозтоби манфӣ пайдо кардаанд.

Ин нукта қабл аз ҳама ба истилоҳи *daiца робита дорад, ки дар забони эронӣ маънои «Худо,олиҳа»-ро дошт ва фақат баъдан бо мазҳаби зардуштӣ ва соири адён дорои маънои «Худо,олиҳа» дошт ва фақат баъдан бо мазҳаби зардуштӣ ва соири адён дорои маънои «олиҳаи дурӯғин, олиҳаи бадӣ – «дев,аҳриман» гардид.

Дар забонҳои эронии шарқӣ зоҳиран зери таъсири фолклор ва дини ҳоким асосан маъноӣ дуюм ривоҷ ёфтааст. Масалан, дар форсии миёна ва форсии классикӣ *dēv* ба маъноӣ «дев, шайтон,аҳриман»; **суғдӣ буддоӣ** *δyw*, **масехӣ** *dyw[δēw]* «дурӯғин, ғайри қобили эътиқод», **яғнобӣ** dew, *dev;* **хоразмӣ** δyw; **мунҷӣ** liw 1.бад, дев**; шуғнонӣ** *δew* шайтон; 2.беқарор, ҷинзада, беақл, маҷнун; **рӯшонӣ, хуфӣ, бартангӣ, рошорвӣ** *δēw;* - **язғуломӣ** δiw”дев”, **ишкошимӣ** *dew,* ҷин; **санглечӣ** *lew* дев, девона, **вахонӣ** *liv, lew* дев, девона [Эделман,2010,22].

Инчунин дар боварҳои мардуми сокинони минтақаҳои кӯҳистони Осиёи Миёна ҳанӯз ҳам симои малакутии бостонӣ зиндааст, ки бозтоби он «Деви Сафед», яъне тасвири зани сафед бо либоси сафед аст, ки мисли хонум «Пораскево Ҷумъа»-и масехӣ нигаҳбони занони ресанда мебошад [Андреев, 1925-1927,1958,1970]. Вуҷуди нишони худоӣ дар номи **daieца* барои гӯйиши скифӣ, ки аслан, барои дини зардуштӣ бегона буданд, низ хос аст. Барои ҳамин дар забони осетинӣ дар ҳамосаи нортӣ *Avdiwad* вожае, ки аз ин реша сохта шудааст, на ба шайтон ва аҳриман, балки ба олиҳаҳои нек мансуб аст [Абаев. Избр. 1990,43,47]. Дар заминаи вуруди симои дев ба унвони яке аз олиҳаҳо аз скифӣ ба славянӣ дар бораи тафсили таҳаввули *daiца* муроҷиат шавад ба [ЭСИЯ,2.306-310].Бояд гуфт,ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ дар баъзе маврид мардуми бадро ба дев ташбеҳ додааст:

Ту м-ар девро мардуми бад шинос,
Касе, к-ӯ надорад, зи Яздон сипос.

Ҳар он к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар машмараш з-одамӣ.

Симурғ. Симурғ номи парандаи афсонавиест, ки он бештар дар афсонаҳо, бавижа дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мавқеи махсусро дошта маънои асотириро касб кардааст. Ин вожа аз нигоҳи сохтор мураккаб буда, аз ду ҷузъ: Си ва мурғ таркиб ёфтааст, ки дар асл *Sen – morg* будааст:

Бад он ҷой Симурғро лона буд,
Ки он хона аз халқ бегона буд.

Бояд зикр кард, ки ин ном бунёди асили форсӣ – тоҷикӣ дошта, дар забонҳои куҳан ба суратҳои гуногун мустаъмал буда, аз нигоҳи решашиносӣ дорои бунёди ягона мебошанд. Масалан, номи Симурғ дар «Авесто» ба гунаи Saena ва дар паҳлавӣ дар шакли *Sênmuru* роиҷ буда, дар санскрит ба сурати Suena ба кор мерафтааст. Дар озарӣ дар шакли *Sain,* танҳо дар таркиби *Sainqal'a* «صائن قلعه» боқӣ мондааст. Дар забони арманӣ низ гунаи *Sin* мустаъмал аст [7,425-427].

Дар асотири Чин низ аз парандае ба номи *Sien-Ho* ёд шудааст, ки нақши шигифтангез ва муъҷизаосо дорад [Эрон ва Чини бостон,1353,37].

Ба андешае Симурғ маънои «мурғи оҳанӣ»-ро медиҳад. Барои он ки ҷузъи аввал *Simuru* дар паҳлавӣ *Sin* ба маънои «оҳан» низ истифода мешудааст. Манзур аз он сафинаи фазонавард будааст, ки дар он ҳангомҳо ба нуқтае аз Эронзамин нишастааст [Бунёди Нишобур, 1358, 198]. Ҷойи дигар гуфта мешавад, ки *Sinmuru* дар асл номе барои кабки дарӣ буда, зеро ҳамчунон ки дар байни чорпоён судмандтарини онҳо асп ва гов мавриди ниёишанд, ногузир аз миёни парандагон ҳалолгӯшт ва ҳам шукӯҳмандтарини онҳо кабки дарӣ мебошад.

Инчунин аз *Saena* дар «Авесто» ба унвони номи ашхос ҳам ёд шудааст. Дар банди 97 фарвардин омадааст: «Сасна нахустин касе аст, ки бо сад нафар пайрав бар рӯйи ин замин ба сар бурд». Ин *Saena* ҳамон аст, ки ба гуфтаи Динкард сад сол пас аз зуҳури дини Зардушт таваллуд шуда ва дусад сол пас аз он даргузаштааст. Дар фарҳангҳои форсӣ Симурғ ҳамчун номи ҳаким ва доное буда шояд *saena* -и порсо ва донное, ки дар банди 97-и фарвардини Яшт мундариҷ аст, маъхази дуюмин маънии Симурғ фарҳангҳо мебошад. Исми хоси Синдухт, ки дар «Шоҳнома» омадааст, *Saena*-и авестоист [Яштҳо, 575].

Номидани як инсони фавқулодда ва як мурғи фавқулодда бо ин калима нишондиҳандаи он мебошад, ки аз назари дастури забон, маънои сифатии ин вожа дар «Авесто» ва «Динкард» ва ҳатто «Шоҳнома» ошкортар аз маънои исмии он буда, шояд ҳадаф аз ин вожа баёни сифати рӯҳоният ва метафизики он мурғ ва он ҳаким будааст.

Чуноне аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маълум мешавад, Симурғ мавҷуди некӯкор аст ва метавон аз он дар ин маврид ёд кард.

1. Вақте ки Зол ба назди Сом баргашт, Симурғ пари худро ба вай дод, то ҳангоми сахтӣ онро ба оташ афканад ва ба ёрии Зол шитобад.

2. Инчунин аз Симурғ дар «Шоҳнома» чун пизишки доно ёд шудааст. Масалан, вақте Рӯдоба аз дарди таваллуд дар азоб буд, Симурғ ба ёрии Зол меояд ва равиши зодани Рустамро ба мубади хирадманде меомӯзонад.

3. Симурғ дар ҷанг миёни Рустам ва Исфандиёр низ ба ёрии Рустам омада, ба ӯро кумак мекунад. Ӯ ба Рустам ёд медиҳад, ки бояд чӣ гуна тири дусар дуруст кунад ва баъд ба ҷанги Исфандиёр равад:

Нигаҳ кард Зол он гаҳе аз фароз,
Зи Симурғ дидаш ҳаво пуртароз.
(6,391)

Чу Симурғ дид Зол аз фароз,
Сутудаш фаровону бурдаш намоз.
(6,391)

Бад ӯ гуфт Симурғ: «Шоҳо чӣ буд
Ки омад бад ин сон ниёзат ба дуд?»
(6,391)

Тани Зол Симурғ падруд кард,
Аз ӯ тор в-аз хештан пуд кард.
(6,397)

Ҳамин тавр Симурғро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ ҳамчун парандаи далер, бузургпайкар,сухангӯ, чорачӯю накӯкор, ки бар ситеғи кӯҳи Албурз ошён дошт, васф кардааст.

Ба ҷое, ки Симурғ хона буд,
Бад он хона ин хирад бегона буд.
Ки Симурғ хонад варо корчӯй,
Чу паррандакӯҳест пайкорчӯй.
(6,228)
Агар бозгардӣ ба вай судманд,
Наёзӣ ба Симурғу кӯҳи баланд.
(6,228)
Сари ҷангчӯён сипаҳ баргирифт,
Суханҳои Симурғ дар сар гирифт.
(6,229)
Чу Симурғ аз кӯҳ сандуқ дид,
Пасаш лашкару нолаи бӯқ дид.(6,229)

Парӣ. Бори нахуст вожаи «парӣ» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳангоме ба мушоҳида мерасад, ки Парӣ дар сипоҳи Каюмарс бо Аҳриман ва сипоҳи ӯ барои гирифтани интиқоми хуни Сиёмак меҷангад. Дар мавридҳои дигар дар «Шоҳнома» ба гунаҳои тасвирӣ барои занону мардон ва чеҳраи онон ба кор рафтааст. Инчунин гоҳе ба назар мерасад, ки некхоҳӣ дар чеҳраи париён бар Фаридун зоҳир мешавад ва париён аз Ҷамшед фармонбардорӣ мекунанд.Вожаи парӣ дар забони форсӣ бозмондаи калимаи авестои **Pairikā** будааст. Ин вожа дар паҳлавӣ ба гунаи **Parik** ва дар форси миёнаи турфонӣ дар шакли **parig** ба мушоҳида мерасад. Дар забони суғдӣ ба сурати **pryk** роиҷ буда, дар забони арманӣ бошад шакли паҳлавии он, яъне **parik** айнан боқӣ мондааст.

Вожа «парӣ»-ро зани бегона ва ғариба маънӣ кардаанд, ки ин албатта, як фарзия аст. Инчунин ин вожаро аз решаи ҳиндуаврупоии ***pele** муштаҷ донистаанд [6,248].

Аз нақлу ривоятҳо медонем, ки парӣ як мавҷуди афсонавӣ ва асотирист. Имрӯз низ байни мардуми тоҷик ин вожа мустаъмал аст ва дар ҳамон шакл ба кор меравад, ки онро мавҷуди поку ноаён маънӣ ва шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Гӯё ӯ дар ҳусну ҷамол бисёр зебост ва барои ҳамин чунин номгузорӣ шудааст. Парӣ мавҷуде аст шабеҳи инсон латиф,бисёр зебо. Дар «Авесто» парӣ ҷинси занонаи ҷоду маҳсуб шудааст, ки аз тарафи Аҳриман гумошта шудааст, то пайравони Маздиясноро аз роҳи рост мунҳариф созад.

Бинобар ин, вожаи мавриди пажӯҳиш аз мадди назари Фирдавсӣ бебаҳра намондааст ва баръакс дар «Шоҳнома» корбурди фаровон дорад:

Якояк биёмад ҳуҷаста Сурӯш,
Ба сони парии палангинапӯш.

Ё ин ки:

Парӣ як ба як зи Аҳраман кард ёд,
Миёни саворон даромад чу бод.(ФНШ,248-249).

Ҳамчунин дар «Шоҳнома» бо вожаи «парӣ» таркибҳои зиёде сохта шудааст, ки иборатанд аз: парипайкар, паричеҳр, паричеҳра парирух, парирӯй, паризод.

Ба таври куллӣ дар «Шоҳнома» аз парӣ ба унвони мавҷуди зебо ва афсунгар ёд шудааст. Бояд зикр кард, ки дар достони Каюмарс чуноне дар байти ёд шуда омадаст, Сурӯш монанди як парӣ бар Каюмарс падидор шуд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки дар «Шоҳнома» вожаи парӣ ба ғайр аз зебоӣ ва афсунгоҳе, ба унвони мавҷуди накӯкор низ ёд шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома», ҷилди якум, Душанбе, 1987
2. Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома», ҷилди дуюм, Душанбе, 1987
3. Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома», ҷилди панҷум, Душанбе, 1988
4. Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома», ҷилди шашум, Душанбе, 1989
5. Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома», ҷилди ҳафтум, Душанбе, 1989.
6. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома» номи касон ва ҷойҳо, Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ (Бежан),нашрияи Балх,1377.
7. Фаҳанги «Шоҳнома» 1377,425-427.

УПОТРЕБЛЕНИЕ РЕЛИГИОЗНЫХ И МИФОЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье рассматриваются термины и выражения, которые использовал великий поэт Востока Абулькасим Фирдоуси в своей бессмертном произведении«Шахнаме».Известно, что в «Шахнаме» помимо

исторических литературных, повестовательных эпических и героических сведений имеется и большое количество религиозных терминов.Анализируются слова и выражения, смысл которых до сих пор не потеряли своё значение и употребляются в современном персидско – таджикском языке.

Ключевые слова: Ахриман, иблис-шайтан, симург, ангел, Суруш, чудовище, словосочетание, язык, «Шахнаме», Фирдоуси, пери.

RELIGIOUS TERMINOLOGIES IN SHAHNAME FIRDOUSI

In this article the terminologies and expressions are discussed which have been used by the great poet Abulkasim Firdausi in his eternal book “Shahname”.

It is known that in “Shahname” except of historical, literature, epic and heroic information many religious.

The words and expressions are analyzed in this article which did not loose their meaning until now and are widely used in modern Persian language.

Key words: combination, lexicon, Ahriman, Shaytan Iblis, Simurgh, an angel, surush monster, the phrase, the language of "Shahnameh", Ferdowsi, peri.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Х.Эльназарова*** – соискатель ХГУ им.М. Назаршоева. Телефон: **93 407 24 99.**

МАСЪАЛАИ ҶАҲОНБИНИИ ҶОМӢ ДАР МАСНАВИҲОИ “ҲАФТ АВРАНГ”

М.Низомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масоили ҷаҳонбинии Мавлоно Ҷомӣ - яке аз шоирони маъруфи садаи XV, ки аз ҷониби баъзе муаллифони асрҳои миёна ба баъд мартабаи хотамушшуарой насибаш гардидааст, дар се бахш мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт:

1. Муносибат ба дин ва мазҳаб.
2. Муносибат ба фалсафа.
3. Муносибат ба тасаввуф ва ирфон.

1. **Эътиқодоти динию мазҳабӣ**. Дар масъалаи аввал, яъне муносибати Мавлоно Ҷомӣ ба масоили динӣ, минҷумла мазҳаб бояд гуфт, ки вай пайрави мазҳаби ҳанафӣ будааст. Ин нуктаро аксари муаллифони сарчашмаҳои асрҳои миёна ба таъхир, яъне баъд аз асри XV ва донишмандони асрҳои охир, ҳамчунин худи Мавлоно Ҷомӣ дар осораш қайд ва тасдиқ кардаанд. Дигар ин, ки Мавлоно Ҷомӣ пайрави тариқаи Нақшбандия буд ва аксари кулли пайравони ин силсила аҳли суннат ва ҷамоат будаанд. Худи Ҷомӣ низ ба ин масъала дар “Нафаҳот-ул-унс” ишора карда менависад: “ Тариқаи эшон эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат аст ва итоати аҳкоми шариат ва иттабои сунани Сайидулмурсалин ва давоми убудият, ки иборат аст, аз давоми огоҳӣ ба ҷаноби Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло бе музоҳимати шуур ба вуҷуди ғайре” [8, 416].

Дар поёни дафтари аввали “Силсилат-уз-заҳаб” Мавлоно Ҷомӣ манзумае дорад бо унвони “Эътиқоднома”, ки тибқи ишорати шоир бо хоҳиши писари Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор- сӯфӣ ва орифи замони худ навиштааст. Ин манзума, ки мубтанӣ бар усули ақоиди исломист, муҳимтарин масоили эътиқодии мусулмониро бар асоси мазҳаби ҳанафӣ дар бар мегирад. Худи шоир ба ин ишора карда мегӯяд:

Номае буд бас азим-уш-шон,
Қуръат-ул-айни Хоҷа мурсали он.
Ҳосили нома он, ки мебояд
Чанд байте равон ба назм ояд.
Дар баёни ақоиди ислом,
Кофӣ андар баёни ону тамом.
Он ақоид, ки забташ осон аст,
В-анадр он хосу ом яксон аст.
Ҳар ки ҳаст аҳли суннату диндор,
Бошад ӯро зи ҳифзи он ночор (6,234).

Дар байти охир шоир сареҳан ишорат мекунад, ки “Эътиқоднома”-ро бар мабнои мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат навиштааст ва хоҳиши фарзанди Хоҷа Аҳрор низ ҳамин будааст.

Бояд қайд кард, ки дар замони Ҷомӣ мазҳаби шиа рӯ ба ривоҷ дошт ва сӯфиёни сафавӣ бар либоси сӯфия ба муборизаи мазҳабӣ бархоста буданд. Аз ҳамин лиҳоз донишмандону равшанфикрони ҳанафимазҳаб низ барои ҳифзу нигаҳдошти мазҳаби худ талош доштанд. Дар ин маврид Нақиб Моили Ҳирмавӣ менависад: “Албатта, аз он ҷо, ки наҳзати сӯфиёни сафавии асри Хоҷа Алии Сиёҳпӯш бо ҷомаи ташайюъ зоҳир шуда буд ва осори он дар даҳаҳои нимаи дуюми асри 9 ҳ.қ.(15м.) ба Хуросон сироят карда буд, падидаи мазҳаб яке аз тааллуқоти зеҳнии аср маҳсуб мешуд ва арбоби улуми манқул-хосса донишварони ҳанафимазҳаб саъй бар ғалабаи унсури мазҳаби ҳанафӣ дар ҳавзаи қудрати темурзодагон ва дар муҳити иҷтимоии Ҷомӣ доштанд ва яке аз машғалаҳои фикрии Ҷомӣ ҳам дифоъ аз унсури ҳанафӣ буд” [5, 21]. Ва маълум аст, ки ҳадафи Ҷомӣ аз таълифи “Эътиқоднома” дифоъ аз мазҳаби ҳанафӣ буд.

Аммо қайд бояд кард, ки дар он муборизаҳои ниҳону ошкори мазҳабӣ Мавлоно Ҷомӣ аз таассуб парҳез намуда, дар бисёр маворид ба ин масъала ишорат намудааст:

Эй муғбачаи даҳр, бидеҳ оби маям,
К-омад зи низои суннию шиа қаям.
Гӯянд, ки Ҷомиё, чӣ мазҳаб дорӣ,
Сад шукр, ки сагсунию харшиа наям.

Вале ҳанӯз аз замони зиндагиаш Мавлоно Ҷомӣ мавриди накӯҳишу мазаммати аҳли шиа қарор гирифта буд. Тавре ки маълум аст, Мавлоно Ҷомӣ соли 1472 ба сафари

ҳиҷоз бо нияти зиёрати хонаи каъба баромад ва дар роҳи сафар дар Бағдод қарор гирифт. Дар ин ҷо издиҳоми шииён бар Ҷомӣ шӯриданд ва аз “Силсилат-уз-заҳаб” абётеро, ки бар интиқоди рофизиён ва шииён мунҷар буданд, хонда, изҳори норизоӣ карданд.

Ин норизоии шииёни Бағдод ба абёте дахл доранд, ки ба интиқоди рафзу рофизиён ва падари Хазрати Алӣ Абутолиб бахшида шудаанд. Дар маснавии “Силсилат-уз-заҳаб” Мавлоно Ҷомӣ менависад:

Ҳар киро рафз хулқ шуд, халақ аст,
На халақ, балки нанги мо халақ аст.
Буд Бӯтолиб, он тиҳӣ зи талаб,
Мар набиро аму Алиро аб.
Хеши наздик буд бо эшон,
Нисбати дин наёфт бо хешон.
Ҳеҷ суде надошт он насабаш,
Шуд мақар дар сақар чу Булаҳабаш (5,119).

Ҳанӯз аз асри 16 сар карда, бо ин абёт мавриди интиқоди адибону олимони шиамазҳаб қарор гирифт. Чунончи, Қозӣ Мир Ҳусайни Шофеии Яздӣ (асри 16) ин қитъаро дар мазаммати Ҷомӣ сурудааст:

Он имоми ба ҳақ валии Худо,
К-Асадуллоҳи Ғолибаш хонӣ.
Ду кас ӯро ба ҷон биёзурданд.
Яке аз адлаҳӣ, як аз хомӣ.
Ҳар дуро ном Абдурраҳмон аст:
Он яке Мулҷам, он яке Ҷомӣ (2, 142).

Ин қитъа шеър маълум аст, ки ба сабаби сурудани абёти мазкур дар “Силсилат-уз-заҳаб” гуфта шудааст. Бояд қайд кард, ки ислом наовардани Абӯтолиб-падари Алӣ фақат сохтаю пардохтаи Мавлоно Ҷомӣ нест, балки пеш аз ӯ мавлонои Румӣ ва Ибни Арабӣ низ ба ин нукта ишора кардаанд. Аз ҷумла, Мавлоно дар “Маснавӣ” гуфтааст:

Худ яке Бӯтолиб он амми расул,
Менамудаш шунъаи урбон маҳул.
Ки чӣ гӯяндам араб, к-аз тифли х(в)ад
Ӯ бигардонид дини муътамад.
Гуфташ: -Эй ам, як шаҳодат ту бигӯ,
То кунам бо Ҳақ хусумат баҳри ту.

Гуфт: -Лекин фош гардад аз самоъ,
Куллу сиррин ҷовазалиснайни шоъ.
Ман бимонам дар забони ин араб,
Пеши эшон хор гардам з-ин сабаб.
Лек гар будиш лутфи мо сабақ,
Кай будӣ ин баддилӣ бо ҷазби Ҳақ (4, 794).

Шояд маъхази Ҷомӣ низ ҳамин абёти Мавлоно ва ё гуфтаҳои Ибни Арабӣ бошад. Вале дар мубоҳисае, ки бо аҳли ташайюъи Бағдод сурат мегирад, Мавлоно ба онҳо хитоб мекунад: “Чун дар назми “Сисилат-уз-заҳаб” ҳазрати Амир ва авлоди бузургвори эшонро ситоиш кардем, аз сунниёни хуросон ҳаросон будем, ки ногоҳ моро ба рафз нисбат накунанд, чӣ донистем, ки дар Бағдод ба ҷафои равофиз мубтало хоҳем шуд?” [1, 154]. Маълум мешавад, ки Мавлоно Ҷомӣ як навъ аз тангназариҳои мазҳабӣ дар таамул будааст, вале ба ҳар сурат дар миёнаи тӯдаи ин тангназарон мавқеи миёнаравро дошт ва бо ҳеҷ яке аз ин ду гурӯҳ ҳамовозӣ надошт.

2. **Фалсафаситезӣ.** Мавлоно Ҷомӣ ба фалсафа ва файласуфон тибқи суннати маъмул миёни аҳли шаръ ва ирфон назари мусбат надошт. Дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун” мегӯяд:

Чун фалсафиёни динбарандоз
Аз фалсафа кори дин макун соз.
Пеши ту рамузи осмонӣ
Афсуни заминиён чӣ хонӣ.
Ясриб ин ҷо машав чу дунон,
Иксир талаб зи хоки Юнон (7, 403).

Дар мавриди Ибни Сино дар маснавии “Туҳфат-ул-аҳрор” мегӯяд:

Нури дил аз синаи Сино маҷӯй,
Равшанӣ аз чашми нобино маҷӯй.
Ҷониби куфр аст “Ишорот”-и ӯ,
Боиси хавф аст башороти ӯ.
Фикри “Шифо”-яш ҳама беморӣ аст,
Майли “Наҷот”-аш зи гирифторӣ аст.
Қоидаи тиб, ки ба “Қонун” ниҳод,
Пой на аз қоида берун ниҳод.
Лек ниҳон сохт бар аҳли талаб,
Рӯйи мусаббаб ба ҳиҷоби сабаб.
Хосияти илм сабабсӯзӣ аст,
Шеваи ҷоҳил сабабомӯзӣ аст (6, 526).

Ин андешаҳои интиқодии Ҷомӣ дар боби фалсафа ва файласуфон, аз ҷумла Ибни Сино бештар ба файласуфони юнонӣ ва пайравони онҳо дар Шарқ, чун Форобӣ ва Ибни Сино марбут аст, ки бо таъсири аҳли шаръ ва орифони асрҳои пешин, чун Саноӣ, Аттори Нишопурӣ ва Мавлонои Румӣ рӯйи коғаз омадаанд.

3.Ҷомӣ ва тасаввуфу ирфон. Дар марҳилаи дувум, пас аз таҳсили мадрасаву такмили дониш назди донишмандони машҳури Самарқанд, Мавлоно Ҷомӣ ба Ҳирот баргашта, дасти иродат ба домани Шайх Саъдуддини Кошғарӣ зад ва муддате ба риёзату муҷоҳидат дар касби мақомоти ирфонӣ машғул шуд. Дар ин маврид муридони мухлисони Мавлоно Ҷомӣ ривоятҳое сохтаву пардохтаанд (ишқи бебарор дар Ҳирот, бозгашт ба Самарқанд, хоб дидани Кошғарӣ...). Вале аз ин кори Ҷомӣ донишмандони замон ҳайрон ва то ҳадде норозӣ буданд, вале бузургони Нақшбандия аз ин шод шуданд. Чунончи, Шайх Кошғарӣ пайвастани Ҷомиро ба тариқати хоҷагон миннати Илоҳӣ дониста, мартабаи донишмандии ӯро қадр мекард ва фармуд, ки “имрӯз шаҳбозе ба дом афтод, ки дар ҳама олам касе нест, ки паҳлӯи вай нишинад” [5, 221]. Ҳамчунин ба ривояти Фахриддин Алии Сафӣ мударриси маъруф Абдурраҳими Кошғарӣ гуфтааст: “То мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ тарки муомила накаданд ва рӯй ба тариқи сӯфия наёварданд, моро яқин нашуд, ки беҳтар аз мутолиа ва таҳсили улуми расмӣ коре дигар мебошад ва фавқи мартабаи донишмандӣ амре дигар мебудааст, вақте вай тариқаи дарвешон (Хоҷагон) ихтиёр кард, бартарии ин тариқат маълум шуд” [1,153]. Бинобар ин, пешвоёни пайравони Нақшбандия аз вуруди Ҷомӣ ба ҳалқаи эшон шоду муфтахар буданд. Пас аз фавти Кошғарӣ Мавлоно Ҷомӣ чун ҷонишин бар маснади пешвоии ин тариқа дар Ҳирот нишаст, вале “таҳаммул бо шайхӣ надорам”- гуфта, аз масъулияти тарбияти муридон дурӣ меҷуст.

Баъди вафоти Кошғарӣ пири суҳбати Мавлоно Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор машҳур ба Хоҷа Аҳрори Валӣ буд. Ихлос ва алоқаи Ҷомӣ ба Аҳрори Валӣ ба ҳадде буд, ки маснавии “Туҳфат-ул-аҳрор”-ро ба ӯ бахшид ва дар осори дигари худ аз ӯ бисёр ёд кардааст. Ба ҷуз ин ду нафар пирони тариқат ва суҳбат Мавлоно Ҷомӣ аз бузургони дигари тариқати Нақшбандия, чун Баҳоуддини Нақшбанд, Мавлоно Низомуддини Хомӯш, Хоҷа Алоуддини Аттор, Хоҷа Муҳамади Порсо, Сайид амири Кулол ва дигарон дар “Нафаҳот” ва дигар осори худ ёдоварӣ ва суханони онҳоро шарҳу тафсир кардааст.

Бо ин ҳама тавре ки аз осори ӯ бармеояд, ба ин силсила иродату муҳаббати хос дошт ва “кулли рисолот ва кутубе, ки Мавлоно Ҷомӣ дар тасаввуф таълиф кардааст, бар сабку равия ва таълимоти Нақшбандия аст” [2, 151]. Мавлоно Ҷомӣ доир ба ин силсила рисолаи хурде бо номи “Рисолаи шароити зикр” ё худ “Рисолаи тариқи хоҷагон”-ро навиштааст.

Бояд қайд кард, ки муассисону пешвоёни силсилаи Нақшбандия ташаббусеро, ки Ғаззолӣ пештар дар амри наздик кардани тасаввуф ва ирфон бо шариат анҷом дода буд, идома доданд. Дар амри робитаи ин силсила бо ҷомеа аввалан хидмати Абдулхолиқи Ғиждувонӣ бузург аст ва баъдан Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд низ ин иқдомро пайгирӣ ва устувор кард. Чунончи, Хоҷа Баҳоуддин мефармояд: “Тариқати мо муҳаббат аст, дар хилват шуҳрат аст, дар шуҳрат офат аст, пас хайрият дар ҷамъият аст ва ҷамъият дар суҳбат аст” [8, 416].

Ин силсила дар миёни тариқатҳои мутааддиди сӯфия бештар ҷанбаи иҷтимоӣ дорад. Бузургони ин силсила барои рафъи ноадолатию зулм бар раият ва анҷоми муассири амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар бо салотин ва давлатдорон робитаи устувор

барқарор намуданд. Аз ин рӯ, пешвоёни ин силсила дар замони ҳукумати Темуриён иртибот бо салотину ҳокимонро як вазифаи иҷтимоии худ медонистанд.

Усул ва таълимоти Нақшбандия бар ҳашт поя бунёд ёфтааст, ки бо таъбироти зайл ифода ёфтаанд: ҳуш дар дам, хилват дар анҷуман, сафар дар ватан, назар дар қадам, ёдкард, бозгашт, нигаҳдошт, ёддошт. Ин усулҳои бунёдии силсилаи Нақшбандия дар осори пешвоёну пайравони он бо вузӯҳ ва ишороат зикр шудаанд. Мавлоно Ҷомӣ низ дар маснавии "Туҳфат-ул-аҳрор" ин асосҳои таълимии Нақшбандияро дар фасли "Дар манқабати Хоҷа Баҳоулмиллата ва дин "чунин баён кардааст:

Роҳнамои сафар андар ватан,
Хилватии доираи анҷуман.
Кам зада бе ҳамдамии ҳуш дам,
Дарнагузашта назараш аз қадам.
Баски зи худ карда ба суръат сафар,
Бознамонда қадамаш аз назар.
Вақти таваҷҷуҳ шуд хам чун камон,
Аз чилаи хилватиён баркарон...(6, 485).

Усули асосии таълимоти Нақшбандия иборат аз тобеияти комил аз суннати паёмбар (с) дар амал ва эътиқод ба аҳли суннат ва ҷамоат аст. Мавлоно Ҷомӣ дар "Нафаҳот" ба ин пояи бунёдии таълимоти нақшбандия ишора карда менависад: " Тариқаи эшон эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат аст ва итоати аҳкоми шариат ва иттабои сунани Сайидулмурсалин ва давоми убудият, ки иборат аст аз давоми огоҳӣ ба ҷаноби Ҳақ субҳонаҳу ва таоло бе музоҳимати шуур ба вуҷуди ғайре" [8, 416].

Бинбар ин, пешвоёни Нақшбандия пайравони худро аз бидъат дур нигоҳ медоштанд. Онҳо дар сайру сулук ва касби мақомоти сӯфия муридонро аз худнамоию риёкорӣ барҳазар медоштанд. Чунончи, ба ҷои зикри ҷалӣ, яъне ошкор зикри хуфя, яъне пинҳонро талқин мекарданд, зеро дар зикри ошкор гоҳо осори риёву худнамоӣ зоҳир мешуд ва иҷтимоъро аз худ мерамонд.Мавлоно Ҷомӣ низ ҳамин амр, яъне зикри хуфяро тарғибу талқин намуда, онро бар зикри ҷаҳр тарҷеҳ медиҳад. Чунончи, дар маснавии "Силсилат-уз-заҳаб", ки аввалин маснавии шоир аст ва Ҷомӣ дафтари аввали достонро бо таъсир ва барои таблиғи оро ва ақоиди нақшбандия навиштааст, дар ин бора менависад:

Зикр ганҷ асту ганҷ пинҳон беҳ,
Ҷаҳд кун, доди ганҷи пинҳон деҳ.
Ба забон гунг шав, ба лаб хомӯш,
Нест маҳрам дар ин муомила гӯш... (6, 80).

Ҷомӣ масъалаи зикри хуфяро дар "Рисолаи шароити зикр", маснавии "Туҳфат-ул-аҳрор", дар баъзе рубоиёт ва охири Рисолаи "Шарҳи рубоиёт" аз рӯйи таълимоти Кошғарӣ матраҳ кардааст. Зикри як нукта баҷост, ки Мавлоно Ҷомӣ маснависароиро бо "Силсилат-уз-заҳаб" оғоз бахшида, аз ишораи ӯ дар "Туҳфат-ул-аҳрор" зимни зикри Хоҷа Баҳоуддин ва Хоҷа Аҳрор маълум мешавад, ки номи ин асарро бо таъсири силсилаи хоҷагон гузрштааст:

Ҳаст ба он каъбаи сидқу савоб
Силсилашон силсилаи зарратоб.
Афканад овозаи ин силсила
Дар сафи шерони ҷаҳон зилзила (6, 486).

Дигар нуктаи таълимоти Накшбандия пинҳон доштани ибодот ва парҳез рақсу самоъ, ваҷду тавоҷид мебошад. Дар ҳамин маснавӣ Ҷомӣ ба накӯҳиши рақсу самоъ ва аҳли он пардохтааст:

Рақси ноқис ба сӯйи нақс бувад,
Ҷунбиши комилон на рақс бувад.
Гарчи ҳар рӯз як садову нидо,
Ба ҳавои самоъ ҷаста зи ҷо.
На зи анвори зикрашон шараре,
На зи ҳоли самоашон асаре.
Ҳосили зикр дарди гардану сар,
Асари рақс заъфи пушту камар (6, 85).

Ҳамчунин дар ин силсила тарки дунё мамнӯъ буда, сӯфиён муваззаф сохта шудаанд, ки шуғли дунёӣ дошта бошанд ва аз ин тариқ ҳам худу аҳлу аёлро таъмин созанд ва ҳам ба ниёзмандон кӯмак расонда тавонанд.Дар ин маврид низ Ҷомӣ ба

сӯфиёне, ки аз ҳисоби мардум муфт мехӯранду шуғле надоранд, бо назари интиқодӣ менигарад:

Ҳазар аз сӯфиёни шаҳру диёр,
Ҳама мардумдаранду мардумхор.
Корашон ғайри хобу хӯрдан не,
Ҳеҷашон фикри рӯзи мурдан не (6, 231).

Аз мавқеи тариқати нақшбандия ва пирони он дар замони Ҷомӣ робита бо дарбор амали солеҳ ва василаи хуби расидан ба мақсудҳои динию дунявӣ хонда шудааст. Аз бузургтарин чеҳраҳои ирфонии замони Абдурраҳмони Ҷомӣ Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор дар дарбори Темуриён нуфузи баланд дошт ва бар ин ақида буд, ки «салтанат низ мартабаи рафеъ аст, қариб ба мартабаи нубувват. Баъд аз нубувват ҳеҷ мартабае ашроф аз салтанат нест... » [5,66].Мавлоно Ҷомӣ низ дар номае, ки ба Шайх Наҷмуддини Заргари Ироқӣ навиштааст, таъкид мекунад: «Қурби подшоҳ, чунончи бар ҳушмандони равшандил зоҳир аст, беҳтарин василаест дар таҳкими муродати динию дунявӣ ва таҳкими саодати сувариву маънавӣ» [3,87] .

Ҳамин тариқ, Мавлоно Ҷомӣ бо он табаҳҳуре, ки дар улуми динию адабӣ ва ирфону тасаввуф дошт, андешаҳои ноби худро дар паҳнои дину ирфон ва фалсафа бо камоли маҳорат дар маснавиҳои “Ҳафт авранг” баён намудааст. Ин андешаҳои Ҷомиро метавон як навъ ҷамъбасти панҷ қарн (асрҳои 10-15)-и аҳди исломӣ ба ҳисоб овард.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон.-Теҳрон:Амири кабир, 1378.- 412с.
2.Алиасғари Ҳикмат. Ҷомӣ:мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳвол ва осори манзуму мансури хотам-уш-шуаро Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ.-Теҳрон: Интишороти Тус, 1379.-407с.
3. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир.- Душанбе: Ирфон, 1989.- 384с.
4. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии Маънавӣ.Бар асоси нусхаи тасҳеҳшудаи Ринулд Никесун. Бо муқаддимаи Абдулҳусайни Зарринкӯб.-Теҳрон: Аҳуро, 1384.-1008с.
5. Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Шайх Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Теҳрон:Тарҳи нав, 1377.-341с.
6. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг». Ҷилди аввал. Таҳқиқ ва тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод ва Ҳусайн Аҳмади Тарбият. Зери назари «Дафтари нашри «Мероси мактуб»».- Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378.- 912с.
7. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг». Ҷилди дуввум. Таҳқиқ ва тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод ва Ҳусайн Аҳмади Тарбият. Зери назари «Дафтари нашри «Мероси мактуб»».- Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378.-710с.
8. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Маҳмуди Обидӣ. – Теҳрон: Сухан, 1386.- 1216с.
9. Чаҳор рисола дар бораи Мавлоно. Таҳшия ва таълиқи Халилуллоҳи Халилӣ. Ба эҳтимоми Иффат Мусташорниё.-Теҳрон: Ирфон, 1386.-400с.

ПРОБЛЕМА МИРОВОЗЗРЕНИЯ ДЖАМИ В МАСНАВИ “ҲАФТ АВРАНГ (“СЕМЬ ВЕЛИКОЛЕПИЙ”)

Данная работа посвящена исследованию и обобщению некоторых аспектов богатейшего литературного наследия и мировоззрения Абдуррахмана Мавлоно Джами. Проблема мировоззрения Мавлоно Джами – одного из великих представителей XV века, подвергнуто исследованию в данной статье в трех разделах: 1.Отношение к религии и к вероисповеданию. 2.Отношение к философии. 3.Отношение к суфизму и мистицизму.

Ключевые слова: Абдуррахман Мавлоно Джами, мировоззрение Мавлоно Джами, религия, вероисповедание, философия, суфизм, мистицизм.

PROBLEM OF OUTLOOK OF DZHAMI IN MASNAVI "HAFT AVRANG ("SEVEN VELIKOLEPY")

This work is devoted to research and generalization of some aspects of the richest literary heritage and Abdurrahman Mavlono Dzhami's outlook. Problem of outlook of Mavlono Dzhami – one of great representatives of the XV century, it is subjected to research in three sections: 1 . Relation to religion and to religion. 2 . Relation to philosophy. 3 . Relation to Sufism and mysticism.

Key words: Abdurrahman Mavlono Dzhami, Mavlono Dzhami's outlook, religion, religion, philosophy, Sufism, mysticism.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. Низомов*** – докторант Таджикского национального университета

ИНКИШОФИ ЖАНРҲОИ АДАБӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ АДИБОНИ САРГАҲИ ЗАРАФШОН

Ш. Бобоев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар нимаи дуюми асри Х1Х ба асари андак беҳбуд гардидани ҳаёти иҷтимоии сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ адабиёт бештар равнақ ёфт. Дар ин замина симоҳои намоёне ворид гардиданд, ки маъруфтарини онҳо Туғрали Аҳрорӣ, Манзуми Зарободӣ, Тамҳиди Похутӣ, Тайрони Искодарӣ ва дигарон буданд. Фаъолияти адабии чунин шоирон аст, ки дар ғазал баробари эҳсосоти ошиқона, танқиди нуқсонҳои иҷтимоӣ бештар ба чашм мерасад. Мазмуну мундариҷа, мавзӯъ ва ғояи лирикии ғазалиёти Туғрал шакли равони рӯҳбахшии онро муайян кардааст. Туғрал низ дар мактаби адабии гузаштагони худ дарси маҳорат омӯхта, беҳтарин анъанаи устодони ғазали форсу точикро бомувафаққият давом додааст. Ҳаёти адабии ин давра пеш аз ҳама бо он фарқ мекунад, агар нимаи аввали асри ХУ111 давраи каммаҳсули адабиёти ин давраро дар бар гирад, вале дар нимаи дуюми асри ХУ111 бошад як зумра адибон ба монанди Мазмуни Зарободӣ, Муҳаммадзамони Похутиӣ, Камоли Рашнагӣ, Маҳзуни Рашнагӣ, Ғаюрии Ворӯгӣ ва дигарон ба майдони адабиёти асри ХУ111 дохил гардиданд. Ҳаёти адабии ин давраро метавон бо ҳаёти адабии доираи Бухоро пайваст донист. Зеро дар он давра ҳаёти адабии Осиёи Марказӣ ба доираи адабии Бухоро, Қуқанд ва Хева тақсим гардида буд. Чи тавре ки Носирҷон Маъсумӣ зикр менамояд. «Дар ҳаёти адабии Бухоро дар асри ХУ111 ва нимаи аввали асри Х1Х монанди Музҳаб, Имло (вафоташ1162-1748-49), Ирсии Ҳисорӣ, Ансаби Бухорои Муҳаммадзамони Самарқанди (1203-1266-1788-89) ва бисёр шоирон ва адибон ба ҳисоб гирифта шаванд ҳам, доираи адабии Бухоро, ҳамчун доираи адабии муташаккил шуҳрат надошт [1].

Муҳаммадзамони Самарқандӣ, ки дар ин доира номашро Н.Маъсумӣ дар доираи адабии Бухоро зикр намудааст, ҳамон Муҳаммадзамон бинни Муҳаммадризои Фалғарии Похутӣ мебошад. Вале бо бисёр сабабҳо номи Манзуми Зарободӣ дар ин доираи адабӣ зикр нагардидааст. Сабаби асосӣ дар он буд, ки то солҳои 2000-ум номи ин шоир аз сабаби дастрас набудани девони эҷодиёташ ва набудани зикри номи ӯ дар ягон сарчашмаи таърихӣ маълум набуд. Дар ин давр дар муҳити адабии Бухоро ба мисли давраҳои гузашта асосан жанрҳои адабии ғазал, мухаммас, рубоӣ, қитъа ва маснавӣ ҳукмрон буданд, баъдтар дар нимаи дуюми асри Х1Х бошад дар эҷодиёти шоирон Нақибхон Туғрал, Қорӣ Масеҳои Тамҳид жанрҳои дигари адабӣ ба монанди жанри соқинома, қитъаҳои таърихӣ, мустазодот, муфрадот ба вуҷуд омаданд.

Ғазал. Ғазал –дар луғат изҳори ишқу муҳаббат кардан аст. Дар истилоҳ ин калима ду маънӣ дорад. Якум-умуман сухани ишқиро мефаҳмонад, сарфи назар аз сохт ва қонунҳои шаклиаш. Дуюм, ғазал чунон жанри мустақили лирикие мебошад, ки аксаран дар мавзӯи ишқ дар ҳаҷми 7-12 байт (ва аз он кам ё зиёд ҳам) навишта мешавад. Аз хусуси қофия ғазал танҳо як сохт дорад, яъне қофияи ягона дар он риоя карда мешавад. Чи тавре ки адабиётшинос Р.Мусулмониён зикр намудааст: «Қонунияти устухонбандии ғазал махсус мебошад, робитаи мундариҷаи байтҳо ба ҳамдигар гоҳо қавӣ мешаваду гоҳе заиф. Ин аз як тараф вобаста аст, ба моҳияти мундариҷаи ғоявии шеър, аз тарафи дигар ба равияи пешгирифтаи шоир» [2-170]. Дар ин давр ғазал назар ба ҳамаи жанрҳои хурди лирикӣ ҳукмрон буд. Дар ғазалиёти ин давр ҳамаи он хусусиятҳои муҳими ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ, чунончи барҷастагии матлаъ, мақтаъ, радифу қофия, интихоби калимаҳои хушоҳангу рӯҳнавоз ва ғайра риоя шуданд. Дар ин давр дар ғазал нисбат ба давраҳои дигар оҳангҳои шикваю шикоят, оҳу нолаҳои пуралам ва ҷонгудози мардум бештар инъикос ёфтаанд. Мисоли барҷастаи инро мо дар оҳангҳои ғазалиёти Муҳаммадзамони Похутӣ, Тамҳиди Похутӣ, Мазмуни Зарободӣ, Нақибхони Туғрал, Хумули Моғиёнӣ, Маҳзуни Рашнагӣ ва дигарон дидан мумкин аст, ки аз ҳадди ҳаҷм аз 7 -12 байтро ташкил медиҳад. Чи тавре ки Е.Э Бертелс зикр менамояд «Шарқшиносони Ғарб ақидае доштанд, ки ғазал аз асри Х оғоз ёфтааст» [3]. Баъд аз соли 1924 як гурӯҳ адабиётшиносон ақидае пеш ронданд, ки гӯё ғазал ҳамчун шакли шеъри мустақил набуда, аз ташбиби ошиқонаи қасидаҳои мадҳия баромада минбаъд бо иловаи байти мақтаъ ё ки байти тахаллус шакли комил гирифтааст. Ба ақидаи мунаққид Абдулғанӣ Мирзоев бошад: «Ба ин тариқ, аз ғазал ду мавҳум фаҳмида шудааст».

Ҳиссиёти мумкини инсонӣ (ишқ, дарду ғам, айшу нишот, тавсифоти табиат ва ғайра). Ба ин маъно, яъне маънои луғавиаш қадим аст ва он на аз насиби қасидаҳо, балки аз фолклор оғоз ёфтааст, [4]. Хулоса дар бораи ғазал ақидаи мунаққидон мухталиф аст. Вале ба ҳар ҳолат ин жанри адабӣ тавонист мавқеи худро дар асрҳои ХУ111, Х1Х ва ибтидои асри ХХ дар эҷодиёти шоирони саргаҳи Зарафшон мустаҳкам нигоҳ дорад. Дар ин давр ғазал яке аз беҳтарин воситаҳои ошкор сохтани латифтарин эҳсосот ва ҳаяҷони қалби мардум буд, ки дар эҷодиёти шоирон Туғрал, Аҳдӣ, Тамҳид, Тайрон ва дигарон садо додаст.

Мухаммас. Мухаммас як шакли маъмули назми ин давра маҳсуб меёбад. Мухаммас аз шаклҳои душвори назм ҳисоб мешавад. Зеро он ба беҳтарин ғазалҳои устодони сухан баста мешуд ва шарти асосиаш ин буд, ки сухани шоири мухаммасбанд аз ғазали мухаммасшаванда сусттар бошад, балки беҳтар ва баландтар садо диҳад. Ба ин маънӣ мухаммаснависӣ як навъ мусобиқа ва ҳунарнамоии шеърӣ буд. Дар адабиёти ин давр иншои мухаммас хеле ривоҷ меёбад ва шоире пайдо карда наметавонем, ки мухаммас нагуфта бошад. Махсусан мухаммас дар эҷодиёти Нақибхон Туғрал ва Камолии Рашнагӣ хеле барҷаста ифода ёфтааст. Нақибхон Туғрал бештар ба ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ, Бедил, Шамсиддини Шоҳин, Гулшании Бухороӣ, Нозим, Қурбӣ ва Қорӣ мухаммас бастааст. Таваҷҷуҳи адабиёти ин давраро махсусан ғазалиёти Ҳофизу Бедил ба худ зиёдтар ҷалб намудааст.

Рубоӣ. Дар тамоми даврахои таърихи адабиёти классикӣ рубоӣ аз жанрҳои мақбул ва дилнишин буд. Аз ҷиҳати тарзи баёни фикр лутфи рубои бояд дар байти дуюм ва хусусан дар мисраи чорум ошкор гардад. Мисраъҳои якуму дуюм ҳатто сеюми рубоӣ барои ифодаи асли матлаб ба сифати муқаддима ва гузориши фикр хизмат менамояд. Дар рубоӣ бояд фикри томе чунон муъҷазу дилчасп ифода ва хулоса гардад, ки он дар зеҳни хонанда тез таъсир расонида боқӣ мемонад. Ин нуқтаи муҳимтарини рубоиро мо дар эҷодиёти шоирон Муҳаммадсолеҳи Похутӣ, Камоли Рашнагӣ, Маҳзуни Рашнагӣ, Аҳмад Мираминзода, Хумулии Моғиёнӣ, Туғрали Аҳрорӣ ва дигарон мебинем. Ҳатто аз байни ин шоирон Аҳмад Мираминзода ва Нақибхон Туғрал маҳз дар мисраи чоруми рубоиёти худ зарбулмасали халқиро истифода бурда, ба ин восита рубоиёти ирсолулмасал гуфтаанд. Ин ҳодиса барои ошкор сохтани ҷанбаи халқияти адабиёти ин давр ва маҳорати шоирӣ яке аз нуқтаи муҳим ба шумор меравад. Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, мунаққид Р. Мусулмониён дуруст зикр менамояд, ки «рубоӣ аз ҷумлаи он жанрҳои нодири лирикӣ ба шумор меравад, ки лавозимоти шаклии вай бо мундариҷаи ғоявиаш ба ҳадди аъло мутобиқат кардааст» [5,162].

Шарти асосии рубоӣ ин аст, ки бояд тамоми ҳодисоти зиндагӣ ба монанди ҳолат, қонуният, дарди ботинии шоир бо тарзе баён гардад, ки дар он лавозимоти шаклии вай натиҷаи ибратангези хонанда шавад:

Афтода манам ба гӯшаи байти хазан,
Ғамҳои ҷаҳон мунису ҳамхонаи ман.
Ё раб ту ба фазли хеш дандонамро,
Бахшой ба рухи ҳазрати Вайси Каран! [6, 301]

Қитъа низ дар таърихи адабиёти классикӣ яке аз жанрҳои маъмули лирикӣ аст. Одатан қитъаҳои хубу марғуб аз панҷ то дувоздаҳ байт иборат мешаванд. Дар таърихи адабиёт қитъаҳои шастбайтӣ ва зиёда аз он ҳам мавҷуд аст. Лекин онҳо чандон маъмул нестанд. Қитъаро гузаштагон дар аксари авзони классикӣ гуфтаанд. Машҳуртарин шоири қитъасароӣ ин давр Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ аст. Мавзӯи қитъа хеле васеъ буда, тақрибан ҳамаи масъалаҳои калони зиндагиро дар бар мегирад.

Қитъаҳои шоирони ин давр Аҳмад Мираминзода, Тамҳиди Похутӣ, Мазмуни Зарободӣ, Камоли Рашнагӣ ва дигарон аз ҷиҳати ҳаҷм ва аксар аз ду то понздаҳ байт аст. Мазмуни мундариҷаи ин қитъаро зиёдтар масъалаҳои тарбияю ахлоқ, шикояту эътирозҳои муҳит баёни аҳволи вазнини шахсии шоир, аҳли адаб, танқиду музаммати зулми амирони золим, ҳокимони ноинсоф ва амсоли инҳо дар бар гирифтаанд. Нақибхон Туғрал дар қитъаи зерин дорои ахлоқи ҳамида будани саидзодагонро чунин нишон додааст.

Шахсе ба назди халқ бигӯяд, ки сайидам,
Бовар макун, агарчи бувад филмасал валӣ.
Сайид касе бувад ҳувайдо бувад аз ӯ.
Ахлоқи аҳмадӣ, карами Муртазо Алӣ [7].

Дар ин давра иншои қитъаҳои хурди мадҳ, қитъаҳои таърих ба дараҷае авҷ гирифт, ки намунаи барҷастаи онҳо «Қитъаи таърихи итмоми девон»-и Нақибхон Туғрал ва қитъаҳои Ҷумақули Хумулии Марғедарӣ мебошад. Ин шоирон дар чунин қитъаҳо аз воқеаҳои мухталифи замон ёдовар шудаанд. Аҳамияти илмӣ-адабии ин қитъаҳо дар омӯхтани таърихи иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳаёту адабию мадании асрҳои XY111-X1X ва ибтидои асри XX хеле калон аст.

Жанри қасида. Қасида дар адабиётшиносии асримиёнагии тоҷику форс, хусусан дар давраҳои аввали он ба маънии умумии шеър кор фармуда мешуд. Ба маънии маҳдуди истилоҳи худ қасида –яке аз жанрҳои маъруф ва муҳташами лирикаи тоҷику форс буда, дар мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти бо қофияи ягонаи сохти а а, б а, ва суруда мешавад. Аз рӯи ҳаҷм ва вазн қасида маҳдудият надорад. Чи тавре ки адабиётшинос Х.Шарифов дуруст зикр намудааст: «Аз арзишҳои мундариҷавии қасида қобили таъкид он чиз аст, ки дар вай доир ба муҳимтарин масъала, ҳолату ҳодиса ва тафаккури ҷамъиятии замони муаллиф маълумот пайдо кардан мумкин мебошад» [8].

Нисбат ба дигар шоирони озодандеши доираи адабии Бухоро қасидасароӣ, ки дар девони як зумра шоирони қаламрави Бухоро ба монанди Қонеъи Насафӣ, Мирзо Атои Бухорӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Фориғи Ҳисорӣ ва дигарон таназзул ёфта бошад ҳам, дар эҷодиёти шоирони саргаҳи Зарафшон аз он ҷумла дар эҷодиёти Нақибхон Туғрал хеле инкишоф ёфтааст. Қасидаҳои Нақибхон Туғрал қасидаи мадҳӣ набуда, дар бораи бевафогии дунё, ба қадри якдигар расидан, ғанимат доштани ҳар лаҳзаи умр, расидан ба айёми шубоб (ҷавонӣ) ва ғайра бахшида шудааст. Қисмати аввали қасидаҳои шоир асосан дар мавзӯи панду насиҳат эҷод гардида, дар он беҳтарин орзуҳои идеалии шоир инъикос ёфтааст. Шоир дар ҷавоби қасидаи Ҳаким Қоонии Шерозӣ қасидаи хубе бахшида, эҳсосоташро хеле барҷаста тасвир намудааст:

Соқӣ қадаҳ лабрез кун з-он май, ки туғён парварад,
Мастӣ физояд, ғам барад, шодӣ диҳад, ҷон парварад.
Майхонаро дар боз кун, соғаркашӣ оғоз кун,
Дилро ба май дамсоз кун, сад гуна илҳом парварад! [9,244]

Сабаби камарзиш будани жанри қасида дар асрҳои XY111-X1X ва ибтидои асри XX дар доираи адабии Бухоро дар он буд, ки ба шароити иқтисодии сиёсӣ ва ба илму адабиёт майл надоштани ҳукуматдорони замон буд.

Ҳукуматдорони замон ба илму адаб тақрибан мароқ зоҳир намекарданд ва аз ҳамин сабаб шоирон ба иншои қасида ҳавасманд набуданд.

Маснавӣ. Дар адабиёти ин давра жанри маснавӣ, ки дар асрҳои гузашта дар соҳаи таълифи асарҳои эпикиву лирикӣ ва ахлоқӣ саҳмгузор буд ва дар эҷодиёти шоирони саргаҳи Зарафшон тавонист мавқеи худро устувор нигоҳ дорад. Ин намуди жанрро мо метавонем дар эҷодиёти шоир Нақибхон Туғрал дида бароем. Туғрал дар офариниши маснавӣ тавонистааст анъанаи гузаштагонашро давом дода дар маснавиҳояш аҳволи мардум, вазъи муҳити худро бо усулҳои бадеӣ инъикос намояд. Маснавиҳои эҷодкардаи Туғралро мо метавонем ба се қисмат ҷудо намоем. Дар қисмати аввал шоир дар эҷоди соқинома доир ба майу соқӣ аз бевафогиҳои дунё сухан ронда, аҳволи худро дар он баён намудааст, мушоҳида менамоем. Шоир дар ин маснавӣ тавонистааст аз нуқсонҳои замон, рафтори зишти руҳониёнро ба тариқи хандаю истеҳзо нишон диҳад. Дар соқиномаи Туғрал гарчанде симои майу соқӣ ва қадаҳ пурра ба ситоиши он ифода гардида бошад, шоир бо ин восита тавонистааст, бисёр масъалаҳои мубрами ҳаётро ба воситаи он нишон диҳад. Туғрал дар эҷоди маснавӣ тавонистааст нисбат ба дигар шоирони замонаш баъзе навигарӣ дохил намояд. Боиси зикр аст, ки «Наврӯзнома»-и шоир яке аз мавзӯъҳои ҳаётӣ буда, дар асоси мушоҳидаҳои фасли сол тартиб дода шудааст. Мо дар ин мақола тавонистем танҳо бо таври маҳдуд доир ба инкишофи жанрҳои адабӣ дар эҷодиёти шоирони саргаҳи Зарафшон изҳори назар намоем. Зеро баҳси пурраи мавзӯъ доманадор буда, онро мо наметавонем дар як мақола бо таври пурра маънидод намоем.

А Д А Б И Ё Т

1. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб.Ҷилди 1.-Душанбе: Ирфон, 1977.-364 с.
2. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. -Душанбе: Маориф, 1990.- 334 с.
3. Бертельс Е.Э. Персидская поэзия в Бухаре в X века.-Л.,1935.-С. 299-322.
4. Мирзоев А. Дафтари мусаввараи ашъори Туғрал ва аҳамияти он. «Маориф ва маданият».1 июли соли 1965.

5. Мусулмониён.Р. Назарияи адабиёт: -Душанбе:Маориф,1990. -334с.
6. Туғрал.Гиёҳи меҳр. -Душанбе:Ирфон, 1986.-С.. 301.
7. Шарифов Х. Функсияи маърифати қасида дар адабиёти тоҷик. «Ёдбуди устод Рӯдакӣ». –Душанбе: Дониш, 1978.- С.103-111.
8. Туғрал.Гиёҳи меҳр. -Душанбе: Ирфон, 1986. -С. 244.

РАЗВИТИЕ ЛИТЕРАТУРНЫХ ЖАНРОВ В ТВОРЧЕСТВЕ ЛИТЕРАТОРОВ ВЕРХОВЬЯ ЗЕРАФШАНА

Данная статья посвящена изучению и исследованию развития литературных жанров в творчестве литераторов верховья Зерафшана в XY111,X1X и начале XX веков. Автор впервые в таджикском литературоведении приступил к изучению и исследованию данной темы и определил неизученные стороны данной темы. Изучение сегодняшних и будущих проблем представленной темы является задачей данной статьи.

Ключевые слова: таджикская литература, литературные жанры, творчество литераторов верховья Зерафшана, развитие литературных жанров.

DEVELOPMENT OF LITERARY GENRES IN CREATIVITY OF WRITERS ZERAFSHAN'S UPPER COURSES

This article is devoted to studying and research of development of literary genres in creativity of writers of an upper course of Zerafshan in XY111,X1X and the beginning of the XX centuries. The author in the Tajik literary criticism started for the first time studying and research of this subject and defined not studied parties of this subject. Studying of today's and future problems of the presented subject is a task of this article.

Key words: Tajik literature, literary genres, creativity of writers of an upper course of Zerafshan, development of literary genres.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ш.Бобоев*** **-** кандидат филологических наук, преподаватель межфакультетской кафедры таджикского языка ТГПУ им. Садриддина Айни

«БӮСТОН»-И САЪДӢ ВА МАСНАВИСАРОИИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XIV ВА НИМАИ АВВАЛИ XV

Шарифҷон Тоҷибоев
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

«Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ- шоҳасари ахлоқиву тарбиятии адабиёти умумибашарӣ, ки дар қолаби шеърии маснавӣ ба назм омадааст, дар вазни мутақориби мусаммани маҳзуф (мақсур) фаӯлун/фаӯлун/ фаӯлун/ фаал (фаӯл) суруда шудааст. Аслан, ин вазн хоси осори ҳамосавӣ буда, барои ифодаи аҳволи рӯҳонии пуризтироб, тазоҳури зӯру мадори паҳлавонон, тасвири саҳнаҳои набарду разм, майдондориву хурӯши қаҳрамонон, бархӯрду овоз баровардани афзори ҷанг ва ба ин монанд аносири ҳамосавӣ мувофиқ аст. Аммо Саъдӣ бо устодии ба худ хос, онро дар панду насоеҳ ба кор бурд ва бо ин амали хеш дар фанни маснависароӣ ибтикору таҷаддудеро пеш овард, ки минбаъд ин вазн ба кутуби ахлоқии манзум мутобиқ ва писандида омад. Баъд аз Саъдӣ суханварони бисёре ин вазнро дар осори ахлоқиву тарбиятии калонҳаҷм татбиқ ва истиқбол карданд.

«Бӯстон» бо роҳу шеваҳои мухталиф ба тафаккур, андеша ва ҳунари сухангустарии шоирони форсу тоҷик таъсири қавӣ гузоштааст. Метавон гуфт, аз замони Саъдӣ то ба ин тараф суханвари зиёде аз ин асар ба таври мустақим ва ё ғайримустақим баҳра бурдаанд. Алалхусус, кутуби манзуми ахлоқии форсу тоҷик, ки дар асри XIV ва нимаи аввали XV ба қалам омадаанд, дар партави вазн ё шеваи муассиру амиқи сухангустарии Саъдӣ дар «Бӯстон» рушду тараққӣ дошт.

Ҳаким Саъдуддин ибни Шамсиддин ибни Муҳаммад, ки дар кутуби таърихи адабиёт бо номи Низории Кӯҳистонӣ (Қуҳистонӣ, Қаҳистонӣ) ё Ҳаким Низорӣ ёд мешавад, аз аввалин суханваронест, ки дар татаббӯи «Бӯстон»-и Саъдӣ саъй намудааст. Ҳаким Низорӣ (с.тав 1247/48- с.ваф.1320/21) аслан ҳамаср ва бино ба маълумоти баъзе тазкиранигорону таъйиди як гурӯҳ донишмандони адабпажӯҳ, аз қабили Ҳерман Этте, Алтоф Ҳусайн Ҳолӣ, А.Кримский ҳамсуҳбати Шайх Саъдӣ низ будааст [3,6]. Низорӣ ба Саъдӣ ва шеваи нигориши ӯ бо дидаи эҳтиром менигарад ва дар тамоми ашъораш аз

ин гӯяндаи шерозӣ бо таъзиму адаб ёд менамояд. Аз ин ҷост, ки вай дар ҷодаи сухангустарӣ, пеш аз ҳама таҳти таъсири андешаҳову сурудаҳои Саъдӣ қарор гирифта, бо роҳи ҳамворнамудаи ӯ қадам мениҳад.

Суханорои Кӯҳистонӣ дар саранҷоми умри хеш, яъне ба соли 710 ҳ.қ/1310 м. маснавиеро мавсум ба «Дастурнома» ба силки назм кашидааст. Таърихи таълифи маснавиро Низорӣ дар абёти ниҳоии асар чунин таъкид менамояд:

Зи ҳиҷрат гузашта даҳу ҳафтсад,
Сари соли нав бастаам ин расад (14,910, вар.391[a]).

Ҳарчанд дар нусхаҳои қаламии маснавӣ номи асарро дар шакли «Дастурнома» бар вазни «Искандарнома» дар одоби муошират» овардаанд, аммо хонандаи ҳушманд нек дармеёбад, ки дар ин маснавӣ услуби латифи «Бӯстон»-и Саъдӣ муассир аст. Албатта, «Искандарнома»-и Низомӣ ва «Бӯстон»-и Саъдӣ дар як вазн нигошта шудаанд, аммо ошноии дақиқе, ки Низорӣ бо осори Саъдӣ дошт, барои суханвар заминаи мусоидеро пайрезӣ кардааст, то дар зикри маонии ахлоқиву тарбиятӣ худро яксара таслими шеваи суханофаринии Шайхи Саъдӣ намояд.

«Дастурнома»-и Низорӣ, чуноне ки аз ҷониби худи муаллиф дар поёни асар ишорат шудааст, дастури мухтасари арзишмандест дар одоби муоширату муносибат. Зеро дар рӯзгори Низорӣ буҳрони маънавию ахлоқӣ беш аз пеш эҳсос мешуд ва макру тазвири арбоби давлату ҳуккоми замон ба ифрот омада буд:

Наёмад касеро дар ин рӯзгор,
Ба ҷуз макру тазвиру ҳиллат ба кор.
Бале , гарчи шуд одамият ниҳон,
На кам шуд, ба кул одамӣ аз ҷаҳон
Бибояд супурдан ба ҳар давру аҳд
Тариқи адабро ба тақдири ҷаҳд.
Адабро яке шуъба дон аз дарахт,
К-аз ӯ бар нахӯрдаст ҷуз некбахт

(14, 910, вар.332[a])

Манзума болиғи 576 байт буда, ин асар дар замони шоир ва то муддате баъд аз асри ӯ, пеши истеъдодмандон ва зарифон боқадр будааст [10,231].

Воқеан, бунёди ғоявии асар бар пояи ҳикмати замони зиндагии шоир қарор дорад. Ҳадафи Низорӣ аз таълифи ин асар ҳамоно тарбият ва таҳзиби ахлоқи муосиронаш будааст. Аксари масоили ахлоқиву тарбиятии асар бар мабнои афкори озодандешӣ ва ҳақиқатҷӯйии шоир қойим аст. Ӯ дар ироаи ин гуна афкор риёварзиву пардапӯширо барои худ бегона медонад, аз ин ваҷҳ суханони вай бар «шеваи майпарастӣ ва одоби муоширату мастӣ воқеъ шуда, аммо маорифу ҳақоиқ низ дорад» [10,233]. Бо ин ҳама шеваи озодандешӣ ва ҳақиқатҷӯӣ, дар лобалои гуфтораш симои ҳакимиву донишмандиашро аён менамояд.

Роҷеъ ба сабки «Дастурнома» ва арзиши адабии он ховаршиноси чехӣ Ян Рипка навиштааст, ки «ин китоб як навъ назираи танзомез ба «андарзномаҳо»-ст, ки қабули омма дорад. Забони ин китоб ва сурати адабии он холӣ аз нуқс ва эрод аст» [8,247;9,404].

Дар бораи иртиботи ғоявию мазомини «Дастурнома» бо «Бӯстон»-и Саъдӣ баъзе аз муҳаққиқон қайду ишороти ҷолибе овардаанд. А.Кримский бар он бовар аст, ки «Дастурнома» дар татаббӯи «Бӯстон»-и Саъдӣ ба силки назм омадааст. Аммо ховаршинос Е.Э.Бертелс, ки матни аслии «Дастурнома» -ро бо тарҷумаи русии он таҳия ва чоп намудааст, бар он таъкид дорад, ки байни ин осор чизи умумӣ он аст, ки дар ҳар ду асар ҳикмати зиндагӣ ва амалӣ ба ҳам омадаанд [7,46].

Дар «Дастурнома» шиддати тақлиду пайравии Низорӣ аз «Бӯстон»-и Саъдӣ чандон ошкор набошад ҳам, шоир таҳти таъсири муқтазиёти услубии «Саъдинома» қарор гирифтааст.

Дигар аз маснавии Ҳаким Низорӣ «Адабнома» (соли таълиф 695ҳ.қ./ 1295-96 м) низ бо ҳамон вазни мутақориб ва ҳамон сабки «Бӯстон»-и Саъдӣ ба қалам омадааст. Ин маснавӣ аз 12 боб иборат буда, дар хусуси одоби ҳузур дар дарбор ва доираҳои дарборист. Низорӣ дар номгузории абвоб ва тарзи ифодаи андешаҳои ахлоқии хеш думболи «Бӯстон»-и Саъдӣ гом бардоштааст. Маслан, абёти қисмати муқаддамотии ин манзума бо байти оғозини «Саъдинома» аз нигоҳи мазмун мушобеҳати том дорад.

Низорӣ овардааст:

Ду шаш боб кардам бар ин боғ боз,

Ба ҷӯянда бар раҳ накардам дароз.
Зи ҳар дарояд ба боғи сухан,
Барад мевае нав зи шохи куҳан.
Дарахтон-ш аз таҷрибат бордор,
Ҳама меваии донаш оварда бор.
Хунук, он ки дар сояи ин дарахт,
Барад з-офтоби маҳолот рахт
(14,910, вар.330[а]).

Саъдӣ дар муқаддимаи «Бӯстон» чунин гуфтааст:

Чу ин кохи давлат бипардохтам,
Бар ӯ даҳ дар аз тарбият сохтам… (16, 12).

Дар «Адабнома» низ мисли«Бӯстон»-и Саъдӣ ҳикоёти зиёди тарбиятӣ нақл шудааст, ки дар ин кор низ таъсири шеваи сухангустарии суханвари Шероз бар Низорӣ эҳсос мешавад.

Таъсиру нуфузи «Бӯстон»-и Саъдиро дар табъу зеҳни дигар аз суханварони асри XIV Носири Бухороӣ дидан мумкин аст. Носири Бухороӣ ягона маснавии хеш «Ҳидоятнома»-ро дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдӣ ба қалам овардааст. Нахустин нуктае, ки дар ин маврид, зуд ба чашм мехӯрад, ин ягонагии вазни ин ду асар аст. «Ҳидоятнома» -и Носир бо ҳамон вазни «Бӯстон», ки мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур аст, суруда шудааст.

«Ҳидоятнома» маснавии фалсафию ахлоқие, ки аз қисмати муқаддамотӣ, хотима ва чаҳор мақола (боб) иборат буда, ҳовии 579 байт аст. Носири Бухороӣ дар мақолоти чаҳоргонаи «Ҳидоятнома» таълимоти ахлоқии хешро дар кисвати тасаввуфу ирфон ғунҷонида, ғояҳои ҳикамиву тарбиятии худро, мисли «Бӯстон», бо нақли ҳикоёти марғубу муассир сурати амалӣ мебахшад.

«Суҳбатнома» дигар аз маснавиҳоест, ки дар заминаи «Бӯстон» ба назм омадааст. Ин асар аз аввалин маснавиҳои Имоди Фақеҳ буда, шомили 1054 байт аст. Маснавии мазкур дар соли 1350/51-и милодӣ ба зевари табъ ороста шудааст Мавзӯи баҳси асосии «Суҳбатнома» шарҳу авсофи одобу ахлоқест, ки аҳли тариқат дар фаро гирифтани онҳо бояд талош ба харҷ диҳанд. Манзури аслии суханвар низ аз зеби рақам намудани ин тасниф ҳамоно, мисли «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ, панд, насиҳат, тарбия ва таълим аст. Бале, «Суҳбатнома» як асари комилан ахлоқиву тарбиявӣ буда, мухотаби Имоди Фақеҳ низ дар бештари маворид соликони навомӯз ва мубтадиёни роҳанд. Бад-ин далел, ин маснавии таълимии ирфониро бархе «Тарбиятнома» низ мегӯянд.

«Суҳбатнома» мисли «Бӯстон»-и Саъдӣ аз даҳ боб фароҳам омадааст, ки Имоди Кирмонӣ ҳар бобро «мақолат» номидааст. Мақолоти даҳгонаи маснавӣ ба тариқи зайл мудавван шудаанд:

1.«Дар одоби аҳли ҳукм ва фармон бо аҳли суҳбат ва абнои замон», 2.«Дар одоби аҳли тариқ», 3.«Дар одоби толибилмон», 4.«Дар одоби аҳли дунё», 5.«Дар одоби остонадорон»(яъне, соҳибони хонақоҳ), 6.«Дар одоби мусофирон», 7.«Дар одоби аҳли футувват», 8.«Дар одоби аҳли ишқ», 9.«Дар одоби хубрӯён», 10.«Дар одоби муғанниён».

Равиши кори Имод дар шарҳи мақолоти даҳгонаи «Суҳбатнома» хеле содаву равон аст.Ӯ дар оғози ҳар мақолот, нахуст баҳси назариеро дар ташреҳи яке аз одоби сӯфия пеш оварда, баъдан ҳикояти тамсилиеро, ки василаи тақвияти андешаҳояш қарор гирифтааст, ироа медорад ва дар ниҳоят бо зикри насоеҳу панд, аз мавзӯи баҳси худ натиҷа мегирад.

Тору пуди мақолоти ин асар ба ҳамин тарз бофта шуда, дар ниҳояти ҳар бобу фасл тахаллуси шоир мукаррараан зикр гардидааст. Зикри ин нукта ҷойиз аст, ки Шайх Саъдӣ дар «Бӯстон» тахаллуси хешро дар бахшҳои муқаддамотӣ ва поёни баъзе фусулу ҳикоёт 28 маротиба ёд намудааст, ки аз ин 15 мавриди он дар байти охири фасл ё ҳикоят омадааст. Баъид нест, ки сухансарои Кирмонӣ дар нақли тахаллуси хеш дар мақтабайти фаслу ҳикоёти маснавии хеш ба ин шеваи Саъдӣ назар доштааст. Аммо, бар хилофи ин шеваи Саъдӣ, дар «Суҳбатнома» тахаллуси Имод дар интиҳои ҳар бобу ҳикоят аз ҳузури хеш дарак медиҳад. Дар поёни фусулу абвоби маснавӣ овардани тахаллус то андозае аз қонунияти жанри мазкур берун аст. Ба андешаи мо, вуқӯи ин ҷузъиёт дар заминаи ҳамон тозаҷӯиву навпардозиҳое, ки шуарои асрҳои 14-15 бештар дар аносири шаклии маснавӣ ба вуҷуд меоварданд, зуҳур намудааст. Такрори тахаллусро дар ниҳояти фусулу абвоби маснавӣ дар маснавиҳои ин аҳд «Сӣ нома»-и Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ, «Даҳ боб»-и Котибии Туршезӣ ва ғайра низ ба мушоҳида гирифтаем.

Имоди Фақеҳ барои мисдоқи қавли хеш, бар хилофи тарзу шеваи «Бӯстон»-и Саъдӣ, дар ҳар мақолати ин маснавии хеш, ба истиснои мақолати шашум («Дар одоби мусофирон») ва нӯҳум («Дар одоби хубрӯён»), ки шомили ду ҳикоятанд, як ҳикоят нақл намудааст. Афзудани ҳикоёт дар бобҳои шашум ва нуҳум, эҳтимол бар иллати бартарии ҳикмати назарию амалии онҳо дар одобу ахлоқи тариқати Имоди Фақеҳ ва ё орову андешаи сӯфиёнаи ӯ сурат гирифта бошад. Ба ҳар ҳол зеҳни илмиву нерӯи тафаккури суханвар ва огоҳии комили ӯ аз нуктаҳои муҳими одоби ирфонӣ боис шудааанд, ки вай таҳти тасарруфи ин мавзӯот бештар қарор бигирад ва дар баёни мақосиди хеш ба ин тарафи масъала эътибори бештаре ба амал оварад.

Ҳарчанд шеваи Имоди Кирмонӣ дар сурудани ин маснавӣ аз тамоюли умумии маснависароии аҳд, ки аксар омезиш ба каломи оростаи маснӯъ ва афзудани перояҳои лафзӣ дар либоси маънӣ доштанд, мутабойин аст, вале мо дар чанд мавриди маъдуде сояеро аз он майлон, назири касрати истифодаи санъати тарсеъ ва овардани як ғазал дар мақолати даҳум («Дар одоби муғанниён»), мушоҳида менамоем. Вале ин авомил ҳаргиз ашъори ӯро бо маснавиҳои маснӯву такаллуфомези ин давр дар як радиф қарор намедиҳад, зеро истифодаи зиёди тарсеъ, ибрози устодиву маҳорати ӯ дар сурудани ашъор буда, ба истеҳкоми маънавӣ ва мантиқи лафзии каломи ӯ латмае ворид накардааанд.

Ба назар чунин мерасад, ки аксари ҳикоёти «Суҳбатнома» ҷанбаи воқеиву ҳақиқӣ доранд, зеро истифодаи зиёди лафзи «шунидам» дар раъси ҳикоёт бар ин дол аст. Оғози ҳикоёти Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (боби 1), Исо алайҳиссалом (боби 2), ҷавони муаддаб (боби 3), соҳиби дастфидонамуда (боби 7) ва ошиқи ҷонбохта (боби 8) бо ҳамин калима аст. Агар ин лафз бар пояи ҳақиқате устувор бошад, пас метавон изҳор намуд, ки Имод бахше аз ривоёту қиссаҳои хондаву шунида ё воқеоту ҳодисоти замоне пешгузашта ва ё ҳақиқати даврони хешро ҷомаи манзум пӯшонидааст.

Аммо, аз эҳтимол дур нест, ки гузидани лафзи «шунидам» дар садрулбайти ҳикоёти «Суҳбатнома» сирояте аз сабки «Бӯстон»-и Саъдӣ бошад. Суханвари Шероз ин вожаро бисту чор маротиба дар бадви ҳикоёти «Бӯстон» ҷой додааст.

Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Муҳаммадризо Сарфӣ ва Дориюши Козимист, ки дар амри тасҳеҳу нашри маснавиҳои Имоди Фақеҳ саъю кӯшиши бисёр мабзул доштаанд. Ин соҳибназарон бар онанд, ки суханвари Кирмон дар назму танзими «Суҳбатнома» ба «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ мутобиат дошта, кӯшидааст, ки дар муқобили ҳар яке аз абвоби маснавии Саъдӣ мақолаеро аз «Суҳбатнома» ба рӯй оварад [11,8].

Таҳқиқу баррасии «Суҳбатнома» нишон медиҳад, ки осори таъсири «Бӯстон»-и Саъдӣ дар афкору аҳзони Имод бармало ба чашм мехӯрад.

Дигар аз суханварони охири садаи XIV ва нимаи аввали XV , ки дар мабонии кори хеш дар маснависароӣ ба «Бӯстон»-и Саъдӣ назар доштаанд, Котибии Туршезӣ ба ҳисоб меравад. Котибӣ дар маснавии «Даҳ боб» мазмуну тарҳ ва ғояи «Саъдинома»-ро комилан риоя намудааст. Ҳаҷми ин маснавӣ 1170 байт буда, дар баъзе нусхаҳо абёти асар аз ин шумора кам ё зиёдтар ба назар мерасад. Ҳамон гуна, ки шоир дар фасли «Дар сабаби назми китоб» менигорад, ин маснавӣ бо илҳоҳу маслиҳати як нафар аз дӯстонаш, ба силки назм омадааст.

Маснавӣ аз муқаддима, даҳ боб, ки ҳар яке ба мавзӯи муайяне ихтисос дода шудааст ва хотима иборат мебошад. Азбаски асар дар даҳ боб зеби рақам шудааст, чуноне ки муаллифи он дар қисмати муқаддамотии маснавӣ худ таъкид медорад, бо ҳамин исм шинохта шудааст. Котибии Нишопурӣ дар таълифи ин маснавӣ ба навъи боризе таҳти таъсири «Бӯстон»-и Саъдӣ қарор гирифта, ки ҳатто дар теъдоду бозгӯи абвоби манзума хешро дар табаияти сабку салиқаи Шайхи аҷалл ночор дидааст:

Муштамил ин фасл бар даҳ боб шуд,
Номи нек ин нусхаро «Даҳ боб» шуд
Боби аввал дар тариқи ошиқӣ,
Боби туст, эй Котибӣ, чун ошиқӣ.
Боби сонӣ баҳри суҳбат доштан,
Бояд инро нуқли суҳбат доштан.
Боби солис тарки уҷбу гумраҳӣ,
Уҷбро бигзор, агар на, гумраҳӣ.
Боби робеъ шомили иззат бувад
Рав ба иззат бош, то иззат бувад.

Боби хомис дар накӯйӣ бо ҳама,
Ҳам туро беҳ, гар накӯйӣ бо ҳама.
Боби содис дар гузаштан аз бадӣ
Бояд, оре, даргузаштан аз бадӣ.
Боби собеъ омадаст дар қонеӣ,
Бош ҳамчун қонеон, ар қонеӣ.
Боби сомин ҳаст чун боғи биҳишт,
К-аш чу бинӣ ғам зи дил бояд биҳишт.
Боби тосеъ аз ҳама будан ҷудо,
Рӯй овардан зи ҷумла бо Худо
Боби ошир тарки худ кардан ба кул,
Рост чун ҷузве, ки пайвандад ба кул…(13,884/1, 98).

Чуноне ки аз ин абёт ҳувайдост, Котибӣ дар баробари абвоби даҳгонаи «Бӯстон» бобҳои маснавии хешро номгузорӣ намудааст. Баъзе мавзӯоти бобҳои «Саъдинома», мисли ишқ, қаноат, ризо гоҳо дар «Даҳ боб» такрор ёфтааанд. Аммо дар баробари ин баъзе падидаҳои навҷӯӣ низ дар ин асар талаккӣ менамоянд. Тозаҷӯии аввалине, ки аз мутолиаи «Даҳ боб» ба чашм мехӯрад он аст, ки суханвари Нишопурӣ дар маснавии хеш бар вазни «Бӯстон» чандон таваҷҷуҳ надорад. Аз ин рӯ, барои «Даҳ боб» Котибӣ вазни рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсурро муносиб дониста, бар он кӯшидааст, ки то аз тақлиди сирф қадаме фаротар ниҳода бошад. Дигар аз ибтикор ё рангомезиҳои тозае, ки соҳиби «Даҳ боб» дар ин маснавӣ ба рӯй овардааст, тааллуқоти зиёди ӯ ба санъати таҷнис аст. Котибӣ анвои гуногуни ҷиносро дар қавофӣ ва радоифи ҳар мисраи байт овардааст, ки аз чизҳои марғуби хоси асари ӯст ва ба ин ҷиҳат ин маснавиро «Таҷнисот» низ гӯянд. Бояд иқрор шуд, ки Котибӣ аз овардани ҷинос дар поёни мисроъи абёти маснавӣ ба хубӣ ҳам баромадааст. Агарчи дар маснавӣ қофиябандӣ ва такаллуфоти луғавии беҳудае ҳам вуҷуд дорад, вале он услубест, ки дар он аср умуман ривоҷ доштааст ва танҳо бар Котибӣ наметавон хӯрда гирифт.

Ёдоварии ин нукта муҳим аст, ки дар асрҳои XIV ва XV шеъри маснӯъ ё бадеия дар адабиёти мо ривоҷи беандоза дошт, ки асароти хешро ба маснавиҳои ин аҳд низ гузошт. Маснавии маснӯъ бад-он хотир гуфта мешуд, ки ҳунари суханвар дар таарруфи саноеи лафзию маънавӣ ва авзони арӯзӣ ба намоиш гузошта шавад. Ин навъи маснависароӣ табъи баланд ва тааммуқи комилеро бар саноеи бадеӣ талаб менамуд. Котибӣ ин ҳунарро бо камоли устодӣ дар «Даҳ боб» ба субут расонд, ки дертар Аҳлии Шерозӣ дар фанни маснависароӣ ин равиши суханвари Нишопуриро дар маснавии «Сеҳри ҳалол» боло бурд. Аммо Аҳлӣ дар «Сеҳри ҳалол» такаллуфу тасаннуъи зиёде ба кор бурд, ки холӣ аз лутф ва номатбӯъ аст. Илова бар ин, Аҳлӣ маворидиро лузуму нолузум ҷиносайнро дар абёти маснавии мазкур ба кор бурдааст, ки ин шеваи маснӯӣ то ҳадде сафои сухани ӯро коста, онро дар маротибе поёнтар аз маснавии Котибӣ қарор додааст.

«Даҳ боб» ҳарчанд таъкиду такаллуф ва тасаннӯи зиёде дорад, дар айни ҳол бо забони соддаву оммафаҳм гуфта шудааст. Котибӣ ин маснавиро барои тарбият ва таҳзиби ахлоқ судманд медонад ва онро ба писараш-Иноят бахшидааст, ки ин нукта аз фаҳовии асар маълум мегардад.

Эй ту фарзанди ба ҷон пайванди ман,
Ҳаст чун бо ту ба ҷон пайванди ман.
Табъи ту айни иноят омада,
З-осмон номат Иноят омада (13,884/1, 129).

Котибӣ дар хотимаи маснавӣ, бо зикри асомии баъзе аз шоирон, мисли Фирдавсӣ, Анварӣ, Хоқонӣ, Унсурӣ, Аттор, Мавлавӣ, Саъдӣ, Низорӣ, Ҳофиз ва Камол, ба писараш панд медиҳад ва таъкид менамояд, ки аз рӯзгору сарнавишт ва ҳикмати суханварони маъруфи адабиёт панду ибрат гирад:

Аз Нишобурӣ ту чун Аттор бош,
Доим аз атри сухан аттор бош.
Дар маонӣ кӯш чун Мавлои Рум,
То шавӣ шаҳзодаву мавлои Рум.

Шоир он беҳ, к-ӯ чу Фирдавсӣ бувад,
Қобили инъому фирдавсе бувад.
В-ар сухан ҳамчун имомӣ бошадат,

Ё ба байтуллаҳ имомӣ бошадат.
Растан аз ғам чун Низорӣ наб-вадат,
Оқибат ғайр аз низоре наб-вадат…
Гар диҳӣ доди суханро чун Камол,
Ғайри нуқсонат набошад з-он камол.
Хатми «Қуръон» беҳ з-ин чун Ҳофизат,
Хатм кун, Ҳақ бод ёру ҳофизат (13,884/1, 130).

Баъзе аз абёти маснавӣ парвардаи завқу андешаи олии ахлоқиву ҳикамии шоир аст. Дар ин гуна абёт гӯяндаи «Даҳ боб» латифтарин нукоти ахлоқӣ ва насиҳатиро баён доштааст:

Суҳбат ар ёбӣ ба марди ҳақшинос,
Суҳбати ӯро мамону ҳақ шинос.
Суҳбати мардон бувад ҷонпарварӣ,
Чун дар он суҳбат равӣ ҷон парварӣ (13,884/1, 109).

Гар туро расми такаббур одат аст,
Ёдгор ин аз Самуду Одат аст
Уҷб орад мардро сар кӯфтан,
Уҷбро бояд ба сар по кӯфтан (13 884/1, 116).

«Даҳ боб» бо ин ҳама тасаннӯъ ва такаллуфи саршор аз суханбозӣ барои ашхосе, ки рӯҳи ибратпазир ва гӯши насиҳатниюш доранд, таъсири хос низ дорад.

Ҳамин тариқ, «Бӯстон» ба маснависароии асрҳои 14 ва нимаи аввали асри 15 таъсири пурфайз расонд. Дар ин даврахо адиберо пайдо намудан душвор аст, ки аз мазмунҳои олии ин асар ва хусусиятҳои ҷолиби шакливу ғоявии он истифода накарда бошад. Ҷолиби диққат он аст, ки ин таъсирбардорӣ ҳам дар вазну сохтор ва ҳам дар мазмуну ғоя ба назар мерасад. Вале ҳақиқати амр ин аст, ки аз миёни ин маснавиҳо баъзе ҳеҷ қобили муқоиса бо моли Саъдӣ нест. Ин асарро ҳарчанд бисёр аз шоирон тақлид ва татаббӯъ намудаанд, вале ҳаргиз ба пояи лутфу камоли он даст наёфтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои Х11-Х1У.- Ҷ. II.-Душанбе: Дониш, 1983.-232 саҳ.
2. - Ардашникова А.Н., Рейснер М.Л. История литературы Ирана в послемонгольское время (XIII-XVII).- Москва, 1996-140 с.
3. Байбурди Ч.Г.Жизнь и творчество Низари-персидского поэта XIII-XIY вв.- Москва: Наука, 1966-270 с.
4. Бухорӣ Носир. Девони ашъор бо муқаддима ва шарҳу ҳавошӣ. Бо кӯшиши Муҳаммади Дурахшон, Теҳрон, 1353-496 с.С.406-432.
5. Гулшани адаб. Намунаҳои назми форсу тоҷик, иборат аз панҷҷилд, Ҷ.2- Душанбе, 1975. С.179-194.
6. Гулшани адаб. Намунаҳои назми форсу тоҷик, иборат аз панҷ ҷилд, Ҷ.3- Душанбе, 1975. С.94-126.
7. Дастурнамэ Низари. Предисловие, перс.текст и руск.перевод Е.Э.Бертельса. Восточный сборник ЛГПБ, серия Y,Ленинград, 1926.
8. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. Пер. с чешского. Под ред. Яна Рипки. М., 1970.
9. Рипка Ян. Таърихи адабиёт дар Эрон.Тарҷумаи доктор Исо Шаҳобӣ.-Теҳрон:Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб,1354.-642с.
10. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Эдвард Браун.- Теҳрон: «Асотир», 1382.
11. Кирмонӣ, Имод. Маснавиҳо, Тасҳеҳи дуктур Муҳаммадризо Сарфӣ ва Дориюши Козимӣ.- Кирмон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1380.
12. Котибӣ, Нишопурӣ(Туршезӣ). Девон, Тасҳеҳи Тақӣ Ваҳидиёни Комёр, Сайид Хӯмуҳаммади Хайрободӣ, Муҷтабо Ҷаводниё.- Машҳад, 1382.
13. Куллиёти Шамсуддин Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Нишопурӣ мулаққаб ба Котибӣ. Нусхаи № 884/1, шӯъбаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АУ Тоҷикистон.
14. Кӯҳистонӣ, Низорӣ. Куллиёт. Нусхаи № 910, шӯъбаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АУ Тоҷикистон.
15. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон.- Ҷ.4 -Теҳрон,1373.
16. Шерозӣ, Саъдӣ Шайх Муслиҳиддин. Бӯстон.-Теҳрон: Алҳудо, 1371.-463 с.
17. **Hakim** http://hakimnezari.persianblog.ir/ охирин бознигарӣ: 11ноябри 2010.

«БУСТОН» СААДИ И ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЕ ПОЭМОСЛОЖЕНИЕ В XIY И ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЕ XY ВЕКОВ

В данной статье рассматривается влияние «Бустон»-а Саади Ширази на развитие персидско-таджикской поэмы XIY и первой половины XY веков, в частности «Дастурнаме» и «Адабнаме» Низари, «Хидаятнаме» Насира Бухараи, «Сухбатнаме» Имад Факиха, «Дах баб» Катибии Нишапури.

Ключевые слова: «Бустон» Саади, поэмы, литературное влияние, внутрилитературные взаимосвязи, Низари Кахистани, Насир Бухараи, Имад Факех, Катиби Нишапури.

“BOUSTON” OF SAADI AND PERSIAN-TAJIK POETRY OF XIV AND FIRST HALF OF XV CENTURIES

The article hereto brings to light the impact of Saadi’s “Bouston” on to Persian-Tajik poetry of XIV and first half of XV centuries, notably to “Dastournoma” and"Adabname" of Nizari, “Souhbatnoma” of Imad Faqih, "Hidayatnoma" of Nasira Bukharai, “Dah bab” of Katibii Nishapoauri.

Key words: “Bouston” of Saadi, poems, literary influence, intra-literary correlations, NizariKahistani, Nasiri Bukharai, ImadFaqeh, Katibi Nishapouri

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:***Шарифджон Тоджибоев*** - кандидат филологических наук, доцент, декан факультета таджикской филологии ХГУ им.Б.Гафурова. Телефон: **918 68 56 25;** E-mail: **tsharif@mail.ru**

МАРСИЯ ДАР ОСОРИ ШОИРОНИ ХАЛҚӢ

А. Маҷнунов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Марсия яке аз қадимтарин намудҳои назми шифоҳӣ ва китобӣ аст. Марсия гуфта, шеърҳоеро гӯянд, ки дар мотами гузаштагон, таъзияти хешовандон ва ёрони ӯ тавсиф бар марги шоҳон ва бузургону пешвоёни динӣ суруда шуда бошад. Дар адабиёти китобатии тоҷик, ки таърихи беш аз 1000 сола дорад, аз оғози арзи вуҷуди худ марсия мавқеи хоси худро дорад. Марсия ҳам дар назми шифоҳӣ ва ҳам дар назми китобӣ роҳу равиши худро дошт. Маъмулан ҳангоми сароидани марсия одамон ҳамдигарро аз ҳоли худ огоҳ ва ба як дигар дил холӣ мекунанд, мақсаду муддаои худро арз менамоянд, якдигарро водор месозанд, ки ба атрофиёнашон бо диққати бештаре муносибат дошта бошанд. Марсия ва мотам яке аз мавзӯъҳои қадим ва доимии халқҳои дунёст. Эҷоди бадеии халқи меҳнаткаш, бо номи «фолклор» ва ё «осори бадеии халқ» маъруф аст, сароғоз ва саромадони худро дорад. Саромад ва сароғозони он ровиён, ноқилон, сарояндагон ва ҳофизони боистеъдоди халқ мебошанд. Шоирони халқӣ онҳоеанд, ки таълими расмии мадраса ва мактабро надидаанд ва аз рӯи истеъдод ва маҳорат бо услуби авомона ба ин ё он шеваи маҳал эҷод менамоянд. Карим-девона, Бобоюнус Худойдодзода, Саидали Вализода, Ҳикмат Ризо, Юсуф Вафо ва Ҳомид Саид намояндагони барҷастаи фолклори тоҷиканд.

Дар марсияҳое, ки дар байни халқ машҳуранд, муносибат ва одатҳои қадима мушоҳида карда мешаванд, ва ин расму одатҳо аз замонҳои қадим дар эҷодиёти даҳанакӣ халқ аҳамияти махсус доштанд. Ин навъи назм чи дар эҷодиёти даҳанакӣ ва чи дар адабиёти китобатии ҳар як халқ ба назар мерасад. Мо ҳар як давраи таърихиро аз назар гузаронем, дар мавзӯи марг ягон шеъре навишта шудааст, зеро дар ҳар як давраи таърихӣ шахсиятҳои бузург, қаҳрамонҳои халқӣ ва хешу акрабои одамон фавтидаанд ва вобаста ба ин ҳар як халқ муносибати хешро оиди марг ифода кардааст. Ин масъала, яъне масъалаи марг зарурати пайдоиши марсияро ба миён овард ва аз давраи қадим алоқамандона бо маросими мотам чунин сурудҳо пайдо шудан гирифтанд. Дар маросими мотам бо оҳанги махсуси ғамангез ва сӯзу гудоз нолаву фиғон карда мешавад, ки ҳамчун суруд садо медиҳад. Мо инро махсусан ҳангоми овоз андозиҳои занон мушоҳида менамоем. Ба ғайр аз ин шеъри махсусе ба вафоти касе гуфта мешавад, ки онро марсия меноманд.

Марсия бо шаклҳои гуногуни шеърӣ гуфта ва ё навишта мешавад. Мазмуни марсия хеле рангин буда, ҳам сифатҳои неки марҳум, ҳам ғаму андӯҳи гӯяндагон бо ҳаяҷон ва эҳсоси баланд ифода мешавад. Аз қадимулайём мадҳу ситоиш дар адабиёти шифоҳӣ ва ҳам дар адабиёти хаттӣ мавқеи хосеро ишғол намудааст, ки маҳз аз ин сабаб дар эҷодиёти адибон мавзӯи мадҳ, тӯй, мотам бештар ба назар мерасад. Ҳар як халқ аз рӯи урфу одатҳои миллии худ маросимҳои анъанавӣ дорад, ки аксарияти онҳо бо оин,

ақида ва тасаввуроти қадимии мардум алоқаманд мебошанд. Яке аз масъалаҳое, ки то ин дам ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, масъалаи марсия ва маросими мотам ва фаъолияти одамон дар он мебошад. Бо вуҷуди ин дар рӯзгори мо низ расму одати мардумӣ аз рӯи анъана қисман ба амал бароварда мешаванд ва баъзе сурудҳои маросими ҷашни арӯсӣ, аз ҷумла «Саломнома», «Хушомадед», «Муборакбодӣ» аз ҷониби хонумҳо хонда мешаванд. То даврони истиқлолиҷумҳурии Тоҷикистон баъзеҳо хостанд, ки мазмун ва шакли анъанавӣ ва суннатии маросими мотамро низ дигар кунанд, вале хушбахтона натавонистанд. Марсия яке аз намунаҳои қадимии назми халқӣ мебошад. Дар аксарияти сурудҳо ягон воқеаи муҳими зиндагӣ нақл мешавад ва муносибати шахс ба ин ҳодиса инъикос мегардад.

Мардум анъанаҳои миллӣ ва расмуодатҳои қадимаи худро дар ин маросим нигоҳ дошта тавонист. Аз ин ваҷҳ дар маросими мотам имкони эҷод кунун ҳам вуҷуд дошта, чи дар нолаву фиғони мардон ва чи дар овозандозии занон ба таври образнок ифода ёфтани фикр, истифодаи сухани пуробурангу ғамангез ба назар мерасанд. Аз нахустин даврон шуарои форсӣ -дарӣ ба марсияҳое бар мехӯрдем, ки шоирони халқӣ дар марги дӯстон ё наздикон ё бузургон муосир худ сурудаанд марсияҳое дар қолабҳои мухталиф мисли дубайтӣ, қасида, қитъа, маснавӣ, рубоӣ, тарҷеъбанду таркиббанд ва ғазал гуфта шудаанд. Марсия аз ҷиҳати мавзӯъ ба куллӣ фарқ мекунад. Хусусияти фарққунандаи марсия аз он иборат аст, ки вай қариб дар ҳамаи шаклҳо суруда мешавад. Баъзе аз марсияҳо дар қолаби рубоӣ гуфта шудаанд. Рубоиҳо маргро низ тасвир кардаанд ва дар ин маврид шиддати ғамро барҷастатар зоҳир гардонидаанд. Аз давраи беморӣ сар карда, то маросими дафн, рӯзҳои пуркулфати баъди дафн ва даврахои азодориро тасвир менамояд. Хоҳар дар бораи шамоли шадид сухан ронда, арз мекунад, ки акаи ормониаш дар бистари марг аст:

Шамоли пушта кӯҳҳора меларзона,
Нолиши акам ҷигарма мерезона,
Хавар кунен холаи роҳдурима,
Биёяд, бина акаи армонима.

[Баёзи Фолклори тоҷик Ҷ.1, 1985,с. 14]

Марг дар рубоиҳо чун ҳодисаи хонумонсӯз қайд гардидааст. Одам ба сад дарду алам тоқат карда метавонад, вале фоҷиае, ки марг ба миён меоварад, аз ҳамаи ин дарду аламҳо зӯртар аст. Ҳама чиз нобудшуда дубора пайдо мешавад, вале одам, ки азҷаҳон рафт, дигар бар намегардад. Инҳо ҳама машҳуртарин образҳои рамзӣ мебошанд, ки шодиву сурур, умеду орзу, роҳату хушбахтиро ифода мекунанд.

Шамшери Вахонӣ яке аз шоирони халқии мардуми Бадахшон буда, шоир умри зиёде дида, соли 1955 дар синни саду бистсолагӣ дар деҳаи худ вафот мекунад. Аз шоир як марсияи пурсӯзу гудозе дар ҳақи фарзандаш гуфта шудааст, боқи мондааст. Аз ҳама мусибати калоне, ки дар зиндагии шоир рух додааст, марги писараш Мирзобек аст. Ин марсия бо чунин мисраъҳо оғоз мешавад**:**

Марсия

Нозанин, ҷони падар, ҳушам парешон кардӣ,
Дидаро дар интизорат абру борон кардӣ.
Сӯхтам андар ҷаҳон, чун тоқати сабрам намонд,
Навбаҳори шодиамро чун зимистон кардӣ.
Қоматам хам гашт аз доғи ҷудоиҳои ту,
Нури чашмамро рабудӣ, дил чу бирён кардӣ.
Дар ҷаҳон ҳаргиз нахоҳам бе ту оби зиндагӣ,
Рӯзи равшанро ба чашмам чун шабистон кардӣ.
Устухонам сӯхтӣ, ахгар шудам андар ғамат,
Ҷон ба дасти ҳаҷ бувад, ин ҷисм беҷон кардӣ.
Шукрати рӯи туро ҳаргиз накардам дар ҷаҳон,
Мубталоям сохтӣ, хоке бачашмон кардӣ.
Зиндагонӣ талх кардӣ бар ман, эй ҷони падар,
Дар ҷаҳонам сӯхтӣ, рӯят чӣ пинҳон кардӣ.

[Тазкираи адибони Бадахшон 2005,с. 47].

Шоир ин марсияи пурсӯзу гудозро дар ҳаққи фарзандаш гуфтааст.

Бояд гуфт, ки бештари сурудҳои таърихӣ ба муносибати марги нобаҳангоми шахсиятҳои таърихӣ, ки пеш аз ҳама роҳбарони шӯришҳои халқӣ ба таври марсия гуфта шудаанд. Масалан, марсияҳо дар ҳаҚи Восеъ, Нозим, Қаландаршоҳ, Гулизор,

сурудҳо дар васфи Усмон аз ҳамин қабиланд. Назми халқ ифодаи бевоситаи шуур, майлу рағбат ва фикру таассуроти амиқи вай доир ба замон ва зиндагӣ мебошад. Баъзан сурудҳои таърихӣ ба муносибати мотами ягон каси таърихӣ ба таври марсия гуфта шаванд ҳам, тамоми хусусиятҳои таърихӣ дар сурудҳои марсиявии таърихӣ нигоҳ дошта шудаанд. Шеъру таронаҳои ба ҳаракати Нозим бахшидаи халқ бо як сӯзу гудоз ба поён мерасад:

Нозим мега: ман мирум,
Тутқавула мегирум,
Чӣ медона мемурум,
Сад вой дареғи Нозим.
Нозим худуш бойбача,
Шиштай болои сурфача,
Ай умондай як бача,
Сад войдареғ Нозим.

Нозим дар масти ховай,
Хонаш дар лави овай,
Дар гардануш тановай.
Сад вой дареғи Нозим.

[Фолклори Кӯлоб 2007, с. 295].

Нозим амалдори хурд буда, аз боҷу хироҷ ва талаву тороҷи ҳокими Тутқавул борҳо ба мири Кӯлоб ва Ҳисор арз мекунад. Вале арзу шикоятҳо натиҷаи мусбат намедиҳад ва ӯ бо чанде аз ҳамфикронаш ба муқобили ҳокими Тутқавул шӯриш мебардорад ва ҳокимро мағлуб карда, молу анҷоми аз халқғораткардаи ӯро мегирад ва ба соҳибонаш бар мегардонад. Маҳмадрасул, Муллорачаб ва Ҳақназар барин хоиноне, ки дар марсия зикр ёфтаанд, бо хешони фурӯхташудаи Нозим забон як намуда, ӯро шабона дар хоб дастгир мекунанд ва қатл карда, дар хоб дастгир мекунанд ва қатл карда, дар дарё ғарқ менамоянд:

Маҳмадрасули судхӯр,
Муллорачаби хунхӯр,
Ҳақназари калабур
Сад войдареғи Нозим.

Санги сиёҳи това,
Мардум Нозим мекова,
Дигар ӯро намеёва.
Шодигули нотувон,

Се бор рафтак Балҷувон,
Ай барои Нозимҷон,
Кардан ӯро ҳам зиндон.

[Фолклори Кӯлоб 2007, с. 295].

Мисраи гардон «Сад вой дареғи Нозим» ишора ва таъкиди хислатҳои ҷавонмардӣ ва боинсофии қаҳрамон лирикианд. Дар марсия манзараи ҳаёт арзу шикояти Нозим ба ҳокимони Балҷувону Ҳисор, ҳосилнашудани муроде ва марги фоҷиавии Нозим бо сӯзу гудоз ва ғаму андӯҳ ва оҳу нола таъкид шудааст. Умуман, дар марсияҳои халқӣ оҳангӣ мусиқии мотам, интонатсияи ғамангезона ва гиряву нолаи дилхарош мавқеи асосӣ дорад. Қимат ва аҳамияти ин гуна марсияҳо бештар дар ҳамин аст. Аз ин марсияҳои шоирони халқӣ, садои дилхарош ба гӯш мерасад:

Рафтӣ аз дастам

Дареғо, соғари гулбарги хандон рафт аз дастам,
Қафас бишкаставу кабки хушхиромон рафт аз дастам.
Ниҳоли қоматам хам шуд, гулистон рафт аз дастам,
Шудам хокистару лаъли Бадахшон рафт аз дастам.

[Фолклори Кӯлоб 2007, с. 270].

Дар баъзе асарҳои халқӣ образҳои таърихӣ ишора шаванд ҳам, ному амалиёти онҳо равшан ба назар намерасад. Дар дигар шеърҳои халқӣ акси ин ҳолатро мушоҳида мекунем. Ҳодисаву воқеаҳои ба вуқӯъ омада аз забони худи қаҳрамон ба гӯш мерасад. Аксари чунин шеърҳо хосияти фардӣ доранд ва образҳояшон ҳам реалианд:

Рафтум сар- сари ёла,
Ба худо кардум нола.
Имрӯз аз кӯҳ паридум,
Отау очам менола.

Кӯҳи баланд ҳавоӣ,
Ҳезум рафтум пагоҳӣ.
Имрӯз аз кӯҳ паридум,
Очаҷон, дар куҷоӣ?

[Таронаҳо Самарқанд 1966, с.59.].

Зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки дармарсияҳои «Хуҷамурод» ягон ҷиҳати иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Хуҷамурод мисли ҳазорон фарзанди меҳнаткаш ҷавони муқаррарист, вай барои таъмини оила ба кӯҳ барои ҳезум баромада, бо амри тасодуф нобуд мешавад. Вале, агар ба мазмуни марсияи мазкур ҷиддитар назар афканем, шароити ҳамон вақтаро ба ҳисоб гирем, мебинем, ки дар он на танҳо ғаму андӯҳи оилавӣ, балки эътирози аҳли меҳнат нисбат ба замона ва рӯзгори номусоиди мардум ифода ёфтааст.

Ҳаёти вазнин ва пурфоҷиаи ҳодисаи муқаррарии замони гузашта ва чунин ҳолату манзараҳои нохуш бештар насиби камбағалони бенаво мегардид. Дар байни халқ оид ба шоирон ва ҳофизон низ шеъру суруд ва ривояту латифаҳои бисёре вомехӯранд. Дар бораи бисёр шоирону ҳофизон марсияҳо эҷод карда шудаанд. Масалан, дар байни аҳолии Самарқанд марсияе машҳур аст, ки бахшида ба вафоти ҳофизи номии охири асри 19 ва аввали асри 20-и Каттаҷеҳӣ Зокир эҷод шудааст.

Дар ин марсия образи Зокир ҳамчун ҳофизи бомаҳорати халқӣ, ки созу суруди худ маҷлиси меҳнаткашонро гарм менамояд ва ба онҳо дар мавриди мондагӣ фараҳу хурсандӣ мебахшад, тасвир ёфтааст. Ҳангоми сурудани Зокир шунавандогон волаю шайдои ӯ мешавандва лаҳзае бошад, аз ташвишу тараддуди зиндагӣ фориғ мегарданд:

Агар ҳофиз пайдо шавад,
Дилу ҷонҳо шайдо шавад.
Эсиз Зокири ҳувайдо,
Намедонам куҷо рафтас.

[Таронаҳои Самарқанд 1966, с.63].

Пас аз фавти ӯ маҷлису маъракаҳо бе созу навои Ҳофиз тароват ва ҷӯшу хурӯши пешинаи худро гум менамоянд:

Набошад Зокири ҳофиз,
Чӣ бошад ҳоли ин маҷлис,
Садояш нест дар ин маҷлис,
Намедонам куҷо рафтаст.

[Таронаҳои Самарқанд 1966, с.61].

Дар назми халқӣ як навъ асарҳое ҳастанд, ки онҳо дар илми фолклоршиносӣ номи сурудҳои таърихӣ ба худ гирифтаанд. Бояд гуфт, ки дар назми лирикии халқ марсияҳои зиёде ҳаст, ки дар қолаби ашъори чоргона ва рубоӣ сурат гирифтаанд ва ҳодисаву амалиёти ашхоси таърихиро инъикос менамоянд. Чунончӣ, се байти зайл дар заминаи марсия машҳур «Қурбоналиҷонуме», ки дар шакли рубои эҷод шудааст:

Қурбоналиҷон зори ба зорут куштанд,
Дар таги дарахти сабзадорут куштанд.
Онҷое туро куштан, як мир набуд,
Дар кисаи булғори ту як тиру набуд,
Дар кисаи булғори ту як тири кабуд,
Ҳар касе ки туро куштай, бадгири ту буд.

[Фолклори тоҷик 1975, с. 227]

Дар маросими мотам одамон гиряву фиғон карда сурудҳои гаманғези бо сӯзу гудоз месароянд. Ин гуна сурудҳо суруди мотам ё марсия ном дорад. Ин гуна сурудҳоро ҳар як одами азодор месарояд. Аммо тадриҷан сурудхонҳои махсус пайдо шуданд, ки онҳоро гӯянда ё ки овозандоз меноманд. Онҳо барои пуртаъсир шудани сурудҳо ва пурратар ифода намудани ҳиссиёт ва ғаму андӯҳи азодорон суханон ва ифодаҳои таъсирбахш меёбанд. Дар баъзе аз сурудҳои мотам номи шахсҳои маълум зикр шудаанд. Масалан, марсияи «Муътабаре рафт» (Дар сӯгвории Нодири Шанбезода) Марсияи зерин аз ҳамин гуна сурудҳо аст, ки дар он сӯзу гудози хешу наздикони

марҳум ифода ёфтааст. Шоири халқӣ Тутиёи Мизроб дар ин марсияи бахшида ба яке аз шахсиятҳои маъруфи мардуми Бадахшон шоири халқӣ Нодири Шанбезода дар ин марсияи худ дар ин хусус чунин гуфтааст:

Муътабаре рафт
(Дар сӯгвории Нодири Шанбезода)

Эй вой, ки аз кони Бадахшон гуҳаре рафт,
Аз саҳни гулистони ҳунари пардадаре рафт.
Дар гуши фалак мавҷзанон монд навояш,
Барбаст лаб аз гуфтану мурғи саҳаре рафт.
Ҳайрону парешон шуда аҳли адабу илм,
Аз анҷумани хушсуханон муътабаре рафт.
Гӯянд ба порс ғазалу шеър, валекин,
Ҳайҳот, ки гӯяндаи шаҳду шакаре рафт .

[Тазкираҳои адибони Бадахшон 2005, с. 338]

Аз ин марсия ҳиссиёти ботини шахси азодорро фаҳмидан мумкин аст, ки вай бо як дарду алами зиёд сароидааст. Мисраи «Аз анҷумани хушсуханон муътабаре рафт» ба ҷавонии шахси вафот карда ва аз ҷаҳон ноком рафтани ӯ ишорат менамояд. Дар ин шеър ибораҳои бисёре, аз қабили «Эй вой, ки аз кони Бадахшон гуҳаре рафт», Аз саҳни гулистони ҳунар парда даре рафт» ва ғайра вомехӯрад, ки ғаму андӯҳи беинтиҳои азодорро ифода менамояд. Назми шифоҳии ин зинаи таҳаввулоти ҳаёти мардуми тоҷик аз як тараф лабрези ғаму андӯҳ бошад, аз тарафи дигар ғояи оламгир дорад,

Хулоса, маросимҳои мардумӣ ҳамчун анъанаи миллӣ дар давоми садсолаҳо идома ёфта ҳамчун таҷрибае аз насл ба насле то ба рӯзгори мо расидааст. Алоқаи гарми мардум ва самимияти мардум дар сурудҳои шифоҳӣ ҳунармандона, соф ва бо шигардҳои аҷиб баён шудааст. Хонанда дар ин мақола бо ҷилваҳои ҳунарӣ ва адабии гӯяндагони мардумӣ, ҳунари воло, завқу нишот, ғаму андӯҳ ва оинҳои худро дар сурудаҳои халқӣ хеш зебо ва бадеъ ба тасвир кашидаанд. Ҳеҷ як ҳикмати халқ бехуда ва нолозим нест. Агар аз сару ақлу хирад ба ин ё он масъалаи зиндагӣ, ки аз ниёгон ба осор боқи мондааст назар андозем, пай бурдан мумкин аст, ки дар он нишоне аз тамаддун ва заковати фарҳангии халқ маҳфуз аст. Дарёфт ва эҳёи ҳар гуна расму оин ва анъанаҳои мардумӣ барои аҳли фарҳанг фарзу воҷиб аст. Назми халқӣ, чун мероси бой ва пурқимати гузашта ва оинаи дили мардум, чун сарвати беназири маънавӣ дар айёми мо дар ҳаёти мадании оммаи васеъ мавқеи муҳиме ишғол намуда, беш аз пеш дорои аҳамияти калони таърихӣ, маданӣ ва бадеӣ шуда истодааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Баёзи фолклори тоҷик. Рубоӣ, байт Ҷ. 1. / Р. Амонов, Ш. Умарова, Н. Азимов, Т. Исроилова.- Душанбе: Ирфон, 1985.
2. Сӯфизода А. Фолклор ҳамрадифи таърих. -Душанбе: Адиб,1994.
3. Тазкираи шоирони Бадахшон. Назму наср. / Ш. Бунёд, Л.Мирзоҳасан, А.Чароғабдол. -Душанбе: Адиб, 2005.
4. Фолклори Кӯлоб / С.Фатҳуллоев, Ф.Муродов. -Душанбе: Деваштич, 2007.

ЭЛЕГИЯ (ПЛАКАНИЕ ПО УМЕРШЕМУ) В ТВОРЧЕСТВЕ НАРОДНЫХ ПОЭТОВ

Элегия (плакание по умершему) является одним из древних видов устного и поэтического творчества. В таджикской литературе, которая имеет тысячелетнюю историю, данный жанр с момента ее появления, имеет особое место. В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению использование данного вида поэзии в творчестве таджикских народных поэтов.

Ключевые слова: элегия (плакание по умершему), жанр поэзии, таджикские народные поэты, элегия в творчестве народных поэтов.

THE ELEGY (TO CRY ON DEAD) IN CREATIVITY OF NATIONAL POETS

The elegy (to cry on dead) is one of ancient types of oral and poetic creativity. In the Tajik literature which has thousand-year history, this genre from the moment of its emergence, takes a special place. In this article the author subjected to studying and consideration use of this type of poetry in creativity of the Tajik national poets.

Key words: the elegy (to cry on dead), a poetry genre, the Tajik national poets, the elegy in creativity of national poets.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***А. Маджнунов*** - аспирант Таджикского национального университета

БАРРАСИИ МУҲТАВОИ ЛОЛОИҲОИ ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОН

Фатемех Эйбак Абади
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Лолоӣ нахустин паймони оҳангӣ ва шоиронаест, ки миёни модару кӯдак баста мешавад. Риштаест нонамоён, ки аз лабҳои модар то гӯшҳои кӯдакро мепӯяд ва таъсири ҷовидонии он хоби жарф ва оромест, ки кӯдакро фаро мегирад. Риштаест, ки ҳомили ормонҳо ва орзуҳои содиқонаи модар аст ва таконҳои дамодами гаҳвора бар он ранге аз тавозун ва такрор мезанад ва ин орзуҳо ончунон беташвиш ва сода баён мешаванд, ки зеҳни шунаванда дар ин ки онҳо орзу ҳастанд ё воқеият, саргардон мемонад. Лолоиҳо дар ҳақиқат адабиёти шифоҳии ҳар сарзамине ҳастанд, чаро ки ҳеч модаре онҳоро аз рӯйи навишта намехонад ва ҳамаи модарон, бе он ки бидонанд аз кучо ва чӣ гуна лолоиҳоро фаро гирифтаанд, онҳоро медонанд, гӯйӣ, ки донистани лолоӣ ва лаҳни вижаи он аз рӯзи нахуст барои равони зан тадорук дида шудааст [9,34-40].

Дар воқеъ, лолоӣ аз *лоло* ба маънии *гулом, банда* ва *парастори кӯдак* аст ва дар фарҳангҳои мухталиф бо унвонҳои гуногуне ҳамчун *лолоӣ, лолой, лоло, лолабӣ, дуду, бубу, алоӣ* ва ғ. ба он пардохта шудааст. Дар фарҳангҳо «ло» (баргирифта аз забони фаронсавӣ) номи ҳарфи шашум аз ҳуруфи ҳафтгонаи нотаи мусиқӣ аст барои лафзи *лоло – гулом, банда, чокар; хуфтан* дар забони тифл; овози нарми модарон ва доягон барои хобондани кӯдак оварда шудааст [3,147].

Лолоиҳо мусиқии муштараки тамоми занон аст, модарон бо забон ва лаҳҷаҳои худ дар лолоиҳо мунъакискунандаи фарҳанги қавми хеш ҳастанд. Лолоӣ қадимтарин падида дар адабиёти шифоҳии кӯдакон аст, ки бо баҳрагирӣ аз мусиқии дарунӣ, меҳри илоҳии модарро ба кӯдак пайванд мезанад, модар он ҳангом ки чашми хастаашро барои нахустин бор ба рӯйи кӯдак мекушояд, вожагоне оҳангӣ бар зеҳну забонаш нақш мебандад ва аввалин иртиботи мусиқиёии модар бо кӯдак шакл мегирад. Собиқаи пайдоиши лолоӣ то бад-он ҷо дур аст, ки ҳаргиз наметавон таърихе дақиқ барои он пайдо кард, шояд битавон гуфт, ки лолоӣ нахустин пайванди мусиқӣ ва шеър аст.

Лолоӣ дар Тоҷикистон. Лолоӣ, ки дар кишвари Тоҷикистон ба номи *алла* (ва дар ҷоҳое бо номи *лолоик*) маъруф аст. Шояд битавон онро аз нахустин офаридаҳои модарони ин сарзамин ба ҳисоб овард. Алоӣ ё алла маҷмӯае аз рубоиёт ва дубайтиҳову ашъорест, ки маъмулан бо садои модар таконҳои мавзуни гаҳворарo ҳамроҳӣ мекунад. Ин абёт ғолибан ҳокӣ аз орзуи модарон барои фарзандон ва хонадонашон аст. Имрӯза бештар лолоӣ дар манотиқи кӯҳистонӣ ва рустоии Тоҷикистон маҳфуз мондааст, акнун ҳам занони рустоӣ лолоисароиро василае барои кушудани гиреҳи дил ва берун рехтани ғаму андӯҳи анбошташуда дар дил медонанд [4,2-3].

Вижагӣ ва коркарди лолоиҳо

1) **Оромиши кӯдак** муҳимтарин коркарди лолоиҳо дар оромиши равонии мутаҳобили модар ва фарзанд аст. Дар лолоӣ кӯдак санги сабури модар аст, яъне модар хостаҳо, орзуҳо, гиреҳҳо ва надоштаҳояшро ба шакли лолоӣ барои фарзандаш мехонад ва рӯҳи фарзанд низ бо ин оҳангҳои дилнавоз оромиш меёбад. Модарон бо мусиқии лолоӣ кӯдаки худро ёрӣ медиҳанд, ки воқеиятҳоро возеҳтар дарк кунад ва ба сӯйи нексиратӣ, хайрхоҳӣ ва меҳрубонӣ рӯ оварад. Бачаҳое, ки дар чунин фазоҳо ва бо чунин одатҳои хушоянд рушд меёбанд, аз ҳамон кӯдакӣ меҳрварзиро меомӯзанд ва оромише, ки бо шунидани навои дилнишини модар ба кӯдак даст медиҳад, лаззатбахштарин ва ширинтарини оромишҳост ва иртиботи амиқи отифӣ, ки аз шунидан ва хондани лолоӣ ҳосил мешавад, аз ҷумлаи амиқтарин иртиботҳои умри инсон маҳсуб мешавад.

2) **Ғанӣ кардани иртибот бо кӯдакон** – модарон аз дер боз барои ҳарчи ғанитар кардани иртиботи худ бо фарзандонашон аз забони омиёна баҳра гирифтанд ва бешак, онро корсоз ёфтанд, ки ҳамчунон ба он идома медиҳанд, чаро ки хондани форсии муҳоварӣ (гуфтугӯӣ) аз форсии китобӣ ба маротиб осонтар буда ва лолоиҳо ба унвони яке аз мисдоқҳои шеърҳое, ки ба забони муҳоварӣ навишта шудаанд, дар адабиёти кӯдакон ҷойгоҳи вижае доранд.

3) **Забономӯзии лолоиҳо ва таъсири он бар рӯҳияи кӯдакон** – аввалин марҳалаи забономӯзии кӯдак лолоихониҳои модар аст. Нахустин марҳалаи ин омӯзиш ҳангомест, ки кӯдак ҳанӯз лаб ба сухан накушодааст, аммо оҳанги нарм, рӯҳпарвар, меҳрубон ва навозишгари лолоиро аз модар мешунавад ва мусиқии забони модарӣ ва ритму оҳанги он ором-ором дар зеҳну ҳофизаи поки ӯ ҷой мегирад. Ҳар кӯдаке гарчи аз ҳамон рӯзҳои

нахустини таваллуд суханони падар, модар, наздикон ва хешовандони худро мешунавад, вале аввалин иртиботи каломӣ ва робитаи ҳамсуханиву ошноии ӯ бо модар аз роҳи шунидани лолоӣ аст. Кӯдак садо ва лаҳни гарму гирои модарро аз миёни ҳама садоҳо ташхис медиҳад ва бо он унс мегирад ва ҳамон тавр ки гармии матбӯи тану бӯйи ҷонпарвари бадани модар ва тапиши дили ӯро ҳис мекунад, садои ӯро низ дар миёни ҳамаи садоҳо ташхис медиҳад [5,18-19].

Мазмун ва мӯҳтавои лолоиҳо. Диққат дар мазмуни лолоиҳои қавмҳои гуногун ва табақабандии онҳо метавонад моро дар шинохти фарҳанги умумии қавмҳо ва мардуми минтақаҳо ва ба таври хос, зиндагӣ ва навъи нигоҳи занони он ҷомеа кумак кунад. Шояд битавон гуфт, ки мазмуни тамоми лолоиҳои дунё аз ҳар забон ва фарҳанге, ки бошанд, ин аст, ки «бачаҷон, бихоб, модарат дар канорат аст; ҳама чиз рӯ ба роҳ (хуб) аст» ва дар бисёре аз лолоиҳо намоише аз дар амон будани кӯдак иҷро мешавад, мисли «Худо пушту паноҳат» ва ё дар лолоиҳои дигаре Масеҳ ва Марями муқаддамро паноҳ мегиранд, дастае дигар аз лолоиҳо бар бунёди ситоиши модар аз кӯдаки хеш аст. Порае аз лолоиҳо ҳолате достонгуна дорад ва мазмунҳои бисёре аз лолоиҳо нороҳатӣ ва андӯҳҳои модар аст, ки маъмулан ҳузнангез аст ва андӯҳе, ки дар дили модар аст, дар лобалои лолоӣ ба гӯши кӯдак мерасад, монанди лолоиҳое, ки модарони тоҷик дар ҳолати такон додани гаҳвораи фарзандашон барои ӯ мехонанд ва аз Худо мехоҳанд, ки сарнавишти кӯдакашон беҳтар аз сарнавишти худи онон бошад. Ҷумлаҳое чун «падарат аз Русия зудтар биёяд, барои бачаам мошинчаи зебо биёварад…» ва ғ.

Мӯҳтаво ва мазмунҳои лолоиҳо бештар бар меҳвари ин мавзӯъҳо қарор дорад:

1. *Баёни ормонҳо ва орзуҳои модар барои фарзандаш, ки бузург ва босавод шавад:*

Лоло, лоло, азизи тармапӯшам,
Куҷо бурдӣ калиди ақлу ҳушам.
Лоло, лоло, ки лолот бебало бод,
Худет муло, қаламдунет тало бод (3,147).

* * *

Мулои хушхонам, аллаё,
Яктои давронам, аллаё (4,4).

2. *Ситоиши кӯдак ва ташбеҳи ӯ ба гулҳо, мисли гули лола, фандуқ, пуна, ёс ва г.:*

Лоло, лоло, гули гандум,
Барот гаҳвора мибандум (4,773).

* * *

Аллае, аллае, боғу бӯстонам, аллае,
Аллае, аллае, гулу райҳонам, аллае (4,4).

3. *Дуо кардан ба ҷони кӯдак ва аз Худову паёмбар тандурустии ӯро хостан:*

Ало лоло гулам бидор,
Гулам ҳич вақт наше бимор (4,15).

4. *Баёни дардҳо ва ранҷҳои модарон, шикоят аз писардор нашудан, гариб будан ва касбу кор надоштан, дурӣ аз падар ва маҷбур ба танҳо зиндагӣ кардан:*

Лоло, лоло, азизам, кабки мастам,
Мивун (= миён) ҳарчи буд, дил бар ту бастам.
Лоло, лоло, ки бобот рафта, аммо,
Мани бечора побанди ту ҳастам .

5. *Тарсондани бача аз мавҷудоти пинҳонӣ, мисли дев, ҷин, шайтон, лулу ва г.:*

Лоло, лоло, лолоӣ
Лоло, лоло, лолоӣ,
Буру (= бирав), лулуи саҳроӣ,
Ту аз рудам (=кӯдакам) чӣ мехоҳӣ (1,33).

6. *Лолоиҳое, ки модар дар онҳо ба кӯдак мегӯяд, ки бо вуҷуди ӯ дигар бекасу танҳо нест*

Ало лоло, туро дорам,
Чаро аз бекасӣ нолам (6,29).

7. *Лолоиҳое, ки модар орзу мекунад кӯдакаш – чи духтар, чи писар, бузург шавад ва ҳамсар бигирад ва ӯ арӯсиашро бубинад:*

Аллаё, аллаё, занчеката (= занатро) бинам, аллаё,
Аллаё, аллаё, бачеката (=бачаатро) бардорам, аллаё.

* * *

Қизим, буюк уларсан,
Биргун ара гидарсан.
Алла[ҳ] хушбахт иласин,
Биргун нана иласин.

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ ба форсӣ:

Духтарам, бузург хоҳӣ шуд,
Ба хонаи шавҳар хоҳӣ рафт.
Худо туро хушбахт кунад,
Рӯзе туро модар кунад (3,5).

8. Лолоиҳое, ки модар орзу мекунад ҳангоме, ки кӯдакаш бузург шуд, қадршиноси заҳматҳои ӯ шавад:

Лолойит микунам бо дас[т]и пирӣ,
Ки дас[т]и модари пират бегирӣ.
Лолойит микунам, хобат немиёд (=намеояд)
Бузургат микунам, ёдат немиёд (3,188).

* * *

Бачаҷонам, калон шавад, аллаё,
Ба ҷонакам дармон шавад, аллаё (7,217).

9. Лолоиҳое, ки модар аз ин ки чаро кӯдак намехобад, гила (=гила) мекунад :

Лоло, лоло, гулам бошӣ,
Ту дармуни (=дармони) дилам бошӣ.
Бемунӣ (=бимонӣ), мунисам бошӣ,
Бихобӣ, аз сарам во шӣ (=боз шавӣ) (4,5).

* * *

Лоло, лоло, гули зире,
Чаро хобет немигире.

10. Дар дастае дигар аз лолоиҳо модар, афзун бар ин ки кӯдакро бо калом нозу навозиш мекунад, лолоиро ба номи ӯ муҳр мезанад:

Лоло, лоло, гулам бошӣ,
Анису мунисам бошӣ,
Биёрин (=биёред) ташту офтоба,
Бишурин (=бишӯред) рӯи шаҳзода,
Ки шаҳзода Худо дода,
Ҳамон исмеш Худододе (=Худодод аст).

11. Дастае аз лолоиҳо дар баргирандаи достони кӯтоҳест, аз ин рӯ, тӯлонитар аз як лолоиш кӯтоҳи чаҳорхаттӣ аст:

Лоло, лоло, гули пуне,
Гадо умад даре хуне.
Нунеш додам, бадеш умад,
Пулеш додам, хушеш умад,
Худеш рафту сагеш умад

12. Баъзе аз лолоиҳо бе он ки қасде дар сурудани он ба кор рафта бошад, ишорае возеҳ ба равобити бозаргонии давраи худ дорад:

Лоло, лоло, эй боди тобестун,
Назар кун сӯйе Ҳендустун (=Ҳиндустон),
Бегу, бобо азизе ман,
Барои рудам (=кӯдакам) катун (=катон) бестун (7,218).

13. Баъзе аз лолоиҳо ба мавқеияти ҷуғрофиёии шаҳру хонаи кӯдак ишора мекунад:

Бикун лоло, бикун ҷуне деле му (=ман),
Шамоле боґе муло манзеле му
Шамоле боґе муло нахлесуне (=нахлестон аст),
Ке умре одамӣ обе равуне (=равон аст) (3, 191).

14. Гоҳ дар ин даста аз лолоиҳо рагаҳое аз ҳасрат ва рашкварзӣ ба чашм мехӯрад:

Гуле сурхе манӣ, зенде бемунӣ,
Зе ишқат микунам ман боґебунӣ.
Ту, ке то ґунчеӣ, бӯйи надорӣ,

Ҳамин ке гул шудӣ, аз дигарунӣ... (3, 184)

15. Дар бархе дигар аз лолоиҳо модар шодмонии худро аз омадани марди хона ба кӯдак иблоғ мекунад:

Лоло лоло, гуле су[в]сан,
Бобот умад, чешом (=чашмам) ро[в]шан.

16. Дар баъзе аз лолоиҳо, ки аз мафҳуми амиқ ва зебое саршоранд, модар он гуна бо кӯдаки гаҳвораши худ дарди дил мекунад ва аз гамҳо ва нигарониҳои худ ба ӯ мегӯяд, ки гӯйӣ бо як одами бузург рӯ ба рӯст. Монанди лолоии зер, ки нишонгари он аст, ки падар мурда ва фарзанд рӯйи дасти модар монда. Дар ин лолоӣ модар аз андӯҳи ин ишқи аз даст рафта ва аз танҳоии ногузираш барои кӯдак гила мекунад. Ин лолоӣ бо тамоми латофате, ки дорад, баёнгари як зиндагии ба бунбаст расидаро мемонад:

Гулам аз дас (=даст) бирафту хор мунда,
Бе ман ҷабру ҷафо бесёр мунда.
Бе дастам мунда тефле ширхорӣ,
Маро ин ёдгор аз ёр мунда...

Ҳамин тариқ, агар лолоиҳои Эронро бо лолоиҳои мардумони форсизабони Тоҷикистон муқоиса намоем, дар миёни онҳо муштаракоти зиёде хоҳем дид. Ин нукта аз ин мавзӯъ шаҳодат медиҳад, ки суннатҳои гузаштаи ин мардумони ҳамзабон то имрӯз аз миёни онҳо рахт барнабаста ва аз байн нарафтааст. Оре, «лолоӣ» ва «алла» оғоз ва маншаи ҳамаи шеърҳову сурудҳо ва аввалин дастури парвариши кӯдак аст ва ин сурудҳо аз қадимитарин осори мардумӣ маҳсуб мешаванд. Агар шири поку муқаддаси модар ҷисму ҷони тифлро парвариш диҳад ва ҳаловат бахшад, «лолоӣ» ва «алла» рӯҳи ӯро навозиш медиҳад, кӯдак ҳам ба оҳанги дилангез ва суханони мавзуни самимии модар бадиққат гӯш медиҳад ва аз онҳо лаззат мебарад ва нарм-нарм ба хоби ширин фурӯ меравад. Модарон қатъи назар аз нажоду дин ва мазҳаб тавассути лолоӣ ва аллаҳояшон дар замири дили кӯчаки кӯдакашон донаҳои некпиндорӣ, некгуфторӣ ва неккирдориро парвариш медиҳанд ва дуо мекунанд, ки дунё ором бошад, кӯдакашон сиҳату саломат бузург шавад ва соҳиби илму ҳунар гардад. Модар тавассути ин замзамҳо дарсҳои аввали зиндагиро, ки шомили мардиву мардонагӣ, поксиратӣ, ростгӯӣ ва дигар хислатҳои писандидаи башарист, ба кӯдаки худ ёд медиҳад ва дар охир ин ки сурудҳои модарон дар бештари манотиқи тоҷикнишини Осиёи Марказӣ ва Эрон ба якдигар шабоҳати куллӣ дорад. Онҳо бо гуфтани «лоло, лоло, лолоӣ», «аллаё, аллаё, алла» дар қолаби дубайтӣ ва рубоӣ, ин адабиёти шифоҳиро аз насле ба насли дигар интиқол медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Инчуи Шерозӣ. Гузаре ва назаре дар фарҳанги мардум. – Теҳрон: Интишороти Испарк, 1371 ҳ.ш.
2. Муҳаммад Аҳмади Паноҳӣ. Тарона ва таронасароӣ дар Эрон. – Теҳрон: Интишороти Суруш, 1376 ҳ.ш.
3. Муҳаммад Аҳмади Паноҳӣ. Таронаҳои миллии Эрон: сайре дар тарона ва таронасароӣ дар Эрон. – Теҳрон: Интишороти Суруш, 1376 ҳ.ш.
4. Баҳром Шермуҳаммадов. Алла, ҷонам, аллаё. – Душанбе, 1993.
5. Сайидҷаводи Расулӣ. Намунаҳое аз таронаҳои кӯдакони Хуросон. – Теҳрон: Интишороти Оҳанги қалам, 1383 ҳ.ш.
6. Муҳаммадҳодии Муҳаммадӣ ва Зӯҳра Қойинӣ. Таърихи адабиёти кӯдакони Эрон. – Теҳрон: нашри Чисто, 1380 ҳ.ш.
7. Содиқ Ҳидоят *(ба кӯшиши Ҷаҳонигири Ҳидоят)*. Фарҳанги омиёнаи мардуми Эрон. – Теҳрон: нашри Чашма, 1379.
8. Фаслномаи фарҳанги мардуми Эрон. тобистони 1384 ҳ.ш.
9. Моҳномаи кӯдак, №4, тирмоҳи 1384 ҳ.ш.
10. Маҷаллаи кӯдакон ва модарон. исфандмоҳи 1382 ҳ.ш.

ИЗУЧЕНИЕ СОДЕРЖАНИЯ КОЛЫБЕЛЬНЫХ ПЕСЕН ИРАНА И ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье на основе изучения исторических и литературных источников подвергнуто рассмотрению и изучению содержание колыбельных песен Ирана и Таджикистана на примере некоторых регионов двух стран.

Ключевые слова: устное народное творчество, литература, колыбельные песни, Иран, Таджикистан.

STUDYING OF THE MAINTENANCE OF LULLABIES OF SONGS OF IRAN AND TAJIKISTAN

In this article on the basis of studying historical and references the maintenance of lullabies of songs of Iran and Tajikistan on the example of some regions of two countries is subjected to consideration and studying.

Key words: oral national creativity, literature, song lullabies, Iran, Tajikistan.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фатемех Эйбак Абади*** - соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

ИРФОНИ НАВ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ФОРСӢ

Симин Мирзои Пуинак

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Башари имрӯза бо пешрафтҳои қобили таваҷҷуҳе, ки дар заминаҳои санъат ва технология, ҳунар, равоншиносӣ ва дигар улум дошта, саъй бар дарки тамоми рамзҳои олам дорад ва дар ростои ин пешрафтҳо дар масоили зеҳнӣ ва моварой низ дақиқтар шудааст ва ҷустуҷӯ дар мавриди ҳуввияти хеш, метофизика ва ҳатто Худованд пардохтааст ва масоили мовароуттабииро низ худ мехоҳад таҷриба кунад ва аз пазириши онҳо ба сурати тааббудӣ сар боз мезанад.

Дар натиҷа, чеҳраи мазҳаб ва боварҳои аз пеш таъйиншуда, камрангтар шудааст ва ин муҷиб гардида, ки то «Равонии нохудогоҳии ҷомеаи мо дар даҳаҳои охир бо таконҳои сахт ва сангин рӯ ба рӯ шавад. Лояҳои (саҳифа, варақҳои) зерини фарҳанг ва зеҳнияти мардум такон хурда ва заминларзаи сахт, дохилро дастхуши тағйир ва таҳаввул қарор додааст. Дар фаросӯи ин тағйирот метавон саҳифаи ҷадиде аз таърихро варақ зад ва бо ҳамаи сардаргумӣ ва изтироб ва буҳрони ҳуввияте, ки гиребонгири таърихи инсон аст, рагҳои гаронқимате аз алмоси тааммул ва тафаккурро дар овори беҳувиятӣ ҷустуҷӯ кард. Дилшурӣ ва маҳдудияти марг, пайкари рӯҳашонро фишурда ва водорашон намуда, то ҳатто дар бораи вуҷуди худ ба тааммул бинишинанд ва ҳамаи маълумот ба арзишҳои аз пеш пазируфтаро арзёбӣ кунанд» [1].

Бар хилофи нигарониҳои баъзе аз соҳибназарон, ин сардаргумӣ ва бухронро метавон ба фоли нек гирифт. Чаро ки агар бипазирем, андешаи башар дар масири таърих рӯ ба такомул меравад, шояд дар муддати дароз ин баҳамрехтагӣ ва сардаргумӣ, лозимаи пайрезии тафаккури навин ба ибтидои роҳи тааммул ва густариши андешаи башар дар роҳи дарёфти ҳақиқат бошад.

Ин тааммул дар даруниёти хеш ва боварҳо ва ақидаҳои мазҳабӣ нигариши навин нисбат ба ҳастӣ ва Худовандро муҷиб гардидааст, ки дар шеъри шоирони муосир бозтоби айнӣ ва малмус ёфтааст. Чӣ шоироне бо диди иҷтимоӣ мисли Фуруғи Фаррухзод ва ё Аҳмади Шомлу, ки ба радди Худои сохтаи башар мепардозад ва чӣ шоироне бо диди дарунӣ ва ирфонӣ монанди Сӯҳроби Сипеҳрӣ.

Ин сардаргумӣ ва тааммул, дар шеърҳои ирфонӣ, мунҷар ба навъи ҷараёни зеҳнии амиқ ва ирфони нав гардидааст, ки бештарин намудро дар шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ дорад.

Ин ирфон бо вуҷуди ин, ки дар роҳи пурпечухами худ марҳилаҳои ирфони гузаштагонро низ мепаймояд, бар пояи навин бино шудааст. Ирфони қадим бар мабнои мусалласи шариат, тариқат ва ҳақиқат бино шудааст. Яъне, бар мабнои мазҳаб ва ишқ ва бо воситаи ин ду Худоро меҷӯяд «ва ба гароиши моварой ва фидокорӣ, ҳатто барои чизе, ки қобили ламс ва дидан нест, эътиқоди қатъӣ дорад» [2].

Ва ниҳоятро Худо медонад ва дар ҷустуҷӯи ӯ аст. «Ба забони қадимиён ирфон тариқате аст, ки дар он сайри миналхалқ илал ҳақ сурат мегирад» [3].

Аммо ирфони нав бидуни он ки аз қабл барои худ маъбуд ва мақсаде қарор диҳад, танҳо дар роҳи фаҳмидан пеш меравад ва агар Илоҳае дар роҳи пурхатари худ биҷӯяд, ҳамон Илоҳаи ҳақиқат аст. Ҳақиқати маҳзе, ки маъмулан ба таври нохудогоҳ, ба Худованд меанҷомад ва эътиқод ба мазҳаб ва шариатро бо ин таҷрибаи дарунӣ ва роҳи фаҳмидан намеомезад ва бо миёнгарии мазҳаб ва зеҳнияте аз пештаъйиншудаи он ба ишқ ва бар ошуфтагӣ ва сар аз по нашинохтан сару коре надорад, балки бо оромиш ва тафаккур ва тааммул ва «майле ба донистан ва дар пайи ин майл, то ҳар куҷо пеш меояд рафтан» бино шудааст [4].

Ин ирфон бар мабнои он чи мебинад ва дар меёбад ва он чи ҳаст, шакл мегирад, на он чи бояд бошад. Инсони имрӯза мехоҳад худ ҳама чизро таҷриба кунад ва дарёбад,

ҳатто мовароуттабиаро, зеро имрӯза башар, фардгиро ва худгаро шудааст, яъне агар дар гузашта меҳвари ирфон Худо буд ва ориф аз пеш медонист ба куҷо мехоҳад бирасад, имрӯза меҳвар, худи инсон аст ва башар аз даруни худ, ҳақиқатро меҷӯяд ва мехоҳад танҳо бо болҳои ҳис ва таҷрибаи хеш бипарад, дар ҳоле ки аз пеш намедонад ба куҷо мерасад. Албатта, ин зиддияте бо мазҳаб ва суннат надорад, зеро «Баъд аз қарнҳо ошноӣ бо Худованд аз роҳи имон шояд акунун ба ҷое расида бошем, ки омодаи дарки мустақими фаросат ва басирати Илоҳӣ бошем ва аз бисёр ҷиҳатҳо, ин огоҳии тоза муҷиби тақвияти он чизҳое мешавад, ки суннатҳои рӯҳонӣ ваъда додаанд» [5].

Дар ин ирфон натанҳо ошноӣ бо ин манбаи басират ва ҳушмандӣ аз ҷанбаи интизоии он имконпазир аст, балки метавон бо ин манбаъ робитаи самимона барқарор кард ва якка шуд. Бад-ин гуна, ки ҳар инсоне бо ҳазорон риштаи номаръии фаъолияти зеҳнӣ монанди замон, макон, ҳуввият ва тамоми таҷрибаҳои гузашта ба дунё пайванд мешавад. Агар инсон битавонад ин тааллуқотро аз зеҳн пок кунад ва дигар ба онҳо наандешад, вақте бо оромиш ва тааммули дарунӣ дар хештани хеш тамоми чизҳоро аз ёд бибарад ва то он ҳад пеш равад, ки ҳатто худро фаромӯш кунад ва ба истилоҳ ба олами халса[§] ва бетааллуқӣ ва кашф ва шуҳуд ворид мешавад ва метавонад бо ин фаросат ва басирати бекарон иртибот пайдо кунад.

Ҳангоме ки ин ҳолат иттифоқ меафтад, уфуқҳои зеҳнии инсон ба самти воқеиятҳои ҷадид кушода мешаванд ва дар ин марҳила, метавон ҳақиқати ҳастиро таҷриба кард. Ин ҳолатро доктор Дипак Чупро орифи Ҳиндӣ пули миёни ду ҷаҳон мехонад ва онро олами гузар меномад ва муътақид аст, ки олами гузар фосилаи миёни инсон ва Худованд аст ва дар авҷи ин ҳол «Бе халае тавҳӣ (холи) мерасем, ки манбаъ ва сарчашмаи тамоми чизҳои қобили андозагирӣ монанди энергия, замон ва макон аст. Монанди зеҳни холӣ, ки сарчашмаи тамоми фикрҳо аст. Ин халаи зоҳири қудрати нуҳуфтаи тамоми зиндагӣ ва ҳастӣ ё вуҷуди ноб аст» [6].

Дар ин ҳангом зеҳни ориф ҳамчун пиёлае, ки пас аз холи кардани оби он (яъне андеша) худ ба худ пур аз ҳаво мешавад, пур аз ҳақиқат ва дарёфт мешавад ва Худованд ба ногоҳ даричаи асрори вуҷудро мекӯшояд ва дар болотарин дарачаи ин халсаи ирфонӣ ва тавҳи шудан аст, ки ҳастӣ ва рӯҳи Худое, ки дар мо дамида шудааст (ва нафахту фи ҳе мин рӯҳи) ба ҳақиқати бекарон ва басират ва доноии кул пайванд мешавад. Дар ин ҳангом, метавон ҳамчун Мансури Ҳаллоҷ нидои «аналҳақ» сар дод ва монанди Мавлоно гуфт:

Ҳамлаи дигар бимирам аз башар,
То барорам аз малоик парру сар.
В-аз малак ҳам боядам ҷустан зи ҷӯ,
Кулла шайъин ҳолик илло вачҳаҳу.
Бори дигар аз малак қурбон шавам,
Он чи андар ваҳм н-ояд он шавам.

Агар ин рӯҳи Худоии вуҷудамонро нуқтае дар назар бигирем, ки тааллуқот ва фаъолиятҳои бевақфии зеҳнӣ, монанди доираи даври онро иҳота кардаанд ва монеъ аз дурахшиши он мешаванд, бо ҳазфи ин тааллуқот ва фаъолиятҳои зеҳнӣ, ки бисёр душвор менамояд, ва вуруд ба олами халсаи ирфонӣ ва кашф ва шуҳуди ин доира пок ё камранг мешавад ва рӯҳи Худоӣ, ки дар вуҷуди ҳамаи инсонҳо дар азал дамида шудаст, фурсати дурахшиш ва дар болотарин дарача пайвастан ба нури Аъзам ва ҳастии кул, яъне Худовандро меёбад. доктор Чупро дар ин замина мегӯяд: «Тамоми лояҳои як пиёзро аз ҳам ҷудо кунед, дар маркази пиёз халаъ хоҳед ёфт, тамоми лояҳои вуҷуди инсонро аз ҳам ҷудо кунед, дар маркази он донаи Худоро хоҳед ёфт». [7]

Вай муътақид аст, «Агар Худованд вуҷуд дорад ба ин маънӣ аст, ки бояд таҷриба шавад, бояд шинохта шавад. Ин нуктаи бузурге аст, зеро ба ҳар ҷиҳат мушаххас аст, ки Худованд ғайри қобили дидан ва ламс кардан аст ва то вақте бахши кӯчаке аз Худованд бо дунёи моддӣ дар тамос набошад, то абад дастнаёфтанӣ ва ношинохта боқӣ хоҳад монд» [8], ки ин тамос дар олами гузар мумкин аст. Ин бахши кӯчак аз назари вай, рӯҳи Худоӣ ва нуқтаи нуронии вуҷуди мо ё ҳамон нури квантии дунёи метофизикӣ мебошад. Чаро ки «Илм низ дунболаи офаринишро дар нур ҷустуҷӯ мекунад, ки яке аз

[§] Халса: Яъне амиқтарин ҳолати тамаркузи фикр. Ҳолати шабеҳ ба гипноз. Вақте халса зоҳир мегардад, монанди он аст, ки дари зиндони фикр кушода шавад, фикри озод, ки қудрати беандоза дорад, аз марзи замон ва макон убур мекунад ва дар он чи машҳуд ва он чи пинҳон аст, ба сайр ва тафарруҷ мепардозад.

бузургтарин калидҳое аст, ки Худованд дар ихтиёри инсон қарор додааст, то роҳашро ба сӯи ӯ биёбад» [9]. «Алоҳу нуру самовоти вал арз» [10].

«Ба гумони Юнг агар инсон Худои ҳақиқиро канор бигузорад, Худоёни дигаре ҷонишини он хоҳанд шуд ва чи басо, ки як Худои зеҳнӣ ҷойгузини он гардад. Яъне, нерӯҳое дар даруни мо ба сурати як Худо дар ҷаҳони дарунӣ амал хоҳанд кард. Дар ин сурат ба гуфтаи Юнг, шояд мо ҳақ дошта бошем, монанди Ниче бигӯем: Худо мурдааст. Аммо дурусттар ин аст, ки бигӯем ӯ аз тасвире, ки мо сохта будем қолиби тавҳи карда аст, ҳоло дигар куҷо метавонем ӯро биёбем» [11].

Ин тафаккур ва ирфони нав, ки рӯ ба рушд менамояд, дар шеъри шоирони муосир қобили дарёфт ва мушоҳида аст. Вале дар ашъори шоирон бо диди иҷтимоӣ, танҳо ҷанбаҳое аз онро метавон ёфт. Монанди Фуруғи Фаррухзод, ки Худовандро бо унвонҳо ва сифатҳои муаррифишуда тавассути мазҳаб ва бо зеҳнияти пешиниён наменигарад ва ба Худованд сифати «он номаълум» медиҳад ва дар дафтарҳои охири шеъраш метавон ба хубӣ Худоҷӯӣ ва ирфони хоси худашро пайгирӣ кард. Фуруғӣ Фаррухзод монанди Ҳофиз аз ишқи заминӣ ба ишқи осмонӣ наздик мешавад ва марҳилаҳои ин ирфонро ба шеваи худ тай мекунад. Аммо умр фурсати расидан ба марҳилаҳои болотари ин ирфонро ба ӯ намедиҳад. Фуруғи Фаррухзод, Худовандро ҷудо аз табиат ва ҷаҳон ва инсон намебинад:

Ниҳояти тамоми нерӯҳо пайвастан аст, пайвастан,
Ба асли хуршед ва рехтан
Ба шуури нур

Аҳмади Шомлу, Худои мазҳабиро, ки ба хурофот ва суннатҳо олуда шудааст, рад мекунад ва дар ҷустуҷӯи ҳақиқат, ба пайвастагии инсон ва Худо, якка будани марг ва зиндагӣ муътақид аст. Ӯ бо сархурдагӣ аз Худои мазҳаб ва суннат, Худои раҳо аз қайдҳо ва сифатҳои суннатиро меҷӯяд, ки интиқомҷӯ ва кӯтоҳфикр ва олуда ба хурофот нест:

Худои меҳрубони бе бардаи ман,
Ҷабркор ва хавфангез нест.

Ӯ бо захмҳое, ки аз нобасомониҳои ҷомеа ва эътиқодоти нодурусти атрофиён бардоштааст, бар ин Худои суннатӣ меошубад ва бар ӯ эрод мегирад. Чаро ки меандешад чунин Худо шоистаи парастиш нест ва инсонро, ки нерӯи нуҳуфтаи Худо шудан дорад ва рӯҳи Худоӣ (ва нафахту фи ҳи минрӯҳӣ) дар худ дорад барои парастиш, шоистатар аз ин Худои сохтаи башар ва олуда ба андешаҳои башарӣ медонад (анал ҳақ):

Ман дар кушодагии дасти роҳҳо,
Ба пайвастагии инсонҳо ва Худоён менигарам.

Дар диди дарунӣ ва ирфонӣ, ки дар шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ намуди комил дорад, метавон марҳилаҳои шаклгирӣ ва авҷи ин ирфонро марҳила ба марҳила бозшинохт ва қадам ба қадам бо ашъори вай тамоми ҷанбаҳои ин тафаккур ва ирфони нав ва такомули андешаи шоирро пайгирӣ кард.

Ӯ дар дафтари аввал, ҳанӯз вориди дунёи дарунӣ ва ирфонии худ нашудааст. Аммо, метавон онро пеш марҳила барои ирфонаш донист. Яъне, тарки лаззатҳои дунё ва бадбинӣ нисбат ба дунёи атрофаш. Аммо дар дафтари баъдӣ, яъне «Зиндагии хобҳо» мутаваҷеҳи дунёи дарунии худ мешавад ва ба дунболи чизи фаротар аз ин ҷаҳони пур аз ғаму андӯҳ мегардад. Гоҳе дар хиёлоти хеш гумроҳ мешавад ва аз масир мунҳариф мешавад. Аммо дубора сари нахе ба дасташ меояд ва кам-кам роҳи ирфонии хоси худашро меёбад.

Ӯ ҳанӯз намедонад дар ҷустуҷӯи чист ва танҳо зеҳн ва андешаашро раҳо ва холис мекунад ва мабнояшро бар майли ба донистан ва дар пайи ин майл то ҳар куҷо пеш меояд рафтан, бино менамояд. Чаро ки ба ҳар чи менигарад асаре аз олудагии пешдовариҳо ва андешаҳои суннатии гузаштагон мебинад ва онро фосилае барои дарки воқеии умур ва падидаҳо медонад. Бинобар ин, худро ба олами халса ва беандешагӣ месупорад ва бо ҳамоҳангӣ бо табиат ва нигоҳи бевоситаи хеш он қадар холис ва раҳо мешавад, ки дигар ба дарк ва ёфтани ҳеҷ чиз намеандешад ва то ин андоза беандешагӣ ва озодагӣ муҷиб мегардад, то дар амиқтарин лаҳзаҳои халсаи ирфониаш ба дарки рӯҳ ва ҳастии олам ва ҳақиқати ҷаҳон даст ёбад ва бо он ҳамоҳанг ва якка шавад. Аммо пас аз он дармеёбад, ҳанӯз чизе фаротар аз ин ҳақикатбарии кашф вуҷуд дорад, ки он қадар ноб ва интизоӣ аст, ки ӯ бо вуҷуди тамоми талошҳояш бо ин ҷисми хокӣ ҳаргиз

наметавонад ба он нуфуз кунад ва розашро дарёбад, ки онро дар шеъри ин ҷо паранда буд «Эй каме рафта болотар аз воқеият» меномад.

Ба қавли доктор Чупро «Шояд воқеият, танҳо намуде аз осори Худованд бошад» ва ба ҳамин далел аз ин пас дар шеърҳои Сипеҳрӣ бар хилофи шеърҳои қабл лафзи Худовандро бисёр мушоҳида мекунем. Чаро ки ӯ дарёфти он ҳақиқати бузург, ки дар ҷустуҷӯи ӯ аст, ҳамон Худованд аст. Аз ин пас бо ба такомул расидани дидгоҳи ирфонии хоси худ, танҳо ба баёни ин дидгоҳ ва таҷрибаҳои ҳосил аз ин оромиш мепардозад.

Дар шеъри муосир шоҳиди навъи ҷараёни навин дар мавриди масъалаи мовароуттабиа ва Худованд ҳастем, ки дар он Худованд ба чашми мавҷуде дар осмонҳо ва болои абрҳо нигариста намешавад, балки онро нерӯи ношинохта дар табиат ва ҷаҳон ва даруни инсонҳо медонанд, ки ҳастиро фаро гирифтааст ва барои дарёфт ва шинохти он бояд зеҳнияти ирсии гузаштагон ва афкор ва пешдовариҳои аз қабл таъйиншударо, канор ниҳод ва «қадам дар роҳи фаҳмидан ва дар ин роҳ то ҳар куҷо пеш меояд рафтан» ниҳод. Чаро ки инсони имрӯза мехоҳад танҳо бо болҳои ҳис ва таҷрибаи хеш бипарад, бидуни он ки аз қабл маъбуд ва мақсуде барои хеш дар назар бигирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Сиёпуш Ҳамид. Боғи танҳоӣ. -Теҳрон: Интишороти Суҳайл. 1373, с.142.
2. Сиёпуш Ҳамид. Боғи танҳоӣ. -Теҳрон: Интишороти Суҳайл. Чопи дуввум, 1373, с.277.
3. Шамисо Сирус. Нигоҳе ба Сӯҳроби Сипеҳрӣ. -Теҳрон: Интишороти Марворид. Чопи 7, 1376, с.12.
4. Сиёпуш Ҳамид. Боғи танҳоӣ. -Теҳрон: Интишороти Суҳайл. Чопи дуввум, 1373, с.36.
5. Чупро Дипак. Чигуна Худоро бишиносем. Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ, Фаррухи Сайфи Беҳзод. -Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ., Чопи аввал, 1380, с.2.
6. Чупро Дипак. Чигуна Худоро бишиносем. Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ, Фаррухи Сайфи Беҳзод. -Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ. Чопи аввал, 1380, с.225.
7. Чупро Дипак. Чигуна Худоро бишиносем. Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ, Фаррухи Сайфи Беҳзод. -Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ. Чопи аввал, 1380, с.12.
8. Чупро Дипак. Чигуна Худоро бишиносем. Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ, Фаррухи Сайфи Беҳзод. -Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ. Чопи аввал, 1380, с.26.
9. Чупро Дипак. Чигуна Худоро бишиносем. Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ, Фаррухи Сайфи Беҳзод. -Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ. Чопи аввал, 1380, с.42.
10. Қуръони Карим. Сураи Бақара. Тарҷумаи Иллоҳии Қумшоӣ.
11. Насри Абдуллоҳ. Худо дар андешаи башар. -Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Аллома Таботабоӣ. Чопи аввал. 1371, с.390.

НОВАЯ ИСТИНА В СОВРЕМЕННОЙ ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ

В данной статье рассматриваются структура, содержание и стилистические особенности мистических произведений в современной персидской поэзии на примере поэтических произведений Суҳроба Сипехри, Фуругв Фаррухзод и Ахмада Шомлу.

Ключевые слова: современная персидская поэзия, мистические поэмы, структура, содержание, стилистические особенности мистических поэм, форма и стиль изложения мистических поэм.

NEW TRUTH IN MODERN PERSIAN POETRY

In this article the structure, the contents and stylistic features of mystical works in modern Persian poetry on the example of poetic works Suhrob Sipekhri, Furug Farrukhzod and Ahmad Shomla are considered.

Key words: modern Persian poetry, mystical poems, structure, contents, stylistic features of mystical poems, form and style of a statement of mystical poems.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Симин Мирзои Пуинак*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

НИЛУФАРИ УСТУРАӢ ДАР АДАБИ ПОРСӢ

Беҳёд Сиддиқпур
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар ин мақола, саъй шудааст, сарчашмаҳои ин гули устураӣ шинохта ва инъикоси он дар шеъри форсӣ нишон дода шавад, то хонанда аз хондани ашъори шоирон дарки амиқтаре дошта бошад.

1) Дар вожашиносӣ: Нилупар (нилу+пар) = нилуфар (Nnuphar), ки дар забони паҳлавӣ (нилупал Nilupar) буда ва ба санскрит (нилупало Nilupala) будааст.

Оби ангуру оби нилуфар
Мар маро аз абиру мушк бадал.
«Абӯшакури Балхӣ» (Халифи Табрезӣ, 1376, 2232)

Ки гоҳ ба шаклҳои ихтисорӣ ва кутоҳшудаи «Нилфар» ва «нилпар» ҳам омадааст:

Зиҳи куре ба боғи офариниш к-аз сари ғафлат,
Фалакро нилфар донӣ ва тубиро гияҳ хонӣ.
(Фонӣ)
На арғувон барояд аз ӯ ва на займарон,
На ёсуман барояд аз ону на нилпар.
(Адиб-ул -мамолик Фароҳонӣ)
Хуни дилҳост дар ин ҷоми шақоиқгун,
Тирагиҳост дар ин нилпари чодар
(Эътисомӣ, 1373, 325)

Ва таркиботи он иборат аст, аз: Нилуфаристон (=ҷое, ки нилуфари зиёд рӯида аст):

В-агар ранги афваш пазирад биёбон,
Чу дарёш, нилуфаристон намояд.
(Хоқонӣ)

Таркиби «нилуфарӣ», ки дар адабиёти форсӣ маъмулан баробар аст бо вожаи нилгун, ки ба гунаи сохти дигаре аз ҳамин вожа ва маънои ӯст: (Муин, 1376, 2231)

Баромад нилгун абре зи рӯи нилгун дарё,
Чу рои ошиқон гардон чу табъи бедилон шайдо
(Фаррухии Систонӣ).

Вожаи нилуфарӣ ба ду маънои роиҷ ба кор меравад: 1- лоҷвардӣ, обӣ ва нилӣ, ки маъмулан барои осмон ва истиорахои он, яъне: айвон, чарх, торам, тоқ, кохи киёнӣ, гардун, гулшан, гунбад, фалак ва монанди инҳо истифода мешавад [5].

Дарахти ту гар бори дониш бигирад,
Ба зер оварӣ чархи нилуфариро. (*Носири Хусрав)*
Чунон басти он тоқи нулуфарӣ,
Ки андешаро нест з-ӯ бартарӣ. (*Шарафномаи Низомӣ)*
Пушти маро кард зи ғам, чанбарӣ
Гардиши ин гунбади нулуфарӣ. (*Маликушшуаро Баҳор)*

2. Нилуфарӣ дар абёти шоирони форсизабон бештар ранги кабудӣ, тирагӣ ва сиёҳӣ мавриди назар аст.

То бувад лаъле, наъти гули нор,
Чун кубудӣ, сифати нилуфар. (*Фаррухии Систонӣ)*

2. **Дар гиёҳшиносӣ**: Гули нилуфар ба анвои мухталиф итлоқ мешавад: 1) Нилуфари обӣ. 2) Нилуфари саҳроӣ. 3) Нилуфари боғӣ.

1. **Нилуфари обӣ**: Ин гул аз фуруи тираи лолаҳост, дорои баргҳои паҳну шиновар ва гулҳои сафед ё зарду дурушт ва зебо аст, ки маъмулан дар ҳавзчаҳои пуроб ё истахрҳо парвариш меёбад. Дар форсӣ гули обзод ё гули зиндагиву офариниш номидаанд. Дар забони аврупоӣ онро лотус (Lotus) хонанд.

Ту офтобиву нилуфараст хотири ман,
Ба офтоб барояд зи об нилуфар. (*Амир Муиззӣ)*
Даруни нақши ман афтоду нақши андоме,
Ба ханда гуфт: ки нилуфаре зи об дамид. (*Муиззӣ, 1375, 32)*
Сар занад анҷум зи сатҳи гунбади нилуфарӣ,
Рост чун нилуфар бишкуфта бар сатҳи ғадир.
(Маликушшуаро Баҳор)

2. Нилуфари саҳроӣ (Convolvus Sepium): аз тирае пачакиён аст, решаҳои он дар замин фурӯ меравад ва набототи дигарро хароб мекунад.

3. Нилуфари боғӣ (Convolvus Arunsis): ки барои зинат кошта мешавад. (Халиф Табрезӣ, 1376, 2232)

Соқаи ин гул бисёр зарифу борик аст, ба тавре, ки шоир худро дар ғами дурии ёр чун шохааш лоғар меёбад:

То гурезон гаштаи нилуфари чашм аз ярам,
Дар ғамат аз лоғарӣ, чун шохаи нилуфарам. (*Муиззӣ,* 1375, 72)
Аз ғами рӯят ба сони шохаи нилуфарам,
Эй туро чашме ба ранги шуълаи нилуфарӣ. (*Муиззӣ,* 1375, 177)

3.**Дар пизишкӣ**: Дар хусуси он гуфтаанд: Бӯи ӯ хушк бошад, дар миёни об истода рӯяд, агар дар соя хушк кунанду дар оташ андозанд насӯзад, хоб оварад ва дардро сокин кунад, аммо қуввати боҳро зиёд кунаду моддаи маниро кам гардонад.

4. Дар устурашиносӣ: Ин гулро ба санскрит подамо (Padama) ба забони чинӣ ли ян ҳуа (Lien - Hua) ва ба ҷопонӣ ранга (Renge) гӯянд.

Дар асотири куҳани ҳиндӣ, нилуфар яке аз нишонаҳои бузурги офариниш ва изадону изадбонувони маъруфи ҳинд ба шумор мерафтааст. Масалан нилуфар нишонаи хоси вишнӯ аст ва дар дасти чаҳорум ӯ нилуфарӣ ба номи падама (Padama) қарор дорад.

Ҳамчунин гуфтаанд: вақте вишну (Vishnu) дар хоб буд Бараҳмо ба сурати гули нилуфарӣ аз нофи вай рӯйид. Аз ин ҷиҳат, Бараҳмо (Brahma) ба нилуфарзода ва нилуфардор низ мавсум аст. Нилуфар ҷузви ҳашт аломати фархундагӣ дар кафи пойи Будо низ буд:

Дуруд эй оби будоӣ, эй тамсили зебоӣ,
Гули нилуфари боғи сароби ман салом эй ишқ! (Манзӯӣ, 1388, 220)

Қуръон болои сарам, болиши ман Инҷил, бистари ман Таврот ва забарпӯшам Авесто, мебинам хоб:

Будоӣ дар нилуфари об [4,238].

Дар асотири куҳани эронӣ, нилуфар гули ноҳид аст ва ноҳид тасаввури аслии модинаи ҳастӣ аст ва дар ривоёти динии Эрони қадим будааст, ки аз ҷиҳатҳое бо муъҳтақидоти ҳиндуёни бостон мушобеҳ аст. Ориёиҳо нилуфарро дар батну ҷаҳон ва авранги эзадӣ медонистанд ва дар нақкошиҳои монавӣ низ изадон, рӯи гули нилуфари обӣ истодаанд.

Собиқаи куҳан ва асотирӣ нилуфар дар назди эрониён ва ҳиндуён ба ҳадде аст, ки осори нилуфар ҳашт ва дувоздаҳ ва ҳатто ҳазор баргро дар меъморӣ ва осори бостонии ин ду қавм ба вузуҳ метавон дид.

Дар асотири Юнон ду ном Нил (Nile) ва Нилус (Nilos) бо нилуфар ва об, навъи пайванд доштаанд ва Нилус, худои рудхонаи Нил ва писари уқёнус асту Нил, подшоҳе буд, ки бар Миср фармонравоӣ дошт ва номи руди Нил аз ӯ ба ёдгор мондааст юнониён гумон мекарданд Нилус дар Мисри бостон бо кандани рудҳо ва бастани садҳо ба ободонии дунёии бостон кумак кардааст.

Нилуфарро дар юнонӣ нимафо мегӯянд, ки ба назар мерасад бо вожаи намафҳо (Nymphes) ки дар асотири Юнон, ба сурати занони ҷавоне монанди париён дар достонҳои оммиёнаи эронӣ тасаввур мешуданд беробита набошад. Юнониён муъҳтақид буданд нимафҳо дар ҷангалҳо ва кӯҳсорҳо бавижа дар канори обҳо ба сар мебурданд [12,11-836].

Дар намодшиносӣ: Номи гунаҳои мухталиф савсани обӣ, ки дар Мисри бостон ва дар бисёре аз бахшҳои Осиё мавриди парастиш буд, ҷанбаи муқаддаси он дар оғоз аз муҳити обии он ношӣ мешавад, зеро оби намоди бостонӣ уқёнуси куҳане буд, ки кайҳон аз он офарида шуд. Нилуфар, ки бар рӯи сатҳи об дар ҳаракат буд, ба масобаи заҳдони он ба шумор мерафт. Ҳам дар устураву ҳунари мисрӣ ва ҳам ҳиндӣ гулбаргҳои он дар ҳоли шукуфтагӣ, як худои офаринандаро нишон медиҳад. Аз он ҷо ки дар сапедадам, боз ва дар ҳангоми ғуруб баста мешавад ба хуршед шабоҳат дорад, ки худ манбаи илҳоми ҳаёт аст [11,309].

Дар таълимоти Будо (Buddha), нилуфар то ҳадде вориди қаламрави мовароуттабиа мешавад. Нилуфар, намоди зоти поки ҷавҳари табиати башар аст …. нилуфар ҳамон танвир аст. Нилуфар ҳамин намодгароиро бо чархи қонун ва бинобар ин, ҳар ду бо ҳам ғолибан як тасвири мураккабро ташкил медиҳанд. Намоди биҳишти будоӣ, сарзамини

поки ғарб, тасаввуре, ки ба василаи фирқаи моҳоё мутадовил шуд, нилуфар асту нишонаи омии тобҳо, худое ки суруреро бар уҳда дорад [11,311].

Нилуфар дар Чин аломати тобистон, яке аз чаҳор фасл аст.

Сафолинаи силки Кошон, ки шаш то ҳашт ҳазор сол қадимат дорад ва рӯи он нақши намодини нилуфари обӣ омадааст ва ин нилуфар ҳашт пар, намоди қадосат, изадгунагӣ ва намоди хуршед аст. Ин гул, ғолибан дар тазйиноти давраи сосонӣ ба чашм мехурад.

Бигзор ба болои баланди ту биболам,
К-аз тирай нилуфараму ташнаи нурам. (*Қайсар Аминпур)*

Ин гул дар ҳинд, сумбули Будо низ мебошад, чун ҳиндуён муътақиданд, ки дар лаҳзаи мутаваллиди Будо, нилуфаре аз замин рӯидан гирифт, ки Будо ба даруни он гом ниҳоду ба даҳ ҷиҳат фазо хира шуд ва низ гули нилуфар ба рӯи оби мурдоб мемонад, аммо хис намешавад ва рамзи инқитоъ ба ҳамин иллат дар його ба вазъияти нилуфарӣ менишинад. Иддае муътақиданд дар ин гуна нишастан энергияҳои равонӣ аз сутун ва фиқрот ба мағз мерасад ва шукуфо мешавад, зеро баргҳои нилуфар ҳам аз аъмоқи тираи об ба тарафи нури берун меоянду шукуфо мешаванд.

6.**Дар адабиёти форсӣ**: Аз оғози шеъри форсӣ то ба ҳол, аксар шоирон дар ашъори хеш аз гули нилуфар ёд кардаанд ва бар асоси дидаҳо, шунидаҳо ва хондаҳои худ ба бахше аз вижагиҳои ин гул ошно буда ва дар шеъри худ аз он баҳраҳо бурдаанд.

Таваҷҷӯҳ ба ранги тира ва кабуди гул: Таваҷҷӯҳ ба кабудии ранги гули нилуфар, гоҳ ба сурати мустақим ва гоҳ ғайримустақим дар ашъор ишора шудааст:

Рӯзи разм аз хуни душман бишкофад арғавон,
В-арчи рангаш дар кабудист чун нилуфарӣ. (*Амир Муиззӣ)*

Чун мардум дар вақти азо ва сӯгворӣ либоси кабуд ва сиёҳ мепушанд, шоир ҳоли худу либоси худ ва дигареро ба гули нилуфар нисбат медиҳад ва аз дарду ранҷи худ менолад, яъне шоир иртиботе эҷод мекунад миёни тирагии гули нилуфар ва ғаму ғусса:

Чу сӯгвори бадандеш шоҳ нилуфар,
Дар об ғарқаву рухсор зарду ҷома кабуд. (*Қатрони Табрезӣ)*
Дар ин андӯҳ пушташ чанбарӣ шуд,
Либоси ӯ зи ғам нилуфарӣ шуд. (*Асрорномаи Аттор)*

Дар ин ашъори зер, ҳар шоире бинобар ҳунару завқи худ, иллате барои кабудии (тирагӣ ва сиёҳии) ин гул овардааст:

Эй аз шакарат даҳони гулҳо пури зар,
В-аз ҳаҷр кабудпушӣ ту нилуфар. (*Мавлоно)*
Чун сияҳрӯй бувад нилуфар,
Шаб чу моҳӣ дар об дорад сар. *(Ҳадиқаи Саноӣ)*
Ҷомӣ надид ранге аз он гул, аҷаб мадор,
К-аз ғам, кабуд ҷома чу нилуфар омада. (*Ҷомӣ)*
Пардаи нилуфарӣ бар чашми гулрангаш бубин,
Гар надиди қитъаи абри сияҳ бар лолазор. (*Соиб)*
Гар ба саҳв аз ғунчаву гул болишу бистар кунӣ,
Мешавад нилуфар аз бӯи гул, пахлӯи ту. (*Соиб)*

Ва гоҳ силӣ ва тапончае бар сурат, ин кабудӣ ва тирагиро сабаб шудааст:

Зад муаллим силӣ бар ораз монанди моҳ,
Оразаш аз силиат нилуфарӣ шуд оҳ оҳ. (*Саидои Насафӣ*)
Зи бас ки нохуну силӣ ҳаме заданд ба рӯй,
Зи бас ки нохуну силӣ ҳаме заданд ба рӯй. (Адибул мамолик)
Аз сиришку аз тапонча чеҳраи ман чунон-к,
Гар бубинад нашносад зи нилуфар маро. (*Амир Муиззӣ)*
Чеҳра шуд нилуфарӣ аз силии ихвон, маро
Хуш гуле охар шукуфт аз гулшани аҳзон маро. (*Соиб)*

Амир Муиззӣ тасоввири ранги зебои аз саҳнаҳои ҷангу набард бо душман ироа медиҳад, ки дар он хуни сурхи душман (бадсигол) бар шамшер (теғ, ҳусому ханҷар) кабуди ҳоким чун гули лола (шақоиқ) ё арғувон аст бар гули нилуфар:

Ранги хуни душманон бар пайкари шамшерашон,
Рост гӯӣ чун шақоиқ рӯста бар нилуфар аст. (*Амир Муиззӣ)*
Чун биполояд ба хуни бадсиголон теғи ӯ
Арғувону лола гӯӣ руста аз нилуфар аст. (*Амир Муиззӣ*)
Аз ранги хуни душману аз ранги ханҷараш,

Гӯӣ ҳаме шақоиқу нилуфар оварад. (*Амир Муиззӣ)*
Чу шуд дар оташи пайкори хунолуда ханҷарҳо,
Ту гуфти ар рӯяд ҳаме аз барги нилуфар. (*Амир Муиззӣ)*
Куҷо ҳусоми кабуди ту рӯй шуст ба хун,
Барусти лола ту гуфти зи барги нилуфар. (*Амир Муиззӣ)*
Зи хуни лашкари ҷон гашта теғи шоҳ кабуд,
Чу бардамида шақоиқ зи барги нилуфар. (*Амир Муиззӣ)*
Рӯзи сайду разм бод аз хуни нахчиру адӯ,
Дар кафи ту арғувонӣ, ханҷари нилуфарӣ. (*Амир Муиззӣ)*

Ва гаҳ гоҳ шоирон сиёҳии чашмро ба нилуфар нисбат диҳанд ва чашми сиёҳро нилуфарӣ номанд [6,439]:

Маро афканда дар дарёи ғам нилуфари чашмӣ,
Ки чун хуршеди оламсӯз заррин аст мижгонаш. (*Соиб)*
Нигоҳи наргиси нилуфарӣ кашандатар аст,
Ки фитна аз фалаки лоҷвард мехезад. (*Соиби Табрезӣ)*

Таваҷҷуҳ ба робитаи гули нилуфар ва хуршед:

Гӯянд гули нилуфар бо офтоб аз об сар берун меоварад ва боз бо офтоб фурӯ меравад ва гӯянд мурғе ба вақти фурӯ рафтани нилуфар дар миёни нилуфар дар меояду сабоҳ ки нилуфар аз об бармеояду даҳон мекушояд он мурғ мепараду меравад ва шаб аз об ҳеч заҳмат намекашад [9,2232].

Тибқи ҳамин бовар, шоирони мо байни гули нилуфар, ки бо тулуи хуршед зинда мешавад ва бо ғуруби ӯ мемирад робитаи дилдодагӣ барқарор кардаанд, ки нилуфар ошиқу шефтаи хуршед ва хуршед маҳбуби ӯст ва бар ин асос шеърҳои бисёре сурудаанд:

Зиҳи амн ҷовид хуршедро,
Ки гӯянд маъшуқи нилуфар аст. (*Деҳлавӣ)*
На ту фурутари андар бузургӣ аз хуршед,
На ман ба хидмати ту камтарам зи нилуфар. (Масъуди Саъд)
Рухе диди ки хуршеди саҳартоб,
Чу нилуфар зи ишқаш рафта дар тоб. (Ваҳшии Бофиқӣ)
Ту офтобиву нилуфараст хотири ман,
Ба офтоб барояд зи об нилуфар. (Амири Муиззӣ)
Эй чашмаи зулол, ки дар иштиёқи ту,
Дорад зи меҳр ҳолат нилуфар офтоб. (Ҳазини Лоҳиҷӣ)
Чу нилуфар ба хуршедаст моил,
Зи маҳтоби ҷаҳонтобаш чи ҳосил ? (Салмони Совачӣ)
Зи раъйи ту мунаввар оламу холиқ ҳама олам,
Шуда бар раъйи ту фитна чу бар хуршед, нилуфар.
Чунон бӯи зафар мезад зи шамшераш ки пиндорӣ,
Зи теғи офтоб аз ишқ бишкуфт аст нилуфар. (*Саидҳасан Ғазнавӣ)*
Шукуфтани дил аз рафтани он ҷаноб,
Чу нилуфар аз дури офтоб. (*Воизи Қазвинӣ)*
Ғута зан дар оби чашми хеш дар дилҳои шаб,
Пеш аз хуршеди тобон сар чу нилуфар барор. (Соиби Табрезӣ)
Ройи ту ки офтоби фазласту ҳунар,
Гар ёд кунад нимшаб аз нилуфар. (Анварии Абивардӣ)
То офтоби домани зар каш кашон ба ноз,
Ман ғарқи нилу чашми чу нилуфари оямат. (Ҳоқонии Шервонӣ)

Ва гуруҳе аз шуаро ба воситаи дилбастагии нилуфар ба хуршед ба нилуфар лақаби «офтоб,хуршедпараст» -ро додаанд.

Парвона машав ҷон ба чароғе маспор,
В-аз ӯ расида ба хуршед сару соя фиканд. (Қавомии Розӣ)
Ин чилипо чу шохи гул дар даст,
Ва он чу нилуфари офтобпараст. («Ҳадиқа»-и Саноӣ)
Ҳамчу нилуфарам ба ҷону ба даст,
Осмонрангу офтобпараст. («Ҳадиқа»-и Саноӣ)

Ва гули нилуфар ба воситаи алоқааш ба офтоб, шабҳо дар ҳиҷрон ва набуди маҳбубаш ҳамвора дар табу тоб ва беқарорӣ аст.

Душ чун нилуфар аз ғам печу тобе доштам,
Ҳар нафас чун шамъ ларзон, изтиробе доштам.

Сояи андӯҳ бар ҷонам фурӯ афтода буд,
Хотире ҳамранги шаб, беофтобе доштам. (Раҳии Муайирӣ, 1375, 60)
Ҳоли зори ман чи пурсӣ ин на бас к-аз рӯи ту,
Дур мондастам чу дур аз рӯи хур, нилуфарӣ. (Ҳотифи Исфаҳонӣ)
Рухе диди, ки хуршеди саҳартоб,
Чу нилуфар зи ишқаш рафта дар тоб. («Ҳафт Авранг»-и Ҷомӣ)
То нагарди чун бунафша сӯи басте сарнагун,
Кай чу нилуфар шавад чашми ту бар хуршед боз. (Саноии Ғазнавӣ)
Зи шавқи талъату ҳирси хаёли ту ҳастам,
Ба рӯз чун ҳарбо ва ба шаб чу нилуфар. (Масъуди Саъд)
Ошиқи меҳр аст нилуфар, ки чун ӯ шуд ниҳон,
Андар об дида рӯй аз ҳиҷри ӯ пинҳон кунад. (Қатрони Табрезӣ)
Ту хуршедроиву аз даври ман,
Ба умед монда чу нилуфарӣ. (Масъуди Саъди Салмон)

Яке аз вижагиҳои ягонае, ки мавриди таваҷҷӯҳи шоирон қарор гирифта ин аст, ки ин гул бар хилофи гулҳои дигар бар рӯи об рӯяд ва рушд мекунад на бар сатҳи хоку хушкӣ ва шуаро аз ин хусусият, мазмун сохтаанд:

Ҳамчу акс шохаи нилуфари ваҳшӣ дар об,
Сояи андоми ӯ дар ашки ман афтода буд. (Муайирӣ, 1375, 190)
Чу ганҷе бош пинҳон дар харобӣ,
Чу нилуфар фурӯ бар сарду обӣ. (Салмон Совачӣ)
Буруни Даҷла хуни баланди офтоб,
Чу нилуфар афканда заврақ дар об. («Шарафнома»-и Низомӣ)
То шанбалиди зард падид омада аст, гашт
Нилуфари кабуд ба об андарун ниҳон. (Фаррухии Систонӣ)
Аз ишқи лаби лаъли ту эй дури хушоб,
Чун нилуфар сипар фикандам бар об. (Мақомоти Ҳамидӣ)
Эй рӯи ту офтобу ман нилуфар,
Чун нилуфар дар обам аз дидаи тар. (Масъуди Саъд)

Охирин нуктае, ки ҳунармандони форсизабон ба гули нилуфар нисбат доданд ин аст, ки ба воситаи сафедӣ ва бар рӯи об будани ин гул аз навъи зуҳду каромати ирфонӣ бархӯрдор аст ва аз ин ҷиҳат аз гулҳои мушобеҳи худ бартар аст:

Боз нилуфар, ки зоҳидрӯю суфикасватаст,
Чун дили ӯ сӯи шоҳу шамъи ҳафт ахтар кашад. Саноӣ
Бунафша хирқа мепушад ба томот,
Вале нилуфар аст аҳли каромот. («Хусравнома»-и Аттор)
Ки нилуфар чу нилипӯши асҳоб,
Саҷҷода боз афкандаст бар об. («Хусравнома»-и Аттор)
Нилуфари зоҳидлибос аз зар ниҳад бар даст каъс,
Абр аз ҳаво дар беқиёс афшонда дар каъсаш ши тӯл.
Фалакии Шервони

Кисоии Марвазӣ, онро ба торики дунёе, ки либосу шалвори кабуд дар бар карда, ташбеҳ намудааст: Рангчӣ, 1372, 425

Нилуфари кабуд нигаҳ кун миёни об,
Чун теғи об додаву ёқути обдор.
Чун роҳибе, ки ду рухи ӯ солу моҳи зард,
В-аз матрафи кабуд, радо кардаву изор.

А Д А Б И Ё Т

1. Эътисомӣ, Парвин. Девони ашъор – доной, Фарида – нигоҳ ва нашри илм – чопи 2, 1373 – 368 саҳ.
2. Халиф Табрезӣ. Бурҳони қотеъ, ба эҳтимоми доктор Муин Муҳаммад, 5 ҷилд, чопи 6, Амири Кабир, Теҳрон, 1376, 2756 саҳ.
3. Рангчӣ ғуломҳусайн, Гулу гиёҳ дар адабиёти манзуми форсӣ – Пажӯҳишгоҳ – Теҳрон, 1372, 461 саҳ.
4. Сипеҳрӣ Сухроб. Ҳашт китоб, Таҳурӣ, чопи 10, 1382, 457 саҳ.
5. Афифӣ, Раҳим, Фарҳангномаи шеърӣ, 3 ҷилд, Суруш, Теҳрон, 1376, 2744 саҳ.
6. Гулчини Маонӣ, Аҳмад. Фарҳанги ашъори Соиб, 2 ҷилд, Амири Кабир, Теҳрон, 1373, 567 саҳ.
7. Лавҳи фишурдаи дурҷи 3-муҳри арҷоми роёна, шомили як миллион байт ва 178 асар аз 101 ҳунарманд.
8. Муайирӣ, Раҳӣ. Сояи умр, Заввор, Теҳрон, чопи 7, 1375, 243 саҳ.
9. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ, 6 ҷилд, чопи 7, Амири Кабир, Теҳрон, 1371, 7945 саҳ.

10. Манзуӣ Ҳусайн, Маҷмӯаи ашъор, Офариниш ва нигоҳ, чопи 1, 1388, 1048 саҳ.
11. Ҳол, Ҷамиз Беҳзодӣ. Руқия фарҳанги нигораи намодҳо дар ҳунари шарқ ва ғарб, фарҳанги муосир, чопи 4, 1389, 433 саҳ.
12. Ёҳаққӣ, Муҳаммад Ҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ, фарҳанги муосир, Теҳрон, 1386.- 948 с.

МИФИЧЕСКИЙ ЛОТОС В ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ

В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению истоки этого мифического цветка и его отражение в персидской поэзии.

Ключевые слова: персидская поэзия, мифический цветок, лотос, отражение мифического лотоса в персидской поэзии.

MYTHICAL LOTUS IN THE PERSIAN POETRY

In this article the author subjected to studying and consideration sources of this mythical flower and its reflection in the Persian poetry.

Key words: the Persian poetry, mythical flower, lotus, reflection of a mythical lotus in the Persian poetry.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Бехёд Сиддикпур*** **-** соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

НИГОҲИ ДУБОРА БА КИНОЯ

Ҷамоли Алиманиш
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии бо номи Рӯдакии АИ ҶТ

Киноя аз зеботарин ва шевотарин баёни ҳунарӣ буда, аз муҳимтарин воситаи зебоофаринӣ дар шеър ва аз табиитарин роҳҳои баён аст, ки дар эътиқодоти пешиниён, одоб ва русуми иҷтимоӣ, кутуби муқаддас, гуфтори омма, амсол ва ҳукм, тақозо, интиқодот дар шеър, ба хусус дар анвои ҳаҷв киноя корбурди зиёде дорад.

Сухани забонӣ ҷанбаи ҳунарӣ ва адабӣ пайдо мекунад, ки шоир ва ҳунарманд битавонад онро ба сурати ғайримустақим баён кунад, зеро баёни мустақим, равшан ва сареҳи андеша, инчунин маъно, на танҳо зеҳнро ба таамул во намедорад, балки сабаби кунд ва танбалии зеҳни хонанда мешавад. Ҳамин тариқ, яке аз роҳҳои баёни ғайримустақим ва сареҳи забон киноя мебошад.

Киноя чист? Киноя дар луғат ба маънои сухан гуфтан аст ва дар истилоҳ сухане аст, ки дорои ду маънои наздик (ҳақиқӣ) ва дур (маҷозӣ) бошад, ба тавре, ки ин ду маъно лозим ва мазлуми якдигар бошанд. То шахсе бо андаке таамул маънои дуюмро, ки лозими маънои аввал аст дарк кунад. Саккокӣ кинояро овардани лафзе медонад, ки ғараз аз он лозими маънои дигар аст, бо ҷавози иродаи лозими он маъно [1,870] ва ҳадаф аз киноя гоҳе ба хотири эҳтиром ба мухотаб ё барои эҷоди ибҳом дар шунвандагон, ё барои шикасти душман ё барои муназзаҳ доштани гӯш аз хабаре, ки аз шунидани он ибо дорад ё барои эъроз ва латоифи балоғии дигараст [2,36].

Абулаббос Муҳаммад бини Язид Алмуббарад (фавт 282 ҳ.) дар боби киноя мегӯяд: «Киноя рӯй баргардонидан аз лафзи зишт ва нописанд аст, ба сӯйи он чи ки далолат бар маънои он лафз аз ғайраш мекунад» [4,143].

Ибни Асир кинояро шохае аз истиора медонад ва нисбати миёни киноя ва истиорарро нисбати хос ва ом мешуморад, яъне ҳар киноя истиора аст, аммо ҳар истиора киноя нест [4,143].

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар боби киноя мегӯяд: Истеъмоли киноя аз боби зарофат аст, дар фикр ё баён ва гӯё ба каломи оддӣ ранге аз шеър медиҳад, тезҳушӣ ва зарофатро ба чолиш мехонад. Аз ин ҷиҳат киноя дар ғазал, тақозо, интиқод ва дар ҳаҷв хидмати бисёр ба шоирон мекунад [5,74].

Муҳаммад Ризои Шафеии Кадканӣ мегӯяд: Киноя яке аз суратҳои баён ва услуби ҳунари гуфтор аст. Бисёре аз маъноҳоро, агар бо мантиқи оддии гуфтор адо кунем лаззатбахш нест ва гоҳ зишт менамояд, аз раҳгузари киноя метавон ба услуби дилкаш ва муассир баён кард [4,140].

Ҷалили Таҷлил дар китоби маъно ва баён мегӯяд: «Киноя иборат аст, аз эроди маънои ғайри ҳақиқӣ он гуна, ки битавон каъни ҳақиқии онро низ ироа кард» [6,140].

Дар баъзе аз осори гузаштагон мисли «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидии Ватвот баҳси киноя матраҳ нагардида ва илми баён ба ташбеҳу истиора ва маҷоз мунҳасир шудааст.

Гурӯҳе аз илмҳои балоғат, фанни баёнро ба чаҳор унсур ташбеҳ, истиора, киноя ва маҷоз тақсим кардаанд ва гурӯҳи дигар онро ба се унсур ташбеҳ, истиора ва маҷоз тақсим кардаанд, дар ҳудуд ва шуури ин аносир ба вижа дар киноя, истиора ва маҷоз дучори шакку тардид шудаанд. Гурӯҳи истиорaро киноя ва идаи дигар маҷозро киноя ва ё баракси ташхис додаанд. Маслан, дар фарҳанги «Бурҳони Қотеъ» вожаи «наргис» омадааст: киноя аз «чашми маъшуқ», дар ҳоле ки истиора мебошад. Ба ҳамин далел дар ин мақола мо барои дурӣ аз шакку тардид илми баёнро дар ду бахш: ҳақиқат ва маҷоз мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ба тавре ки ташбеҳ дар бахши ҳақиқат ва истиора дар бахши маҷоз ва киноя дар ҳар ду бахш: ҳақиқат ва маҷоз мавриди баррасӣ қарор мегирад. Истиора агарчи бар пояи ташбеҳ шакл мегирад, аммо ба ҷиҳати шаклгирӣ вориди арсаи маҷозӣ мешавад ва маънои ҳақиқати худро аз даст медиҳад. Дар сурате, ки киноя монанди истиора аз ҳавзаи ҳақиқат ба маҷоз роҳёфта бо ин тафовут, ки маънои ҳақиқии худро низ ҳифз кардааст.

Вижагиҳои киноя:

1. Ғаробат ва ошуноизудоӣ (ҳинҷоргурезӣ): шеър растохези калимот аст, гурез аз мантиқи оддӣ гирифтор мебошад [7,3] ва забони шеър забони шигарф ва ғариб аст.

Эҷоди ғаробат ва ошуноизудоӣ дар забон аз сувари хаёл маҳсуб мешаванд ва киноя борзитарин намунаи эҷоди ин ғаробатаст.Аз нигоҳи формалистҳо забони маъмулӣ ва рӯзмарра забони такрорӣ ва малоловар мебошад. Бинобар ин, барои зеҳн хастакунанда аст, дар ҳоле ки забони ҳунарӣ ва адабӣ бояд такроргурез ва таваҷҷуҳангез бошад ва киноя кимиёгари забон аст.

Вақте ки Фурӯғ ба ҷойи такрори «издивоҷ кардем» ин гуна мегӯяд:
Ҳама метарсанд, аммо ману ту
Ба чароғи адабу оина пайвастем
-натарсидем
Сухан аз пайвандаст ду ном
Ҳамоғӯшӣ дар авроқи кӯҳна як дафтар нест

Дар ин ҷо шоир бо эҷоди ғаробт як саҳнаи арӯсиро барои мо тасвир кард, ки бисёр барои зеҳн эҷоди лаззат ва зебоӣ мекунад.

2. **Дорои ду маъно будани киноя**: яке аз вижагиҳои муҳими киноя дорои ду маъно будани он аст, яке маънои наздик ва дигар маънои дур, ки мурод ва ҳадафи гӯянда, маънои дур мебошад. Дорои ду маъно ё чанд маъно будани киноя дар забон сабаби зебоии калом мешавад. Вақте мо мегӯем «аз дасти фалони об намечакад», ҳадаф маънои дури он дар назар аст, ки «хасис ва бахил» буданро ифода мекунад, гарчи маънои наздики онро низ метавон дарк кард.

3. **Эҷоз**: навъи эҷоз вуҷуд дорад, ки ҷанбаи ҳунарӣ дорад ва бисёр зебост, масалан вақте мегӯем «ҳар ки бомаш беш, барфаш бештар» як эҷози ҳунарӣ ба кор рафтааст, зеро лафз яке аст ва маъно ду, дар ҳоле ки дар каломи оддӣ ҳар лафз бар як маъно далолат мекунад, аммо дар киноя ба сабаби дорои ду маъно будани лафз, бори маъноӣ дугона дорад.

4.**Истидлол**: истидлол яке аз дигар вижагиҳои киноя аст, ки сабаби зебоии калом мешавад, яъне ин ки зеҳни аз тариқи истидлол аз мулозим ба маънои аслӣ мерасад. Вақте Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» дар ҷанги Рустам ва Ашкбӯс дар бораи камақл ва камхирад будани Ашкбӯс (Руҳом) мегӯяд:

Таҳамтан бар ошуфту бо Тӯс гуфт:
Ки Руҳомро ҷоми бодааст ҷуфт.

Дар ин ҷо Фирдавсӣ далели камхирадӣ ва анҷоми кори нодурусти Ашкбӯс (Руҳом) -ро бодахӯрии вай медонад.

Тафовути киноя ва маҷоз. Равшан аст, ки дар киноя иродаи маънои ҳақиқӣ ҷоиз аст, дар ҳоле ки дар маҷоз ҷоиз нест, чун дар маҷози қарина нишона, аломат сарфаи бозоранда аст, ки ҳидоятгари зеҳн ба маънои сонавӣ аст.Бар асоси назари Сакокӣ, киноя ва маҷоз ду фарқ доранд: дар киноя иродаи маънои ҳақиқӣ мумкин аст, ҳеҷ маъно нест, табиӣ ва дуруст мебошад, ки аз иборати «тавил-ул- наҷод» баландии тӯли шамшерро ирода кунем ва ҳам маънои кинояи баландқад будани он шахси дорандаи шамшерро, аммо дар маҷоз иродаи маънои ҳақиқӣ мумкин нест. Илова бар ин дар киноя мабнои интиқоли гуфтор аз лозим ба малзум аст ва дар маҷоз аз малзум ба лозим [1,142].Дар киноя ҳам иродаи маънои ҳақиқии калима шудааст ва ҳам онро муаббар

(маҳали убур) маънии маҷозӣ қарор додаем, аммо ба ваҷҳе, ки дорои маънои ҳақиқӣ ҳам мумкин аст, яъне имкон дорад, ки фалон мард ҳам баландқад бошад ва ҳам воқеан «тавил-ул-наҷод» балки ҳар ду маъноро лузуман ирода кардаем. Киноя на ҳақиқати сирф аст ва на маҷози сирф, балки мафҳуме аст байни маҷоз ва ҳақиқат [с. 243].

Пас дар ниҳоят метавон гуфт, фарқи киноя аз маҷоз ин аст, ки дар киноя метавон ҳам маънои дур ва ҳам маънои наздикро ирода кард, вале дар маҷоз фақат маънои дур ирода мешавад.

Фарқи киноя аз истиора. Тафовути киноя ва истиора вуҷуди нишона ва қарина дар истиора аст ва набуди чунин аломате дар киноя, ба таври мисол вақте Ҳофиз мегӯяд:

Наргисаш арбадаҷӯю лабаш афсӯс кунон,
Дӯш болини ман омад бинишаст.

«Арбадаҷӯ» будан далел ва нишонае аст, ки зеҳнро аз маънои ҳақиқӣ дур мекунад ва нишон медиҳад, ки мурод аз «наргис» ҳамон чашми маъшуқ аст, ки мисли инсон мебошад ва арбадакашӣ мекунад.Дигар ин ки иродаи маънои ҳақиқӣ дар истиора маҳол аст, вале дар киноя ҷоиз аст. Дар поён он чи метавон натиҷа гирифт ин аст, киноя шеваи ғайри мустақим дар баён аст, ки сабаби таъсир ва зебоии калом мешавад. Инчунин бисёре аз мафоҳими зебо ва низ хеле зишт ба василаи киноя баён мешавад, аз ин рӯ дар ҳаҷв корбурди бисёр дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба ошуфтагии марзи баёни киноя, истиора ва маҷоз дар китобҳои балоғат ки ношӣ аз тақсимоти чаҳоргуна ва сегонаи илми баён аст, метавон мабоҳиси илми каломро дар нигоҳи аввал дар ду бахш: ҳақиқӣ ва маҷозӣ ҷой дод. Ташбеҳро дар доираи ҳақиқат ва истиора дар ҳавзаи маҷоз, киноя ба далели бори маънои дугонааш «ҳифзи маънои ҳақиқӣ дар канори маънои маҷозӣ» метавонад дар ҳавзаи муштарак миёни ҳақиқат ва маҷоз қарор бигирад ва аз ҷиҳати киноя тасвирӣ аст, ки дар як лаҳза ду манзараро нишон медиҳад. Киноя ва маҷоз шевотар ва зеботар аз ҳақиқат ва истиора шевотар ва зеботари ташбеҳ аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Илҳошимӣ Саидаҳмад. Ҷавоҳир-ул-балоға фи маъонӣ ва-л- баён ва-л- бадеъ. -Теҳрон, 1377.
2. Кадканӣ Шафеии Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. Чопи 9.- Теҳрон, 1383.
3. Абдулҳусени Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб. -Теҳрон, 1374.
4. Таҷлили Таҷлил. Маъонӣ ва баён.-Теҳрон, 1367
5. Куруш сафавӣ. Аз забоншиносӣ ба адабиёт. - Ҷ.2.- Теҳрон, 1383.
6. Ҷалолиддин Ҳомиёӣ. Маъонӣ ва баён бо кӯшиши Моҳдухтбону Ҳумоёӣ. -Теҳрон, 1374.

ЕЩЕ ОДИН ВЗГЛЯД НА АЛЛЕГОРИЮ

Аллегория — выражение отвлеченного, абстрактного содержания мысли (понятия, суждения) посредством конкретного образа в литературе. В аллегории чаще всего используются отвлеченные понятия, типичные явления, характеры, мифологические персонажи - носители определенного, закрепленного за ними аллегорического содержания, аллегория может выступать и как целый ряд образов, связанных единым сюжетом. В то же время для нее характерно однозначное иносказание и прямая оценочность, которая является важным элементом в языкознании и литературоведении. Данная статья рассматривает свойства и особенности аллегорий на примере персидской поэзии.

Ключевые слова: персидская поэзия, аллегории, аллегорическое содержание, отвлеченные понятия, свойства и особенности аллегорий.

ONE MORE VIEW OF ALLEGORY

Allegory — expression of the abstract, abstract content of thought (concept, judgment) by means of a concrete image in literature. In allegory the abstract concepts, the typical phenomena, characters, mythological characters - carriers of the defined, allegorical contents fixed to them are most often used, the allegory can act and as a number of the images connected by a uniform plot. At the same time for it the unambiguous allegory and direct an assessment which is an important element in linguistics and literary criticism is characteristic. This article considers properties and features of allegories on the example of the Persian poetry.

Key words: Persian poetry, allegories, allegorical contents, abstract concepts, properties and features of allegories.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джамоли Алиманиш*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ.

БАРРАСИИ ҶОЙГОҲИ МАЪШУҚ ДАР АДАБИ ҲАМОСӢ ВА ҒИНОӢ (ИРФОНӢ ВА ҒАЙРИ ОН)

Марҷон Алиакбарзода
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Аз як дидгоҳ метавон гуфт, ишқ дар адабиёти достонии мо ба ду сурат намудор шуда ва ба табъи он маъшуқ низ ба ду сурат ҷилвагарӣ кардааст: яке ишқи ирфонӣ ё бо иборае беҳтар аст бигӯем ишқе, ки метавон онро ба таъбире ирфонӣ тафсир ва баррасӣ кард. Яъне достонҳои ошиқонае, ки чунин қобилиятҳоеро доранд (достонҳои ишқӣ – ирфонӣ), монанди “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Хусрав ва Ширин” (албатта бо таваҷҷуҳ ба шахсияти саргашта Фарҳод дар ҳошияи достон). Шайхи “Санъон ва духтари Тарсо”, “Маҳмуд ва Аёз” (албатта, чунончӣ битвон бо истинод ба бархе манобеъ бар он номи ишқ ниҳод)... дигар достонҳои ишқӣ-ҳамосӣ, ки беҳтарин намунаҳои онҳоро метавон дар “Шоҳнома” –и фарзонаи Тус ёфт. Монанди “Бежан ва Манижа”, “Зол ва Рӯдоба”, “Рустам ва Таҳмина” ва маонанди инҳо. Аммо аз он ҷо, ки достонҳои ишқӣ-ирфонӣ маъмулан дар ҳавзаи адаби ғиноӣ қарор доранд ва низ бад он сабаб, ки ногузир набошем барои ҳар ишқи ғайриҳамосӣ таъбири ирфонӣ бичӯем, беҳтар аст бар онҳо номи ишқҳои ғиноӣ ниҳем, то ишқҳои ирфонӣ ва ғайри ирфонии адабиёти ғиноиро ба таври комил дар бар гирад ва дастаи дувумро ишқҳои ҳамосӣ бихонем. Ишқҳои ғиноӣ аз латофат, сӯзу гудоз ва дардмандии бештаре бархӯрданд. Шикоят аз ҳаҷру фироқи ёр, ки дар ирфон ба фироқи банда аз маъшуқи азалӣ ва абадӣ, яъне Худованд, таъбир мешавад, дар онҳо бисёр машҳуд аст. Маъшуқ як порчаи нозу итоб аст “чу ёр ноз намояд, шумо ниёз кунед” ва ошиқ дар банди асири вай “мекашад ҳар ҷо, ки хотирхоҳи ӯст”. Ошиқ худро дар муқобили маъшуқ ба чизе намеангорад ва нимнигоҳе аз сӯи ӯ ҷони дубора дар колбади вай аст. Аммо дар достонҳои ишқӣ- ҳамосӣ ишқ танҳо баҳонаест барои шарҳи диловариҳо. Ошиқ, ки паҳлавонест номдор, ҳаргиз худро дар баробари маъшуқ, бо вуҷуде, ки дилбохтаи ӯст, хору хафиф намебинад ва ишқу маъшуқ, паҳноварии вайро ба банд намекашад. Бинобар ин, маъшуқ низ маъмулан ноқиди қаҳру ноз ва итоб аст. Дар ин достонҳо бар хилофи рӯҳи достонҳои ошиқона гоҳе хушунат низ по ба ироа мениҳад чаро, ки ин ҷо рӯҳи ҳамоса бар ишқ ва дилдода чӣ бартарӣ дорад.

Вуҷуҳи тафовути ҷойгоҳи ишқ ва маъшуқ дар адабиёти ҳамосӣ ва ғиноӣ бо баёни бархе шавоҳиди мисол дар ҳар ду: Ишқ дар адабиёти ҳамосӣ амрест ҳошияӣ, на зербиноӣ. Чизест, ки дар канори қаҳрамонҳо, ҷавонмардиҳо, барқҳои шамшер ва ҷӯйҳои хун андаке ба фазои хашини ҳокиӣ бар ҳамоса латофат мебахшад. Биттабъ маъшуқи ҳамосӣ низ дар адаби ғиноӣ (ирфонӣ ва ғайри он) андест илзомӣ чунончи фуқадони он мӯҷиби ҷаволи ин навъ аз адаб аст. Ва асосу шолудаи достон ё ғазал бар навъ пояи маъшуқ устувор аст. Ба унвони мисол дар достони “Бежан ва Манижа”-и “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба назар мерасад, тамоми ҷараёни набарди Бежан бо гурозон, ошноии ӯ бо Манижа, дилдодагии он ду гирифтории Бежан дар чоҳи Афросиёб ... ҳама ва ҳама барои он аст, ки саранҷом Рустам аз роҳ бирасад ва ба унвони намоди диловарӣ ва паҳлавонӣ нурҳо аз шарри зулмати чоҳ бираҳонад. Ба гунае, ки ҳатто бархе аз удабо ба ҷои номи достони “Бежан ва Манижа” бад он унвони “Бежан ва гурозон” ё “Размии Бежан бо гурозон” додаанд [4,463]. Ишқҳои ҳамосӣ бисёр муҷмал баён мешавад. Барои мисол тамоми достони “Рустам ва Таҳмина” дар камтар аз яксаду сӣ байт хулоса шудааст, ки аз он миён низ танҳо шаст байт марбут ба рӯёрӯии Таҳмина ва Рустам аст. Достони “Хусрав ва Ширин”-и “Шоҳнома” низ бисёр хулоса аст, дар ҳоле ки медонем “Хусрав ва Ширин”-и Низомӣ худ .... ҷудогона бо шарҳи муфассали моҷароҳои ошиқона. Ишқ дар адабиёти ҳамосӣ таҳти таъсири рӯҳи ҳамоса дорои ҳамон вижагиҳои ҳамосӣ аст. Монанди ғурур, тадохур, изҳори шуҷоат ва диловарзӣ ва ғайра. Аммо ишқ дар адабиёти ғиноӣ ишқест хоксор, ошиқ пайваста нолон аз ҳаҷри ёр аст ва ёр якпорча саргарми нозу итоб. Ба унвони намуна абёте аз “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомӣ, он ҷо ки Маҷнун дар ишқи Лайлӣ ба зорӣ нишаста, дар зайл меояд:

Бинвоз ба лутф як саломам,
Ҷон тоза намо ба як паёмам.
Эй ҳам ману ҳам ту одамизод.
Ман хори хасак, ту шохи шамшод.
Зарнек чу зар куҷо азиз аст?

З-он як ман аз ин ба як пашиз аст.
Ҷурми дили узрхоҳӣ ман чист?
Ҷуз дӯстит гуноҳи ман чист?
(Низомии Ганҷавӣ. Лайлӣ ва Маҷнун. саҳ. 76-77)

Мебинем ошиқ худро ба пастарин чизҳо монанд мекунад (кори хисак, зарнек) ва маъшуқро, ки гӯӣ олиҳа аст, осмонӣ, бар бартарин чизҳо (шохи шамшод, зар). Тӯӣ ошиқ дар қаъри чоҳ наззорагари маъшуқест, ки бар фарози қуллаҳои ифтихор мехиромад. Васли маъшуқ ҳамчун афсонаест ношуданӣ ва ҳамин вижагиҳост, ки заминаро фароҳам меоварад, то битвон ишқҳои ғиноиро ба дидгоҳҳои орифона баррасӣ кард ва маъшуқро холиқ ёфт. Маъшуқи осмонӣ ҷомеи тамоми хубиҳо ва зебоиҳо, маъшуқе, ки дастёбӣ ба вай ба руёҳо мемонад, маъшуқе, ки ошиқ дар баробари ӯ заррает бе миқдор ва гоҳ ҳеҷ аст ва заррае ҳам намеарзад. Маъшуқе, ки ошиқ ба ҳар сӯй менигирад, ҷилвае аз ӯст. Оҳувонҳо аз банд мераҳанд ва гавазнонро озод мекунад, чаро, ки онҳо гӯшае аз ҷамоли ёр доранд! (Ишора ба достони “Лайлӣ ва Маҷнун” ва озод шудани оҳувон ва гавазнон тавассути Маҷнун ...) Абёти пешин аз забони Маҷнун ва дар ғиёби Лайлӣ буд бо он ҳама сӯзу гудоз, аммо акнун абёте аз ишқи ҳамосиро баррасӣ мекунем. Рафтани Зол ба назди Рӯдоба он ҳангом ки Рӯдоба бар бода аст ва Золи Зар аз дур ба дидори ӯ меояд: ... (Рӯдоба)

Ду беҷода бикшоду овоз дод,
Ки шод омадӣ, эй ҷавонмарди зод.
Дуруди ҷаҳонофарин бар ту бод,
Хами чархи гардон амини ту бод ...
Паёда бад-ин сон зи пардасарой
Биранҷидат он хусравонӣ ду пой ...
Чунин дод посух, ки : Эй моҳчеҳр,
Чи моя шубон дида андар самок,
Хурӯшон будам пеши яздони пок.
Ҳамехостам то Худои ҷаҳон
Намояд ба ман рӯят дар андар ниҳон...
Яке чораи роҳи дидор ҷӯй,
Чӣ бошӣ ту бар барову ман ба кӯй ....
(Абулқосими Фирдавсӣ. Шоҳнома. саҳ. 69, абёти 637-648).

Дар идомаи абёти мазкур Рӯдоба ба унвони “чораи роҳи дидор” аз гесувони худ каманде месозад, то Золро ба болои бурҷ бирасонад.

Дар абёти мазкур чанд нуктаи қобили баррасӣ аст: яке он ки ба ҷои қаҳру нози маъшуқ ва зории ошиқ маъшуқ худро дар ҳадди канизаке хоксор месозад ва изҳори тассуф мекунад, ки “Биранҷидат он хусравонӣ ду пой!”.

Аз сӯйи дигар баёни ишқи Зол аз сари бузургӣ аст, на аҷзу дармондагӣ. Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт, ҳатто чунин абёте (маъшуқаи каломии ошиқу маъшуқ) низ дар “Шоҳнома” ба нудрат ёфт мешавад. Дар ин абёт баёни ишқи ошиқ нисбат ба маъшуқ бисёр кӯтоҳ ва мухтасар аст, ҳатто кӯтоҳтар аз хушомадгӯии маъшуқ нисбат ба вай. Аз ҳама муҳимтар саранҷом маъшуқ гесувони худро чун ресмоне барои суъуди ошиқ бар бора фуруд меоварад. Ӯ маъшуқе заминӣ аст, ки роҳи висол гесувони ресмоншудаи ӯст, дар ҳоле, ки дар адаби ғиноӣ зулфи ёр дорои таҳаддсуе аст. Ба қавли Ҳофиз:

Ба адаб ифакушоӣ кун аз он зулфи сиёҳ,
Ҷойи дилҳои азиз аст, ба ҳам бармазанаш.

Ба унвони намунае дигар абёте аз “Хусрав ва Ширин”-и Низомӣ баррасӣ мекунем, он ҷо ки Фарҳод дар кӯҳсорон ба тарошидани тимсоли сангини Ширин саргарм аст. Фарҳоде, ки ба назар мерасад дар достони “Хусрав ва Ширин” унсуре зоид аст, шояд намоде бошад аз ишқи орифона, ки аз ҳеҷ кӯшише фурӯгузар намекунад ва ҷуз ҳеҷ надорад. Дар муқобили Хусрав, ки шоҳест қудратманд бо сарвату мукнат ва зоҳирписанд, ки ошкоро ва пинҳонӣ ба дигарон - Марям ва Шаккари испаҳонӣ низ дилбохта аст ва Ширин, ки шояд намоди инсони саргашта бошад, дар миёни ин ду маданият ва маънавият саргардон аст. Бояд таваҷҷуҳ дошт, достони “Хусрав ва Ширин” дар “Шоҳнома” фақиди шахсият ба номи Фарҳод аст! Акнун кӯҳ кандану зории Фарҳод аз забони Низомӣ:

Чу шуд пардохта Фарҳодро чанг
Зи суратгории девори ин санг,
Наёсурӣ зи вақти субҳ то шом,

Буриши кӯҳ бар ёди дилором...
Хитоби Фарҳод ба тимсоли Ширин:
Ту худ донам, ки аз ман ёд н-орӣ,
Ки ёре беҳтар аз ман ёд дорӣ....
Туро то дил ба Хусрав шояд бошад,
Ғарибе чун манат кай ёд бошад?
Махӯр хунам, ки хун хӯрдан зи баҳрат,
Ғарибам охир, эй ман хоки шаҳрат!
Хаёлатро парастишҳо намудам,
В-агар ҷурме ҷуз ин дорам, ҷуҳудам...
(Низомии Ганҷавӣ. Хусрав ва Ширин. саҳ. 238-247).

Дар абёти мазкур изҳори аҷзу лобаи ошиқ ба маъшуқ ба равшанӣ машҳуд аст. Аммо шеваи ошиқи ҳамосӣ дигар аст (ручӯъ шавад ба мақолаи нигорандаи “Достоне базмӣ дар матни ҳамосаи размӣ” (“Бежан ва Манижа”), мачаллаи “Адабиёти достонӣ”, шумораи 5, соли 1378).

Абёти зайл аз достони “Бежан ва Манижа”-и “Шоҳнома” аст. Пас аз он ки Манижа – духтари Афросиёб – шоҳи Тӯрон ба муҷозоти ишқи Бежан аз қаср ронда шудааст ва барои Бежан, ки дар қаъри чоҳ гирифтор омада, хӯрок гадоӣ мекунад, акнун, ки бо зории бисёр Рустамро, ки барои ӯ ношинос аст ва ҷомаи бозаргонон пӯшида, ба ёрӣ талабида аст ва Рустам низ ба расми нишонае аз пештан ангуштарии худро бар Бежан фиристода, Бежан, ки ба ин роз – рози шиносоии Рустам – пай бурдааст, аз баёни он ба Манижа сад боз мезанад. Бад-ин сон ки .... (Бежан):

Кунун гар вафои маро нашканӣ,
Ба савганд бо ман ту паймон кунӣ.
Бигӯям туро сар ба сар достон,
Чу гаштӣ ба савганд ҳамдостон.
Ки хобро бидӯзӣ зи баҳри газанд,
Занонро забон қай намонад ба банд.
Манижа хурӯшиду нолид сахт,
Ки бар ман чӣ омад зи бадхоҳ бахт.
Бидоди ба Бежан тану ҷони ман,
Кунун гашт бар ман чунин бадгумон.
Дари ганҷу динору тоҷу гуҳар
Ба тороҷ додаи ҳама сар ба сар.
Падар гашт безору хешон зи ман,
Бараҳна давон бар сари анҷуман ....
Бипӯшад ҳаме роз бар ман чунин,
Ту огаҳтари эй ҷаҳонофарин.

(Абулқосим Фирдавсӣ. “Шоҳнома”. Ба тасҳеҳи Жул Мул. Абёти 1082 – 1091, саҳ. 867).

Дар абёти фавқ хоксупории маъшуқ нисбат ба ошиқ қобили таваҷҷуҳ аст, он ҳам маъшуқе, ки духти шоҳи Тӯрон аст. Ошиқи ҳамосӣ асири ишқи худ нест ва пайваста бархӯрди ӯ бо маъшуқ аз мавзӯи қудрат ва паҳлавонӣ аст.

Дар ишқҳои ҳамосӣ дар бисёре аз маворид зан ба ҷои он ки нақши маъшуқро ифо кунад, дар ҳақиқат ошиқ аст. Зан ҳаводиси достонро ба суръат пеш мебарад ва дорои рашодату шуҷоате ҳамтои паҳлавонон аст ва дар роҳи дилдор аз ҷону дил даст мешӯяд. Ҳатто ӯ худ дар ишқ пешқадам аст. Ба унвони мисол дар достони “Бешан ва Манижа”, ки пеш аз ин абёте аз онро баррасӣ кардем, ин нукта қобили баррасӣ аст ва гуфтем ба ҷои он ки ошиқ дар муқобили маъшуқ азхудгузаштагӣ нишон диҳад, ин Манижа аст, ки ба хотири Бежан аз қасри шоҳӣ ронда мешавад ва ба анвои балоҳо гирифтор меояд. Муҳимтар аз ҳама асли достонро низ Манижа меофаранд ва Бежан танҳо дар ин ҷараён қарор мегирад. Ин Манижа аст, ки дояро назди Бежан мефиристад ва ӯро нахустин бор ба хаймаи хеш фаро мехонад. Вайро бо дарди хушбар мехобонад ва шабаҳангом ба қасри хеш мебарад ва ӯст, ки дар чоҳ, дар ҳоле, ки худ матруди хонавода ва хешон аст, аз марги маҳтуни вай ҷилвагарӣ мекунад ва саранҷом ҳам ӯст, ки бозувони ёрибахши Рустамро ба дастгирии вай бар сари чоҳ фаро мехонад. Гӯё рӯҳи ҳамоса дар колбуди занон дамида шуда, аз онон паҳлавоне далер сохта аст. Чунон ки дар достони “Таҳмина ва Рустам” Таҳмина – духтари шоҳи Самангон дар худ ин ҷуръатро меёбад, ки шабона ба хаймаи Рустам – душмани деринаи падар равад, ки:

Яке духти шоҳи Самангон манам,

Зи пушти Ҳаҷиру палангон манам.
Ба гетӣ зи шоҳон маро ҷуфт нест,
Чу ман зери чархи баланд андакест.
Зи парда бурун кас надида маро
На ҳаргиз кас ово шунида маро.
Ба кирдори афсона аз ҳар касе
Шунидастаам достонат басе,
Ки аз деву шеру палангу наҳанг
Натарсиву ҳастӣ чунин тезчанг...
Бичустам ҳаме китфу ёлу бадат,
Бад-ин шаҳр кард эзид обишхӯрат.
Туро ... кунун, гар бихоҳӣ маро,
Набинад чуз ин мурғу моҳӣ маро...
(Ҳамон ҷо, абёти 88-109, саҳ. 362-363).

Мебинем, ки маъшуқи ҳамосӣ, чун Таҳмина бо дигар шахситяҳои ҳамосӣ, бо маъшуқи ғиноӣ, чун Лайлӣ бо дигарон, фарсангҳо фосила дорад. Ӯ дар ишқ пешқадам аст. Ҳатто дар ин достон ва дигар достонҳои ошиқонаи ҳамосӣ зан баён мекунад, ки иллати дил бастани вай мушоҳидаи шуҷоат ва ҷавонмардии паҳлавон аст.

Ба унвони намунае дигар барои баёни занони ҷасур ва пешқадам дар ишқ абёте аз “Хусрав ва Ширин”-и “Шоҳнома”-ро зикр мекунем. Ҳангоми дидори Хусрав бо Ширин:

Чунон шуд, ки як рӯз Парвезшоҳ
Ҳаме орзу кард нахҷиргоҳ...
Чу бишнид Ширин, ки омад сипоҳ
Ба пеши сипоҳ, он ҷаҳондор шоҳ
Яке зард пироҳане мушкбӯй
Бипӯшиду гулноргун кард рӯй.
Чу рӯи варо дид, бар пой хост,
Ба Парвез бинмуд болой рост.
Забон кард гӯё ба Ширин сухан,
Ҳаме гуфт аз он рӯзгори куҳан.
Ба наргис гули арғувонро бишуст,
Ки бемор буд наргису гул дуруст...
Ҳаме гуфту аз дида хуноби зард
Ҳамерехт бар чеҳраи ложвард...
(Ҳамон ҷо, абёти 3503-3541, саҳ. 2207-2209).

Ҷасорати ширин дар ишқ аз абёти фавқ ба роҳатӣ бармеояд, аммо маъшуқ дар ишқҳои ғиноӣ дар айни ҳол ки бисёр пуркарашмаву нозанин аст, маъмулан мавҷудест мунфаъил ва гоҳе саргардон ва ба нудрат дорои ҷасорату шуҷоати ошиқона. Барои мисол, Лайлӣ бо вуҷуди дилдодагии бисёр ба Маҷнун ба издивоҷ бо Ибни Саломи Бағдодӣ тан медиҳад. (Муқоиса кунед бо шахсияти Манижа ва Таҳмина).

Тавсифи зебоии маъшуқ дар адабиёти ҳамосӣ ва ғиноӣ комилан мутафовит аст ва бо баррасии намунаҳое аз ҳар як ба осонӣ метавонем дарёфт, ки рӯҳи ҳоким бар васфи ҷамоли маъшуқ дар ишқҳои ғиноӣ: латиф, муффасал, амиқ, хаёлангез ва фарозаминӣ, аст. Аз ҷумла абёте аз “Хусрав ва Ширин”-и Низомиро дар васфи ҷамоли Ширин мехонем:

Паридухтаре, парӣ бигзор, моҳе
Ба зери миқнаа соҳибкулоҳе.
Шабафрӯзе чу маҳтобе ҷавонӣ,
Сияҳчашме чу оби зиндагонӣ...
Шуда гарм аз насими мушкбезаш
Димоғи наргиси беморхезаш...
Намак дорад дилаш дар ханда пайваст,
Намак ширин набошад в-они ӯ ҳаст....
(Низомии Ганҷавӣ. Хусрав ва Ширин. саҳ. 50-51).

Мебинем тавсифи Ширин бисёр латиф ва фарозаминӣ аст. Аммо васфи ҷамоли маъшуқ дар ишқҳои ҳамосӣ бисёр кӯтоҳ, заминӣ ва воқеитар аст. Ҳатто гоҳе андоми ёр ба олоту адовати хашини ҷангӣ, ки ба назар мерасад бо фазои ошиқона ҳеҷ муносибате

надорад, ташбеҳ шудааст. Монанди абёти зайл аз достони “Зол ва Рӯдоба” дар васфи ҷамоли Рӯдоба:

Зи сар то ба пояш ба кирдори оҷ,
Ба рух чун биҳишту ба бало чу соҷ.
Бар он сифти симин аз мушкин каманд,
Сараш гашта чун ҳалқаи пойбанд...
Ду чашмаш ба сони ду наргис ба боғ,
Мижа чирагӣ бурда аз парри зоғ.
Ду абру ба сони камони Тироз,
Бар ӯ тӯз пӯшида аз мушки ноз...

(Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ба тасҳеҳи Жул Мул. Абёти 385-389, саҳ. 159).

Тӯз дар охирин байти шоҳиди мисол “пӯсти бисёр муҳкам ва бодавоми дарахти хаданг аст, ки рӯи камон ва сипару зинпечидаанд” [11].

Саранҷом мебоист таваҷҷуҳ дошт, тафовутҳои бисёр миёни ишқҳои ҳамосӣ ва ғиноӣ ва ҷойгоҳи комилаи мутафовити маъшуқ дар он ду ба тафовутҳои бунёдини миёни ду сабки адабӣ бозмегардад: сабки хуросонӣ ва ироқӣ. Ишқ дар сабки хуросонӣ, ки ҳамоса яке аз бартарин намудҳои ин сабк ба шумор меравад, ба ҷиҳати вижагиҳои хоси он бурунгироёна, воқеӣ, малмус ва бисёр бо уббуҳат аст. Аммо ишқ дар сабки ироқӣ, албатта, бо таваҷҷӯҳ ба он ки битавон низоме ва шоҳиди шеърии мазкур аз ӯро оғози пайрезии сабки ироқӣ донист, ба пайравӣ аз вижагиҳои ин сабк маъмулан дарунгароёна, фарозаминӣ, хаёлангез ва бисёр дардманд аст ва ба ҳамон андоза, ки маъшуқ дар баландои ифтихор саргарми нозу ҷавру ҷафост аз он сӯй ошиқ бечора, хоксор, дармонда асту саропо ниёз. Аз як нигоҳ метавон пайдоиши ин тазодҳоро паёмади бархе масоили иҷтимоӣ донист, гар ки усулан башар дар кашокаши мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гоҳ дучори навъе дарунгузароии мусбат ва манфӣ мешавад ва саъй дорад ҳарчанд покона ба аъмоқи даруни хештан ҷӯяд, яъне саъй дорад он чиро, ки қодир нест дар дунёи воқеъ бад-он даст ёбад, дар рӯъёҳо ва даруниёти хеш биёбад ва бо хаёлпардозӣ онҳоро падид оварад. Бо ин дидгоҳ метавон миёни кашмакашҳои паёпаи қавми эронӣ, таҳоҷуми аҳвоми гуногун бар он ва эҷоди сабки дарунгароёнаи ироқӣ робитаи танготанг ёфт. Сабке, ки ошиқ дар он ба шиддат сархӯрда асту хоксор, ишқ дар он бисёр пурсӯзу гудоз аст ва тамоми рӯҳи адабиёти ғиноиро дар бар мегирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Деҳҳудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳҳудо. -Донишгоҳи Теҳрон.
2. Рипко, Ян. Таърихи адабиёти Эрон. Тарҷумаи Д. Исо Шаҳобӣ, “Тарҷума ва нашри китоб”, Теҳрон, 1353.
3. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ. “Фирдавсӣ”.- Теҳрон, 1373.
4. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. ҷилди 1, “Фирдавсӣ”.-Теҳрон, 1368.
5. Ибодиён, Маҳмуд. Таквини ғазал ва нақши Саъдӣ (Муқаддимае бар мабнои ҷамоатшинохтии ғазали форсӣ ва ғазалиёти Саъдӣ), “ҳуш ва ибтакор”.- Теҳрон, 1372.
6. Алиакбарзода, Марҷон. Достони базмӣ дар матни ҳамосаи размӣ (“Бежан ва Манижа”). Фаслномаи “Адабиёти достонӣ”, шумораи 50, соли 17, 1378.
7. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Бо тасҳеҳи Жул Мул, “Сухан”. -Теҳрон, 1373.
8. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Бо тасҳеҳ ва Қавошии Ҳасани Воҳиди Дастгирдӣ, ба кӯшиши дуктур Саъидӣ Ҳамидиён, “Қатра”. -Теҳрон, 1373.
9. Низомии Ганҷавӣ. Хусрав ва Ширин. Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Ҳасани Воҳид Дастгирӣ, ба кӯшиши дуктур Саъиди Ҳамидиён . “Қатра”,.-Теҳрон, 1376.
10. Низомии Ганҷавӣ. Лайлӣ ва Маҷнун. Бо тасҳеҳи Ҳасани Воҳиди Дастгирдӣ, ба кӯшиши дуктур Саъиди Ҳамидиён. “ Қатра”, Теҳрон.- 1376.
11. Нӯшин, Абдулҳусайн. Вожаномак (дар бораи вожаҳои душвори “Шоҳнома”). “Дунё”.- Теҳрон, 1363.

ИССЛЕДОВАНИЕ МЕСТА ВОЗЛЮБЛЕННОЙ В ЭПИЧЕСКОЙ И ЛИРИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Автор в данной статье исследует расположение возлюбленной в эпической и лирической литературе, а также рассматривает изображение возлюбленной и различия в двух стилях: хорасанском и иракском стилях.

Ключевые слова: возлюбленная, эпический, лирический, мистический, отличие, стиль.

EXAMINATION OF THE LOVER IN THE EPIC AND LYRICAL LITERATURE

The author of article researches the situation of beloved in epic and lyric literature (mysticism and other). And also the image of beloved is considering in difference between two styles: khorasani and Iraqi styles.

Key words: beloved, epic, lyric, mysticism, style

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Марджон Алиакбарзода*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ, член научно-преподавательского состава Свободного исламского университета города Варомин – Пешво, Иран

ДОНИШ ВА СУХАНДОНӢ ДАР ДОСТОНИ «АНӮШЕРВОН ВА БУЗУРГМЕҲР»

Ғуломризо Ҳофизӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, шоҳкори осори ҳамосии миллии Эрон ва яке аз олитарин намунаҳои шеъри сода ва равон ба сабки волост. Мавзӯи ин шоҳкории ҷовидон, таърихи қадими Эрон аз оғози тамаддуни нажоди эронӣ то инқирози ҳукумати Сосониён ба дасти мусулмонон аст ва бар се давра - асотирӣ, паҳлавӣ ва таърихӣ тақсим мешавад. Ин давраи мумтади таърихӣ ба панҷоҳ подшоҳӣ тақсим мешавад, ки аз назари тӯли замон ва тафзили матолиб мутафовут аст [6, 489].

Давраи асотирӣ аз замони Каюмарс то зуҳури Фаридун идома дорад. Дар ин аҳд аз подшоҳоне, монанди Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас ва Ҷамшед сухан ба миён меояд. Тамаддуни Эрон дар ин замон таквин меёбад. Кашфи оташ, ҷудо кардани оҳан аз санг, риштану бофтан ва кишоварзӣ кардан ва амсоли он дар ин давра сурат мегирад. Дар ин аҳд ҷангҳо, ғолибан, ҷангҳои дохилист ва ҷанг бо девон. Баъзеҳо эҳтимол додаанд, ки манзур аз девон, бумиёни фулоти Эрон будаанд, ки бо ориёиҳои муҳоҷим ҳамвора то муддате ҷангу ситез доштаанд. Дар поёни ин аҳд Заҳҳок - душмани покӣ ва рамзи бадӣ ба ҳукумат менишинад. Аммо, саранҷом, пас аз ҳазор сол (манзур, замони тӯлонӣ) Фаридун ба ёрии Коваи оҳангар ва ҳимояти мардум, ӯро аз миён мебарад ва давраи ҷадид оғоз мешавад.

Давраи паҳлавонӣ ё ҳамосӣ аз подшоҳии Фаридун оғоз мешавад. Эраҷ, Манучеҳр, Нӯзар, Золу Гаршосп ба тартиб ба подшоҳӣ менишинанд. Ҷангҳои миёни Эрон ва Тӯрон оғоз мешавад. Подшоҳони каёнӣ, монанди Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав ва сипас, Лӯҳросбу Гуштосб рӯи кор меоянд. Дар ин аҳд диловароне, монанди Зол, Рустам, Гударз, Тӯс, Бежан, Сӯҳроб ва амсоли онон зуҳур мекунанд. Сиёвуш, писари Кайковус ба дасти Афросиёб кушта мешавад ва Рустам ба хунхоҳии ӯ ба Тӯронзамин рафта, интиқоми хуни Сиёвушро аз Афросиёб мегирад. Дар замони подшоҳии Гуштосб, Зардушт пайғамбар зуҳур мекунад. Исфандиёр ба дасти Рустам кушта мешавад. Муддате, пас аз кушта шудани Исфандиёр, Рустам низ ба дасти нобародарии худ ШаҒод, ноҷавонмардона кушта мешавад ва Систон ба дасти Баҳман, писари Исфандиёр ба хок яксон мегардад ва бо марги Рустам давраи паҳлавонӣ ба поён мерасад.

Давраи таърихӣ бо зуҳӯри Баҳман оғоз мешавад. Пас аз Баҳман, Ҳумой, сипас, Дороб ва писари ӯ Доро ба подшоҳӣ мерасанд. Дар ин замон Искандари Мақдунӣ ба Эрон ҳамла мекунад, Дороро, ки ҳамон Дориюши савум аст, мекӯшад ва ба подшоҳӣ менишинад. Бад ин тартиб, асри ҳамосӣ (паҳлавонӣ) ба асри Ҳахоманишӣ пайванд мехӯрад.

Фармонравоии ду давлати муқтадир ва дерпойи Ашконӣ ва Сосонӣ, ки ҳар як қариб панҷсад сол фармонравоӣ кардаанд, давраи таърихии «Шоҳнома»-ро месозанд. Дар китоби «Худойномаҳо», ки дар авохири аҳди Сосонӣ навишта шудааст, аз ҷонишинони Искандар ва Сулукиҳо хабаре нест ва панҷсад сол подшоҳии Ашкониён низ ба фаромӯшӣ супурда шудааст [1,73]. Зеро ба гуфти Фирдавсӣ: «К-аз эшон ҷузъ ном нашнидааст».

Даврони таърихии «Шоҳнома» бо ҳамлаи мусулмонон ва шикасти эрониён ба поён мерасад. Дар давраи асотирии «Шоҳнома», инсон ба ёрии мобаъдуттабиат, аз бардагии табиат дур мешавад, нахустин шолудаҳои (таҳкурсӣ) зиндагии ҳамгурӯҳ, қудрати марказӣ (подшоҳӣ) ва сомонии иҷтимоиро бунёд мениҳанд. Ин ҳамосаи оғоз аст» [1, 176].

Дар давраи асотирӣ, Каюмарс нахустин офарида, нахустин одам ва нахустин шоҳ аст ва ин оғози фармонравоии инсон бар гетӣ аст. Аз ҳамин ҷост, ки набарди ҷовидонаи некӣ ва бадӣ дар гетӣ оғоз мешавад. Дар нахустин пайкор миёни одамӣ аз як сӯ ва фарзанду фарзандзодагони Аҳриман аз сӯи дигар, ки намояндагони ӯ дар рӯи

замин ҳастанд, Худованд ба ёрии одамӣ мешитобад ва ӯро дар набард бо Аҳриманзодагон дилгарм ва сипас пирӯз месозад [4, 166-168].

Дар ҳамосаи паҳлавонӣ одамиён бо ҷаҳон ва бо якдигар даргири кашокаши зиндагонӣ ва марганд ва паҳлавонон намоишгари ин даргириҳоянд. Дар ин давра ба ҷои шарҳи баду нек, муборизон дар ҳангомаи зиндагӣ, дар баробари якдигар ва рӯ ба рӯи марг, зишту зебоии ҷаҳон, дардҳо ва орзуҳо, муҳаббат ба кишвар, меҳру кин ва доду бедодро ба ҷон меозмоянд [8, 245].

Бо тааммул, дар давраи паҳлавонии «Шоҳнома» метавон гуфт: «Қалби зиндагии бахши ҳамаи ҳаводис дар ин давра кирдор аст. Кирдор сиришти ҳамоса ва хунест, ки агар дар рагҳои он надавад, достони ҳар разму базм аз нафас меафтад ва хомӯш мешавад. Дар олам ҳама бо кирдор сохта ва шинохта мешаванд ва он чи дар ҳафт хони Рустам ё Исфандиёр мегузарад, аз нақши барфу борону биёбон ва Рахшу Симург, аждаҳову гургу ҷоду нишон медиҳад, ки оламу одам дар коранд, то достоне оғоз шавад ва ба анҷом бирасад. Нақши кирдор дар ҳар рӯйдоди ҳамосӣ ва ҳатто дар кори дилдодагон низ пайдост. Дар давраи паҳлавонӣ эҳсосу отифа аз баракати вуҷуди кирдор ва дар ҷараёни рӯйдоди берунӣ падидор мешаванд. Достони ишқи Бежану Манижа бо шикори гурозон ва паҳлавонии Бежану Манижа ва дидори он ду сар мегиранд. Сипас, доруи беҳушӣ, бурдани Бежан ба Тӯрон, зиндонӣ шудани ӯ дар чоҳ, хабар ба Эрон, душмании ду кишвар, дархости шоҳ аз Рустам, лашкаркашӣ ба Тӯрон, рафтани сарон дар ҷомаи бозаргонон ба он сарзамин, ҳамдастӣ ва паёмоварии Манижа, гардон ва набарди Рустаму Афросиёб ва саранҷом пирӯзии эрониёну шодкомии ошиқон, инҳо зеру буми пурмоҷарои достони ошиқонаест, ки тору пуди онро кирдорҳои паҳлавонӣ ба ҳам гиреҳ мезанад. Дар достони Золу Рӯдоба ва меҳрварзии кӯтоҳи Рустаму Таҳмина низ ҳамин кирдори корсоз ошкор аст.

Ва турфаи он ки ба хилофи суннат ва фарҳангу адаби форсӣ, дар кору бори ошиқӣ, забони «Шоҳнома»-и пешгом ва аз мардони бепарвотаранд. Рӯдоба, бетобии ишқи Зол, рози дилашро назди парасторони ғамгусор мегушояд ва мегӯяд:

Ки ман ошиқиам чу баҳри дамон, Аз ӯ бар шуда мавҷ то осмон.
Пур аз пур сом аст равшандилам, Ба хоб андар андеша зангсилам.
Ҳамаи хонаи шарм пурмеҳри ӯст, Шабу рӯзам андешаи чеҳраи ӯст.
Кунун ин суханро чи дармон кунед, Чӣ хоҳеду бо ман чӣ паймон кунед.
Яке чора бояд кунун сохтан, Дилу ҷонам аз ранҷ пардохтан.
[8, 188].

Рӯдоба дар паси парда наменишинад ва оҳ намекашад, то рӯзе бахташ боз шавад, худҳимматӣ мекунад ва аз надимони ҳамдамаш мехоҳад, ки онҳо ҳам коре бикунанд [9, 394].

Дар ҳамосаи паҳлавонӣ гуфтор дар хидмати кирдор аст. Барои ҳамин, рачазхонии муборизон пешопеш дар ҳарф, хуни ононро ба чӯш меоварад, то амали омодаи ҷонситониву ҷонбозӣ шаванд. Барои мисол, метавон гуфтушуниди бемонандии Рустами пиёда ва Ашкбӯси саворарро ба ёд овард [7,183]. Дар миёни анбӯҳ чунин суханоне, муфохироти Рустам ва Исфандиёр намунаи дурахшони дигаре аст, ки дар он ҳарду худро меситоянд ва мақоми ҳамовардро боло мебаранд, то сазовори якдигар бошанд. Зеро куштану кушта шудани чунин ду ҳамоварди, беомодагии пешин шуданӣ нест. Дар ин миён, гуфтори роҳи расидан ба он кирдори бебаргаштро ҳамвора мекунад. Суханони Кова он гоҳ, ки аз бедодии Заҳҳок ба дод омад ва гувоҳии дарбориёнро ба додгарӣ ва некхоҳии Заҳҳок аз ҳам дарид, намунаи гуфторест, ки ногузир ба кирдор меанҷомад [7,67].

Агар паҳлавонони ҳамоса дар набард, дар кирдор мешикофанд, дар ҳамосаи таърихӣ, кирдор дарахтест, ки дар сухан гул мекунад ва ба бор менишинад, ба хусус, дар арсаи ҷаҳондорӣ ва кишвардориву ҳукумати амалӣ.

Дар бахши таърихии «Шоҳнома», дигар аз ҳафт хони Рустаму Исфандиёр ва ҷанги дувоздаҳ руху дигар паҳлавониҳо нишоте нест. Бузургмеҳр вазири вазирони Анӯшервон, бузургтарин паҳлавони майдони бинишу дониши ин даврон аст, ки бо ҷаҳон ва биниши волои ӯ бештар аз хилоли гуфтаҳо ва гузари ӯ аз ҳафт шаҳри дониш ошно мешавем.

Даврони таърихӣ ҳамосаи подшоҳиву ҷаҳондорист ва бархурдорӣ, омада ва муҳаё дар давраи Сосониён, пайванди подшоҳӣ ва дин, оинҳои дарборӣ ва шукӯҳи шаҳриёрӣ, ба тахт нишастан, фармон рондану ва бор додан, ҳама ба тафсили фаровон ва ба такрор дар хутбаҳои тоҷгузории шоҳон ё гуфтугӯи муъбадону донандагон ва вазирону

ройзанон омадааст. Дар ин давра нишонаҳои гуногуни зиндагии рӯзмарра ва иҷтимоӣ метавон ёфт, чун дарёфти молиёт, ислоҳи арзӣ, ситами зӯрмандон ва шӯриши мардум, робитаи шоҳ бо сипоҳӣ ва рустоӣ ва ғайра. Инак, рӯзгори разму базму шикору шодхӯрӣ, ишқ варзидан, бозии шатранҷу нард, донишу сухандонӣ, фарҳангу адаб, парваришу омӯзиш ва панду андарз аст.

Дар чунин давра (давраи таърихи «Шоҳнома») ҷое барои Геву Гударз нест. Он паҳлавонон дар чунин ниҳодҳо ва созмонҳои иҷтимоӣ, дар ниҳоят, шояд монанди Баҳроми Чӯбин ба фармондеҳии сипоҳиёни шоҳаншоҳ гуморида мешаванд. Дигар нишони он паҳлавонони ормонӣ, Рустами Дастонро бояд дар шаҳриёрӣ чун Баҳроми Гур ҷӯё шуд.

«Ҷаҳондорӣ ва шаҳриёрӣ» дар ин рӯзгори пуртаҷаммул, ҳамчеҳраи пурнақшу нигор ва тоза мегирад ва ҳам худ аз баракати дорои ва дониш, ҷаҳонро бо рангу рӯи ороста менигарад. Ба ҷойи Кайхусрав, инак, Анӯшервони додгар бо занҷири адли афсонавориш подшоҳи намуна ва ормонии ин аҳд аст. Бештарин бахш саргузашти дуру дарози подшоҳии ӯро гуфтугӯ бо мулозимону мусоҳибони хирадманду доно дар бар гирифтааст. [10,197]. Кайхусраву Анӯшервон, ҳар ду бо фараҳи эзадӣ хирадманд, додгар ва бодонишанд; ҳар ду подшоҳи ормонӣ ва ҳар ду инсони комил «Шоҳнома»; яке аз рӯзгори афсонавори паҳлавонӣ ва дигаре аз он замонаи таърихӣ, ҳар як бо вижагиҳои даврони худ. Доноии Кайхусрав, бештар дилогоҳӣ ва маърифати қудсист то дониш омӯхтан ва таҷриба гирифтан, вале Анӯшервон подшоҳи таърихӣ ва дар натиҷа замонпазиру маргошно, аммо дар орзуи ҷовидонии равон (Анӯша равон) аст.

Вазифаи ӯ ҷаҳондорӣ ба ойини ҷаҳон, яъне дод варзидан аст. Ба хилофи Кайхусрав, дониши Анӯшервон омӯхтанӣ буд, ӯ аз гуфтану шунуфтан «бо ҳафтод марде, ки дар хӯрду хоб» ҳамеша бо ӯ буданд, аз нишасту бархост бо мулозимони сухандон «донишро меорост».

Гуфтем, дар бахши таърихии «Шоҳнома» аз набардҳои нафасгири паҳлавонони номдори бахши ҳамосӣ хабаре нест, балки «таърихи давраи Сосониён дар ҳамосаи фарҳангу тамаддун аст ва Фирдавсӣ дар инҷо бештар чун муаррихи ҳаким зеру буми саргузашт ва чеҳраҳои гуногуни хираду донишро месароид. Бузургмеҳри ҳаким, ройзану вазири Анӯшервонро шояд битавон бузургтарин «паҳлавони» майдони бинишу дониши он даврон донист. Ӯ аз ҳамон кӯдакӣ аз моҳияти хобгузорӣ бархурдор аст. Ба таъбири дигар, дар рӯё олами воқеъро медид. [10,201]. Ӯ дар ҳафт нишасти «Шоҳнома», ҳафтае як бор, дар пешгоҳи Анӯшервон пурсишҳои гуногуни донандагон ва муъбадону ахтаршинсонро посух медиҳад. Шашумин бор навбати баландпоятарини бузургон, вазиру дабири «Шоҳнома» аст ва дар поёни пурсанда танҳо Анӯшервон асту бас. Ӯ мехоҳад худро аз забони Бузургмеҳр бидонад:

Ба Бузарҷмеҳр он замон гуфт шоҳ,
Ки дилро биёрою бинмой роҳ.
Зи ман ростӣ ҳар чи донӣ, бигӯй,
Ба кажӣ маҷӯ аз ҷаҳон обрӯй [7, 214].

Ин гуна дар ин сулуки сухандонӣ ва гузар аз ҳафт шаҳри дониш, Бузургмеҳр аз озмуни хирад, монанди Пирон сарфароз ва ягона берун меояд, дар ин пурсишҳои дарозу посухҳои дарозтар, донишу ҳунар, неку бадахлоқ ва роҳу расми зистан ба некномӣ, ойини ҷаҳонбонӣ ва мурдадориро боз меёбем. Аз ин суханон, ки намунаи волои адаби омӯзишии давраи Сосонист, бахти Бузургмеҳр чу хуршед тобанда бувад [8, 244].

Анӯшервон низ дар авохири фармонравоӣ гирех аз пурсишҳои мубади доно мекушояд ва дар донишу сухандонӣ ба ҷое мерасад, бартар аз ҳамаи донандагону сазовори сарварӣ дар гуфтушунуди тӯлонии Фирдавсӣ, ӯро хирадманди фарзона муаррифӣ мекунад, ки бар тамоми розу рамзҳои хираду донишҳои мутаолӣ иҳота дорад [7, 409].

Дар ин ҷо, Фирдавсӣ ғайримустақим Анӯшервонро ба хираду доноӣ сазовори бузурге медонад, на ба ҷанговариву набардҳои тан ба тан. Дар бахши ҳамосӣ ва паҳлавонӣ ҳам ба кирдор шинохта мешавад, на ба гуфтор. Хирадмандтарин сипаҳдор, вазири вазирони даврони паҳлавониро аз сӯи дигар, набарду фарозу фуруди кашмакаши Эрону Тӯрон ва вафодорӣ ба Афросиёб мебинем ва аз сӯи дигар, дар меҳр ба Сиёвуш, Фарангис ва Кайхусрав ҳам пойбанди сарзамину доман, инчунин мардуми худ аст ва ҳам гирифтори ҷанги нохоста ва ногузир дар табу тоби ҷустани роҳе ба раҳоӣ, ростӣ ва дод. Аммо дар бахши таърихии «Шоҳнома» бо ҷаҳони Бузургмеҳр ва

боварҳояш бештар аз хилоли гуфтаҳои худ ва дигарон ошно мешавем. Ҳар чӣ дар ҳамосаи паҳлавонӣ, паҳлавонон дар нерӯ ва набард, дар кирдор мешукуфанд, дар ҳамосаи таърихӣ, кирдор дар сухан гул мекунад ва ба бор менишинад, ба хусус, дар арсаи ҷаҳонбонӣ ва кишвардориву ҳукумати амалӣ. То он ҷо ки ёфтани посухи дуруст ва кушодани розу рамзи чистонҳо танҳо мояи бартарӣ ва сарафрозӣ нест, балки дар манзараҳои фиристодагони шоҳон гоҳ монанди пирӯзӣ ва шикаст дар ҷанг, бозанда бояд бартарии ғолиби доноро бипазирад ва ба хости вай сар фуруд орад [8, 244].

Дар достони шатранҷ дар «Шоҳнома»-и Саолабӣ омадааст: Чун умум салотини замон, Анӯшервон тобеи ӯ буданд ва илова бар харобгузорӣ, туҳфаҳо ва ҳадяҳои бисёр барои ӯ мефиристоданд. Подшоҳи Ҳинд ҳам ҳадяҳои гаронбаҳо бо ҳамроҳии як «тахти шатранҷ» ба хизмати Анӯшервон фиристод ва гуфт: «Агар донишмандони Эрон рамзи ин бозӣ дарёфтанд, мо шуморо ба шоҳаншоҳӣ мепазирем ва боҷу хироҷ медиҳем, вагарна аз мо тавқеи боҷ надошта бошед» [11, 61].

Фирдавсӣ зебоии ин паёмро дар «Шоҳнома» овардааст:

Гар ин нагз бозӣ бурун оваранд,
Ба донандагони бар фузун оваранд.
Ҳамон божу совӣ, ки фармуд шоҳ,
Ба хубӣ фиристам бад он боргоҳ.
Чу бо дониши мо надоранд тов,
Бихоҳанд аз ин буму бар божу сов.
Ҳамон бож бояд пазируфт низ,
Ки дониш беҳ аз номбардори чиз [7, 304].

Ҳеҷ як аз мубадон рамзи ин бозиро дарнаёфтанд. Бузургмеҳр пас аз як шабонарӯз рамзи бозиро дарёфт ва онро барои фиристодагони подшоҳи Ҳинд тавзеҳ дод:

Ғамӣ шуд фиристодаи Ҳинд сахт,
Бимонд андар он кор ҳушёр бахт.
Шигифт андар он мард ҷоду бимонд,
Донишро ба андеша андар нишонд.
Ки ин тахти шатранҷ ҳаргиз надид,
На аз кордонони ҳиндӣ шунид.
Чӣ гуна фароз омадаш ройи ин,
Ба гетӣ нагирад касе ҷойи ин.
Чунон гашт Касро зи Бузурҷмеҳр,
Ки гуфтӣ бад ӯ, бахт бинмуд чеҳр [7, 310].

Сипас, дар баробари бозии шатранҷ Бузургмеҳр «тахти нард»-ро монанди размгоҳе қарор медиҳад ва номае аз подшоҳи Эрон ба подшоҳи ҳиндувон, ки:

Ниҳодем бар ҷои шатранҷ, нард,
Кунун то бибозӣ, ки орад набард [7,313].

Ва ӯро ба набард дар бозӣ фаро хонад. Бинобар гувоҳии «Шоҳнома», ҳиндувон розро дарнаёфтанд, шикаст хӯрданд ва беш аз он чи хоста буданд, хироҷ пардохтанд.

Намунаи дигаре аз ин рӯёрӯӣ фарҳанги замонист, ки Қайсари Рум нома, ҳадя ва сандуқчаи дарбаста ба дарбори Эрон мефиристад. Фиристода аз сӯи Қайсар ба Касрои Анӯшервон пайғом медиҳад, ки агар доноёни Эрон тавонистанд даруни сандуқчаро нокушода дарёбанд, мо румиён ҳамчунон хироҷгузори эрониён хоҳем монд, вагарна шоҳ бояд аз мо бож чашм надошта бошад. Анӯшервон муаммои сандуқчаро аз доноёни Эрон мепурсад, онон аз фаҳми ин роз фурӯ мемонанд. Саранҷом, Анӯшервон ба ёди вазири хеш меафтад ва ҷомаву аспи шоҳона барои вай мефиристад ва аз ӯ мехоҳад то ин розро кашф кунад. Дар ин мавқеъ, Бузургмеҳр дар зиндон аст, бад ин сон, овезиши Бузургмеҳр бо бузургтарин тангнои ҳафт хони хеш оғоз мешавад. Ӯ ночор, бояд аз барои шоҳ хабаре биовард. Вой, агар гумони ӯ дуруст аз об дарнаояд, он вақт аст, ки номи ӯ ба унвони доноӣ пешбин ба нанги олуда хоҳад шуд ва шоҳ бар ӯ бештар чашм гирад.

Бузургмеҳр бомдодон ба ёрии ҳамроҳӣ аз сарой берун меояд ва аз ӯ мехоҳад то ҳалли онро ҳар касе, ки дар роҳи мебинанд, ҷӯё шавад.

Ба роҳ омад хонаи Бузарҷмеҳр,
Ҳамерафт пӯёнзани хубчеҳр.
Хирадманди бино ба доно бигуфт,
Сухан ҳар чӣ бар чашми ӯ буд нуҳуфт [7,384].

Бузургмеҳр дар роҳ ба зане бармехӯрад, Бузургмеҳр аз ӯ мехоҳад бипурсад, ӯро шӯй ҳаст ё на? Мард аз зан мепурсад ва посухи зан гӯё ин буд, ки шӯй дорад ва обистан аст. Бар ҳамин минвол, мард ҳамроҳи Бузургмеҳр ба ду зани дигар бармехӯрад ва ба дастури Бузургмеҳр, аз онон мепурсад ва дар кори онон мепажӯҳад ва маълум мешавад, ки яке шавҳардор ва бефарзанд ва дигаре шӯй надидааст. Бузургмеҳр дар кори ин занон андеша мекунад ва рози даруни сандуқча бар вай ошкор мешавад.

Се дурр аст рахшон ба дурҷи андарун,
Ғалифаш бувад з-он чи гуфтам фузун.
Яке суфтаву дигаре нимсуфт,
Дигарон, ки оҳан надидаст ҷуфт.
Чу бишнид донои румӣ калид,
Биёварду Нӯшинравон бингарид.
Нуҳуфта яке ҳуққа буд дар миён ,
Ба ҳуққаи дарун пардаи парниён.
Се гавҳар бад-он ҳуққа андар нуҳуфт,
Чунон ҳам ки донои Эрон бигуфт.
Нахустин гавҳар яке сӯфта буд,
Дувум ним суфту сеюм нобасуд.
Ҳама мубадон офарин хонданд,
Бар он дониш гавҳар афшонданд [7, 388].

Бад ин сон, кӯрии чашми Бузургмеҳр ба равшаноии дили вай меанҷомад ва дар он зулмот ба ин чашмаи оби ҳаёт мерасад [5, 103].

Дар ин рӯёрӯиҳои фарҳангӣ бартарӣ дар донишу сухандонӣ ангори ҷойгузини набардҳои тан ба тани паҳлавонӣ мешавад. Албатта, он сарфарозиву ошӯби хатар кардан бар сари ҷон дар гуфтушуниди донишварони пир наметавон ёфт ва набояд интизор дошт. Дар даврони таърихӣ, дигар он ялони гарданкаше, ки мехостанд Эрону Тӯронро ба ҳам бирезанду фалакро гӯшмоле диҳанд, тоҷ бар сар ниҳодаанд ва бар тахт ором гирифтаанд. Инак, бо шарҳи саргузашти шоҳон ва тамаддуну фарҳанге, ки шоҳаншоҳи Сосонӣ дар он «орамида рӯ ба рӯям», ин таърихи тавсифист, васфи хираду дод ва доноиву ҷуз инҳо, ё бехирадӣ, бедодӣ, нодониву табоҳӣ ва дарёфтан, донистану бозгуфтан, ин ҳама танҳо ба бори сухан шуданист. Сухан ҷомаи хирад ва «мазраги сабзист», ки дониши моро мепарварад ва боз меофаринад [8, с.245]. Аз ҳамин рӯ, чунон гиромист, ки гирдогирди шоҳи шоҳони ин аҳд, яъне Анӯшервон:

Ҳамеша сухангӯи ҳафтод мард,
Ба даргоҳ будӣ ба хобу хирад.
Ҳар он гаҳ, ки пурдухта шудӣ зи кор,
Зи доду даҳуш в-аз майю аз шикор.
Зи ҳар мубаде нав сухан хостӣ,
Дилашро ба дониш биёростӣ [7, 176].

Аммо Анӯшервон ба инҳо басанда намекунад ва касонашро дар ҷустуҷӯи дониш ба сарзаминҳои дур мефиристад. Сурати достони моҷаро бад он сон, ки Саолибӣ дар китоби «Ғурури ахбори мулук-ул -форс» оварда чунин аст: «Барзӯя табиби ҳозиқ аз миёни як саду бист пизишки румиву ҳиндиву эронии Анӯшервон, аз ҳама шарифтар буд ва беш аз дигарон ба мутолиа ибрози алоқа мекард. Рӯзе дар китобе хонд, ки дар билоди Ҳинд кӯҳе ҳаст, ки дар он гиёҳони ғариб меруянд ва яке аз он гиёҳон дорои хосиятест, ки мурда бад он зинда мешавад. Барзӯяро шавқи ёфтани ин гиёҳ дар сар хона кард ва ба савдои ба даст овардани он тасмим ба сафар Ҳинд гирифт. Анӯшервон аз ин моҷаро хабар ёфт ва васоили сафарро фароҳам овард ва номае ба унвони шоҳи Ҳинд бад ӯ супурд, то ӯро дар анҷом додани ин кор ёрӣ кунад. Барзӯя пас аз вусул ба Ҳинд, мактуби Анӯшервонро расонид… Барзӯя ҳар чӣ бештар дар талаби гиёҳ пӯид, камтар ёфт ва малулу андӯҳгин шуду аз чашм гирифтани шоҳу хиҷолати хеш бияндешид ва ногузир аз ҳиндувон пурсид, ки донотарини ҳакимон кист? Вайро назди пирамарди солхӯрда далолат карданд. Пир бад ӯ гуфт: … оё надонистӣ, ки ин сухан рамзе аз гузаштагон аст ва муроди эшон аз кӯҳсор – доноён ва аз дору – сухан шифобахши эшон, ва аз мурдагон – ҷоҳилон аст, ки аз дами гарми донишмандон зинда мегарданд. Аммо ин ҳикматҳо дар китоби ба номи «Калила ва Димна» мундариҷ аст, ки ҷуз дар хазонаи малик, дар ҷои дигар ёфт намешавад..». Ба эҳтимоли зиёди Фирдавсӣ, ин ривоятро аз Саолабӣ гирифта, боз пардохтааст:

Бар ӯ пири доно сухан баргушод,

Зи ҳар дониш пеши ӯ кард ёд.
Ки мо дар набишта чунин дарёфтем,
Бад-он орзу тез биштофтем.
Чу з-он ранҷҳо барнаомад падид,
Бибоист, то кори дигар шунид.
Гиёҳ чун сухан дону дониш чу кӯҳ,
Ки бошад ҳамасола ӯро шукӯҳ.
Тани мурда чун мард бедониш аст,
Ки доно ба ҳар ҷой бооромиш аст.
Китоби ба дониш намоянда роҳ,
Биёбӣ чу ҷӯӣ ту аз ганҷи шоҳ.
Чу шунид Барзӯй з-ӯ шод гашт,
Ҳама ранҷ бар чашми ӯ бод гашт [7, 367].

Дониш кӯҳест, ки чун гиёҳ сухан бар он раст, обод мегардад. Кӯҳи бегиёҳ хушки тиҳидаст ва дониши бе сухан хомӯшу мурдааст. Сухан гиёҳест, ки агар бар мурда бипарканад, зинда мешавад. Саранҷом, Барзӯя пас аз ранҷи бисёр ва хатари ҷон китобро, ки дониши гӯёст меоварад. Шоҳ, ки ин дарёи донишро мебинад, мегӯяд: «Калила равони маро зинда кард».

Биёмад зи қунуҷ Барзӯй шод,
Басе дониши нав гирифта ба бод.
Зарра чун расид андар он боргоҳ,
Ниойиш кунон рафт наздики шоҳ.
Бигуфт он чи аз рой диду шунид,
Ба ҷои гиёҳ дониш омад падид.
Бад ӯ гуфт, шоҳ эй, писандида мард,
Калила равони маро зинда кард
Ту акнун зи ганҷур бистон калид,
Зи чизе, ки бояд биёяд гузид [7, 369].

Анӯшервон ба Барзӯя гуфт: «Инак, ба подош, калиди ганҷҳои шоҳиро аз ганҷур биситон ва аз симу зару гавҳари шоҳвор ҳар чӣ хоҳӣ бардор». Чун Барзӯя ин эъзозу икром аз ҷониби Анӯшервон дид, дуову офарин карду гуфт, ҳоҷате бихоҳам. Хост, ки агар анҷом шавад, кори ҳар ду ҷаҳони ман ба низом шавад. Он ганҷе буд, ки фано ва нестӣ ба он наояд ва дасти ҳаводис аз вай кӯтоҳ бувад. Аз подшоҳ чашм дорам, ки агар назараш мусоид бошад, бифармояд ҳаким Бузургмеҳр бини ал- Бахтаконро, ки чун ба таълифи китоби «Калила ва Димна» кунад, номи маро ба ёд кардан дар ин китоби бузург зинда гардонад ва бобе ба номи ман фурӯ ниҳад, ки ҳар ки ин китоб бихонад номи маро тоза гардонад [3, 48].

Яке орзу хоҳам шаҳриёр,
Ки монад зи ман ҷаҳон ёдгор.
Чу бинвисад ин нома Бузурҷмеҳр,
Гушояд бар ин ранҷ Барзӯячеҳр.
Нахустин дар аз ман кунад ёдгор,
Ба фармони пирӯзгар, шаҳриёр.
Бидон то пас аз марг ман дар ҷаҳон,
Зи донандаи ранҷам нагардад ниҳон.
Бад ӯ гуфтам, шоҳ, ин бузург орзуст,
Бар андозаи мард озода хуст.
Валекин ба ранҷи ту андар хӯр аст,
Сухан гарчи аз пойгаҳ бартар аст.
Ба Бузарҷмеҳр он замон шоҳ гуфт
Ки ин орзуро нашояд нуҳуфт.
Нависанда аз килк чун хома кард,
Зи Барзӯй як дар сарнома кард [3, 48].

Барзӯя низ ҳаммонанди Фирдавсӣ тухми суханро пароканда асту ҳамон орзуи ӯро дорад: пойдорӣ ном ва фаро гузаштан аз шитоби замон ба ямни сухан, барои зиндагии пас аз маргу ҷовидона шудан.

Кӯтоҳи сухан он, ки даврони таърихии «Шоҳнома» ба хусус, достони Анӯшервон ва Бузургмеҳр, ривояти рангинкамони густурдае аст, ки метавон донишномаи тамаддуну фарҳанги мардуми кӯҳансолу рӯзгордидаро дар он мушоҳида кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Оятӣ А. Ду достон аз Бузургмеҳр аз бахши ғайриҳамосии «Шоҳнома». //Номаи анҷуман, №13, 1383.
2. Анзоӣ Н.Р. Гузидаи «Калила ва Димна». – Теҳрон, 1372.
3. Ал-Бухорӣ М.А. Достонҳои Бидпой. //Бо тасҳ. П. Хонларӣ. – Теҳрон, 1361.
4. Соқибфар М. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва фалсафаи таърихи Эрон. – Теҳрон, 1377.
5. Саромӣ Қ. Аз ранги гул то ранҷи хор (Шаклшиносии достонҳои «Шоҳнома»). – Теҳрон, 1383.
6. Забеҳулло С. Таърихи адабиёт дар Эрон. Аз оғози аҳди исломӣ то давраи салҷуқӣ. – Теҳрон, 1356.
7. Фирдавсӣ А. «Шоҳнома». //Бо кӯшиши Ҷ. Холиқӣ. – Теҳрон, 1389.
8. Мискӯб Ш. Ҷаҳондорӣ ва подшоҳӣ дар «Шоҳнома». //Эроннома, №83, 1382.
9. Мискӯб Ш. Сухан дар «Шоҳнома». //Эроннома, №84, 1383.
10. Мискӯб Ш. Армуғони мӯр (чусторӣ дар «Шоҳнома»). – Теҳрон, 1384.
11. Яктойӣ М. Пешинаи таърихии шатранҷ. //Маҷаллаи баррасиҳои таърихӣ, №23,24, 1348.

ЗНАНИЕ И КРАСНОРЕЧИЕ В ПОЭМЕ «АНУШИРВАН И БУЗУРГМЕХР»

Важная особенность идей наших классиков, поэтов и ученых прошлого заключается в том, что они высоко ценят те знания, которые претворяются в жизнь. Основу мировоззрения Фирдоуси, его педагогических взглядов и непреходящей ценности его шедевра «Шахнаме» составляет гуманизм и поучительные высказывания, похвала разуму и мудрости, знанию и воспитанию. В этом произведении мы впервые в литературе X в., да и в классической литературе в целом, находим совершенное представление о личности и становлении человека, о знаниии и красноречии, борьбе и торжестве разума и человеческой силы. О знании и красноречии были написаны книги, летописи, дидактические жития, наставления и статьи. Данная статья посвящена изучению темы овладения знаниями и мастерства красноречия на примере поэмы «Ануширван и Бузургмехр» Фирдоуси, где также приведены примеры из данного произведения.

Ключевые слова: художественные средства выражения, красноречие, сочинение стихотворения, стиль написания, поэма «Ануширван и Бузургмехр» Фирдоуси, дидактическое произведение.

KNOWLEDGE AND ELOQUENCE IN THE POEM "ANUSHIRVAN AND BUZURGMEKHR"

Important feature of ideas of our classics, poets and scientists of the past is that they highly appreciate that knowledge which is realized. The basis of outlook of Firdausi, his pedagogical views and an inherent value of its masterpiece to "Shakhname" is made by humanity and instructive statements, a praise to reason and wisdom, knowledge and education. In this work we for the first time in literature of the X-th century and in classical literature as a whole, find perfect idea of the personality and formation of the person, of knowledge and eloquence, fight and a celebration of reason and human force. About knowledge and eloquence books were written, to the chronicle, didactic lives, manuals and articles. This article is devoted to studying of a subject of mastering by knowledge and skill of eloquence on the example of the poem "Anushirvan and Buzurgmekhr" of Firdausi where examples from this work are also given.

Key words: art means of expression, eloquence, poem composition, style of writing, poem "Anushirvan and Buzurgmekhr" of Firdausi, didactic work.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Гуломризо Хофизи*** **–** соискатель Таджикского национального университета

РЕШАИ АДЛУ ДОД ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ АЗ «ҚУРЪОН» ВА ҲАДИС

Ризои Бӯстонӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ахз ва иқтибоси «Шоҳнома» аз мутуни арабӣ ба ашъор ва амсоли тозӣ маҳдуд намешавад, балки дар бисёре аз абёт ё таъбироти ин китоб радади пои оёт ва ривоёти исломӣ ба вузӯи қобили ташхис аст.Муҳимтар аз ҳама, метавон васфи хирад дар дебочаи «Шоҳнома»-ро шоҳид овард, ки абёти гуногуни он исора аз оёт ва ривоёти исломӣ дар боби ақл ва баъзан тарҷумаи мустақими онҳо аст. Зайлан абёти мазбурро зикр карда, сипас ба маохиз ва манобеи эҳтимолии ҳар як таваҷҷуҳ медиҳем.

Бад-ин ҷойгаҳ гуфтан андар х(в)арад,
Кунун, ай хирадманд, васфи хирад.

Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод,
Хирад беҳтар аз ҳарчи Эзид бидод.

Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой,
Хирад раҳнамою хирад дилкушой.

В-аз ӯят фузунӣ в-аз ӯят камист,
В-аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯят ғамист.

Набошад ҳаме шодмон як замон,
Хирадтираву марди рӯшанравон.

Ки доно зи гуфтори ӯ бар хӯрад,
Чу гуфт он хирадманд марди хирад.

Дилаш гардад аз кардаи хеш реш,
Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш.

Ҳамон хеш бегона донад варо,
Ҳушивор девона хонад варо.

Гусистахирад пой дорад ба банд,
Аз ӯйӣ ба ҳар ду сарой арҷманд.

Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ,
Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ.

Нигаҳбони ҷон асту они сипос
Нахуст офариниш хирадро шинос.

К-аз ин се расад неку бад бегумон,
Сетои ту чашм асту гӯшу забон [2].

Ҳоло ба «вахдат» ё «қаробати мазмун»-и абёти фавқ бо мафоди оёт ва ривоёти исломӣ мепардозем**.

1. *Хирад беҳтар аз ҳар чи Эзид бидод:* Нозир аст ба ривояте чун ҳадиси Паёмбар (с) «ما قسم اللّه للعباد شيئا افضل من العقل» ва каломи Мавлои муъташиён Алӣ (а) дар «Ғирар-ал-ҳукм» «العقلُ اَفضلُ موجود» ё «Наҳҷ-ул-балоға» «لامالَ اَعْوَدُ من العقل», аҳодисе чун

«لاعُدَّةَ اَنْفَعُ من العقل»، «لاجَمالَ اَزْيَنُ من العقل» و «ما من شيءٍ عُبِدَ اللّه به افضلُ من العقل» ва...

2. *Хирад раҳномову хирад дилкушой:* Раҳнамоиву сарпарастии маънавии хирад мазмуни муштараки ривоёте аст чун: «كَفي... بالعقلُ دليلاً» «العقل لهُدي و يُنجي و الجهل يقوي و يردي»، «العقل دليلُ المؤمن»، «اهتدي من أبصَرَ و عقل» و «لكلّ قوم راع وراع العابدين العقل»

Дилгушоӣ ва сурурангезии хирад низ мафоди ин гуна аҳодис аст:

«أصل العقل القدرة و ثمرتها السرور».

3. *Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой:* «بالعقل تُدرَكُ الدّارانِ جميعا و من حرم العقل حرمهما جميعا»، «بالعقلِ يُدركُ كلُّ خير بإذن اللّه» و «لايفلح من لايعقل».

4. *В-аз ӯят фузунӣ в-аз ӯят камист.*

Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯят гамист: Аз шурурангезии хирад қаблан ёд шуд. Мисраи дуюм низ мазмун аст бо аҳодисе чун: «الكمالُ في العقل» ва «كلّ الحرمان بالعقل» ва «إنّ الثواب علي قدر العقل» ва низ ахборе чун: «قليل العمل من العاقل مقبول مضاعَف، و كثير العمل من أهل الهوي و الجهل مردود» ва «إنّما يُداقُّ اللّه العبادَ في الحساب يومَ القيامة علي قَدْر ما آتاهُمْ مِنَ العُقول في الدّنيا».

5. *Дилаш гардад аз кардаи хеш реш,*
Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш.

** روايات اين بخش، از كتبي چون تحف العقول، غررالحكم، اصول كافي، نهج البلاغه، و به ويژه بحارالانوار مرحوم مجلسي (جلد اوّل و ...) گرفته شده است.

Маъно мутаносиб аст бо ривоёте чун:

«للعاقل في كلّ عمل إحسان، للجاهل في كلّ حالة خسران»

«إستَرشِدوا العقلَ تُرشَدوا و لا تَعْصُوه»

«الجاهلُ مَنْ يَفْعَلُ و يَنْدَمُ وَ إلاّ فَجُنُونُهُ مُسْتَحكَمُ».

6. Ҳамон хеш бегона донад варо,

Ҳушивор девона хонад варо.

Мисраи аввал аз ҳадиси қабл, (ки дар барои чуҳҳол ду навъ чунун «муваққат» ва «пойдор» шинохта) бар меояд. Мисраи дувум ҳам ҳамсӯ бо аҳодисе аст назири

«العقلُ في الغُربَة قُرَبة، الحُمقُ في الوطن غُربة»

ки бехирадро дар ватани хеш ҳам бегона шумурда аст.

7. Аз ӯйӣ ба ҳар ду сарой арҷманд:

«أعْقَلُهُمْ أرْفَعُهُمْ دَرَجةً في الدّنيا و الآخرة»، «أفضلُ النّاس أعقلُ الناس»، «العقل رُقيٌّ إلي علّيّين»، «أعقلُ النّاس أقربُهُمْ من الله».

Ба гуфтаи «Қуръони маҷид» дӯзахиён низ мегӯянд:

«لو كنّا نسمع او نعقل ما كنّا من أصحاب السّعير» (ملك:10)

8. *Гусистахирад пой дорад ба банд* (яъне ба манзалаи чаҳорпо ва ҳайвон аст): يلحق «من عدم العقل فانّه بمنزلة البهائم» ки худ мутахаз аст аз оёте чун: «أمْ تَحْسَبُ أنَّ أكثَرَهُمْ يسمعون أو يعقلون؟! إنْ هُمْ إلاّ كالأنعام بل هم أضلُّ سبيلاً» (فرقان، 44)، ва низ (اعراف178).

9. Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ,

Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ.

Ҳамсӯ ва қарибулмазмун аст бо ривоёте чун: «إنّ ضوءَ الرّوح العقلُ» ва «مَثَلُ العقل في القلب كمَثَلِ السّراج في وَسَط البَيْت» ва низ «العاقل إذا أبصرَ بعَيْنه شيئا عَرَفَ الحقَّ منْهُ» ва «إنَّ التَفْكُرَ حَياةُ قَلْب الْبَصير كَما يَمْشي المُسْتَنيرُ في الظُّلُمات بالنُّور».

10. «*Нахуст офариниш хирадро шинос*», ки тарҷумаи мустақими ҳадиси набавии машҳур «أوَّلُ ما خَلَقَ اللّه العَقلَ»، ки ба наҳви мурсал ва мақтуъассанад дар китоби «Ғаволи-ал-лаолӣ» омада ва ривоёти муттаъаддие аз аз тариқи шиа (ба наҳви мутаалиқ ё муқайяд) дар тайиди он ворид шудааст; назири: «إنّ أوَّلَ خَلق خَلَقَهُ اللّه عَزَّ و جَلَّ العقلُ ...»[‡‡††] ва «إنَّ اللّه خَلَقَ الْعَقْلَ وَ هُوَ أوَّلُ خلْقٍ خَلَقَهُ من الرُّوحانيين عن يمين العرش من نوره».[§§]

Нигаҳбони ҷон асту они сипос

11. К-аз ин се расад неку бад бегумон,

Сетои ту чашм асту гӯшу забон.

Ба наҳви куллӣ ё зимнӣ ҳаммазмун бо ривоёте аст назири:

«النُّفوس طلقة لكنَّ أيدي العقول اعَنَّتْها من النُّحوس» ва фармоиши Паёмбар (с) «إنَّ العقلَ عقال منَ الجَهل، و النَّفْسُ مثْلُ الخَبَث الدَّواب فَإنْ لَمْ تُعْقَلْ حارَتْ» ва низ аҳодисе чун:

«الأدَبُ في الإنْسان كَشَجَرةٍ أصْلُهَا الْعَقْلُ»، «العاقل مَنْ عَقَلَ لسانَهُ»، «العاقلُ مَنْ صانَ لسانَهُ عن الغيبة»، «لسان العاقل وراءَ قلبه و قلب الجاهل وراءَ لسانه»...

Ба намунае дигар аз партавфишонии «Қуръон» ва аҳодис бар «Шоҳнома» таваҷҷуҳ кунед: Дар поёни бахши «Подшоҳии Ардашер» бо ашъоре шево ба мадҳи Худованд мепардозад ва нуктае ҷолиб дар ин таҳмид ва тақдиси он аст, ки шоир дақиқан ба оёти зер аз «Қуръон» назар дошта, мазмуни онҳоро ба назм овардааст:

«انّ ربكم اللّه الذي خلق السموات و الأرض في ستّة ايّام ثمّ استوي علي العرش يغشي الليل النهار يَطلبُهُ حثيثا و الشمس و القمر و النجوم مسخّراتٌ بامره تبارك اللّه ربّ العالمين» (اعراف، 54).

«اللّه الذي جعل لكم الارض قرارا و السماء بناءا و صوّركم فاحسن صُوَركم و رزقكم من الطيّبات ذلكم اللّه ربّكم فتبارك اللّه ربّ العالمين هو الحيّ لا اله الاّ هو فادعوه مخلصين له الدّين الحمدللّه ربّ العالمين» (غافر، 64_65).

---

†† حديث پيامبر صلي اللّه عليه و آله وسلم (من لايحضره الفقيه، شيخ صدوق، تحقيق و تعليق: سيدحسن موسوي خرسان، چ5، دارالكتب الاسلامية، تهران 1390 ق، 267/4).

†† فرمايش امام هفتم عليه السلام به هشام بن حكم (اصول كافي، كليني، كتاب العقل و الجهل).

«هو الأول و الآخر و الظاهر و الباطن و هو بكلّ شيء عليم هو الذي خلق السموات و الارض في ستة ايّام ثمّ استوي علي العرش يعلم ما يَلج في الارض و ما يخرج منها و ما ينزلُ من السماء و ما يعرج فيها...» (حديد، 3 _ 4).

Ашъори Фирдавсӣ чунин аст:

Макону замону замин офарид,
Бар он офарин, к-офарин офарид.

Ҳам оғоз аз ӯ асту асту фарҷом аз ӯ,
Ҳам ором аз ӯ асту ҳам ком аз ӯ.

Каму беши гетӣ баровардааст,
Сипеҳру замону замин кардааст.

Саросар ба ҳастии Яздон гувост,
Зи хошоки ночиз то арши рост.

Шиносандаи ошкору ниҳон,
Ҷуз ӯро махон кирдугори ҷаҳон [2].

Абулфазли Муставфӣ, аз фузалои қарни ҳафтум, зимни тарҷума ва шарҳи калимоти қисори Амиралмуъминини Алӣ (а) баъзе аз абёти «Шоҳнома»-ро бо калимоти Мавло тадбиқ кардааст. Масалан, ин каломи Мавло: إذا تغيّر السلطانُ تغيّر الزمان (чун бигардад султон аз ҳоли худ, бигардад рӯзгор)-ро ба ин абёт аз «Шоҳнома» партавфишон донистаст:

Ки гардад замона саросар табоҳ,
Мабодо, ки бедод ояд зи шоҳ.
Бувад бачаи бозро чашм кӯр,
Назояд ба ҳангом бар даст гӯр.
Наёбад ба нофа дарун бӯи мушк,
Шавад дар ҷаҳон чашмаи об хушк [1, 20].

Ҳамин тариқ мебинем, ки Фирдавсӣ ғаввосвор дар дарёи маонии исломӣ фурӯ рафта, дурҳои симину гаронсангеро, ки аз буни ин дарё ба чанг оварда, дар силки абёти «Шоҳнома» ба назм кашидааст.

Бадеъуззамон Фурӯзонфар – устоди мусаллами адаб дар асри охир «Шоҳнома»-ро илова бар «маънӣ ва мазмун» - дар «қолаб ва фурм» низ шаддидан таҳти тоъсири «Қуръони маҷид» шумурдааст:

«Услуб ва равиши назмии «Шоҳнома» аз услуби «Қуръон» гирифта шуда ва ҳарчи дар он ҷо, аз ҳайси балоғат манзур ва тарфи баҳси булуғ аст, ин ҷо тақлиду назири он эҷод мешавад» [4, 47-49]. Албатта, барои дастрасии пурра пайдо кардан ба мафҳуми ин гуфтаҳо зарурати нигоҳ ба услуби «Қуръони карим» аст, ки мавзӯи баҳси дигар хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулфазл Юсуф бинн Алии Муставф. Хирадномаи ҷаҳонафрӯз, бо муқаддима, тасҳеҳ ва таълифоти Др.Маҳмуд Обидӣ, маркази нашри фарҳангии Риҷоъ,1368.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома, дар 2 ҷилд, бо кӯшиши Маҳдии Қариб. - Теҳрон, 1386.
3. Аҳмадалӣ Исломии Надушан. Эрон ва ҷаҳон аз нигоҳи «Шоҳнома». –Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, чопи аввал, 1381.
4. Аҳмади Ранҷбар. Ҷозибаҳои фикрии Фирдавсӣ.-Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, чопи аввал, 1363.
5. Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Сухан ва суханварӣ.- Ҷ. 3 .- Теҳрон: Хоразмӣ1358.
6. Забеҳуллоҳи Сафо. Ҳамосасароӣ дар Эрон, интишороти Амири Кабир, чопи савум, 1352.
7. Мақолоти фурӯғӣ дар бораи «Шоҳнома» ва Фирдавсӣ, бо эҳтимоми Ҳабиб Яғмоӣ, силсилаи интишороти Осори Миллӣ, 1351.
8. Ҷон Рассел. Шинохти асотири Эрон, тарҷума ва таълифи Фаррухӣ, интишороти Асотир, чопи аввал, 1383.

СПРАВЕДЛИВОСТЬ И РАВЕНСТВО В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ НА ОСНОВЕ КАРАНА И ХАДИСОВ

Бесспороно, поэма «Шахнаме» Фирдоуси является богатейшим источником доисламских традиций и обычаев, истории и религии персоязычных народностей. Наряду с этим, необходимо учитывать время ее создания и религиозные убеждения автора, что имело огромное влияние на художественное изображение и идеи данной поэмы. Исходя из этого, данную статью, где речь идёт о справедливости и равенстве в «Шахнаме» Фирдоуси на основе Карана и Хадисов Пророка, можно считать началом нового подхода к событиям и идеям как поэмы, так и её создателя.

Ключевые слова: Шахнаме, Фирдоуси, справедливость, равенство, Коран, Хадис, исламские легенды, аят.

JUSTIS AND EQUALITY IN "SHAH-NAME" FIRDAVSI BASED ON KORAN AND HADITHS

Undoubtedly, "Shah-Name" is the richest source of the Iranian nations' pri-Islam traditions, customs, history and religion. Besides, there is a need to take into account the poem creation time as well as the religion to which the poet belonged. These two things had significant impact in the artistic images and ideas of the poem. Taking this into consideration this article, where the author analyses status and equality in "Shah-name" Firdavsi based on Karan and Hadiths could be recognized as a new approach to the events described in the poem and ideas as of the Poem so of the Poet.

Key words: Shahname, Firdavsi, justice, equality, Koran, Hadiths, Islamic legends, Koranic verses.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Р.Бустон*** **-** аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

ПАЙДОИШИ ШЕЪРИ НАВИ ФОРСӢ ВА МАКТАБИ РОМАНТИЗМ

Ҷамол Алиманиш

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии бо номи Рӯдакии АИ ҶТ

Қабули ин асл мусаллам аст, ки ҳунар ва адабиёт мероси муштараки ҷомеаи башарӣ аст, мусталзами қабули иртиботи пайваста ва мудоми фарҳангҳои майли мухталиф ва таъсири мутақобили офаринишҳои майли мухталиф ва таъсири мутақобили офариниҳои ҳунарӣ бар якдигар хоҳад буд.

Дар заминаи пайдоиш ва такомули шеъри нави форсӣ ва решаёбии он авомили мухталифе, аз ҷумлаи ошноӣ бо фарҳанги ғарб, эъзоми донишҷӯ ба хорич, тарҷумаи мутуни ғарбӣ, инқилоби машрута, озодиҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ғайраро зикр кардаанд.

Дар ин навиштор қасд бар ин аст, ки яке аз авомили таъсиргузор дар шаклгирӣ ва рушди шеъри нави форсӣ, яъне усулу мабонии романтизми адабу ҳунари Авупоро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Таҳлилу барасии ашъори Нимо, ки ба унвони падари шеъри нави форсӣ аз ӯ ёд мешавад ва ҳамчунин теъдоди дигаре аз шоёни навпардоз нишон медиҳад, ки шеъри нав дар се буъди аслии худ, яъне мухтаво, қолабу забон, таъсири зиёде аз мактаби романтизми Аврупо пазируфтааст.

Истифода аз дарунмояҳои тозаву нав дар шеъри нимоӣ (шеъри нав), ки дар гузашта камтар ба чашм мехӯрад ва дар ашъори романтики Аврупоӣ аҳамияти хосса дорад, нишондиҳандаи ин матлаб аст, ки шеъри давраи романтик ҳадди ақал дар муаррифии ин дарунмояҳои тозаву нав ба шеъри нимоӣ (шеъри нав) нақши муҳиме доштааст. Агарчи халлоқият ва авомили таъсиргузори дигаре, ки дар ибтидо ишора кардем, дар рушду такомули шеъри шоирони навпардоз бетаъсир набудааст.

Бар асоси назару дидгоҳҳои бисёре аз мунаққидон таъсири шеъру адаби Аврупо дар шеъри нави форсӣ ба воситаи ошноии мустақими навҷӯёни ин давра бо адабиёти Аврупо ва низ аз тариқи тарҷумаҳои мавҷуд аз ашъору осори адабии Аврупоӣ дар нашриёти эронӣ таҳқиқ пазируфтааст.

Таъсирпазирии Нимо аз ашъори Ламартин дар қитъаи «Афсона» (аввалин шеъри нави форсӣ) мавриди таъйиди аксари мунаққидони адабӣ мебошад

Албатта, тардиде нест, ки Нимо дар зимни илҳом гирифтан аз ашъори аврупоиён даст ба ибдои созандае дар шеъри форсӣ мезанад, ки аз натоиҷи тақлиди маҳз комилан дур мешавад. Ҷамол Оли Аҳмад ин матлабро бо иноят ба сурати шеъри Нимо ёдовар

мешавад: «Аввалин мушкили Нимо, барои касоне, ки бо шеъри фарангӣ ошно нестанд, тарзи хондани он аст» [1,279].

Нимо дар навиштаҳои худ, бахусус дар мақолоти назариявӣ мисли «Ҳарфҳои ҳамсоя» аз шуарои мисли Амил ва Руҳон намодгарои белгиягӣ Пушкин шоири рус Молорама падари намодгарои Фаронса суҳбат ба миён меоварад ва дар яке аз ёддоштҳои худ дар китоби «Ҳарфҳои ҳамсоя» мегӯяд: Мехостед, бидонед, қарни 19 чӣ мазияте дошт, аз хулқи символизми гузашта, қарни 19 пур буд аз саршории табъ, ҳарчанд, ки дар давраи мо символизм ҳам комилтар мешавад, он саршорӣ ва шур ҳарфи дигаре аст. Ҳугу аз онҳое аст, ки комилан саршор аст ва дар Русия Пушкин [3,41].

Нимо дар яке аз навиштаҳои дигари худ дар бораи таъсири адабиёти Аврупо бар адабиёти нави форсӣ мегӯяд: Дар адабиёт ва осори ҳунарии мо нуфузи завқу салиқаи хоричӣ аз нимаи дувуми садаи нуздаҳум шурӯъ шуд. Дар оғози садаи ҳозир таҳаввули бештаре ба далели ошноии зиёдтар бо осори Аврупоӣ дар завқу эҳсоси мо ба вуҷуд омад. Дар идома мегӯяд: «Ошноӣ бо забони Фаронса роҳи тозае дар пеши чашми ман гузошт [3,79].

Илова бар Нимо, пайравони ӯ низ дар бисёре аз меҳварҳои шеъри нав таҳти таъсири шуарои Аврупо, бавижа шеъри романтикӣ будаанд. Ин таъсирпазирӣ, ки ба сурати мустақим ва ғайримустақим сурат гирифтааст, илова бар мазомини шеърӣ дар сурати ашъори навпардозан низ мушоҳида мешавад.

Неҳзати романтизм ҳаракате буд, ки бар хилофи ниюклосизм дар мавзӯъ ва шаклу сабки адабӣ тамоюл ба навоварӣ дошт. Ин ҳаракат асли зарурати баёни адабии давраи пешинро қабул накард ва мавзӯоти худро аз вақоеи рӯзмарраи зиндагӣ интихоб кард ва забони мардуми оддиро низ барои сохтану пардохтани ин мавзӯот ба забони пурсару садои неоклоссизм бартарӣ дорад.

Дар ин навишта ду ҷанба аз шеъри романтики Аврупо, яъне иртиботи ҳолати инсонӣ бо ҳолатҳои табиат ва ибрози эҳсоси дарунӣ нисбат ба он ва низ таъкид бар зарурати баёни озодонатари ҳолат, эҳсосоту дарёфтҳои шахсӣ [4,588] мавриди баҳсу баррасӣ хоҳад буд.

1. Иртиботи ҳолоти инсонӣ бо ҳолатҳои табиат ва ибрози эҳсоси дарунӣ нисбат ба табиат.

Яке аз усули барҷастаи ҷунбиши адабии романтизм таваҷҷуҳи вижа ба табиат ва тасвири иртиботи ҳолоти инсонӣ бо ҳолатҳои мухталифи табиат ва ҳам ҳуввияти он бо инсон аст. Дар шеъри романтик табиат ба инсон ҳаёт медиҳад, илҳоми шоирона мебахшад, роҳнамо ва муаллими ӯст, нигарони ояндаи инсон ва шарики ғами ӯст ва аз зулмҳое, ки ба ӯ меравад хашмгин аст. Тӯғён мекунад ва нола сар медиҳад.

Дар шеъри нави форсӣ низ ҳамин нақшҳо ба табиат дода мешавад. Дар ҳоле, ки дар ашъори пешиниён агар зикре аз табиат меравад, чизе ғайр аз тавсифи зебоии он аз диди шоир нест, Вон Тикам мунаққиди фаронсавӣ муътақид аст, ки Мишалаҳ (шоир ва нависанда) аз тариқи навъе иртиботи дарунӣ мавриди тавсиф ташкили вуҷуди воҳиде медиҳад. Ҳолоти худро ба он талқин мекунад, маро дарду ранҷ ва шафқату шодиро, ки дар паррандагон ё амвоҷи тасаввур менамояд, ҳис мекунад.

Агарчи дар ашъори Нимо табиат ва мазоҳири мухталифи он ғолибан намудҳои символизм пайдо мекунад ва худи символизм ба гуфтаи мунаққидони аврупоӣ монанди тарнер яке аз иншиоботи романтизм ба шумор меравад. Дар маворидиқобили таваҷҷуҳе аз шумори ӯ метавон мисдоқи ин назар «нигум»-ро дарёфт. Ба нақши «ҷӯй ва ҷуғд» дар абёте аз қитъаи «ҷӯй мегиряд»-и Нимо таваҷҷуҳ кунед:

Ҷӯй мегиряд ва маҳ хандон аст,
Ва ӯ ба майли дили ман хандад.
Бар харобе, ки ба он тапа ба ҷост.
Ҷуғд ҳам бо ман мепайвандад,
В-аз даруни шаби торики сиришт,
Чашм аз ман ба ниҳон,
Сӯи ман менигарад [4, 657].

Дар ин адабиёт Нимо эҳсоси аносири табиатро дарк мекунад ва ҳолати ношӣ аз ин эҳсосотро дар он мебинад, ба ибораи дигар, иртибот барқарор мешавад. Моҳ ба дунболи дарки ҳоли ӯ ба ханда дармеояд ва ҷуғд монанди худи ӯ ғамгин аст ва алабатта саъй дорад андӯҳи худро аз ӯ пинҳон кунад ва ин иртибот ҳисси байни инсон ва табиат ҳамон аст, ки Ҷон Кинтер дар қасидае барои фохта [7,22] дар ҳолати ирфонӣ ба он даст меёбад ва ҳуввияти парандаи сармасти баҳориро дар вуҷуди худ мебинад.

Нимо дар қитъаи «Ҳангоме, ки гиря медиҳад соз» [6,679] дарёи чашми обиро мебинад, ки аз рӯи хашм мушт бар сурати худ мезанад.

Дар шеъри «Гуфтугӯи кӯҳистон ва дашт», ҳолоти мушоҳиберо барои аносири табиат мебинем:

Кӯҳистон хашмгин ба дашт посух дод,
Ин манам, ки аз дили хоки ту хӯшаҳои сарсабз берун меоварам,
Гармои сӯзон нимрӯзро б одами сарди худ мулоим мекунам.
Ва роҳро барои абрҳои тӯфонӣ, ки шитобон дар парвозанд,
Мебандад (8,-21)

Нимо дар қитъаи «Монлӣ» инсон ва табиатро ба ҳам меомезад ва ҳам ҳуввияти инсон ва табиат дар ин шеър бештар ба айнияти дармеояд. Шабе, ки «Монлӣ» пас аз дидор бо парии дарёӣ ба хона боз мегардад, ҳама афроди хонавода табиати нигаронӣ ва дилсӯзии худро нисбат ба ӯ ба забон меоваранд ва самимияту ҳамроҳии худро ба ӯ нишон медиҳанд.

Самимияте, ки сабаб мешавад, розҳои ногуфтаи худро бо ӯ дар миён бигузоранд: Нилуфар, сӯсмор ва хурус забон ба роҳнамоии ӯ мегӯшоянд [4,656]. Навнигариш ба табиат бо дидгоҳҳои гузаштагони шеъри форсӣ комилан мутафовут буда, бо дидгоҳҳои шуарои Англия ва Фаронса монанди Вирд Рут (1770 – 1850) ва Ламартин (1790 – 1849) мушобеҳи маънодореро нишон медиҳад.

Дар шеъри «Савмиаи Тинтарон» Вирд Рут [7,151] табиати роҳнамоии шоир, муаллим ва илҳомбахши ӯ аст ва Ламартин дар «Дарёча» [8,3383] табиати роздор, санги сабур ва ҳамдами инсон аст. Ламартин дар ин шеър хитоб ба дарёча мегӯяд:

Он рӯз ту низ ҳамин гуна дар зери тахтаи сангҳо азим хурӯшидӣ,
Он вақт низ ба ҳамин сон амвоҷи худро ба синаи кӯҳ пайкари
онон месоидӣ.

Шоир дар шеъри нав бо дарё ба монанди як дӯст дар бораи хотироти айёми гузашта суҳбат мекунад. Ва Нимо низ ба ҳамин гуна ба табиат ҷон медиҳад ва онро дар кору эҳсоси худ шарик мекунад ва эҳсоси худро ба равшанӣ дар табиат ва ҳолоту ҳаракоташ мебинад. Ба эътиқоди бархе аз соҳибназарон чунин нигариш нисбат ба табиат ба далели бовари Нимо бар ин матлаб аст, ки «Шоир бояд ҳолоти фардӣ ва иҷтимоиву инсониро дар миёни символҳо, ташбеҳот ва истиороти мубтанӣ бар ҷилваҳои табиат бинад».

Нимо дар масири истифодаи символҳо аз мазоҳири табиат ҷиҳати баёни аҳдофи худ нигариши нав нисбат ба табиат пайдо мекунад. Вай дар умқи мазоҳири табиат асрори онҳоро меёбад ва аз тариқи эҷод робитаи дарунии паёми онҳоро мегирад:

Ману он тозанасими дилкаш,
Мегӯшоем сӯйи ҳам оғӯш,
Эй меҳмони ман дилхаста,
Эй насим, эй ба ҳама роҳи пӯё,
Монда танҳо чун ман аммо роста (6,348)

Ва ин дуруст ҳамон нигоҳе аст, ки Ҳугу (1802-1885) нисбат ба табиат дорад. Тигам дар ин маврид ақида дорад, ки «Ҳугу бо диққати хосе куллияи алвону мазоҳири табиат дар замонҳои мухталифро нақкошиву тавсиф мекунад. Садои асроромези табиатро мешунавад ва рӯҳи орифонааш аз хилоли завоҳир ба асрори амиқи он пай мебарад [5,47].

Нигоҳи Нимо низ монанди нигоҳи Ҳугу ба табиат, нигоҳи нав, дақиқ, ҷудо аз одати рӯзмарра аст ва ҳамин диди мутафовут сабаб мешавад, ки вай табиатро бо ҳуввияти ҷадиде бубинад ва вориди печу хамҳои асрор ва рамузи он шавад.

Дар қитъаи «Амиди полид» [6,425] табиатро мунодӣ ва алгуи зулмситезӣ ва ҳамосаофаринӣ мебинем ва ин низ яке аз дарунмояҳое аст, ки аввалин бор дар шеъри давраи романтики Аврупо зоҳир шуд. Шелӣ (1792-1832) дар «Қасидае бораи боди ғарбӣ» [5,696] мегӯяд:

Эй боди ғарб, барои сангини аёми пушти касеро хам карда,
Ки худ чун ту чобуку саркашу мағрур аст.

Шоир аз миёни тамоми хусусиёташ ба ҳамсӯи худ бо боди ғарбӣ дар ҷиҳати тӯғёнгарӣ ишора мекунад. Ва аз бод тагозо дорад, ки ба ӯ қудрати исён дар баробари торикиҳову номардиҳои замонаашро бидиҳад.

Эй боди саркаш биёву рӯҳи ман бош,
Биёву худи ман бош.

Дар шеъри Нимо низ агарчи субҳ ба унвони намодӣ аз пирӯзиву умед ба кор меравад. Дар айни ҳол ҳуввияти инсонӣ дорад ва дар таъйини сарнавишти инсон ва ҷомеа ӯ шарик мешавад. Дар ин шеър мехонем:

Хонанда баландтар хурусон,
Эй омад субҳ ханда бар лаб
Барбод деҳ ситезаи шаб
Аз ҳам гусил фасонаи ҳавл (6,625).

2. Таъкид бар зарурати баёни озодонатари ҳолот, эҳсосот ва дарёфтҳои шахсӣ дар шеъри романтики Аврупо ба сурати исён дар баробари арзишҳо ва ҳинҷорҳои пазируфташудаи иҷтимоъ бахусус дар ҳавзаи ахлоқ ва усули эътиқод таҷаллӣ меёбад

Дар шеъру адаби форсӣ бозгӯии он чи ки мухолифи ошкор бо ҳинҷорҳои ахлоқӣ ва эътиқоди ҷорӣ дар иҷтимоъ талаққӣ мешавад, дар шеъри гузаштагон назири «Эътироф», «Гуноҳ». «Шавқ» «Тарс» ва теъдоде аз қитъаоти маҷмӯаи таваллуди дигар ба баёни эҳсосот ва андешаҳое аз шоир мепардозад, ки ҷомеаи ӯ тавон ва зарфияти пазириши онро надорад, ва албатта, худи ашъор баёнкунандаи огоҳии шоир нисбат ба бетаваҷҷуҳии ӯ ба ҳанҷорҳои ҷомеаи хеш аст.

Аз миёни осори Нодирпур маворидиро мутаддидеро метавон ёфт, ки шоир арзишҳои ҷории иҷтимоъро монее барои баёни аҳволот ва эҳсосоти шахсии хеш намебинад. Аз ҷумлаи ашъори онҳо метавон ба «Забони нигоҳ», «Гирифтор», «Соғари бод», «Лабрези гуноҳ» ва бисёре аз дигар ашъори ӯ дар маҷмӯаи «Нофа» ишора кард. Вай покдоманиро дӯзах меномад ва иртикоби гуноҳро биҳишт:

Эй дар шиканҷи дӯзахи покиза доманӣ.
Хоҳам, ки дар биҳишт гуноҳ оварам туро.

Нигум дар баёни хусусияти романтизм мегӯяд: «Ошкортарин вижагии мактаби адабии ҷадид, фикри озоде дар ҳунар, яъне нуқтаи муқобил фикри пайравӣ аз қавонину сунан аст».

Ин нуқзи қавонини суннатӣ дар шеъри нави Эрон монанди шеъри давраи романтик ҳам дар чаҳорчӯби шаклу забон анҷом гирифт ва ҳам дар маҳдудаи муҳтаво ва мазомини шеърӣ, шоири романтик худро аз чаҳорчӯби қофияҳо озод кардаву адабиёти худро тобеи оҳанги табии калом мекунад ва дар поён худро ба сурати мафҳуми адабиёт бетакаллуфӣ дар интихоби вожаҳо ва низ шакли адабиётро дар ашъори тамоми пешгомони шеъри нави форсӣ метавон дид. Барои исботи ин иддао ашъореро аз манзумаи «Афсона»-и Нимо зикре мекунем:

Дар яке кулбаи хурду чӯбин, Тарафи вайронае ёд дорӣ ки як пиразани рустоӣ панба меришт ва мекард зорӣ. Хомӯшӣ буд ва торикии шаб. Тифли биное омад ба дунё. Андар он гӯша, чӯпонзане зуд, ноф аз ширхоре бидурид кӯч мекард бо мо қабила, Мо шимола ба каф, дар барҳам, Кӯҳҳо паҳлавонони худсар, сар барафрошта рӯй додҳам, галлаи мо ҳама рафта аз пеш.

Мавзӯоте, ки Нимо дар ин адабиёт тарҳ мекунад аз он ҷиҳат тоза менамояд дар ашъори гузаштагон қобили тарҳ набудааст. Шоир ин сужаҳоро бо бакоргирии камолоте мисли «капочин», «чӯпонзане», «ноф», «шимола» «галла» дар қолаби бепироятарин забон ва алфоз мумкин ба назм мекашад, то ин ки дар адабиёти дигар ба сароҳат дар ҷиҳати шикастани қолаби роиҷи гузашта ва дар андохтани тарҳи нав фарёд мезанад:

Ҳафизо, ин чӣ дурӯғест,
К-аз забони май ва ҷоми соқӣ аст?
Нолӣ ар то ба абад боварам нест,
Ки бар он ишқбозӣ, ки боқист.

Ин тартиби мабонии шеъри романтики Аврупо на танҳо аз назари дарунмоя ва мафоҳим, балки аз назари шаклу сурати ашёъ ва низ он шеър, яъне навъи калимот ва ибороте, ки абзорҳои интиқоли эҳсос ва андешаи шоир ба хонанда маҳсуб мешаванд шеъри нави форсӣ таъсири зиёде доштааст ва таваҷҷуҳи маҳз ба ҳузури баъди эҳсоси мактаби романтики ҳунар ва адабиёт дар шеъри нав форсӣ ва нодида гирифтани дигар меҳварҳои асосии шеъри романтик ва ҳузури онҳо дар шеъри нави форсӣ аз воқеъбинии илми хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғуломҳусайнзода Ғуломҳусайн. Сайри нақди шеър дар Эрон аз машрута то 1333.- Теҳрон: Равзана, 1380.

2. Юшиҷ Нимо. Дар бораи шеър ва шоирӣ аз маҷмӯаи осори Нимо Юшиҷ. Чопи аввал.- Теҳрон, 1380.
3. Юшиҷ Нимо. Арзиши эҳсосот ва панҷ мақолаи дигар, чопи саввум.-Теҳрон, 2535.
4. Вон Тикум. Филипп. Романтик дар Фаронса. Тарҷумаи доктор Аҳмади Таботабоӣ. -Табрез, 1337.
5. Нимо Юшиҷ. Маҷмӯаи комили ашъори Нимо Юшиҷ тадвин ба кӯшиш ва чопи даҳум.- Теҳрон, 1389.
6. Шифо Шкҷоиддин. Мунтахаби ашъори ҷаҳон, ҷилди 7.- Теҳрон, 1397.
7. Бароҳанӣ Ризо. Тилло дар мис дар шеър ва шоирӣ. Ҷилди 2-3, Теҳрон,1371.

ПОЯВЛЕНИЕ НОВОЙ ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ И ШКОЛА РОМАНТИЗМА

В данной статье рассматривается влияние европейской литературы, в частности школы романтизма на творчество современных персидских поэтов.

Ключевые слова: поэт, современная поэзия, творчество, литературное произведение, литература Запада, перевод, школа романтизма.

EMERGENCE OF NEW PERSIAN POETRY AND ROMANTICISM SCHOOL

In this article influence of the European literature, in particular romanticism schools on creativity of modern Persian poets is considered.

Key words: poet, modern poetry, creativity, literary work, West literature, transfer, romanticism school.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джамоли Алиманиш*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

НИГОҲЕ ГУЗАРО БА ТАЗКИРАҲОИ ШОИРОН ВА АНҶУМАНҲОИ АДАБИИ КИРМОНШОҲ, ЗОДГОҲИ ЛОҲУТӢ ВА МИРЗО АҲМАДИ ИЛҲОМӢ

Абдурризо Родфар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кирмоншоҳ дар доманакӯҳҳои Зогрис ва дараҳои сарсабзу хуррами он ҳикоят аз гузаштаҳои куҳан дорад, ки умри баъзе аз ёфтаҳои он ба даврони саввуми поринаи сангӣ мерасад. Дар навиштаи китобҳои таърихӣ Кирмон Ҳаворит ховаршиноси машҳури Фаронсавӣ (1854-1926 мелодӣ) исми собиқ Кирмоншоҳро Комбодон гуфтааст. Ва дар давраҳои исломӣ дар масири ҷодае, ки Доруюши аввали ҳахоманишӣ эҷод кард, аз ҷилукӯҳҳои Парву кӯҳи Сафед, ду кӯҳи Кирмоншоҳ убур мекард. Дар ҳамин давра, байни Парву Бесутун шаҳре ба номи Боғистон ё Бағистон вуҷуд дошта аст. Дар замони ҳукмронии Искандар ва Ашкониён ба сабаби айлоқ ва қишлоқ байни Тайсафун ва Акботон шаҳри Кирмоншоҳ аз арзиши вижае бархурдор буда, дар замони Сосониён ба авҷи тараққии худ расида ва осори боарзишу муътабаре аз ин силсила ба ҷой мондааст. Муҳимтарини онҳо кандакориҳо дар тобистон бисёр зебо ва муҷаллал аст, ки пойтахти тобистонӣ ва маҳалли шикори ин силсила аз шоҳони Эрон будааст. Дар яке аз шумораҳои маҷалаи «Қушун» омада, ки пойтахти Эрон дар замони Ардашер I, Доробгурд II, Ардашери Кӯза Кирмоншоҳ будааст».

Дар замони Хусрави Парвиз, ки қисмати аъзами Осиё, тамоми Африқо ва як қисмат аз Урупо чузъи Эрон буда, Беҳситон (Бесутун) пойтахти Эрон будааст.

Хулласи калом, ин шаҳр қабл аз Ислом аз эътибору аҳамияти хосе бархурдор буда, то қарни панҷуму шашуми ҳиҷрӣ низ ҳамчунон арзиши пешинро ҳифз кардааст.

Абӯбакр Аҳмад бини Муҳаммад бини Исҳоқи Ҳамадонӣ маъруф ба Ибни Фақеҳ дар асари худ ба номи «Албулдон», ки соли 290 ҳиҷрӣ-қамарӣ тадвин ёфта, менависад: «Ва ӯ- Қубод аз Мадоин то руди Балх дар ҳамаи роҳ ҳеҷ сарзаминро, ки ҳавояш аз Кирмоншоҳон то гарданаи Ҳамадон хуштар ва обаш гуворотар ва насимаш лаззатбахштар бошад, наёфт. Ин буд, ки Қирмосинро сохт ва вижаи хеш кохи баланд бар рӯйи Ҳазорсутун бино кард. Пас Қирмосин калимаест Порсӣ, яъне Кирмоншоҳ, Хусравон аз он пас аз Мадоин то гарданаи Ҳамадону қасри Ширин биноҳо сохтанд». Абулқосим Муҳаммад бини Ҳавқали Бағдодӣ маъруф ба Ибни Ҳавқал дар китоби худ ба номи «Сура-ту-ларз», ки дар қарни чаҳорум нигориш ёфта, менависад: «Кирмоншоҳон шаҳрест хуррам ва дорои обҳои ҷорӣ ва дарахти мева ва дар онҳо қиматҳо арзону алаф фаровон ва сутуру шутурон чаранда бисёр ва ҳамчунин колои тиҷоратӣ ва оидот фаровон». Ёқути Ҳамавӣ дар «Маҷмаъ- ул- булдон» овардааст, ки: «Қармисин сифати қоф ва сукуни ро ва касри миму син, муарраб Кирмоншоҳон

мебошад, шаҳрест машҳур ва байни он то Ҳамадон 30 фарсанг аст, ба Динур наздик аст ва байни Ҳамадону Ҳулвон бар рӯйи ҷодаи Ҳоҷ воқеъ гардидааст».

Мир Абдуллатифхони Шуштарӣ соҳиби «Туҳфат-ул-олам» ва «Зайл-ут-туҳфа» дар замони салтанати Зандия ҳангоме ки Иллоҳ Қуллихони Зангина ҳокими Кирмоншоҳ буда, сафаре ба ин диёр дошта менависад: «Равонаи Кирмоншоҳ шудам, ки аз билоди нафисаи қаламрави Алошукр ва шаҳре маъмур ва анвои заруриёт дар он фаровон аст, баҳоят дилкушо ва бо нузҳату сафо аст. Дар хориҷи шаҳр боғоти дилкаш дорад ва эронӣ дар он маскан доранд».

Ҳамин гуна, Кирмоншоҳ дар бистари таърих ҳаракат мекунад, то пайваста аз нишебу фарозҳои рӯзгор дар амон боқӣ бимонад. Ҷаҳонгарде маъруф дар соли 1287 ҳиҷрӣ-қамарӣ, дар рӯзгори ҳукумати Баҳром Мирзо Муизуддавла, бародари Муҳаммадшоҳи Қоҷор дар сафарномаи худ аз Кирмоншоҳ чунин ёд мекунад: «Кирмоншоҳ тақрибан ҳафт ҳазор хона дорад ва мутаҷовиз аз 30 ҳамоми умумӣ аст, ба ғайр аз ҳамомҳое, ки дар хонаҳост. Корвонсароҳои тоҷир ва муътабари Кирмоншоҳ, ғайр аз он чи барои ҷавофил ва заввор аст, шаш корвонсаро аст. Аҳолии ин шаҳр мураккаб аз калҳару загина ва қадре гурон ҳастанд. Шаҳри қадимӣ ва ғурабост, ки тахминан 70 ҳазор нуфус аст. Ғолиби фусул аз содиру ворид мутарвади ҷамъияти зиёд мешавад. Масоҷиди муътабари ин шаҳр масҷиди ҷомеъ аст, ки шабистони онро Ҳоҷӣ Алихони Зангина 1201 ҳиҷрии қамарӣ бино карда ва масҷиди тобистонии онро Муҷиб Алихон сохтааст. Дигар, масҷид ва мадрасаи Ҳоҷӣ Шаҳбозхон ва масҷиди Наввоб Олия- ҳамшираи Муҳаммад Алӣ Мирзо Марҳум ва масҷиди Имодуддавла, ки тоза сохта шуда, биноҳои олӣ дорад ва соати бузург барои таъини авқоти шабонрузӣ насб кардааст. Саноеи дастии мухтасои ин шаҳр, илова бар он чи дар соири билод маъмул аст, санъати тасбеҳсозӣ, ки аз гили пухта дар ниҳояти хубӣ ва имтиёз месозанд. Дигар, санъат намадмолӣ, ки кулоҳу фарроҳӣ ва ғайраро нисбат ба соири ҷоҳо беҳтару бештар месозанд. Қолинбофӣ ҳам дар ин шаҳр ҳаст. Иморати девонии маъруфи ин шаҳр иморат ва боғи марҳум Муҳаммад Алӣ Мирзо, қалъаи Ҳоҷӣ Карим машҳур ба дилкушо, ки иморати онро Имодуддавла таҷдид ва мураттаб кардааст. Девони Хони бузург, ки сар дар он ба майдони тӯпхона аст, иморати кашкул мутассил ба девони хон, иморати бедситон, ҷануби иморати кохи мобайнии андарун ва арши ойини қурхона, самти ҷанубии боғи шоҳзода, чопорхона, пушти боғ, майдони сарбозхона, самти ҷанубии иморати девонӣ, майдони тӯпхона иморати девонӣ аст. Дар канори шаҳр, болои теппаи Фатҳалихон тамоми шаҳр намоён буд. Аз теппаи дигар, ки миёни боғот ва ободӣ аст ва чашмандоз бисёр хуб дорад, ҳамаи хонаҳо, масҷидҳо ва бозорҳои шаҳр дида мешуд. Кирмоншоҳон шаҳре муътабар аст».

Ғараз аз ин муқаддимот баршумурдани ифтихороти таърихӣ ва куҳансолии ин сомон нест. Барои ин амр маҷоле фарох мехоҳад, балки мухтасаре буд барои ошноии бештари хонандагон. Агарчи бузургони Кирмоншоҳ дар риштаҳои мухталиф аз илму маърифат ва ирфону шеър фаровонанд ва дар таърих номашон сабт шудааст, аммо нуқсону камбудӣ дар таърихи шеъру адаби ин диёр дида мешавад, бавижа дар иртибот бо шеър, ки дар алоқаи аксари эрониён аст. Дар тазкираҳои фаровоне номи шоирони Эрон омадааст ва аз садаҳои нахустин тазкираҳои бузурге дар бораи шоирони Эрон навишта шудааст, аммо дар иртибот бо тазкиранависи мухтаси Кирмоншоҳ, чизе ки дар дарозои таърих шоҳиди онем, зиёд равшангар нест. Дар тазкираҳое монанди «Маҷмаъ-ун-наводир» ё «Чаҳор мақола» - и Низомии Арӯзӣ, «Маноқиб-уш-шуаро»-таълифи Мушфиқуддин Абутоҳири Хотунӣ, «Лубоб-ул-албоб»-и Саъдидуддин Муҳаммади Буфӣ ва тазкираҳои бузурги дигар, номи шоирони Кирмоншоҳ зикр нашудааст. Танҳо дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Мирзо Қулихони Ҳидоят ва «Ҳадиқат-уш-шуаро»-и Ҳоҷ Аҳмади Мирзо Девонбегӣ номе аз сарояндагони Кирмоншоҳ бурда шудааст. Ба ҳар ҳол, дар авохири қарни сездаҳуми ҳиҷрии қамарӣ ба бад-ин диёр андак таваҷҷуҳе намуда, соҳибдиле боҳиммат ба номи Мирзо Аҳмади Шерозӣ маъруф ба Девонбегӣ чанд соле 1294 то 1296 ҳиҷрии қамарӣ уҳдадории танзими умури девони хони Кирмоншоҳон мегардад ва зимни кори девонӣ ба ҷамъоварии маҷмӯае иқдом меварзад, ба номи «Ҳадиқат-уш-шуаро», ки дар он шарҳи ҳол ва осори беш аз 1500 суханвари муосири худро соли 1200 то 1310 ҳиҷрии қамарӣ гирд овардааст. Хушбахтона, аз ин теъдод шояд дар ҳудуди 50 нафарашон кирмоншоҳӣ ҳастанд, ки 10 ё 15 нафар аз ин гурӯҳ саршинос буда, бақия дар гумномӣ мезистаанд, ки агар ҳиммати волои ин соҳибдил набуд, ғубори фаромӯшӣ бар зиндагиву осорашон нишаста буд.

Шунидан̄ аст, ки яке аз саршиностарин шоирони дар ин маҷмӯа номбурда, шоир ва нависандаи Кирмоншоҳ̄ Ҳусайнқулихон Султонии Кулҳар аст. Аз ӯ шояд беш аз сад ҷо дар китобҳо ба муносибатҳои мухталиф ном бурда шудааст. Зеро муаллифро дар тадвини ёддоштҳо ва биографҳо ёр̄ дода ва зиндагиномаи хеле аз шоирони гумноми дигари диёри кишварамонро навишта ва дар ихтиёри Девонбег̄и қарор додааст.

Дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» низ аз чанд шоири кирмоншоҳ̄, ки мавриди шинохти муаллиф буда, ёд шудааст, то ин ки дар соли 1337 хуршед̄и шодравон Мирзо Боқир Шокир̄, мудиру соҳиби имтиёзи рӯзномаи хусрав̄, бо таваҷҷуҳ ба имконоте, ки аз лиҳози матбуот̄и дошт, «Тазкираи мухтасари шуарои Кирмоншоҳро дар тирожи 1000 ҷилд интишор дод. Дар соли 1367 Фаршеди Юсуф̄и тазкираи суханварони Кирмоншоҳро бо номи «Боғи ҳазоргул» ба дасти интишор додааст. То ин рӯз дигар тазкирае нигошта нашудааст.

Анҷуманҳои адабии Кирмоншоҳ. Таърихи дуруст аз анҷуманҳои адабии Кирмоншоҳ дар даст нест. Ва аз навиштаҳои сайёҳон ин гуна истинбот мешавад, ки иддае донишманду шоир пайваста дар ин шаҳр тарбият ёфта ва муҷиби ифтихор будаанд. Муҳаммад Боқир Шокир̄и дар «Таърихчаи анҷуманҳои адаб̄и», дар сафҳаи 145 мегӯяд: «Нигорандаи «Туҳфат-ул-олам» менависад, ки ҳафтае як бор Имом Қулихони Зангина (1210 ҳиҷр̄и-қамар̄и) ва амми эшон Ҳоҷ̄и Алихони Зангина шуароро мепазируфтаанд ва дар ҳақиқат анҷумани адаб̄и бо ҳузури ҳукумати фозил ташкил меёфтааст ва шуарои ном̄и монанди Оқо Муҳаммадном̄и ва Мирзо Аҳмади Шиҳоб ва Мирзо Муҳаммади Ҷузро ва ғайра дар он ҷаласоти адаб̄и ширкат менамудаанд.

Анҷумани Бедил. Дар соли 1260 ҳиҷр̄и – қамар̄и Ҳоҷ̄и Муҳаммади Бедил анҷумани адаб̄и ташкил дода, Ҳусайнқулихон Султон̄и аз шуарое будааст, ки дар он анҷуман ба фунун ва улуми адаб̄и вуқуф ёфтааст ва Султон̄и дар соли 1278 ҳиҷр̄и – қамар̄и мегӯяд:

Дод устоди ман он султони иқлими сухан,
Не – не устод, асотиди ҷаҳон, беиштибоҳ.

Ва дар ҳақиқат, анҷумани Бедил дар густураи таърихи Кирмоншоҳ, аввалин анҷуман мебошад.

Дувумин анҷуман – анҷумани фасоҳат будааст, ки ба мудирияти Ҳусайн Қулихони Султон̄и ташкил ва аз шуарое, ки дар он анҷуман ширкат доштаанд, Мирзо Аҳмад Илҳом̄и (падари шоири маъруф устод Абулқосими Лоҳут̄и), Мирзо Қаҳрамон Табаро̄и, Мирзо Ал̄и Муҳаммад Шокир, Мирзолоҳ Дӯсти Солик, Мирзо Нур, Аббоси Сурур̄и, Муҳаммад Ҷаводи Шабоб, Мирзо Асадуллоҳҷон Зуҳур̄и мутахалис ба Абд Алии Муҳаққиқ мебошад.

Савумин анҷумани адаб̄и, ба мудирияти Мирзо Қаҳрамон̄и Табаро̄и ва ҷамъе аз шуаро, минҷумла Муҳаммад Ҷаводи Шабоб ҳафтае як бор ба таври сайёр ташкил меёфт.

Чаҳорумин анҷуман дар соли 1301 шамс̄и ба мудирияти Маҳдии Саббоҳ Козарун̄и ва ҷамъе аз шуаро аз ҷумла: Муҳаммад Ҷаводи Шабоб, Асадуллоҳ Маҳрам, Сайид Абдулкарим Ғайрат, Мирзо Ал̄и Муҳаммад Шокир, Боқир Бониён̄и, Ғуломал̄и Гӯё, Фараҷуллоҳ Ҷалол̄и, Ҳайдари Мазҳар, Аббос Саҳро̄и, Ғуломризо Порсо ва нигоранда ташкил меёфт ва бар асари ихтилофе, ки байни Маҳдии Козарун̄и ва Муҳаммад Ҷаводи Шаббоб дар мавзеи ашъоре, ки Шаббоб суруда буд ба вуҷуд омад, ин анҷуман дар соли 1303 шамс̄и дар манзили Боқир Бониён̄и барчида шуд.

Панҷумин анҷумани адаб̄и- анҷумани фасоҳат ба мудирияти Муҳаммад Ҷаводи Шабоб бо ҷамъе аз шуаро ба номи Ғуломалии Гӯё, Фараҷуллоҳи Ҷалол̄и, Ғуломризо Порсо, Ҳайдари Мазҳар, Абдулҳамиди Гулшан, Сайид Муҳаммадҳасани Таҷалл̄и, Али Акбари Ҳаддод ва нигоранда ҳамаи ҳафта, рӯзҳои ҷумъа ба таври сайёр ташкил ва осори анҷуман дар ҷузвоти 4 сафҳа дар чопхонаи ширкати саодат чоп ва тавзеъ мегардид.

Шашумин анҷуман - анҷумани адабии Кирмоншоҳ ба мудирияти Саркор Сарҳанг Аҳмади Ачгар ва иддае аз шуаро ба номи Сайид Абдулкарими Ғайрат, Ҳайдари Мазҳар, Фараҷуллоҳи Ҷалол̄и, Ғуломризо Порсо, Абдураҳмон Порсои Туйсаркон̄и.

Ҳафтумин анҷумани адаб̄и - анҷумани адаб̄и ба мудирияти Оқо Муҳаммад Ҳасани Мадон̄и, дабири аъзам мутаҷаллис ба Мӯин ва иддае аз шуаро ба номи Сарҳанг Аҳмади Ачгар, Сайид Абдулкарими Ғайрат, Ҳоҷ̄и Мирзо Яҳёи Ғаззол̄и, Фараҷуллоҳи Ҷалол̄и, Порсои Туйсаркон̄и ва ғайра дар манзили дабири аъзам ҳафтае ташкил меёфт.

Ҳаштумин анҷумани адаб̄и - анҷумани донишварон. Ин анҷуман дар толори рӯзномаи миллии Кирмоншоҳ ҳар ҳафта рӯзҳои панҷшанбе ташкил меёфт ва

Фараҷуллоҳ Ковёнии Ҳузина ташкили анҷуманро шахсан мутаҳаммил буд. Ин анҷуман ибтидо ба мудирияти аллома Ваҳидӣ ва сипас ба мудирияти Ҳусайн Нозимӣ (Иқбол) ташкил ва муддати ҳафт сол ин анҷуман давом дошт. Шуарое, ки дар анҷумани донишварон ҳузур меёфтанд, иборат буданд аз: Ҳоҷӣ Мирзо Яҳёи Ғаззолӣ, Сайид Абдулкарими Ғайрат, Ҳусайн Туллоҳ, Муҳаммад Ҳусейни Ҷалилӣ (Бедор), Ғуломризо Порсо, Сарвони Диёнуш, Афсари Қазоии Артиш, Шукруллоҳи Масрур, Абдуллоҳи Накӯном, Салим Заробӣ, Муҳаммади Родманиш мутахаллис ба Маҷзуб, Аҳмади Маҳҷур, Карим Кӯҳсори Тамкин, Фаридуни Накӯном, Пулакии Собир, Ҳоҷӣ Футувват, Муҳаммад Озарӣ, Мӯинӣ, Эраҷ Амири Ҳоҷӣ Рачонӣ, Ҳодӣ Содиқпур мутахаллис ба Ёрафиъ, Алӣ Ризоӣ, Алиризо Саҳоӣ Тақии Рашидӣ ва Боқир Шокирӣ, ки гардонандаи анҷуман ба шумор мерафт. Ин анҷуман аз соли 1322 шамсӣ, то аввали Хурдоди 1329 шамсӣ идома дошт.

Нӯҳумин анҷуман - анҷумани адабӣ ба мудирияти Муртазо Маҳдавӣ ба номи Кирмоншоҳ аст. Иддае аз шуаро ба номи Алӣ Акбар Асадпур (Акбар), Аҳмади Маҳҷур, Фараҷуллоҳи Ҷалолӣ, Муҳаммади Родманиши Маҷзуб, Эраҷ Ризоӣ, Каюмарси Маҳдавӣ (Арфаъ), Алиашрафи Нубатӣ (Парнав), Ҳашматуллоҳи Мунтазирӣ (Ормон), Алӣ Хушватӣ (Раҳо), Ҳомид Муқаддам, Неъматуллоҳи Ҷамшедӣ Алии Солик, Ҷалил Қурайшизода Вафо, Бадриддин Қурайшизода, Фоҷир, Алӣ Акбар Ноқипур (Саъид), Фаридуни Накуном, Алӣ Аскар Заъфаронӣ ва Сарҷуш.

Даҳумин анҷумани адабӣ - анҷумани сухан буд, аз соли 1340 ҳиҷрӣ- шамсӣ бо ширкати шуарое чун Ҷалил Вафо, Карим Тамкин, Фоҷир, Хуррам, Паём, Сабо, Ирфаъ, Анваро, Садафи Оташ, Ядуллоҳ Нажоди Шайдо, Ядуллоҳ Отифи Ошуфта, Асад Отифӣ, Ҷалил Муроди Имон, Бобак, Маҷид, Накӯном, Зангина, Сиддиқӣ, Қасрӣ, Муқаддам, Ормон, Нафипур ва Ҳунар.

Ёздаҳумин анҷумани адабӣ – анҷумани адабии Кирмоншоҳ вобаста ба фарҳанг ва ҳунар дар соли 1350 ҳиҷрӣ - шамсӣ фаъолият дошт.

Дувоздаҳумин анҷуман – анҷумани адабии Бедор вобаста ба фарҳанг ва иршоди исломӣ дар соли 1362 ҳиҷрӣ - шамсӣ фаъолият дошт.

Сездаҳумин анҷуман – анҷумани адабии сухан вобаста ба вазорати фарҳанг ва иршоди исломии Кирмоншоҳ дар соли 1367 ҳиҷрӣ - шамсӣ, ки инҷониб нигорандаи ин мақола узв ва гардонандаи аслии ин анҷуман будаам.

Чордаҳумин анҷуман – анҷумани адабии Рашид Ёсимӣ ба мудирияти Муҳаммад Ҷавод Муҳаббат вобаста ба идораи Фарҳанг ва иршоди исломии Кирмоншоҳ дар соли 1375 то кунун ба фаъолият машғул аст.

Понздаҳумин анҷуман – анҷумани адабии фарогир ба мудирият ва муассиси Абдурризо Родфар - нигорандаи мақола вобаста ба идораи иршод ва фарҳанги иҷтимоӣ. Шонздаҳумин анҷуман – анҷумани адабии ҳавзаи ҳунарии Кирмоншоҳ ба мудирияти Абдурризо Родфар будаанд.

ВЗГЛЯД НА ПОЭТИЧЕСКУЮ АНТОЛОГИЮ И ЛИТЕРАТУРНЫЕ КРУЖКИ КИРМАНШАХА - РОДИНЫ ЛАХУТИ И МИРЗО АХМАДА ИЛХАМИ

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению литературные кружки Кирманшаха - родины Абулкасыма Лахути и Мирзо Ахмада Илхами, а также их литературная и поэтическая деятельность.

Ключевые слова: литература, поэтическая антология, литературные кружки, Кирманшах, Иран, Лахути, Илхами.

LOOK AT POETRY ANTHOLOGIES AND LITERARY CIRCLES KIRMANSHAHA - HOMELAND AND LAKHUTI MIRZA AHMAD ILHAMI

In this article, the author subjected to review and study of the literary circles Kirmanshaha - homeland Abulkasym Lakhuti Ilhami and Mirza Ahmad, and their literary and poetic work.

Keywords: literature, poetry anthology, literary circles, Kirmanshah, Iran, Lakhuti, Ilhami.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Абдурризо Родфар*** **–** соискатель Таджикского национального университета

СУННАТҲОИ ДОСТОНСАРОИИ ИШҚӢ-РОМАНТИКӢ ТО АЙЮҚӢ

Тупалов Ғозибек
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи ташаккул ва таҳаввули суннати достонсароии ишқӣ – романтикӣ дар адабиёти форсу тоҷик аз қарни XIX таваҷҷуҳи адабиётшиносон ва шарқшиносони Русия, Аврупо, Эрон ва Ҳинду Покистонро ба худ ҷалб намуда, дар нимаи авали асри XX низ баҳсҳо дар атрофи он идома дошт. То нимаи аввали асри XX дар адабиётшиносӣ ва эроншиносӣ чунин ақидае ҳукмрон буд, ки тибқи он мубтакири достонҳои ишқӣ – романтикӣ дар адабиёти форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ҳисоб карда мешуд. Бунёдгузори ин ақида шарқшиноси олмонӣ Ҳ. Эте Фирдавсиро на танҳо мубтакири достонсароӣ, балки оғозгузори достонҳои ишқӣ – романтикӣ дар адабиёти форсу тоҷик медонист [1].

Аз зумраи муҳаққиқоне, ки ақидаи Этеро қабул надошт ва достонҳои Унсуриро далел меовард, Е. Э. Бертелс буд [2]. Дар ҳақиқат, достонҳои таркибии «Шоҳнома» аз қабили «Зол ва Рудоба», «Сиёвуш ва Судоба», «Бежан ва Манижа», «Гулнор ва Ардашер», «Баҳром ва Сапенуд», «Хусрав ва Ширин» ва амсоли онҳо, ки аз лиҳози сохтору мундариҷа ва хусусиятҳои жанрии худ ҷавобгӯи таҳозои достонҳои ишқӣ – романтикӣ мебошанд ва ҳақиқати андешаҳои Ҳ. Этеро тасдиқ карда метавонанд. Ҷавобгӯи жанри достони ишқӣ – романтикӣ будани достонҳои мазкури «Шоҳнома»-ро адабиётшиноси тоҷик Абдолов Н. низ дар тадқиқоти худ «Достони ишқӣ – романтикӣ дар адабиёти асрҳои X-XII форсу тоҷик» таҳқиқ ва исбот намудааст [28].

Баъди ба даст омадани нусхаи гумноми «Варқа ва Гулшоҳ»-и Айюқӣ бо саъйи донишманди турк Аҳмади Оташ ва пайдо шудани пораҳо аз «Вомиқ ва Узро»-и Унсурӣ дар Покистон аз ҷониби Муҳаммади Шофеӣ, тасаввурот дар бораи собиқаи таърихии ташаккул ва таҳаввули достони ишқӣ – романтикӣ дар адабиёти форсу тоҷик тағйир ёфт. Тадқиқоти муҳаққиқи гурҷӣ И. Каладзе, ки дар охири солҳои навадуми қарни бистум анҷом ёфт ва ба қалами Унсурӣ тааллуқ доштани достонҳои ишқӣ – романтикии «Вомиқ ва Узро», «Хингбут ва Сурхбут», «Шодбаҳр ва Айнулҳаёт»-ро исбот намуд, дар таҳқиқи таърихи ташаккул ва таҳаввули достонҳои ишқӣ – романтикӣ дар адабиёти форсу тоҷик марҳилаи тозаеро оғоз намуд [3].

Бояд гуфт, ки аз достонҳои Унсурӣ «Шодбаҳр ва Айнулҳаёт» ва «Сурхбут ва Хингбут» теъдоди хеле ками абёти пароканда боқӣ мондааст, ки имкони қазоват дар бораи сохтору мундариҷаи онро дода наметавонад. Ҳамин қадар маълум аст, ки ҳар ду достон ҳам мазмуни ишқӣ дошта, дар асоси сужети қиссаву ривояти қадимии эронӣ ба вуҷуд омаданд ва моҷарои ишқи ду дилдодаро дар бар мегиранд. Аз «Вомиқ ва Узро»-и Унсурӣ хушбахтона, теъдоди абёте боқӣ мондааст, ки аз рӯи он дар бораи мавзӯъ ва мундариҷаи ин достон тасаввуроте то ҳадде кифоя ҳосил мешавад. Бори нахуст муҳаққиқи Покистонӣ Муҳаммад Шофеъ 372 байтро аз ин достон ҷамъ оварда интишор намуд ва то имрӯз аз «Вомиқ ва Узро» дар маҷмӯъ дар ҳудуди 500 байт ба даст омадааст ва аз рӯи ин абёт таърихи пайдоиши сужети ин достон, мазмун ва хусусиятҳои бадеии он то ҳудде муайян карда шудааст.

Маълум мегардад, ки қиссаи ишки Вомиқ ва Узро дар асоси шарҳу тафсири озоди қиссаи юнониасл ба вуҷуд омада, дар асрҳои IX-X шоирону нависандагони форсу тоҷик аз мазмуни он огоҳӣ доштанд [4]. Ба ҳақиқат наздик будани андешаро дар бораи асли юнонӣ доштани қиссаи «Вомиқ ва Узро» муҳаққиқон К. Чайкин ва И. Каладзе низ тасдиқ кардаанд [5].

Чунонки муҳаққиқи таърихи ташаккул ва таҳаввули достонҳои ишқӣ – романтикии адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои X-XII Н. Абдолов низ таъкид менамояд, ҳамин қисмати боқимондаи «Вомиқ ва Узро»-и Унсурӣ низ ба он далолат мекунад, ки ин достон яке аз нахустин достонҳои ишқӣ – романтикӣ дар таърихи назми форсу тоҷик маҳсуб мегардад [6].

Чун дар ҳамаи достонҳои дигари ишқӣ – романтикии адабиёти форсу тоҷик дар «Вомиқ ва Узро» низ дар маркази ҳодисаву рӯйдодҳои сужет ду дилдода – Вомиқ ва Узро қарор доранд. Мавзӯъ, ҳадаф ва устухонбандии асарро саргузашти Вомиқ ва Узро ташкил медиҳад.

Метавон гуфт, ки қиссаи ишқи «Вомиқ ва Узро» дар оғоз дар адабиёти қадими Юнон ташаккул ёфта, дар асрҳои IX-X дар Эрону Осиёи Миёна низ маълум будааст ва

Унсурӣ сужети юнониасли ин қиссаро истифода намуда, достони дилангези худро офаридааст. Достони Унсурӣ бешак дар таърихи ташаккул ва таҳаввули достонҳои ишқӣ – романтикии адабиёти форсу тоҷик бетаъсир набудааст ва ба ин далел Унсуриро натанҳо чун устоди қасида, балки чун яке аз бунёдгузорони достони ишқӣ – романтикӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик метавон маҳсуб донист.

Аз ҷумлаи достонҳои дигаре, ки дар нимаи аввали асри XI дар замони ҳукмронии Туғралбеки Салҷуқӣ таълиф гардида, дар таҳаввули достонсароии ишқӣ – романтикии адабиёти форсу тоҷик нақши муайяне дорад, «Вис ва Ромин»-и Фахриддин Асъади Гургонист.

Мазмун ва муҳтавои «Вис ва Ромин»-и Гургонӣ дар асоси сужети қиссаи тоисломии адабиёти паҳлавӣ ба вуҷуд омадааст. Қиссаи «Вис ва Ромин» дар даврони тоисломӣ ва то қарни XIV аҳди исломӣ низ дар шумори қиссаҳои маъруф ва роиҷ қарор доштааст, вале минбаъд тадриҷан шуҳрат ва мақоми он коста гардидааст. Бо мурури замон матни паҳлавии қисса низ аз миён рафта, имрӯз масъалаи он, ки Гургонӣ аз қиссаи паҳлавӣ дар назми достони худ то чӣ андоза истифода карда ва сужети достони ӯ бо асли паҳлавӣ чӣ умумият ва тафовутҳо дорад, масъалае ҳалношуданист.

Мазмун ва мундариҷаи «Вис ва Ромин»-и Гургонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сужети ин достон аз аксари достонҳои ишқӣ – романтикӣ, ки то ӯ ва баъд аз вай гуфта шудаанд, тафовут дорад. Дар он асаре аз ишқӣ поку беолоиш ва садоқату вафодории дилдодагон, ки дар «Бежан ва Манижа», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Вомиқ ва Узро» ва амсоли онҳо вуҷуд дорад, дида намешавад. Ишке, ки дар «Вис ва Ромин» тасвир мешавад, ба ҳавову ҳавас, макру хиёнат, шаҳватрониву бадахлоқӣ, кизбу риё ва дигар қабоҳатҳои ахлоқу маънавият олудааст ва нафареро аз миёни ошиқони ин асар наметавон пайдо кард, ки ба аҳду паймони худ содиқу вафодор монда бошад.

Бо вуҷуди ин «Вис ва Ромин»-и Гургонӣ достони ишқӣ – романтикӣ маҳсуб мешавад. Ба ин далел, ки тамоми моҷароҳо ва воқеоти асар дар отрофи мавзӯи ишқ ва ҳадафҳои марбут ба он мегардад.

Мавзӯъ ва мазмуни «Вис ва Ромин»-и Гургонӣ ба он далолат мекунад, ки шоир ба тасвири ахлоқу маънавияти ашрофи замони худ аз нигоҳи мардуми безор аз соҳибони қасру кӯшкҳо ва тоҷу тахтҳо наздик гардида, дар достони худ симоҳоеро чун намояндагони ашрофи феодалии асрҳои миёна офаридааст, ки дар худ макру хиёнат, дурӯғу нифоқ, бадаҳдиву ноҷавонмардӣ, кибру ғурур, худкомагиву хештанпарастӣ ва дигар хислатҳои разили ахлоқиро таҷассум кардаанд.

Аз ин ҷост, ки ҳанӯз дар замонҳои наздик ба таълифи достон қаҳрамонҳои он чун тимсоли ахлоқи разила ва бемаънавиятӣ шуҳрат пайдо карда, хонандагон ба ин китоб назари нек надоштаанд. Инро гуфтаи Убайди Зоконӣ, ки дар қарни XIII фармудааст: «Аз хотун, ки қиссаи «Вис ва Ромин» хонад, мастури таваққӯъ мадоред» тасдиқ карда метавонад.

Далели дигари таваҷҷуҳ надоштани аксарият ба қаҳрамонони «Вис ва Ромин» чунин санад ҳам буда метавонад, ки шоири гурҷӣ Шота Руставели достони худ «Паҳлавони пӯсти палангпӯш»-ро ба хотири он таълиф карда будааст, ки нуфузи «Вис ва Ромин»-ро дар миёни хонандагони гурҷӣ пешгирӣ намояд.

Бо вуҷуди ин ба майдони адабиёт омадани «Вис ва Ромин»-и Гургонӣ гардиши бузурге дар таърихи достонсароии ишкӣ – романтикӣ буда, ба қавли Е. Э. Бертелс пас аз достони Гургонӣ ҳамосаи паҳлавонӣ дар равиши «Шоҳнома» дигар наметавонист ба вуҷуд ояд ва достонсароии ишқӣ – романтикӣ аз суннатҳои куҳан раҳоӣ ёфта, комилан ба роҳи дигар қадам ниҳод [38, 436]. Аз ин дидгоҳ «Вис ва Ромин»-и Гургонӣ дар таҳаввули достонсароии ишқӣ – романтикӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мавқеи назаррас дорад.

Чунонки мебинем, суннати достонсароии ишқӣ – романтикӣ то замони таълифи «Варқа ва Гулшоҳ»-и Айюқӣ марҳалаҳои муайяни ташаккул ва таҳаввули худро паси сар намуда, қонунмандиҳои худро дар сохтору интихоби мавзӯъ, сужет ва сабки баёни воқеоти тасвири қаҳрамонон соҳиб гардида буд. Маъмулан аксари достонҳои ишқӣ – романтикӣ дар асоси истиқбол ва бозсозии сужетҳои қиссаву ривояти қадими Эрон, Ҳинд, Юнон, Араб ва халқҳои дигар ба вуҷуд меомаданд ва мувофиқи табъу завқ ва қудрату ҳунари шоирии офаринандаи худ ба риштаи назм кашида мешуданд. Аз ин ҷост, ки Айюқӣ низ аз суннати гузаштаи достонсароии форсу тоҷик бебаҳра набуд ва «Варқа ва Гулшоҳ»-и худро дар асоси сужети тоисломии адабиёти араб ва тибқи

қонунмандиҳои сохториву ғоявӣ ва эстетикию бадеии достонсароии мавҷуд дар замони хеш ба арсаи вуҷуд овард.

А Д А Б И Ё Т

1. Эте Ҳерман. Таърихи адабиёти форсӣ. Тарҷумаи Ризозода Шафақ. – Теҳрон, 1337. – С. 176.
2. Бертельс Е. Э. История персидско – таджикской литературы. – М., 1960 – 555 с.
3. Калидзе И. Эпическое наследие Унсури. – Тбилиси, 1983.
4. Бертельс Е.Э. История персидско – таджикской литературы. – С. 316.
5. Каладзе И. Эпическое наследие Унсури; Чайкин К. И. Вамик и Азра. / Низоми Хокони, Руставели. – Л., 1935.
6. Абдолов Н. Любовно – романтическая поэма в персидско – таджикский поэзии X – XII вв. Автореферат дис. док. филологических наук. – Душанбе, 2009. – 56 С. – С. 25.
7. Бертельс Е. Э. История персидско – таджикской литературы. – С. 436.

ТРАДИЦИИ НАПИСАНИЯ ЛЮБОВНО – РОМАНТИЧЕСКИХ ПОЭМ ДО АЙЮКИ

Задачи формирования и развития традиций написания любовно-романтических поэм в персидско-таджикской литературе привлекали внимание литераторов и востоковедов России, Европы, Ирана и Индии с XIX века и эти дискуссии нашли свое продолжение и в первой половине XX века. В данной статье автором на основе изучения богатого литературного материала подвергнуты изучению и рассмотрению традиции написания любовно-поэтических поэм, содержание и стиль данных поэм и их любовно-романтические особенности в персидско-таджикской литературе до периода написания романа «Варка ва Гулшах» Айюки, который являлся персидско-таджикским поэтом первой половины XI века и был придворным поэтом Султана Махмуда Газневи.

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, любовно-романтические поэмы, традиции написания любовно-поэтических поэм в персидско-таджикской поэзии.

TRADITIONS OF WRITING LOVE - ROMANTIC POEMS TO AYYUKI

The problem of formation and development of traditions of writing love-romantic poems in Persian-Tajik literature attracted the attention of writers and orientalists of Russia, Europe, Iran and India in the XIX century, and these discussions have continued in the first half of the XX century. In this paper the author on the basis of a study of the rich literary material subjected to the study and consideration of the tradition of writing love-poems poems, content and style of these poems and romantic love-especially in the Persian-Tajik literature up to the time of writing the novel "The Island Cooking Gulshah" Ayyuki, which was Persian-Tajik poet of the first half of the XI century and was the court poet of Sultan Mahmud of Ghazni.

Key words: Persian-Tajik literature, romantic love-poems, love-writing tradition of poetry poems in Persian-Tajik poet.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Тупалов Гозибек*** – соискатель Таджикского национального университета

ШАХСИЯТПАРДОЗИИ РОМАНҲОИ ФОРСӢ ДАР ДАВРОНИ ИНҚИЛОБИ МАШРУТА

Шаҳнози Ибодатӣ

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дигаргуниҳои иҷтимоӣ сиёсӣ танҳо яке аз омилҳоест, ки сохтори романи муосири Эронро таҳти таъсир қарор додаст. Агар аз дидгоҳи кулнигар «Гаштолат» ба сохтори навъи адабии роман бингарем, онро маҷмӯае меёбем, ташкил ёфта аз аносири дарунмоя, зовидид, тарҳ, шахсият ва ғайра, ки албатта, таркиби ин аносир ва таъсири мутақобили он бар якдигар, сохту созмони романро ба вуҷуд меоварад. Роман аз як сӯ дар мувоҷеҳ бо сабки романнавис, ҷаҳонбинӣ ва навъи нигариши ӯ ба ҳастӣ ва табиати одамӣ, тағйири моҳият медиҳад ва аз сӯйи дигар, масири таҳаввули макотиби адабӣ, хамирмояи ҳар як аз аносири романро шакл медиҳад. Бинобар ин, романнавис дар тарсими шахсият ба унвони яке аз аносири достонӣ ва шеваи пардохти он, ногузир ба таъсирпазирӣ аз анвои мутағайирҳои муассир бар он аст. Барои огоҳӣ аз мизони таъсири авомили иҷтимоӣ-сиёсӣ бар шахсиятпардозии романи форсӣ, як давраи

таърихӣ аз таърихи умумии Эрон дар садаи пешинро мурур карда, нақши онро дар хулқи ашхоси достони мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Солҳои «1274 то 1320» (ҳичрӣ шамсӣ). (Инқилоби машрута ва ҷанги дуюми ҷаҳон). Пайдоиши романи Эрон маҳсули маънавии тафаккуроти машрутахоҳона аст. Офаридашудани романи форсӣ дар ин давра, нишондиҳандаи тағйири пурдомана дар робитаи инсон дар ҷомеаи Эрон аст. Вуқӯи ҷанги ҷаҳонӣ ва вуруди нохостаи Эрон ба он, кашмакашиҳои даврони машрута ба он, қаҳтӣ ва фақру фалокати мардум, шикасти ҷунбишҳои истаорситезонаи Мирзокучакхон ва Шайхмуҳаммади Хиёбонӣ дар Шимол ва Шимолу Ғарб ва қарордоди асоратбори соли 1919, ки Эронро ба сароҳати мустаъмараи англис мекард, аз муҳимтарин таҳаввулоти сиёсии ин давра будааст. Иъникоси ин ҷараёнҳои сиёсӣ дар осори романнависони форсӣ ба ду сурат ҷилва кард:

1. Гурӯҳе аз романнависон нигориши романи тахайюлӣ –таърихиро дар пеш гирифтанд. Ҳуввиятталабӣ ва амниятҷӯйӣ бо гурез аз воқеиятҳои рӯзмарраи зиндагӣ, ангезаи аслии ононро шакл медод ва аз он ҷо, ки таъсире торику мубҳам аз оянда дар зеҳнашон вуҷуд дошт, бештар ба гузашта паноҳ мебурданд ва бо халқ достонҳои отифӣ, дар бистари воқеии таърихӣ мустанад, аламҳои даруниашонро дар миёни сутури роман баён медоштанд, то бо ошкор намудани орзуҳо ва хостаҳои саркӯбшудаи худ, таскин ёбанд.

Хусравӣ дар романи «Шамсу тағро» ҷомеаи торик ва пурдаҳшатеро муаррифӣ мекунад, ки ҳаккоми муқтадиру ашрофи иронӣ дар райисии он ва вузаро, дарбориён, фармонравоён пиромуни онҳо қарор доранд ва билохира мардуми шаҳрнишин ва рӯстоиён дар ҳошияи иҷтимоӣ, ки риштаи қудрат ба дасти фармонравоён аст ва дигарон, барои расидан ба мақому манзалати иҷтимоӣ, роҳе ҷуз тамаллуқу тазвир надида, ба ришва додан барои ноил ба аҳдофи худ мутавассил мешаванд. «Шамс» паҳлавони размовари достони «Шамс ва тағро», дар давраи ҳокимияти муғул дар Эрон ба рӯйи саҳна меояд. Муроди нависанда Хусравӣ аз халқи ӯ ин будааст, ки рӯҳияти паҳлавонӣ дар афроди эрони ба вуҷуд оварад ва эшонро ба муборизa, бо истибдоду истиқрори машрута ва ҳукумати қонунӣ барангезад.

Шайх Мусои Кабу дар романи «Оҳанге дар ишқу салтанат» шолуда кори худро бар он ниҳодааст, то аҳд бо азамати Куруш, сарсилсилаи хонадони Ҳахоманиширо дар назари хонандагон зинда кунад, то барои замоне ҳар чанд кӯтоҳ, воқеияти талхи нобасомониҳои ҷомеаи асри худро ба фаромӯшӣ бисупорад.

Ориёнпур, ангезаи романи таърихинависон дар интихоб ин гуна мазоминро «Дар ғалаёни рӯзафзуни рӯҳи миллият ва алоқаи муфрат ба санину ифтихороти гузашта» медонад. «Бар ин асл нависандагони ин гуна романҳо хостаанд бо халқи қаҳрамони калисоӣ ва якбӯъдӣ, хонандаро аз воқеъият дур карда, ӯро ба ваҳме ибҳомангез дучор месозад». Ба эътиқоди Мир Обидинӣ ин романҳо, тавони ҳунари расондани худ то замонҳои баъдро надоранд. Ба ин далел, ки «Надоштани дидгоҳҳои усули гузашта, ононро аз босозии воқеъгароёнаи замонаи мавриди назарашон нотавон мекунад. Ин осор, бо шахсиятҳои иғроқомезашон, ки бар заминаи мақдуроти таърихӣ тарсим надоштаанд ва даргири вазъиятҳои истисноианд. Мурвачӣ назарияи таърихсоз будани қаҳрамон мегарданд. Замоне таърихнависон дар ҷустуҷӯйи бузоргоне бар меоянд, ки дар замонҳои хатару пас, аз шикастҳои миллӣ зуҳур кардаанд ва назму амнияти ба ҳамроҳ овардаанд ва ин бозтобе аз тамоюлоти рушанфикрони сарҳӯрда пас, аз машрутиёт ва равоншиносии иҷтимоии он аср аст».

Нуктаи ҳоиз аҳамияти ин манбаъ ва мӯъҷази романҳои таърихӣ, худи таърих ё осору бақои таърихӣ аст. Аз он ҷо, ки таърихнависон танҳо ба сабт воқеъҳои умда ва замони вуқӯи онҳо қаноат кардаанд, ин амр кӯмаки муассире ба нависандагони достонҳои таърихӣ дар тарсим ва интихоби мутанаввеи ашхос намекунад. Чунки ба ҷуз шоҳон, вазирон ва сипаҳсолорон мардуми дигар бо ранҷҳову шодиҳояшон дар як аҳду замона бо ҳам зистаанд ва тамоюлоти рӯҳию ахлоқии худро аз роҳи намоишҳои гуногуни иҷтимоӣ иброз доштаанд. Вале таърихнависон, сирфан ба сабти воқеаҳои муҳим низ, масоили марбут ба шахсиятҳои муҳими таърихӣ иктифо намудаанд. Бинобар ин, яке аз костиҳои романи таърихӣ дар ин давра, иродаи намоиши шитобзадаест, ки аз ашхосу равобити байни онҳо, ки ҳосили он ҷуз тарсими ноқис ва парокандаи намудҳои зоҳирии ашхос нест.

Рукнзодаи Одамият бо истинод ба мадорики таърихӣ, ки дар ихтиёри ӯ будааст, нисбат ба соири романи таърихинависони ин давра дар хулқи ашхоси воқеи муваффақтар будааст. Ӯ дар «Далерони тангистонӣ» хислати мардонагӣ ва

инсондӯстии эрониёнро, дар чеҳраи се сардори миллӣ: раис Алии Далворӣ, Шайхҳасанҷони Чоҳкӯтоҳӣ ва Зоири Хизрхон тарсим менамояд ва бо тарҳи моҷарои кушта шудани ҳар як аз онон, тавассути эрониён интиқоди худро аз эрониёни хоине, ки талошҳои ватанпарастонро нақш бар об месозанд, баён мекунад. Фазои ҳоким бар ҷомеа, қабл аз шурӯи ҷанги сиёсии миллӣ ва орзӯи зуҳури манҷиро дар матни суханронии Шайх Ҳасанҷон ба равшанӣ ошкор месозад: «Орзӯи мо ҳама ин буд, ки ё ҳиммати баланди мо дасти ҷафокори хоричиро, ки барои маҳви осори истиқлоли мо дароз шудааст, аз домони ватан кӯтоҳ созад ё онҳо тамоми моро ба исми фидоиёни Эрон ва қурбониёни роҳи истиқлоли ватан мақдум созанд. Аммо аз бадбахтӣ, то кунун ҳеҷ як аз ин сурат вуқӯъ наёфтааст».

Таваҷҷуҳи беш аз ҳадди Рукнзодаи Одамият ба мадорик ва асноди таърихии мавҷуду, воқеанигории таърихӣ монеъ аз он шудааст, ки ба олами дарунии одамҳо пардохта ва хусусияти рӯҳии мардуми минтақаро дар рафтору гуфторашон мутаҳаллӣ созад. Гуфтугӯҳо низ, аглаб ғайри табиӣ ва ба истилоҳи лафзи қалам аст.

Давраи шукуфоии романи таърихӣ бо афтухезҳои, то соли 1320 идома меёбад ва бо рушди огоҳиҳои нависандагон ва низ мардум бо ҳадаф ва шакле дигаргун ба сурати ҷараёни ҳошияе, баъд аз соли 1320 идомаи ҳаёт медиҳад.

2. Гурӯҳи дуюми романнависон дар солҳои 1310 то 1320 мазомини иҷтимоиро мавзӯи достонҳои худ қарор дода ашхоси романи худро аз миёни тамоми гурӯҳҳо ва табақоти ҷомеа баргузидаанд, то бо нигоҳе воқеъбинона, таъсири таҳаввулоти иҷтимоиро дар тағиири чеҳраи шахсиятҳо ва ё рушти онон нишон диҳанд. Дар тайи се сол, пас аз инқилоби машрутиёт, тағйироти бисёр муҳиме дар авзои иҷтимоӣ- сиёсии Эрон сурат гирифт. Аввал он, ки истибдоди мутлақ ба машрутаи салтанатӣ табдил шуд ва саранҷоми кудтоӣ соли 1299 ба вуқуъ пайваст. Ин дигаргуниҳо буҳрони жарф аз назари ахлоқӣ ва фикрӣ дарпайдошт ва дар миёни романнависон бо ду вокуниши мутафовут рӯ ба рӯ шуд: нахустин вокуниш таъкид ба миллатгароии шадиду падидаи адампазириш аст, ки дар романҳое, ки дар дастабандии навъи таърихӣ қарор мегиранд, худнамоӣ мекунанд, ки мо пештар ба он пардохтем. Дуюмин вокуниш бар асари мушоҳидаи рушди усули ғайри ахлоқӣ ба мувозоти он, ноумедӣ, бадбинии дармонҳои иҷтимоии ин давра ба чашм мехӯрад, бад-ин сон ки достонсароӣ дар баробари хуҷуми номулоимони ҷомеа, ба як паногоҳи амн табдил мешавад. Муҳимтарин романҳои иҷтимоии он давра иборатанд, аз: «Теҳрони махуф», «Ҳумо Зебо», «Ҷиноятi башар», «Дур-ул-маҷолис». Нависандагони ин романҳо бо диди воқеъгароёна, вазияти ҷомеаи Эрониро бо мушоҳидот гузоришгунаи худ инъикос медоданд. Сафари бархе аз онон ба кишварҳои аврупоӣ ва огоҳӣ ёфтан аз тараққиёти рӯзафзуни онҳо дар заминаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сабаб шуд, ки ҷомеа ба инҳитотрасидаи Эронро бо он ҷавомеъ муқоиса карда, бо интиқод аз вазъи иҷтимоии мавҷуд, ҷомеаи эрониро ба тамасхур гиранд.

Шахсиятҳои достони «Теҳрони махуф» дар муҳит ва давраи пеш аз Ризошоҳ қарор дода шудаанд. Муҳите, ки фазлу камолу покдоманӣ дар он арзиш ва эътибор надорад, нодонӣ ва масхарагӣ, нодурустӣ ва бадҷинсӣ ҳамчунин, нуфузҳои номашрӯъ монеъ аз фаъолият ва пешрафти ашхоси лоиқ аст. Ҷавонон низ, аз бо занони марфаро бар зиндагонии хонаводагӣ тарҷеъ медиҳанд, духтарон ва занон дар маърази тавҳин ва таҷовуз ҳастанд, озодихоҳон дар ҳабсу зиндон ба сар мебаранд ва билохира яъсу бадбинӣ соҳиби шарми худро бар ҳама ҷо афкандааст.

Дарвоқеъ тарсими ҳар як аз хутути ташкилдиҳандаи авзои иҷтимоии он аср, бар уҳдаи ашхоси достонист. Иффат ва зиндагии тараҳумовари ӯ ба хуби ҷойгоҳи муталзилзили зану нобасомониҳои ӯро дар он асри таърихӣ ба тасвир мекашад. Ҳарчанд, ки дар ин миён, Фаррух ӯро аз вартаи фасод берун мекашад ва сарнавишти худро бо ӯ пайванд дода, зиндагии оромеро тартиб медиҳад. Эътирозу интиқоди Фаррух ба вазъияти иҷтимоӣ, руҳияи эътирозомези равшанфикрони солҳои пеш аз сукутро ба тасвир мекашад. Аммо он, ки бояд ба ваъдаҳои худ барои гирифтани интиқом ва иҷрои адолати ҷомеа амал бипушонад, бо лаҳни маҳзун мегӯяд: «Чи фоида дорад?» ва бадин сон бадбинӣ, нигаронӣ ва интизории ташвишовари ҳокӣ, бар асри нависандаро ошкор мекунад.

Тағйироти иҷтимоӣ дар фосилаи замони машрутият, то асри Ризохон сабаби тағийманиши Фаррух дар ҷилди дуввуми «Теҳрони махуф» мешавад. Ӯ дар ҷилди аввали роман, ки дар замони машута меҷангид, мудофеи мубориза ва дигаргунӣ аст, аммо дар ҷилди дуввум ба зиндагии хонаводагӣ ва тарбияти фарзанд таваҷҷуҳ нишон

медиҳад ва созиш дар баробари назми мавҷуд ва истилоҳталабии фардиро, шиори худ қарор медиҳад.

Зебо буҳрони рӯҳӣ–ахлоқии ҷомеаро нишон медиҳад, ки инқилоби нокомро пушти сар гузошта ва фазои пурваҳшат бақудрат расидани Ризохон бар он ҳоким аст. Ҷомеа, ки танҳо усули ахлоқии он фиребкорӣ ва фурсатталабист. Шайх Ҳусайн низ, намояндаи табақаест, ки талотуми ношӣ аз барбод рафтани арзишҳо ва усули суннатии гиребонгири ӯ мешавад. Хонандаи ҷавоне, ки аз русто ба шаҳр омадааст ва пас аз ошно шудан, бо зани беқайду баном Зебо, мадориҷи талақии идорӣ ва сиёсиро мепаймояд, таоризи байн дастёбӣ ба мақому жарфу майли бозгашт ба суннатҳо ва зиндагии содаи рустоӣ шахсияти вуҷуди ӯро чанд пора карда, ба ҷидоле мекашонад, ки пирӯзӣ аз он ҷоҳталабӣ аст.

Муҳамади Ҳиҷозӣ кашмакаши дарунии афрод ва низ таҳаввулоти иҷтимоӣ ва задубандҳои идории ҷадиди Эрони авохири давраи қоҷорро, бо маҳорати худ дар шахсиятпардозӣ дар муносиботи миёни ашхоси достон, зебо тарсим менамояд.

Дар солҳои поёнии давраи таърихии мазкур беш аз беш фазои ноамну ҳарос густариш меёбад. Ихтиноқи ҳоким монеъ аз тасвиргариҳои воқеъгароёнаи романнависон мегардад ва муносибати иҷтимоӣ табдил ба муносибати ботинӣ ва рамзӣ мешавад. «Буфи кӯр»-и Содиқ Ҳидоят инъикосдиҳандаи ҳолу ҳавои ҳоким бар рӯҳиёти равшанфикрон ва вазъияти сиёсию иҷтимоии ин даврон аст. Ҳидоят худ мутааллиқ ба хонаводаи ашрофӣ буд, аммо бар асари қароргирифта, дар ҷараёни сиёсӣ ҷунбиши машрута ва мавҷи азиме, ки ин ҳодисаро дар Эрон ба вуҷуд оварда буд, ба воситаи иқомати чандсола дар аврупо ва ошноияш бо афкори озодихоҳон, дигар наметавонист, бо сохтори истибдоди ҳукумати Ризошоҳӣ ва ҳамҷорҳои кӯҳан улфате дошта бошад. Ҳамчунин, ихтиноқи мавҷуд монеъ аз муборизаи мустаъқими ӯ мешавад. Бад-ин ҷиҳат ӯ кӯшид, то тазодҳои иҷтимоиро дар дунёи сотсиолистии «Буфи кӯр» ҳал кунад. Аз тариқи ҳарф задан бо сояаш ва муаррифии худ, ӯ дар пайи ба даст овардани фардият аст. «Буфи кӯр» аз масодиқи рӯшан «Таҷзияи шахсият» ҳосил аз ноҳамсозии талоши фард бо ҳинҷорҳои иҷтимоӣ ва қарордодҳои таҳлилии он аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирсодиқи Ҷамол. Маданияти ҳунари достоннависӣ. Теҳрон, 1377.
2. Маҷмӯаи суханрониҳо ва мақолоти нахустин симпозиуми баррасии масоили роман дар Эрон. Мутолеоти адабиёти достонӣ. Теҳрон, 1374.
3. Дақиқиён Шириндухт. Маншаи шахсият дар адабиёти достонӣ. Теҳрон, 1371.
4. Мирсодиқи Ҷамол. Адабиёти достонӣ. Маҷалаи фарҳангӣ. Моҳвора,чопи дуввум. Теҳрон, 1377.
5. Рукнзода Одамият Муҳамадҳасан. Далерони тангистонӣ. Теҳрон, 1352.
6. Ҳасан Обидайнӣ. Сад сол дар достоннависи Эрон. Теҳрон, соли 1380.
7. Ориёнпур. Ангезаи романи таърихнависон. Теҳрон, 1372.

КУЛЬТ ЛИЧНОСТИ В ПЕРСИДСКИХ РОМАНАХ ПЕРИОДА КОНСТИТУЦИОННОЙ РЕВОЛЮЦИИ (МАШРУТА)

Статья посвящается исследованию эстетических основ новой персидской просветительской литературы, которая становилась на основе исторической конкретики и изображения человека определённой эпохи. Сами поэты, высказываясь о новом художественном видении и целей новой поэзии, определяли свои эстетические принципы, одновременно критикуя классические застившие каноны и в своей поэзии воспевали свободу и свободомыслие и принимали активное участие в общественной жизни своей страны.

Ключевые слова: персидская просветительская литература, литературные традиции, новая литература, социальное и художественное стихотворение, культ личности.

CULT OF PERSONALITY IN THE PERSIAN NOVELS OF THE PERIOD OF THE CONSTITUTIONAL REVOLUTIONS (MASHRUTA)

Article is devoted to research of esthetic bases of new Persian educational literature which became on the basis of a historical reality and the image of the person of a certain era. Poets, expressing new art vision also is more whole than new poetry, defined the esthetic principles, at the same time criticizing classical zastivshy canons and in the poetry sang of freedom and free-thinking and took active part in public life of the country.

Key words: Persian educational literature, literary traditions, new literature, social and art poem, cult of personality.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Шахнози Ибодати*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А Рудаки АН РТ

БОЗТОБИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ДАР ШЕЪР ВА АНДЕШАИ ФАРРУХИИ ЯЗДӢ

Парасту Яминӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Варомин, Эрон

Нигоранда бо мутолиаи осори Фаррухии Яздӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба баррасии шеваҳои таъсирпазирии ин шоир аз Фирдавсии номдор пардохтааст умдатарин ановини баҳс дар ин таҳқиқот иборатанд аз:

1. Нигоҳе ба авзои сиёсии Эрон рӯзгори машрутиёт ва бозтоби он бар шеъри шоирони он давра (асри бедорӣ).

Пас аз ҷангҳои тӯлонимуддати Эрон ва Русия ва бекифоятии салотини Қоҷор дар ҳавзаи марзҳои ҷуғрофия бо иқдомоти бунёдин ва асосии Мирзотақихон ва тавсияи имконоти фарҳангӣ – илмӣ ва низ эъзоми муҳасилини эронӣ ба Аврупо барои фарогирии улум ва фунуни навин ва дар асари ошноии ин иқшори таҳсилкарда бо дунёи хориҷ аз Ватан ва эҷоди биниши бештар, саранҷом пас аз муддате, ин кӯшишҳо дар қолаби наҳзати машрутият ба натиҷа расид ва чеҳраи фарҳангии ҷомеаи эронӣ дучори тағйироти асосӣ гашта ва ақшори таҳсил кардае аз тариқи осори чопшудаи худ мӯҷиби бедории ҳарчи бештари мардум шуданд ва сипас, баъд аз ичрои фармони машрутият ва пайомади он ба туп баста шудан маҷлиси шӯрои миллӣ дар соли 1326 ҳ.қ. тавсифи Муҳаммадалишоҳ, ба тадриҷ дар шеър низ ҳамчунин абъоди дигари иқтисодӣ, ичтимоӣ ва ... таҳаввулоти бисёре дар натиҷаи болотар рафтани сатҳи ичтимоии савод ва огоҳии мардум, эҷод шуд.

2. Нақшаи Инқилоби Октябри 1917 дар эҷоди адабиёти коргарӣ дар асри бедорӣ ва таваҷҷуҳи шоирони ин давр – ба вижаи Фарҳанги Яздигурдӣ – ба ҳамосаи миллии гузашта:

Пас аз Инқилоби Октябри 1917 дар Русия ва ошноии аҳли адаб бо ҷараёноти адабӣ ва ичтимоие, ки дар остонаи Инқилоби Октябр дар Русияи тазорӣ мегузашт, ниёзҳо ва маҳрумиятҳои тӯдаи мардум ва дар як калом “таваҷҷуҳ ба мардум” мавзӯи аслии шеъри асри бедорӣ шуд ва дар натиҷа, адабиёти коргарие, ки муҳимтарин мавзӯи он, дифоъ аз табақоти маҳруми ҷомеа буд, шакл гирифт, бар ин асос, адабиёти ин давра ба шиддат таҳти таъсири андешаҳои коргарии ҳоким бар адабиёти болшевикӣ қарор гирифт ва бо таъкид бар тазод миёни табақаи сармоядор ва заҳматкаш, дифоъ аз иқшори ҷомеаи заҳматкаш ва коргар тавоим бо ибрози тамоюлоти сотсиалистие, ки дар солҳои нахустини тағйири қудрат аз силсилаи қоҷория паҳлӯе, ки аз сӯи давлати ҳоким чандон ҷиддӣ гирифта намешуд, аз умдатарин мазомини шеъри ин давра қарор гирифт. Аммо муддате нагузашта бо истиқрор давлат паҳлуҳои ин гуна гароишот ба шиддат саркӯб шуд. Фаррухии Яздӣ низ ба унвони як ватандӯсти озодихоҳ бо гузоришоти мардумӣ ва таваҷҷуҳ ба табақаи заҳматкаш аз сӯйи Зайғамдавла ҳокими Язид ба шиддат мавриди озор ва азият қарор гирифт [6,16-20].

Мухтасаре дар шарҳи аҳвол ва афкори Фаррухии Яздӣ: “Мирзо Маҳмуд” мутахаллис ба “Фаррухӣ” фарзанди Муҳаммад Иброҳим дар соли 1306 ҳ.қ. дар “Язид” дида бар ҷаҳон кушуд. Вай таҳсилоти муққадимоти худро дар зодгоҳаш “Язид” фаро гирифт ва иллати ашъори шӯрангези ватанӣ, ки месуруд ва дифоиёте, ки аз ашъораш аз озодӣ ва Ватан мекард, сахт мавриди таҳвият ва озори ҳокимони вақт ба вижа Зайғамдавла Қашоқия ҳокими Язид қарор мегирифт. Бархе дар охири соли 1325 ҳ.қ. ба Теҳрон омад ва дар ҷароид, ашъор ва мақолот мавсарӣ дар боби “Озодии Эрон” мунташир кард. Бархе дар таи муборизоти тӯлонии худ, чандин бор дастгир ва зиндонӣ шуд. Вай дар соли 1300 ҳ.қ. рӯзномаи “Тӯфон”-ро интишор дод. То ин ки дарҷи ашъор мақолоти оташин мӯҷиби тавқифи рӯзномаи “Тӯфон” гашт ва саранҷом дар соли 1318 ҳ.қ. дар зиндон ба қатл расид [1,35].

Баррасии таъсирпазирии Фаррухии Яздӣ аз ашхос ва қаҳрамонҳои Фирдавсӣ ва шеваҳои он:

а: Истифода аз ашхоси “Шоҳнома” дар тавсифи табиат. Бо мутолиаи ашъори Фаррухии Яздӣ дармеёбем, ки вай бо ашроф бар достонҳои “Шоҳнома” ва ба вижа бахши устураҳои он, ҳатто он ҷо ки танҳо қасди танҳо тавсифи табиат дорад, ба шеваи бисёр ҷаззоб ва огаҳонаи аносир мавҷуд дар тобеиятро ба подшоҳон ва шахсиятҳои “Шоҳнома” ташбеҳ ва таъбир мекунад.

Барои намунаи ташбеҳ “баҳор” ба “Каюмарс” ба “Сиёмак” дар байти зер хондан аст:

Намунаи аввал:

- То Каюмарс баҳор омад ва биншаст ба тахт,
Сар зад шукуфа, Сиёмак*** сон аз шохи дарахт

(“Пешвои озодӣ”,с. 211)

Ки ваҷҳи шабеҳ, самарае расид ба шукуфа (Сиёмак) дар асари омадани баҳор (Каюмарс) аст.

Намунаи дувум: Фаррухӣ дар байти дигаре аз ин маҷмӯаи шеър (пешвои озодӣ) пӯшида шудани ғунчаро бо баргҳои сабз ба “Ҳушанг” ва бар канори андӯҳ ва ғамро ба “деве” таъбир мекунад, ки тавассути “Таҳмурас” ба банд кашида мешавад.

Ғунча пӯшида чу Ҳушанг ††† зумрадгун рафт,
Баст Таҳмурас, бар дев меҳан, силсила сахт.

Ки дар айни ҳол дар заминаи тавсифи табиат, ибни Ҳушанг Таҳмурас‡‡‡ ва ... таносуби зебоӣ барқарор кардааст.

Намунаи савум: Таъбири шукӯҳ ва ҷалоли гули настаран дар фасли баҳор ба шукӯҳ “Сӯҳроб” Фаррухӣ:

Настаран бо фарри Лӯҳроспӣ омад дар боғ,
Наргис аз жола чу Гуштосп тар кард димоғ.

(“Пешвои озодӣ”, с. 611)

Ки Фирдавсӣ аз қавли Кайхусрав ва дар “Шоҳнома”, шукӯҳи ӯро ин гуна тавсиф кардааст:

Набераи ҷаҳондор Ҳушанг аст
Хурдаманду покдил ва покдаст.

(5/704/292)

Ва низ тар шудани гули наргис аз жола (шабнами субҳгоҳе), ки таъбире аз ғурур ва минати ӯст ба ғурури Гушстосб, ки дар “Шоҳнома” тавсиф шудааст:

Ки Гуштоспро сар пур аз бод буд
Ва з-он кор, Лӯҳрост ношод буд (2/10/28)

Намунаи чаҳорум: Таъбир ва ташбеҳи Эрон, ба “Эраҷ” ва англис ва Русия ба “Салм” ва Тур”, ки дар “Шоҳнома” бародарони Эраҷ фарзандони Фаридуни подшоҳ буданд ва Тур (писари дувуми Фаридун), ки Ҳушанг аз Рустам “Эраҷ” ба қудрат буд, ба хотири он ки падар, подшоҳии Эронро ба Эраҷ супурда буд, алорағм зинҳорхоҳии бародар, ки назди ӯ ба унвони меҳмон фурӯ омада буд, бо ханҷар сар аз танаш ҷудо кард [2] .

Фаррухии Яздӣ:

Ҳолиё, к-аз Салм ва Тур англис ва рус ҳаст
Эраҷ Эрон саропо дастгир ва пой ҳаст. (Ҳамон, с. 213)

Намунаи чаҳорум: Бархе дар тавсифи поён пазируфта шудан ва расидани фасли баҳор аз таобир ва ашхоси “Шоҳнома” истифода мекунад ва ба талмеҳ ишорае ба лашкаркаши Пирон (Пири Виса, сипаҳсолори Афросиёб) ба Эрон мекунад, ки мутобиқи мундараҷоти “Шоҳнома” дар охирин набард, Рустам ва сипоҳаш ба пои эрониён шитофтанд ва дар натиҷаи нақшаҳои “Пирон” бе асар монад [2].

Фаррухии Яздӣ:

*** Сиёмак: фарзанди Каюмарс, ки ҳунарманди диловар буд ва Аҳриман ва фарзандаш бар вай ва падараш рашк бурданд ва сипоҳ оростанд то ӯро нобуд созанд, Сиёмак сипоҳ сохт ва … бо Хизравон (Пури Аҳриман) даровехт ва ба дасти Хизравон кушта шуд. (ба нақл аз «Фарҳанги номҳои Шоҳнома»

††† Ҳушанг: фарзанди Сиёмак, ки дар назди падар мақоми дастурӣ дошт ва Каюмарс, то ба ҷанги девон бипардозад ва интиқом кушта шудани Сиёмакро бигирад ва Ҳушанг сипоҳе баргузид ва тавонист дар бандаре бо Хизравони дев, сари ин девро бибарад … Фарҳанги номҳои Шоҳнома, ҷ.2.

‡‡‡ Таҳмурас писари Ҳушанг ва шоҳи Эрон, ки тавонист Аҳриманро бо афсун асир кунад ва хатро аз онон биёмӯзад.

Дасти Пирон хазони ношуд аз эшон кӯтоҳ,
То ки носир нашуд испанд чунон Рустами Зол.
(“Пешвои озодӣ”, с.612)

б: Корбурди намодини сиёсӣ – иҷтимоии шахсиятҳои “Шоҳнома” дар шеъри Фаррухии Яздӣ

Бархе дар қитъаи шеър “мустабиди хӯи Заҳҳоке аст, ин хӯ, на зи даст, ки дар наврӯзи 1289 5 қарн хитоб ба ҳокими Язд Зайғамдавла Қашқоӣ – ва дар баёни андешаҳои сиёсӣ ва ормони гиряҳои худ дар ростоии табиин ҳадиси дардмандии мардум аз ҳокимияти рус ва англис дар Эрон суруда аст, дар заминаи ишора ба гузаштаи пурифтихори Эрон, ки рӯзгори сарзамини паҳлавонон ва қаҳрамононе ҳамчун Зол, Рустам, Гев, Гударз … будааст, аз хӯи Заҳҳоке ҳокими Язд ёд мекунад. Ва ба шеваи намодини андешаҳои сиёсӣ-иҷтимоии худро дар қолиби ашхос ва қаҳрамонони “Шоҳнома” баён мекунад.

Ва инак ба зикри намунаҳои чанд аз ин гуна намудгунаҳо мепардозем:

Намоди Салм /Тур/ Эраҷ: Дар нигоҳи Фаррухӣ Салм ва Тур, намоди донишмандони Эрон (англис ва рус) ва Эраҷ, намоди ватанӣ (Эрон) аст, ки гирифтори Рустам нобакороне ҳамчунин (Салм ва Тур) англис ва рус шудааст.

Фаррухӣ:

Ҳолиё к-аз Салму Тур, англису рус ҳаст,
Эраҷи Эрон саропо, дастгиру пой баст.

Намоди Манучеҳр:[§§§]

Манучеҳр дар назаргоҳи Фаррухӣ, мазҳари қоим ва хунхоҳии алайҳи ҳукуматҳои истибдодгар (англис ва русия) аст.

Фаррухӣ:

Беҳ ки аз роҳи тамаддун тарки бемеҳрӣ кунӣ
Дар раҳи машрута иқдоми Манучеҳрӣ кунӣ.

Намоди Қорун / Гаршосб ва ... /.[****]

Қорун ва Гаршосб, дар назаргоҳи Фаррухӣ, намоди диловари эронӣ ҳастанд, ки ба ҳангоми ниёз, ҷиҳати ҳафт марзҳои Эрон ва ҳифзи эронӣ ҳар ҷо ки бошанд фарёдраси аҳвоми эронанд.

Фаррухӣ:

Ин Ватани размоваре ҳамонанди Қорун дидааст
Воқеаи Гаршосбу ҷанги Таҳамтанро дидааст.

(Ки Фаррухӣ дар ин байти таносуби ҷаззоби байни Қорун, Гаршосб ва барқарор намуд ва бар лаҳни ҳамосии он афзуда аст).

Тасвири Заҳҳок ва Кова дар ашъори Фаррухии Яздӣ:

Фаррухӣ дар қитъаи шеърӣ таҳти унвони “Хунрезии Заҳҳок дар ин мулки фузунгашт” адоват ва ситами ҳокими вақт Язид (Зайғамдавла) -ро ба Заҳҳок ва озодихоҳи мардумони ватандӯсти кишварашро ба Кова таъбир мекунад ва аз қиёми ӯ бо киноя ҳамосӣ “чарм бар сари чӯб ниҳодан” ёд мекунад:

Хунрезии Заҳҳок, дар ин мулк фузун гашт
Ку Кова, ки чарме ба сари чӯб намояд?
(ҳамон маъхаз, с. 581)

Ва дар байти дигар хоҳони он аст, ки тоҷи Ҷамшедӣ лагадмоли Рустам ва ба таъбире мордушони рӯзгор, ки намояндаи тарсу ваҳм ва даҳшат дар миёни мардум ҳастанд, нашавад:

Мапсанд худое, ки сару афсари ҷомро
Бо пои Рустам, дев, лагадкӯб намояд.
(ҳамон маъхаз, 588)

[§§§] Манучеҳр: подшоҳ устураҳои эронӣ ва фарзанди Эраҷ, ки пас аз марги падар ба ҷои ӯ ба тахт нишаст ва интиқоми хуни падарро аз Тур, амуи нобакори хеш гирифт.

[****] Қорун / Гаршосб:

Гаршосб дар «Шоҳнома» ганҷури Фаридун муаррифӣ шуда.

Вақти набард Манучеҳр бо Салм ва Тур ба сипаҳдори Қорун (Писари Кова) оғоз шуд, Манучеҳр фармондагии сипоҳ худро ба Гаршосб супурд; бинобар баъзе аз нусхаҳои Шоҳнома, Гаршосп дар баробари сипоҳ Салм омад ва … сипоҳи Туронро мағлуб намуд, баъдҳо Рустам дар ситоиши ниёи худ мегӯяд, ки достони писари Сом ва Сом писари Наримон ва Наримон писари Гаршосб бадааст (нақл аз фарҳанги намои Шоҳнома, ҷилди 2)

Ва сипас хитоби ҳокими ситампешаи вақт, ёдовари нобудии Заҳҳок (ҳукумати тарс) ва пойдории ҳукуматҳое, ки бар афкори умумӣ такя дорад, андарз медиҳад, ки:

Султони ҳақиқат буд он кас, ки тавонист
Худро ба барҷомеаи маҳбуб намояд.
Ҳар кас накунад такя бар афкори умумӣ
Ӯро сипаҳ ҳодисаи маглуб намояд.

("Пешвои озодӣ", с. 518)

Низ дар шеъри "Мустабади хуи Заҳҳок аст ..." дар пешаш фаро расидани фасли баҳор аз эрониён мехоҳанд, ки Ватанро ҳамчун буте парастиш карда ва хӯи фаридунӣ (эрондӯстӣ) дошта бошанд, зеро ки танҳо бо эҳёи чунин ҳуввия аст, ки рӯҳияи рустампазирӣ ва хукумати золим (хӯи Заҳҳокӣ) зудуда хоҳад шуд.

Фаррухӣ:

... Ҷам бошад, эй Фаридунхӯ, байти Эрон параст
Мустабади хӯи Заҳҳокӣ аст ин хӯ, на зи даст.

Намоди Таҳмурас дар ашъори Фаррухӣ. Фаррухӣ дар шеъри рӯзгори пурошӯб ва пур даду дев, замони худро ба рӯзгори (Таҳмураси девбанд) ташбеҳ карда ва бар ин бовар аст, ки мебоист, ҳамчунон ӯ ба қиём ва пайкории мардона, девон ва палидони рӯзгорро ба банд кашид.

Фаррухӣ:

Эй Давраи Таҳмурас, дил якдила бояд кард
Як силсила девонро дар силсила бояд кард.

(Девон, с. 314)

(Дар заминаи вуҷуди таносуб зиёии байни Таҳмурас ва деву силсила ва низ ҷиноси байни ду силсила дар мисраи дувум бар ҷозибияти асар ва шакли ҳамосӣ бахшидан ба шеър ӯ афзудааст).

Намоди Кайковус ва … дар девони Фаррухӣ:

Ин ҳамон Эрон, ки манзилгоҳи Кайковус буд,
Хобгоҳи дарвеш ва маъмони Сирус буд.

Аз эронӣ ёд мекунад, ки ҷойгоҳи шоҳони асотирӣ – ҳамосӣ, ки намоди он дар ин ҷо Кайковус таллақӣ шудааст, мебошад. Эронӣ, ки оли размии он ҳама шавкат гузашта акнун ба коми девманшон соҳиби қудрат шудааст (дар зимни ин байти Фаррухӣ, миёни «Шоҳнома» ба Ковус, дарвеш ва Дориюш ва Сирус таносуби ҷазоӣ барқарор карда, ки бар ғинои ҳамосии шеър ба Кайковус афзудааст).

Намоди Таҳамтан / Зол / Зобул/ Рӯдоба дар шеър:

Ба марги таҳамтан аз ҷаври Зол чарх дар Зобул
Чу руди ҳирманд ашк аз рухи Рӯдоба мерезад

(Девон, с. 314)

Ки дар ин байти Фаррухӣ дар зимни эҷоди таносуби ҷаззоби ҳамосӣ ба шеваи «Шоҳнома» (Таҳамтан, Зол, Зобул, Рӯдоба ва …) марг ва қатли ҷавонони эрониро, ки аз ҷаври ситам Золи рӯзгор (вуҷуди мушкилоти сиёсӣ ва кушту куштори ҳоким дар он замон, ки мӯъҷиби андӯҳи модарони эронӣ (Рӯдоба) шудаанд), дардмандона бо лаҳни ҳамосӣ ба тасвир мекашад.

Таъсирпазирии Фаррухии Яздӣ аз мусиқии Берунӣ (вазн – қофия) ва мусиқии дарунии «Шоҳнома»:

Фаррухӣ қасидаи «Забоноварони Ватанро чӣ шуд?» ро бар вазни фаъӯлун фаъӯлун фаъӯлун фаӯл ва баҳри «мутақориб» ба шеваи Фирдавсӣ сурудааст:

Фаррухӣ:

Маро борад аз дигарон ашки хунӣ
Бар аҳволи Эрон ва ҳоли кунунӣ.
Ғариқам саропой, дар обу оташ
Зи оҳи дарунӣ, зи ашки бурунӣ.

(«Пешвои озодӣ», с. 605)

Ва аммо намуна аз мусиқии дарунӣ ба сабки ҳамосӣ дар ашъори Фаррухии Яздӣ: Яке аз вижагиҳои сабки ҳамосии Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» такрори мусаввати баланд «а» ва эҷоди мусиқии фохири ҳамосӣ аст;

Фирдавсӣ:

Фуруд орад аз абри паррон уқоб
Натобад ба тундӣ бар ӯ офтоб.

(ҷ.1, байти 89 гузидаи Рустам ва Сӯҳроб доктор Растагори Ризоӣ)

Ки дар ин байт «а» 8 бор такрор шудааст.

Ва инак зикри намунаҳое аз шеъри Фаррухии Яздӣ дар ин боб:

Ғариқам саропой дар обу оташ
Зи оҳи дарунӣ, зи ашки бурунӣ

(«Пешвои озодӣ», с. 605)

Ки дар ин байт «а» 2 бор такрор шудааст ва ба шеъри лаҳнии ҳамосӣ бахшида аст.

Намунаи 2:

Бо васуқи Алдавла ай боди сабо, гӯ ин паём:
Бо ватанхоҳон ба салукии нек сиришт.[††††]

(«Пешвои озодӣ», с. 605)

Ки дар ин намуна «а» 10 бор такрор шудааст, шеър лаҳни ҳамосӣ гирифтааст.

Намунаи 3:

Гувоҳи домани поки Сиёвуш гашт чун оташ
Фалаки хокистари ғам бар сари Судоба мерезад.

Ки дар ин намуна «а» 8 бор такрор шудааст.

Ва такрори ҳарфи «ш» ва «с», ки миёни самтҳо ва ҳуруф дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бар гунаи мусиқии дарунии он афзудааст низ, дар ин шеъри Фаррухӣ ба чашм мехӯрад. «ш» дар мисраи аввал 3 бор такрор шуда ва «ш» дар ду мисраъ 4 бор такрор шудааст.

Таҷаллии андешаҳои ватанхоҳонаи Фирдавсӣ дар шеъри асри бедорӣ ва Фаррухии Яздӣ. Дар асри бедорӣ «ватандӯстӣ» аз бештарин муҳтавиёт ва мазомини шеъри шоирони ин давра гардид ва шоирон, аз ҷумла «Фаррухии Яздӣ» бо ёдоварии устураҳои эронӣ-миллӣ ба ин гароиши худ намуди бештаре бахшиданд. Ба унвони шоҳиди муддао Фаррухӣ дар қасидаи «Забон овардани Ватанро чӣ шуд?» дар зимни нолидан аз авзои пурандӯҳ асри вазорати Ризохонӣ, бар аҳволи Эрон замини ашки хунин мерезад ва бо ҳасрати тамом аз гузаштаи пурифтихори миллате ёд мекунад, ки рӯзгоре бар тамоми мамолики дунёи қадим бартарӣ доштааст. Аммо акнун ангоре, ки деви роҳбарашон шуда, ки ин гуна афсурда манҷумад ба ҷои қоими олии истибдод ва барафрозии дирафши Ковиёнӣ, дар хоби ҷаҳолат фуру рафтанд:

Фаррухӣ:

Маро борад аз дидагон, ашки хунӣ
Бар аҳволи Эрон ва ҳоли кунунӣ.
Забон оварон Ватанро чӣ омад?
Ки лаб баста, ху карда бо ин забунӣ?
Чӣ шуд миллатеро, ки яздон зи қудрат
Ҳаме дод бар аҳли олам Фирдавсӣ?

Фаррухии Яздӣ дар қитъае «Доди миллати додгар бистонад аз бедодгар» аз дар накӯҳиш васуқи Алдавла ва охире қарордоди 1919 дар зиндон ба тарафдорӣ аз ватанхоҳони эронӣ (аз ҷумлаи худаш) мерасид:

Бо васуқи Алдавла ай боди сабо, гӯ ин паём
Бо ватанхоҳони Эрон ба салуке некпараст,
Он ки тафсире надорад ҳеҷ ҷуз ҳуби Ватан
Ҷои ӯ дар ҳеҷ мазҳаб, маҳсуби торик нест.

Хулоса, Фаррухии Яздӣ шоири озодихоҳи ватанпараст, ки дар солҳои истибдоди ҳукумати Ризошоҳ ва низ ҷараёноти сиёсии Инқилоби Октябр руста ва пайдо шудани таҳаввулоти умдаи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар Эрон мезист, бо илҳом аз «Шоҳнома» ва шахсиятҳо, қаҳрамонон ва амалкардаи онон, ба шевае намодин рӯзгори худро ба шакли мухталиф ба асотир ва … «Шоҳнома» таъбир мекунад ва ситами золимон ва ҳокимони вақтро ба Заҳҳок, қиём ва пойдории мардумро ба Кова, душманони хориҷиро ба Салм ва Тур ва Эрони мазлум ва ситамдидаро ба Эраҷ ва интиқоми фарзандони барӯманди эрониро ба Манучеҳр ва ғайра монанд мекунад.

Дар ин росто андешаҳои ватанхоҳонаи Фирдавсӣ дар шеъри Фаррухӣ ба чашм мехӯрад ва низ намунаҳое аз вуҷуди мусиқии дарунӣ ба сабки ҳамосаи Фирдавсӣ дар шеъри ӯ ба хубӣ дида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳокимӣ, доктор Исмоил. Адабиёти муосири Эрон.Теҳрон: Интишороти асотир чопи савум, 1385.

[††††] Ин қитъаи шеърро Фаррухӣ дар накӯҳиш васуқи Алдавла ва қарордоди 1919 м. дар зиндон сурудааст.

2. Растагори Фасоӣ. Фарҳанги номҳои Шоҳнома, (ҷ.1 ва 2), муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти Фарҳангӣ, чопи аввал, 1370.
3. Масрат, Ҳусайн. Пешвои озодӣ. Фаррухии Яздӣ.-Теҳрон: Нашри Солис, чопи аввал, 1384.
4. Яздонӣ, Фаррухӣ. Девони ашъор. -Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, чопи шашум, 1380.
5. Ҳусайни Козрунӣ. Сайидаҳмад. Девони Фаррухии Яздӣ, ҷ. аввал.
6. Ёҳақӣ, доктор Муҳаммад Ҷаъфар. Ҷӯйбори лаҳзаҳо (адабиёти муосири форсӣ назм ва наср), Интишороти Ҷомӣ, чопи чаҳорум, 1381.

ВЛИЯНИЕ СТИЛЯ «ШАХНАМЕ»ФИРДОУСИ НА ПОЭЗИЮ И МИРОВОЗЗРЕНИЕ ФАРРУХИИ ЯЗДИ

В статье рассматривается творчество свободолюбивого поэта, патриота Фаррухии Язди, воспевающего иранские античные легенды «Шахнаме» Фирдоуси. Автор изучает влияние стиля «Шахнаме» Фирдоуси на творчество Язди.

Ключевые слова: Фаррухии Язди, стихи, Фирдоуси, герои, личности.

STYLE INFLUENCE TO "SHAKHNAM" FIRDOUSI ON POETRY AND OUTLOOK FARRUHII YAZDI

In this article considers the creation of poet's libertarian, the patriot Pharrukhii Yazdi inflammatory antique legend Phirdous's "Shohnoma". The author research the influence of creative style Yazdi's Shohnoma.

Key words: Pharrukhii Yazdi, potry, Phirdousi, heroes, personality.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Парасту Ямини*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки, Свободный исламский университет города Варомин, Иран

ШИНОХТИ ИСТИЛОҲОТИ МАЪРИФАТӢ ДАР «НАВОДИР- УЛ- ВАҚОЕЪ»

Фотима Асад
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз аносири муҳим ва арзишманди тамаддун маърифат аст, ки нақши босазо дар ҳуввият ва афкори ҷаҳониён дорад. Маърифати ғанӣ ва гаронмоя, ки мабонӣ ва омӯзаҳояш аз муҳимтарин ва бунёдитарин андешаҳост ва ин гуна ҷаҳонбинӣ шакл намегирад, магар ин ки андешаи нав ва сохторшикан дар зеҳн ба забони андешаманди тавоно растохез ва тӯфони азим биёфаринад, то хобҳои парешон ва такрории гузаштагонро таконе диҳед ва таҷоруби азим ҳамроҳ бо инсиҷоми маъноӣ ва амалӣ ба арсаи вуҷуди ҳаммеҳанонаш арзонӣ дорад.

Дар садаҳое, ки кишварҳои аврупоӣ бо дастовардҳои навини илмӣ ва фаннии худ эъҷоби ҳамагонро бармеангехтанд, мамолики шарқӣ бо вуҷуди навобиқ ва афкори баланд рӯ ба заволи фикрӣ меоварданд. Ин мамолик бо вуҷуди дорои, сарвати фаровон ва андешаҳои амиқ сарсупурдаи кишварҳои ғарбӣ мешуданд ва ҳамаи доштаҳои худододӣ, аз ҷумла об, хок, тафаккур ва тамаддунро ба диёри фаромӯшӣ месупурданд.

Дар ҳамон даврон, ки ҳама дар хоби амиқ фурӯ рафта буданд, ба якбора тӯфоне аз инқилобҳои мардумӣ падидор шуд, ки сарчашмаи он рӯшангарони ҷаҳондидае буданд, ки бештари мамоликро сайр мекарданд ва алоқаманд буданд, ки дар кишварҳои осиёӣ низ чунин тағйироти рӯ ба рушде лиҳоз шавад. Сухани мо дар ин мақола аз сарсилсилаи маорифпарварони тоҷик Аҳмади Дониш аст, ки дар талоши расидан ба ислиҳоти ҷиддӣ дар тамаддун ва тафаккури халқи тоҷик нақши созгоре доштааст. «Таърихи маданияти халқи тоҷик силсилаи олим ва адибро дар саҳфаҳои маданияти ҷаҳонӣ дохил кардааст, ки онҳо ба заковати ақл ва фаросати худ ба хазинаи афкори умумиинсонӣ ҳиссаи арзандае гузоштаанд, аз ҷумла Аҳмади Дониш, ки бо нигориши «Наводир-ул-вақоеъ» ҳаёти ҷамъияти феодалии давраро муккамал таҳлил намуда ба хазинаи илму адаб, ба олами ҷамъиятшиносӣ ато менамояд» [3, 1].

Ишораи боло аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳаввулоти шигарфе дар паҳнаи ҳаёти иҷтимоии мадрасаӣ зеҳну забони мардуми тоҷик тавассути рӯшангариҳои Аҳмади Махдум ба бор меояд ва он таъсири амиқ ва жарфе дар идомаи ин рӯшанфикрӣ барои шогирдон ва дӯстдорони вай боқӣ мемонад.

«Аҳмади Дониш ба унвони яке аз шахсиятҳои илмӣ ва фарҳангии садаи XIX зарурати таҳкими равобити ҳамаҷонибаро бо Руссия дарк намуд ва барои ӯ рӯшан

гардид, ки илму фанни рус воқеан рушд карда, низоми давлатдориаш пойдор ва маъмурони Руссия ба омӯхтани таърих, тамаддун ва забони миллатҳои дигар аҳамияти вижа медиҳанд. Ӯ ба натиҷа расид, ки ислоҳот дар аморати Бухоро, дар мадраса ва мактабҳо ногузир аст» [5, 90].

Дар ин мақола бар онем, то зимни муаррифии Аҳмади Дониш ва асари рӯшангаронааш «Наводир- ул -вақоеъ» сайри ҷараёни маорифпарвариро ба шакли мухтасар баён кунем ва пас аз он истилоҳотеро, ки дарбардорандаи мафҳуми маърифатанд ва маорифпарвариро бештар намоён месозанд баррасӣ кунем.

Қабл аз нигориш ва пардозиши истилоҳот ва ҷумлаҳои маорифпарварона дар «Наводир -ул -вақоеъ» лозим аст, ки каме дар мавриди вожаи истилоҳ тавзеҳоте ироа шавад. То кунун дар илми адабиёт таърифи ягона ва ҳамаҷониба, ки мавриди таъйиди ҳамаи муҳаққиқон қарор гирад, мақбули мафҳуми истилоҳ вуҷуд надорад. Ҳарчанд аввалин таърифҳои истилоҳ аз охирҳои қарни XIX ва аввалҳои қарни XX баён шудаанд, вале ҳанӯз ба мафҳуми комил ва муттаҳидулфикр нарасидааст. Дар ин замина, барои тавзеҳи пурра намудани мафҳуми «истилоҳ» дар паи ҷустуҷӯе, ки дар дидгоҳҳо ба назар мерасад метавон ба таърифҳои зайл ишора кард, агарчи такмил нест, вале то ҳаде ифодаи маънои истилоҳро дар худ дорад. «Масалан Б.Н. Головин дар як мақолааш, ки дар соли 1970 чоп шудааст, ҳафт навъи таърифи мафҳуми «истилоҳ»-ро зикр намуда, сипас ҳамаи он таърифҳоро барои дар онҳо ба истилоҳ насб карда шудани як қатор аломату хусусиятҳои ба табиати нутқиву забонии худи истилоҳ номувофиқу бегона яке паси дигар шадидан танқид мекунад. Ба ақидаи олими дигари забоншинос Л. Олшки истилоҳ мисли иероглиф як «тамсил ё образи мурдаву беҷонест», ки танҳо барои ифода кардани далоили ақлонӣ ба кор бурда мешавад. Ф. А. Брокгауз ва А. Ефрон истилоҳро ҳамчун як вожаи махсусе маънидод мекарданд, ки он вожа дар таркиби муҳокима барои ифодаи як мафҳуми муайяни алоҳида хизмат мекунад». Лозим аст ҳол, ки мавзӯи мақола дар иртибот бо маорифпарварист мафҳуми истилоҳро аз дидгоҳи маърифат ва фалсафа баён намоем. «Зербинои таърифи фалсафии маърифатии мавзӯи истилоҳ дар заминае аз тарафи файласуфон ва маърифатшиносон асосӣ кардани назари аломатнокии истилоҳ ба вуҷуд оварда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки ин назария дар натиҷаи кашф ва таҳқиқ ба воситаи нишона ва аломатҳои истилоҳ матраҳ гардидааст. Тибқи таърифи фалсафаи маърифатшиносӣ ҳамаи воситаҳои моддӣ, ки барои таҳким ва тақвияти натиҷа ва дастовардҳои илмӣ хидмат менамоянд ба кумаки истилоҳот ба вуҷуд оварда мешаванд» [7, 3]. Истилоҳ мабнои вуҷуди ҷаҳон ва одамист, агар истилоҳ набуд ашёи дунё ва абнои одамро номе набуд ва дар он шакл маънӣ ва ҳақиқати ҳам дар миён набуд. Гӯё ҳаргиз офаринише сурат нагирифтааст ва мавҷуде бар сарзамини вуҷуд роҳ наёфтааст. Истилоҳ фақат барои номидани одамон ва ашё нест, балки робитаи ашё ва умури одамонро барқарор месозад. «Аз ҳамин нуқтаи назар дар таърифи мазкур истилоҳ дар қатори дигар воситаҳои маърифат ҳамчун як унсури таркибӣ, дастгоҳи илмӣ, назарияҳо ва консепсияҳои мухталифи илмӣ шарҳ ва тавзеҳ дода мешавад. Назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ дар навбати худ соҳаҳои гуногуни фаъолият ва маърифати илм, санъат, иқтисодиёт, маданият, варзиш ва ғайра тафсир ва тағйир менамоянд» [7, 4].

Яке аз ин соҳаҳо соҳаи маърифат аст, ки дар намунаҳои баргирифта аз ҷумлаҳои фохири «Наводир –ул- вақоеъ» баён мешавад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва таҳқиқот дар фаслҳои мухталифи ин асар ба истилоҳоти маърифатии фаровоне бархурдем, ки аксари онҳо дар фасли «Дар васоити фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳо ва пешаҳо» ёфт шуд, ки дар сутури он мусавадда аз вазифаҳои арбобони қалам ва тахассусҳои марбут ба ин даста баён шуда буд. Аз ҷумла ин ки онон бояд дорои маърифати илмӣ бошанд ва маориф ва мазомини фикрии худро ба соири одамиён интиқол диҳанд. Ҳамчуноне ки дар ин ҷумла мушоҳида мекунем (ҷиҳати ихтисор аз ҳар ҷумла як истилоҳ барои тавзеҳ интихоб шудааст, вале тамоми истилоҳоти маорифпарварона ба шакли барҷастатар мушаххас шудааст): «Дигар аз пешаҳо, ки **аҳли қалам** бад он тамассук ҷӯянд, дар **таҳсили** ком ва маром, **илми фатво** ва **таҳрир** ва **маҳзарат** ва **сулук** аст» [3, 57]. Аз истилоҳоте, ки дар ин ҷумла корбурд шудааст, сулук - [□س] дар фарҳангҳо ба маънии роҳ рафтан, роҳ супурдан (дар ҳолати масдарӣ) роҳ, тариқ, сабил, оин, қонун, тариқа, вазъ, расм, тарз, одат, рафтор, равиш (дар ҳолати исмӣ) ва аммо дар истилоҳи ирфон ба маънии тай кардани мақомоти ирфон таъриф мешавад [6, 1001].

Дар ҷои дигар Аҳмади Дониш овардааст, ки: «Дигар пешаҳо, ки мунтаҳои мутаманнои **арбоби қалам** аст, мансаби мушриф ва **дабирии** Дорусалтанат аст».

Арбоб [arbab] (и) ба мафҳуми исм ҷамъи раб. Дар арабӣ маънии арбоб соҳибон ва парваришдиҳандагон аст, аммо дар форсӣ ба маънии шахси бузург ва доранда ва молик ба кор меравад. Ва дар бисёри маворид сурати муфрад ба он медиҳанд ва бори дигар ба «-он» ҷамъаш мебанданд. Арбобон 1) худовандгор, 2) молик (муқобили раъият ё деҳқон), доранда [6, 98].

Арбоби қалам: аҳли қалам ва соҳибқаламон]4, 111].

Қалам: [ق َل], ки дар араб масдар маҳсуб мешавад, ба маънии чидан ва тарошидани нохун ва ба ҷуз он. (Мунтаҳиюлараб), қатъ кардан. (Акрабулмаворид) дар Акрабулмаворид қалам ба фатҳи аввал ва сукуни дуюм ба маънии қатъ кардани чизе ва чидани нохун маънӣ шудааст.

Аз он муҳташамтар дар он рӯзгор аз аҳли қалам касе набуд [1].

Ва аммо дар «Латоиф-ул-луғот» омадааст, ки қалам дар истилоҳи сӯфия иборат аст, аз ҳазрати тафсил, ки китобат аз воҳидият аст ва бархе гуфтаанд, қалам иборат аст аз нафси кул ва ба таври баъзе аз лавҳ. Қалами аъло дар назди сӯфиён иборат аст, аз ақли аввал (аз кашшофи истилоҳот-ул-фунун) [6].

Ва истилоҳоти дигаре, ки муаррифи маорифпарварии Аҳмади Дониш аст ва дар ҷумлаҳои дигар омадааст аз ин қарор аст: илми русум, тадаррус, таълим, таалум, мударрис, илми нуҷум, фунуни мутакасира, илми ҳайат, ҳандаса, ҷуғрофия, масоҳат ва ҳисоб, маърифати само ва арз, қаламзанон, хутути мутаориф, захми қалам, моюллозими хат, сарфу наҳв, ҳадис, оят, калом ва ғайра.

Ҳамчунин дар фасли дуюм аз ҷилди аввали «Наводир -ул -вақоеъ», ки дар хусуси «дар таҳқиқи матои дунё ва манофеи ҷамъ ва тарки он ва ёфтани тариқи зуҳд ва таҷрид ва ҳақиқати муомилоти он» истилоҳоти зиёдеро ба кор бурдааст. Ба монанди: «Агар тарк мекунӣ ба **илм** тарк кун ва агар ҷамъ мекунӣ ҳам ба илм, ки ҷамъ ва тарк бе илм муфзӣ ба ҳалокат аст» [2, 65].

Илм, [ع] (дар арабӣ ҳам дар ҳукми масдар гирифта мешавад ҳам ба ҳукми исм) ба маонист: донистан, яқин кардан, дарёфтан, идрок, устувор кардан, итқон, фазл, маърифати дақиқ ва бо далел бар кайфиёти муайяне ва ё ҳузури маълум дар назди олим, донист, маърифат, дониш, огоҳӣ, ки ҷамъи он улум аст. Аммо дар истилоҳи тасаввуф нурест муқтабис аз мишкоти нубуват дар дили бандаи муъмин, ки ба воситаи он ба Худо роҳ ёбад. Ва дар истилоҳи фалсафӣ ба маънии дониш аст, ки гоҳ итлоқ мешавад ба он чи мабдаи инкишофи улум аст [4, 2008].

Аз дигар истилоҳоти маърифатии ин бахш, метавон ишорае дошт ба: олим, улуми раббонӣ, кутуби самовия, нотиқ, камоли лафз, маърифати махсус, аҳли тарк ва таҷрид, нафси нотиқа ва ғ.

Дар бахши «таърихи олам ва тафтиши ҳудус ва қадам» ҷумалот ва истилоҳоте, ки ҳокӣ аз маърифат аст, аз ин қарор мебошад: «Ва он чи дар мактуботи муҷаддади алифи сонӣ қавли ба вуҷуди одамҳо пеш аз Абулбашари Одам алайҳиссалом рафта, он масъала кашфист ва истиғроқӣ ва дар кашфу истиғроқ саҳву ғалат ва хато меравад» [2,96].

Алиф. [ا َل] (аз финиқӣ ё оромӣ) (э) номи нахустин ҳарф аз ҳуруфи таҳаҷӣ, ба истилоҳи хос «о» ва «э». Он ҳамзаи сокина аст ва дар ҳисоби ҷумлаи таркибӣ ва ҳисоби тартибӣ намояндаи адади як аст. Дар истилоҳи нуҷум аломат ва рамзи бурҷи сарв аст, киноя аст аз марди муҷаррад, киноя аст аз бечиз ва фақир, бараҳна – урён – лут, киноя аст аз ростқоматии маъшуқ ва он чи рост бошад. Киноя аст аз оғоз ё нахустин қисмат аз ҳар чиз [4, 181].

Боз як мисоли дигар: «Ки инсонро ба дунё овардаанд, ки касби илм ва **маърифат** кунад» [3, 5].

Маърифат. [م ر ف] (дар арабӣ исми масдар аст), ба маънои шинохтагӣ, шиносоӣ, шинохт, ва ошноӣ, ҳамчунин ба маънои илм, ҳикмат, дониш, фазл, адаб, ки ҷамъи он маориф аст ва дар тадовул шинохтани қоидаҳои ахлоқӣ ва адабии мақбул дар ҷомеа ва амал кардан ба онҳост; бомаърифат, бемаърифат. Дар истилоҳи фалсафа шинохтани маълуми муҷмал аст дар сувари тафсилҳо. Ҳамчунин идроки мутлақ шомили тасаввур ва тасдиқ. Идроки ҷузъӣ аст аз рӯи далел. Маърифати ҳиссӣ, яъне маърифате, ки аз роҳи ҳавоси зоҳирӣ нисбат ба ашёи хориҷӣ ҳосил шавад. Маърифати ақлӣ: ҳаракоти кулли ақл, аҳли маърифат, мардуми бодониш ва боилм, мардуми бофазл ва ҳунар. Бомаърифат: он ки аз адаб ва фазилат баҳраманд аст. он ки дорои адаби нафс ва фарҳанг аст. Ба маърифати ӯ: ба сабаби ӯ. Пурмаърифат: дорои илм ва ҳунари бисёр.

Ақила. [□ل/ ل □ع] (дар арабӣ сифат аст ва дар баъзе маворид исм), ақила, муаннаси ақил: зани каримаи мухаддараи гиромии қабила, зани бузургвори бо аслу насаб, меҳтари қавм, гиромӣ аз ҳар чизе, беҳтарини ҳар чиз ва баргузидатарин, ки ҷамъи он ақоил аст. Дар тадовули имрӯзи арабзабонон ҳамсар ва завҷаи шахс маъно медиҳад, ба маънои тааҳуд ва паймон ҳам аст, дар маънии дигар метавон ба пойбанд ва расан ишора кард ресмоне, ки бад он соқи шутурро банданд, мояи гирифторӣ [4, 2004].

«Ҳукамо гуфтаанд: «нони ҷавин хӯрдан ва дар хона нишастан беҳ, ки камари зарин бастан ва дар хидмати ҳамчун худе истодан» [2, 105].

Ҳукамо. [́ک□ح] (аз арабӣ исм аст), ҳукамо ҷамъи ҳаким аст [4, 1039].

Аз дигар истилоҳоти ин фасл ба маворидӣ зайл бархурдем: хирадмандон, басират, истиғроқ, аҳли кашф, мушоҳида, абҷадхонон, дабистон, таълим ва ҳамчунин дар бахшҳои дигар, мисли ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат ба чунин истилоҳоте бархурдем: умумии маҳз, мутахайил, нисоридани дар коғаз суқро ва куброи фалсафа.

Ва мисолҳои дигар аз китоби дуюми «Наводир -ул -вақое»: «Чунки хатти ман дар ин овон ба худи худ камол гирифта аз ғайри **машқ** ва таълими **устод**» [3, 29].

Машқ. [□م] (дар арабӣ масдар аст) ба маънои дароз ва борикандом гардидан (Мунтаҳиюлараб), навиштани ҳуруф (Мунтаҳиюлараб), дар ҷои дигар исми масдар аст, дар маънои мудовимат дар амри (ониндроҷ) ҳамчунин ба маънои тамрин варзидан, кореро борҳо анҷом додан, то малака гардад, ҳамчун навиштани хат, кашидани наққошӣ [4, ҷ.2].

Устод. [أ] (дар арабӣ устоз ҳам талаффуз мешавад ва дар нақши сифат ба кор меравад); талаффузҳои дигари устод: устод, усто ва ӯсто аст, ба маънии моҳир, бомаҳорат, соҳибмаҳорат ва ҳозиқ, ҳамчунин ба маънои олим, некдон, доно, олими илм ё фан ва донандаи санъате аз умури куллия ва ҷузъия аст [4, ҷ.1].

«Ва пеш аз оне, ки маро ба **дабиристон** барои **таълим** ва **таалум** ниҳанд…»

Дабиристон. [□ر/□ر □ا] исми мураккаб аст ба маънои мактаб, ҳамчунин ба маънии мактабхона, мадраса ва дабистон аст. дар Бурҳони қотеъ дабистоне аст, ки мактабхона бошад ва дар фарҳанги форсии Муин маҳалли таълим аст, ҳамчунин дар тарҷумаи Табарии Балъамӣ ҷои омӯхтани дабирӣ мутлақи мактаб аст [4, ҷ.1].

Таълим. [□ت] (дар арабӣ масдар аст, ба маънои биомӯхтан ва биогоҳонидан). Дар «Мунтаҳиюлараб» ба маънои омӯзонидан ва огоҳ кардан омадааст. Ҳамчунин дар «Ғиёс -ул –луғот» ба маънои касеро чизе омӯхтан. Маъноях дар «Нозим-ул-атибо» омӯхтан, тарбият ва таъдиб аст [4, ҷ.1].

Таалум. [□ت□ع□ل□ت] (дар арабӣ масдар аст, ба маънои биёмӯхтан). Дар «Мунтаҳиюлараб» ба маънои омӯхтан ва донистан аст ва ҳамчунин устувор кардани кор. Таалум ба фатҳи аввал ва сонӣ ва ломи мушаддади мафтуҳ сурати сиғаи амр аст, ба маънии биёмӯз аз боби тафаул [4, ҷ.]

Истилоҳоте, ки шарҳашон аз дидгоҳи луғатшиносони маъруф: Муин, Деҳхудо ва ғайра гузашт дар гузари замон тағйир ёфтаанд, чаро ки сурат ва маънои як истилоҳ дар паҳнои ҳаёти иҷтимоӣ таҳаввул меёбад ва дар фосилаи як насл намеғунҷад. Ба таври мисол илм; агарчи имрӯза ҳам ба ин шакл ба кор меравад, вале дониш ҳам ба маънои илм аст ва ҳамрадиф бо он истифода мешавад. Ҳамчунин калимаи мударрис, ки имрӯз ба ҷои он устод, омӯзгор ба кор мебаранд ва ғайра.

Истилоҳоти номбурда, ҳосили таҷрубиёти халоққонаи зиндагии Аҳмади Дониш буд, ки бо омезиш дар ҷумалот нишонаҳоеро мутаҷаллӣ сохт, ки зиндагӣ ва сарнавишти мардуми Бухороро мутаҳаввил кард. «Асари Дониш дар афкори умуми ҷомеаи он замон ва дар ҳаёти адабии он давр як ҷунбиш ва бедорӣ ба вуҷуд овард» [8,404]. Таркиби чунин истилоҳоте, ки аз он асари нодире чун «Наводир- ул- вақоеъ» таълиф шуд, дар шинохти забон ва таҳаввули андешаи мардуми Бухоро нақши босазо дошт, чаро ки ин гуна тағйири нигариш, ки ба тадриҷ ҳодис шуд дар фосилаи як насл намеғунҷид ва ин мақол муруре буд бар истилоҳоти калидӣ дар китобати Аҳмади Дониш, ки агар муҳаққиқон бо вожаҳои мазбур иртиботе барқарор созанд, фосилае байни тафаккури худ ва Аҳмади Махдум нахоҳанд дид ва ин дидгоҳ нишонгари ҳамон таҳаввулоти шигарф аст, ки миёни уфуқи маънои рӯзгори пешин ва замони ҷорӣ қарор гирифтааст.

Густариши санъат ва модернизм боис шуда буд, ки зиндагии башар дучори тағйир ва таҳаввул гардад ва ин амр ҳавзаи улум, макотиб ва адабиётро низ таҳти таъсир қарор диҳад. Ҳосили ин таъсирпазирӣ падид омадани маъорифпарварӣ дар

арсаи кишварҳои машриқзамин аст. Садаи XX дар Тоҷикистон даврони ривоҷи адабиёти мавсум ба маъорифпарварист, агарчи дар он замон осоре, ки мутаалиқ ба ин навъ бошад зиёд набуд, вале ин осор аз назари навъоварӣ дар мазмун ва муҳтаво ва сабки нигориш, ба вижа дар ҳавзаи наср қобили таваҷҷуҳанд. Ин бунёнҳои фикрӣ ва назариро Аҳмади Дониш дар нимаи дуюми садаи XIX ба ҷараён гузошт ва боис шуд, ки пайравон ва шогирдонаш ин раванд ва сабки навинро то чанд даҳа пас аз вай идома диҳанд.

«Наводир -ул -вақоеъ» муҳимтарин асари адабӣ – фалсафии Аҳмади Дониш аст, ки дар тайи 10 – сол ба риштаи таҳрир даромадааст. Арзиш ва аҳамияти ин китоб дар он аст, ки Дониш дар муҳити феодалӣ ва мутаасиби мазҳабии он давра истибдоди амир ва ходимонашро зери танқид гирифта ва худкомагиҳои онҳоро далерона нақд кардааст. Ӯ дар ин асар фикри таҳаввул дар идораи давлатро матраҳ намуда дар шароити ихтиноқ ва вопасгароӣ, маданият, тарвиҷи илм, барпоӣ ва густариши ҷунбиши маъорифро ташвиқ кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Ҷ.1. Бо тасҳеҳи доктор Халили Раҳбар. -Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1375.
2. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. Нашриёти дониш. -Душанбе, 1988.
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. Нашриёти дониш. -Душанбе, 1989.
4. Деҳхудо Алиакбар. Фарҳанги Деҳхудо. Ҷ. 1, 2, 4. Донишгоҳи Теҳрон. -Теҳрон, 1352.
5. Муртазо Зайниддинов. Ривояте хотирангез аз адиби навҷӯ. 300 саҳ.
6. Муҳаммад Муъин. Фарҳанги форсӣ. Ҷ.1. «Чопхонаи Сипеҳр».- Теҳрон, 1375. 1472с.
7. Ҳаитова Ширин. Тафсири мафҳуми «истилоҳ» дар партави пажӯҳишҳои муҷаддади илмӣ. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. 278 с.
8. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.2. Калим – работ. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик.- Душанбе, 1989. 560 с.

ОЗНАКОМЛЕНИЕ С ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ТЕРМИНОЛОГИЕЙ В «НАВОДИР-УЛ ВАКОЕЪ»

В статье дается анализ образовательной терминологии в «Наводир-ул-вакоеъ» великого таджикского мыслителя XIX века Ахмада Дониша.

Ключевые слова: Ахмади Дониш, просвещение, персидская и таджикская литература, «Наводир ул вакоеъ», Бухара.

ACQUAINTANCE WITH EDUCATIONAL TERMINOLOGY IN " NAVODIR-UL VAQOE "

In article the analysis of educational terminology in "Navodir-ul-vakoye" of the great Tajik thinker of the XIX century of Ahmad Donish is given.

Key words: Ahmadi Donish, enlightened, Persian and Tajik literature, Navodir-ul vaqoe, Bukhara.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фотима Асад*** **-** аспирантка Таджикского национального университета

РОЗ ВА РАМЗҲО ДАР «ШАРАФНОМА»-И НИЗОМӢ

Алиакбар Шариатфар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳунармандони ҳар ҷомеае нисбат ба дигар қишрҳо, аз таваҷҷуҳ, эҳсосот ва нуктасанҷиҳои бештаре баҳраманданд. Онон басуръат, камбудҳо, костиҳо ва ноҳамвориҳои муҳити зиндагии хешро дармеёбанд ва чун наметавонанд, авзои нобасомонро таҳаммул намоянд саъй мекунанд, бо халқи осори ҳунарии хеш оинае бисозанд, то дигарон бавижа ояндагон битавонанд, дар он оина, авзои мавҷудро ба равшанӣ бибинанд.

Замоне ки ҳунармандон ба ҳар далеле, натавонанд бо сароҳат андешаи худро матраҳ намоянд, аз ду гурезгоҳ истифода мекунанд: яке баёни танзомез ва дигаре истифода аз рамзу намод ва символ. Вуҷуди ин омилҳо, аз як сӯ бар ғаноии ҳунари эшон меафзояд ва аз дигар сӯ, мояи ҷаззобият ва мондагори он мешавад. «Шарафномаи Искандарӣ», як афсонаи таърихӣ ва яке аз осори гаронсанги адаби форсӣ аст, ки дар лобалои достонҳои худ, асрор ва рамузи пинҳон дорад. Онро Ҳаким Низомии Ганҷавӣ

бо ҳунарманди тамом ба розу рамз ороста, бар асоси таърихи Искандари Мақдунӣ сохтааст ва онро «Шарафномаи Хусравон» ном ниҳода аст:

Аз он Хусравӣ, май ки дар ҷоми ӯст,
Шарафномаи Хусравон номи ӯст [7,93].

Ин китоби бузург, ки танҳо як достони размӣ - ҳунарии сода нест, балки манзумаи фалсафӣ ва асари интиқодӣ аст, ки ба дасти оинаи ғайби Низомии Ганҷавӣ қабои заркаши шеъру достон ба худ пӯшида, фарёди эътирози инсонҳои қарни шашум аст, ки аз забони шоир ва орифи рамзгӯи Ганҷа берун меояд. Ба гуфтаи шоир вай китоби «Шарафнома» ганҷномае аст, ки калиди тилисмшикани бисёре аз ганҷҳои рози ҷаҳон дар он ниҳон шудааст:

Дар ин ганҷнома зи рози ҷаҳон
Калиди басе ганҷ кардам ниҳон.
Касе к-он калиди зар орад ба даст,
Тилисми басе ганҷ донад шикаст [7, 104].

Ҳаким Ганҷавӣ дар пардаи рамузи ин асари худ, бархе аз он рамузро барои бедор кардани ҷаҳони Ислом ва Эрон ва хонандагони хеш кушода, бархеро ба уҳдаи эшон гузоштааст. Дар ин бахш ба бархе аз ин рамзкушоиҳо ишора мешавад. Ин ниҳонкориро сабаб ва иллате ҷуз он наметавон ёфт, ки дар ҷаҳонофариниши ҳунару адабиёт фариштаи зебое рамзу кинояро ва деви зиште тарс ва ваҳшат офаридааст, ки аз қадим вуҷуди роз ва рамз дар достонҳои ҳаммосӣ бовар доштаанд, чунон ки дар муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ омадааст: «…ва чизҳо андар ин нома биёянд, ки саҳмгин намояд ва ин некӯст. Чун мағзи ӯ бидонӣ ва туро дуруст гардад, дилпазир барояд».

Чун мороне, ки аз дӯши Заҳҳок баромаданд намод ё рамз мебошанд, пас намод тасвире аст, расонандаи маънои сирре ва рамзе.

Забони достонҳои асотирӣ, забони намодин ё рамзӣ аст. Устураҳо бо забони намодин ва рамзолуд бо мо сухан мегӯянд ва маънои даруниашонро ошкор месозанд. Намодҳои устура аз нохудогоҳии қавме баромадааст ва барои гузориши устура бояд бо забони намодҳо ошно буд ва паёми нуҳуфта ва ниҳониро берун кашид. Аз таҳқиқу баррасии маснавиҳои Низомӣ ба ин бовар мерасем, ки Ҳаким Ганҷавӣ, на танҳо ба назму гузориши асотир ва достонҳо, балки ба мухтаво ва дарунмояи онҳо низ таваҷҷуҳ доштааст ва дар садади кашфи розу рамзҳои ин достонҳо будааст. Ҳаким Низомӣ, бо равиши хирадмандонаи худ андешаҳояшро дар зери абёти достонҳояш ниҳон медорад. Дар манзумаи «Хусрав ва Ширин» ба ин мавзӯъ ишора мекунад:

Низомӣ чанд аз ин рамзи ниҳонӣ,
Магӯ, то аз ҳикоят во намонӣ [5,65].

Ҳаким Ганҷавӣ, гоҳе парда аз рамзҳои сухани хеш бар медорад ва гоҳе ин корро ба уҳдаи хонанда мегузорад, ки дар мавриди охир гоҳе хонандаро барои фаҳмиши маънои мавриди назар, бо мушкили рӯ ба рӯ менамояд ва шояд яке аз душвории осори ӯ, баргирифта аз ҳамин сиришти намодини онҳо бошад.

Ва дар «Махзан-ул-асрор»-и худ мегӯяд:

Маҳрами ин роз, наӣ зинҳор,
Кори Низомӣ ба Низомӣ гузор [8,27-30].

Дигар осори Низомӣ низ саршор аз ин рамузи кушода ва нокушода аст.

Низомӣ дар китоби пуррамзу рози «Искандарнома» ҷаҳонгире чун Искандари Мақдуниро дар каманди хаёл баста, нигариши фалсафӣ, ирфонӣ, эътиқодоти фалсафии асри худ, ахлоқ ва рафтори шоҳон ва ғайраро баён карда, мегӯяд: «Бисёре аз китобҳои таърихиро хондам, варақи пораҳои парокандаро ҷамъоварӣ кардам ва ганҷдоне шигифт падид овардам:

Бар он гуна к-аз бедории мағз,
Шунидам дар ин шева гуфтори нағз.
Басе низ таърихҳо доштам,
Як ҳарфи нохонда нагзоштам.
Ба ҳам кардам он ганҷи афкандаро,
Варақпораҳои парокандаро.
Аз он кимиёҳои пӯшида ҳарф,
Барангехтам ганҷдони шигарф [5,193-195-475].

Дар «Искандарнома» розу рамзи сафарҳо, ҷангҳои Искандар ва бархӯрди тамаддунҳо ва устураҳои марбут ба замони Искандар аз дидгоҳи Низомӣ баррасӣ шудааст. Бинобар ин, «Искандарнома», гузориши хаёлӣ аз ҷангҳо ва сафарҳои таърихӣ

ва афсонаҳои Искандар аст, ки метавон гуфт бештарин бахши саҳнаро, шоир аз худ сохта, ороиш додаст, ки агар дар он тааммул накунанд, розҳои сарбаста ва нуктаҳои пӯшидаи он, ошкор нахоҳанд шуд.

1. Кунҷид, сипанд, мурғ, гӯй ва чавгон

Дар ин бахш ба таҳлили бархе аз ин розу рамзҳо ба таври ихтисор, мепардозем:

Чунон ки дар оғози кори қиёми Искандар, Доро подшоҳи Эрон, паёми пешкашие пеши вай мефиристанд ва Низомӣ низ бо рамз ишора чизе дар он пуштувора пинҳон мекунад:

Сабук, қосидеро ба даргоҳи ӯ,
Фиристод ва шуд чашм ба роҳи ӯ.
Яке гӯй ва чавгон ба қосид супурд,
Қафизе пур аз кунҷид ношумурд.
Сӯйи Рум шуд қосиди тезгом,
Зи Доро пазируфта бо худ паём [5,168].

Дар ин пуштувора розӣ омехта бо таҳқире нуҳуфта шудааст, ки қосид зимни гузориши паёми Доро, гирехи рози онро бо ҳам мекушояд:

Зи чавгон гӯйи андар омад нахуст,
Ки тифле ту, бози бад-ин кун дуруст.
В-агар орзуи набард оядат,
Зи беҳудагӣ дил ба дард оядат.
Ҳамон ганҷат ношумурда фишонд,
К-аз ин беш хоҳам сипаҳ бар ту ронд.
Ба як лаҳза мурғон даррав тохтанд,
Заминро зи кунҷид бипардохтанд [5,168]

Низомӣ худ ниҳон аз чашми Доро ва қосидидаш дар он пуштувора, пешкаше барои мардуми ҷаҳон ба кишвари фалсафахези Юнон мефиристанд. Аммо маълум нест, ки ин туҳфаро дар осори бостонии Эрон ва дар ҷоми ҷаҳоннамоии Ҷам ва Кайхусрав дида, онро пешопеш аз кишвари ҳикмати Юнон ба чанг овардааст.

Посухи Искандар ба ин гуна фолҳо ин буд, ки ҳарчи аз мо фирор кунад бо ин чавгон онро хоҳем гирифт ва шояд подшоҳ ин чавгонро ба ин далел ба ман дода, то ба василаи он бештар битавон лашкари муқобилро гирифтор созам ва ба ин гӯе, ки мисли дунёст хоҳам тавонист гӯйеро аз ӯ бирабоям. Ва баъд аз он дар посухи кунҷидҳои ношумурда мурғҳои кунҷидрабоеро талбид ва он кунҷидҳоро дар як лаҳза хӯрданд ва ин кунҷид хӯрдани мурғон раҳнамунӣ аст ба сӯйи оқибати кор барои Доро, ки он ҷавоби софу пӯстканда аст.

2. Баёни гӯйворӣ замин. Яке аз рамзҳо ё ҳадафҳои ин китоб, баёни «гӯйворӣ» замин аст, ки шоир аз забони Искандар ба сароҳат мегӯяд:

Ҳамон гӯйро марди ҳайатшинос,
Ба шакли замин мениҳад дар қиёс. [5,168]

Низоми Ганҷавӣ чаҳорсад сол пеш аз исботи риёзии Коперник -мунаҷҷими лаҳистонӣ ва панҷсад сол пеш аз мушоҳида ва исботи таҷрибии Галилео ҳам сароҳат ва қатъият аз гӯйвории замин сухан мегӯяд. Ӯ аз тарси авом ва сарфан ба иллати пурмухотира будани тарҳи қазия дар муҳити ноором ва дар шаҳри Ганҷаи ҳамсоядевор ба девори Арманистон, каломи комилан мустақил ва комилро бо дарёфти муносиб ва ё худ бо эҷоди муносиб дар миёни достон мегунҷонад, достоне, ки зеҳни хонандааш дар пайи дарёфти чигунагии ҷараёни он ва посухи Искандар аст.

Ин содатарин ва равшантарин ишорот ва рамузи «Шарафнома» аст ва чунин изҳороти сареҳ ва ғофилгиркунандаро дар тамоми саҳифоти ин китоб метавон ёфт. Дар ҳамин манзума марбут ба фиристодани паём ва дар поёнии он сипоҳи Доро ба сӯйи шимолу ғарби Эрон ҳаракат мекунад ва аз Озарбойҷон ва Арманистон мегузарад ва боғҳо ва киштзорҳои мардум зери наъли аспони бегона қарор мегиранд. Шоир ҳодисаро дар чаҳор байти охири манзума шарҳ медиҳад:

Ба Арман даромад чун дарёи тунд,
Саборо шуд аз гирди ӯ пой канд.
Замин дар замин, то ақсои Рум,
Бичӯшид дарё биларзид бум.
Алаф дар замин гашт чун ганҷ гум,
Зи наъли сутурони бегонасум.
Пайи шоҳ агар офтобе кунад,

Ба ҳар ҷо дарояд харобӣ кунад [5,169].

Ҳакими ҳунарманди Ганҷа, дар пардаи мармузи ин китоб ҳикмат барои пайдо кардани Ҷаҳони Ислом ва Эрон, ҳикмати хоси хешро дар пардае менавозад, ки тараннуми гӯшнавози он ҳама шунавондагон, ҳатто ҳунармандони эшонро ба хоб мебарад. Шояд гӯйши касе ҷуз файласуфон ва ҳакамои он замон бо лаҳни ошно нест ва ҳеҷ кас дар мавриди он чизе намедонад. Бо ҳамин оҳанг аст, ки сарояндаи чобукдаст ва ҳунарманди ҷаҳон овозаи чун Фирдавии Тӯсиро ба кинояи сареҳ «норостгӯ» меномад ва мегӯяд: «Аз дурустии сухан ғалат ронда буд».

Зоҳиран ин ҳаким он лаҳну қонуни ғарибро аз диёри ҳикмати Юнон ва ё кишвари маърифат ва адолати Ислом ва Эрон ба армуғон овардааст. Раҳоварди шигифти ӯ ба гавҳарҳои носӯфта мемонад, ки онро дар деги пурхуни ҳаводиси таърих ва сарнавишт, пинҳон карда, сарпӯше латифу зебо аз ҳарири шеъру достон бо устодии тамом бар сари он ниҳодааст, ки ҷилваи фиребандаи зоҳир, ҳар бинандаеро аз андешидан ба дарунмояи дег ва пай бурдан ба рози он боз медорад:

Чӣ мегӯям эй нонӯшида мард?
Туро гӯш бар қиссаи хобу хвард.
Чи донӣ, ки ман худ чӣ ман мезанам?
Дил бар дари хештан мезанам.
Биковам ба алмоси ӯ кони хеш,
Кунам баста дар ҷони ӯ ҷони хеш…
Магар мор бар ганҷ аз он рӯ нишаст,
Ки то ройгон муҳра н-ояд ба даст [5].

Ин ганҷи мор бар сар нишаста, «Шарафнома» ном дорад ва таърихи таҳлилӣ ва ё таҳлилии фалсафӣ аз ҳаводиси таърихӣ аст, ки баёни илали бурузи ҷангҳо ва зуҳури ҳукуматҳо ва ситамгарии худкомаҳо ва кашфи кайфияти ғамангез ва маҳтуми сарнавиши инсонҳо ва ҳатто ваҳдату якрангии саранҷоми фармонравоёнро ба ухда дорад. Ба рӯйдодҳои таърих ба равиши фалсафӣ ва воқеигароёна менигарад ва ваҷоеъро ақл месанҷад, зеро сарояндаи ин таърихи манзуми пеш аз вуруд ба олами шеъру ирфон як ҳакими ақлгаро будааст:

Чунон гуфтам аз ҳарчи дидам шигифт,
Ки дил роҳи бовар шудаш баргирифт.
Ҳисобе, ки буд аз хурди дурдаст,
Суханро накардам бад ӯ боз баст. [5,105].

3. Худкомагии Доро. Он гаҳ, ки бахши гузориши кори Искандар ва давраи паҳлавонӣ ва подшоҳии вай ба поён мерасид, гавҳари нимсифати «Шарафнома» ба бахши дигари он, яъне «Иқболнома» мепайвандад ва чеҳраи бениқобу ҷаҳонбинии хоси шоир ҷилвагар мешавад. Ҳамон ҷо ошкор мегардад, ки Ҳакими ҳунарманд аз оғоз то поёнии достон бо нигариши густурдаи фалсафӣ ва бо биниши жарфи ирфонӣ, замони гузашта ва рӯйдодҳои онро зери назар дорад, бисёре аз боварҳои пешин ва пешинонро пӯч менигорад ва суннатҳои бадфарҷоми деринро ба ҳеҷ мешуморад ва дар ҳам мешиканад ва танҳо ба як чиз меандешад ва он, ҷаҳони бародарӣ ва ҷаҳони баробарӣ, динӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва маҳкумияти ҳукумати фардӣ ва худкомагӣ аст. Гоҳе Низомӣ дар лобалои достонҳои «Искандарнома» зикр мекунад ва дархури андеша аст, чунон ки дар шарҳи мавзӯи худкомагии Доро мегӯяд: «ҳар чи фитна дар Ҷаҳон ҳаст, ҳам аз истибдод сарчашма мегирад».

Дар ин чаҳор сӯ ҳеҷ ҳангома нест,
Ки киса бар марди худкома нест [5].

Ва ё он чи ки дар ҷанги Эрон ва Рум оғоз мешавад ва Доро ба сӯйи Озарбойҷон равона мегардад, бо овардани байте ёдовар мешавад, ки сафари шоҳон ба шаҳрҳо ҷуз харобӣ натиҷае надошта ва надорад:

Пайи шоҳ агар офтобе кунад,
Ба ҳар ҷо ки тобад, харобӣ кунад [5].

Ҳамчунин дар бароати ҷанги Доро бо Искандар, мегӯяд: «Зулм ва ситами Доро боис шуд, ки сарҳангони эронӣ аз ӯ итоат накарданд ва ӯро сар буриданд ва бегонае ба номи Искандарро бар тахти шоҳаншоҳии Эронзамин нишонданд».

Чу тозе фарас бадалгомӣ кунад,
Хари мисриёнро гиромӣ кунад [5,441].

Ё он ҷо ки аз забони ду сарҳанги хоси Доро мегӯяд:

Ки моям хосони Дорову бас,

Ки бедод зи мо хостар нест кас.
Зи бедоди ӯ чун сутӯҳ омадем,
Ба хунрезии ӯ ҳам гурӯҳ омадем [5,668].

Низомӣ дар ҳангоми машварати Доро бо бузургони эронӣ, барои муқобила бо Искандар низ ба ин мавзӯъ ишора мекунад, ки чун Доро золиму худкома буд, ҳеҷ кас дар ғами ӯ шарик набуд ва ҳама сукут ихтиёр карда буданд:

Ҷаҳонро бад-ин мужда наврӯз буд,
Ки бедоди Доро ҷаҳонсӯз буд.
Аз ӯ буму кишвар ба якборагӣ,
Сутуҳ омаданд аз ситамкорагӣ.
Накардаш дар он кор касе чорае,
Нахӯрдаш ғаме ҳеҷ ғамхорае [5].

Ниҳоят назари фалсафӣ ва динии худро дар достони «Диёри додпарвар» забони равоне боз мегӯяд. Аз ҳамон ҷост, ки Искандар бо диди он, хунрезӣ ва домгустариро раҳо мекунад ва роҳи некиро пеш мегирад. Ба оини бихрадон рӯй меоварад ва ба яздонпарастӣ миён мебандад.

Низомӣ ҳама ҷо ақл ва хирадро арҷ мениҳад ва ба дидаи муътаразона ва таҳқиромез ба ҳаводиси таърих ва сар омадани бозгир ва гузоришгарони корҳои эшон менигарад ва ҳаргиз аъмолу рафтори ношоистаи ононро намеписандад. Ҳам ҳодисаофаринон ва таърихсозонро дар ҷанги ду мақула ҷабру зарурати замон гирифтор ва асир мебинад ва гоҳе бо калимоти тараҳҳумангез ва андӯҳбор ба сарнавишти гурӯҳи золимон таваҷҷуҳ медорад ва бо ҳама хашму кинаи дил, хомӯш мемонад ва панд меомӯзад. Чунонки дар пешбанди марбут ба «Кушта шудани Доро» барои бастани растани эҳсосот, ба рамзи дурафтода аз ҷойгоҳи аслии хеш мехе бар замин мекӯбад:

Наям омада аз паси дилхӯшӣ,
Магар аз пайи ранҷу сахтикашӣ.
Харонро дар арӯсӣ касе нахонад,
Магар вақти он, к-об ва ҳезум намонад [5].

Он гаҳ ба сарсуханони ҳикматомез бармегардад ва мақулаи замонро пеш мекашад ва лаб мебандад.

Фалак нест яксол ҳамоғӯши ту,
Тарозиш ду ранг аст бар дӯши ту.
Гаҳат чун фаришта баландӣ диҳад,
Гаҳат бо додан дастбандӣ диҳат…
Низомӣ ба хомӯшкорӣ басиҷ,
Ба гуфтор ногуфтанӣ дар мапеч [5].

Қаҳрамони аслии достонҳои Низомӣ муҷассамаҳои пеш сохта ҳастанд, ки ҳунарманд онро дар қолаби биниши фалсафии хоси хеш рехта бошад ва онро мутобиқи майли худ ба одами сард ба чашмаи ҳикмат мубаддал созад. Ва аз он муҷассамаи бузург арӯсаки одамнамои хурд ва муъмин бисозад ва дар пӯшиши тамсилии кӯтоҳ ва ё рамзии латиф пӯшонда, дар маърази тамошо ва қазовати дигарон қарор диҳад. Шоир соҳир дар марҳалаи нахуст бозичаи дасти худро чунон ба оҳистагӣ ва оромӣ меорояд ва хурд менамояд, ки бинанда аз фоҷиае, ки дар бахши баъдӣ ба суръат иттифоқ меафтад бехабар мемонад ва он чиро ки пеши чашм дорад, намебинад. Ҳунарманд инчунин саҳнаороиҳоро меписандад ва дарёфти маънии мақсуд ва мармӯзро ба саҳнаи ношинохта ва дур аз парда ҳавола менамояд:

Аз ин пайкар онгаҳ кушоем паранд,
Ки бошад расида чу нахли баланд.
Чу бар меваи норасида расӣ,
Биҷунбониш норасида касӣ [5].

4. **Саҳми ҷанговарон ва фаъолон дар саҳнаи ҳаёт**. Низомӣ рамзи марбут ба ранҷи Искандарро дар тамсиле бисёр зебо баён мекунад:

Шабе наълбанде ва полонгаре,
Ҳаққи хештан хостанд аз харе.
Хар аз пой ранҷида ва пӯшти реш,
Биафкандашон наълу полон ба пеш.
Чу аз пой вомадорӣ хар озод шуд,
Баросӯда ва аз хештан шод шуд.
Ту низ эй ба хоке шуда гарднок,

Бидеҳ вом ва берун чи аз гарду хок [Шарафнома, 69-72, 621]

5.**Ёди ёр**. Аршамидис хирадманде бофарҳанг буд, ки Арасту ба таълиму ӯ ҳиммат гумошт ва Искандар низ девони хос, ба ӯ супурд ва духтари Хоқони Чинро ба вай бахшид ва Аршимидис ончунон дилбохтаи ин духтари чинӣ шуд, ки рӯзгоре назди устод наёмад:

Бад-он арки чинӣ чунон дил супурд,
Ки ҳиндуи ғам рахташ аз хона бурд.
Зи машғулии ӯ басе рӯзгор,
Наёмад ба таълими омӯзгор. [Шарафнома, 13-14, 5]

Агарчи сад шогирд дар мухтасари устод ба донишандӯзӣ мепардохтанд, бо ин ҳама, ҳангоме ки Аршимидис дар маҷлиси дарси Арасту ҳозир намешуд, устодро забон аз гуфтан боз мемонд. Ногузир донишомӯз ҳунарпешаро пеш хонд ва аз вай пурсид, ки сабаби ғайб чист?

Аршамидис, ҳақиқати ҳолро боз гуфт: Шоҳ, канизе чинӣ ба ман бахшидааст ва маро дурӣ аз вай ва бо ду ишқ зистан, мумкин нест:

Ба он сайди вомонда аз ин шикор,
Ки як дил набошад диле дар ду кор [27,5].

Чун устод донист, ки Аршамидис ҷӯш ба ҳаваси дил бароварда, гуфт: «Он парирӯро танҳо ва дар хилват, пеши ман бифирист, то бибинам он зеборӯй, дили туро чӣ гуна тороҷ кардааст?

Аршамидис аз фармони устод сарпечӣ накард ва бути зебовареро назди устод фиристод. Донои пир, ҷоми талх ба он моҳрӯй дод, ки мояи ҷисми ӯро берун рехт ва пайкари хамида ва жӯлида аз вай боқӣ монд.

Тароват шуд аз рӯйи вай равнақ заранг,
Шуд аз нуқраи зебоӣ обу санг.
Бихонд он ҷавони ҳунармандро,
Бад ӯ дод маъшуқи дилбандро.
Ҷавонмард чун дар санам бингарист,
Ба устод гуфт, ин зани зишт кист? [5-37-3, 865]

Устод фармуд то таштро оваранд ва ончиро, ки мояи зебоӣ ва таровати ӯ буд, нишон дод:

Низомӣ бо рамз, тавсия мекунад, ки ҳар инсоне бояд танҳо бо як ҳамсар зиндагӣ кунад, то вазъи фарзанд ва хонаводааш равшан бошад ва ба ҳам нарезад, агар касе чанд зан дошта бошад, бекас ва танҳо мемонад:

Ба чандин канизони ваҳшӣ ниҳод,
Мадеҳ хирмани умри худро ба бод.
Яке ҷуфти ҳамто, туро бас буд,
Ки бисёр кас, мурд бекас буд.
Аз он мухталиф раъй шуд рӯзгор,
Ки дорад падар ҳафту модар чаҳор.
Чу якранг хоҳӣ, ки бошад писар,
Чу дил бошад як модар ва як падар [25,50-53].

6. **Кинаҷуйи шоҳон ҳатто ба фарзандони хеш**

Низомӣ муътақид аст, ба шоҳон ва фармонравоён набояд сахт сухан гуфт, балки санҷида ҳарф зад:

Сухан ба ки бо соҳиби тоҷу тахт,
Бигӯянд, сӯхта, нагӯянд сахт [5 ва 125, 658].

Зеро дар кори шоҳон хатарҳост, подшоҳон бо ҳеҷ кас хешӣ надоранд, эшон чунон худкома ҳастанд, ки ба фарзанди хеш низ раҳм намекунанд, панд додан ба эшон монади тухм дар хок шӯра андохтан (кори беҳуда кардан) аст:

Хатарҳост дар кори шоҳон басе,
Ки бо шоҳ хешӣ надорад касе.
Чу аз кинае барфурӯзанд чеҳр,
Ба фарзанди худ барнаёранд меҳр.
Ҳамон ки пайванди шоҳ оташ аст,
Ба оташ дар, аз дур дидан хӯш аст.
Насиҳатгарӣ бо Худованд зӯр,
Буд тухме афканда дар хоки шӯр [5 ва 127].

Ба ростӣ ҳайратовар аст, ки Низомӣ дар даврони фармонравоёни худкома бо ҷасорати тамом чунин суханоне бар забон меронад.

7.**Вайронии оташкадаҳо**. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», ки қабл аз «Искандарнома» ба назм даровардааст, хароб кардани оташкадаро ба ин иллат зикр кардааст, ки Искандар дини Иброҳимӣ оварда, оташкадаҳоро хароб кард, то оташпарастиро аз миён бардорад. Низомӣ дар «Искандарнома» ибтидои ақидаи Фирдавсиро дар боби вайронгарии оташкадаҳо зикр мекунад, ки гуфта буд:

Чу шоҳ аз ҷаҳон расми оташ зудуд,
Баровард аз оташпарастанда дуд.
Бифармуд, то мардуми рӯзгор,
Ҷуз яздпарастӣ надорад кор.
Ба дини Ҳанифӣ паноҳ баранд,
Ҳама пушт бар Меҳру Моҳ ованд. [5]

Онгоҳ назари хеш ва розу рамзе, ки дар ин воқеа нуҳӯфта бударо ба сароҳат баён медорад:

Вагар боядат то ба ҳукми навӣ
Дигаргуна рамзе зи ман бишнавӣ.
Барор он куҳна пунбаҳоро аз гӯш,
Ки дунёи навро кунад жандапӯш [5,48-49].

Ва ошкоро ба расми оташкадаҳо ва вуҷуди ганҷи ниҳон дар онҳо ишора карда мегӯяд:

Чунон буд расми он рӯзгор,
Ки бошад дар оташкадаҳо омӯзгор.
Канад дар ӯ пой баст,
Набошад касеро ба он ганҷ даст.
Тавонгар, ки меросхорӣ надошт,
Ба оташкадаҳо моли худро гузошт…
Бар оташкадаҳо говгузар доштӣ,
Бино кандӣ, он ганҷ бардоштӣ [5].

8. Хӯрда шудани хуни тӯтиёнӯш тавассути лашкари зангёи дар ташти заррин ва ҳаросон шудани румиён ва таҳозои Искандар аз Арасту барои ёрӣ расондан ба рӯҳияи лашкараш ва посухи Арасту ба Искандар ҳамроҳ бо дуо ва пешниҳоди Арастӯ мабнӣ бар чорагарӣ ва тазвир бар мардумхурӣ сохтан ва буридани сари зангиён. Дастури тамиз намудани он тавассути яке аз зангиён ва пухтани сари гӯсфанди сиёҳ дар дег ба ҷои сари зангӣ ва хурдани шоҳ аз ин сари гусфанд, ки ба ҷои сари зангӣ пухта шуда буд ва боиси эҷоди ваҳшат дар дили зангиён гардид.

Дили зангиёнро даромад ҳарос,
Ки аз Парниён сар берун зад палос [5, 136].

Низомӣ ба сурати рамзӣ хоста бигӯяд, ки Искандар ва лашкараш бисёр муқтадир ва нерӯманд мебошанд.

9. Баргашти Искандар аз ҷанги занг бо пирӯзӣ ва ҷуръат ёфтан барои рӯ ба рӯӣ бо сипоҳи Эрон ва камарбанди эрониёнро суст фарз карда, камарбанди ҷанг бо Эрон баст. Вуруди Искандар ба нахчиргоҳ ва гашту гузори фалаквори ӯ дар кӯҳу дашт ва гузаштани ӯ бар кӯҳсоре ва дидани ду кабки дарӣ бар хори санг, ки мутобиқи оини худашон бо якдигар ҷанг мекарданд ва гоҳе яке аз онҳо бо минқор маҳзи дигарро осеб мерасонд ва гоҳе дигаре бо нохун боли дигареро мешикаст. Искандар ҳам ба назора нишаст ва дар ачаб монд ва якеро худ фарз кард ва дигареро Дорову фол зад, то бубинад кадоми онҳо пирӯз мешавад. Оқибат ҳамон мурғе, ки ба номи худ нишон кард пирӯз шуд ва бар кӯҳ парвоз кард. Мутаассифона уқобе даромад ва сарашро аз тан ҷудо кард, яъне чун уқоб кабки дариро шикаст. Искандар ҳалокии худро аз он пешбинӣ кард, вале ба худ тобу сабр дода, рози дил пинҳон дошт. Ва водор кард, то аз ҳушманди хабар боз пурсанд зи кӯҳ, ки оқибати хун рехтан чи хоҳад буд? Ва донист ки оқибати ин комгорӣ шикаст хоҳад буд ва набошад басе умри ӯ пойдор [5,156].

10. Ҳидоятгари Искандар пирони қипчоқиро мабнӣ бар ин ки зани рӯпӯшида ба дар нуҳӯфт ва истидлоли қипчоқиён дар баробари дастур ва сухани Искандар ва мушовара намудани Искандар бо Бининос ҳаким ва посухи Бининос ҳаким ба тилисмсозӣ ва сохтани муҷассамаи наварӯс аз санги сиёҳ, ки чодари нави сапед аз рухом бар сар карда ва истидлоли Бининос бар ин ки чун занони қипчоқӣ, ки гарчи сангдиланд ба мискини долон з-ин сабаб моиланд ва бад-ин сурати сангин андарз пазиранд ва рӯй бипӯшанд [5,357].

11. Суруд гуфтани канизаки чинӣ дар базми Искандар, ки шоир розҳо ва рамзҳо дар поёни ҷанги Искандар бар Миср ва Зангу Ҳабаш ва Эрон ва Рус пас аз пирӯзӣ бар рӯи саҳнае ба рамз месозад, то бигӯяд, ки : «Зан аз ҳам бартар ва болотар аст ва ё баръакс ҳама аз як зан камтар ва ё поёнтар ҳастанд».

Шоир он чиро дар дил дошт аз забони канизаки чинӣ бо абёти нарму оҳиста ва зоҳиран ошиқона зиштарин дашномҳои мумкинро ба забон оварадааст. Хонанда мутаваҷҷеҳи ҷараёни фикрии шоир намешавад, валекин ҳангоме ки пай мебарад, ки аз шоҳоне чун Искандар, Кайхусрави ҷомгир, Ҷамшеди боломақом, Фаридуни зарринкафш, Кайқубоди баланафсар, Сулаймони Девбанд ба устодӣ ном мебурд ва аз забони канизаки чинӣ ҳамаро зери пойи ӯ меандозад ва он ҳама абзори сарафрозии ононро дар дараҷаи пасттар аз аъзои андоми зан қарор медиҳад, хонанда кунҷковтар мешавад ва мебинад, ки шоир дар абёти 62, 73 ва 76-и ҳамин банд ба таърифе даст зада ки забон аз тавсифи он қосир аст.

Инҷост, ки Низомӣ саҳнаи рамзӣ сохта, мегӯяд, ки «зан аз ҳам бартар ва болотар ва ё баръакс ҳама аз як зан камтар ва поёнтар ҳастанд, ҳатто подшоҳон», ки ҳамаи ин мавридҳо аз дидгоҳи хосе ҳушдордиҳанда ва бедоркунанда аст [5].

12. Достони вуруди Искандар бар зулмот дар банди 58-и «Шарафнома», гӯёи ин аст, ки чун инсон дар хилват ва торикӣ хотирҷамъ мешавад ва бо зикрҳои шабона ва ба дасти овардани гавҳари маъно, ки ҳамеша ҷойгоҳи он махфӣ аст, Машғул аст.

Низомӣ худаш ба хилватҳои шабона ва орифона ишора кардааст:

Ман ки аз он шаб сифате кардам,
Он сифат аз маърифате кардам.
Шаб сифати парда танҳоӣ аст,
Шамъ дар ӯ гавҳари пинҳонӣ аст [11].

13. Шунидани овози сурураш дар абёти 70,77 ва 81-и банди 58 –и «Шарфнома» (равон шудани Искандар дар зулмот рамзи дигареро гӯшзад мекунад. Дар тайи ин абёт, ки дар ҳар марҳалае овозе ба гӯши Искандар мерасад ё санги ҳикмат (ёқути Искандар) дар кафи дасти ӯ гузошта мешавад. Ғарази шоир ишораи пинҳонӣ ба саргузашти баъдии Искандар аст, ки ӯро мақоми пайғамбарӣ додаанд ва ҳамонро бо саргузашти Искандар, ки дар «Шоҳнома» омадааст ба ҳам омехта, рамзи нав сохтааст.

Адами ҳамвазнии кӯҳпораи бузург ва санги хурд аз намудор он аст, ки як мӯшти хок, чашми гурусна ва ҳирси ҷаҳонгирии шоҳро ӯ ҷуз ба хок сер нахоҳад шуд [5,437].

Хулоса, дар ин пажӯҳиш ки бар баррасии мухтасари бархе розу рамзҳо дар «Шарафнома»-и Низомӣ пардохта шудааст, метавон гуфт, ки бидуни шак розу рамзҳо, ки дар ин мақола зикр шуда намоёнгари устодӣ ва ҳунармандии Ҳаким Низомии Ганҷавӣ аст ва гувоҳӣ бар сухансароӣ ва маҳорати ин номдори бузург маҳсуб мешавад, ки лизо эҳсосот ва нуктасанҷиҳои бештаре баҳраманд буда ва ба суръати норасоиҳо ва нобаҳамвориҳои ҷомеа муҳити хешро дарёфта, бо халқи асари ҳунармандона, манзумаи фалсафӣ ва асари интиқодии таърихи тамаддунҳои бостон, нигариши фалсафӣ-ирфониро, бо баёни танзомез ва рамзолуд эҷод кунад. Ва ахлоқу рафтори шоҳонро тавре баён мекунад, ки агар касе дар он тааммул накунад, розҳои сарбаста ва нуктаҳои пӯшидаи онро ошкор нахоҳад сохт.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳусайн Сафавӣ. Искандар ва адабиёти Эрон ва шахсиятҳои мазҳабӣ. Чопи аввал.- Теҳрон, 1364.
2. Абдулҳусайни Муҳид. Ишоротҳо ва башорат (дар ганҷинаи рози Низомӣ). – Чопи аввал.- Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1367.
3. Беҳрӯзи Сарватиён. Андешаҳои Низомии Ганҷавӣ. -Чопи аввал. –Теҳрон: Интишороти Ойдин, 1373.
4. Саидалиакбар Шариатифар. Поённомаи таҳлили сохтори «Шарафнома»-и Низомӣ. (Поённомаи PH.D).
5. «Хусрав ва Ширин»-и Ҳаким Низомӣ.Тасҳеҳ ва ҳавошии Ваҳид Дастгардӣ. Муассисаи матбуотии илмӣ, 1341.
6. Ситорӣ. Ҷадвали устура ва рамз (маҷмӯаи мақоллот). -Теҳрон: Интишороти Сурӯш, 1374.
7. «Шарфнома»-и Низомии Ганҷавӣ. Тасҳеҳи Беҳрӯзи Сарватиён. – Чопи аввал.- Теҳрон: Итишороти Тӯс, 1386.
8. «Шарфнома»-и Низомии Ганҷавӣ. Тасҳеҳи Беҳрӯзи Сарватиён. Итишороти Амири Кабир. Чопи аввал. Теҳрон, 1386.
9. «Шарфнома»-и Низомии Ганҷавӣ. Тасҳеҳи Ваҳид Дастгардӣ, бо кушиши Саид Ҳамидиён. Теҳрон: Интишороти Қатра, 1376.

10. «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ. Тасҳеҳ ва ҳавошии Ваҳид Дастгардӣ. Муассисаи матбуотии илмӣ, 1341.

ТАЙНЫ И СИМВОЛЫ В «ШАРАФНАМЕ» НИЗАМИ

Применение символов в персидской литературе имеет очень давнюю историю. Поэты для выражения своих мыслей очень широко применяли данные литературные приёмы. В данной статье автор, анализируя произведение «Шарафнаме» Низами Ганджави, делает акцент на его поэтическое мастерство в придании различных окрасок своим произведениям для выражения своих мыслей, а также его мастерство в изображении различных образов и своих философско-мистических воззрений и взглядов.

Ключевые слова: Низами Ганджави, «Шарафнаме» Низами Ганджави, тайны и символы, литературные приёмы, применение символов, изображение различных образов, выражение взглядов.

SECRETS AND SYMBOLS IN "SHARAFNAME" NIZAMI

Application of symbols in the Persian literature has very old story. Poets very widely applied these literary receptions to expression of the thoughts. In this article the author, analyzing work to "Sharafname" Nizami Gandzhavi, places emphasis on his poetic skill in giving of various colourings to the works for expression of the thoughts, and also his skill in the image of various images and the philosophical and mystical views and views.

Key words: Nizami Gandzhavi, to "Sharafnam" Nizami Gandzhavi, secret and symbols, literary receptions, application of symbols, image of various images, expression of views.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Алиакбар Шариатифар***- аспирант Таджикского национального университета

ТАСВИРИ СИМОИ ШАЙТОН ДАР ШЕЪРИ ШУАРОИ ФОРСӢ

Муҳаммад Байронвандӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Алорағми қотеияти аҳли шариат дар малъунӣ ва маҳҷурии Иблис ҷамъе аз бузургони тасаввуф барои маҳҷурии ин маҳкумшуда, мақоми волое қоил шудаанд ва ба дифо бар ӯ бархостаанд.

Дифоъ аз Иблис бо Ҳаллоҷ оғоз мешавад ва касоне мисли Ҷунайд, Абулҳасан, Абдуллоҳи Тустарӣ ва монанди инҳо ин роҳро идома медиҳанд. Зунунии Масирӣ гуфт: «Дар бодия будам, Иблисро дидам, ки чиҳил рӯз сар аз суҷуд бар надошт, гуфтам, ё мискин! Баъд аз безорӣ ва лаънат ин ибодат чист».

Гуфт: «Ё Зунун! Агар ман аз бандагӣ маъзулам, ӯ аз худовандӣ маъзул нест» [Майбадӣ, 1343, с. 161].

Айнулқузот дифо аз Иблисро ба авҷ мерасонад:

Ӯ тавқи лаънати гардани Иблисро гиромитарин ҳадия аз ҷониби маъшуқ медонад ва мегӯяд: касе, ки ба моҳият ва кайфияти ҳадяи маъшуқ бияндешад, ошиқ нест.

Ошиқи ҳақиқӣ он аст, ки гилеми сиёҳу сафеди раҳмат ва лаънат дар назараш яке бошад. «Ҳар ки ин фарқ донад, дар ишқ ҳанӯз хом аст». Аз дасти дӯст чӣ асал, чӣ заҳр, чӣ шакар чӣ ҳанзал, чӣ лутф, чӣ қаҳр кашидан накӯст, он кас, ки ошиқи лутф бошад, ё ошиқи қаҳр, ӯ ошиқи фард бошад, на ошиқи маъшуқ» [Айнулқузот, 1341, с. 224].

Таъкиди фаровони дини Ислом бар ҳазар аз шайтон ба унвони душмани қавипанҷа яғмогари дин ва раҳзани умр муҷиб шуд, то шеъру адаби форсӣ низ дар дарознои ҳаёти пурфурӯғи худ аз хуруши тундаросои Фирдавсӣ то амвоҷи ирфонии девони Шамс таранумоти осмонии Ҳофиз, шуъбадаҳои интоғии қасамхӯрдаро ба намоиш бигузоранд.

Фирдавсӣ дасисаҳои Иблисро дар гумроҳ намудани Ковус ин гуна ба тасвир мекашад.

Чунон буд, ки Иблис рӯзи пагоҳ,
Яке анҷуман кард пинҳон зи шоҳ.
Ба девон чунин гуфт, ки имрӯз кор,
Ба ранҷу ба сахтист бо шаҳриёр.
Яке дев бояд кунун нагздаст,
Ки донад ҳама расму роҳи нишаст.
Шавад ҷони Ковус бераҳ кунад,
Ба девон ба-дин ранҷ кӯтаҳ кунад.

Бигардонадаш сар зи Яздони пок,
Фишонад бар он фарри зебош хок. («Шоҳнома» Ҷ. 2. - с. 308)

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (вафот, 529 ҳ.қ.) дар ғазали бисёр зебо маҳҷурии Иблисро баён мекунад ва ба иборате шояд, ин ғазал нахустин дифоияи адабӣ аз шаётин бошад.

Бо ӯ дилам ба меҳру муваддат ягона буд,
Симурғи ишкро дили ман ошиёна буд.
Бар даргаҳам зи хели фаришта сипоҳ буд,
Арши Маҷид ҷоҳи маро остона буд.
Дар роҳи ман ниҳод ниҳон, доми макри хеш,
Одам миёни ҳалқаи он дом дона буд.
Мехост ӯ нишонаи лаънат кунад маро,
Кард он чи хост, одами хокӣ баҳона буд.
Будам муаллими малакут андар осмон,
Умеди ман ба хулди барин ҷовидона буд.
Дар лавҳ хондаам, ки яке лаънате шавад,
Будам гумон ба ҳар касу бар худ гумона буд.
Одам зи хок буду ман аз нури поки ӯ,
Гуфтам ягона ман будаму ӯ ягона буд.
Гуфтанд соликон, ки накардӣ ту саҷдае,
Чун кардаме, ки бо манаш ин дар миёна буд.

Саъдии ширинсухан дар қолаби мунозираи кӯтоҳ ин нугунбахтро, ки халоиқ ӯро ба фарохӯрии макру ҳилаҳояш мавҷуди бадтаркиб, сиёҳчеҳра, шоху думдор ва бо нохунҳои каҷу симшикофта ва ғайра тасвир мекунанд, ин гуна муаррифӣ мекунад.

Надонам куҷо дидаам дар китоб,
Ки Иблисро дид шахсе ба хоб.
Ба боло санавбар ба дидор ҳур,
Чу хуршедаш аз чеҳра метофт нур.
Фаро рафту гуфт, эй аҷаб ин тӯйи,
Фаришта надидам ба-дин накӯйи!
Ту, ки ин рӯй дори ба ҳусни қамар,
Чаро дар ҷаҳоне ба зишти самар.
Чаро нақшбандат дар айвони шоҳ,
Дижам рӯй будасту зишту табоҳ?
Туро саҳмгин рӯй пиндоштан,
Ба гармоба дар зиштат бингоштан.
Шунид, ин сухан бахт баргашта дев,
Ба зори баровард бонги ғирев.
Ки эй некбахт ин на шакли ман аст,
Валекин қалам дар кафи душман аст.
Барандохтам бехашон аз биҳишт,
Кунунам ба кин менигоранд зишт.

Худовангори арсаи ирфон ва тасаввуф Ҳазрати Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ маъруф ба Мавлои Рум дар пуровозтарин зодаи табъи пурошӯбу нооромиҳуд «Маснавии маънавӣ» зимни дифои орифона гӯшаҳое аз талбиси Иблис ин пиртарин чеҳра, қарияи хилқатро ба намоиш гузоштааст, ки дар ин навишта порае аз онҳоро бар асоси он чи дар шаръи муқаддаси Ислом омада, таҳти ановини мухталиф ва ба иҷмол меояд.

1. Фалсафаи вуҷуди Иблис аз забони маснавӣ. Шояд ин савол дар зеҳни баъзеҳо вуҷуд дошта, ё дорад, ки Худо чаро шайтонро офарид? Дар посух бояд гуфт: Аввалан Худо шайтонро мавҷуди мутамаррид (саркаш) ва манфӣ халқ накард. Балки ӯ солҳо ҳамнишини фаришгагон буд. Дувуман аз назари низоми офариниш шайтон ҳошияе аст, бар сироти мустақим, ки хайру шарро нишон медиҳад. Мавлоно ҳадаф аз хилқати шайтон ва фалсафаи вуҷуди ӯро бо нигоҳи олимона-орифона ин гуна баён мекунад:

Гуфт, Иблис гӯшои ин уқдаро,
Ман маҳкуми қалброву нақдро.
Имтиҳони шеру калбам кард Ҳақ,
Имтиҳони нақду қалбам кард Ҳақ.
Қалбро ман кай сияҳрӯ кардаам,
Сирфиам қимати ӯ кардаам… (Дафтари 2, 2672-2692)

2. Номҳо ва лақабҳои шайтон дар маснавӣ. Шаётин дар оёту аҳодис ва фарҳанги омма ба номҳо ва сифатҳои мухталифе мулаққаб ва машҳур аст, ки Мавлоно низ дар зимни абёти мухталиф ба ҳар яке аз онҳо ишорае дорад:

а) **Шайтон**: шайтон дар маънои нахустин шайтоне, ки ҳазрати Одамро фиреб дод ва ҳам дар маънои ҳар мавҷуди муваззӣ, мунҳарифкунанда ва саркаш ба кор рафтааст.

Ҳоли Фиръавне, ки Ҳомонро шунид,
Ҳоли Намруде, ки шайтонро шунид. (Дафтари 1, 1190)

б) Азозил: «Иблис дар забони маъмулӣ Азозил номида мешавад, вале дар «Қуръон» ин ном наомадааст. Азозил лафзи ибрӣ аст ва ба маънои «азизи Худо» аст. Дар «Таврот» ин лафз ба маънои мубҳаме навишта шуда, ки баъзе аз муфассилин гуфтаанд: Азозил номи бузе аст, ки кафораи гуноҳони қавмро бар он мегузаронанд ва дар водии Боир раҳо мекунанд, то каффораи гуноҳони қавмро ба мавзеи номаълуме бибарад. Иддаи дигар мегӯянд, Азозил номи ҳамон нуқтаи номаълум аст, ки мунтаҳи илайҳи гуноҳони фарзшуда аст. Бархе Азозилро номи Иблис медонанд, ки ҳама гуноҳон ба ӯ мунтаҳӣ мешавад» [4,82].

Дар «Маснавӣ» бештар дар маънои Иблис ради боби даргоҳи ҳазрати Бори Таоло омадааст:

Бад зи густохи касуфи офтоб,
Шуд Азозиле зи ҷуръат ради боб. (Дафтари 1, б.92)

в) **Иблис**: Иблис исми хос аст ва номи он шайтон аст, ки одамро фиреб дод ва акнун ҳам бо лашкару ҷунуди худ дар камини одамиён аст. Аз назари луғавии маъхаз аз (Diabolos) юнонӣ аст, ба маънии суханчинӣ ва муфтарӣ ва калимаи (Diable) фаронсавӣ ва (Devil) англисиро аз ҳамин лафз гирифтаанд.

Чун басе Иблис одамрӯй ҳаст,
Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст. (Дафтари 1, б. 316)

г) **Дев**: дев мавҷуде ҳаст, ки мутаваҳҳим, ки ӯро ба сурати инсони баландқомат, тануманду зишт ва ҳавлнок тасвир мекунанд, ки бар сар ду шох монанди шохи гов дорад ва дорои дум аст. Девонро аз насли шаётин пиндоранд. (Муйин, 1598, 1371)

ғ) **Аҳриман**: Аҳриман ба маънии Аҳриман аст, ки роҳнамои бадҳо бошад, чунон ки Яздон роҳнамои некӣ аст ва шайтону деву ҷинро ҳам гуфтаанд. [6,189]

Дар кеши сунавияти Эрони қадим Аҳриман холиқи муттаалиқи бадиҳо шар ва мавҷудоти зиёновар аз қабили мор, акраб ва ғайра аст. [10,153]

Бо ду гумраҳ ҳамраҳ омад муъмине
Чун хирад бо нафсу бо оҳарманӣ. (Дафтари 2378,5)

д) **Уфрият**: уфрият яъне хабис мункару мавҷуди зишт, баъд ва саҳмнокӣ дар «Маснавӣ» мутародифи шаётин ба кор рафтааст.

Кард наққоше ду гуна нақшҳо
Нақшҳои софу нақши бесафо
Нақши Юсуф карду ҳурхушу сиришт,
Нақши ифритону иблисон зишт. (Дафтари 2, 2536-2537)

Е) **Ғул**: дар арабӣ навъе аз дину дев аст, ки дар кӯҳҳо ва ҷойҳои дур аз ободонӣ ва ба ҳар шакле, ки мехоҳанд, меоянд ва мардумро аз роҳ мебаранд.

Қавм гуфтанд: шукри моро бурд ғул,
Мо шудем, аз шукр в-аз неъмат малул.

3. Илали инҳитот ва ронда шудани шайтон:

1. Такабур: худбузургбинӣ аз сифоти разила аст, ки Мавлоно дар ҷойҳои мухталиф онро аз авомили ронда шудани шайтон медонад.

Аввал он кас, к-ин қиёсакҳо намуд,
Пеши анвори Худо Иблис буд.
Гуфт: нор аз хок бешак беҳтар аст,
Ман зи нору, ӯ зи хоки акдар аст. (Дафтари 1, 3397-3396)

2. Ҳасад: Ҳасад дар истилоҳи аҳли сулук иродаи заволи неъмат маҳсуд аст. Дар миёни ҳасад ва ғубта фарқ аст, зеро дар ғубта фард мехоҳад мисли дигаре соҳибмақоми неъмат бошад. Аммо ҳасуд мехоҳад, ки маҳсуди соҳибнеъмат набошад. Мавлоно саҳми ҳасадро дар ради боби шайтон камтар аз такаббур намедонад.

Худ ҳасад нуқсону айби дигар аст,
Балки аз ҷумла камиҳо бадтар аст.
Он Иблис аз нангу ори камтарӣ,
Хештан афканд дар сади абтарӣ.

Аз ҳасад бихвост то боло бувад,
Худ чи боло, балки хунполо бувад. (Дафтари 2, 805-807)

3. Зоҳирбинӣ: Далели дигаре боис шуд, Иблис бар одам саҷда накунад, зоҳирбинӣ ва каҷназарии иблисӣ буда, ӯ дар нигоҳи аввал ҷисми одамро дид ва аз рӯҳи худоие, ки дар ӯ дамида шуда буд, ғофил шуд ва ҳамин зоҳирбинӣ ӯро ба ин рӯз андохт.

Ту ҳамон дидӣ, ки Иблисӣ лаъин,
Гуфт: ман аз оташам, одам зи тин,
Чашми Иблисонаро якдам бубанд,
Чанд бини сурат охир? Чанд?Чанд? (Дафтари 3, 2299-2300)

4. Асбобу олоти шайтон барои иғвои инсонҳо:

На ман бисузаму ӯ шамъи анҷуман бошад,

Иблис баъд аз ин гуна, ки аз даргоҳи ҳазрати Ҳақ ронда шуд ва тавқи лаънатро ҷовидона гардановези хеш дид, тасмим гирифт интиқоми худро аз одам ва авлоди ӯ бигирад ва тасмими худро ин гуна баён мекунад:

(Қола раббано ағватанӣ ло заяна лаҳум фил арзи вал ағвайнаҳум аҷмъаин) Худоё чунон ки маро гумроҳ кардӣ, ман низ дар замин (ҳама чизро) дар назари фарзандони одам ҷилва медиҳам ва ҳамаи онҳоро гумроҳ хоҳам кард. [3, **Сураи Ҳаҷр ояи 39**]

Сипас аз Худо талаб кард, ба поси солҳо ибодат ва итоат ӯро муҳлат диҳад ва асбобу олоте дар ихтиёраш қарор диҳад, то битавонад халоиқро гумроҳ кунад.

(Қола рабби фанзарни ила явма ябасун, қола фаанк минал мунтазирин, ила ява вақтил маълум, қола фабазтак ло ағванаҳум аҷмаин, ало ибодика минҳум мухлисин). Парвардигоро пас муҳлатам деҳ, ки то рӯзи қиёмат зинда монам, Худо фармуд: Оре, аз муҳлатёфтагонат қарор додем, то рӯзи муайян ва вақти маълум шайтон гуфт: ба иззату ҷалоли ту қасам, ки халқро тамом гумроҳ хоҳам кард, магар хосон аз бандагонат, ки дил аз ғайр буриданду барои ту холис шуданд). [3,**Сураи Сот, ояҳои 79-83**]

Он Иблис бе тапиши муҳлат ҳамехоҳад аз ӯ
Муҳлате додаш, ки ӯро баъди фардо мекашад. (Ғазал. Ш. Б.728)

Умри бешам деҳ, ки то пастар равам,
Муҳлатам афзун, ки то камтар шавам.
То ки лаънатро нишона ӯ бувад,
Бад касе бошад, ки лаънатҷӯ бувад. (Дафтари 5, 762-763)

Шайтон пас аз талаби умр асбоб ва олоте мехоҳад, барои фиреби инсонҳо, ки Ҳазрати Мавлоно дархости ӯро ба зебоии ҳарчи тамомтар баён мекунад:

Гуфт Иблиси лаъин Дидорро
Доми зафти хоҳам ин ошкорро
Зарру симу гилаву аспаш намуд
Ки ба-дин тони халоиқро рабуд.
Гуфт: шо бошу турш овехт лунҷ
Шуд туранҷиду турш ҳамчу турунҷ
Пас зару гавҳар зи маъданҳои хеш
Кард он пасмондаро Ҳақ пешкаш … (Дафтари 5, 940-955)

Мавлоно ҳар як аз тақозоҳои шайтонро дар фиреби халоиқ, мисли ҳубби ҷоҳ ва мол, хамр, таъҷил ва шитоб фақр, макру васвасаҳои ӯро ба зебоие ба тасвир кашидааст, ва ҳамчунин роҳҳои муборизa бо ӯро низ ба таври муфассал таҳти ановини умедворӣ, иттако ба ақл, машварат, дуо ва ниёиш, тавба ва тамасук ба авлиёулаллоҳ ва ғайра баён мекунад. Ҳурбаи ноумедӣ васвасаҳои шайтон ва дар муқобил умедвориро аз забони «Маснавӣ» ба унвони ҳусни хотимаи ин мақола интихоб мекунем ва идомаи баҳсро ба маҷоли дигар вогузор мекунем.

Он яке Аллоҳ мегуфт шабе,
То ки ширин мешуд, аз зикраш лабе.
Гуфт: шайтон охир эй бисёр гӯ,
Ин ҳама Аллоҳро лабайк кӯ.
Менаёяд як ҷавоб аз пеши тахт,
Чанд Аллоҳ мезанӣ бо рӯйи сахт.
Ӯ шикаста дилшуду бинҳод сар,
Дид дар хоб ӯ Хизрро дар хазар.
Гуфт: ҳин аз зикр чун во мондаӣ,
Чун пушаймонӣ аз он к-аш хондаӣ.

Гуфт: лабайкум намеояд ҷавоб,
З-он ниёзу дарду сӯзад пайки мост.
Гуфт: он Аллоҳи ту лабайки мост,
В-он ниёзу дарду сӯзад пайки мост.
Ҳилаҳову чорачӯйиҳои ту,
Ҷазби мо буд, гушод ин пойи ту.
Тарсу ишқи ту каманди лутфи мост,
Зери ҳар ё Рабби ту лабайкҳост.
Ҷони ҷоҳил з-ин дуо чуз дур нест,
З-он ки ё Раб гуфтанаш дастур нест.

Хулоса**,** таърихи пурфароз ва нишеби адаби форсӣ саршор аз мавзӯот ва масоили мухталифи сиёсӣ иҷтимоӣ ва эътиқодӣ аст. Ҳар як аз шуаро нависандагони забон ва адаби форсӣ ба таври мустақим ё ғайри мустақим шайтон ва аъмоли ӯро дар тарозуи нақд қарор додаанд. Бархе ҳамсӯ ва ҳамҷиҳат бо шаръӣ Шайтонро моияи фалокат ва бадбахтии инсон медонанд ва бархе дигар низ дар як нигоҳи ирфонӣ ба дифоъ аз ӯ бархостаанд. Вайро ҳошияе бар Сироти мустақим донистаанд, то доноён ба кумаки ин ҳошия бароҳатӣ роҳи дурустро аз нодуруст ташхис диҳанд. Дар ин навишта сайъ шуда, бахше аз ишороти пайдо ва пинҳони Мавлоно дар Маснавии шариф пиромуни ҳузури шайтон дар дастгоҳи хилқат аз забони гӯёи ӯ дар ду нигоҳ шаръӣ ва ирфонӣ ба тасвир кашида шавад, то аз ин тариқ хидмате ҳарчанд андак ва ночиз ба дӯстдорони «Маснавӣ» ва адаби форсӣ шуда бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Карим Замонӣ. Шарҳи ҷомеъи Маснавии маънавӣ. -Теҳрон, 1372.
2. Қуръони Карим.- Теҳрон, 1375.
3.Муҳаммад Рамазонӣ. Маснавии маънавии Мавлавӣ. Бо ҳафт китоби нафиси дигар. -Теҳрон, 1314.
4. Муҳаммад Хазоилӣ. Эъломи Қуръон. -Теҳрон, 1350.
5. Муҳаммад Рамазонӣ. Маснавии маънавии Мавлавӣ бо ҳафт китоби нафиси дигар. -Теҳрон, 1314.
6. Муҳаммад Муйин. Бурҳони қотеъ. -Теҳрон, 1362.
7. Муҳаммад Муйин. Фарҳанги форсӣ. -Теҳрон, 1371.
8. Саҷҷоди Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. -Теҳрон, 1370.
9.Сирӯс Шамисо. Фарҳанги талмеҳот.- Теҳрон, 1371.
10. Саидалӣ Акбари Қаршӣ.Қомуси Қуръон. -Теҳрон, 1375.

ИЗОБРАЖЕНИЕ ОБРАЗА ДЬЯВОЛА В ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ

В данной статье автор рассматривает тему изображения образа дьявола в персидской поэзии, а также подвергает анализу и рассмотрению применение данного образа в произведениях Фирдоуси, Газали, Саади, и Мавлоно.

Ключевые слова: персидская поэзия, изображение образа дьявола в персидской поэзии, Фирдоуси, Газали, Саади, Мавлоно.

THE IMAGE OF THE IMAGE OF THE DEVIL IN THE PERSIAN POETRY

In this article the author considers a subject of the image of an image of a devil in the Persian poetry, and also subjects to the analysis and consideration application of this image in works of Firdousi, Gazali, Saadi, and Mavlono.

Key words: the Persian poetry, the image of an image of a devil in the Persian poetry, Firdousi, Gazali, Saadi, Mavlono.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммад Байрованди*** – преподаватель Свободного исламского университета города Хуррамабад, Иран

ВАЗЪИЯТИ ШЕЪРУ ШОИРӢ АЗ ЗАМОНИ НОДИРШОҲИ АФШОР ТО ПАЙДОИШИ САБКИ БОЗГАШТ

Афшини Муродӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Нодиршоҳи Афшор ба шеър таваҷҷуҳе надошт [1] ва машғули ҷангҳои худ буд. Аз таваҷҷуҳи Каримхони Занд подшоҳ пеш аз ӯ ҳам ба шеъру шоирӣ асноде дар даст нест. Нуқтаи таваҷҷуҳ ба шеъри давраи бозгашт марбут ба давраи Қоҷор аст. Муштоқи Исфаҳонӣ, ки дар замони ба тахт нишастани Нодир 47-сола буд, ва дар замони Каримхони Занд марди солхӯрда ва соҳиби анҷумани адабии Исфаҳон буд ва аъзои он шоирони маъруфе чун Ошиқ ва Озари Бегдалӣ буданд. Бо рӯи кор омадани силсилаи Қоҷор ва тасбити ҳукумати марказӣ дар Эрон таҳаввуле дар адабиёт пайдо шуд. Абдулваҳҳоби Нишот, ки аз сӯи Оғо Муҳаммадхон ба дарбори Фатҳалишоҳ омад, дар Теҳрон анҷумани адабии Хоқон ба раёсати Фатҳалишоҳ ташкил шуд. Ба ин тартиб, ҷунбиши бозгашт дар нимаи дувуми қарни 12 ҳ.қ., яъне охирҳои давраи Афшория падидор шуд ва дар аҳди Каримхон тавсеа ёфт. Аммо ривоҷи аслӣ ва тавсеаи комили он аз замони Фатҳалишоҳи Қоҷор ба баъд аст [2].

Дар идомаи баҳс ба баррасӣ ва вазъияти илм, адабиёт, шеър ва шоирӣ мепардозем, то ба замони Насриддиншоҳи Қоҷор бирасем, ки замони мавриди мутолиаи мост. Қудратнамоии Нодиршоҳ барои дафъи шуриши афғонҳо ва берун рондани усмониҳо аз хоки Эрон ва тасхири Ҳинд ба зарби шамшер, саранҷом ба истиқрори амнийат ва адолат мунҷар нашуд. Зеро Нодир тайи давраи кӯтоҳи ҳукуматаш на танҳо фурсате барои истиқрор ва оромиш ба даст наовард, балки вуҷуди худи ӯ пас аз чанд сол бар муҷиботи ноамнӣ ва хушунат афзуд, то он ҷо ки наздиконаш ногузир шудаанд, ӯро аз байн бибаранд. Дар чунин рӯзгори ошуфтае, таваҷҷуҳ ба шеъру ғазал на барои тоҷирон, ки аз ҳар гуна амнияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ маҳрум монда буданд, дилпазир буд, на барои уламо ва донишварон, ки идомаи дарс ва дониш омӯхтани онҳо ҷуз дар сояи ташвиқ ва ҳимояти тавонгарон мумкин набуд. Шоирон ва мустаидони аср ҳам, агар фароғате даст медод, бештар ба мутолиаи девонҳои пешиниён ва тамрини роҳ ва расми шоирии онон кифоят мекарданд. Бархе афроди мустаид ҳам, ки пайдо мешуданд аз шеваи шоирии маъмул дар асри Соиб (ки ба рӯзгори Сафавиён боз мегашт) дили хуше надоштанд ва дар табъи худ, навъи рамидагӣ аз шеваҳои зиёдаравӣ(ифратӣ) ба мазмунпардозӣ ва тахайюлоти дур ва дарози шоирона мепардохтанд. Онҳо муътақид буданд, ки ин шева аз он чи назди шоирони барҷастаи даврони пешин ҳамчун Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлавӣ, Анварӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ маъмул будааст, ба куллӣ дур монда, роҳи инҳироф ва инҳитот паймудааст. Пас, беҳтар аст, ки аз ин шева даст бардоранд ва ба эҳёи шеваи гузаштагон, ки даврони дурахшиши он дар назари арбоби завқ ба манзалаи навъи биҳишти гумшуда буд, иқдом кунанд.

Аъзои анҷумани муштоқи Исфаҳон дар қарни 12 ҳ. низ ҳамин роҳро паймуданд. Пешқадамони ин анҷуман Мирсаид Алии Муштоқ, Сайид Муҳаммади Шуъла ва Озари Бегдалӣ буданд ва баъдҳо гурӯҳи дигар, ҳамчун Табиби Исфаҳонӣ, Мирзонасири Исфаҳонӣ, Сайидаҳмади Ҳотифи Исфаҳонӣ ва Ошиқи Исфаҳонӣ ҳам ба он пайвастанд. Онҳо, ки ағлаб то ин замон ба роҳи шоирони давраи Соиб (сабки ҳиндӣ) мерафтанд, батадриҷ аз ин роҳ рӯй баргардонданд ва ба зинда кардани суннатҳои пешиниён, ки дар асри Ҳофиз, Саъдӣ ва Мавлавӣ роиҷ буд, ҳиммат гумоштанд.

Кори анҷумани Муштоқ аз ин ҷиҳат аҳамият дорад, ки аввалан гурӯҳе аз шоирони соҳибзавқ ва босалиқа нахустин бор гирди ҳам омаданд ва ба ҳушёрӣ ва огоҳона ба тағйири сабки шеъри форсӣ пардохтанд. Сониян он чиро ба гумони худ асл мепиндоштанд, барои худ ва касоне, ки баъдан ба роҳи онҳо рафтанд, баён карданд ва якбора ба шеваи тоза рӯй оварданд. Албатта, ин дигаргунии огоҳона дар қолабҳои шеъри форсӣ тағйири чандоне падид наовард. Дар ин давра ҳам мисли давраи гузашта ғазал қолиби умдаи шеър буд ва пас аз он, қасида. Лекин ин шоирон, ғазалро на ба шеваи Соиб ва Калими Кошонӣ, балки ба шеваи Саъдӣ, Ҳофиз ва Амирхусрави Деҳлавӣ месуруданд ва қасидаро ҳам умуман ба тарзи Хоқонӣ ва Анварӣ месуруданд.

Мавзӯи ғазал ҳамчунон ишқу ҳиҷрон ва фироқ буд, аммо ба ҷойи он ки монанди шоирони асри Ҳофиз ва Мавлоно бар як таҷрибаи мустақим ва асли орифона ва баёни авотифи асил муттакӣ бошанд, бар бозгӯӣ ва такрор ва тақлиди мазмунҳои отифӣ такя дошт. Мазмуни қасидаҳо мадҳ ва тавсиф буд ва нуктаҳои ахлоқӣ ва ба мизони қобили

таваҷҷуҳе ҳам ситоиш ва марсияи паёмбар (с) ва аҳли байти ӯ буд. Зеро бо вуҷуди он ки Нодиршоҳи Афшор барои тарки душманӣ миёни мазҳабҳои шиа ва суннӣ бисёр кӯшид ва дигар исроре бар расмияти бечуну чарои ташаюъ дар сар то сари Эрон надошт, мардум ва аз он миён шоирон ва соҳибдилон, умуман бар мазҳаби шиа буданд ва ба ибрози эҳсосот ва авотифи динии худ дар шеър лаззат мебурданд. Дар ин марҳила аз даъват ба бозгашт, таҳаввули бузурге дар фазои шеъри форсӣ пеш наомад ва дар қаламрави тахайюл ва мусиқии шеър ва ҳатто забон чизи тозае ба шеър афзуда нашуд. Он чи пеш омад бозгашт ва таваҷҷуҳ ба давраи комилан сипаришуда буд ва шоирони ин давра (ҳатто онҳо ки бисёр муваффақ буданд), ҳаргиз ба пояи устодони пешини худ нарасиданд.

Тақлид, ки аз давраи Ҳофиз ба баъд дар байни шоирон каму беш дида мешуд, дар ин давра комилан умумият пайдо кард ва роҳро барои ҳар гуна тозагӣ ва ибтикор мебаст. Дар ин миён шоире тавонотар ва комёбтар буд, ки беҳтар метавонист аз уҳдаи тақлиди устодони гузашта барояд.

Муштоқи Исфаҳонӣ - пешоҳанги шеваи навин. Замзамаҳои рӯйгардонӣ аз сабки давраи Соиб, пас аз Сафавиён замоне боло гирифт, ки Муҳаммадалии Муштоқ бо таъсиси анҷумани адабии Исфаҳон корвонсолории онро уҳдадор шуд ва бо кумаки ёрон ва ҳамфикрони худ, ин наҳзати адабиро ба саранҷоми муваффақият омез наздик кард. Муҳаммадалии Муштоқ аз табақаи содоти Исфаҳон буд ва дар ин шеваи тоза, ба як маънӣ тариқаи муҳташамро, ки дар оғози Сафавиён то ҳадде бо шеваи пешиниён марбут мешуд, бозофаринӣ кард. Муштоқ бо бозгашт ба шеваи гузаштагон то ҳадди муътадиле алоқа ба саноеи бадеиро, ки дар асри Соиб аз ёд рафта буд, аз нав барангехт. Ӯ дар шеваи гузаштагон ба тарзи гӯяндагони Ироқ ва Форс таваҷҷуҳ дошт. Гурӯҳи зиёде аз шоирони муосири ӯ монанди Озар, Мирзонасир Сабоҳӣ, Ҳотиф, Ошиқ, Саҳбо бо ӯ иртибот ва дӯстӣ ва ҳамроҳӣ доштанд ва Муштоқ бар бархе аз онҳо ҳаққи устодӣ дошт. Ӯ дар соли 1171 ҳ.қ. даргузашт.

Озари Бегдалӣ. Дар ҳамон соле, ки афғонҳо дар тадоруки ҳамла ба Исфаҳон буданд, Лутфалибек Озари Бекдалӣ дар ин шаҳр зода шуд. Ӯ дар Исфаҳон бо Муштоқ ва анҷумани адабии вай иртиботи дустона пайдо кард. Озар усули шеърро пештар аз Муштоқ омӯхта буд ва аксари вақтҳои худро ба мутолиа дар осори пешиниён мегузаронд. Қасидаҳо ва ғазалҳои ӯ бештар бар шеваи шоирони асри Саъдӣ ва Ҳофиз аст. «Маснавии Юсуф ва Зулайхо»-и Озар дар бархе мавридҳо аз таъсири сабки давраи Соиб ҳам бар канор намондааст. Озар ба Ҳотифи Исфаҳонӣ ва Саъдӣ ҳамдам буд. Ӯ солҳои охири умрро дар Қум сипарӣ кард ва саранҷом дар соли 1195 ҳ.қ. даргузашт.

Ҳотифи Исфаҳонӣ. Агар Муштоқи Исфаҳониро пешоҳанги сабки бозгашт ба тариқаи гузаштагон бидонем, шоир ва табиби ҳамшаҳрии ӯ Саидҳотифро бояд дар авҷи ин шева ва мумтозтарин суханвари ин давра муаррифи кунем, ки бо тарҷеъбандии муваҳҳидонааш ном ва шуҳрати шоистае пайдо кард. Ҳотиф бо Озари Бекдалӣ ва Сабоҳии Бекдалӣ дӯстии наздик дошт ва ба ҳамин далел бахше аз зиндагонии худро дар Кошон ва дар мусоҳибати ёрони якдил гузаронид. Дар девони ӯ ахавониёт (ашъори дӯстона) хитоб ба ин ду суханвари номӣ дида мешавад. Рӯзҳои охири умри Ҳотиф дар шаҳри Қум гузашт. Даргузашти ӯ ҳам ба соли 1198 ҳ.қ. дар ин шаҳр иттифоқ афтод. Аммо, тарҷеъбандии муваҳҳидонаи Ҳотиф шомили панҷ банд аст ва дар ҳамаи бандҳои он аз иқлими ишқ сухан меравад ва бо лаҳви гарм ва шӯрангез одамиёнро ба гузашт ва таҳаммули ақидаҳои мухолиф ва саранҷом таваҷҷуҳ ба Худованд, бо шеваи орифона даъват мекунад. Шояд Ҳотиф дар ин даъват, ба тангназариҳо ва хусуматҳои замонаи худ ва хунрезиҳои ношӣ аз ихтилофи байни мазҳабҳо назар доштааст ва роҳи чораро дар рӯй овардан ба ишқ, ба мабда дида, аз дайр калисо ва бутхона ва аз ҳама ҷо ин нидоро шунидааст:

Ки яке ҳаст ва ҳеҷ нест ҷуз ӯ,
Ваҳдаҳу ло иллоҳа иллоҳу.

Фуруғии Бастомӣ. Мирзоаббос фарзанди Оғо Мӯсо Бастомӣ ҳарчанд аз назари замонӣ дар асри Қоҷориён мезист, аз лиҳози тарз ва шеваи шоирӣ бояд ӯро вопасин шоири тарзи Ҳотиф ва Муштоқ донист, ки дар шеваи ғазалсароӣ аз Саъдӣ ва Ҳофиз пайравӣ мекард. Ӯ аз савод ва илм баҳраи зиёде надошт. Аммо бо кумаки завқи шоирона ва унсе, ки бо Ҳофиз ва Саъдӣ пайдо карда буд, ба розу рамзи ғазалпардозӣ даст ёфт, ибтидо Мискин тахаллус мекард. Аммо баъдан тахаллуси Фурӯғиро барои худ баргузид. Фурӯғӣ дар Хуросон бо Хоқонӣ шоири маъруфи он аср ошноӣ ёфт ва ба ҳамроҳи ӯ роҳи Техрон дар пеш гирифт. Дар замони вазорати Ҳоҷимирзо Оғосӣ ба

Карбало рафт ва дар бозгашт аз ин сафар ба ирфон ва тасаввуф алоқаманд шуд ва дар хат ва шеваи тасаввуф афтод. Дар давраи Носриддиншоҳ таваҷҷуҳи бештаре ба вай маътуф шуд ва подшоҳ ҳар моҳ соате чанд вайро ба ҳузур мепазируфт ва ба ашъори ӯ гӯш фаро медод. Фурӯғӣ ба иртибот бо дастгоҳи Қоҷориён таваҷҷӯҳи чандоне надошт ва зиндагиро бо дарвешӣ ва фақр мегузаронид, вай ба соли 1274 ҳ.қ. дар синни 61-солагӣ вафот ёфт.

А Д А Б И Ё Т

1. Маликушшуаро Баҳор. Баҳор ва адаби форсӣ. Ба кӯшиши Муҳаммади Гулбон. -Ҷилди 1. -Теҳрон, 1351.- С.49.
2. Сириуси Шамисо. Сабкшиносии назм. -Теҳрон, 1380.
3. Муҳаммади Шамси Лангурудӣ. Мактаби бозгашт. Интишороти Санавбар. -Теҳрон, 1372.
4. Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Баргузидаи девони шоирони Исфаҳон. Интишороти Фуруғӣ. -Теҳрон, 1343.
5. Аҳмади Хотамӣ. Таърих ва адабиёти Эрон дар давраи бозгашти адабӣ. . –Теҳрон: Интишороти Пӯё, 1378.

ЛИТЕРАТУРНАЯ И ПОЭТИЧЕСКАЯ ОБСТАНОВКА В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ НОДИРШАХА АФШОРА И ДО ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЛИТЕРАТУРНОГО ЖАНРА «БОЗГАШТ» («ВОЗВРАТ»)

В данной статье автором подвернуты рассмотрению и изучению литературная и поэтическая обстановка в период правления Нодиршаха Афшора и до возникновения литературного жанра «бозгашт» («возврат»), основоположником которого является Суруши Исфахани. Также подвергнуто изучению и рассмотрению деятельность различных литературных кружков, действующих в данный период.

Ключевые слова: литературная и поэтическая обстановка, период правления Нодиршаха Афшора Суруш Исфахани, жанр, стихотворение, жанр «возврат», «бозгашт».

LITERARY AND POETIC SITUATION IN THE PERIOD OF BOARD OF THE NODIRSHAKH OF THE OFFSHORE AND BEFORE EMERGENCE OF THE LITERARY GENRE OF "BOZGASHT" ("RETURN")

In this article by the author are twisted to consideration and studying a literary and poetic situation in the period of Nodirshakh Afshor's board and before emergence of a literary genre "бозгашт" ("return") which founder is Surusha Isfakhani. It is also subjected to studying and consideration activity of the various literary circles operating during this period.

Key words: literary and poetic situation, period of board of Nodirshakh Afshor Surush Isfakhani, genre, poem, genre "return".

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Афшин Муроди*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

СОХТОРИ “СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАҲАБ”-И ҶОМӢ ВА МАСОИЛИ АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР ОН

Муҳриддин Низомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабии адабиёти асри XV аст, ки на танҳо дар раванди адабии аҳди худ, балки дар ҷараёни минбаъдаи адабиёти форсии тоҷикӣ нақши муассире дошт. Дар баробари ҳифзи суннатҳои поядори шеъри форсӣ-тоҷикӣ Мавлоно Ҷомӣ даст ба ибтикор ва тозакориҳое дар қолабҳои гуногуни шеър задааст, ки қисме собиқа надоранд. Аз ибтикороти Мавлоно Ҷомӣ таълифи «Ҳафт авранг» ва достонҳои «Хамса»-и анъанавиро ба ҳафт адад расонидани ӯ мебошад.

Сарсилсилаи достонҳои «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ «Силсилат-уз-заҳаб» мебошад. Ин маснавӣ дар пайравии «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ, “Ҳафт пайкар”-и Низомии Ганҷ авӣ ва «Ҷоми Ҷам»-и Авҳадии Мароғаӣ таълиф шудааст, ки ин нуктаро Абдулвосеи Низомӣ дар «Мақомоти Ҳазрати Ҷомӣ» ва муҳаққиқони қуруни охир таъкид кардаанд. Вазни онро Хафифи мусаддаси аслам (v – v-/ v –v -/ - -) гуфтаанд [5, 241]. Вале дар муқаддимаи мансури маснавӣ ба қалами худи Ҷ омӣ вазни он фоъилотун, мафоъилун, фаълан (- v - -/ v – v -/ - -) – хафифи мусаддаси махбуни аслам зикр шудааст,

ки дуруст аст: “Вазни он аз музоҳифоти баҳри хафиф аст- фоъилотун мафоъилун фаълан” [8, 55].

Мавлоно Ҷ омӣ дар ин муқаддима ишора намудааст, ки маснавии “Силсилат-уз-заҳаб” идомаи анъанаи маснависароёне чун Ҳаким Саноӣ, Низомии Ганҷ авӣ ва Авҳадии Мароғаӣ аст. Вай дар идомаи зикри вазни маснавии хеш қайд мекунад, ки «бар ин вазн аст, «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ ва «Ҳафт пайкар»-и Шайх Низомӣ ва «Ҷоми Ҷам»-и Шайх Авҳадӣ» [8, 55].

Маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» аз се дафтар фароҳам омадааст ва ин дафтарҳо барои омӯзиши таҷрибаи эҷодии Ҷомӣ дар маснависароӣ ва таҳаввули ҷаҳонбинии шоир аҳамияти баланд доранд. Зеро шоир таҷрибаи аввалини достонсароиро бо дафтари аввали «Силсилат-уз-заҳаб» (1468-1477) оғоз намуда, сипас «Саломон ва Абсол»-у «Хамса»-и худро то соли 1484 (27 декабр) пурра ба анҷом расонида, сипас солҳои 1485 -86 дафтари дувуму савуми онро ба поён овардааст. Аз ин ҷиҳат «Силсилат-уз-заҳаб» дар омӯзишу таҳқиқи ҷаҳонбинӣ ва коргоҳи эҷодии шоир аҳамияти баланди илмиву амалӣ дорад.

Тавре зикр шуд, дафтари аввали «Силсилат-уз-заҳаб» аввалин маснавии Ҷомӣ аст, ки миёни солҳои 1468-1472 (873 - 877 ҳ.қ.) иншо шудааст. Достон ба Султон Ҳусайни Бойқаро бахшида шудааст. Достон чун анъана бо ҳамду муноҷот ва наъти ҳазрати расул оғоз ёфта, дар зимни онҳо шоир аз ҳикоёту тамсилот кор мегирад, ки пештар ҳам дар соири манзумаҳои ирфонӣ маъмул буд. Вале муқаддимаи ин маснавӣ фоқиди ситоиши хулафои рошидин ва аиммаи чаҳоргонаи мазҳаби аҳли суннат ва ҷ амоат аст, чунонки дар “Ҳадиқа” –и Саноӣ ва маснавиҳои дигар марсум аст. Дар фасле, ки ба Ҳусайни Бойқаро бахшида шудааст, шоир аз боби муруввату саховат, адолату инсоф сухан ронда, шоҳро ба раиятпарварӣ тарғиб мекунад. Мундариҷаи дигар фусулу қисматҳои ин дафтарро масоили умдаи диниву ирфонӣ ва ахлоқӣ ташкил намуда, шоир дар боби масоили ҷабру ихтиёр, қазову қадар, назария ва амалияи хилвату узлат, шароит ва анвои зикр, аҳволи мутасаввифони давр баҳс мекунад. Дар зимни баҳс шоир ба шарҳу тафсири калимаи тайиба, тасмия, оёту аҳодис мепардозад. Дар мавриди зикри ҷ аҳру хуфя сухан ронда, гоҳо мутасаввиаи даврро барои риёкорӣ мазаммат месозад ва аз аҳволу рӯзгори бузургони тариқаи хоҷагон – Баҳоуддини Нақшбанд, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Хоҷа Саъдуддини Кошғарӣ шаммае нақл месозад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми сафари Ҷомӣ ба мулки Араб бо нияти ҳаҷ дар Бағдод чанд байти шоир аз ҷониби роҳи зиён боиси интиқод ва ба куфр муттаҳам шудани шоир шуда буд, ки аз ин боб муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқини қуруни охир сухан рондаанд.

Дар поёни ин дафтар фасли махсусе бо унвони «Эътиқоднома» мавҷуд аст, ки асосҳои ақоиди исломиро бар пояи эътиқодоти мазҳаби аҳли суннат ва ҷ амоат дар бар мегирад, ки шояд ба ин воқеа робита дошта бошад. Худи шоир таъкид мекунад, ки ин фасл бо хоҳиши яке аз фарзандони Хоҷа Аҳрори Валӣ иншо шуда:

Номае буд бас азимушшон,
Қудратулъайни Хоҷа мурсали он.
Ҳосили нома он ки мебояд,
Чанд байте равон ба назм ояд.
Дар баёни ақоиди ислом,
Кофӣ андар баёни ону тамом.
Он ақоид, ки забташ осон аст,
К-андар он хосу ом яксон аст.
Ҳар ки ҳаст аҳли суннату диндор,
Бошад ӯро зи ҳифзи он ночор (8, 234).

Дар ин фасл Ҷомӣ роҷеъ ба вуҷуди Ҳақ, ваҳдату сифоту афъоли Худо, вуҷуди малоика, имон, мақоми пайғамбарӣ, хотимуланбиё, шариати муҳаммадӣ, меъроҷи паёмбар(с), китобҳои Аллоҳ, фазилати уммат ва олу асҳоби Муҳаммад (с), азоби қабр, дӯзаху ҷаннат ва аҳли онҳо аз назари аҳли суннат баҳс мекунад, ки хеле омӯзандаанд ва барои имрӯзиён омӯхтани ин фасл хеле муфид аст.

Дар поёни фасл шоир гуфтори худро ҷамъбаст намуда, ишорат мекунад ба дафтари дуюм, ки дар боби ишқ аст ва бозгашти худро ба кору бори нахусти худ, яъне ишқ, ки онро ҳосили рӯ згори хеш меҳисобад, қайд мекунад:

Чун шуд ин Эътиқоднома дуруст,
Бозгардам ба кору бори нахуст.

Кори ман ишқу бори ман ишқ аст,
Ҳосили рӯ згори ман ишқ аст...
Гар мададгори ман бувад тавфиқ,
Ки кунам дарси ишқро таҳқиқ.
Баҳри он дафтаре зи нав созам,
Дастоне дигар бипардозам (8, 246-247).

Дафтари дуюми «Силсилат-уз-заҳаб» соли 1485 таълиф шуда, аз 1595 байт иборат аст. Худи шоир таъкид кардааст:

Буд дар дил ният, ки ин дафтар,
Набвад аз нисфи аввалин камтар. (8, 326).

Ин дафтари маснавӣ аз нигоҳи ҳаҷм ва мавзӯъ нисбат ба дафтари аввал маҳдудтар буда, дар он шоир асосан дар мавзӯи ишқ баҳс мекунад. Шоир фасли аввали ин дафтарро бо баёни сифоти ишқ оғоз мекунад:

Бишнав, эй гӯш, бар фасонаи ишқ,
Аз сарири қалам таронаи ишқ.
Қалам инак чу ноб ба лаҳни сарир,
Қиссаи ишқ мекунад таҳрир.
Ишқ мифтоҳи махзани ҷуд аст,
Ҳар чӣ бинӣ ба ишқ мавҷуд аст (8, 249).

Аз ибтикороти Ҷомӣ дар ин дафтар ва дар мавзӯи ишқ ду нуктаи муҳиммест, ки қобили мулоҳизаи ҷиддӣ буда, таҳаввули фикрии шоирро нишон медиҳад.

Дар боби ишқ ва малоик урафо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: Гурӯҳи якум малоикро аз ишқ бебаҳра донистаанд. Ба назари Аҳмади Ғаззолӣ ишқ фақат хоси инсон аст ва фариштагон аз ишқ бебаҳраанд [6, 29]. Дар осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва Саноӣ дар ин боб баҳс нашудааст. Вале шоирони асрҳои ХШ-Х1У чун Сайфи Фарғонӣ ва Хоҷа Ҳофиз низ фариштагонро аз ишқ бебаҳра донистаанд. Чунончи, Сайфи Фарғонӣ гӯяд:

Малак аз сӯзи ишқ баҳра надошт,
К-ин намак дар хамири Булбашар аст.

Хоҷа Ҳофиз гӯяд:

Фаришта ишқ надонад, ки чист, эй соқӣ,
Бихоҳ ҷоми шаробе, ба хоки Одам рез.

Ё:

Ҷилвае кард рухат, дид малак ишқ надошт,
Айни оташ шуд аз ин ҳайрату бар Одам зад.

Гурӯҳи дигар малоикро ошиқи Худо дониста, ононро аз дард бебаҳра донистанд. Ба ақидаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ ин тафриқа дар асри ХШ тавассути Шайх Маҳмуди Шабистарӣ бартараф шудааст, яъне маҳз ӯ дар маснавии «Гулшани роз» малоикро низ сармаст аз бодаи ишқ донистааст, бо ин тафовут, ки малоик маи софро хӯрдаанд ва насибаи башар дурди он шудааст [6, 30].

Вале пештар аз Шабистарӣ Шайх Аттор дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр» малоикро низ баҳравар аз ишқ донистааст, бо ин тафовут, ки аз дарду сӯзи ишқ бенасибанд ва онро танҳо инсон мутаҳаммил шуда метавонад:

Ишқ магзи коинот омад мудом,
Лек набвад ишқ бе дарде тамом.
Қудсиёнро ишқ ҳасту дард нест,
Дардро ҷуз одамӣ дар х(в)ард нест…
Соқиё, хуни ҷигар дар ҷом кун,
Гар надорӣ дурд, аз мо вом кун (3, 153).

Зоҳиран дуктур Пурҷаводӣ аз ин абёти Аттор огоҳӣ надоштааст ва з-ин рӯ ташаббускорӣ ба малоик низ хос будани ишқро Шабистарӣ медонад.

Шояд бо таъсири Аттор Шабистарӣ малоикро дархурди ишқ ва маст аз шароби муҳаббати Ҳақ донистааст:

Ҳама олам чу як хумхонаи ӯст,
Дили ҳар заррае паймонаи ӯст.
Хирад масту малоик масту ҷон маст,
Ҳаво масту замин маст, осмон маст.
Малоик хӯрда соф аз кӯзаи пок,
Ба ҷуръа рехта дурде дар ин хок (6, 30).

Ҳамон андешаи Аттор аст, ки Шабистарӣ бо рамзу истиора баён намудааст.

Ҷомӣ як қисми малоикро пойбанди ишқи Ҳақ медонад:

Аз малоик ҷамоате ҳастанд,
К-аз майи ишқ ҷовидон мастанд.
Бурда аз халқ дар вуҷуд сабақ,
Дар шуҳуди ҳақанд мустаграқ (8, 251).

Нуктаи дуюм ин аст, ки Ҷомӣ ишкро ба зотию сифотӣ ва афъолию осорӣ тақсим мекунад, ки агарчи дар осори назарию бадеии урафои пешин, махсусан мактаби Ибни Арабӣ ишораҳое ба ин нукта ҳаст, аммо ба таври мушаххас муҳаббати зотӣ ё сифотиро ё афъолиро ҷудо накардаанд. Аммо Ҷомӣ фаслеро бо номи «Ишорат ба тақсими муҳаббат ба зотию сифотӣ ва афъолию осорӣ» ном ниҳода, навиштааст:

Ё бувад ишқ мунташӣ аз зот,
Ё бувад мунбаис зи ҳусни сифот.
Ё зи афъол ё зи осораш,
Мешумар мунҳасир дар ин чораш (8, *255)*.

Дар зимни баёни сифоту дараҷаҳои ишқ (ҳақиқию маҷозӣ) шоир аз аҳволу рӯзгори урафои бузург, чун Боязид, Абӯсаид, Зуннуни Мисрӣ, Ибни Арабӣ, Шамси Табрезӣ, Авҳадӣ ва дигарон ҳикоёти ҷолиб меорад. Ҳамчунин ҳикоёту қиссаҳои ишқие оварда мешавад, ки аз миёни онҳо достонҳои «Қиссаи Уяйна ва Райё» ва «Қиссаи Туҳфаи муғанния» хеле ҷолиб ва муфассаланд. Ҳамчунин ҳикоёту тамсилоти пурмазмун ҷой доранд, ки барои шарҳу дарки масоил кумак мекунанд. Дар поёни дафтар таъкид месозад, ки мақсуд ба даст омадааст ва шоир ба ин нуктаҳо иктифо намуда, аз нисфи аввали дафтари якум зиёдтар сурудааст.

Дафтари сеюми маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» соли 1486 навишта шуда, 1068 байтро фаро мегирад. Ин дафтари маснавӣ мувофиқи маълумоти муаррихи асри XVI курд Шарафхони Бидлисӣ «Дафтари адл» ном дошта, ба масоили мулкдорӣ, адлу дод, фазилатҳои шоҳон, чун ҷуду карам, саховат, фурӯ нишондани ғазаб бахшида шудааст. Худи шоир баъди ҳамди Худо ба сифати унвони дафтари сеюм менигорад: “Ин маъдалатномаест муттаҳаф ба салотин, ки сулолаи тини фитрати одаманд ва лаҳверо, ки охири он фаност ва он шуғл ба захорифи дунёст, аз дили эшон берун бурдаанд ва сурати офият аз он балоро оқибати хайри эшон карда” [8, 327].

Шоир аз рӯзгори шоҳони гузашта чун Нӯшервон, Ҳурмузи Кисро, Қоҷори вазир, Султон Маҳмуд, Султон Санҷар, Ғозонхони муғул ва ғайра ҳикоятҳо оварда, бад-ин васила ба шоҳони замон фазоили шоҳони одилро таъкиду тарғиб мекунад. Ба андешаи Ҷомӣ шоҳ бояд кишварро аз рӯи донишу дод идора намояд:

Адли эшон кунад ба донишу дод,
Хонаи мулкро қавӣ бунёд (8, 342).

Ва барои таҳкими ҳукумати шоҳ дар паҳлӯи вай будани вазири ботадбир ва олими раббонӣ, табиби ҳозиқ, мунаҷҷимон ва ҳакимон заруранд:

Шоҳро чора нест аз ду нафар,
То зиёд дар ҷаҳон ба давлату фар.
Он яке кори динӣ ӯ созад,
В-он дигар кори мулк пардозад (8, 344).

Ҳамин тариқ, шоир дар ин дафтар афкори сиёсию иҷтимоии худро баён намуда, бо овардани нуктаҳову ҳикоёт аз рӯзгори бузургони давлатӣ: шоҳону вазирон ормонҳои ҷамъиятии худро ифода кардааст, ки хулосаи он консепсияи шоҳи одил ва маърифатпарвар аст.

Хулоса, маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» бузургтарин маснавии таркиби «Ҳафт авранг» буда, аз кулли маснавиҳои шоир аз нигоҳи сохтор фарқ мекунад. Ибтикорот ва навоварии Ҷомӣ дар сохтори маснавӣ ин аст, ки ҳар як дафтар чун асари алоҳида ба мавзӯе хос бахшида шудааст ва тамоми ақволу ҳикоёту тамсилот бар гирди як мавзӯъ мушаххас мегарданд: Дафтари аввал – Асосҳои ақидаи исломӣ ва мабоҳиси ирфону тасаввуф, дафтари дувум- Мавзӯи ишқи маҷозӣ ва ҳақиқӣ, анвоъ ва дараҷаҳои муҳаббати ҳақиқӣ, дафтари савум- мавзӯи сиёсат, ойини мулкдорӣ ва адлу додро дар бар мегиранд. Агар аз нигоҳи шаклшиносӣ ба асар бингарем, ҳар як дафтар номи алоҳида мегирад: 1. Эътиқоднома. 2. Ишқнома. 3. Маъдалатнома.

Ниҳоят ин ки «Силсилат-уз-заҳаб» оғозу анҷоми «Ҳафт авранг» аст, яъне Ҷомӣ таҷрибаи маснависароиро баъди дафтари якуми «Силсилат-уз-заҳаб» оғоз намуда, дар охири хатми «Хамса» дафтари дуюм ва сеюми «Силсилат-уз-заҳаб»-ро навиштааст, ки

як навъ инъикоскунандаи таҷрибаи эҷодӣ ва таҳаввули андешаю афкори Мавлоно Ҷомӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷ омӣ . Маҷ мӯ аи материалҳои ҷ ашни 550-солагӣ .-Душанбе: Дониш, 1973.-234с.
2. Алиасғари Ҳикмат. Ҷ омӣ :мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳвол ва осори манзуму мансури хотам-уш-шуаро Нуруддин Абдурраҳмони Ҷ омӣ .-Теҳрон: Интишороти Тус, 1379.-407с.
3. Аттори Нишопурӣ . Мантиқ-ут-тайр. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ .- Теҳрон: Сухан, 1383.- 440с.
4. Аълохон Афсаҳзод. Таҳаввули афкори Абдурраҳмони Ҷ омӣ .- Душанбе: Дониш, 1981.-159с.
5. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир.- Душанбе:Ирфон, 1989.- 384с.
6. Насруллоҳи Пурҷ аводӣ . Ишқи кайҳонӣ // Нашри дониш, соли 12, шумораи 4, 1370.-С. 22-30.
7. Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Шайх Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Теҳрон:Тарҳи нав, 1377.-341с.
8. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг». Ҷилди аввал. Муқаддима аз Аълохон Афсаҳзод. Зери назари «Дафтари нашри «Мероси мактуб»».- Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378.-912с.

СТРУКТУРА ПОЭМЫ “СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАХАБ” ДЖАМИ И ПРОБЛЕМА ТРАДИЦИЙ И НОВАТОРСТВА В НЕЙ

Данная статья посвящена изучению структуры поэмы «Силсилат-уз-захаб» великого поэта и мыслителя Абдуррахмана Джами. Данное произведение является отражением его творческого опыта.

Ключевые слова: Абдуррахман Джами, поэма «Силсилат-уз-захаб», структура поэмы «Силсилат-уз-захаб», творческий опыт.

STRUCTURE OF THE POEM "SILSILAT-UZ-ZAHAB" OF DZHAMI AND PROBLEM OF TRADITIONS AND INNOVATIONS IN IT

Dunn article is devoted to studying of structure of the poem "Silsilat-uz-zakhab" of the great poet and thinker Abdurrahman Dzhami. This work is reflection of its creative experience.

Key words: Abdurrahman Dzhami, poem "Silsilat-uz-zakhab", poem "Silsilat-uz-zakhab" structure, creative experience

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М. Низомов*** – докторант Таджикского национального университета

ХУДШИНОСӢ ВА ХУДОШИНОСӢ

Давлатхоҷа Шарипов
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ба ақидаи Муҳаммад Ғаззолӣ ҳар инсоне, ки аз нестӣ ба вуҷуд меояд ва рушду камолот пайдо мекунад, агар хоҳад, ки саодатманди ду ҷаҳон гардад ва соҳиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бошад (алалхусус ҷавонписарон ва ҷавондухтарон), бояд, ки аввал Худованди офарандаи тамоми мавҷудот ва худи ӯро бишносад.

Бояд инсон бидонад, ки калиди маърифати Худои азза ва ҷалла маърифати нафси хеш аст. Ҳар касе худро бишиносад, Худои худро мешиносад. Чуноне Худованди бузург дар «Қуръони маҷид» мефармояд: «Нишонаҳои худ дар олам ва дар нафсҳои онҳо ба онҳо намоем, то ҳақиқат онҳоро пайдо шавад» [1].

Ҳеҷ чиз ба ту аз ту наздиктар нест, чун худро нашиносӣ, дигареро чӣ гуна шиносӣ?

Инсон набояд монанди ҳайвонҳо шабу рӯз кӯшиши он кунад, ки шикам ва шаҳвати вай сер шавад. Инсони воқеӣ ва боандеша он аст, ки худро аз дасти шаҳвату ғазаб халос карда, талаби он кунад, то бидонад, ки ин сифоти дарандагонро дар ӯ аз бораи чӣ офаридаанд. Аз барои он офаридаанд, ки туро асир кунанд ва монанди муздур туро кор фармоянд ё ин ки ту онҳоро асири худ гардонӣ?

Инсон бояд ин сифатҳои ҳайвонӣ, мисли қаҳру ғазаб, шаҳватронию худпарастиро аз худ дур намуда, онҳоро зердасти ақли худ гардонад, то ин ки тухми саодати худро ба ёрии онҳо сайд намояд.

Агар инсон хоҳад, ки воқеан худро бишиносад, бидонад, ки ӯро аз ду чиз офаридаанд: яке колбади зоҳир (ҷасад), ки онро тан гӯянд ва онро бо чашми зоҳир дида метавонӣ ва дигаре маънии ботин, ки онро нафс гӯянд ва дил гӯяд ва онро ба басирати

ботин метавонӣ шинохт ва ӯро бо чашми зоҳир натавон дид. Ва ҳақиқати ту ҳамон маънои ботин аст, ки ту онро бояд парвариш намоӣ.

«Мақсад аз ин дил ҳақиқати рӯҳ мебошад. Агар рӯҳ набошад, тан чун мурдоре мебошад. Агар касе чашмони худро пӯшонад, ҷасади худро фаромӯш кунад ва ҳастии худро ба зарурат мешиносад ва аз худаш бохабар бошад» [5,439]. Агар касе дар ин ботааммул назар кунад, чизе аз ҳақиқати охират бишиносад ва бидонад, ки агар ҷасади ӯро бигиранд, ӯ ҳамчунон барҷой бимонад ва нест нашавад.

Ҳамаи аъзои бадани инсон лашкарҳои диланд ва ба фармони диланд ва дил амир ва подшоҳи ҳама аст. Чун забонро фармон диҳад, дарҳол сухан гӯяд, чун дастро фармон диҳад, бигирад, чун пойро фармон диҳад, биравад, чун қуввати тафаккурро фармон диҳад, биандешад, ҳамаи аъзоро мутеи дил кардаанд, то танро нигоҳ дорад. Бояд инсон аз ин лашкарҳо истифода намуда, барои саодати хеш кӯшиш намояд.

Инсон дорои баъзе ахлоқе ҳаст, ки онҳо ахлоқи бад бошанд ва инсонро ҳалок кунанд ва баъзе ахлоқи нек ҳастанд, ки инсонро ба саодат мерасонанд. Аз ҷумлаи ин ахлоқҳо чаҳортоаш муҳиманд: ахлоқи ҳайвонот, ахлоқи дарандагон, ахлоқи шайтонҳо ва ахлоқи фариштагон.

Аз сабаби он ки дар инсон шаҳват ниҳодаанд, кори ҳайвонҳоро мекунад, чун дар инсон ҳирс намудаанд, дар хӯрдан ва ҷимоъ кардан пардозад. Ба сабаби он, ки дар инсон хашм ниҳодаанд, кори саг ва гургу шерро мекунад, чун задан ва дар халқ афтодан бо даст ва забон.

Ба сабаби он, ки дар вуҷуди инсон макр ва ҳилаю фитна ангехтан миёни халқ ниҳодаанд, кори девонро мекунад ва ба сабаби он, ки дар вай ақл ниҳодаанд, кори фариштагонро мекунад, чун дӯст доштани илм ва парҳез кардан аз корҳои бад ва салоҳ ҷустан миёни халқ ва айб доштан аз ҷаҳл ва нодонӣ. Ӯ мегӯяд: - Дили инсон ба монанди ойина равшан аст ва ин хулқҳои бад чун дуд ва торикиянд, ки чун ба дил расанд, онро торик месозанд, то роҳи ҳақро набинанд.

Ахлоқи накӯ бошад, монанди нурест, ки дилро равшан месозад ва онро аз гуноҳ пок мегардонад.

Дар тани одамӣ чанд ҳазор рагу пай ва устухон мавҷуд аст. Ҳар яки аз онҳо барои мақсади дигар ва ту бошӣ аз ҳамаи онҳо бехабар ҳастӣ, балки ҳамин қадар медонӣ, ки дасту пой барои гирифтану рафтан аст ва забон барои гуфтан, аммо он ки чашмро аз даҳ табақаи гуногун таркиб кардаанд, ки агар аз даҳ якеаш кам шавад, дар биноии чашм нуқсон пайдо мешавад, намедонӣ ва намедонӣ, ки ҳар кадоми он табақаҳо барои чист ва ба чӣ ваҷҳ дар дидани инсон ба он ҳоҷат аст ва инчунин намедонӣ, ки шуш, ҷигар, гурда, рӯда ва ғайри инҳо аз барои чист? Ҳамаи ин аъзои инсон ба қудрати илоҳӣ шабу рӯз беист дар хизмати инсон мебошанд ва ҳар яке ба кори махсусе машғул мебошанд ва ту бошӣ, дар хоби хуш ҳастӣ ва онҳо ҳеҷ дақиқа аз хизмати ту холӣ намемонанд ва ту на онҳоро бидонӣ ва на шукри онҳоро ба ҷой орӣ, ки ҳамаи инҳоро барои ту Худованд офаридааст [5,313].

Дар ҳақиқат, агар як инсоне, як рӯз писари худашро барои ёрӣ додан аз барои коре ба хонаи ту фиристонад, ҳамаи рӯз, балки ҳамаи умр ба шукр ва ёдоварии он машғул бошӣ. Пас чаро он Зоте, ки чандин ҳазор хидматгорро ба хидмати ту дар дарун ва берунӣ ту офаридааст, ки то охири умри ту як лаҳза ҳам аз хизмати ту намеосоянд, он Зотро ба хотир намеорӣ ва шукронаи ӯро намекунӣ?

Пас назар кардан дар тафсили офариниши тани одамӣ калиди маърифати сифатҳои Илоҳият аст. Тан чун маркаб аст, дил чун савор, мақсуди офариниши Худованд савор аст на маркаб, яъне на тани инсон. Мақсад аз ин гуфтаҳо доир ба худшиносӣ он аст, ки инсон бояд пеш аз ҳама хештанро шиносад, зеро ба ту ҳеҷ чиз наздиктар аз худи ту нест.

Худошиносӣ. Муҳаммад Ғаззолӣ мегӯяд: - «Бадани одамӣ, чун ойина аст, ки ҳар касе дар вай нигарад, Ҳақ таолоро мебинад» [5,88].

Бисёрии мардум дар худ менигаранд, лекин ҳақро намебинанд, чунки бо назари таҳқиқ назар намекунанд.

Он чизе, ки одамӣ ба он фаҳм пайдо мекунад, аз асли офариниши худ, он аст, ки бидонад, ки пеш аз ҳастии худ нутфае буд. - Қатраи оби гандае буд, ки дар вай на ақл буду на биноиву шунавоӣ, на дасту пою забону чашм, на рагу пайу устухону пӯсту гӯшт, балки оби сафеди якранг буд.

Инсон бояд фикр кунад, ки аҷоиботи зикршударо дар вуҷуди ӯ кӣ пайдо кард?

Инсоне, ки ба камол расидааст ба офаридани як сари мӯе қодир нест ва он вақте ки қатраи об буд, оҷизтар буд. Агар инсон дар ин гуфтаҳо ва далелҳои ошкоро назар кунад, ноилоҷ ва ба зарурат вайро аз ҳаст шудани зоти худ, ҳастии зоти Ҳақ таоло маълум мешавад.

Дар ин бора Муҳаммад Ғаззолӣ мисоли бисёр аҷибе овардааст: «Агар ақли ҳамаи олимон ва донишмандони оламро ҷамъ кунанд ва ба онҳо умри дароз диҳанд, ҳама андеша кунанд, то як узве аз ҷумлаи ин аъзоро тариқи дигар тадбир кунанд, то беҳтар аз ин ки Худованд офаридааст, наметавонанд [5,319], чунки ин беҳтарин тадбир аст. Мисол, сурати кори даҳонро гирем, Худованд сари дандонҳои пешро тез офаридааст, то таомро бибуранд ва дандонҳои қафоро паҳн офаридааст, то ин ки таомро майда кунанд. Забон бошад, дар бари онҳо чун ҷорӯби осиёббон таомро ба осиё меандозад, қуввате, ки Худованд дар зери забон офаридааст, чун хамир кардан дар вақти лозим ба таоми реза шуда об мерезад, то ин ки таом тар шавад ва ба гулӯ раваду дар гулӯ намонад».

Ҳамаи уқалои олам ҷамъ шаванд ҳеҷ сурате аз ин беҳтар ва бо камолтар андешида наметавонанд. Агар ангуштони дастро мисол биёрем, ба ҳамаи мо маълумаст, ки панҷ ангушти даст чаҳор аз як тараф ва нарангушт аз тарафи дигар, ки бо ҳар кадоми он ангуштон, ки хоҳад кор кунад ва ҳар ангуштеро се банди зоҳир офаридааст ва нарангуштро ду банди зоҳир, чунон мувофиқ сохтааст, ки агар инсон хоҳад қабза мекунад, агар хоҳад аз онҳо қошуқ ва кафлез месозад, агар хоҳад мушт карда ба ҷойи силоҳ кор мефармояд. Агар хоҳад, косаи обнӯшӣ ва корҳои дигарро низ тавассути ин ангуштони мувофиқ халқ кардашуда анҷом медиҳад.

Агар ҳамаи донишмандони олам хоҳанд, ки шакли дигаре беҳтар аз ин андешанд, натавонанд, чунки ин беҳтарин ва комилтарин шакл аст. Хулосаи калом ин, ки ҳар як аъзои инсонро хубтар дар вай андешаву фикр кунӣ санъати Худои таолоро ошкоро мебинӣ, ки ҳеҷ ҷойи шакку шубҳааш нест [5,501].

Пас ин гуфтаҳое, ки дар бораи шинохтани нафси худ гуфта шуд, калиди шинохтани Ҳақ таъоло мебошанд.

Маърифати Худованд, саодати абадии инсон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Қуръони карим.- Мадинаи мунаввара, 1991.
2. Сираи Расул. Аҳодиси набавӣ.- Теҳрон: Сруш.- 1991.
3. Имом Бухорӣ. Сират-ул-яқин.- Душанбе: Эл-Граф.- 2007.
4. Имом Муслим. Сират-ул-яқин.- Душанбе: Эл-Граф.- 2007.
5. Муҳаммад Ғаззолӣ.- Кимиёи саодат.- Теҳрон, 1988.
6. Эҳё-ул-улум.- Курдистон,1970.

САМОПОЗНАНИЕ И БЛАГОЧЕСТИЕ

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению задачи самопознания и благочестия с точки зрения священного Корана и преданий Пророка, а также во взглядах имама Газали.

Ключевые слова: самопознание, благочестие, Коран, Предания, Пророк, имам Газали.

SELF-KNOWLEDGE AND PIETY

In this article by the author are subjected to consideration and studying of a problem of self-knowledge and piety from the point of view of the sacred Koran and legends of the Prophet, and also in views of imam Gazali.

Key words: self-knowledge, piety, Koran, Legends, Prophet, imam Gazali.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Давлатходжа Шарипов*** –соискатель Академии образования Таджикистана

ЯК КОРНАМОИИ АБДУЛҒАНӢ МИРЗОЕВ ДАР ТАЪРИХИ ПАЙВАНДҲОИ АДАБИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ ЎЗБЕК

Савринисо Муҳаммадиева
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Академик Абдулғанӣ Мирзоев на танҳо ба сифати як донишманди бузурги таърихи адабиёти тоҷику форс, балки чун пажӯҳишгари заррабин ва ғаюру ҷасури пайвандҳои адабии халқҳои дуру наздик арзи ҳастӣ намудааст.

Донишмандони илми адабиётшиносӣ аз ҷумла дар сари чунин ақидае қарор гирифтаанд, ки пажӯҳиш ва баррасии таърихи адабиёт ҳамон замон пурра ва ҳамаҷониба омӯхта ва ба вуҷуд оварда мешавад, ки агар лаҳза ва лавҳаҳои ба адабиёти халқҳои дигар, пеш аз ҳама халқҳои ҳамзабон ва ҳамрӯҳ ҷонпайвандӣ дошта, ба назар гирифта ва омӯхта бишавад.

Дар раванди ҷустуҷӯ ва омӯзишу баррасии адабиёти халқҳои дигар ба вижагиҳои зерин бояд эътибор дод:

1. Дар адабиёти халқҳои дигари дуру наздик чи чизҳои ба адабиёти мо монанд (ҳамоҳанг ва ҳамранг, яъне дар шаклу мазмун) ба назар мерасанд.

2. Чӣ тозагӯиҳо (навгониҳо) мушоҳида мешаванд, ки дар адабиёти мо вуҷуд надоранд.

3. Ва ҳамзамон бояд дар назар гирифт, ки чи ҷавҳарҳои ноёби дар адабиёти мо вуҷуд дошта, дар адабиёти он халқҳо ба мушоҳида намерасанд.

4. Ва онҳо аз ин ҷавҳарҳои ноёби адабиёт ва фарҳанги мо чӣ тавр, яъне бо кадом тарзу восита истифода мебаранд. Аз нусхаи асл ва ё нусхаи тарҷума?

Устоди бузургвор Абдулғанӣ Мирзоев ба воситаи рисолаи ба сурат хурд (ҳамагӣ 78 саҳифа) ва ба маънӣ бузургаш: «Фонӣ ва Ҳофиз» [1], ба ин ҳама саволҳо ҷавоб гуфта бо ҳамин дар таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику ўзбек саҳми арзанда гузоштааст.

А. Мирзоев дар ин асар пеш аз ҳама сари нуқтаҳое истода мегузарад, ки чӣ хел Алишер Навоӣ бо тахаллуси «Фонӣ» ба ашъори пурарзиши Хоҷа Ҳофиз ҷавоб навиштааст. Мо аз рӯйи навиштаҳои А. Мирзоев аз он воқиф мешавем, ки дар девони Фонӣ (Девони Амир Низомиддин Алишер Навоӣ-Фонӣ, ба саъй ва эҳтимоми Рукниддин Ҳумоюн Фаррух, Теҳрон, соли 1342 шамсӣ) 242 ғазали Навоӣ ҷавобия ба ғазалҳои Ҳофиз аст ва ин нусхаи ҳанӯз комил набудааст. Инчунин ӯ таъкид месозад, ки дар нусхаи пурраи девони «Фонӣ», ки дар китобхонаи Париж нигоҳдорӣ мешавад, ғазалҳои ҷавобия зиёдтаранд. Дар ин рисола академик А. Мирзоев сабабҳои ба ғазалиёти Ҳофиз диққат додани Навоиро шарҳ дода, ҳамзамон таъкид месозад, ки ғазалҳои Ҳофиз мисли ғазалҳои тасаввуфӣ не, балки дар он ишқи воқеӣ ҳамчун муҳаббати байни инсонҳо буда, сухан дар бораи зеборухони воқеӣ, дилгармӣ ба раванди ҳаёт меравад. Ба воситаи ин гуфтаҳои А. Мирзоев мо аз он хабардор мешаваем, ки Ҳофиз ду равияи хоси ғазалсароӣ, яъне соф тасаввуфӣ ва ғайритасаввуфиро омехта дар эҷодиёти худ корбаст намудааст.

Адабиётшиноси ўзбек Ш. Шомуҳаммадов ҳам сари ин масъала истода бо эҳтиром ин меҳрномаи Навоиро қайд ва таъкид месозад: «Хуршеди назми ўзбек Алишер Навоӣ Ҳофизро сахт дӯст медошт ва ба санъати ғазалсароии ӯ баҳои баланд медод. Ғазалҳои ба забони форсӣ эҷод намудаи Навоӣ, ки «Девони Фонӣ»-ро ташкил медиҳад, ба фикри мо, 505 ғазалро фаро гирифтааст, ки аз он 250 ғазал бевосита дар пайравӣ (татаббӯи) ва тарзи ғазали Ҳофиз эҷод шудааст» [3, 5].

Ш. Шомуҳаммадов гузашта аз ин дар ҷойи дигари рисолааш боз аз хусуси меҳрварзии Навоӣ ба ғазалҳои Ҳофиз ва санъати ғазалсароии ӯ истода, ҳамзамон андешаи зерини Навоиро аз асараш («Муҳокамат-ул-луғатайн") меоварад:

«Яна Хоҷа Ҳофизнинг йўли билан форсий ғазаллар девони тузганменким, барча сўз усталари ва назмчилар назарида яхши ва маъқул деб топилган… ва Ҳофизни асрнинг ягонаси деб айтади» [3, 200-204].

(«Ва ман боз аз роҳи рӯҳи Хоҷа Ҳофиз рафта, девони ғазалҳоро ба форсӣ ба вуҷуд овардам, бисёре аз устодони сухан ва нозимон онро писандиданд ва ин девон дар назари эшон хуб тофт ва маъқул афтод… ва аз ин рӯ Ҳофизро ягонаи аср хонданд»).

Моҳи майи соли 1965 устод А. Мирзоев дар ҳамоиши илмии бахшида ба солонаи Алишер Навоӣ дар Тошканд баргузор гардида дар мавзӯи «Фонӣ ва Ҳофиз» суханронӣ

намуда, ба умдатарин нуқтаҳои рӯҳпайвандии осори Навоӣ ба ғазалҳои Ҳофиз, ҳамзамон нуқтаи назари олимони ӯзбек, аз ҷумла Ш. Шомуҳаммадов истода гузашт.

Инаш басо хотирмон ва сурурангез аст, ки устод А. Мирзоев дар ин суханронӣ нақшаву ниятҳои хешро нисбат ба пажӯҳишҳои баъдина (ояндааш) сари мавзӯи ҷонпайвандии ғазали Ҳофиз ва Навоӣ ба миён гузошта буд. «Ахбори ҳозираи мо – навиштааст А. Мирзоев, - нисбат ба мавзӯи «Фонӣ ва Ҳофиз», ки бояд дар ояндаи наздик таҳқиқоти васеъ қарор бигирад, як нав хусусияти муқаддимавӣ хоҳад дошт» [2,5].

Ва чи хеле, ки дар урфият мегӯянд, «аз нӯги хамир – фатир аст» рисолаи хурди ӯ бо номи Навоӣ ва Ҳофиз», ки дертар муқоисаи сӣ ғазали ҳамвазну ҳамқофияи Ҳофиз ва Навоӣ ба чоп расид ва дар байни аҳли илму адаб истиқбол ва гуфтугӯи ҷиддиро ба миён овард. Барои равшан шудани домони мушоҳида ва андешаҳои устод А. Мирзоев мо ин ҷо як ғазали Хоҷа Ҳофиз ва як ғазали дар пайравии он эҷод намудаи Навоиро меоварем.

Ғазали мавриди ҷавоб қароргирифтаи Хоҷа Ҳофиз:

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳе нав дарандозем.
Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем.
Шароби арғувониро гулоб андар қадаҳ резем,
Насими атргардонро шакар дар маҷмар андозем.
Чу дар даст аст рӯде хуш, бизан мутриб суруде хуш,
Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем.
Сабо, хоки вуҷуди мо бад-он олиҷаноб андоз,
Бувад, к-он шоҳи хубонро назар бар манзар андозем.
Сухандониву хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,
Биё, Ҳофиз, ки мо худро ба мулки дигар андозем.

Ғазали ҷавобияи Алишер Навоӣ:

Баҳорон гар ба гулшан тарҳи ҷому соғар андозем,
Биё, «ин сақф бишкофему тарҳе нав дарандозем».
Сипоҳе гар намояд ғам, ки созад вақти мо тира,
Ба як барқи шуои ҷом бунёдаш барандозем.
Зи раъноён дурангӣ то ба кай дидан дар ин бӯстон,
Яке мо ҳам шароби лаъл дар ҷоми зар андозем.
Биёроем бар тарфи гулистон базми шоҳона,
Зи мастӣ шӯру ғавғо дар равоқи ахзар андозем.
Ба рақс орем ҳар сӯ шоҳидони шӯхро, в-он гаҳ,
Ба дастон мутрибонро низ дар якдигар андозем.
Гаҳи мастӣ шаҳон гар по ниҳанд аз ҳадди худ берун,
Фаридунро сар андозему Ҷамро афсар андозем.
Бинеҳ зону, ки май нӯшем аз туркони яғмоӣ,
Тамошое аҷаб дар аҳли ин нӯҳ манзар андозем [1,13**].**

Аммо умр бевафоӣ карду нақшаю умедҳои устод дар боби пажӯҳиши ҷиддии масъалаи рӯҳпайвандии ғазалҳои Ҳофиз ва Навоӣ амалӣ нагардиду бо сухане барбод рафт ва дареғу сад дареғ, ки то кунун дар адабиётшиносии тоҷику ӯзбек масъалаи ба миён гузоштаи ӯ, яъне пажӯҳиши мавзӯи «Фонӣ ва Ҳофиз» мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Бо вуҷуди ин, аз суханронии А. Мирзоев дар Тошканд ва баъзе андешаҳои ӯ дар рисолаи «Фонӣ ва Ҳофиз» пайдост, ки ҳикмату санъати ғазалсароии Ҳофиз дар адабиёти ӯзбек жанри ғазалро устувор намудааст, ки намунаи рахшандаи он баҳрабардориҳои Навоӣ аз ғазалҳои Ҳофиз мебошад.

Баарзиштарин андешаи А. Мирзоев сари он нуқта қарор дорад, ки вай масъалаи зарурати пажӯҳиши васеи иртиботи осори Навоӣ ба ғазалҳои Ҳофизро ба миён гузошта, диққати пажӯҳишгарони тоҷик ва ӯзбекро сахт ба он кашидааст.

Ногуфта намонад, ки устод А. Мирзоев зимни мушоҳида ва андешаронӣ сари масъалаи ҳамбастагии шеъри Навоӣ ба ғазалҳои Ҳофиз баъзан ба саҳву хатоҳои ҷиддӣ роҳ додааст, ки онҳоро бо як «ҳисси дилсӯзӣ ба ҳақиқати таърих ва адабиёт, адабиётшиноси нисбатан ҷавон ва бо сухани устод Валӣ Самад «покизамаҳзу покизарӯҳ Аъзами Худодод» дар рисолаи басо арзишмандаш «Ҷойгоҳи ғазалиёти Ҳофизи

Шерозӣ…» [1,28-29] ислоҳ намудааст. Вай навиштааст: «Ба хулосаи устод А. Мирзоев, ки «Ғазалҳои дар татаббуъи Ҳофиз ба форсӣ офаридаи Навоӣ ғазалҳои ба куллӣ мустақил ва ашъори дараҷаи аввали адабиёти нимаи дуюми асри XV-и форсу тоҷик мубаддал гардонидаанд” [1,4] розӣ шудан номумкин!

Ҳеҷ гоҳ ғазалҳои дар пайравии шоири дигар, бавижа Хоҷа Ҳофизи лисонулғайб офаридашуда, «ба куллӣ мустақил ва ашъори дараҷаи якуми адабиёти форсу тоҷик буда наметавонад» [1,28].

Баъд аз ин А. Худодод ҳама тобиши андешаҳои устод А. Мирзоевро як ба як мавриди муҳокима қарор дода, сари онҳо хулосабарорӣ мекунад:

1. «Умуман, маънии тоза ва тасвири латифи бадеъ дар ин ду ғазали ҷавобияи Навоӣ то дараҷае зиёд ва моҳирона оварда шудаанд, ки онҳоро ба ғазалҳои ба куллӣ мустақил ва ашъори дараҷаи якуми (адабиёти нимаи дуюми асри XV-и форсу тоҷик мубаддал гардонидаанд» [4,29].

2. «…Устодии Навоӣ ва маҳорати баланди дар назми форсӣ-тоҷикӣ нишондодаи ӯро зиёду кам дар ҳар ғазали ҷавобия ва ғайриҷавобияи ӯ ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст. 30 ғазали ҷавобияи Навоӣ ва 30 ғазали мавриди ҷавоб қарор гирифтаи Хоҷа Ҳофиз дар ин бора беҳтарин тарҷумон хоҳад буд» [4, 29]

3. «… Навоӣ на фақат ҳамчун як нафар намояндаи бузурги адаб, ҳимоякунандаи аҳли адабиёт ва санъат ва заминаҳозиркунандаи тавоно барои тараққии илм-адабиёт ва санъати мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрони нимаи дувуми асри XV, балки баъд аз Абдурраҳмони Ҷомӣ, ҳамчун яке аз беҳтарин ғазалсароёни асри XV-и форс-тоҷик низ ба таърихи адабиёти мо дохил хоҳад шуд» [1, 14].

Ин хулосаи устод Абдулғанӣ Мирзоев ғайривоқеӣ буда, ба таври сунъӣ аз Навоӣ бузурги аср сохта, ӯро аз ҳамаи шоирони нимаи дуюми асри XV-и тоҷик ва ҳама шоирони Вароруду Хуросон ва ҳатто Эрон болову баланд гузоштааст.

А. Худодод аз ин идеализатсияи Навоӣ сахт андӯҳгин шуда бо ҳасрати пурсӯз ба арвоҳи устоди зиндаёд – А. Мирзоев чунин ҷавоб гуфтааст: «Мо ихлосмандони хирмани дониш ва ҷасорати миллии Абдулғанӣ Мирзоев аз ин устоди зиндаёд чунин хулосаҳои ботилро чашмдор набудем» [4, 29].Ин ҳама пасту баландиҳои ҷонпайвандии Навоӣ ба ғазали Ҳофиз ва рӯҳи Ҳофиз гувоҳ ба он аст, ки таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек пахлӯҳои гуногун дорад ва баинсофона онро омӯхтан ва ба он дар раванди адабӣ баҳои баинсофона додан бурди адабиёт ва фарҳанги ин ду халқи ҳамсоя хоҳад шуд. Ва инаш басо хотирмон аст, ки дар ин роҳ устод Абдулғанӣ Мирзоев нахустин гом бардошт ва ин гоми ӯ барои дигарон ва бозомадагон (бо вуҷуди ин ҳама нуқсҳояш) дастури раҳнамоест дар пажӯҳиши мавзӯи мазкур!

Дар охир боз як нуқтаро ба вижа қайд намудан мехоҳем. Адабиётшиноси камназир ва шогирди бовафои мактаби адабиётшиносии А. Мирзоев зиндаёд Амрияздон Алимардонов дар мақолаи басо арзишманди хеш: «Саҳми академик А. Мирзоев дар омӯхтани робитаҳои адабӣ» [5,253-261], ба асарҳои илмии А. Мирзоев назар андохта, ҷустуҷӯҳои илмӣ ва андешаҳои нодири устодашро мавриди баррасӣ қарор дода, аммо сари масъалаи асари «Фонӣ ва Ҳофиз» хусусан ба масъалаи пайванди эҷодии Навоӣ ба ғазали Ҳофиз умуман чизе нагуфта мегузарад. Бо сабабҳои барои мо норавшан ӯ доир ба саҳми А. Мирзоев дар пажӯҳиши мавзӯи Ҳофиз ва Навоӣ эътибор надодааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзоев.А. Фонӣ ва Ҳофиз: 30 ғазали ҷавобияи Навоӣ ва 30 ғазали мавриди ҷавоб қарор гирифтаи Хоҷа Ҳофиз. – Д., Ирфон, 1966.
2. Навоий А. Мажолис-ун-нафоис (Муҳокимат-ул-луғатайн).- Ташкент: ӯздавнашр, 1948 (264 саҳифа).
3. Шомуҳаммадов Ш. Ҳофиз Шерозий (Ҳаёти ва нажодӣ). –Тошкент: Фан, 1965 (ҳамагӣ 91 саҳифа).
4. Худододов.А. Ҷойгоҳи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дар таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек (Асрҳои XIV-XIX).-Душанбе: Адиб, 2012
5. Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. -Душанбе:Дониш, 2008, с. 253-261.

ОБ ОДНОМ НАУЧНОМ ОТКРЫТИИ АКАДЕМИКА АБДУЛГАНИ МИРЗОЕВА В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКО-УЗБЕКСКОЙ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

Настоящая статья посвящена творчеству академика А. Мирзоева, широко известного учёного в области истории таджикско-персидской литературы, внесенего большой вклад в исследование литературных связей разных народов. Научная работа А. Мирзоева «Фани и Хафиз», в в которой рассматривается тесная связь

классиков таджикской и узбекской поэзии, ответил на многие актуальные вопросы, стоящие перед историей литературы.

Ключевые слова: Абдулгани Мирзоев, Хафиз и Навои, исследование, литературные связи таджикского и узбекских народов, газели, персидско-таджикская литература второй половины XV-века.

ABOUT SCIENTIFIC INVESTIGATION OF ACADEMICIAN ABDULGANI MIRZOEV IN THE FIELD OF HISTORY OF TAJIK-UZBEK LITERATURY RELATIONS

This article is devoted to the creation of a famous academician A. Mirzoev well-known scientist in the field of history of Tajik-Persian literature who made his contribution in Tajik-Persian literature relations of different nations. A. Mirzoev's scientific work «Fani and Hafiz» related with classics of Tajik and Uzbek poetry. The author answered many important problems faced history of literature.

Key words: Abdulgani Mirzoev, Khafiz and Navoi, contribution, the literary context of the Tajik and Uzbek peoples, gazelle, Tajik literature of the second half of the 15th-century.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Савринисо Мухаммадиева*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

“ВИС И РОМИН” ГЛАЗАМИ МЫСЛИТЕЛЕЙ РАЗНЫХ ЭПОХ И ВРЕМЕН

Н.Ёралиева
Таджикский национальный университет

В предисловии к поэме Вис и Ромин Гургани излагает историю её создания; однажды ему, придворному сельджукского султана Тогрул-Бека, предложили написать стихотворное произведение на тему древней повести о любви Вис и Ромина. И он написал поэму, которая быстро получила известность и распространилась даже в отдалённых от Исфагана областях (Индии, Закавказье). Но странной оказалась дальнейшая судьба романа. Вскоре он попадает в “черный список” запрещённых книг у себя на родине. Почти полностью исчезли древние рукописи “Вис и Ромина” Даже имя автора было предано забвению. Многим Вис казалась опозоренной, а поэма – безнравственной, в течение долгого времени. Убайд Зокони (XIVв) – сатирик-сквернослов, нисколько не смущаясь, совершенно серьёзно дает такой совет: “От женщины, которая прочла сказание “Вис и Ромин”, и от мужчины, который прибегает к вину и бангу, не ждите целомудрия и неиспорченности”[*1].

Удивительные попытки осмыслить эту поэму как сатиру на порочные нравы дворца принадлежат иранистам Е.Э.Бертельсу и в особенности И.С.Брагинскому [*2]. Однако более вероятным кажется замечание В.М.Жермунского о том, что в “Вис и Ромине” воплощен “типичный конфликт эпохи-столкновение индивидуальной любви которая в феодальном обществе основывалась не на личном чувстве, а на семейно- политических интересах” [*3]. Г.И.Имедашвили высказал аналогичне мнение еще раньше, а следом за ним- Д.И.Кобидз [*4].

Очень характерны в этом отношении слова великого современного персидского поэта Маликушшуаро Бахора, которые приводит известный иранист Ю.Н. Марр в статье “Тегеранские литературные впечатления ”Поэма эта слишком безнравственна…. распространению и известности этого романа препятствовала его безнравственность. Например, Вис выдают замуж за родного брата, а Ромин позволяет себе вольности по отношению к кормилице своей возлюбленной, низкая и презренная роль Моабада -всё это, а особенно то обстоятельство, что царь представлен в высмеянном виде, послужило поводом к тому, что правители вывели эту вещь из употребления, несмотря на то, что она гораздо более сюжетна и имеет более сложную интригу, чем “Лейли и Меджнун”[*5]. Почти аналогичную оценку дают многие западноевропейские востоковеды. Свое отрицательное отношение к поэме они объясняют отсутствием в ней хотя бы одного положительного персонажа (царь Моабад–рогоносец; Ромин- неверный и трусливый; кормилица- сводня; царевна Вис лжива и блудлива; брат Моабад – единственное порядочное лицо и т.д,и т,п). Приводятся также примеры художественной неполноценности произведения (бесконечные монологи, растянутость действия).

В самом деле “Вис и Ромин“– зеркало своей эпохи с поразительным для того времени реализмом отразившем наиболее сложное чувство –это любовь. Этому роману не чуждо ничто человеческое, поэтому –то и превращается в бродягу блестящий царь Моабад,

бросившись вслед за любимой, но недоступной женой Вис. Любовь отняла волю и силу, опозорила знатного рыцаря Ромина, заставила потерять стыд красавицу Вис. Но она же породила в них решительность, отвагу – все средства для достижения цели. Сам Горгани предупреждает читателя:" Эй разумный человек! Что может быть несправедливее того, что постигает влюбленного от любви, Лучше, чтобы каждый пожалел влюбленного, ибо неугасимый огонь горит в сердце его." И несмотря на это, "кто не влюблен, тот не человек!"

Академик И.А.Орбели в статье, которая была предпослана первым русским переводам отрывков из древнегрузинского романа " Висрамиани" и персидской поэмы «Вис и Ромин» и подметил одну характерную особенность этого произведения: Гургани смотрел на жизнь и на возвышающиеся над городом башни замка с городской площади, люди которой приветствуя проезжающих на парадных конях витязей, не имели оснований идеализировать их в своем представлении и не имели оснований рассчитывать на возможность устранения их недостатков и пороков путём создания идеализованных образов, способных жить лишь в мечтах одного из лучших мыслителей феодальной эпохи" [*6.]

И.А.Орбели никогда не пишет, что Гургани намеренно принижал своих героев, предавая им сатирическую окраску, а наоборот назвал поэму Гургани "замечательным романом, который несомненно связан со средневековым западноевропейским романом " Тристан и Изольда."

Точно подметил иранист К.И.Чайкин: "В прозаическом Тристане, обманы, плутни и жестокости героев не уступают, а пожалуй превосходят аналогичные поступки героев "Вис и Ромин"[*7].

Но разве кто-нибудь пытался воспринять "Тристана и Изольду" как безнравственную повесть?

А разве так уж откровенны любовные сцены в поэме Гургани, и во многом отличаются от них аналогичные сцены в произведениях других писателей Востока? Просто Гургани почти не идеализирует своих героев, а с болью в сердце повествует их горестную историю, проявляя при этом поразительно тонкое психологическое чутьё и такт [*8].

В жестокую пору мусульманской реакции в Иране исчезли рукописи "Вис о Ромин "Лишь в XIX веке в Индии была обнаружена первая рукопись «Вис и Ромин» позднейшего происхождения, которая легла в основу калькуттского издания (1864 г.). Вслед за этим были найдены еще три- четыре рукописи, датируемые XVII-XVIII вв., в результате критического изучения которых были осуществлены еще два издания персидского текста (1935-1959 гг.). Поэма "Вис и Ромин" Гургани по своему содержанию, похождению героев, несхожеству с каноническими повествованиями средневековых поэм, также близостью с этикой доисламской культуры Ирана остается неповторимым произведением средневекового Востока.

Появление этой поэмы является свидетельством зарождения новой эпохи, а именно эпохи романтизма, которая свидетельствует о законе эпохи героических поэм иранского национального эпоса "Шахнаме". Особенности формы, содержания и стиля данной поэмы наблюдаются в любовно-романтических особенностях поэм средневековой литературы. В Иране как бы заново открыли произведение Гургани, увеличился интерес к нему, изменилось мнение о нем.

И лишь в одной стране, благодаря самому раннему переводу**,** сохранилась повесть о Вис и Ромине в своем почти первозданном, древнейшем виде Гургани было воспринято в своем истинном, светском характере. Страной этой была Грузия, а древнегрузинский перевод**,** по традиции приписываемой Саргису Тмогвели, был создан приблизительно лет через сто после появления персидского оригинала. Блестящий язык, стиль, поэтические образы, художественная орнаментовка придали грузинской версии "Висрамиани" яркий национальный характер Он с полным основанием встал в один ряд с самыми значительными оригинальными древнегрузинскими памятниками.

По словам знатока персидского и грузинского текстов, академик Н.Я. Марра, "верный тому, что рассказано или художественно изображено на персидском языке, грузин-автор в своей точной передаче точно соблюдал особенности грузинской речи, грузинские образы и культурные представления" [*9].

Н.Я.Марр не случайно употребил слово "автор" так как в другом месте он называет его "автор-переводчик". Грузинская версия "Висрамиани" насколько конгениальный художественный перевод, что с самого возникновения она была воспринята как оригинальное истинно национальное произведение. Следы близкого знакомства с "Висрамиани" мы находим в большинстве памятников древнегрузинской классической

литературы (в произведениях Руставели, Шавтели, Чахрухадзе, в исторической хронике (”Картлисцховреба“), причем всюду Вис и Ромин упоминаются как примерные влюблённые, без какой - либо отрицательной окраски*. В поэме “Витязь в тигровой шкуре трижды встречаются имена героев “Висрамиани”:

По образу и подобию писем к Ромину составляются любовные письмовники. В XVII в. поэт Арчил (1646-1713) дважды принимался за переложение в стихи прозаической версии. Следует отметить, что Арчил был ярым противникам персидской тенденции в грузинской литературе, однако Вис он защищает от возможных упреков. Даже при подготовке первого издания грузинского текста (1884 г.), подготовленного такими знатоками древнегрузинской литературы, как И.Чавчавадзе, П.Умикашвили и А.Сараджишвили, возник спор – оригинальное ли это произведение или имеет за собой персидский источник (хотя ровно за двадцать лет до этого был опубликован персидский текст).

Спор о характере грузинской версии продолжается по сей день (новые работы А.Г. Барамидзе, Д.И. Кобидзе идр.). Несомненно лишь одно – “Висрамиани” имеет важное самостоятельное значение как для истории грузинской литературы, так и для изучения персидского памятника. По грузинскому тексту можно возобновить многие лакуны подлинника и можно отбирать древнейшие и наиболее достоверные варианты разночтений персидских рукописей[10*]. Не случайно, что когда с первого грузинского издания О.Уордропом* был выполнен английский перевод, издатель персидского текста “Вис и Ромин” М.Минови, ознакомившись с ним, отметил , что “этот английский перевод, оказался весьма полезным для установления и исправления текста“ [*11].

В ряде случаев в грузинской версии сохранились такие варианты, которых нет в дошедших до нас персидских рукописях. Возможно они принадлежат автору грузинского перевода, возможно восходят к той древней рукописи, с которой был сделан перевод.

Грузинской версии “Висрамиани” повезло с переводами. Наряду с упомянутым английским переводом существует немецкий сокращённый перевод[*11.]В 1936—1937 гг. Борис Тихонович Руденко на договорных началах с Институтом востоковедения АН СССР работал над переводом с древнегрузинского грузинской версии поэмы «Вис и Ромин» (Висрамиани). В 1938 г был опубликован эксцерптный перевод ленинградского грузиноведа Б.Т.Руденко[12]. а в 1949 г увидел свет полный русский перевод «Висрамиани» выполненный Соломоном Иорданишвили [13]. На французский язык поэма Гургани была переведена только в 1939 г. [14] русский же ее перевод был издан в 1963 г. [15].

Другой грузинский исследователь С.Иорданишвили в предисловии к переводу поэмы “Вис и Ромин” Фахриддина Гургани с грузинского языка на русский в 1949 году, впервые даёт объективную оценку данного произведения. Он отмечает, что “Гургани не ставил перед собой задачи воспитания своих современников посредством идеальных образов поэмы, он изобразил реальную картину феодальной атмосферы своего времени со всеми её недостатками. ”Хотя многие ученые не признавали нравственно-эстетическую ценность ”Вис и Ромина” в том числе В.Ф.Минорский рассматривает источники ”Вис и Ромина” и доказывает парфянское происхождение ее сюжета, но в этой работе исследователя не рассмотрено мастерство поэта и эстетическое значение произведения. Перевод С. Иорданишвили был вторично переиздан в 1960 г. Теперь он выходит уже в третий раз. И это не случайно. О научном значении и художественной ценности данного памятника древнегрузинской классической литературы говорилось выше. С.Иорданишвили с честью выполнил свою трудную задачу. Кое- где он даже исправлял текст второго издания (1938 г), с которого был сделан перевод.

В свое время И.А.Орбели писал: перевод Б.Руденко дан в эксцерптах потому, что сделан он с первого грузинского издания, текстологическую несостоятельность которого выявил ещё Н.Марр. Перевод С Иорданишвили, как было отмечено, выполнен со второго издания и выполнен отлично, хотя при повторном подробном сличении грузинской версии с русским переводом выявились некоторые неточности (напр. Слова Вис приписываются Ромину).

Но суть не в этом: -подчеркивает А.Гвахария. Главное то, что после установления целого рядя новых чтений в последних изданиях ”Висрамиани” (1969 г. и 1964 г) желательно заново отредактировать русский перевод. Это по его мнению, дело будущего. В переводе изданном в 1949 русский текст “Висрамиани” остаётся в том виде, как его отредактировал акад. К.Кекелидзе.

В четвертой персидской публикации произведения участвовала АН Грузии с предисловиями Г.Цеетели, М.Тодео, А.Гвахарии. “Висрамиани“- один из небольшого числа

литературных памятников, дошедших до нас от эпохи Руставели. Благодаря же прекрасному переводу глубоко эрудированного исследователя и писателя С.Г.Иорданишвили (1898-1953) с “Висрамиани” познакомились миллионы русских читателей. Русский перевод “Висрамиани“ приобрёл как научную, так и художественную ценность. Перевод С.Г.Иорданишвили с грузинского академического издания “Висрамиани“, выпушенный в 1938г. является итогом большой работы грузинских учёных по критическому изучению и установлению по рукописям XVII-XVIII веков канонического текста. Другой грузинский ученый М.Т.Мамадашвили участвовал в исследовании поэмы “Лейли и Меджнун” Низами Ганджеви. Недаром Е.Э. Бертельс проводит параллель между Мубадом Гургани и образом Маелая из оперетты Офенбаха. (Бертельс,1960.284). Арберри,1937 Arbery.A.J. catalogue of the library of the India office.vol.2.London.1937

Даже поэт османской Турции-Ламе, написавший в XVI веке в подражание “Вис и Ромина” Гургани свою одноименную поэму, не был знаком с поэмой Горгани и его одноимённое произведение не имеет ничего общего с поэмой Горгани. В 1850 немецкий востоковед А.Шпренгер в Индии впервые открыл поэму “Вис и Ромин” Гургани, которая 1864-1865 годах была издана в Калькутте стараниями английского востоковеда Нассау-Лис.

Другой востоковед К.Граф наряду с показом ошибок издания Калькутты, в одной статье сообщил о существовании более совершенного экземпляра “Вис и Ромин” и послал свои размышления К.Г.Залеману, который собирался издать данную поэму, но, к сожалению, не достиг своего намерения.

Одним из самых первых исследований этой поэмы в Европе является работа Г.Ёте «Беседа о Тристане и персидской эпике «Вис и Ромин». Она написана в 1872 году и в ней он сравнивает произведения Гургани с произведением немецкого поэта Р. Ценкера о Тристане и Изольде», и приходит к выводу о том что они обладают общими корнями, но этот вывод не был поддержан другими востоковедами.

Русский востоковед И.С.Брагинский в своём произведении” Очерки из истории литературы таджиков“ сделал анализ и подвёл итог работ таких различных учёных как Г.Р. Штикельберг, А.Кристенсен В.Ф. Минорский, С.С . Иорданишвили, И.А.Орбели, Б. Гафуров и другие, и высказал по данному поводу интересные мысли (Брагинский. Очерк. стр. 181-183). В частности, И.С. Брагинский считает выводы Т.Нельдеке, И. Пицци, Р. Штикельберга неправильными, так как в них не признаётся нравственно – эстетическая ценность «Вис и Ромина». В этих работах говорится о том, что в этом произведении «развиваются опьянённые выяснения отношений между мужем и женой, продолжаюшиеся неделями» и поэма считается лишённой нравственно – эстетического и исторического значения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. У.Закани. Веселая книга, перевод Н.Кондыревой, М.,1965.стр.61.
2. Е.Э.Бертельс. История персидско- таджикской литературы,1960.стр.61.
3. И.С.Брагинский. ”О самой безнравственной” поэме и её смысле, Предисловие к “Вис и Ромин”,1963,стр.4-6.
4. Ю.Н.Марр. “Тегеранские литературные впечатления” Статьи и сообщения, 11, 1939 стр. 259 .
5. И.А. Орбели. Вопросы истории,1965 №6, стр.104.
6. Архив востоковедов ЛОИНА, Фонд К.И. Чайкина, №103.
7. .(“Висрамиани”, А.А.Гвахария и М.А.Тодуа,1964,VIII).
8. Н.Марр. Из грузино -персидских литературных связей. Записки коллеги востоковедов,1,1925.
9. Древнегрузинская классическая литература. Витязь в тигровой шкуре стр.183, 1080,1543.
10. Словарь. А.А.Гвахария и М.А.Тодуа,1962.стр. 495-612.
11. Visramiani. Translated from the Georgian version by Oliver Wardrop London 1914.
12. VisandRamin, M.Minovi.., Tehran,1935.
13. .” Вис и Ромин”, М.- Л.,1938.
14. Висрамиани. Перевод с древнегрузинского, предисловие и комментарии с Иорданишвили,1949.
15. LeRoman Vis etRamin, traduit par Henri Masse. Paris, 1959.
16. Вис и Ромин. Перевод С.Липкина, 1963.

“ВИС И РОМИН” ГЛАЗАМИ МЫСЛИТЕЛЕЙ РАЗНЫХ ЭПОХ И ВРЕМЕН

В данной статье приводятся точки зрения великих мыслителей, писателей и переводчиков разных эпох и времен о нравственных особенностях поэмы XI века «Вис и Рамин» Фахр-ад-дина Гургани.

Ключевые слова: ученый, эпоха, особенность, черта, переводчик, век, доисламский, моральный.

SCHOLARS OF DIFFERENT EPOCH ABOUT "VIS O RAMIN"

In this article are considered points of view of great scholars, scientists, writers and translators of different epoch and times about the moral features of XI century poem Fakhr-ad-din Gorgany «Vis o Ramin».

Key words: scholar, epoch, peculiarity, consider, different, feature, translator, century, preislamic, morality.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Н.Ёралиева*** - соискатель Таджикского национального университета

МУЛОҲИЗАИ ҲАДИСИ НАБАВӢ ДАР «АС-САБЪИЙН ДАР ФАЗИЛАТҲОИ АМИРУЛМУЪМИНИН»-И МИРСАЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

К. Қодиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ҷамъоварии ҳадиси шариф хидмати бузург кардааст. Дар «Ал-мавдат фи-л-қурбо ва аҳл-ул-аъбо» Мирсайид Алии Ҳамадонӣ муҳаббати худро нисбати чаҳордаҳ маъсум баён намуда, ба зикри муҳаббати ҳамаи аимаи асноашара пардохтааст. Дар рисола 35 ҳадис дар байни фазоили Ҳазрати Расул (с), 35 ҳадис дар байни фазоили аҳли байти Расул (с), 19 ҳадис дар баёни фазоили Амирулмуъминин Ҳазрати Алӣ (а), 12 ҳадис дар зикри аҳамияти маваддати Ҳазрати Алӣ (а) ва дар фазоили сайидаи олам 19 ҳадис аз Расул (с) нақл гардидааст. Дар муқаддимаи рисола Мирсайид Алии Ҳамадонӣ навиштааст, ки ин аҳодисро аз «Китоб-фирдавс-ул-ахбор» [4] асари Абдулҳомид Шеруяи Ҳамадонӣ хулоса кардааст. Дар «Равзат-ул-фирдавс» аз ин маҷмӯа 500 ҳадиси Расул (с) интихоб гардида ва муаллиф дар муқаддима фармудааст, ки мақсад аз талхиси аҳодис он аст, ки мардум аҳкоми Худо ва Расул (с)-ро бихонанд ва бидонанд.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «ас-Сабъийн» дар фазилатҳои Амирулмуъминин» ҳафтод ҳадис ҷамъ овардааст, ки ба шуҳрату фазилатҳои Муртазо Алӣ ибни Абутолиб каррамаллоҳу ваҷҳаҳу бахшида шудааст. Ӯ дар оғози рисола навиштааст: «Ҳамду санои офаридгор онеро, ки корнамоии шоёни таҳсини Ҳазратро ба василае, ки дар осмони саодат боло гузошт ва байраҳи шарафро нисбати Ҳазрати тавоно боло барафрошт. Оне, ки нисбати Мустафо фазилате ихтиёр кард ва онро баланд бардошт ва тавассути он ба дараҷаи олитарини покӣ бардошта шуд ва дар шараф аз чашмаҳои саршори каромат ва бо нӯшокии софтарину қадаҳи вафо мушарраф гардонида шуд… [3,178].

Ҳадисҳои «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин», мисли ҳадиси «иннамал аъмолу бинниётӣ» саҳеҳ ва машҳур буда, ҳадисҳое мебошанд, ки ҳамаи ровиёнаш ашхоси муътабару маъруфанд. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ яке уламои исломиест, ки аҳодиси набавиро ҷамъ оварда, тарҷумаи ҳоли ровиёнро зикр кардааст.

Аҳодиси набавӣ дар «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» истилоҳи махсус дорад. Ҳадисе, ки бо ибораи «қола Расулуллоҳ» (яъне Расулуллоҳ (с) чунин гуфт) ривоят мешавад, қавли набӣ аст. «Ҳар ҳадисе, ки ба унвони «Расулуллоҳ (с) чунин кард» ва ё «Расулуллоҳ (с)-ро чунин дидам» ривоят карда мешавад, феъли набӣ мебошад. Набӣ аз решаи набаъ (хабар) буда, барои он Паёмбар (с)-ро набӣ мегӯянд, ки ӯ аз ҷониби Худои таоло хабару пайғом медиҳад, яъне ахбори шариати илоҳиро ба бандагон мерасонад. Дар истилоҳ набӣ шахсест, ки Худои таъоло ба ӯ ваҳӣ мефиристад, то ӯ ба шариати Паёмбари пешин амал намояд. Гоҳе ба набӣ дар воқеаи муайяне ваҳйи хосе нозил мегардад, бинобар ин барои ҳамаи анбиё дар кору кирдор ва амру даъвати мусалмонон ваҳйи махсус меояд.

Расул ба маънои ирсол ва фиристодан аст, яъне шахсе, ки бо рисолате (паёме) ба сӯйи гурӯҳе фиристода мешавад ва аз ҳамин ҷиҳат паёмбаронро расул мегӯянд, зеро онҳо аз ҷониби Худои таъоло бо рисолат ва паёми илоҳӣ фиристода ва маъмур мегарданд, то паёми мазкурро ба мардум бирасонанд. Дар истилоҳ расул шахсест, ки офаридгор ӯро ба ваҳйи шаръӣ огоҳ намуда, ба ҷониби қавму гурӯҳе, ки дар онҳо бимдиҳандае наомадааст, мефиристад.

Дар «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» маънои ҳадиси шариф мулоҳиза ёфтааст, ки барои инсон муфидтарин қоида ва мукаммалтарин муомилот аст. Ҳар инсоне, ки «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин»-ро мутолиа намояд, чун каломи ҳазрати Пайғамбар (с)-ро мулоҳиза менамояд. Дар ин калом ҳар он чизе, ки

барои саодати дунё ва охират лозим аст, дарҷ гардидааст ва инсон беихтиёр мегӯяд: «Ва мо янтиқу анилҳаво инҳува илло ваҳюн юҳо» (яъне сухан намегӯяд аз рӯи ҳавову ҳавас, балки аз рӯйи ваҳӣ аст, ки бар ӯ нозил мегардад) [3]. «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин»-и Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, ки дар ҳайсияти Пайғамбар (с) аст, ба ҳар табиате муносиб, ба ҳар ақле мувофиқ, ба ҳар аср ва ба иқтизои ҳар замон мутобиқ аст.

Рисолаи «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» як даромадгоҳе ба илми ҳадис пайдо намудан ва ба тадриҷ аз авомир ва таълимоти Паёмбари Худо (с) бохабар шудан ва онро чун бузургони солеҳи уммати ислом дар ҳаёту зиндагӣ татбиқ намудан, то дар рӯзи қиёмат ба шафоати он ҳазрат сазовор гардида бар лаби Ҳавзи Кавсари ӯ ҳамроҳи муъминони парҳезгор ва бо амал гирд омада аз шаҳдоби он сероб шудан аст.

Дар ҳадиси саҳеҳ омадааст: «Шод бигардонад Худованд шахсеро, ки аз мо чизе шунида ҳифз намудааст, то онро ба дигарон бирасонад, чӣ бисёр аст, ашхосе, ки аз мо шунида ва онро ба шахси худотарс мерасонад ва ҳамчунин бисёранд афроди шунавандае, ки олим ва огоҳ нестанд» [5,15]. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баҳри иҷрои ин фазилат рисолаи «ас-Сабъйин дар фазилатҳои Амирулмуъминин»-ро навиштааст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» овардааст, ки дар ҳар ҳадис аввал Пайғамбар (с) ва баъд ҳадисе аз Алӣ бини Абутолиб шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Ӯ навиштааст:

«Вақте дар бораи Расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ривоят шуд, ӯ гуфт: «Ҳангоми ибодат Алиро зикр кун. Қалбам аз (ин) башорат (хабари нек)-и ӯ шод гардид ва ин ишорааш маро водор сохт, то ҳафтод ҳадис гирд оварам, ки (онҳо) ба фазилатҳову шуҳратҳои ӯ (Алӣ) ва фазилатҳои аҳли байт (аҳли хонаводаи Пайғамбар (с) бахшида шудаанд. Ва ман бар ҳар як ҳадис латифае аз латифаҳое, ки онҳоро ғаввосон (обдонон) аз қаъри баҳри илмаш баровардаанд ва онҳо ҷилоҳои нурҳои ҳикматаш, ки муҳаққиқон аз мушкилоти вилояташ иқтибос кардаанд. Ва ман онро «Китоб-ус-сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» ном ниҳода, ба яқини он аз офаридгор шаҳодат металабам, зеро ӯ хайри муваффақ ва муайян аст» [3,178-79].

Ҳадафи хоси Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ҷамъ овардани аҳодис аз ҷалби бандагон ба суннати набавӣ ва мақоми он дар ошноӣ пайдо намудан ва ба роҳҳои расидани суннат то замони ӯ ва заҳмати ӯ дар ин соҳа огоҳ кардан аст. Ҳар ҳадис, ки оварда мешавад, мазмуну маънои аҳодисро татбиқ намудан аст, ки дар иртибот бо Пайғамбар (с) бандагон ба муқтазои он амал намоянд.

«ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» исбот ва муайян намудани аҳкоми дини ислом, монанди «Қуръон» аст, зеро «Қуръон» ва суннат ду масдаре аз масодири ташриъ ба шумор мераванд, бо ин фарқият, ки суннат (ҳадис) баёнгари маонии «Қуръони карим» мебошад: «Худованд мефармояд: «Ва бар ту (эй Муҳаммад), «Қуръон»-ро (ки ҷомиъ ва комилтарин, китоби Илоҳист) нозил кардем, то он чӣ бар уммат фиристодашуда баён кунӣ, бошад, ки эшон ақл ва тадаббур намоянд» [5,13].

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ яке аз он муҳаддисине аст, ки ҳадиси Пайғамбар (с)-ро тавассути «Ас-сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» ба халқ омӯзонидааст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ бо тарғиби илми ҳадис миёни халқ муътабару мақбул гардид. Аз ин сабаб дар Эрон ва Ҳинду Покистон рағбати халқ ба ҳифзи ҳадиси шариф зиёд шуд.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баҳри ҷилоҳои пурҳикмати ҳадисҳо, фаҳми мушкилотҳои онҳо ҳақиқати ҳадисро бо санад собит мегардонад ва дар робита ба нигоҳдории ҳадис таълифоти зиёде оварда ва ба асонид ва матнҳо аҳамият медиҳад. Яке аз донишмандони ҳадис Абдуллоҳ ибни Муборак (р) мегӯяд: Иснод (санад) аз дин маҳсуб мегардад ва агар иснод намебуд, ҳар касе ҳар чи ки мехост, мегуфт» [5,17].

Ҳадисҳои «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» ҳадисҳои саҳеҳанд, зеро санадаш ба нақли шахси одил ва мусалмони оқил, ки нишонаҳои фисқу фуҷур дар ӯ нест ва зобит, яъне дар ҳифз ва китобати ҳадис устувор аст, баён ёфтаанд. Дар ҳар як ҳадиси «Ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» тарҷумаи ҳоли ровӣ, шарҳи ҳадис пайваста бозгӯӣ ёфтаанд. Масалан, ҳадисе аз Саҳл ибни Саъд разияллоҳу анҳу чунин оварда шудааст: «Саҳл ибни Саъд разияллоҳу анҳу, аз падараш гуфт: Расулуллоҳ (с) гуфт: Пагоҳ рӯзи Хайбар байрақро марде хоҳад бурд, ки ӯ Аллоҳ ва Расули ӯро дӯст медорад» [3,180]. Ровии ҳадис Саҳл ибни Саъд аст. Маънои ҳадис ва дастуроти он чунин аст, ки кас аз дунёи хеш танҳо ҳамонеро доро мебошад, ки бо он маконашро (хонаашро) таъмин намудааст.

Ҳадиси дигарро дар «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» Абдуллоҳ ибни Зубайр разияллоҳу анҳу гуфтааст: «Абдуллоҳ ибни Зубайр разияллоҳу анҳу гуфт: «Расулуллоҳ (с) гуфт: Аҳли байтам мисли ман мешаванд» [3,192]. Ровии ҳадис Абдуллоҳ ибни Зубайр ибни Авом (622-692 м.) аст. Маъно ва дастуроти ҳадис ин аст, касе ки мусибатҳо (бадбахтиҳои)-и хурдро бузург тасаввур (муболиға) мекунад, Аллоҳ ӯро ба мусибатҳои азим мубтало мегардонад. Дар «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амиралмуъминин» Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ҳадисеро бо матлаи зерин зикр намудааст: «Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: Расулуллоҳ (с) гуфт: Ману аҳли байтамро Аллоҳ ихтиёр (интихоб) кардааст» [3,192-93]. Ровии ҳадис Абдуллоҳ ибни Аббос (ваф. 687 м.) писарамаки Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам ва яке аз ровиёни машҳури Пайғамбар (с) аст. Маънои ҳадис ва дастуроти он чунин аст: Он чизе, ки аз дунё дар даст дорӣ, онро аҳли пеш аз ту низ дошт ва он насиби аҳли баъди ту (оянда) низ мешавад. Ҳамоно ту ҷомеи яке аз мардҳо, марде, ки кор мекунад вақте ки ӯро ба тоати Аллоҳ муттаҳид месозад, пас вақте ки ранҷ мебарад, хушбахт мешавад; ё марде, ки кор мекунад бо саркашӣ аз Аллоҳ, пас азоб мекашад ва аз он чизе, ки ӯро барои он муттаҳид мекунад ва яке аз ин ду (нафар) қодир нестанд, ки ба нафс (рӯҳ)-и ту таъсир расонанд ва туро (воҷиб нест бори онҳоро) ба дӯши худ бардорӣ. Пас ту муроҷиат намо бар касе, ки раҳмати Худо бар ӯ насиб гаштааст ва бар касе, ки Аллоҳ ризқашро расонидааст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳадисеро аз Абӯсаиди Хадарӣ разияллоҳу анҳу дар «ас-Сабъаийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» овардааст: «Абӯсаиди Хадарӣ разияллоҳу анҳу гуфт: Расулуллоҳ (с) хитоб намуда гуфт: Эй мардум, ман ба шумо ду халифаи арзанда гузоштам, китоби Аллоҳ ва суннати Расули Худо (с)» [3,193].

Ровии ин ҳадис Абӯсаиди Хадарӣ яке аз саҳобагон ва ровиёни ҳадиси Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам аст. Маънои ҳадис ва дастуроти он чунин аст: ислоҳи он чизе, ки ногаҳон аз хомӯшии кас сар мезанад, аз тарафи кас осонтар аст (нисбат ба) идроки кас он чиро, ки (камее) Аллоҳ таоло каримтару азимтар аз ки аз халқаш аст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳадисеро аз имоми бузурги ислом Анас ибни Молик, ки хизматҳои беандозааш равшан аст гуфтааст: «Анас Молик разияллоҳу анҳу гуфт: Расулуллоҳ (с) гуфт: Рамзи чеҳраи муъмин меҳри Алӣ ибни Абӯтолиб аст» [3,179]. Ровии ҳадис Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анас ибни Абиомири Исбаҳӣ (715-795 м.), муассиси мазҳаби моликия аст. Муҳимтарин асарҳои ӯ «ал-Муватта», «Рисолаи ваъз», «Китоб-ул-масоил» ва «Тафсири ғариби Қуръон» мебошанд. Маънои ҳадис ва дастуроти он чунин аст: Роҳ бар хулқ бо панҷ хислат сарбастааст: қаноат дар ҷаҳл (нодонӣ); ҳирс (тамаъ) ба дунё; хасисӣ бар фазл, риё (дурӯягӣ) дар амал (кор) ва тааҷҷуб бар ақида.

«ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» тарғиб намудан ба илмомӯзӣ аст, зеро илм яке аз қавитарин пояҳои маърифати оламшумул тамоми ҷониби зиндагиро дарбар мегирад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳадисеро, ки ровии он Абӯдардо Уваймир ибни Молик (ваф. 652 м.), саҳобаи Хазраҷӣ, яке аз уламои «Қуръон» ва ровиёни ҳадиси Пайғамбар (с) Имом ва қозии Димишқ аст, дар мавриди илм чунин овардааст: «Расулуллоҳ (с) гуфт: Алӣ ибни Абӯтолиб дарвозаи илми ман аст ва баъди худ барои умматон бо ӯ чӣ фиристодам, возеҳ аст: муҳаббаташ имон, кинааш нифоқ, нигоҳ (назар) ба сӯяш тараҳҳум (дилсӯзӣ), ишқаш ибодат аст» [3,179]. Маънии ин ҳадис чунин аст: Гузор илмеро, ки оиди забон маълумот медиҳад, боло дар (инкишоф деҳ) илмеро, ки узвҳо (рагу пай) ва аркон (пояҳо)-ро меомӯзад.

Худованд илмеро, ки шахси мазкур меҳоҳад, барояш осон мегардонад ва низ ӯро ба амал намудан тибқи ҳамон илм муваффақ ва комёб месозад. Агар мақсади ӯ аз омӯхтани илм хушнудии Аллоҳ таоло бошад, пас илми мазкур сабаби ҳидояту раҳнамоӣ шуда, ӯро ба музду подоши Худованд сарафроз мегардонад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баёнгари ин аст, ки талаб намудани илм аз ҷумлаи бузургтарини фарзҳову воҷибот ба дӯши мусалмон аст. Мақсуд аз илми дар ин ҳадис донишест, ки аз тарси Худо, тавозуъ ва бурдбориро дар инсон эҷод намуда, дар зиндагӣ ва пас аз марг ӯро нафъ мебахшад.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳадиси дигареро вобаста ба илм таъкид кардааст, ки аз Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу аст. Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: Расулуллоҳ (с) гуфт: Алӣ ибни Абӯтолиб дар ҷаннат барои аҳли дунё чун ситораи субҳ медурахшад» [3,186]. Шарҳи маънои ҳадис: Арбоби илмро гоҳо нодонию доногиашон, ки барояшон нафъ овардан наметавонад нобуд месозад. Пас, писандидатарин воҷибияти илм аз худ намудан ин аст, ки толибилм тамоми ҳиммату кӯшиши худро дар

омӯхтани илми ба мерос мондаи Паёмбар (с) харҷ намояд ва дар фаҳмидани муроду мақсуди амри наҳйи Паёмбар (с) ҷаҳду кӯшиш намояд.

Омӯхтани илм ба баъзе ашхос зоеъ кардани илм аст. Хеле одамон таҳсили илм мекунанд, вале инҳо чун хилқатан ва табиатан бадахлоқ ҳастанд, таҳсили илм бад-ин гуна одамон фоидае нахоҳад бахшид. Асли илм барои банда ҳамчун ҷило ва сайқал мебошад. Яъне илм бандаро тоза ва ислоҳ намуда, ба чашми мардум хуб ва зебо нишон медиҳад. Одами зишту бадро ба воситаи илму ирфон ислоҳ кардан мумкин аст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар мавриди нигоҳ доштани забон ҳадиси зеринро овардааст. Ровии ҳадис Абдуллоҳ ибни Салом (ваф. 663 м.), яке аз саҳобаҳои яҳудинасли Пайғамбар (с), ки ҳангоми ҳиҷрати Пайғамбар ба Мадина ба ислом гароидааст. Ӯ гуфтааст: «Касе, ки ӯро илм-ул-китоб аст (кист?). (Касе, ки сураи якуми «Қуръон»-ро медонад, (кист?)». Гуфт: Расулуллоҳ (с)-ро суол кардам. Гуфт: Ҳамоно он Алӣ ибни Абӯтолиб аст» [3,191]. Шарҳи маъно ва фавоиди ҳадис он аст, ки каломеро (суханеро), агар нагуфтӣ дар банди туст ва агар гуфтӣ, ту дар банди онӣ. Пас, забонатро ҳифз кун (нигоҳ дор) чи тавре ки тиллоятро ҳифз (муҳофизат) мекунӣ. Тафсили маънои ҳадиси «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ он аст, ки бояд ҳар мусалмон забони хешро аз таҷовуз ва озори дигарон нигоҳ дорад, зеро ӯ баёнкунандаи ния ва мақосиди дохили инсон мебошад.

Ҳадиси «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» дӯст доштани бародари мусалмон аст. Ровии ин ҳадис Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу мебошад. Абӯҳурайра, Абдураҳмон ибни Сахри Аздӣ (ваф. 678 м.), яке аз саҳобаи киром, волии Баҳрайн ва Мадина будааст: «Расулуллоҳ (с) гуфт: Дар пояи арш навишта шуда: Нест Худое ба ҷуз Аллоҳ танҳо вай, ӯро шарике нест, Муҳаммад (с) бандаам ва расулам аст ва ӯро тавассути Алӣ ибни Абутолиб дастгирӣ кардам» [3,189]. Ҳадиси мазкур маънои зеринро ифода менамояд, ки дӯстони ту сетоанд: дӯстат, дӯсти дӯстат ва дӯсти душманат. Яъне дӯст доштан воҷиб аст ва мурод аз дӯстӣ он аст, ки шахси мусулмон бояд мавриди писанди дӯсти худ қарор гирад, ба ӯ манфиату фоида расонад, тамоми осебу зарарро аз ӯ дур намояд. Ин ҳадис аз мусулмонон инсофу бародариро талаб дорад ва онҳоро ба фурӯтанӣ ташвиқ менамояд. Инсон бояд аз душманӣ, ҳасаду кина, фиребу хиёнат бикашад, зеро ки тамоми аъмоли мазкур хислатҳои бад ба шумор меравад.

Мавзӯи эҳсон дар «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» тавассути ҳадисе, ки ровии он Ибни Аббос разияллоҳу анҳу аст, чунин зикр гардидааст: «Расулуллоҳ (с) гуфт: Аллоҳ Бани Исроилро барои бадӣ ба анбиёи хеш нигоҳ карданашро аз беолоишӣ (покӣ) маҳрум сохт ва Аллоҳи азза ва ҷалл ин умматро барои буғз (кина)-ашон ба Алӣ ибни Абутолиб аз шираи шаффоф маҳрум намуд» [3,187]. Ровии ҳадис Абдуллоҳ ибни Аббос аст. Маънии ҳадис он аст, ки эҳсон нигаҳбони ном (шуҳрат) аст; фарзонагӣ (некандешӣ) таъна (маломат)-и беақлӣ, бефаросатист; фурӯтанӣ (хоксорӣ) зинаи фақр (бенавоӣ) аст. Тафсиру шарҳи ҳадиси сесаду панҷоҳу дувуми Муҳаммад алайҳиссалом васаллам дар ин маънӣ аст: «Дар ҳар кас, ки ҳамин се сифат бошад, Худои таъоло ҳисоби ӯро сабук карда, дохили биҳишт хоҳад намуд: Ҳар кас ки туро маҳрум кунад, ту ба вай эҳсон кун, ҳар кас ки ба ту зулм намояд, ту ӯро авф намоӣ, ҳар кас туро тарку қатъ кунад, ту бо вай сила кун».

Дар поёни «ас-Сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин» Мирсайид Алии Ҳамадонӣ бо панду андарз гуфтааст: «Илм ва ақл ба он шаҳодат диҳанд, ки (касе, ки) аз асорати ҳавову ҳавас (шаҳват) халос шавад, аз дилбастагии дунё (ҳаёт) саломат монад» ва «(Ин) китоб бо ситоиши Офаридагор ва ҳусни тавфиқи Ӯ хотима ёфт. Ва салом бар онҳое, ки роҳи ростро пайраванд» [3,188].

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмад Хушнависи Имод. Танҷинаи тавҳид. – Теҳрон. 1337ҳ.
2. Алии Шариатӣ. Тавҳид ва ширк. – Теҳрон. 1358ҳ.
3. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Ас-сабъийн дар фазилатҳои Амирулмуъминин». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди 2. – Душанбе: «Ирфон». 1995,
4. Маҳдӣ Дурахшон. Бузургон ва сухансароёни Ҳамадон. Ҷилди 1. – Теҳрон. 1341ҳ.
5. Омӯзиши ҳадис (муаллиф Зайд Умар Абдуллоҳ), аз арабӣ тарҷумаи Абдулҳалим Орифӣ. – Душанбе: Ҳумо, 2005.
6. Ошноӣ бо Қуръон (гирдоваранда Шарифи Боқизода). – Душанбе: Сунатулло, 2004.

Фазоили Қуръон (фазилату хосиятҳои сураву ояти Қуръони маҷид). Таҳияи Абдушукур Абдусаттор. –Душанбе: Ориёно, 1992.

РАЗМЫШЛЕНИЯ О ХАДИСАХ ПРОРОКА В КНИГЕ «АС-САБЪИЙН» ДАР ФАЗИЛАТХОИ АМИРУЛМУЪМИНИН» МИРСАЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В данной статье автор приводит свои размышления о книге «ас-Сабъийн» дар фазилатхои Амирулмуъминин» Мирсайид Али Хамадани, в котором собрано семьдесять хадисов, посвященных величию и мудрости Муртазо Али ибн Абутолиба.

Ключевые слова: Мирсайид Али Хамадани, «ас-Сабъийн» дар фазилатньои Амирулмуъминин», хадисы, Пророк, Муртазо Али ибн Абутолиб.

REFLECTIONS ABOUT THE HADIS OF THE PROPHET IN THE BOOK "AS-SABIYN" GIFT OF EXCELLENS OF AMIRULMUJMININ" MIRSAYID ALI HAMADANI

The author provides the reflections in this article about the book "as Sabjiyn" gift excellence Amirulmujminin" Mirsayid Ali Hamadani in whom it is collected seventy hadis, devoted to greatness and Murtazo Ali ibn Abutoliba's wisdom.

Key words: Mirsayid Ali Hamadani, "as Sabjiyn" gift фазилатньои Amirulmujminin", хадисы, Prophet, Murtazo Ali ibn Abutolib.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Кодиров Каримджон*** – доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой педагогики Таджикского национального университета.

ТАСВИРИ ҲАМБАСТАГИИ ИНСОН БО ҶОНВАРОНИ САВОРӢ ДАР “ШОҲНОМА”- И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

М. Б. Раҳмонов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ бо “Шоҳнома”- и безаволи худ асрҳо боз маълуму маъруф буда, то имрӯз шуҳрати ҷаҳонии худро аз даст надодааст. Фирдавсии бузург бо санъати сеҳрофарини сухан, тасвиру образофарии хеш мумтозу беҳамтост. Низомии Ганҷавӣ ба маҳорати тасвир ва ородиҳии сухани Ҳакими Тӯсӣ мафтун шуда, чунин гуфтааст:

Сухангӯйи пешина донои Тӯс,
Биёрост рӯи сухан чун арӯс (10,18).

Ин ҷо мо тасвири ҳамбастагии инсон бо ҷонварони савории “Шоҳнома”- и безаволи Аблуқосим Фирдавсиро ба қалам доданием.

Албатта, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки инсонҳо аз қадимулаём ниёз ба мададгоре дар кору зиндагии худ доштанд. Дар иртибот ба ин профессор Ҳасани Муродиён чунин гуфтааст: “Аз бозе дунё бино, инсон пайдо ва ҷомеаи башарӣ пойбарҷо гардид, одамӣ, махсусан мард, барои худ мутакко ва “қаноте” меҷуст, ки баробари ҳамсари ҳаётиаш чун шаҳпар барояш хидмат намояд, ҳамдаму ҳамсафар ва ҳамтақдири ӯ бошад. Табиист, ки аз рӯйи фаросат ва табиати офариниш ба ин мақому мартаба танҳо “солори чаҳорпоён” (Умари Хайём) – асп сазовор буд. Ҳамин ҳамбастагӣ ва рисолати тавъам дар миёни инсон ва асп боис шуд, ки умре онҳо ҳамқисмат гарданд, асп ҳамчун болу пари родмардон ва сутуни бақои давлат эътироф шавад [9,3].

Ҳаминро низ бояд ёдовар шуд, ки вақте мо дар бораи ҷонварони савории ин шоҳасар сухан меронем, пеши назари мо аввал асп, баъдан астар (хачир), шутур ва фил ҷилвагар мешаванд. Инҳо ҷонварони саворииеанд, ки дар шаклгирии хати сужаҳои “Шоҳнома”- и Абулқосим Фирдавсӣ нақши беандоза доранд.

Ҳарчанд ки аз эҷоди ин “Достони миллии эрониён ва бузургтарин ҳамосаи олами башарият” [10,10], чандин асрҳо паси сар шуда бошад, ҳам, ҳоло низ он манзараи корзорҳо ва симои қаҳрамонони сулҳҷӯву ватанхоҳ ва он ҷонварони савории рамузфаҳми “Шоҳнома” пеши назари ҳар яки мо чун навори синамо дар ҷилва меоянд.

Гӯё ҳоло низ “Хокистари корвони миллат дар дашту дамани он ба ҷо монда, ки чун дақиқтар нигарӣ, ҳанӯз бӯйи дуду оташ ба машом мерасад ва садои сутурон ба гӯш [5,6].

Оид ба тасвири майдондорию манзараҳои разму базми “Шоҳнома” Эмомалӣ Раҳмон дар асари машҳури худ “Тоҷикон дар оинаи таърих” чунин ёдоварӣ намудааст: “ – Садои шиҳаи пурғулғулаи аспон бо овози бархӯрдани шамшеру гурз ва амуду найзаи паҳлавонон баробар баланд мешуд, ки тасвири ин майдондориву корзорҳоро

касе аз Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”- и ҷовидонаи ӯ беҳтар ба қалам наовардааст. Гӯё аспҳои размовар дар сафи ҷаҳонпаҳлавонон барои ҳифзи кишвар талош меварзиданд” [6, 56].

Абулқосим Фирдавсӣ ин гуна майдондориву корзорҳоро моҳирона ба риштаи назм кашидааст:

Фурӯ рафту баррафт рӯзи набард,
Ба моҳӣ нами хуну бар моҳ гард.
Зи сумми сутурон бар он паҳндашт,
Замин шуд шашу осмон гашт ҳашт (2, 23).

Шоир дар ҷойи дигар муҳорибаву тавоноии он ҷонварони саворирo, ки аз тавоноию ҷуръати соҳибони худ дар сафи он корзорҳо камӣ надоштанд, чунин тасвир намудааст:

Зи овози гурдон битӯфид кӯҳ,
Замин шуд зи наъли сутурон сутӯҳ (1,116).

Ҳангоме ки мо аз тасвири манзараҳои он корзорҳо ва майдондории қаҳрамонони диловару саворихои вафодори онҳо дар “Шоҳнома” суханро оғоз мекунем, дар мадди аввал пеши назари мо қаҳрамони марказии ин шоҳасар – Рустам ва аспи пилтани ӯ Рахш пайдо мегардад. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон бамаврид гуфтааст: “Ҳангоме ки Фирдавсӣ аз боби Рустами Дастон, аспи бебаҳояш Рахш сухан меронад, гӯё мурғи илҳомаш ба парвоз меояд: мисраъҳои шеър ҷон мегиранд, манзараҳои разму базм пеши назар ба ҷилва меоянд. Рангҳои мухталиф ба бозӣ медароянд, ҳолати ҷаҳонпаҳлавону аспи рамузфаҳми ӯ хонандаро ба ваҷд меорад” [6, 57].

Пӯшида нест, ки дар байни ҷонварони саворӣ аспон дар майдонҳои муҳориба на танҳо ҳаммаслаки соҳибони худ, балки бо ӯ вафодору содиқ буданд, паҳловонон низ аз сутурони вафодору рамузфаҳми худ меболиданд. Хусусан Рустам бо аспи пилтани худ Рахш ифтихор дошт:

Маро зӯру фирӯзӣ аз довар аст,
На аз подшоҳу на аз лашкар аст.
Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,
Нигин гурзу миғфар кулоҳи ман аст (2, 258).

Ё дар ҷойи дигар Рустам мегӯяд:
Ҳама банда дар пеши Рахши мананд.
Ҷигархастаи теғу тахти мананд (2, 257).

Муҳаббату самимият ва нотарсии Рахшро мо дар “Ҳафт хон”- и Рустам хеле хуб мебинем, ки басо хотирмону дилнишин аст. Рустамро Рахши рамузфаҳму нотарс аз ҳар ҳодисаи ногаҳонии пешомада бо садову сумкӯбии худ огоҳ мекард. Чунончи, охирин бор вақте ки Рустам ба найранги Шаҳоду Меҳробшоҳ гирифтор мешавад, пеш аз сайру шикор онҳо дар зиёфати шоҳона нишаста, нӯшонушӣ мекунанд ва Рустамро ниммаст карда, ба нахчиргоҳ мебаранд, вале Рустам аз воқеаи дарпешистода чизе пай намебарад. Рахши ҳушёру рамузфаҳм чоҳҳои кандашударо аз бӯйи хоки нав, ки мефаҳмад, ҳамин қадар сумкӯбӣ мекунад, Рустам пай намебарад. Оқибат ҳар ду дар он чоҳ афтода, теғҳои зери он бару китфи ин ду дӯсти содиқу вафодорро маҷрӯҳ мекунад:

Бидаррид паҳлуи Рахши бузург,
Бару пойи он паҳлавони сутург (3,108).

Ҳамин гуна вафодорию садоқатро дар миёни симои қаҳрамонону ҷонварони савории дигари “Шоҳнома” ба мисли Шабранги Сиёвуш, Шабдизи Хусрави Парвиз, аспи Сиёҳи Исфандиёр дидан мумкин аст. Чунончи, ҳангоми ба туҳмати Судоба гирифтор шудани Сиёвуш ва барои исбот намудани бегуноҳии худ чун барқ аз миёни кӯҳи оташ гузаштани ӯ бо Шабранги худ ҷолиби диққат аст, ки ин манзараро Фирдавсии бузург чунин ба қалам додааст:

Чу з - он кӯҳи оташ ба ҳомун гузашт,
Хурӯшидан омад зи шаҳру зи дашт.
Саворони лашкар барангехтанд,
Ҳама дашт пешаш дирам рехтанд (4, 155).

Ифтихору самимияти Исфандиёр низ аз аспи пилтани худ камӣ надошт. Шоир аз номи Исфандиёр мегӯяд:

Чу ман зини заррин ниҳам бар Сиёҳ,
Ба сар бар ниҳам хусравонӣ кулоҳ (9, 55).

Нақши дигар ҳайвоноти саворию боркаш дар “Шоҳнома” ба мисли шутур, фил (пил), хачир (астар) дар як ҷо ҳамчун воситаи саворӣ, вале дар ҷойи дигар ба сифати ҷонварони боркаш ба чашм мерасанд ва нақши ин ҷонварон ҳам дар он манзараҳои разму базми “Шоҳнома” дар баробари паҳлавонони ватанхоҳу далер кам нест.

Ҳаминро низ қайд мебояд кард, ки худи калимаи “сутур” дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” чунин маънидод шудааст: “Сутур маркаб, улав, чорпои саворӣ ва боркаш ҳамчун асп, шутур, хачир:

Чӣ некӯ задаст ин масал пири деҳ:
Сутури лагадзан гаронбор беҳ!” (Саъдӣ. 7, 279).

Дар “Шоҳнома” ҳайвоноти саворӣ дар мавридҳои гуногун бо нақшҳои алоҳидаи худ зикр шудаанд. Чунончи, дар байти зер фил (пил) ҳамчун ҷонвари боркаш тасвир ёфтааст:

Абар пушти пилон - ш бар тахти зар,
Зи гавҳар ҳама тавқи шерони нар.
Табиразанон пеши пилон ба пой,
Зи ҳар сӯ хурӯшидани каррной (1, 189).

Дар ҷойи дигар бошад, фил (пил) ҳамчун ҷонвари разманда ба ибораи имрӯза ҷойи танку БТР- ро мегирад ва дар сафи пеши муҳорибаи он корзорҳо қарор дорад:

Ба пеши сипоҳ - андарун пилу шер,
Паси жандапилон ялони далер (1, 221)

Шутур низ яке аз ҷонварони ороммиҷоз, заҳматталабу пуртоқати боркаш буда, лашкар дар пушти он аслиҳаву ашёи лозимаро бор карда мебурданд. Ин аст, ки дар “Шоҳнома” мақоми хосаеро дорост:

Ҳама хоста бар шутур бор кард,
Дили пок сӯйи ҷаҳондор кард (1, 126).

Астар хачир ҳам дар “Шоҳнома” ҳамчун ҷонвари боркаши зебо, ки чун ҳадяву пешвози шоҳзодагон оро дода мешудааст, тасвир ёфтааст:

Сад аспи гаронмоя зарринситом,
Сад астар сияҳмӯю зарринлагом (2, 131).

Ҳаким Носири Хусрав ҳам сарчашмаи ҳар қаҳрамонро дар баробари дигар омилҳо ба уштуру аспу астар вобаста медонад:

Агар уштуру аспу астар набошад,
Куҷо қаҳрамонӣ бувад қаҳрамонро (8, 94).

Дар мисоли зер бошад, Фирдавсии бузург астарро ҳамчун ҷонвари боркаш ба қалам додааст:

Ҳазор уштуру аспу астар ҳазор,
Зи дебову динор карданд бор (2, 145).

Ниҳоят, ҳаминро бояд гуфт, ки ҳакимон маҳбубияти қавму миллатҳоро нисбат ба ҷонварони саворӣ зикр карда, аспро ба форсизабонон, уштурро ба арабҳо ва филро ба ҳиндувон нисбат дода бошанд ҳам, дар “Шоҳнома”- и Абулкосим Фирдавсӣ ин ҷонварони саворӣ нақши бориз доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 2. - Душанбе: “ Адиб”, 2007. - 480 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1. - Душанбе: ” Адиб”, 2007. - 480 с.
3. Достонҳои “Шоҳнома”. Китоби (2), (нигориши Сотим Улуғзода). - Душанбе: “Маориф”, 1977. - 228 с.
4. Достонҳои “Шоҳнома”. Китоби (1), (нигориши Сотим Улуғзода). - Душанбе: “Маориф”, 1976. - 192 с.
5. Зоҳир Аҳрорӣ. Симои Фирдавсӣ. “Маҷаллаи “Мероси ниёгон.”-Душанбе, 1995-2.- С . 6.
6. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. - Лондон . – 1999.- С. 56.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Нашриёти “Совесткая энциклопедия”. – Москва. – 1969.- С. 279.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Нашриёти “Советская энциклопедия”. Москва. – 1969.- С . 64.
9. Ҳасани Муродиён. Тасвири ҳамбастагии инсон ва олами ҳайвонот (дар мисоли асп) дар адабиёти форсу тоҷик.- Душанбе:”Нодир” , 2009. - С. 327.
10. Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ кист ва “Шоҳнома” чист? , Душанбе. - 2011, 108 с.

ИЗОБРАЖЕНИЕ ПРИВЯЗАННОСТИ ЧЕЛОВЕКА К НАЕЗДНЫМ ЖИВОТНЫМ В “ ШАХНАМЕ” АБУЛКАСЫМА ФИРДОУСИ

В данной статье речь идет об изображении привязанности человека к наездным животным: лошадь, верблюд, слон и мул. Автор на примере Рахша Рустама, коня Исфандияра, Шабранга Сиявуша. Шабдиза Хусрава Парвиза и других наездных животных исследует различные оттенки быта героев “ Шахнаме”.

Ключевые слова: «Шахнаме» Фирдоуси, наездные животные, изображение привязанности человека к наездным животным, Рахш Рустама, быт героев “ Шахнаме”.

THE REPRESENTATION OF PEOPLE CONNECTION WITH RIDING ANIMALS IN “SHOHNOMA” OF ABULQOSIM FIRDAUSI

In the given article of connection the speech is going about the representation of people connection with riding animals: horse, camel, elephant and mule. The author bringing Rustam’s Rakhsh, Isfandiyor’s black horse, Siyovush’s Shabrang, Khusravi Parviz’ Shabdiz and other riding animals investigates different scenes of “ Shohnoma” main characters.

Key words: "Shahnameh" Ferdowsi naezdnye animals image attachment to naezdnym animals Rakhsh Rustam life heroes "Shahnameh".

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Рахмонов М. Б***. – аспирант КТГУ име. Носира Хусрава

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ҶАНГҲОИ РАВОНӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ФАЗОИ РАСОНАӢ

С. Хоҷазода
Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон

Қарни XX1 даврони муборизаҳои шадиди идеологӣ, таҳоҷуми фазои иттилоотӣ ва роҳандозии ҷангҳои равонӣ ба хотири ба даст овардани манфиат ба ҳисоб меравад. Дар ин часпу талош давлате пирӯз хоҳад шуд, ки имконоти васеи моливу фаннӣ, иттилоотӣ ва нерӯҳои зеҳнӣ дорад. Имрӯз ҳама гуна назарсанҷиҳо, муборизаҳо, ҷангҳои равониву лафзӣ асосан тавассути намудҳои гуногуни ВАО- радио, телевизион, интернет, рӯзномаву маҷаллаҳо роҳандозӣ мешаванд. Аз ин рӯ, қудратҳои ҳоким бо ҳар роҳу восита ВАО-ро зери нуфузи худ нигоҳ медоранд, барои мавҷудияти онҳо маблағҳои зиёд ҷудо мекунанд ва дар лаҳзаҳои муайян онҳоро чун яроқи муҳимтарини идеологӣ истифода мебаранд.

Таъсиррасонӣ ба мафкураи аудитория тавассути намудҳои зерини ВАО сурат мегирад:

1.Матбуоти чопӣ- рӯзнома, ҳафтанома ва моҳномаҳо.

2. Воситаҳои дидориву шунидорӣ- телевизион, радио.

3. Интернет- сомонаҳо (расмиву хусусӣ).

Ҳарчанд бозори матбуоти чопии Тоҷикистон аз лиҳози шумора афзалият дорад, вале аз ҷиҳати теъдод ва дарбаргирии аудитория нисбатан заиф аст, ки ба чанд омил марбут аст;

а) чопи теъдоди кам барои аудиторияи муайян;

б) мушкилоти дастрас намудани матбуоти чопӣ;

в) мушкилоти харид ва фурӯш;

г) коста гардидани таъсири маводи матбуоти даврӣ;

ғ) истифодаи зиёд ва бетаҳрири маводи интернет.

Дар солҳои истиқлол матбуоти ғайриҳукуматӣ, хусусӣ ва ҳизбӣ ба вуҷуд омад. Барои қиёс, дар соли 1991 ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷалла вуҷуд дошт, ки фақат чаҳортои он хусусӣ буд. Дар соли 2011 ҳамагӣ 404 рӯзномаву маҷалла интишор мегардид, ки 250 тояш хусусӣ мебошад.[‡‡‡‡] Ҳангоми пажӯҳиш маълум шуд, ки новобаста ба зиёд будани теъдоди матбуоти чопӣ ин намуди ВАО тадричан нуфузи худро аз даст медиҳад. Аз ҷониби дигар, рӯй овардан ба маводи интернет ва ба сифати манбаи асосии маълумот истифода намудани он бозгӯи он аст, ки матбуоти чопӣ нисбати ВАО-и электронӣ аз ҷиҳати фаврият ва сареият қафо мемонад. Барои мисол, зимни пажӯҳиши маводи танҳо дар як моҳ чопнамудаи матбуоти марказии Тоҷикистон собит шуд, ки аз 40 то 60%- и маводи рӯзномаву ҳафтаномаҳои «Имрӯз нюс», «Миллат», «Нигоҳ», «Азия плюс», «Фараж», «Тоҷикистон» ва ғайра аз сомонаҳои интернетӣ айнан рӯбардор шудаанд[§§§§]. Бинобар ин, дар шароити кунунӣ бо омилҳои номбаршуда, матбуоти тоҷик ҳамчун нерӯи муқтадири таъсиррасон ба таври комил натавонистааст дар баробари маводи муғризонаву туҳматангези ВО-и хориҷӣ истодагарӣ кунад.

Дар журналистикаи пасошӯравӣ «нақши Интернет торафт афзалият пайдо мекунад» [1,704] ва бо пахши маводи гуногуни бидуни таҳрир таваҷҷуҳи доираи муайяни аудиторияро ҷалб месозад. Афзалияти дигари интернет боз дар он зоҳир мешавад, ки он маводи навишторӣ, дидорӣ ва шунидориро дар як вақт фароҳам меорад ва гуфтан мумкин аст, ки якбора вазифаҳои радио (радиоинтернет), телевизион (телеинтернет) ва рӯзномаю маҷаллаҳоро (сомонаҳо ва шакли электронии рӯзномаю маҷаллаҳо) низ иҷро менамояд. Ба ин васила дар бозори расонаӣ ин расона сермуштарӣ ва маводи он серхаридор аст. Мутобиқи таҳлили коршиносон «солҳои 2004-2007 аз тариқи сомонаҳои интернет, ки дар Тоҷикистон маъмуланд, қариб 30 ҳазор хабару гузориш интишор ёфтааст. Зиёда аз 80%- и онҳо фақат аз туҳмату бадгӯӣ, матлабҳои ғаразнок ва пешгӯиҳои бебунёд иборат мебошад» [3,36]. Аммо дар Тоҷикистон ва

[‡‡‡‡] Пахши мустақими Паёми Э.Раҳмон - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ. Шабакаи якуми ТВТ. 2011, 20-уми апрел, соати 10-14^{00}.

[§§§§] Ниг.: маводи аз сомонаҳои интернет рӯбардоршудаи нашрияҳои номбурда дар моҳи марти соли 2012.

мамолики Осиёи Марказӣ мушкилоти дастрасӣ ба ин расона мавҷуд аст. Чунончи, Дар Ӯзбекистон 270 ҳазор, дар Тоҷикистон 600 ҳазор, дар Қирғизистон 400 ҳазор ва дар Туркманистон 60 ҳазор нафар имкони дастрасӣ ба интернетро доранд*****. Бинобар ин, аз лиҳози дастрасӣ дар мамолики Осиёи Марказӣ ҳанӯз Интернет ҳампои радио ва телевизион нагардидааст.

Воқеан, радио ва телевизион чун воситаҳои электронии ахбор ва ташаккулдиҳандагони афкори ҷомеа фазои расонаии кишварро комил месозанд. Дар давроне, ки ВАО-и хориҷӣ алайҳи бунёди иншоотҳои энергетикии Тоҷикистон баҳсҳои забонӣ ва муборизаҳои лафзиро роҳандозӣ намудаанд, чаро мо аз ин воситаҳои тавонои идеологӣ истифода накунем? Масалан, дар як моҳи соли 2009 аз тариқи шабакаҳои радио ва телевизиони марбути Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 60 барномаи гуногунжанр дар бораи бунёди нерӯгоҳи Роғун, пайванди фазои ягонаи энергетикӣ ва истифодаи фурӯзонакҳои каммасраф таҳия шудааст††††. Барномаҳои телевизионии фарҳангиву тафреҳии «Пайванд», таҳлилии «Дар мавзӯи рӯз», тадқиқотии «Нигоҳи комил», публисистӣ ва бадеии «Соҳибватан» қазияи мазкурро дар маркази таваҷҷуҳ гузошта буданд. Ҷараёни вусъати корҳо дар ин иншоот дар барномаҳои иқтисодии «Маҷро», сиёсии «Ҳукумат», таҳлилӣ ва байналхалқии «Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон»- и шабакаҳои радиои Тоҷикистон бозтоби густурда ёфт. Телевизиони «Сафина» оиди ин мавзӯъ дар баробари ролик ва лавҳаҳо дар ҳаҷми қариб як соат очерки сафарии телевизионӣ таҳия кард, ки тамошояш хеле ҷолиб буд. Ҳатто барномаи ҷадиди саргармкунандаи «Шомиёна», ки шумораи нахусташ шоми 7-уми декабри соли 2009 пахш гардид, хислати даъват ба ҷабҳаи созанда ва кумаки маънавӣ бахшидан ба бунёдгарони ин иншооти муҳими асрро пайгирӣ мекард. Набзи Роғун дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои «Баҳористон» ва «Ҷаҳоннамо» низ ҳамвора инъикос мегардид.

Аммо бо сабаби ҷорӣ шудани реҷаи барқ дар баъзе навоҳии мамлакат қисмате аз мардуми ҷумҳурӣ дар фасли зимистон ранҷи халои фазои иттилоотиро мекашанд. Аз ин рӯ, бахусус, дар ин фасл таваҷҷуҳ ба радио бояд дар мадди аввал бошад ва дар ин росто садои шабакаи «Фарҳанг» дар фазои расонаии вилояти Суғд танин андохт‡‡‡‡‡. Бино ба иттилои масъулини «Телерадиоком» барномаҳои ин шабака тавассути фиристандаи иқтидораш 50 кв. рӯи мавҷи 106 FM дар аксари навоҳии вилояти Суғд ба таври шабонарӯзӣ пахш мегардад§§§§§. Ин тадбир имкон дод, ки сафи ҳаводорони барномаҳои шабакаи «Фарҳанг» бамаротиб афзун гардад.

Аммо набояд фаромӯш кард, ки феълан дар баъзе манотиқ мушкилоти дастрасӣ ба мавҷҳои шабакаҳои радиоӣ мавҷуд аст. Чунончи, агар дар соли 2009 бо насби 85 адад фиристандаи телевизионӣ фарогирии аҳолии ҷумҳурӣ бо барномаҳои «Шабакаи якум» 99, 71%, «Сафина» 77,4%, «Баҳористон»72,05%, «Ҷаҳоннамо» 75,78% -ро ташкил диҳад, пас бо насби 13 адад фиристандаҳои радиоӣ фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои радиоӣ 65 %-ро ташкил медиҳад. Вале барномаҳои сеюм [5] ва чаҳоруми радиоиро [4] як қисми аҳолӣ шунида наметавонанд. Барномаи чаҳорумро ҳамагӣ 22,4%- и аҳолӣ мешунаванду халос [6,3]. Тибқи омори соли 2009 «23-26%-и сокинони кишвар аз тамошои намоишҳои шабакаҳои «Сафина», «Баҳористон» ва «Ҷаҳоннамо» маҳруманд» [6,3].

Ба фикри мо, фарогирии ҳарчи бештари аҳолӣ бо барномаҳои радио ва телевизионӣ, новобаста аз шакли моликият, яке аз омилҳои асосии ҳифзи фазои расонаӣ ва ба ин васила ҳушдор додани мардум аз ҳама гуна тавтеаву моҷароҳои бебунёд бар зидди Тоҷикистон аст. Зеро дар ҳоли ҳозир ҷангҳои равонӣ ва лафзии алайҳи Тоҷикистон тарҳрезишуда, то андозае метавонанд афкори мардуми хориҷи кишварро дар мавриди Тоҷикистон ва бунёди иншоотҳои муҳими гидроэнергетики мамлакат ба таври манфӣ ба вуҷуд оваранд. Бинобар ин, тавассути бахшҳои русӣ ва англисии шабакаҳои радио ва телевизионӣ роҷеъ ба чунин тавтеаҳо ва амалҳои муғризона зери унвони «Овоза ва ҳақиқат» посух гуфтан бамаврид аст. Чаро ки аксаран шаҳрвандони мамолики хориҷӣ тавассути барномаҳои русӣ ва англисӣ бо ҳаёти сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон ошно мегарданд. Дар ин амр бояд радиову телевизион ва рӯзномаву маҷаллаҳои ғайриҳукуматӣ низ ҳамдастӣ намоянд, зеро ин рӯзҳо барои

***** Мутобиқи иттилои соли 2009.

†††† Аз 10-уми ноябр то 10-уми декабри соли 2009 дар назар аст.

‡‡‡‡‡ Аз 10-уми ноябри соли 2009 пахши барномаҳои ин шабака дар вилояти Суғд шурӯъ гардид.

§§§§§ Аз ҳисоботи ҶСШК»Телерадиоком» дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои соли 2009.

миллати тоҷик даврони сарнавиштсоз, айёми ҷаҳду талош бобати истифодаи сарватҳои табиӣ ва бунёди иншоотҳои муҳими барқӣ аст.

Бори дигар таърих миллати моро дар ҳоли имтиҳон кардан аст, ба ин хотир эмин будан аз ҳама гуна таҳоҷуми иттилоотӣ,ҷангҳои равонӣ ва муборизаҳои лафзӣ омили муттаҳидӣ ва вокунишу муқовимат алайҳи дурӯғпароканиҳои расонаҳои хориҷӣ, матбуоти зархарид ва сомонаҳои интернетӣ нишони ҳамбастагии миллист. Ҳамчунин зарурати таъсиси як Маркази муқовимат ва вокуниш ба маводи васоити ахбори оммаи хориҷӣ ба миён омадааст. Зеро дар ҷаҳони мутамаддин ва муосир танҳо тариқи вокуниш ба маводи муғризонаву таҳияи мавод бо забонҳои англисӣ, русӣ, арабӣ, фаронсавӣ ва ғайра мо метавонем рӯзгори воқеии мардуми тоҷикро ва дурнамои сиёсати бунёдкоронаи онро ба ҷаҳониён ба тариқи нек муаррифӣ намуда, мафкураи онҳоро роҷеъ ба Тоҷикистон, урфу одат, кору рӯзгор, фарҳангу тамаддуни ин миллати куҳанбунёди тозанафас дигаргун карда, имиҷи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи ҷаҳон баланд бардорем.

А Д А Б И Ё Т

1. Ворошилов В.В., Журналистика.- Санкт- Петербург, 2004, -704 с.
2. Воронцов Ю.В. Дезинформация – это тоже бизнес. -М.: Политиздат, 1965. – 111 с.
3. Паёми Президенти ҶТ ба маҷлиси Олии ҶТ.- Душанбе, 2009, - 95 с.
4. СМИ, конфликты и терроризм. - Берлин, 2003. - 111 с.
5. Журналистика и идеология. – М.: МГУ, 1985. - 184 с.
6. Ҷаҳони Паём,7-уми январи соли 2010.-С.3.

Сарчашмаҳо

1. Телевизиони Тоҷикистон (Шабакаи аввал), барномаҳои «Пайванд», «Дар мавзӯи рӯз», «Нигоҳи комил», «Соҳибватан».
2. Телевизиони «Сафина», барномаҳои «Навид», «Шодиёна».
3. Радиои «Тоҷикистон», барномаҳои «Маҷро», «Ҳукумат», «Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон».
4. Шабакаи «Фарҳанг», барномаҳои «Робита», «Рози суфӣ», «Ёднома», «Гулафшон», «Ганҷинаи ҷовид», «Нури андеша», «Равзанаи нур».
5. Шабакаи «Овози тоҷик», барномаҳои иттилоотии бахшҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ.

ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ВОЙНА И ОБЕСПЕЧЕНИЕ БЕЗОПАСНОСТИ В ИНФОРМАЦИОННОМ ПРОСТРАНТСВЕ

Практика информационно-психологического воздействия получает в современном мире все большее развитие. Необходимо различать два направления ведения информационных войн: информационное и психологическое, в зависимости от этого выбираются способы воздействия на сознание общества. В данной статье рассматривается актуальность защиты от информационных атак, особенно через интернет. Приводятся примеры решения данной проблемы и для защиты информационного пространства Таджикистана предлагается создание Центра противодействия информационно-психологическому воздействию.

Ключевые слова: информационное пространство Таджикистана, информационно-психологическое воздействие, актуальность защиты от информационных атак, Интернет, психологическая война.

WAR OF NERVES AND SAFETY IN INFORMATION PROSTRANTSVA

Practice of information and psychological influence has the increasing development in the modern world. It is necessary to distinguish two directions of conducting information wars: information and psychological. Depending on it ways of impact on consciousness of society get out. In this article relevance of protection against information attacks, especially on the Internet is considered. Examples of the solution of this problem are given and for protection of information space of Tajikistan creation of the Center of counteraction information psychologically is offered to influence.

Keywords: information space of Tajikistan, information and psychological influence, relevance of protection against information attacks, Internet, war of nerves.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***С. Ходжазод*** – соискатель Российско-Таджикского (славянского) университета.

МАЛКУМХОН ВА ИЛМУ ТАМАДДУНИ ҶАДИД

Сайидалӣ Мусавӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷомеаи Эрони аҳди Носирӣ барои нахустин бор гурӯҳе аз донишомӯхтагон ва ғарбрафтагон зуҳур карданд, ки аз онҳо бо унвони мунавварфикрон ёд мешаванд. Мунавварфикрии Эрон падидае буд, ки дар ҷиҳатгириҳои худ нигоҳ ба Ғарб дошт. Ин нигоҳ аз тулӯи Ренесанс-инқилобе, ки инсонро бо фарҳангу ҷаҳонбинии навине рӯ ба рӯ сохт, партав гирифта буд. Дар одамият ва ҳар он чӣ башарӣ аст, мадори тафаккур талаққӣ гардид. Ин андеша дар замони Қоҷор ба Эрон роҳ ёфта, ҳаёти рӯҳӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фикрии ҷомеаро таҳти таъсир қарор дод ва иддаи зиёде аз мунавварфикрон ба фикри ислоҳи низом афтоданд. Онҳо ба ҳангоми рӯй овардан ба фарҳанги ғарбӣ бештар таваҷҷуҳи худро ба наҳлаҳо ва макотиб маътуф медоштанд, ки дар зеҳнашон муродиф бо тараққӣ ва пешрафти илму санъат буд. Намунаҳои боризи онро метавон аз андешаҳои Мирзо Малкумхон - як тан аз мунавварфикрони маъруфи нимаи дувуми садаи Х1Х ва оғози садаи ХХ ба хубӣ мушоҳида кард.

Мирзо Малкумхон Нозимуддавла дар соли 1249 қ. баробар бо 1833 м. дар Исфаҳон ба дунё омад. Падараш Мирзо Яъқуб аз арманиҳои Ҷулфои Исфаҳон буд, ки динашро тағйир дод ва мусалмон шуд. Вай ба далели ошноӣ бо забони Фаронса ҷазби сафоратхонаҳои Фаронса ва Русия шуд ва бо таваҷҷуҳ ба нуфузе, ки дар дастгоҳи Оҳохони Нурӣ дошт, тавонист писараш Малкумхонро ба Порис бифиристад. Малкум дар он ҷо ба мутолиаи улуми табиӣ ва сипас масоили сиёсӣ пардохт. Вай пас аз бозгашт ба Эрон ба кумаки падараш иқдоме ба таъсиси лужи фаромосунарӣ-«Фаромӯшхона» кард ва нахустин рисолаи худро ба номи «Китобчаи ғайбӣ» иншо намуд. Вай дар ин китоб созмондиҳии кишваре ва лашкареро ба сабки ғарбӣ роҳи ягонаи ислоҳ ва тараққии кишвар маътуф кард.

Вай ҳарчанд ки қисми зиёди умри худро берун аз меҳан дар Аврупо ва бештар дар Порис ва Лондон гузарондааст, вале ҳамеша дар андешаи ислоҳи ҷомеа ва пешрафту тараққии кишвар будааст.

Малкум дар таҳлили ниҳоии худ иллати ақибмондагии Эрон ва рамзи пешрафти милали мутамаддинро дар мақулае ба номи «илм» арзёбӣ мекунад. Вай лозимии аслии ҳаракат дар масири тавсеа, шукуфоӣ ва боландагиро касби ин омили ҳаётӣ медонад ва дар бахшҳои бисёре аз осори насрии худ аз бетаваҷҷуҳии давлатмардони эронӣ ба зарурати илмомӯзӣ ва бинои соили умур бар ин бунёни маҳкам гиламанд аст: «Ҳоло дар муқобили дували ҳамҷавор, чизе, ки лозим дорем, илм аст ва басират» [2, 67].

Илмро барои ҳама-чи пиру ҷавон,чи сағиру кабир ва чи корманди одиву вазир зарур мешуморад. Ӯ мехоҳад вузаро соҳиби илму маърифати баланде бошанд ва пешравии умури давлатиро низ баста ба илми вузаро медонад: «Мо таваккуе бояд дошта бошем аз вузаро илм асту бас. Умури дувал куллан баста ба улуми вузаро аст, на ба сифоти шахсии эшон» [1, 82].

Ба ақидаи Малкум агар вузарои Эрон соҳиби ақлу камолоти ақлии мутааддид бошанд, боз ақлоният танҳо кофӣ нест ва барои тавсеа ба илм ниёзмандем: «Эрон фақир аст, Эрон мафлук аст, Эрон гадо аст ба иллати ин ки Эрон адолати қонунӣ надорад ва адолати қонунӣ надорад ба иллати ин ки вузарои Эрон натавонистанд қабул бикунанд, ки илова бар ақли шахсии эшон аз барои тараққии дувал чӣ навъ каромоти илмӣ дар дунё зоҳир шудааст» [1, 196].

Вале дар Эрон ба ин масъалаи муҳим таваҷҷуҳ намекунанд ва ҳамаи чизро вобасата ба ақл медонанд. Ба назари Малкумхон яке аз камбуди ҷиддии мамлакатдорӣ дар ҳамин аст, ки «улуми мамлакатдориро осонтар аз … санъат мешуморем. Ҳеҷ касе намепурсад, ки дарси танзимро дар куҷо хондаед? Хоҳед гуфт: Назми Эрон ақл мехоҳад ва мо ақл дорем. Ман ҳам фарёд мезанам: Эронро ба ақл наметавон назм дод. Бидуни илм мумкин нест бифаҳмид, ки идораи шаҳр, яъне чӣ?» [1,135]

Вай ба сароҳат илмомӯзиро рамзи тавсеа медонад ва муътақид аст, ки ягона муаллифаи мумтози тамаддунро бояд аз милали мутамаддин омӯхт ва ба кор баст: «Бунёни тараққӣ бар илми касбӣ аст, на ба маъқулияти зотӣ» [1,138].

Пешрафту тараққии Ғарбро низ дар густариши илм дар ҷомеа медонад, ки хориҷ аз ақли мардуми Эрон аст: «Улуми Фарангистон чунонки аз барои таксири амтиа ва таксири сармоя қавоиди махсус вазъ кардааанд, аз барои таксири кори як тоифа низ

баъзе ҳикматҳо ва баъзе усул пайдо кардаанд, ки азамати натоиҷи он воқеан, хориҷ аз идроки ақли мост» [2, 112].

Малкум ба ҷиддият аз андешамандон ва файласуфони ғарбӣ илму ақлро ситоиш мекунад. Ғарбро намоди тараққиву пешрафт, Эронро намоди адами пешрафт медонист. Вай напардохтан ба улуми ҷадид ва пардохтан ба улуми нақлиро монеи тараққии Эрон медонист. Аз нигоҳи ӯ, бунёни тараққӣ бар илми касбӣ аст ва барои дастёбӣ ба илм бояд мадориси ҷадидро бино намуд. Ӯ ба тамаддуни Ғарб эътиқод дошт ва дар ин эътиқоди худ танҳо роҳи тараққӣ ва наҷоти ҳамаи миллатҳоро дар пайравии бе чуну чаро аз фарҳанг ва тамаддуни Ғарб медонист. Эрон дар тамоми аркони зиндагии сиёсӣ ва иқтисодӣ бояд усули тамаддуни ғарбиро пазирад, зеро оини тараққӣ ҳамаҷо билоиттифоқ ҳаракат мекунад.

Вай дар тарвиҷи афкораш дар «Фаромӯшхона» ва сипас дар «Ҷомеаи одамият» аз оини инсонпарастии Август Кант- ҷомеашиноси фаронсавӣ илҳом гирифтааст. Бо диққати кофӣ дар афкори Малкум метавон иддао кард, ки фазои зеҳнии ӯ аз навъи таҳсилӣ ва исботӣ аст. Аз ин лиҳоз, вай на танҳо яке аз аввалин таҳсилмаслакон, балки яке аз бунёдгузорони асолати илм дар Эрон аст. Малкум аз афкору ақоиди Ҷон Стюрат Майл-мутафаккири англис баҳраманд шудааст. Аз диди Малкум, маданияти ғарбӣ дар саросари ҷаҳон ба лиҳози таърихӣ на танҳо амрест воҷиб, балки ин таҳаввул аз шароити такомули ҳайати иҷтимоъ ва сабабсози хушбахтӣ ва саодати одамӣ аст.

Малкум дар бораи мадориси ҷадид бар ин ақида буд, ки бояд се навъи мадраса- тарбия, фазила ва олия дар саросари кишвар таъсис шавад. Дар мадрасаи нахуст муҳасссилон бояд хондану навиштани форсӣ, усули илми ҳисоб, таърих, ҷуғрофия, муқаддимоти ҳандаса ва улуми табииро фаро гиранд. Дар мадориси фазила илми маонии баён, ҳикмат, риёзӣ, дар мадориси олия риштаи улуми табиӣ, таърих, расму нақкошӣ ва забонҳои хориҷӣ бояд таълим дода шавад. Илмҳои махсуси мутолиа ба адабиёт, ҳуқуқ, тиб ва ҳунарҳои зебо тақсим ва теъдоди мадориси олии дигарро барои таҳсил дар риштаҳои дигар пешбинӣ кардааст.

Малкум аз кӯтаҳназарии ҳокимон дар ҷиҳати ислоҳи раванди умур гиламанд аст: «Вузаро ва салотини мо ҳар вақт ба хаёли назми давлат афтодаанд ҳамон аҳди худро дидаанд. Модоме ки вуҷуди эшон боқимондаи як навъи назм ҳам дар давлат будааст, ҳамин ки шахси эшон аз миён рафтааст аз низоми эшон ҳеҷ асаре боқӣ намондааст» [1,86].

Малкум беқонунӣ, бархӯрдҳои салиқа ва нашинохтани ҳуқуқи мутақобили ҳукумат ва мардумро низ ба унвони яке аз авомили аслии зулм ва фасод дар ҷомеаи Эрон медонад: «Ҳукми давлат бояд танбеҳи мухолифи он мушаххас бошад. Танбеҳ бояд пеш аз вуқӯи тақсир ба ҳукми қонуни махсус мушаххас шуда бошад. Ҳар танбеҳе, ки баъд аз вуқуи тақсир мушаххас шавад, айни зулм аст. Дар Лондон ҳар фалае медонад, ки ҷазои фалон тақсир чӣ хоҳад буд. Дар Эрон ҳеҷ вазире нест, ки бидонад фалон тақсирро чӣ тавр танбеҳ хоҳанд кард. Ҳар раис дар ҳар мавқеъ ба ҳар шахс мувофиқи майли мулоҳизоти худ як танбеҳи вазъ мекунад ва ҳол он ки аввал шарти ҳукмронӣ ва аввалин бунёни адолат ин аст, ки танбеҳоти давлатӣ пеш аз вақти мушаххас ва дар ҳар мақом ва дар ҳаққи ҳар кас тағйирнопазир бошад» [1,148].

Дар ҷойи дигари асараш «Дафтари қонун» таъкид месозад, ки «умуми коргузорони давлат худро нисбат ба раият мукалиф намедонанд. Раияти мо ба ҳеҷ вазъ намедонад, ки аз дастгоҳи девон чӣ бояд бихоҳад ва аз он тараф дастгоҳи девон ҳеҷ намедонад, ки ба раият чӣ бояд бидиҳад. Ба воситаи ин ихтишош ҳуқуқи девон ва раият таклифи тарафайн низ мабҳум ва мағшуш мондааст» [1,155].

Малкум олудагии дарбориён ба ришва (ё ба таъбири ӯ мудохила), фурӯши маносиби давлатӣ ва ривоҷи тамаллуқро низ аз ҷумлаи муфосиди боризи ҳукуматҳои даврони Қоҷор дониста, дар китоби «Дастгоҳи девон» гуфтааст: «Фурӯши мансаб ва ҳукумат пасттарин хутбаҳо ва болотарин балоҳои давлат аст» [1,113].

Дар асари дигараш «Иштиҳорномаи авлиёи одамият» аз доираи Эрон баромада, масъаларо хеле васеъ мебинад: «Заҳри тамаллуқ дар мамолики Осиё ҳамеша асбоби кӯрии умаро ва бадтарин тоуни салтанат будааст» [1,183].

Ақибмондагии ҷомеаи Эрон масъалае аст, ки бахши бузурге аз осори Малкум сарфи табйиини илал ва авомили он шудааст ва Малкум бар асоси шинохти худ аз авзои иҷтимоӣ ва фарҳангии Эрон ба таносуб роҳи ҳалҳоеро низ барои бурун рафт аз чунин вазъияте пешниҳод кардааст. Вай дар нахустин марҳила бетаваҷҷуҳии вузаро ва коргузорони ҳукуматро ба масъалаи ақибмондагӣ мавриди накӯҳиш қарор медиҳад ва

аз он ки дарки дурусте аз вазъияти фалокатбори ҷомеа дар миёни онҳо вуҷуд надорад, гиламанд аст: «Вузарои Эрон қидмати таърихи Эронро садди ҷамеи болоҳо медонанд. Ҳар чӣ фарёде мекунӣ сел расид, мегӯянд: се ҳазор сол аст ҳамин тавр будаем ва баъд аз ин ҳам хоҳем буд» [1, 32].

Малкум нашинохтани ҳуқуқи мутақобили мардум ва ҳукумат ва масъулиятгурезии афроди ҷомеаро яке дигаре аз авомили ақибмондагии Эрон медонад ва ба ин нукта ишорат медиҳад, ки пайдоиши назм дар ҷомеа маҳсули мушорикати оҳоди афрод ва масъулиятпазирии так-таки аъзои ҷомеа аст. Ҳол он ки мардум таваққуъ доранд, ки чунин назме тавассути ҳокимият дар ҷомеа аъмол шавад: «Офтоби адолат дар як мулк тулӯъ намекунад, магар вақте ки аҳли он мулк ба ҳифзи ҳуқуқи одамият худро мустаҳақи адолат сохта бошанд. Мо дар ин мулк ҷамъи ҳуқуқи зиндагиро ба дигарон таслим кардаем ва ба умеди як хаёле ба ман чиро ихтироъ кардаем. Вақте гумроҳии як мулк ба ҷое бирасад, ки адами ҳаққи зиндагии худро аз тараҳҳуми дигарон гадоӣ бикунад, дар он мулк чӣ таваққуъи адолат чӣ умеди зиндагӣ?» [1, 198] .

Дар ҷойи дигар дар ишора ба ин масъала менигорад: «Ҳаргиз набояд худро мустағнӣ аз хидмати давлати худ бидонем. Ҳама мегӯем: ба ман чӣ? Ман кистам, ки нозими давлат бошам? То ин ба ман чӣ дар Эрон мутадовил аст, подшоҳ ҳамеша дар хаёлоти тараққӣ танҳо хоҳад буд» [1,84].

Бетаваҷҷуҳӣ ба улуми иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар идораи ҷомеа ва мабнои набудани дониш ва шоистагии илмии афрод барои эҳрози муносиби давлатӣ аз дигар бало аст, ки аз назари Малкум боиси фасоди дастгоҳи ҳукмронии Эрон шудааст: «Дар Эрон бидуни ҳеҷ илм метавон ҳатто вазир шуд. Қимати сартипӣ понсад ҳазор тумон аст ва тааҷҷуби ман дар ин аст, ки бо понздаҳсолагӣ метавон сардор шуд.

Ман аз ин русуми Эрон тааҷҷубе надорам. Дар чунин авзоъ мехоҳем дар Порис сафорат дошта бошем, бо англис биҷангем ва бо рус баробарӣ кунем.

Қонун бигузоред, ки ҳеҷ кас ба фалон мансаб нахоҳад расид, магар ба шарти илм ва ба таҳсили фалон истиҳқоқ ва ин қонунро як сол муҷрӣ бидоред ва он вақт бубинед, ки дар Эрон чӣ навъ истеъдод будааст» [1,86].

Масоили дигаре, ки таваҷҷуҳи Мирзо Малкумхонро ҷалб намудааст, тамаддуни Ғарб аст ва роҳи тараққӣ ва наҷоти ҳама милалро табъиди бе чуну чаро аз абъоди сахтафзорӣ ва нармафзории фарҳанги Ғарб медонад.

Мирзо Малкумхон дар «Китобчаи ғайбӣ» бартарии тамаддуни ғарбиро дар давраи аввал аз ноҳияи оини тамаддуни онҳо медонад, ки дар корхонаҷоти инсонсозӣ тавлид мешавад ва дар давраи баъд саноеъ ва ихтирооти онҳо ташаккул меёбад. Барои мардуми Эрон, ки ба кишварҳои мутараққии Ғарб сафар накардаанд, тасаввури пешрафти аврупоиҳо ғайри мумкин аст. Аврупо бо иттикои ду навъи корхона ба ҷиддият гом бардоштааст, ки яке корхонаи тавлиди коло ва дигаре корхонаи сохтани инсон.

Нақди муҳими Малкум ба авлиёи умур ин аст, ки вақте ҳокимони Эрон дар мувоҷеҳ бо кишварҳои муттамадин ба заъфу ақибмондагии худ пай бурдаанд, боз ба ҷойи тааммул дар решаёбии ин тафовутҳо ва пайдо кардани иллати аслии тавсеанаёфтагӣ, фақат маҷзуби мазоҳири тамаддун шудаанд ва тасаввур кардаанд, ки бо тағйири бархе завоҳир метавон ба қофилаи тамаддун расид. «Сабаби адами тараққии Эрон ин аст, ки вақте авлиёи давлат дар садади ахзи танзимоти Фаранг баромаданд, усули назмро ба ҳеч ваҷҳ надида, ҳавоси худро мунҳасир ба тақлиди фуруот карданд ва ҳар чӣ дар ахзи фуруот бештар иҳтимом карданд, аз усули назм дуртар афтоданд. Мо як хона дорем, ки бунёнаш маъюб ва хароб аст ва бе ин ки дар хаёли таъмир бошем, дар болохонаҳои махруба аз як самт нақкошии муттасил мекунем ва аз самти дигар хароб мешавад. Ба воситаи надоштани илм наметавонед усули назмро дарк кунед. Ин аҷзи шумо дар дарки усули назм боиси зиллати Эрон шудааст».

Нуқтаи шурӯи ислоҳ дарки усули назм ва усули тавсеа аст вагарна «модоме, ки авлиёи давлат маънии усули назмро наёфтаанд, ҷамеи тадобири эшон бе самар ва умри он давлат дар тақлиди фуруот зоеъ хоҳад буд» [1, 58].

Малкум, ҳар динро мутазамини се рукни мухталиф медонад: эътиқодот, ибодот ва ахлоқиёт. Эътиқодот ва ибодот фақат ба тақвият ва тазмини усули ахлоқӣ кумак мекунад. Бинобар ин, умед ба подош ва тарс аз муҷозот дар охират муассиртарин зомини ҳифзи муносиботи иҷтимоии маъқул дар дунёст. Ахлоқиёт подош медиҳад ва муҷозот менамояд.

Малкум илмро василаи ғайримазҳабӣ медонад, ки метавонад пуштибони ахлоқ бошад. Ӯ менависад: «Интишори улум дар аксар мамолики Аврупо ва Янги дунё (дунёи нав, манзур қитъаи Амрико-С. М.) мардумро ба ҷиҳати иктисоби ҳусни ахлоқ аз эътиқодот ва ибодот, ки шарти дугонаи ҳар дин аст, мустағнӣ доштааст. Аммо дар Осиё улум интишор надорад. Бинобар ин, дар ин иқлим ҳифзи ин ду шарт барои иктисоби ҳусни ахлоқ, ки мақсади аслии ҳар дин аст, аз воҷибот аст» [2,125].

Ҳамин тариқ, Мирзо Малкумхон чун дигар мунавварфикрони Эрони охири садаи Х1Х-оғози садаи ХХ дар ҷустуҷӯйи роҳи тараққӣ ва пешрафти кишвар илму усули тамаддуни Ғарбро яке аз василаи муҳимтарини ҳалли мушкилот донистааст, ки андешаву мулоҳизаҳои вай дар робита бо мунавварфикрони ҳамзамонаш омӯзишу баррасии мукаммалеро тақозо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Маҷмуаи осори Мирзо Малкумхон. Тадвин ва танзими устод Муҳити Таботабоӣ.-Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1374.
2. Рисолаҳои Мирзо Малкумхон.-Теҳрон: Нашри Най, 1381.

МАЛКУМХАН И СОВРЕМЕННАЯ НАУКА И ЦИВИЛИЗАЦИЯ

Мирзо Малкумхан – один из ярких представителей просвещения конца Х1Х и начала ХХ веков считал Запад основой развития и прогресса. Он говорил о том, что Иран должен следовать западной культуре и цивилизации и в развитии политической и экономической жизни страны следовать западной цивилизации. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению размышления Мирзо Малкумхона о науке и современной цивилизации.

Ключевые слова: просвещенность, преобразования, инакомыслие, Малкумхон, наука и цивилизация, исправление общества.

MALKUMKHAN BOTH MODERN SCIENCE AND CIVILIZATION

Mirzo Malkumkhan – one of bright representatives of education of the end of H1H and the beginning of the XX centuries considered the West as a development and progress basis. He said that Iran has to follow the western culture and a civilization and in development of political and economic life of the country to follow the western civilization. In this article by the author are subjected to consideration and studying of reflection of Mirzo Malkumkhon about science and a modern civilization.

Key words: culture, transformations, dissent, Malkumkhon, science and civilization, society correction.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Сайидали Мусави*** - соискатель Таджикского национального университета

ФАЪОЛИЯТИ РӮЗНОМАНИГОРИИ АЛӢ ХУШ

М.М. Шодиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад».
(С.Айнӣ)

Алӣ Хуш ба мисли аксари адибони солҳои сиюм бо хатми мактаби дусолаи тоҷикии Самарқанд нахустин қадамҳои эҷодии худро ҳамчун қаламкаш аз матбуот оғоз намудааст. Ҳаъне даргоҳи нашрияҳои он замон, аз бисёр ҷиҳат ба як макони илму маърифат, таҳлилу баррасӣ ва инъикоси ҳаёти ҷомиаи нави Шӯравӣ табдил ёфта буданд, ки ин ҳама дар камолоти нависандагии аксари адибони солҳои сивум як мактаби эҷодӣ ва нақши босазое доштааст.

Бо боварии том метавон гуфт, ки омӯзиши матбуоти солҳои сиюм барои рӯшан сохтани бисёр воқеиятҳои таърихӣ ва ошно шудан ба зиндагии халқ дар як даврае, ки тоҷикон дур аз марказҳои мадании худ шаҳр ва давлат месохтанд, боаҳамият аст, ки дар ин миён фаъолияти Алӣ Хуш ҳамчун рӯзноманигор хеле назаррас мебошад. Мавриди тазаккур аст, ки Комитети Марказии комсомолони Тоҷикистон истеъдод ва маҳорати Алӣ Хушро дида, барои кор ӯро ба бонуфузтарин нашрияи ҳамонвақтаи республика «Тоҷикистони Сурх» роҳхат медиҳад. Дар ин нашрия Алӣ Хуш нахуст ба сифати ходими адабӣ ва дар охирҳои соли 1930 масъулияти шуъбаи оммавӣ ва ё худ мудири шуъбаи мухбиронро бар дӯш мегирад. Аз соли 1934 то сентябри соли 1937 ба

ҳайси котиби масъул фаъолият кардааст. Алӣ Хуш дар рушди соҳаи рӯзноманигорӣ, тарбияи мухбирони ҷавон, ташкили рӯзномаҳои ноҳиявӣ дар солҳое, ки матбуоти тоҷик акнун дар тамоми манотиқи Тоҷикистон шакл мегирифт, саҳми назаррасе доштааст. Масалан, хотираҳои Қосим Дайламӣ собиқ муҳаррири масъули рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» барои мо рӯшан месозад, ки Алӣ Хуш чӣ мақому мартабае дар матбуоти солҳои сӣ доштааст ва маҳз бо ибтикори ӯ барои нахустин бор дар Тоҷикистон анҷумани мухбирон даъват шудааст: «Бо ташаббуси Алӣ Хуш аввалин дар Тоҷикистон съезди мухбирон даъват карда шуд. Барои гузаронидани ин съезд намояндагони матбуотро ба районҳо фиристода маҷлисҳо мегузарониданд. Вай худаш ба аксарияти районҳо рафта, конференсияҳои мухбиронро ташкил кард».

Аз дастандаркорони баргузории нахустин анҷумани мухбирон будани Алӣ Хуши 20-соларо академик С.Табаров низ тайид мекунад: «Алӣ Хуш дар гузаронидани съезди нахустини мухбирони коргару деҳқони республика корҳои зиёдеро ба ҷо овардааст. Алӣ Хуш апрели соли 1931 бо муҳаррири газетаи «Тоҷикистони Сурх» Қ.Дайламӣ бо масъалаҳои корҳои газета ба Москва меравад, аз он ҷо ба саёҳат ба Ленинград фиристода мешавад. Пас аз баргаштан ҳамчун журналисти боистеъдод ва нависандаи ҷавон ба Ялта фиристода мешавад».

Тавре ишора шуд, Алӣ Хуш дар ташкили рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва роҳнамоии мухбирони ҷавон дар гӯшаҳои Тоҷикистон кумаки худро ҳаргиз дареғ надоштааст. Ба гунаи мисол, Ҳоҷӣ Асрори Сироҷ аз аввалин омӯзгорони маҳаллӣ дар ноҳияи Ғарм (ҳозира Рашт –Ш.М.) ба муаллифи ин сатрҳо чунин нақл карда буд: «Рӯзноманигор Облоқул Турдиевро Алӣ Хуш аз Панҷакент ба Ғарм овард ва ӯ солиёни зиёд ба ҳайси муҳаррири рӯзномаи «Болшевики Ғарм» кору фаъолият кард ва ҳамин ҷо хонадор шуд».

Бо варақ задани матбуоти солҳои сивум маълум мешавад, ки шурӯъ аз соли 1930 мақолаҳои Алӣ Хуш дар саҳифаҳои газетаи «Овози тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» ба дасти хонанда мерасанд. Бояд гуфт, ки пешсафии Алӣ Хуш аз бисёри қаламкашони ҳамсоли худ ин буд, ки чун як рӯзноманигор доираи андешааш фарох ва диди журналистии амиқ дорад. Истеъдоди воло, қалами тез, сермаҳсулӣ, пайдо намудани мавзӯи рӯз аз ҳама ҷиҳат Алӣ Хушро дар миёни ҳамкорон ва оммаи мардум соҳиби обрӯю эътибори зиёд гардонида буд.

Мақолаҳои «Масъалаи маорифи занон дар Тоҷикистон», «Ба бесавод мондани 5000 нафар, ки ҷавобгар мешавад?», «Чаро курсҳои маҳви бесаводӣ хобидаанд?», «Талабҳои қатъии имрӯза» ва дигар мақолаҳои ӯро метавон ном бурд, ки дар бунёди республикаи ҷавони Тоҷикистон он замон ниҳоят муҳим буданд, навишта шудаанд. Ҳар чи тезтар савод баровардани мардум, бунёди макотиб ва бо мутахассисони варзида таъмин намудани дабистонҳо ва амсоли ин таҳлилу баррасиҳо дорад, ки ҳатто аз нигоҳи имрӯз ин навиштаҳо куҳна нашуда, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Ӯ хуб дарк карда буд, ки асоси пешрафти ҷомеаи нав бидуни рушди маориф ва саводи комил ғайриимкон аст.

Ӯ чун як рӯзноманигори бомаҳорат ва борикбин қариб ба ҳама масъалаҳои замон дахл намуда, ки дар он хонанда ба рӯзгори кишоварзон, ҳаёти колхозсозӣ ва сохтмонҳои азими Тоҷикистони Шӯравӣ дар солҳои сиюм шинос мешавад. Алӣ Хуш рӯзноманигори ҳуҷранишин набуда, қариб ба ҳама гӯшаҳои Тоҷикистон сафарҳои эҷодӣ доштааст, яъне ҷуғрофияи эҷодиёти Алӣ Хуш фақат ба ин ё он минтақаи Тоҷикистон ҳаргиз маҳдуд нашудааст.

Як ҷанбаи маҳорати рӯзноманигорӣ, -ин пайдо кардани номи хушу муносиб ба мақолаи навишта мебошад, ки на дар ҳама вақт эҷодкор метавонад ба он даст ёбад. Аммо мо ин маҳорати номгузориро қариб дар ҳамаи навиштаҳои Алӣ Хуш мебинем, ки номи зебо бар навиштаҳои ӯ ҳусни дигаре зам намудааст: «Пахта коштед ё ғумай?», «Об дар пахта, обмон дар хона», «Боз ҳам пантуркистӣ, боз ҳам иғвогарӣ», «Чаро курсҳои маҳви бесаводӣ хобидаанд», «Ниқоби рӯи миллатчиён медарад», «Падариро падарона кардан лозим аст», «Колхози «Хурсандӣ» дар кишти пахта ақиб» ва даҳҳо мақолаҳои дигар исботи гуфтаҳои болост.

Дигар навиштаҳои Алӣ Хуш, ки дар матбуоти солҳои сиюм рӯи чоп омадаанд, ин мақолаҳои интиқодии ӯ дар бахши адабиёту санъат мебошад. Ӯ чун мунаққид ба навиштаи ин ва ё он адиб изҳори ақида кардааст. Дар замоне ки адабиёту фарҳанг ва театри тоҷик қомати худро акнун рост ва роҳро барои оянда муайян мекард, баҳсҳо сари даст кашидан аз вазни арӯз низ ҷараён дошт, ки назар додани Алӣ Хуш ба

манфиати кор буд. Зеро бисёре назмгунаҳои ҳиҷоии бемаъноеро мо дар матбуоти он солҳо мехонем, ки муаллифонашон бо чидани калимаҳо ва овардани вожаҳои оҳангдори бо ном «қофия» аз худ шоир тарошида, шеъри арӯзиро моли куҳна ва нодаркор медонистанд. Ҳамин аст, ки Алӣ Хуш дар мақолаи «Мулоҳизаҳои мо дар ҷабҳаи адабиёти пролетарии тоҷик» аз шоиртарошоне, ки аз асолати шеъри ноби форсӣ фарсахҳо дуранд, интиқод мекунад. Дар ин мақола Алии ҷавон аз он нигаронӣ мекунад, ки бисёре аз адибон мазмунро қурбони шакл кардаанд. Алӣ Хуш дар мисоли як шеъри Ҷ.Ализода бо нигаронӣ таъкид мекунад, ки дар ин шеъргуна на калимоти шеърӣ дида мешавад ва на вазни арӯзи тоҷикӣ риоят шудааст. Ӯ чун як мунаққиди тозаназар мехоҳад то ҳар чи зудтар хасу хошоке, ки дар матбуоти солҳои сӣ ҳамчун шеър муаррифӣ шудаанд, руфта партофта шавад.

Таври маълум то оғози солҳои сиюм театри касбӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надошт. Аммо дар ин солҳо, ки мебоист ҳар чи тезтар ормону афкори инқилобӣ ба мардум муаррифӣ мешуд, зарурати мавҷудияти театр ба миён омада буд. Ин нуктаро адабиётшинос Х.Асозода дуруст таъкид мекунад, ки нақши меҳварӣ дар ин кор танҳо бар дӯши театр уфтода буд: «Мусаллам аст, ки солҳои бист ва сӣ дар Тоҷикистон низ инқилоби фарҳангӣ оғоз ва фаъолият кард ва шадидан ниёз ба театр пайдо шуд, зеро танҳо театр метавонист ба таври муассир андешаҳои инқилобиро дар зеҳни касони босавод биғунҷонад». Драматургияи миллии мо аз он ки аввалин қадамҳои худро вобаста ба ин мавзӯъ мегузошт, ниёзмандӣ ба осори драмавӣ ба назар мерасид. Ҳамин аст, ки Алӣ Хуш бо назардошти рӯи саҳна омадани намоишномаҳои саривақтию замонавӣ, мақолаи «Даёш песаҳои нав»-ро менависад. Муаллиф мехоҳад рӯи саҳнаи театри миллии тоҷик асарҳои драманависони ватаниро бубинад. Вай дар ин мақола бо таассуф мегӯяд, ки дастандаркорон песаҳои «Ҳалима» ва «Фарҳоду Ширин»-ро муддати дароз дар репертуари театр гузоштаанд ва аз драманависон хоҳиши рӯи саҳна овардани «Ҳалима» ва «Фарҳоду Ширин»-ҳои нави эпохаи мо»-ро талаб мекунад.

Ин адиби ҷавон пешниҳод мекунад, ки ҳар як асари драмавӣ тариқи озмун рӯи саҳна оварда шавад ва ҳамин интихоб метавонад сифати осори саҳнавиро боло барад.

Як хусусияти вижаи маҳорати рӯзноманигории ӯ ин аст, ки дар ҳар мақолаи худ мавзӯе, ки мавриди баррасиаш қарор додааст, таҳлилҳо на рӯякӣ, балки бо ҳама ҷанбаҳояш тадқиқ мешаванд. Бо варақ задани рӯзномаву маҷаллаҳои солҳои сиюм метавон домани эҷодиёти Алӣ Хушро алорағми умри кӯтоҳ, вале бобаракаташ муҳим донист. Зеро танҳо як фаъолияти ӯ дар бахшхои рӯзноманигорӣ то ҳадде фаровон ҳаст, ки дар доираи як мақола мо наметавонем тамоми осори ӯро ба риштаи таҳлил бигирем. Осори рӯзноманигории Алӣ Хуш бо хати лотинӣ ва форсӣ дар нашрияҳои солҳои сиюм ба шакли пароканда гирд омадаанд, ки то ҳанӯз ба таври лозима ба дасти хонандаи худ нарасидаанд ва зарур аст мавриди табъу нашр қарор бигиранд. Бидуни муболиға дар солҳои сивум метавон ба хулосае омад, ки ӯ маҳз дар ташкили рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва тарбияи рӯзноманигорони ҷавон як нафари соҳибмактаб буд. Танҳо барояш умр вафо накард, то ин мактаб такмил ёбад. Пешаи рӯзноманигорӣ барои Алӣ Хуш як пуле буд дар гузаштан ба ҷодаи нависандагӣ. Аз мушоҳидаҳо фаъолияти рӯзноманигории Алӣ Хуш дар насрнависии ӯ бетаъсир набудааст. Рӯзноманигор, ки ҳамеша ба замону макон ва далелу аснод такя мекунад,чунин як услуб дар асарҳои бадеии Алӣ Хуш роҳ ёфтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи бист. -Душанбе: Маориф, 1999.
2. С.Саидов. Ҳаёт ва эҷодиёти Алӣ Хуши Найистонӣ.- Душанбе, 1959. (Рисолаи дипломӣ).
3. С.Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. -Ҷ.3. -Душанбе: Ирфон, 1983.

ЖУРНАЛИСТСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АЛИ ХУША

Али Хуш играл важную роль в развитии таджикской журналистики 30-х годов. Он также активно участвовал в организации и проведении первого съезда журналистов Таджикистана. Он всегда неустанно старался в деле открытия и организации районных газет и обеспечении их хорошими специалистами и профессиональными журналистами. Данная статья посвящена изучению и исследованию журналистской деятельности и вклада Али Хуша в развитие таджикской журналистики.

Ключевые слова: таджикская журналистика, развитие таджикской журналистики, Али Хуш, журналистская деятельность.

JOURNALISTIC ACTIVITY OF ALI OF HUSHA

Ali Khush is played a great role in journalistic of Tajik in the year of 1930. During the 1-st Congress of journalists of Tajikistan hi was one of the founder of this Congress. His literary works heed been difference than the others. In this topic discussed about journalistic activities of Ali Khush and his serviced in the development of Tajik journalism.

Key words: Tajik journalism, development of the Tajik journalism, Ali Hush, journalistic activity.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М.М. Шодиев*** – соискатель Таджикского национального университета

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТИ ОЧЕРКҲОИ ПОРТРЕТИИ ҶӮРА ЮСУФӢ

Замира Сатторова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Тӯли 20 соли истиқлолияти Тоҷикистон дар васоити ахбори омма, аз ҷумла, дар жанрҳои публитсистӣ низ таҳаввулоти назаррас ба вуҷуд омад. Қонунан манъ шудани сензура, баробари васоити ахбори оммаи расмӣ арзи вуҷуд кардани рӯзномаву маҷалла, радиову телевизиони хусусӣ доираи фаъолияти рӯзноманигоронро васеъ намуд. Мо кӯшиш мекунем, ки дар ин мақола асосан таҳаввули яке аз жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ, яъне очеркро дар мисоли эҷодиёти рӯзноманигор Ҷӯра Юсуфӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор бидиҳем.

Ҷӯра Юсуфӣ яке аз рӯзноманигорони касбиест, ки беш аз 30 сол боз дар хидмати матбуоти тоҷик мебошад. Фаъолияти рӯзноманигорияшро дар нашрияи «Машъал»-и ноҳияи Мастчоҳ шурӯъ карда, то ба дараҷаи сармуҳарририи ин рӯзнома расид. Баъдан дар нашрияҳои «Гулбонг», «Ориён», «Суғд» кор кардааст. Аз соли 2005 муовини сармуҳаррири яке аз ҳафтаномаҳои бонуфузи вилояти Суғд «Варорӯд» мебошад. Узви Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аст. Дар мавзӯъҳои гуногун бештар мақолаҳои таҳлилӣ менависад. Чандин очеркҳояш, ки дар матбуот ва дар шакли китобҳои алоҳида ба табъ расидаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавсуф дар ин жанр хеле муваффақ аст. Ба ин иддао очеркҳои портретии Ҷӯра Юсуфӣ «Сиёҳи сафед», «Ҳафт пайкор», «Шаҳиди ҳунар», «Манори Деҳманора» ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Таҳлили «Ҳафт пайкор», ки аз рӯзгор ва осори ходими сиёсию давлатӣ Саидшариф Шарифов ҳикоят мекунад кофист, ки Ҷӯра Юсуфиро яке аз очеркнависони муваффақи муосир биномем. Худи номи очерк «Ҳафт пайкор» навоварона буда, хонандаро водор мекунад, ки ба чӣ будани пайкорҳои қаҳрамони асар таваҷҷуҳ намояд. Муаллиф дар пайкори аввал замони бачагии қаҳрамони худ Саидшариф Шарифовро, ба айёми манҳуси Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ рост омадааст, ба риштаи тасвир мекашад. Сипас ба тасвири даврони наврасию мактабхонӣ, ҷавонию донишҷӯии қаҳрамон мегузарад ва барои боварибахшии навиштаҳояш хотироти ду ҳамсинфи қаҳрамонашро меоварад. Дар пайкори дувум қаҳрамон мутахассиси ҷавонест, ки ӯро сармуҳандиси хоҷагии пахтакор таъйин кардаанд. Ва дар панҷ соли кориаш хоҷагиро аз лиҳози истифодаи техникаи кишоварзӣ дар ноҳия ангуштнамо гардонид. Натиҷа ин буд, ки С. Шарифовро сардори идораи техникаи кишоварзии яке аз калонтарин ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ таъйин карданд ва дар ин вазифа ҳам ба таври шоиста кор кард. Тавре муаллиф менависад: «Маҳз ҳамин вазифа Саидшарифро ба тамоми ноҳия ҳамчун мутахассиси кордида, роҳбари арзанда шиносонд. Дар давраи сарварии ӯ «Селхозтехника»-и ноҳия ба куллӣ дигаргун гашт. Коргоҳҳои нави таъмир ташкил ёфтанд. Сатҳи зиндагии кормандони корхона хеле баланд гардид. Аз вилояту ҷумҳурӣ гурӯҳ-гурӯҳ мутахассисон ба омӯхтани таҷриба ба ин коргоҳ меомаданд» [5,14]. Пайкори савумро муаллиф «Раҳбарӣ аз раҳравӣ душвортар» номгузорӣ кардааст, зеро аз он нақл мекунад, ки қаҳрамони 32-солаашро раиси кумитаи иҷроияи ноҳия таъйин карданду баъди як сол ноҳия ғолиби мусобиқаи умумииттифоқӣ гардид. «Ин комёбӣ беш аз ҳама, ба раиси навкор рӯҳу илҳоми тоза бахшид. Орому қарор надошт ӯ. Субҳи барвақт аз хона мебаромад ва аз саҳрою фермаҳо, майдонҳои сохтмон, пойгоҳҳои обкашӣ дидан мекард, баъд ба идора меомад. Арзу шикоят, талабу дархости мардумро гӯш мекард. Бегоҳ боз дар ин ё он маҳал пайдо мешуду рафти корҳоро бевосита мушоҳида мекард» [5,17]. Муаллиф барои таҳвияти фикр нақлҳои ҳамкорони

ҳамонвақтаи қаҳрамонаш котибони кумитаи ҳизбии ноҳияро бамаврид меоварад. Ҳамчунин ҳикояти ҳамсари қаҳрамон дар бораи лаҳзаҳои душвори кори раис шавқовар мебошанд ва ба кушодани паҳлуҳои гуногуни хислати ӯ кумак мерасонанд. Пайкори чаҳорум ба фаъолияти Саидшариф Шарифов ба ҳайси котиби якуми кумитаи ҳизбии ноҳияи Зафаробод бахшида шудааст. Муаллиф ҷасорати қаҳрамонашро дар ҳалли як муноқиша, ки чандин сол боз зафарободиёнро ташвиш медод, нишон медиҳад. Колхози номдори ба номи Ленини ноҳияи Пролетар (ҳоло Ҷаббор Расулов) дар Зафаробод заминҳои бисёр дошт, ки дар саргаҳи об қарор гирифта буданд. Роҳбарони ин минтақа аз обрӯи раиси номдорашон Абдуғаффор Самадов истифода бурда, навбати оби зафарободиҳоро низ аз худ мекарданд. Муаллиф аз нақли Ҷумъабой Раззоқов – собиқ сардори хоҷагии оби ноҳияи Зафаробод меоварад: «Ҳалли ин масъалаи нозук ҷасорат, шуҷоатро талаб мекард. Охир бо Абдуғаффор Самадов, ки дар Тоҷикистону Ӯзбекистон роҳбарони якум бо ӯ машварат мекарданд, сар ба сар шудан осон набуд. Шодравон Саидшариф Шарифов бо душворӣ бошад ҳам ин масъаларо бардошт ва адолатро барқарор кард. Ба тақсими баробари об байни пролетариҳою зафарободиҳо муваффақ шуд» [5,29]. Дар ҳамин қисмати очерк муаллиф лаҳзаи бори аввал ба сактаи қалб мубтало шудани қаҳрамонро тасвир карда, лаҳзаеро меоварад, ки хонанда ба некнафсию поквиҷдонии С. Шарифов мутмаин мешавад. Вақте бо сактаи дил ӯро ба беморхонаи вилоятӣ меоваранд, ӯ вақте бо ҳамсараш танҳо мемонад, бори аввал ашк мерезад. Баъдан, вақте ки комилан шифо меёбад, ҳамсараш сабаби он ашкрезиро мепурсад.

«Он ашк барои ояндаи фарзандонамон буд. Охир мо тоҳол ягон хонаи доимӣ надорем. Баъди сари ман аҳволи онҳо чӣ мешуда бошад?

Дар ҳақиқат хонаи доимӣ надошт Саидшариф. Вақте ки аз Мастчоҳ ба Зафаробод кӯч мебастанд, ҳамсараш хонаи ҳукуматиро супурдан нахост. «Охир дар диёри худ ҳам як сарпаноҳ доштанамон даркор»,-эътироз кард ӯ. «Не, хонаро месупорем, виҷдони ман намебардорад!» -қатъӣ гуфта буд шавҳар» [5,32-33].

Дар пайкори панҷум дар бораи бо дархости мардум дубора ба ноҳияи Мастчоҳ ҳамчун котиби якуми кумитаи ҳизбӣ омадани Саидшариф Шарифов ва фаъолияти минбаъдаи ӯ нақл карда мешавад, ки ба даврони намоишҳову сиёсатбозиҳои охири солҳои ҳаштодуму аввали солҳои навадуми асри гузашта рост омад. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас мавқеи қаҳрамонашро, ки депутаи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ҳам буд, дар он солҳои пурошӯб нишон медиҳад.

Пайкори шашум, ки «Фиристода бояд, ки доно бувад» ном дорад, ба фаъолияти Саидшариф Шарифов ба ҳайси нахустин Сафири Тоҷикистон дар Қазоқистон бахшида шудааст, ки ҳанӯз соли 1994 ба рутбаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон мушарраф гардида буд. Дар ин вазифа қаҳрамони очерк корнамоиҳои бисёре, аз ҷумла ба Тоҷикистон овардани гандуми қазоқ, мусоидат ба гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар Алмаато нишон додааст. Муаллиф барои исботи фаъолияти пурсамари сафирии қаҳрамон иқтибосе аз гуфтаҳои сафирони кишварҳои гуногун дар Қазоқистон, вазири вақти корҳои хориҷии Қазоқистон оварда, суханони хешро тақвият бахшидааст.

Дар пайкори ҳафтум «Раиси ҷовидон монд ӯ...» гуфта мешавад, ки соли 1996 мардуми Мастчоҳ бояд 40-солагии азхудкунии дашти Дилварзинро ҷашн мегирифтанд, аммо вазъи игтисодию ичтимоии ноҳия хуб набуд. Президенти кишвар моҳи феврали ҳамон сол С.Шарифовро раиси ноҳия таъйин кард. Тавре муаллиф менигорад: «Зоҳиран барои С.Шарифов роҳбарӣ кардан дар Мастчоҳе, ки бемуҳобот ҳар ваҷаб замин, ҳар ҷӯйбор, ҳар дарахт ва ниҳоят ҳар инсони онро медонисту мешинохт, он қадар душвор набуд. Аммо шароити нави иқтисод тафаккури нав, тарзу усулҳои нави роҳбариро талаб мекард» [5,62].

Сипас муаллиф чанд лаҳзаеро аз давраи раисии ӯ, аз қабили барои сари вақт пардохт накардани ҳаққи гандуми деҳқонон аз вазифааш дур кардани сардори идораи амният, барои аз ронандагон ситондани пора ҷазо додани кормандони милитсия ва ғайраро тасвир карда, хислатҳои начиби ӯро барои хонанда мекушояд. Ниҳоят, қаҳрамони очерк бар асари хурӯҷи бемории дил, ки ҳеҷ барои табобаташ вақт намеёфт, аз дунё даргузашт. Ин лаҳзаро муаллиф Ҷӯра Юсуфӣ басо муассир ба риштаи тасвир мекашад: «Сари миз нишаст ва... дилаш, дили ҳассосу заҳматкаш, дили аз ори ташвиш харобу абгор, дили аз неши тӯҳматҳо фигор, дили бирён дар ишқи ёру диёр аз тапидан монд» [5,67].

Агар ба ин очерк аз лиҳози талаботи жанр баҳо диҳем, яке аз намунаҳои беҳтарини очерки портретии муосир мебошад, зеро ба ақидаи профессор И.Усмонов: «Хусусияти публитсистии очерк дар он зоҳир мешавад, ки вай дар бораи одамони аниқ, бо факту рақамҳои конкрет навишта мешавад. Аммо ин нақли хушку холӣ не, балки нақли бообуранг, нақли бадеӣ аст ва хусусияти бадеии очерк низ дар ҳамин зоҳир мешавад» [3, 96].

Муаллиф тавонистааст тахайюлу воқеиятро ба ҳам пайвандад ва бо истифодаи иқтибосҳову санъатҳои бадеӣ асарро хондани ва шавқовар намояд. Ба ин порча аз очерки мазкур таваҷҷуҳ кунед: «Дар макони нав мастчоҳиёнро омехтани касбу ҳунарҳои нав зарур буд. Аксари онон, ки пахтаро танҳо дар ҷилди кӯрпаву болин дида буданд, мебоист пунбакор шаванд. Пахтакорӣ дар ин заминҳои фарох бидуни мошину трактор дар ҳован об кӯбидан буд» [5,8].

Дар ин порча муаллиф бо ибораи «танҳо дар ҷилди кӯрпаву болин дидани пахта» лутфи ачибе кардааст ва зарбулмасали «дар ҳован об кӯбидан»-ро ба маънои кори ношуданӣ, ё беҳуда басо бачо истифода бурдааст.

Муаллиф аз байтҳо ва суханони пурҳикмат мувофиқи мақсад истифода мебарад. Чунончи, дар очерки мавриди баррасии мо суханони нишонрасе аз Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Низомулмулк, Мирзо Бедил, Расул Ғамзатов оварда шудаанд, қимати бадеии онро афзудаанд.

Забони асар низ оммафаҳм аст ва муаллиф аз насри мусаҷҷаъ фаровон истифода кардааст. Масалан: «Касе гумон надошт, ки баъди як моҳ деви манҳуси ҷанг сояи шуми хешро ба ҷаҳон мегустурад, аз пирон ***давлат,*** аз ҷавонон ***савлат***, аз бачагон ширинихои ***туфулият***ро мерабояд» [5,7].

Ё, кӣ «Ӯ дар дили мардуми Зафаробод ҳамчун як роҳбари ***одил***, инсони ***оқил*** ва марди ***комил*** боқӣ монду аз он ҷо бо дарди ҷонкоҳи ***дил*** ба зодгоҳаш баргашт...» [5,33]. Калимаҳои ҳамқофияи ***одил, оқил, комил*** ва ***дил*** ҷумларо равон ва пуртаъсир кардаанд.

Дар очерки «Манори Деҳманора» бошад Ҷӯра Юсуфӣ талаботи жанрро пурра риоя кардааст ва симои як нафар деҳқони асил, саркори номӣ Ҳафиз Тӯраевро ба хонанда муаррифӣ намудааст. Муаллиф қаҳрамонро дар лаҳзаҳои мубориза барои ҳақиқату адолат тасвир карда, нишон медиҳад, ки чӣ тавр ӯ аз доми балоҳо ва туҳмату бухтонҳо ба туфайли покдиливу поквичдонияш раҳо мешавад ва бадхоҳони ӯ ба чоҳи кандаи худ меафтанд. Чунончи, ҳангоми мудири фермаи хоҷагӣ будани ӯ раису сармуҳосиб мехоҳанд аз вазифа озодаш кунанд ва ба воситаи ошноёнашон дар «боло» тафтишоти ғаразноке ташкил мекунанд. Ба туфайли кӯшишҳои қаҳрамон тафтиш тамоми фаъолияти хоҷагиро дар бар мегирад ва: «Натиҷаҳои тафтиш ҳамон байти Носири Хисравро исбот карданд:

Чу бад кардӣ, машав эмин зи офот,
Ки воҷиб шуд табиатро мукофот.

Раис, сармуҳосиб, муҳосиби ферма, хазинадор, ду мудири анбор аз 2 то 5-солӣ аз озодӣ маҳрум гардиданд. Аз ин санҷиши покизагӣ Ҳафиз Тӯраев бо сарбаландӣ гузашт. Ба қавли халқ, чоҳканҳо ба чоҳи кандаи худ афтоданд» [7,16].

Сипас, фаъолияти саркории қаҳрамон ба риштаи тасвир кашида мешавад ва муаллиф бо мисолҳои равшан сирри комёбиҳои ӯро мекушояд.

Дар бисёр очеркҳои ба истилоҳ «истеҳсолӣ»-ро мебинем, ки муаллифон бештар ба инъикоси фаъолияти меҳнатии қаҳрамонон машғул шуда, онҳоро аз ҷамъият, оила ҷудо нишон медиҳанд. Ҷӯра Юсуфӣ қаҳрамонашро на фақат дар муҳити истеҳсолот, балки дар байни мардум ҳам тасвир мекунад. Чунончи, Ҳафиз Тӯраев на фақат сардори як хоҷагии деҳқонӣ, балки ҳамчун саркори яке аз деҳоти калони Мастчоҳ- Деҳманора тасвир мешавад, ки барои ба ифоқа овардани расму ойинҳо, ободонии диёр доимо саъю талош мекунад. То барои дигаро намуна шавад, нисбат ба ақли хонаводаи хеш серталабӣ мекунад, фарзандонро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва инсонгарӣ тарбия мекунад, ки роҳи ӯро сарбаландона идома медиҳанд. Ғайр аз ин қаҳрамони асар инсонест, ки ба худшиносӣ рағбати калон дорад, таърихи деҳаашро медонад, ҳуҷҷату васиқаҳои таърихиро ҳифз кардааст ва ҷавононро дар рӯҳияи дӯст доштани Ватан тарбия мекнуад.

Муаллиф ба услуби худ содиқ монда, барои ҳар чӣ бештар ошкор кардани хислатҳои қаҳрамонаш бо шахсони гуногун: ҳамсолон, ҳамкорон, наздикону пайвандони ӯ ҳамсуҳбат шудааст ва гуфтаҳои онҳоро иқтибос овардааст.

Бадеияти очерки «Манори Деҳманора» ҳам баланд буда, тавре ки дар порчаи дар боло иқтибосшуда аён аст, аз зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехта, шоҳбайтҳо фаровон истифода бурдааст.

Барои тақвияти ин гуфта боз як иқтибосе аз очерки мазкур меоварем:

«Басо душвору сангин буд рӯзгор. Ҳафиз барвакт ба кори сахт дасту панҷаи худ ошно сохт. Гоҳо бо юғу испор замин шудгор мекард, гоҳ бел дар даст ба гандумзор об мемонд, гоҳи дарав дос тез мекард, хирман мекӯфт. Чун навбат расид, чӯпонию подабонӣ ҳам аз дасташ меомад» [7, 7].

Дар ин порча муаллиф бо истифодаи ҷумлаҳои кӯтоҳ ва сипас, бо ҷумлаҳои чидааъзо вазъи бачагии замони ҷангии қаҳрамонашро тасвир кардааст. «Ба кори сахт ошно кардани дасту панҷа», ки ба фикри мо ибораи эҷод кардаи муаллиф аст, хеле зебо буда, ба гӯш ҳамчун ибораи рехтаи маъмулӣ мерасад.

Дар иқтибоси поёнӣ бошад, Ҷӯра Юсуфӣ моҳирона аз ибораи халқии «оббардор набудани биринҷ», яъне тоқати шунидани сухан надоштани мусоҳиб, истифода бурдааст. Ташбеҳи хомӯшии раис ба «санги лаби дарё» ҳам бамаврид омадааст, ки қимати бадеии очеркро меафзояд:

«Тӯраев дид, ки ***биринҷ оббардор нест***, оҳиста аз ҷой бархост ва «хайр, раис» гуфту берун шуд. Раис ***монанди санги лаби дарё хомӯш буд***» [7,15].

Очерки «Сиёҳи сафед» қиссаи талхи «душмани халқ» дар бораи Сангин Қурбонов аст, ки дар замони таъқиботи сталинӣ падари деҳқонашро бо туҳмат «кулак» кардааанду ӯ маҷбур аст, як умр бори сангини фарзанди «душмани халқ» буданро бикашад. Дар яке аз маҷлисҳои колхоз дуздони моликияти ҷамъиятиро фош мекунаду боз дар зери таъна мемонад: «Додош душмани халқ шуду дар Сибирро несту нобудаш карданд, акнун худаш дӯсти халқ будааст», - мегӯяд як нафар.

Сипас, барои муайян кардани ҳақиқат қаҳрамони очерк ба ҷустуҷӯ сар мекунад. Ба Тошканд мераваду аз он ҷо ба воситаи машинисти поезде ба Маскав нома оид ба тақдири падараш мефиристад.

«Баъд интизор шуд Сангин. Умеду ноумедӣ, бовару нобоварӣ дар дилаш маскан гирифтанд. Сипас, нахустин нома ***чун нахустин парастуи баҳори умед*** 16 апрели ҳамон соли 1967 ба хонаи ӯ омад...» [8, 21].

Муаллиф талошу кӯшишҳои Сангин Қурбоновро барои равшан кардани қисмати падараш муфассал қаламдод карда, аз номаҳое, ки ба унвони ӯ аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Маскаву Душанбе мерасиданд, иқтибос овардааст, ки қимати ҳуҷҷатии очеркро баланд бардоштаанд. Сангин маълум кард, ки падараш соли 1938 дар яке аз лагерҳои вилояти Перм вафот кардааст. Ниҳоят, аз Суди Олии ХШС Тоҷикистон тасдиқномае расид, ки Суди Олӣ 24 декабри соли 1958 қарори собиқ сегонаи НКВД-ро аз 19 январи соли 1937 нисбати набудани гуноҳ қатъ карда будааст.

Мо аз очерк ба хислатҳои ҳамидаи қаҳрамон ва падари деҳқонаш шинос мешавем ва бори дигар бовар ҳосил мекунем, ки азми дурусту саъйи комил оқибат бор меоварад.

Муаллиф дар ин очерк ҳам баробари истифодаи ҳуҷҷату асноди расмӣ барои арзиши бадеӣ аз воситаҳои гуногуни тасвир истифода мебарад. Забони асар ҳам муассир аст. Барои мисол ба ин порча таваҷҷуҳ намоед:

«Сангинро хоб намебурд. Чаккаҳои сараш хеле тарангу таҷанг шуда, дарди ҷонкоҳе тавлид мекарданд. Ва аз ин паҳлу ба он паҳлу мегашту беихтиёр «оҳу уф» мегуфт. Охири охирон аз бистари аслан нарму гарм, ки барояш ***аз санг сахту аз ях сард менамуд***, бархест» [8, 17].

Дар ҷумлаи охирин ташбеҳи «аз санг сахту аз ях сард» басо бамаврид истифода шудаанд, ки аз маҳорати эҷоди публитсистии Ҷӯра Юсуфӣ дарак медиҳанд.

Дар порчаи зерин бошад, муаллиф ибораҳои рехтаи «тир аз камон ҷастан» ва «заҳри одамро одам бардоштан»-ро бамаврид корбаст кардааст:

«Ҳарчанд Сангин назди модар ҳасрат карданро нахост, аммо ***тир аз камон ҷаста буд***. Бар илова бори ғами дилаш андак набуд, ки қобили таҳаммул бошад. Мегӯянд: ***заҳри одамро одам мебардорад***...» [8,21]

Албатта, дар очеркҳои мазкур баъзе камбудиҳо, аз қабили гоҳо ба ҷои тасвир бештар истифода шудани нақли муаллиф, ба назар мерасанд, вале дар маҷмӯъ, метавон ин се очерки мавриди таҳлил қарордодаи моро ҳамчун намунаи беҳтарини очеркҳои Ҷӯра Юсуфӣ арзёбӣ намуд. Аз ин ҷо бармеояд, ки очеркҳои Ҷӯра Юсуфӣ минбаъд ҳам аз тарафи муҳаққиқон таҳлилу баррасӣ хоҳад гашт.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Публитсистика ва замони муосир. -Душанбе: Шарқи озод. 2004.
2. Усмонов И.К. Назарияи публитсистика.- Душанбе: Шарқи озод,1999.
3. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика.- Душанбе, 2009.
4. Юсуфӣ Ҷ. Умре бо ёди падар. -Хуҷанд, 2006.
5. Юсуфӣ Ҷ. Ҳафт пайкор. - Хуҷанд, 2001.
6. Юсуфӣ Ҷ. Шаҳиди ҳунар. -Хуҷанд, 2002.
7. Юсуфӣ Ҷ. Манори Деҳманора. -Хуҷанд, 2003.
8. Юсуфӣ Ҷ. Сиёҳу сафед. -Хуҷанд, 2004.

ОСОБЕННОСТИ ОЧЕРКОВ ПУБЛИЦИСТА ДЖУРЫ ЮСУФИ

В данной статье на примере портретных очерков рассматривается творчество и художественные особенности публицистики члена Союза писателей и Союза журналистов Таджикистана Джуры Юсуфи - одного из известных и продуктивных журналистов Согдийской области, проработавшего более 30 лет в средствах массвой информации и посвятившего всю свою жизнь делу становления и развития региональной журналистики.

Ключевые слова: очерк, портретный очерк, пропаганда, инженер, соревнование, характер, анализ, смелость, человекознание.

FEATURES OF SKETCHES OF THE PUBLICIST OF JURA YUSUFI

In article on an example of portrait sketches creativity and art features of publicism of a member of the Union of writers and the Union of journalists of Tajikistan Jura Yusufiof one of known and productive journalists of the Sughd Region, 30 years which have worked more in mass media and devoted all life to business of formation and development of regional journalism are considered.

Key words: essay, portrait essay, propaganda, engineer, competition, personality, analysis, courage, human sciences

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Сатторова Замира*** - соискатель кафедры журналистики и теории перевода Худжанского государственного университета им. Б.Гафурова. Телефон: **(92) 714-40-02**,

БАРРАСИИ ТАКТИКАИ БАРҶАСТАСОЗӢ ДАР РАДИОИ «ФАРДО» АЛАЙҲИ ЭРОН

Алиризо Талхобии Алишоҳӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пас аз таъсиси кумитаи миллии Аврупои Озод соли 1949 дар Ню-Йорк, ниёз ба вуҷуди як фазои иттилоотӣ эҳсос мешуд. Аз ин рӯ, мудирони кумита иқдом ба роҳандозии дафтари маркази радиои Аврупои Озод дар Мюнхени Олмон карданд, ин радио нахустин барномаи худро бо мавҷи кӯтоҳ дар таърихи 4.07.1950 рӯйи ҳавзаи Чехословакия мухобира кард. Нахустин раиси ин маҷмӯаи иртиботӣ Фостер Долс ном дошт, ки аз ҷумлаи коркунони созмони СИЁ (Созмони амниятии Амрико) буд.

Радиои Аврупои озод аз ҳамон ибтидо (то кунун) бучаи худро аз Кунгураи Амрико дарёфт мекард ва то соли 1971 коркунони он бояд ҳатман аз тарафи созмони СИЁ таъмин мешуданд, дар ҳақиқат барномаҳои ин радио бахше аз лоиҳаи ҷанги равонии СИЁ-ро алайҳи пардаи оҳанини коммунизм ташкил медоданд.

Мавзӯи таъмини ҳазинаҳои радио тавассути СИЁ то соли 1971, яъне замоне, ки асосномаи созмон таҳти қонунҳои муассисаҳои ғайриинтиқодӣ ва ғайридавлатӣ бознависӣ шуд, ифшои умумӣ нашуда буд.

Дар соли 1976 радиои Аврупои Озод бо як созмони мушобеҳи дигар ба номи Радиои Озодӣ, ки фаъолиятҳои зидди коммунистӣ дошт ва бучаи он тавассути Конгресси Амрико таъмин мешуд, идғом ва аз он пас радиои Аврупои Озод радиои Озодӣ (RFE/RL) ном гирифт. Гуфтанӣ аст, радиои Озодӣ бо моҳияти комилан мушобеҳ дар соли 1951 ва тавассути кумитаи Амрикоии мавсум ба (Озодии мардуми Русия) таъсис шуда буд. Мақомҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ барои муқобила бо барномаҳои ин радио аз ҳеҷ талоше фурӯгузор набуданд, ки аз он ҷумла, метавон ба паразит андохтан рӯи амвоҷ ишора кард. Ба илова гӯш кардан ба барномаҳои ин радио дар аглаби кишварҳои коммунистии шарқи Аврупо ғайриқонунӣ ва бо душворӣ ҳамроҳ

буд. Маҷмӯаи ин тадобир ва иқдомҳо то соли 1988 идома дошт. Дар муқобил, созмони сиёсати густариш ва тавсеа, фаъолиятҳои худро пайгирӣ мекард, ки иҷрои барнома ба забони афғонӣ дар қолаби радиои Озоди Афғонистон байни солҳои 1985 то 1993 аз он ҷумла буд. Фурӯпошии Иттиҳоди ҷамоҳири Шӯравӣ дар авоили даҳаи 90 ба коҳиши будҷаи радио мунҷар шуд. Дафтари марказии радио дар соли 1995 ба Прага пойтахти давлати Чехия мунтақил ва аз ҳаҷми барномаҳои аврупоӣ коста шуд.

Дар муқобил, Ховари Миёна ба садри дастури кори радио мунтақил шуд. Ба тавре, ки ду сервиси ҷадиди радиои Ироқи Озод (ба арабӣ) ва бахши форсӣ аз соли 1998 оғоз ба кор карданд, як сол баъд сервиси радиои Козеву роҳандозӣ шуд ва дар соли 2002 радиои Афғонистони Озод муҷаддадан фаъолияти худро аз сар гирифт. Ҳамзамон сервиси форсии радиои Аврупои Озод ба радиои «Фардо» тағйири ном ёфт. Радиои «Фардо» ахбори сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҳунариро бо таъкид бар масоили Эрон пахш мекунад. Ин радио аз тарафи сиёсатмадорони Амрикоӣ мавриди интиқод қарор гирифта аст, зеро ба масоиле чун ахбор, тафсири сиёсӣ ва аҳдофе, ки ин радио барои пешбурди онҳо роҳандозӣ шудааст, кам таваҷҷуҳ мекунад ва бештар ба пахши мусиқии попи амрикоӣ мепардозад.

Дар ҳоли ҳозир радиои Аврупои Озод/радиои Озодӣ бар рағми дарёфти будҷа аз Конгресси Амрико миннатдор аст, ки бо ҳадафи густариши усули демократӣ ба таври мустақил ва ғайридавлатию бидуни вобастагӣ ва тайфҳои хоси сиёсӣ барномаҳои байналмилалии худро ба манотиқи шарқ ва ҷанубу шарқии Аврупо, Русия, Қазоқистон, Осиёи Миёна, Ховари Миёна ва ҷанубу ғарбии Осиё мухобира мекунад. Ин радио дар 19 кишвари мухталифи дунё идора дорад ва илова бар кормандони собит ва журналистҳое, ки дар ин идораҳо истиқрор ёфтаанд, аз ҳамкории беш аз 750 гузоришгар ҳақултаҳрири (ғайри собит) маҳаллӣ ва бумӣ дар кишварҳои мухталиф баҳра мегиранд. Ин радио аз соли 1992 ба ин сӯ фаъолияти худро бар асоси ҳамкорӣ ва мушорикат бо 240 Созмони мухталифи байналмилалӣ поя ниҳода, бо баҳрагирӣ аз иброзҳои ҷадиди расонаӣ ва фановарӣ, бар доманаи мухотибони худ афзудааст. Радиои Аврупои Озод барномаҳои худро ба муддати 1000 соат дар ҳафта рӯи мавҷи кӯтоҳ AM.FM радиоӣ ва як сомонаи интернетӣ ва ба 28 забони зиндаи дунё аз ҷумла албанӣ, арманӣ, арабӣ, озарбойҷонӣ, босниёгӣ, чеченӣ, дарӣ, пашту, форсӣ ва ғайра пахш мекунад. Радиои форсизабони “Фардо” тавассути давлати Амрико ва бо ҳадафи таъсиргузорӣ бар мухотаби эронӣ таъсис шудааст. Ин радио ба унвони абзори дар ҷиҳати пешбурди аҳдофи сиёсати хориҷии Амрико фаъолият мекунад. Радиои Фардо ҳамарӯза 24 соат барномаҳо пахш мекунад ва фосилаҳои пахши хабари он низ 30 дақиқа аст.

Бар асоси назарсанҷии радио аз мухотибон 58% аз маҷмӯи шунавандагон аз 18 кишвари таҳти пӯшиш, ба таври мустамар, ҳамешагӣ шунавандаи ин радио ҳастанд. Сомонаи интернетии радиои Аврупои Озод /радиои Озодӣ бо пахши барномаҳои чандзабона ва чанд расонаӣ (матн ва тасвиру садо) дар афзоиши шунавандагони он таъсири чашмгирӣ дошта, ба тавре, ки танҳо дар моҳи марти соли 2007 саҳифаҳои хабарии сомона тақрибан 20 млн. истифодабаранда доштаанд.

Дар ҳоли ҳозир раёсати ин радио бар уҳдаи Ҷефри Ҷедмин аст, ки аз 2-юми феврали соли 2007 ба ин самт мансуб шудааст. Вай пеш аз ин ба унвони коршиноси умури сиёсӣ ва байналмилалӣ дар муассисаи «Американ Интерпроиз» фаъолият мекард (Веб-блоги Фарҳод).

Яке аз асарҳои иртиботи ҷамъӣ савқ додани таваҷҷуҳҳо ба мушкилот ё масоили муайян аст ва ин асар, коркарди барҷастасозии расонаи ҷамъӣ хонда мешавад. Бинобар ин, таваҷҷуҳи расонаҳои ҷамъӣ ба мавзӯе, муҷиб мешавад, аҳамияти он аз назари умум афзоиш ёбад [1,326-327]. Расонаҳои ҷамъӣ аз барҷастасозӣ ба унвони яке аз шеваҳое, ки метавонанд аз тариқи он бар мухотабони тудаии худ таъсир бигузоранд, истифодаи фаровон мебаранд. Барҷастасозӣ, яъне ин андеша, ки расонаҳои хабарӣ бо ироаи хабарҳову таҳлилҳо мавзӯъҳоеро, ки оммаи мардум роҷеъ ба онҳо меандешанд, таъйин мекунанд. Асоси барҷастасозӣ афзоиши таваҷҷуҳи мардум ба мавзӯи мавриди назари расонаҳост. Макомбз ва Шоу, ки аз пешгомҳои мутолиоти расонаҳои ҷамъӣ ва таҳлили барҷастасозии расонаҳо ҳастанд, мегӯянд: “Ба як маъно рӯзнома муҳаррики аввал дар таъини авлавияти кишварҳост. Рӯзнома саҳми бузурге дар таъини он чӣ бештари мардум роҷеъ ба он ҳарф хоҳанд зад, дорад. Он чӣ бештари мардум онро воқеият медонанд ва он чӣ бештари мардум онро роҳи бархӯрд бо мушкилот медонанд”.

Курт Ланг дигар пажӯҳишгари расонаҳои ҷамъӣ низ дар возеҳ сохтани барҷастасозии расонаҳо мегӯяд: расонаҳои ҷамъӣ таваҷҷуҳро ба мавзӯъҳои хосе ҳидоят мекунанд, онҳо аз чеҳраҳои сиёсӣ тасовири умумӣ месозанд. Онҳо мудом мавзӯъҳоеро ироа мекунанд, ки нишондиҳандаи чизҳое аст, ки тӯдаи мардум бояд роҷеъ ба онҳо фикр кунанд, бидонанд ва эҳсос дошта бошанд.

Барҷастасозӣ низ ҳамчун ангорасозии расонаҳои ҷамъӣ бар идроки мухотабон аз воқеаҳо ва мизони аҳамияти онҳо асаргузор аст. Глодис Ангелланг ва Куртланг бо мутолиаҳои майдонӣ, монанди бухрони Вотер Гейт ва ё Фонковерз бо таҳлили муҳтавои мавзӯъҳои як даҳаи маҷаллаҳои хабарии Амрико ва муқоисаи рутбаи пӯшиши расонаҳо дар мавзӯъҳои мухталифу рутбаи аҳамияти он мавзӯъҳо аз назари мардуми Амрико, ба робитаи миёни муҳтавои расонаҳо ва афкори умумӣ ва мафҳуми аввалавиятгузории мавзӯъҳо тавассути расонаҳо пардохтанд.

Натоиҷи мутолиаҳо баёнкунандаи фароянди марҳилаҳои барҷастасозии расонаҳо аст, ки иборатанд аз:

- Расонаҳо баъзе рӯйдодҳо ё фаъолиятҳоро пураҳамияту бориз мекунанд.
- Мавзӯъҳои мутафовит барои ҷалби таваҷҷуҳ, ба навъ ва мизони пӯшиши хабарии мутафовите ниёз доранд. Мавзӯи қатли Заҳро Козимӣ ва пушиши густурдаи он барои ҷалби таваҷҷуҳи афкори умумӣ аз намунаҳои марҳила аст.
- Истифода аз ашхоси маъруфу муътабар барои суҳбат кардан дар бораи мавзӯъ, фароянди барҷастасозиро шитоб медиҳад.
- Забони мавриди истифодаи расонаҳо метавонад бар дарки аҳамияти он мавзӯъ асаргузор бошад. Истифода аз вожаҳое чун ифтизоҳ (беобрӯӣ ё нанг) ё бухрони мавзӯи Заҳро Козимӣ, барои афзудани аҳамияти он мавзӯъ тавассути расонаҳои ғарбӣ дар ин росто аст [1,328].
- Волтер Липман, падари маънавии андешаест, ки имрӯза ба сурати хулоса, барҷастасозӣ номида мешавад. Аввалин фасли китоби “Афкори умумӣ” –и вай, ки дар соли 1922 онро таълиф кардааст, “дунёи хориҷ ва тасовир дар зеҳни мо” ном дорад. Липман дар ин фасл, андешаи барҷастасозиро бидуни истифода аз унвони он, матраҳ кардааст. Фарзияи вай ин аст, ки ахбори расонаҳо, панҷараҳои мо ба самти дунёи васее ҳастанд, ки фаротар аз таҷрибаи мустақими мо, масирҳои шинохти моро аз ҷаҳон таъйин мекунанд [5,4].

Шукрхоҷ дар китоби вожаномаи иртиботот, барҷастасозиро ин гуна таъриф кардааст: “Барҷастасозӣ назарияе аст, ки бар асоси он, мавзӯи ба унвони масъалаи аслӣ дар расона ба мухотаб арза мешавад. Барҷастасозӣ дарвоқеъ табиӣ ҷилва додани бузургнамоии як ё якчанд рӯйдод дар расонаҳост. Тибқи ин назария, расонаҳо ба мардум намегӯянд чӣ гуна фикр кунанд, балки мегӯянд, роҷеъ ба чӣ фикр кунанд [2,8].

Ҳорулд Лосвелл низ дар суоли панҷбахшии худ, (чӣ касе?, чӣ мегӯяд?, барои чӣ касе?, аз чӣ тариқе? ва бо чӣ асаре?) ду коркарди аслии расонаҳои ҷамъиро шомили назорату ҳамоҳангӣ медонад. Коркарди назоратро ҳамон дарвозабонӣ ва коркарди ҳамоҳангиро ҳамон барҷастасозӣ медонад ва менависад, ки расонаҳо нақши интиқодӣ дар нигариши мустақими мо ба масоил доранд. Дар натиҷа, иртибот аз таваҷҷуҳ ба мавзӯъҳои муайян дар як замони мушобеҳ ба василаи умум, расона ва сиёсатгузорон эҷод мегардад, идеяе, ки баъдҳо Макомбз ва Шоу барҷастасозӣ номиданд [6,11].

Макомбз яке аз ду муҳаққиқе, ки аввалин шуда мутолиаи систематикро дар бораи фарзияи барҷастасозӣ дар Амрико анҷом додааст, барҷастасозиро чунин таъриф мекунад: “Назарияи таъсири расонаҳои ҷамъӣ як мафҳуми вобаста аст, мафҳуме, ки як робитаи мусбату олӣ ва маъмулиро байни он чӣ мавриди таваҷҷуҳу таъкиди расонаҳои ҷамъӣ аст ва он чӣ якояки мухотабон муҳим талаққӣ мекунанд, мушаххас мекунад. Ба баёни дигар, барҷастагӣ ва авлавияти як мавзӯъ дар расонаҳои ҷамъӣ бар мизони аҳамияти он дар байни мухотабон таъсир мегузорад [5,30].

Дар навиштаи дигаре Макомбз, барҷастасозиро ин гуна шарҳ додааст: “Барҷастасозӣ на бозгашт ба назарияи гулулаӣ ё тазриқи бо таъсироти бисёр қудратманди расонаӣ аст ва на узве аз теориҳоест, ки мухотабонро монанди одаммошинҳое дар назар мегиранд, ки мунтазиранд тавассути ахбори расонаҳо барномарезӣ шаванд. Дарвоқеъ, барҷастасозӣ нақши марказиро ба ахбори расонаҳо дар мавзӯъҳои аввалия барои авлавиятгузорӣ дар назди умум шакл медиҳад ва ё ба таъбири Липман иттилооти тавлидшуда ба василаи расонаҳо нақши калидиро дар сохтани тасаввури мо аз воқеият бозӣ мекунад [5,3].

Барҷастасозии мавзӯи ҳастаии Эрон ва гуфтугӯи расонаҳои ғарбӣ бо коршиносону ашхоси маъруф дар умури дохилу хориҷ аз Эрон низ намунае аз ин марҳила аст. Расонаҳои ғарбӣ аз барҷастасозии мавзӯъҳои марбут ба Эрон кӯшиш мекунанд:

1. Ба шаклдиҳии дидгоҳҳои афрод, воқеаҳоро он гуна, ки мавриди назарашон аст, мунъакис кунанд ва на он гуна ки воқеият дорад.

2. Бо ин тактика зимни эҷоди авлавияти мавриди назари худ метавонанд бар идроки мухотабон аз мавзӯъ ва дараҷаи аҳамияти он таъсир бигузоранд. Амалиёти барҷастасозии расонаҳои ғарбӣ дар мавриди мавзӯъҳои марбут ба Эронро метавон ба шакли комилан мушаххас ва айнӣ дар мавриди масъалаи ҳастаии Эрон мушоҳида кард, ба гунае ки дар давраи замонии ба нисбати чашмгири метавонанд масъалаи ҳастаии Эронро ба садри мавзӯъҳо ва авлавиятҳои хабарӣ бирасонанд.

Мисол: Амрико: Эрон барои посух ба пешниҳоди ҳастаӣ, замони бисёр кӯтоҳе дорад. Иён Клей, сухангӯи Вазорати хориҷии Амрико рӯзи сешанбе дар нишасти хабарии худ ба хабарнигорон гуфт: Эрон замони бисёр кӯтоҳе барои ироаи посух ба пешниҳоди матраҳшуда аз тарафи Оҷонси байналмилалии энергияи ҳастаӣ дорад. Вай дар посух ба ин пурсиш, ки Иёлоти Муттаҳида то чи ҳангом сабр хоҳад кард, то посухи Эрон ба пешниҳоди ғанисозии ураниум, ки мавриди ҳимояти Оҷонси байналмилалии энергияи ҳастаӣ астро дарёфт кунад, гуфт: «мо ҳамеша аз ин, ки ба таври расмӣ замонеро муқаррар кунем икроҳ доштаем, аммо танҳо метавонам бигӯям, ки ин замон, бисёр кӯтоҳ хоҳад буд» [7].

А Д А Б И Ё Т

1. Сурин Вернер ва Тонкард Ҷеймс, Назарияҳои иртиботот. (тарҷумаи Алиризо Деҳқон).- Теҳрон, 1992
2. Шукрхоҳ Юнус, Вожаномаи иртиботот.- Теҳрон.- Суруш, 1381
3. Умеди Масъуд. Равишҳи ҷадиди хабарӣ дар ҷанги дуввуми
4. Халиҷи Форс. фаслномаи Пажӯҳиш ва Санҷиш.- Теҳрон, 1381.
5. Mccombs Maxell, Setting the agenda, the mass media and public opinion. Cambridge, plate press 2004.
6. Dearing, Rogers, 1992, p.11.
7. Радиои Фардо, 16-11-2010.

ИССЛЕДОВАНИЕ УСИЛЕНИЯ ТАКТИКИ ВЕЩАНИЯ ПРОТИВ ИРАНА НА РАДИО «ФАРДА»

В 2002 году эфире появилась новая радиовещательная станция «Фарда», вещающая на арабском языке В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению деятельность этой американской радиостанции«Фарда» против Ирана.

Ключевые слова: радиовещательная станция «Фарда», тактика вещания,деятельность радиостанции«Фарда» против Ирана.

RESEARCH OF STRENGTHENING OF TACTICS OF THE BROADCASTING AGAINST IRAN ON RADIO "FARDA"

In 2002 air there was the new broadcasting station "Farda" broadcasting in the Arabic language In this article by the author activity of this American radio station "Farda" against Iran is subjected to consideration and studying.

Key words: broadcasting station "Farda", broadcasting tactics, Farda radio station activity against Iran.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Алиризо Талхобии Алишох*** – соискатель Таджикского национального университета

НАҚШИ МАТБУОТИ ФОРСИЗАБОНИ ХОРИҶ АЗ КИШВАР ДАР ИНҚИЛОБИ МАШРУТАИ ЭРОН

Ромин Расулов

Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Ҷаҳром, Эрон

Рӯзномаҳое, ки дар Эрон дар замони Носириддиншоҳи Қоҷор мунташир мешуданд, ё таҳти назорати давлат буданд ва ё комилан давлатӣ буданд ва наметавонистанд озодона ба чопи матолиби гуногун бипардозанд. Ба ҳамин далел озодихоҳон ва равшанфикрони эронии муқими хориҷ ба интишори рӯзнома иқдом намуданд ва аз ин тариқ дар огоҳ намудани мардум ва дар натиҷа зуҳури падидае ба номи машрута дар Эрон нақши муҳимеро ба уҳда гирифтанд. Дар ин мақола ба

баррасии муҳимтарин ва таъмиргузортарини ин рӯзномаҳо шомили: «Ахтар», «Қонун», «Ҳикмат», «Ҳублулматин», «Сураё» ва «Парвариш» пардохта мешавад.

Рӯзномаи «Ахтар». Аввалин рӯзнома ба маънои имрӯза, ки матолиби он мазмуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошт, рӯзномаи «Ахтар» аст, ки нахустин шумораи он дар 16 зулҳиҷҷаи 1292 ҳиҷрии қамарӣ (1875 мелодӣ) дар Истамбул мунташир шуд. Ин рӯзнома ба кумаки сафири Эрон дар Усмонӣ (Мирзо Муҳсинхони Муияналмамолик) ва ба мудирияти Оқо Муҳаммад Тоҳири Табрезӣ ва нависандагии Мирзо Наҷаф Алихони Хуӣ (мутарҷим ва ноиби сафорати Эрон дар Усмон) поягузорӣ шуд.

«Ахтар» сароғози мавҷи навини рӯзноманигории мутааҳиду масъул буд ва тавонист, пояҳои таҳаввули фарҳангии инқилоби машрутаро устувор созад. Ин рӯзнома матбуоти Эронро аз чаҳорчӯби танги рӯзноманигории давлатии Эрон хориҷ кард ва заминасози таваллуди рӯзноманигории сиёсӣ-мардумӣ шуд. Аз тарафе «Ахтар» нахустин рӯзномае буд, ки мавзӯи қонуни асосӣ 119 модаи Султони Усмониро бо мақолае чоп кард.

Қонуни асосӣ шомили ин усул буд: ҳуқуқи умумии афрод, ҳурмати шахсӣ, амнияти ҷону молу маскан, мусовоти қонунӣ, манъи шиканҷа, озодии матбуот дар доираи қонун, озодии тадриси умумӣ, ташкили маҷлиси умумӣ ва ғайра.

Рӯзномаи «Ахтар» вазъияти рӯзномаҳо дар Эрон интиқод мекард ва муҳтавои онҳоро фармоишӣ мехонд. Дар як шумораи рӯзнома чунин омадааст: «… Ба ҷуз баъзе ташрифот иттифоқия, хабаре дар он нест! Сафҳаҳоро пур мекунанд ба тарҷумаи баъзе ҳикоятҳои бемаънии фарангистон ва вақоеи гузашта ва хаёлия… агар ҳам хабаре расида бошад, ҷуз саломатии ҳоли ҳоким, ки ситоиш аз адл ва дод ба таври ом, чизе нест…». Аз ҷиҳате рӯзномаи «Ахтар» нахустин рӯзномаи форсизабон буд, ки ба сабку нигориши ҷадид мунташир мешуд. Аз ҷумла нависандагони ин рӯзнома Мирзо Оқохони Кирмонӣ, Шайх Аҳмади Руҳӣ, Мирзо Маҳдихони Табрезӣ, Мирзо Алимуҳаммадхони Кошонӣ ва Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ буданд. Дар ин миён Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ нахустин асари намоиширо тарҷума кард ва дар ихтиёри форсизабонон қарор дод. Бояд гуфт вай аввалин мутарҷими осори намоишии фарангистон дар Эрон буд.Он чи мусаллам аст, ин рӯзнома бисёр муфид буда ва вақоеъ ва рӯйдодҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоии Эронро барои мардум ташреҳ мекарда ва шуури сиёсии онҳоро афзоиш медодааст. Рӯзномаи «Ахтар» пас аз 20 сол, дар соли 1313 ҳиҷрии қамарӣ аз тарафи давлати Усмонӣ тавқиф ва дигар мунташир нашуд.

Рӯзномаи «Қонун». Яке аз мардони арзанда дар саҳнаи сиёсии Эрон Мирзо Малкумхони Нозимулддавла буд. Агар чи дар бораи ӯ суханҳо нақл шудааст, аммо аз нақши қобили таҳсини ӯ дар наҳзати озодихоҳӣ ва инқилоби машрута наметавон чашмпӯшӣ кард. Вай дар рӯзи 29 ҷимодуссонии 1307 ҳиҷрии қамарӣ баробар бо 20 феврали 1890 мелодӣ нахустин шумора аз рӯзномаи худ ба номи «Қонун»-ро мунташир кард. Ин рӯзнома низ ба суръат мавриди таваҷҷуҳи мардум қарор гирифт ва аз «Ахтар» ҳам пуртарафдортар шуд.

Ҳамкори Малкумхон дар тадвини рӯзнома, Саид Ҷамолуддини Асадободӣ ва сипас Мирзо Оқохони Кирмонӣ буд, ки бо рӯзномаи «Ахтар» низ ҳамкорӣ дошт. Бо вуҷуди сонсури шадиди ҳоким бар Эрон, ин рӯзнома ҳатто ба дарбори ҳукумати шоҳӣ ҳам мерасид. Дар ин ҳангом фишори давлат зиёд шуд ва тамоми маҳмулаҳои пустии дохилӣ ва хориҷӣ мавриди бозрасӣ ва тафтиш қарор мегирифт. Аммо бо тамоми душвориҳо, рӯзномаи «Қонун» вориди Эрон шуда ва байни мардум даст ба даст мегашт.

Рӯзномаи «Қонун» на танҳо боиси таҳаввули фикрии эрониён шуд, балки сабки нигориши он низ барои эрониён ҷолиб буд. Аз авоили қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ сабки нигоришӣ дар Эрон хуб шуд, ки дар кори рӯзноманигорӣ ва ҳатто китобнависӣ ҳам ба кор мерафт. Ин сабки нав «Муколаманависӣ» буд, ки ҳамон шеваи саволу ҷавоб аст. Ин шеваи нигориш ба «Театрнависӣ» ҳам маъруф шудааст, аммо дар миёни рӯзномаҳо, нахустин бор ин шеваро Мирзо Малкумхон дар рӯзномаи «Қонун» ибдоъ кард.

Рӯзномаи «Ҳикмат». Баъд аз интишори ду рӯзномаи «Ахтар» ва «Қонун», рӯзномаи «Ҳикмат» вориди майдони сиёсат мешавад. «Ҳикмат» ба унвони яке аз ҷароиди миллӣ ва равшангар аз 14 ҷимодулохари 1310 ҳиҷрии қамарӣ (1893 мелодӣ) ба ҳиммати Мирзо Маҳдихони Табрезӣ дар Қоҳира мунташир шуд. Мирзо Маҳдихони Табрезӣ ҳадаф аз интишори ин рӯзномаро ҷуз бедории мардуми Эрон ва ошно кардани онҳо ба анҷоми наҳзати машрутият намедонад. Вижагии ин рӯзнома дар сабки нигориш он аст, мудири рӯзнома дар нигориши худ аз порсии сара истифода мекард ва

таркиботи арабӣ дар он дида намешуд, ки ин амр худ омиле барои ҷазби эрониён ба самти ин нашрия буд. Мундариҷоти ин рӯзнома пас аз дарҷи сармақола сиёсӣ иборат буд аз ахбори марбут ба Эрон, Миср, ҳаводиси ҷаҳон ва мақомоти гуногуни дигар. Ин нашрия ба муддати 20 сол мунташир шуд ва дар соли 1330 ҳиҷрии қамарӣ ба иллати бемории мудири рӯзнома, яъне Мирзо Маҳдихони Табрезӣ, интишори он мутаваққуф шуд ва дигар чоп нашуд.

Рӯзномаи «Ҳублулматин»-и Калкутта. Яке дигар аз пуртарафдортарин нашриёти бурунмарзӣ «Ҳублулматин» аст. Ин рӯзнома дар таърихи 10 ҷимодуссонии 1311 ҳиҷрии қамарӣ зери назари Саид Ҷамолуддини Ҳусайнӣ мулаққаб ба Муайядулислом дар Калкуттаи Ҳиндустон мунташир шуд. Ин рӯзнома аз демократия ё ҳокимияти мардум бисёр сухан мегуфт ва ба таваҷҷеҳи он мепардохт. «Ҳублулматин» низ монанди дигар рӯзномаҳои бурунмарзӣ чун аз маҳдудаи фишор ва сонсур хориҷ буд, дар сухан гуфтан озод буд ва дар шумораҳои мутааддаде дар боби қонун ва ҳукумати машрута доди сухан дода буд. Фикри бедор кардани мардуми Эрон аз даҒдаҒаҳои зеҳнии ношири «Ҳублулматин» буд. Вай замоне, ки бо Саид Ҷамолуддини Асадободӣ дар Бандари Аббос дидор кард ин фикр дар зеҳни ӯ ҷони бештаре гирифт ва танҳо роҳро дар ин замон дар интишори рӯзнома ташхис дод. Ба дунболи ин дидор ва табодули назар буд, ки рӯзномаи «Ҳублулматин» дар Калкутта интишор ёфт. Аз вижагиҳои ин рӯзнома ҷомеияти хабарии он аст, зеро танҳо рӯзномае буд, ки дорои хабарнигорони ихтисосӣ дар нуқоти мухталиф аз ҷумла Эрон, Ироқ, Русияи тизорӣ, Миср ва Ҳинд буд ва ин тартиб аз вақоеъ ва рӯйдодҳои минтақа ва ҷаҳон иттилооти кофӣ ба даст меоварад.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳи дигар, тавзеи ройгони ин рӯзнома ба муддати 10 сол дар миёни мардум буд. Дар ин муддат ҳар ҳафта панҷ ҳазор нусха аз он ба сурати ройгон тавзеъ мешуд, ки бо ин ҳисоб метавон онро пуртирожтарин рӯзнома дар замони худ донист. «Ҳублулматин» 37 сол мунташир шуд ва тай ин муддат низ 43 бор тавқиф шуд. Ин тавқифҳо ба сурати манъи чопи он аз тарафи давлат дар Ҳиндустон буд ва ё мамнуияти вуруди он ба Эрон. Бо ин ҳол ба василаи ҷаҳонгардон ва зувор ва ҳамчунин аз тариқи борҳо ва маҳмулаҳои бозаргонӣ, ба сурати қочоқ вориди Эрон мешуд.

Рӯзномаҳои «Сурайё» ва «Парвариш». Аз дигар нашриёти арзишманд, ки пеш аз инқилоби машрутият дар хориҷ аз Эрон мунташир мешуд, рӯзномаи «Сурайё» аст. Ин рӯзнома ба мудирияти Мирзо Алимуҳаммадхони Кошӣ ё «Парвариш» (Кошонӣ) дар Қоҳира интишор ёфт. Аввалин шумораи ин нашрия ба таърихи 14 ҷимодулохир 1316 ҳиҷрии қамарӣ (29 октябри 1898 мелодӣ) ба чоп расид. Мудири ин нашрия низ монанди соири муборизони роҳи озодӣ ба фикри кишвару миллат буд ва рӯзномаро ойина медонист, ки метавон сурати зишт ва зеборо дар он дид. Матолиби ин рӯзнома шомили ахбор ва ҳаводиси Эрону Миср ва баъзе ахбори умумии ҷаҳон буд. Рӯзномаи «Сурайё» аз шумораи 27-и соли дувум ба Саид Фараҷуллоҳ тоҷири Кошонӣ муқими Миср вогузор шуд, аммо то шумораи 36-и соли дувум мавҷуд аст ва зоҳиран дар ин замон яъне 20 ҷимодулаввали 1318 ҳиҷрии қамарӣ дар Миср тавқиф шуд ва дигар мунташир нашуд.

Аммо Мирзо Алимуҳаммадхони Кошӣ (Кошонӣ ё Парвариш) пас аз вогузори нашрияи «Сурайё» ба ҳамкори худ, рӯзномаи «Парвариш»-ро мунташир кард. Нахустин шумораи ин нашрия дар 10 сафари 1318-и ҳиҷрии қамарӣ дар Қоҳира мунташир шуд (1900 мелодӣ).

Бояд гуфт, ин рӯзнома аз беҳтарин нашриёти форсӣ ба шумор мерафт ва дар шаклгирии инқилоби машрута нақше бо сазо дошт. Мундариҷоти ин рӯзнома иборат буд аз як сармақола, ки маъмулан таҳти унвони сиёсӣ навишта мешуд, сипас ахбори хориҷа ва ахбори марбут ба Эрон ва мақолоти мухталифе дар бораи Эрон. Вижагии ин рӯзнома доро будани феҳрасти матолиб буд, ки дар сутуни аввал ва саҳфаи аввал ба чоп мерасид. Баъдҳо теъдоде аз ҷароид садри машрутият низ аз ин равиш тақлид карданд. Ин рӯзнома он қадар мавриди таваҷҷуҳ буд, ки ба хусус дар Теҳрон ҳар ҳафта рӯзҳои вуруди пусти хориҷ, ҷамъе аз ҷавонони пуршур соатҳо ба интизори вуруди пуст ва расидани рӯзномаи «Парвариш» лаҳзашуморӣ мекарданд, аммо пас аз муддате нашрия тавқиф ва ҳамзамон бо ин воқеа, мудири рӯзнома ба бемории сил мубтало шуд ва саранҷом дар соли 1320-и ҳиҷрии қамарӣ (1902 мелодӣ) дар Миср даргузашт.

АДАБИЁТ

1. پروین، ناصرالدین. تاریخ روزنامه‌نگاری ایرانیان و دیگر پارسی‌نویسان، تهران، مرکز نشر دانشگاهی، جلد دوم **1379**

2. مولانا، حمید. سیر ارتباطات اجتماعی در ایران، تهران، انتشارات دانشگاه علامه طباطبایی، 1358
3. صدر هاشمی، محمد. تاریخ جراید و مجلات ایران، انتشارات کمال اصفهان، چاپ دوم، سال 1363
4. قاسمی، سیدفرید. راهنمای مطبوعات ایران – عصر قاجار، انتشارات مرکز مطالعات و تحقیقات رسانه‌ها، چاپ اول، سال 1372
5. کهن، گوئل. تاریخ سانسور در مطبوعات ایران، انتشارات آگاه، چاپ اول، سال 1362

РОЛЬ ЗАРУБЕЖНОЙ ПЕРСИДСКОЙ ПРЕССЫ В КОНСТИТУЦИОННОЙ РЕВОЛЮЦИИ ИРАНА

Газеты, которые, печатались в Иране в эпоху Насриддиншаха Каджара находились под контролем государства или являлись абсолютно государственным изданием. Издаваемые газеты не могли свободно опубликовать статьи на различные темы. Таким образом, интелегенция, которая находилась в эмиграции, по своей инициативе начала издать газеты и таким путём ставила в известность народ о прошедших событиях в стране. В данной статье рассмотрена деятельность самых влиятельных и основных газет как «Ахтар», «Конун», «Хикмат», «Хабулматин», Сурайё» и «Парвариш».

Ключевые слова: Ахтар, Конун, Хикмат, Хубулматин, парвариш, Сурайё, конституционная революция.

THE ROLE OF THE PERSIA PRESS PUBLISHED OUT OF THE COUNTRY IN CONSTITUTIONAL REVOLUTION IN IRAN

The newspapers published in Iran at the time of Naseriddin Shah were whether entirely governmental government or under the control of goverment. They could not release different materials freely. For this reason liberal and thoughtful individuals living abroad tended to publish newspapers leading in Public awareness. So they had an important role in emerging a phenomenon called mashrute. In this article, I will survey the most important and influencing newspapers including: Akhtar, Ghanon, Hekmat, Habl-Almatin, Sorraya, Parvaresh.

Key words: Akhtar, constitutional revolution, Ghanon, Habl-Almatin, Hekmat, Sorraya, Parvaresh.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ромин Расулоф*** – член научно-преподавательского совета Свободного исламского университета города Джахром, Иран

БАҲСҲО АТРОФИ ДАВРАБАНДИИ ОЛИ СОМОН

Ф. С. Мухторова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи халқи тоҷик мавзӯи давлатдории Сомониён ба худ мақоми хосе дорад. Ҳатто, онро сармавзӯи таърихи куҳани халқамон гӯем, иштибоҳ нахоҳем кард. Ҳарчанд пажӯҳишгарони зиёде ба ин мавзӯъ даст зада бошанд ҳам, то кунун таърихи салтанати сулолаи овозадори тоҷик - Сомониён пурра омӯхта нашудааст. Мо то ҳол доир ба давлатдории ниёгони хеш асарҳои мукаммали таърихӣ - тадқиқотӣ надорем. Инъикоси таърихи Сомониён дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ, ба ақидаи баъзе аз торикфикрони замони гузашта тарғиби замони тираи феодалӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, мавзӯи давлатдории Сомониён аз мадди назари пажӯҳишгарони таърихи қадимаи халқи тоҷик дур монда буд.

«Дар бораи давлатдории Сомониён ақидаҳои гуногун мавҷуданд, - менависад сарвари давлати Тоҷикистон Э. Раҳмон, - бинобар ин, замоне фаро расидааст, ки ин масъала бояд ба таври амиқ таҳқиқу баррасӣ шавад».

Ба туфайли замони истиқлолият парда аз рӯи торикӣ бардошта шуд. Акнун пажӯҳишгарон имконият пайдо намуданд, ки бе тарсу ҳарос таърихи бойи давлати феодалии хешро омӯхта, ганҷинаҳои беҳтарини онро пешкаши хонанда намоянд. Он имкон дод, ки баъзе асарҳои нодир рӯи об бароянд.

Дар бораи давлатдории тоҷикон борҳо дар суханронию маърӯзаҳои илмиаш Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуда буд, ки сарчашмаи давлатдории ниёгони мо на аз замони Сомониён аст, балки халқи тоҷик хеле барвақт нисбати ҳамсояҳояш соҳиби давлат буд ва он аз давраи Кӯшониён ва ҳатто аз онҳо пештар сарчашма мегирад. Борҳо ҳангоми суханрониҳояш Э. Раҳмон дар мулоқоту ҷаласаҳо таъкид намуда буд, ки «Давлати Сомониёнро дар ҳеҷ сурат оғози давлату давлатдории тоҷикон шумурдан раво нест. Чунки халқи тоҷик то давраи Сомониён, силсилаи давлату давлатдориҳоро

бунёд гузошта, дар Осиёи Миёна қадимтарин миллат шинохта шудааст ва саҳифаҳои нахустини фарҳангу тамаддуни аҳди қадимро дар ин сарзамин поягузорӣ кардааст».

Дар ҳақиқат ин масъалаи муҳими таърихӣ то ҳол ҳалли хешро наёфтааст. Чанд тан муаррихон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки санаи аниқи пайдоиш ва ташаккули давлатдории Сомониёнро муайян намоянд, аммо ҷавоби пурра ёфта натавонистанд. Олими варзидаи тоҷик, академик Н. Неъматов дар мақолаи хеш «Аз Оли Сосон то Оли Сомон» кӯшиш ба харҷ дода, исбот менамояд, ки Сомониён меросхӯри Сосониён мебошанд. «Ду давлати бузурги бостонӣ, ки дар раъси онҳо Оли Сосон ва Оли Сомон қарор доштанд, - менависад ӯ, - ду кишвари решапайванди Шарқ- Хуросон ва Мовароуннаҳрро ба маъвои тоҷикон ва тамаддуни онҳо табдил доданд. Аз Оли Сосон то Оли Сомон замони ташаккули халқияти тоҷик, пойдевории нажодӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии вай идома ёфтааст».

Ба қадри имкон баъзе аз паҳлуҳои мавзӯи давлатдории тоҷикон дар аҳди Сомониён аз диққат берун мондааст. То кунун бисёре аз паҳлуҳои фаъолияти давлатдории ин хонадон мавриди баҳс қарор дорад, зеро чӣ хеле ки дар боло ёдовар шудем, то ҳол мавзӯъҳои ба Сомониён бахшидашуда ба худ ҷавоби саҳеҳ наёфтаанд. Аз ҷумла, оғози санаи салтанат ва макони Сомониён баҳси доманадореро байни таърихнигорон ба миён овардааст. То кунун пажӯҳишгарон оид ба замон ва макони Сомониён баҳсу мунозира доранд. Ҳоло ягон нафар пажӯҳишгар ба ин масъала ҷавоби саҳеҳ надодааст. Аксари муҳаққиқон тарафдори он ақидаанд, ки макони хонадони Сомониён вилояти Балх аст. То чӣ андоза ин масъала дуруст бошад, мо шубҳа надорем, зеро мувофиқи гуфтаи сарчашмаҳо Балх зодгоҳи Сомонхудот аст, ки ӯ тахмин дар оғози асри VIII, дар он ҷо ба дунё омадааст. Оё ин дуруст аст? Овони ҷавонии Сомонхудот дар Балх гузашта, пас дар давраи камолёбӣ ӯ ба Марв меояд. Тавре Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» мегӯяд, « … бобокалонамон ба зодгоҳаш сахт дил баста буд. Баъди ҳиҷрат дар атрофи Марв деҳае бунёд намуда, онро Сомон ном кард». Аз ин бармеояд, ки давраи ҷавонӣ ва камолёбии ӯ ба деҳаи Сомон ва шаҳрҳои Марву Бухорою Самарқанд рост меояд.

Азбаски Сомонхудот ҷавони дидадарову кордон буд, бинобар ин рафтори вай ба ҳокими Хуросон Асад ибни Абдуллоҳи Қушайрӣ писанд меояд. Пас мустамликадор ӯро ба Марв мехонад. Дар ин ҷо вай хонадор шуда, соҳиби фарзанд мегардад.

Мувофиқи ақидаи Наршахӣ писари Сомонхудот Асад дар шаҳри Марв ба дунё омад. Азбаски дӯстии ӯ бо Асад ибни Абдуллоҳ хеле қавӣ буд, ба ҳурмати дӯсташ ба ҷигарбандаш номи вайро гузошт, то ки ӯ низ дар оянда шахси муътабар шавад. Баъди вафоти падар обрӯи вай дар назди хилофати Араб нигоҳ дошта шуд. Асад мисли падар дар идора намудани мулкҳои шарқии хилофат чун машваратчии асосӣ баромад мекард.

Чӣ хеле ки ёдовар шудем, нуфузи Асад дар давраи халифии Маҳдӣ ва писараш Ҳорунаррашид боло рафта буд. Баъди он ки Ҳорунаррашид олами рӯшноиро падруд гуфт, дар байни ворисонаш талоши мансаб сар зад.. Писараш Маъмун дар ҷанги зидди бародараш аз қувваи Сомониён истифода бурд. Вай баъди халифа эълон гаштанаш бо наберагони Сомонхудот унс гирифт ва барои соҳибмулк шудани онҳо дасти кумак дароз кард. Бо имдоди ӯ хонадони Тоҳирию Сомонӣ ба сари қудрат омаданд. Вале то кунун дар атрофи ин масъала баҳсу талошҳо идома доранд. Бештари пажӯҳишгарон онҳоро чун зодаи Балх ба забон меоранд.

Дар ин ҷо суоле ба миён меояд: агар хонадони Сомониён аз Балх мебуд, оё онҳо соҳиби мулкҳои Осиёи Миёна шудан метавонистанд? Ба ин пурсиш пажӯҳишгарони таърихи ҳукмронии хонадони Сомониён ҷавоби аниқ надодаанд. Танҳо академик А. Семёнов ба ақидаи Наршахӣ пайравӣ намуда, баромади оли Сомонро ба Бухоро ва атрофи он мансуб медиҳад. Ӯ атрофи Бухоро гуфта, шаҳри Тирмизро низ дар назар дорад.

Дар ин хусус мо фикри А. Семёновро таҳвият бахшида, ҳаминро илова менамоем, ки баромади Оли Сомон аз Бухоро ва атрофи он мебошад. Атрофи Бухоро гуфта мо шаҳрҳои Тирмиз, Насаф, Кеш, Марв, Ҳирот, Самарқандро дар назар дорем. Фарз кардем, агар баромад ва ташаккулёбии Оли Сомон ба шаҳри Балх тааллуқ медошт, он гоҳ ворисони Сомонхудоту Асад Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс дар шаҳрҳои Осиёи Миёна ҳокими кул шуданашон аз имкон берун мебуд. Инчунин бояд хотирнишон кард, ки онҳо дар Хуросон зиндагӣ карда, дар Мовароуннаҳр ба чунин обрӯ сазовор гаштана метавонистанд.

«Оғози кишвардории воқеии хонадони Сомониён, - менависад Э. Раҳмон, - ба

таъйини фарзандони Асад ибни Сомонхудод- Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс дар соли 818 ба мақоми аморати Самарқанд, Фарғона, Чочу Истаравшан ва Ҳирот рост меояд. Бар асари ҳукуматдории оқилона, ободию созандагӣ, маърифату ғамхорӣ ва талошу ғайрати бародарони Сомонӣ Мовароуннаҳр сарсабзу обод гардид. Мувофиқи маълумоти манъбаҳои таърихӣ дар ин қаламрав беш аз 250 шаҳрҳои хурду бузург мавҷуд буда, марказҳои зиёди илмию маърифатӣ ва фарҳангӣ фаъолият доштанд».

Гуфтаҳои Э. Раҳмонро олими шодравон Ҳақназар Назаров, ки дар ҷодаи сомоншиносӣ мақолаҳо дорад, тавқият бахшида, менависад, ки Сомониён зодаи асосии Балх буда, баъди қабули ислом бо дастгирии ҳокимони маҳаллии Хилофати Араб муқими Мовароуннаҳр гаштанд.

Дар роҳи исботи макони Сомониён ҳаминро бояд хотирнишон кард, ки баромади сарсулолаи онҳо вилояти Балх ба шумор меравад. Ватани ташаккулёбияшон Осиёи Миёна мебошад. Маркази асосии ташаккулёбии давлатдорӣ ва болоравии Оли Сомон шаҳрҳои бостонии тоҷикон Бухорою Самарқанд мебошанд, зеро Сомониён баъди аз зери юғи зулми мустамликавӣ озод шуданашон дар роҳи аз нав эҳё гардидани маданияти бостонӣ ва таърихи куҳани онҳо шаҳрҳои номбурда саҳмгузор гаштанд. Бо ин Сомониён собит намуданд, ки онҳо мардуми муқимии Мовароуннаҳру Хуросон мебошанд, зеро давраи камолоти сарсулолаҳои Сомониён ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро тааллуқ дорад.

Баъди ботантана ҷашн гирифтани 1100-солагии давлатдории Сомониён меросхӯрони нави он дар симои олими балвогари ӯзбек Гога Аброрович Ҳидоятов, аз болоравии обрӯ ва эътибори илму фарҳанги тоҷик дар ҷаҳон рашк бурда, ба туҳмати рӯйрост даст зада, Сомониёнро турк эълон намуд. Ӯ дар асари иғвоангези хеш «Крушение Саманидов» («Шикасти Сомониён»), ба мардуми ориёнажод туҳматҳои беасос зада, беҳайёна исбот карданӣ мешавад, ки гӯё шаҳри Балхро Искандари Мақдунӣ бунёд карда, дар он ҷо оташкадаҳои зардуштӣ сохта, онро пешкаши туркони бадавӣ намуда бошад. Пажӯҳишгари таърих намедонад, ки Искандари Мақдунӣ ғосиб буд ва вай марказҳои динию фарҳангии моро нобуд сохта, китоби муқаддаси дини зардуштиён «Авасто»-ро сӯзонида буд. Балх макони тоҷикон буд ва аз он ҷо наҷотдиҳандагони илму фарҳанг ба камол расида, пеши роҳи арабишавии забони халқҳои Осиёи Марказиро гирифтанд. «Миллати фарҳангдӯсти тоҷик, - мегӯяд Э. Раҳмон, -дини исломро қабул кард, лекин мисли баъзе халқияту миллатҳо забони арабиро ба ҷои лафзи модарии худ напазируфт. Ин кӯшишу талоши ҷиддӣ, яъне пешгирии нуфузи забони арабӣ чун падидаи беназири ватанпарастӣ дар таърихи миллати мо бо ҳарфҳои зарин сабт гардидааст. Маҳз Сомониён тавонистанд, ки ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузоранд, забони модариро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳуввияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд. Насли имрӯз ва оянда вазифадор аст, ки ин анъанаи неки онҳоро идома диҳад».

Мо аз гуфтаҳои боло ба хулосае меоем, ки меҳани асосии Сомониён Осиёи Миёна аст. Ин хонадон дар ободию шукуфонии кишвар ҳиссаи муносиби хешро гузоштааст. Дар ин бора котиби сафорати Хилофоти Араб, дар охир олими шинохта, сайёҳ Аҳмади Фазлон, ки солҳои 921-922 ба Осиёи Миёна сафар кардааст, дар китоби хеш «Сафарнома» менависад: «Тоҷик гуфта қавми боилму фарҳангро ба забон мебаранд. Ин қавм соҳиби илму адаб ва шаҳрҳои ободу зебо аст. Шаҳрҳояшон дар мисоли Самарқанду Бухоро оростаю перостааст. Мардумашон меҳмондӯсту меҳмоннавоз. Барои меҳмон шуда байни хеш талош мекунанд». Ин баҳои ҳаққонӣ ва маъхазҳои тасдиққунандаи он мебошад шаҳрҳои Самарқанду Бухоро чун марказҳои фарҳангию илмии асрҳои IX-X мансуби тоҷикон мебошанд.

Дар натиҷаи тадқиқи сарчашмаҳо ва матбуоти даврӣ мо ба хулосае омадем, ки санаи таърихи ташкили давлати Сомониён низ ба ҳақиқат наздик нест. Теъдоди зиёди муҳаққиқони таърих замони Сомониёнро таҳриф намудаанд, зеро қисме аз онҳо солҳои 874 ё 875-ро - соли ҳақиқии давлатдории Сомониён мешуморанд. Аксари пажӯҳишгарони таърихи замони Сомониён дар он ақидаанд, ки соли 875 халифа Муътамид ба Абӯнаср ибни Аҳмади Сомонӣ шаҳодатномаи соҳибихтиёрӣ супорида бошад. Ин дуруст аст. Аммо мо бояд ба давраи аввали соҳибмансаб гаштани намояндагони ин хонадон нигарем. Ақидаи болоро академик Б.Ғафуров дастгирӣ намуда, чунин шарҳ медиҳад: «Бародари аз ҳама калон Нӯҳ мақоми махсус дошт. Дар робитаҳои хориҷӣ ҳамчун сардори хонадон баромад мекард. Муаррихон ба ин ҷиҳати масъала кам аҳамият додаанд. Таҳқиқи сиккаҳо нишон медиҳанд, ки дар давраҳои

аввал бародарон худро на ҳамчун моликони алоҳида, балки ҳамчун аъзои як хонадон ҳисоб мекарданд, ки дар сари он Нӯҳ қарор гирифта будааст. Бесабаб нест, ки аввалин пулҳои мисини сомониро ба номи ӯ сикка заданд. Хусусан, яке аз ин пулҳо, ки дар мулки Яҳё Бинокент бароварда шудаанд, ҷолиби диққат мебошад: дар он на номи соҳиби мулк, балки номи Нӯҳ сабт гардидааст. Бинобар ин, хулоса боварибахш аст, ки наберахои Сомон аз қадамҳои аввал дар сар фикри вахдати хонадонро парварида, онро яке аз шартҳои таъсиси сулолаи муқтадире медонистанд, ки истиқлолияти Осиёи Миёнаро аз Хилофати Араб таъмин карда метавониста бошад». Дар ин ҷо ҳақ ба ҷониби Б. Ғафуров аст, зеро муаррихон танҳо ба соли 875 дил баста, санаҳои қадимаи ба сари қудрат омадани сулолаи Сомониёнро фаромӯш кардаанд.

Мо бояд ба ҳамин масъала рӯшанӣ андозем, ки кай ба номи Нӯҳ бини Асади Сомонӣ пулҳо бароварда шуданд. Абӯбакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» дар бораи вахдати хонадони Сомониён ҳарф зада, қайд менамоед, ки бори нахуст дар Самарқанд, ба номи Нӯҳ тангаҳои мисин сикка шуданд. Он ба соли 819 рост меояд. Дар болои танга номи соҳиби мулк «Нӯҳ бини Асади Сомонӣ» сабт шуда буд. Чунин тангаҳоро андаке пас Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Бинокент (Чоч), Илёс дар Ҳирот сикка зада, дар болояш ба ҷои номи хеш, исми бародари бузург Нӯҳ бини Асади Сомониро сабт карданд. Ин аз вахдати ягонаи хонадони муқтадири тоҷик шаҳодат медиҳад. Ва мо метавонем, ки дар асоси тангаҳои нахустини Сомониён таърих ибтидоии ба сари қудрат омадани ин хонадонро муайян созем.

Ҳаминро бояд донист, ки пул баровардан яке аз воҳидҳои асосии мустақилияти давлатдорӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба номи Нӯҳ ибни Асад танга сикка задан шоҳиди он аст, ки пули сомонӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон гардиш мекард. Бинобар ин, бародарон шаҳри Самарқандро маркази давлат ва Нӯҳро сарпарасти асосии хеш ҳисобида буданд. Агар муттаҳидии поягузорони давлат намешуд, мумкин буд, ки ҳар яке аз бародарон худро мустақил дониста, ба номи хеш пул мебароварданд. Ин гуфтаҳо бори дигар исбот менамоянд, ки давлатдории Сомониён оғози хешро на аз солҳои 70-уми асри IX, балки аз ибтидои солҳои 20-уми асри IX оғоз кардааст, зеро дар ин даврa – Аҳмад, Яҳё ва Илёс дар атрофи бародари калонӣ - Нӯҳ муттаҳид шуда, барои мустақилияти тоҷикон ва дигар қавмҳои Осиёи Миёна ба муқобили мустамликадорон муборизa бурдаанд.

Олимони балвогар таърихро таҳриф намуда, мехоҳанд, ки ба халқи бофарҳанг бо ҳар роҳ туҳмат зананд. Онҳо намедонанд, ки таърихи пуробу ранги аҳди Сомониён дар замони давлатдории эшон, бо қалами фарзандони фарзонаашон иншо шуда буд. Дар ин ҷо ҳақ бар ҷониби Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахист, ки ӯ дар тӯли солҳои 943-944 китоби «Таърихи Бухоро»-ро бо супориши Абӯмуҳаммад Нӯҳ ибни Насри II ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ навишта, ба бисёр масъалаҳои торик равшанӣ андохтааст. Вай шоҳиди воқеаҳои таърихӣ ва иштирокчии бевоситаи онҳо мебошад. Аз ин рӯ, ӯ менависад, ки амирии писарони Асад ибни Сомонхудот ба соли дусаду ду (817-818) рост меояд.

Сомониён нисбат ба Тоҳириён пештар соҳибқудрат шуда бошанд ҳам, ҳусну таваҷҷуҳи мустамликадорон нисбат ба Оли Сомон, ба хонадони дигари тоҷикӣ – Тоҳириён зиёд буд, зеро амироне, ки баъди Тоҳир (соли 822) ба сари қудрат омаданд, фармонбардорони ҳалқабаргӯши хилофат буданд. Аз ин рӯ, хилофат Тоҳириёнро чун давлати мустақили маҳаллӣ эътироф менамуд. Аммо дар ҳалли масъалаҳои бамиёномада бо ҳарду хонадон баробар машварат мекард. Баъди дар соли 873 аз тарафи Саффориён саркӯб шудани Тоҳириён муносибати хилофат бо хонадони Сомониён қавитар гардид.

Дар матбуоти давраи Шӯравӣ ақидаи нодурусте ба миён омада буд, ки он дар аввал таърихи ибтидоии Сомониёнро инкор мекард. Дар ин ҷода онҳое баҳс мекарданд, ки аз таърих хеле дур буданд. Бештар шарқшиносони Шӯравӣ чунин меҳисобиданд, ки гӯё дар ибтидои суратгирии давлати хеш Сомониён дастнигари Тоҳириён бошанд. Ин ақида мутлақо хато аст. Муаллифони чунин мақолаҳо аз сарчашмаҳои таърихӣ огоҳ набуданд, ки Оли Сомон нисбати хонадони Тоҳириён пештар ба сари қудрат омада буд. Агар «Таърихи Бухоро»-и Наршахиро мехонданд, шояд ба чунин хатогиҳои авфнопазир роҳ намедонанд. Муаллифи сарчашма қайд менамоянд, ки халифаи ҳафтум Маъмун соли 817 ба ҳокими Хуросон Ғассон ибни Уббод амр медиҳад, ки ба Мовароуннаҳр рафта, наберагони Сомонхудоро соҳибтоҷ намояд. Фармони вай дар ҳамин сол (817) амалӣ мегардад ва Нӯҳ ҳокими Самарқанд эълон мешавад, соли 818

бошад Аҳмад волии Фарғона, Яҳё- Чочу Истаравшан, Илёс Ҳирот таъйин мешаванд.

Оё ин оғози давлатдории Сомонӣ нест? Тоҳириён бошанд танҳо соли 821 ба сари қудрат меоянд.

Дар ин ҷо бояд ҳаминро хотирнишон сохт, ки пойтахти Тоҳириён ба пойтахти хилофат хеле наздик буд, бинобар ин, фармонҳои халиф даставвал ба Нишопур мерасид ва пас аз чанде дар пойтахти Сомониён шаҳри Самарқанд паҳн мешуд. Ана ҳамин нуқтаи назар дастгираки рӯзноманигорону олимон шудааст.

Давраи дувуми ҳукумати Сомониён аз нуқтаи назари сарчашмаҳо ва матбуот ба солҳои 70-уми асри IX мансуб буда, дар миёнаи асри X интиҳо меёбад. Он тахминан ба солҳои 875-960 рост меояд.

Ниҳоят, давраи сеюуми зиндагиномаи хонадони Сомониён ба солҳои 961-999, замони аз даст додани қудрати сиёсии онҳо рост меояд. Дар ин ҷо ҳаминро бояд хотирнишон кард, ки Сомониён иқтидори сиёсии давлатдории хешро суст намуда, бо ду дасти адаб лаҷоми онро ба туркон супориданд.

Барои исботи он мо бояд ҳамин фикрро тақвият диҳем, ки дар сари гаҳвораи истиқлолияти халқи тоҷик Нӯҳ, Аҳмад ва додаронашон истода буданд. Аммо аксари пажӯҳишгарони Оли Сомон аз рӯшноӣ андохтан ба ин масъала канорачӯӣ мекунанд. Пешгузаштагони Сомониён дар муборизаҳои дохилию хоричӣ тавонистанд, ки озодии халқи хешро таъмин намуда, онҳоро аз ҳаёти мустамликавӣ озод кунанд. Минбаъд анъанаи онҳоро Исмоил давом дод. Ӯ мисли падару амакҳои хеш марди закӣ ва боирода буда, кори саркардаи пешгузаштагонашро пурра анҷом дода, гул–гулшукуфии давлатдории тоҷиконро таъмин намуд.

Мо бояд ҳамин чизро фаромӯш накунем, ки давлати Сомониён дар натиҷаи талошҳои тӯлонӣ барқарор гардид ва дар ливобардори озодӣ ва истиқлолият шуд. «Пайдоиши давлати Сомониён ба даврони талошу муборизаҳои сангин рост омад. Ин давроне буд, ки муборизаи қаҳрамононаи мардум бар зидди аҷнабиён ҳамоно идома дошт ва сиёсати иртиҷоии истилогарони араб мунтазам амалӣ мегардид. Аҷнабиён ния доштанд, ки ба воситаи густариши забону фарҳанги арабӣ нуфузи забони тоҷикро паст карда, ҳуввияту ифтихори миллӣ, шарафу номуси ватандорӣ, суннатҳои фарҳанги куҳани аҷдоди моро барбод диҳанд».

Омӯхтани мақолаву навиштаҷотҳои матбуот ба мо имконият медиҳад, ки оид ба даврабандии ҳукуматдорони Оли Сомон ба чунин хулоса оем:

Давраи якум аз соли 817 оғоз шуда, соли 874 анҷом меёбад. Ин муддат ибтидои муборизаи халқи тоҷик барои истиқлолият ва ташаккули давлати мутамарказонида мебошад. Намояндагони ин давра Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё, Илёс мебошанд, ки дар натиҷаи кордонӣ ва ташкилотчигияшон тавонистанд, дар хилофати Араб обрӯ пайдо намуда, барои ташкили давлати миллии хеш ҷонбозиҳо кунанд.

Давраи дувуми ҳукмронии хонадони Сомониён аз соли 875 оғоз ёфта, дар ибтидои солҳои 60-уми асри X ба охир мерасад. Аниқтар ин давра солҳои 875-960-ро дар бар мегирад. Намояндагони барҷастаи ин давра Исмоил ва Насри II ба ҳисоб мераванд.

Ниҳоят, давраи сеюуми ҳукуматдории хонадони Сомониён ба солҳои 961-999 рост меояд. Ин замоне буд, ки амирони Сомонӣ ба саргармӣ дода шуда, бо ду дасти адаб лашкар ва идоракунии давлатро ба ихтиёри ғуломони турк супориданд. Дар ин муддат ғуломон соҳибмансаб шуда, давлати овозадори Сомониёнро, ки бештар аз 180 сол арзи вуҷуд дошт, вожгун сохтанд.

Хулоса, матбуоти тоҷик дар солҳои истиқлолият баёнгари воқеаҳои таърихии аҳди Сомониён буд ва оид ба омӯхтан ва дастраси умум намудани таърихи сиёсӣ, ганҷинаҳои илму фарҳанги классикӣ ва нишон додани нақши Сомониён дар таърихи башар хизмати арзанда намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҷумҳурият 1999, 9 сентябр.
2. Садои мардум, 1991, 30 январ.
3. Ҷумҳурият, 1999, 9 сентябр.
4. Адабиёт ва санъат, 1999, 10 октябр.
5. Хидоятов Г.- Крушение Саманидов- Москва- Тошкент, 2004, саҳ.49.
6. Ҷумҳурият, 1999, 25 сентябр.
7. Илм ва ҳаёт.- 1990, №4, саҳ 9-10.
8. Б. Ғафуров - Тоҷикон, ҷилди I, – саҳ. 450

9. Ҷумҳурият.- 1999, 4 сентябр.
10. Наршахӣ- Таърихи Бухоро, - саҳ.20.
11. Садои мардум.- 1991, 30 январ.
12. Наршахӣ- Таърихи Бухоро, саҳ. 66.
13. Минбари халқ.-1996, 10 ноябр.
14. Ватанпарвар.- 1999, 12 ноябр.
15. Ҷумҳурият.- 1999, 9 сентябр.
16. Мухторов А. – Ватанпарвар, 1999, 5 октябр.

О ПЕРИОДИЗАЦИИ ИСТОРИИ ИМПЕРИИ САМАНИДОВ

Вокруг периодизации истории империи Саманидов более сто лет идёт спор между учеными. В статье автор на основе опубликованных первоисточников решила некоторые вопросы, связанные с определением точной даты периодизации истории государства Саманидов.

Ключевые слова: история империи Саманидов, периодизация истории империи Саманидов, первоисточники.

ABOUT A PERIODIZATION OF HISTORY OF SAMANID'S EMPIRE

Round a periodization of history of Samanid's more than hundred years go dispute between scientists. In an article the author in foundation published primary sources has solved some questions connected with definition of an exact periodization of Samanid's history.

Key words: empire history Samanidov, periodization of history of the empire Samanidov, primary sources.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Ф. С. Мухторова*** - аспирантка Таджикского национального университета

НАҚШИ РАСОНА ДАР ҲАМГИРОИИ КИШВАРҲОИ ФОРСИЗАБОН

Юнуси Ранҷкаши Кисамӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кишварҳои Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон ба воситаи забон, дин ва фарҳанги муштарак аз ҷозибаҳои лозим барои наздикиҳои бештару ҳамгирӣ дар ростои манофеи миллии худ бархурдоранд. Дар канори аносири муҳиме, чун дину фарҳанг ва таърихи муштарак забони форсӣ низ ба унвони абзори иртиботи мутақобили аксарият сокинони сарзамини Эрон шинохта мешавад, ки мардумони кишварҳои Афғонистону Тоҷикистон, ки дар имтидоди ҷуғрофии сарзамини Эрон қарор доранд ва форсӣ такаллум мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин муҳим, ки дар ҷуғрофиёи сиёсӣ аз он ба унвони омили ҳамгироии миллатҳо ёд мешавад, яке аз абзорҳои таъсиргузор дар дастёбӣ ба ҳамгирӣ ва наздикии бештари ин кишварҳо, ба василаи муштаракоти худ расона аст, ки дар асри ҳозир бино ба аҳамияти таъсиргузории он дар таҳаввулоти ҷаҳони имрӯз, дар нур дидани марзҳои ҷуғрофӣ ва шаклгирии фазои маҷозӣ иртиботи байни сокинони кураи замин ва дастёбии осонтари инсонҳо ба якдигар, муҷиби асарбахши шигифтангезе шудааст. Ба рағми вуҷуди муштаракоти бисёр дар байни кишварҳои Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон, аммо он гуна, ки шоиста аст, аз ин тавони муштарак дар ростои наздикиҳои байни давлатҳо ва миллатҳо, барои пешбурди аҳдофи стратегӣ, дар ростои манофеи муштарак истифодаи лозим ва кофӣ намешавад, ки яке аз далелҳои муҳим дар ин замина ва мушкилоти мавҷуд бар сари роҳи ҳамгироиҳои лозими стратегӣ, набудани фазои расонаӣ муштарак аст, то тафҳимкунанда ва таҳвиятбахши муштаракоти ин кишварҳо барои наздикиҳои бештар, дар заминаҳои мухталифи фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии байни мардум ва давлатҳои онон бошад. Ин кишварҳо дар ҳоле ҳастанд, ки халои вуҷуди ин омили пайвандро бархе расонаҳое, чун ББС бо таваҷҷуҳ ва аҳдофи худ, дар ҳоли пур кардани санадҳои мухотибони бисёреро ҷазб ва дар масири асарпазирии аҳдофи худ қарор доранд.

Фарҳанг ва забон, дин, одобу русуми иҷтимоӣ, таърихӣ ва нажоди муштарак, дар байни кишварҳои Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон аз муаллифаҳои муҳими ҷуғрофии сиёсист, ки пайвандҳоеро байни онҳо эҷод кардааст ва ба рағми ҷудоии марзҳои ҷуғрофии ин кишварҳо, бо якдигар ваҷҳи муштараки онон муҷиби хостгоҳи дарунӣ барои наздикии давлат ва миллатҳои онон шудааст. Ин ҳама метавонад, бо баҳрагирии

абзори расонаҳои муштарак таҳвият ва шакли ҷадиде дар ҳамгироии минтақавиро дар ҷаҳони имрӯз шакл диҳад.

Расона абзоре иттиллоҳрасонист, ки бо таваҷҷуҳ ба густураи асаргузорӣ ва тавноие, ки аз назари навъу коркард дорад, дар дунёи имрӯз нақши ҳаётӣ дар таъсиргузории равобити байнидавлатҳо ва миллатҳо бар асоси манофеи миллии онҳо дорад, ва он чи ки беш аз ҳама дар ин замина муҳим аст, нақшу коркарди расонаҳо дар ҳамгироии давлатҳо ва таъсиргузориҳои фарҳангии байни миллатҳо дар ҷуғрофиёи мухталифи ҷаҳон аст. Расонаҳои имрӯза бо дидани марзҳои ҷуғрофӣ ва эҷоди дунёи маҷозӣ дар шаклгирии ҷаҳонӣ бо сохтори ҷадид гом бардоштаанд, ки дунёро бо ҳама бузургӣ ва парокандагии ҷуғрофияш дар ду нимкураи замин, ба деҳкадаи кӯчак табдил кардаанд. Ба тавре ки осон бо як иттисоли сода метавон, паёмеро аз ҳар нуқтаи ҷаҳон ба дуртарин макон мавриди ҳадаф, ирсол ва он муваффақиятро таҳти таъсир қарор дод.

Бо таваҷҷуҳ, ба ин коркард ва танаввуе, ки дар навъи абзори иттиллоҳрасонӣ аз нашриёт ба унвони расонаҳои мактуб гирифта, то телевизион, радио, мобил, моҳвора ва Интернет вуҷуд дорад, чи хуб аст, то аз имконот битавон, дар ростои наздикии миллатҳо ва барқарории сулҳу дӯстӣ ва ҳамчунин, интиқоли таҷрибиёт барои дунёи беҳтар, барои рифоҳи мардум баҳра баранд.

Дар миёни миллатҳои мухталиф, дар дунё вижагиҳои муштараке вуҷуд дорад, ки бо муаррифӣ ва бозхонии онҳо ба якдигар ва пайдо кардани фаслҳои ҷадид метавон, заминаҳои лозимро барои наздикиҳо фароҳам кард. Ба тавре ки дар ин замина кишварҳое чун Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон ба далели бархурдорӣ аз вижагиҳои мухталифи таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва забони муштарак ин қобилиятро доранд, то дар канори якдигар ва бо баҳрамандӣ, аз таҷрибаҳои ҳам ба идеалҳои кишварҳои тавсеаёфта даст ёфта, барои миллатҳои худ рифоҳ ва оромиш ба армуғон биёваранд, ки яке аз омилҳои муҳим дар ин замина расонаҳо барои наздикии бештари байни онҳо аст.

Суоле ба миён меояд, ки расонаҳо чӣ гуна метавонанд, нақше дар ҳамгирой ва наздикии байни кишварҳои форсизабон бо таваҷҷуҳ, ба муштаракоти забонӣ, динӣ ва фарҳангии байни кишварҳои Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон дошта бошад.

Аз равишҳои боиста дар корҳои пажӯҳишӣ мушоҳида ва кофтуковҳои майдонӣ аст, зеро мушоҳида чашмандозиҳои пайдо ва пинҳонро намоён мекунад. Бинобар ин, пажӯҳиши ҳозирро пӯйишҳои майдонӣ, анҷоми пурсишнома, мусоҳиба бо соҳибназарон дар ростои мутолеаи мавридӣ истифода аз дидгоҳҳои пажӯҳишгарон, аз тариқи истифодаи мутолеоти аснодӣ ва китобхонагӣ ташкил медиҳад. Ёфтаҳои майдони ба ҳамроҳи дарёфтҳои аснодӣ, дар фароянди таҷриба ва таҳлил ба шеваи тавсифӣ ва таҳлили раванди ин кор пажӯҳишро шакл хоҳад дод.

Хостгоҳҳои муштараки Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон

1. Умумияти ҷуғрофии се кишвар: Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон аз назари мавқеияти ҷуғрофӣ аз хостгоҳи муштараке дар ҳамсоягӣ бо якдигар бархурдоранд, ки дар гузаштаҳои начандон дур, Эрону Афғонистон дар ҳавзаи ҷуғрофии воҳид ва дар даруни марзи муштарак қарор доштанд, ки бар асари ҳаводиси таърихӣ ва дастандозиҳои сиёсии қудратҳои салтаҷӯ ва истикборӣ бо тика-тика шудан ва шаклгирии ҳукуматҳои мустақил аз чатри ҷуғрофӣ, марзҳои воҳиди сарзаминӣ, бо мурур ҷудо шуда, ба унвони кишварҳои бо марзҳои ҷудогона тағйири моҳият доданд. Ба рағми ҷудосозиҳои марзӣ ва шаклгирии ҳукуматҳои мустақил дар ин кишварҳо, вуҷуди муштаракотест, ки пас аз қарнҳо тағйир ва таҳвили низомҳои сиёсӣ ҳамчунон маҳфузмондаест ва ин нуқта қувватест, ки метавонад дар шаклгирии қудратҳои ҷадиди минтақавӣ бар асоси таҳаввулоти низоми сиёсии дунёи имрӯз муяссар бошад.

Дар канори Эрону Афғонистон кишвари дигаре ки бо қарор доштан дар муҷовироти Афғонистон ва пайвастагӣ бо Эрон дар зумраи мукамалҳои ин ду кишвар бо хостгоҳҳои муштарак маҳсуб мешавад Тоҷикистон аст, ки аз муаллифаҳои бисёре барои пайвастагиҳои навсолоҷӣ бо ин ду сарзамин бархурдор мебошад.

Эрон, Афғонистон кишварҳои ҳамсоя дар дили сарзамини Эрон ҳастанд, ки вуҷуди ҷуғрофии муштараки онҳо дар гузашта омили муҳиме дар наздикии онҳост. Ба Тоҷикистон низ ба василаи ҳаммарзӣ, бо Афғонистон аз наздикиҳои бисёре бо Эрон бархурдор аст.

2. Таърих, фарҳанг, забон ва дин. Бо нигоҳе ба таърихи гузаштаи, кишварҳои Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон ба хубӣ метавон муштаракоти бисёреро дар байни ин кишварҳо ҷустуҷӯ кард, ки ин нақши муҳиме дар ҳамгирой ва наздикии мардумони байни ин мардумҳо дорад.

Дар густураи ҷуғрофии сарзамини ин се кишвар, ҳудуди 110 млн. нафар сукунат доранд, ки муҳимтарин фасли муштараки онҳо забони форсӣ аст. Бо он такаллум мекунанд ва ин омил нақши муҳим ва асаргузоре, дар барқарории иртиботи байни мардумони ин кишварҳо ва наздикии байни онҳо дорад.

Забони форсӣ бо решаи дарӣ, паҳлавӣ ва шакли тағйирёфтаи мутаахири он, аз дигар забонҳои роиҷи дунё, бавижа арабӣ аз пешина диранге бархурдор ва реша дар пайвандҳои фарҳангии сокинони ин сарзаминҳо дорад. Таърихи адабиёти ин кишварҳо беш аз ҳама ҷилвагари пайвастагиҳои фарҳангии онон аст.

Дар гузор аз таъриху фарҳанг, ҳунар, адабиёт ва улуми мухталиф бо номҳои ҳамчун, Рӯдакӣ - падари шеъри форсӣ ва бисёре дигар бармехӯрем, ки ба далели парокандагии макони ҷуғрофӣ тавлид, зиндагӣ ва марги онон, дар дохили марзҳои ин се кишвар, ки рӯзгоре аз як сарзамини воҳид баҳра мебурданд, нишондиҳандаи пайвандҳои ногусастанӣ аз таъриху ҳуввияти муштарак аст.

Дар канори шахсиятҳои илмӣ ва фарҳангиву адабӣ вуҷуди дини муштарак низ аз дигар авомили наздикии кишварҳои Эрону Тоҷикистон ва Афғонистон аст, ки дар даврони пеш аз ислом ва баъд аз он аз хостгоҳҳои муштараке, бархурдор будаанд. Дини ислом дар омехтагӣ дар таъриху фарҳанги мардумони ин сарзаминҳо бахши муҳиме аст. Ҳуввияти мазҳабии ононро ташкил ва аз маҷмӯи ҷамъияти сокин дар ин манотиқ беш аз 99 %, дар Эрону Афғонистон ва 95 % дар Тоҷикистон пайравони ислом ҳастанд, ки аз дигар авомили муҳими наздикии миллатҳои ин сарзаминҳо мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба мавзӯоти ишорашуда, Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон метавонанд, муносибтарин ҳампаймону муттаҳидон дар минтаҷа бошанд, ки аввалин гом дар ростои чунин стратегияи калоне ҳамгироии фарҳангии байни ҷавомеъи ин се кишвар аст, ки иҷро шудани ин кори бузург ниёзманди эҷоди заминаест, ки метавонад аз тариқи иртиботи расонаӣ барқарор шавад.

Расона. Расона иборат аст, аз василаи иртиботи ҷамъӣ, ки доираи васеият ва нуфузи он имрӯз беш аз пеш шуда, илова бар матбуот, радио, телевизион Интернетро низ шомил мешавад ва Ҳербурт Морсол Мак Луҳон аз муҳаққиқон ва фаъолони арсаи расона, дар китоби «Барои дарки расонаҳо» дар хусуси таъсири расона бар афроди ҷомеа менависад: «Таъсири як расона бар афрод ё ҷомеа ба мизони шиддати тағйирот дар муқоисаҳо ва меъёрҳое бастагӣ дорад, ки ҳар фановарии ҷадид ё ҳар имтидоде аз вуҷуд дар зиндагии рӯзмарра падид меоваранд».

Доктор Маҳдии Муҳсиниён аз муҳаққиқони эронӣ ва устоди донишгоҳ дар риштаи улуми иртибот, дар китоби худ ба унвони «Иртиботшиносӣ», оиди иртиботи инсонӣ ва миёни фардӣ, гурӯҳӣ, ҷамъе менависад: «Низомҳои иҷтимоӣ ба унвони сохторҳои иҷтимоии фаъоли назири хонавода ё иҷтимои рустоӣ, ки ҳадафҳо, ҳинҷорҳо, нақшҳо ва қудратҳои мураттаби иҷтимоӣ, замонати иҷроҳо, тасҳилот ва қаламравҳои хос доранд, зиндагии низомҳои иҷтимоӣ аз тариқи фарогирдҳои умдаи мутааддиде чун иртибот, тасмимгирии ҳифзи маҳдудаҳо ва пайвандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ сурат мегирад. Дар қолаби ин дидгоҳ иртибот низ ба унвони фарогарде, ки аз тариқи он иттилоот тасмимҳо ва раҳнамудҳо ба низоми иҷтимоӣ мустақил мешавад ва шинохтҳо, ақоид ва рафторҳо шакл мегиранд, тағйир меёбанд таъриф мешаванд.

Аз тарафи дигар, Парк Пастер дар китоби «Асри дувуми расонаҳо» менависад: «Қарни бистум нозири пайдои ситемае аз иртибот буда, ки тавзеҳ ва интиқоли густураи паёмҳоро аз як нуқта ба нуқтаи дигар имконпазир сохтааст. Ин ситемаҳо ибтидо аз роҳи электрикӣ кардани иттилоот якдастшуда ва сипас бо диҷетолӣ кардани онҳо тавонистааст, ки бар авомили фазо ва замон ғалаба кунад». Доктор Козим Муъатамади Нажод дар мақолае оиди усули таблиғоти сиёсӣ менависад: «Огоҳӣ аз рӯйдодҳои зиндагии умумӣ, аз шароити зарурии иҷтимоии муосир аст, инсон мавқеи метавонад масъулиятҳои фардӣ ва ҷамъии худро ифо кунад, ки маълумот ва иттилооти комил ва ақоиду афкори солим дошта бошад». Бадеҳист, ки маълумоти умумии афрод ба василаи омӯзиш ва парвариш ба даст меоянд, вале касби ахбору шиносоои назарот ва қазоватҳои дигарон танҳо аз тариқи матбуот ва соири васоили хабарӣ ва иртиботӣ имконпазиранд.

Дастрасии инсон ба ахбору иттилоот барои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоии ӯ, мазоёи бешуморе дорад, зеро ба ин васила метавонад, фаъолиятҳои худро бо авзоъ ва аҳволи муҳит мутобиқ созад. Бояд дар назар дошт, ки васоили хабарӣ танҳо дар сурате метавонанд, дар зиндагии иҷтимоӣ таъсири хуб боқӣ бигузоранд, ки иттилооти воқеиро дар ихтиёри афрод қарор медиҳанд, ҳақиқӣ ва айнӣ будан, комил ва ҷомеъ будан,

маъно ва мафҳум доштан, сареъ ва дақиқ будан аз хусусиятҳои зарурии ахборанд ва фақат вақте ки ин хусусиятҳо дар ахбор мавҷуд бошад, инсон метавонад аз рӯйдодҳои муҳими иҷтимоӣ, маърифати васеъ ба даст оварад, хатти саҳеҳи интихоб кунад. Фуқадони онҳо сабаб мешавад, ки дар қазоватҳо ва арзёбиҳои худ дучори иштибоҳ гардад ва иқдомоте анҷом диҳад, ки хатари он аз беиттилоӣ ва беиноятӣ дар баробари вақоеъ бисёр бештар аст. Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки таблиғи як иқдоми равонист, ки ба манзури таъсир дар рафтори сиёсии фармонбардорон сурат мегирад ва ба ин манзур эҳтиёҷ ба васоили нерӯманде дорад, ки битавонад, афкори умумиро ба як ҷиҳати хос гароиш диҳад.

Ҷуғрофиёи сиёсӣ ва нақши расонаҳо. Иттилоърасонӣ дар ҷаҳони имрӯз, ба абзори сиёсии коромаде барои дастёбии кишварҳо ба манофеи миллии худ табдил шудааст. Ба тавре ки ҳамаи кишварҳо саъй доранд, то бо истифода аз абзори иттилоърасонӣ ва баҳрамадӣ аз анвои мухталифи он, аз тариқи ин каналҳои иртиботӣ, таҳти таъсири худ қарор дода, бо истифода аз забони дигар кишварҳо ва шаклдиҳии стратегӣ дар фазои маҷозӣ, ба тарвиҷи сиёсатҳои худ бипардозанд. Бар ин асос, мо ҳар рӯз шоҳиди таҳаввулоти шигарфе дар арсаи фановариҳои иттилоот ва иртиботот ва нақши муҳими расонаҳо дар асри ҷадид ҳастем. Ҳарчанд ки бо таваҷҷуҳ ба шикофи амиқи иттилоотӣ дар ҷаҳон ва иттилоърасонии яктарафа ва нуфузи қаронати хоси салтаҷӯёна бар ҷараёни расонаи байналмилалӣ, бархе кишварҳои заиф ва ё камқудрат ба танҳоӣ ва ё дар қолаби созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ кӯшидаанд, то бо эҷоди маркази хабарии мустақил, то ҳадде ақибмондагиҳои худро дар ин замина ҷуброн кунанд, аммо ҳанӯз ба таври комил муваффақ набуда, асарбахши чандоне надоштаанд, ки метавонад ба авомили мухталифе ҳамчун парокандагии иштирокот ва хостгоҳҳои мутафовит марбут шаванд ва ё дар муқоиса бо сармоягузориҳои калоне, ки тавассути қудратҳои бузург дар ҳавзаи расона бавижа расонаҳои байналмилалӣ сурат гирифтааст, ин сармоягузориҳо ночиз бошад.

Дар ин миён бояд бидонем ки дунё, дунёи пур аз ҳодиса, даргирӣ ва тағйиротҳои аҷибу ғариб ва нохушоянд аст. Дар ин шароит танҳо шабакаҳои хабарӣ, бар ин таҳаввулот метавонанд таъсиргузор бошанд ва бо таваҷҷуҳ, ба ин ки дар ин миён ҳар қудрати расонавӣ саъй дорад, то иттифоқотро дар ростои манофеи худ иттилоърасонӣ ва ҷиҳатдиҳӣ кунад ва ин замина дар кишварҳои заиф барои таъсирпазирӣ низ вуҷуд дорад, мебоист бо шаклгирии низомҳои ҷадид дар ҳамкориҳои фарҳангӣ ва расонавӣ, дар байни кишварҳои дорои муштаракоти мухталиф нест ба пешгирӣ аз истеъмор ва истисмори фарҳангии расонаҳои қолаб иқдом кард.

Ба далели вуҷуди заминаҳои ҳамкории сиёсии байни давлатҳои Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон ва фазои хубе, ки дар ин замина вуҷуд дорад ва ҳамчунин пешниҳоди ҳамкориҳои расонавӣ ва шаклгирии телевизиони муштарак барои кишварҳои форсизабон хуб аст, то бо тавсеаи ин ҳамкориҳои байни ақшори мухталифи кишварҳои форсизабон бар асоси стратегияе, ки аз назари фарҳангӣ, динӣ, забонӣ ва таърихӣ умумият доранд, заминаҳои наздикии онон беш аз пеш фароҳам шавад. Зеро коркардҳои расонавӣ дар ин наздикӣ метавонад, асароти бисёре барои истеҳкоми ҳуввияти сиёсии давлатҳо ва ҳамчунин эҷоди қудрати таъсиргузор дар минтақа дошта бошад. Ба ҳамин далел, ҳар гоҳ аз иртиботу иттиҳоди се кишвари форсизабон Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон сухан гуфта мешавад, бо мухолифатҳои ниҳону ошкор ба бархе қудратҳо, нерӯҳои минтақавӣ ва фаромминтақавӣ рӯ ба рӯ мешавад, зеро онҳо намехоҳанд, ки ин ҳамгироӣ шакл бигирад, аммо бо таваҷҷуҳ ба ин ки Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон имрӯз дар созмонҳои мухталифи минтақавӣ ҳамчун АКУ ва Конференсияи исломӣ бо якдигар ҳамкорӣ доранд. Ин ҳамкориҳо бо ҳузури расонаҳои муштарак ва эҷоди фазои дӯстии, бештар байни миллатҳо ва наздикии байни онҳоро метавонад маҳкамтар кунад.

Пешниҳодот:

1. Ҳузури нухбагонии расонавӣ ва давлатмардон барои пайгирии роҳҳои ҳамкории амалӣ, барои ифои нақши фаъолтар аз сӯйи расонаҳои се кишвар Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон барои тарвиҷ ва густариши забони форсӣ ва дифоъ аз арзишҳо, суннатҳо, оин ва таърихи муштарак.

2. Ғафлат дар роҳандозиҳои расонаҳои муштарак, то кунун садамоти ҷуброннопазире бар ҳамгироиҳои бештари кишварҳои форсизабон задаст, ки шаклгирии ин расонаҳо илова бар ин ки метавонад, ба тавсеаи равобит ва ҳамкориҳои

ин се кишвар кумаки бисёре кунад, дар ҳаракти муштараки минтақавӣ ва ҷаҳонии онҳо низ бисёр муассир хоҳад буд.

3. Барқарории равобити фарҳангӣ, байни дастандаркорони расонавии ин кишварҳо барои дастёбӣ ба барномаи муштарак дар ростои таваҷҷуҳ додан ба муштаракоти ин се кишвар метавонад, нақши муҳиме дар ҳамгироӣ дошта бошад.

4. Ташкили иттиҳодияҳои муштараки расонавӣ, нашриёт ва расонаҳо дар кишварҳо.

5. Пардохтан ба иштирокоти мавҷуд байни ин кишварҳо дар расонаҳо ва эҷоди ҷаззобиятҳои фарҳангӣ барои мардум.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳамид Мавлоно. Он сӯйи таблиғоти бозаргонии ҷаҳонӣ воқеъиятҳо ва чолишҳо. -Теҳрон, 1387.
2. Марк Пастер. Асри дувуми расонаҳо. Тарҷумаи Ғуломҳусайни Солеҳёр. -Теҳрон: Интишороти муассисаи Эрон, 1377.
3. Ҳарберт Морсол. Мак Луҳон. Барои дарки расонаҳо. Тарҷумаи Саид Озарӣ. -Теҳрон, 1377.
4. Маҳдии Муҳсиниён. Иртиботшиносӣ. -Теҳрон, 1384.
5. Козим Муъатамади Нажод. Иртибототи тавсеа ва тавсеаи иртиботот дар Эрон. -Теҳрон, 1384.
6. Мирҳайдари Дурра. Мабнои ҷуғрофии сиёсии Теҳрон. -Теҳрон, 1384.

РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ИНТЕГРАЦИИ ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ СТРАН

Интеграция - важный фактор сегодняшней глобализации общества. Несмотря на то, что в Центральной Азии расположены государства с разным уровнем политического и экономического развития, они активно интегрируются в процесс глобализации. Этническое родство, может стать одним из факторов создания на лингвистической основе альянса из государств и народов Среднего Востока., В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению роль средств массовой информации в интеграции персоязычных стран - Таджикистана, Ирана и Афганистана.

Ключевые слова: интеграция, средства массовой информации, глобализация, процесс глобализации, Таджикистан, Иран, Афганистан.

ROLE OF MASS MEDIA IN INTEGRATION THE PERSIAN-SPEAKING COUNTRIES

Integration - an important factor of today's globalization of society. In spite of the fact that in Central Asia the states with different level of political and economic development are located, they are actively integrated into globalization process. The ethnic relationship, can become one of creation factors on a linguistic basis of alliance from the states and the people of the Middle East. in this article the author subjected to consideration and studying a role of mass media in integration of the persian-speaking countries - Tajikistan, Iran And Afghanistan.

Key words: integration, mass media, globalization, globalization process, Tajikistan, Iran, Afghanistan.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Юнуси Ранджкаш Кисами*- соискатель Таджикского национального университета

НАҚШИ РАСОНАҲОИ ГУРӮҲӢ ДАР РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Озито Беклари
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Нақши расонаҳо дар садаи муосир, ҳар рӯз беш аз пеш барҷаста шудааст, расонаҳо имрӯз ба воситаи кашф ва бакоргирии технологияҳои нав иртиботе, то умқи ҷомеа нуфуз карда ва таъсири босазо ва таъйинкунандае дар ҷиҳатдиҳии афкори умумӣ бархурдор гаштаанд.

Радио ва телевизион ду василаи иртиботи ҷамъӣ. Василаҳои иртиботи ҷамъӣ, бахусус радио ва телевизион таъсироте, ошкор, сареҳ, мустақим, гуногун ва бисёр ночиз бар ҷомеа доранд- ин таъсирот бар бунёдҳо, рафторҳо, фарҳанг, суннатҳо, одатҳо, робита ва мудҳои иҷтимоӣ коргар меафтад. «Радио дар баробари фард, нишоне аз иҷтимоъ ва низ барои ӯ чизе аз иҷтиморо халқ мекунад» ин ҷумлаи кӯтоҳ, ки дар бораи радио гуфта шуда метавонад, ба суҳулат дар бораи телевизион ҳам масодиқ дошта бошад.

Ин ду василаи иртиботӣ «радио ва телевизион» ҳолати рӯҳии мухталифе эҷод мекунанд. Радио ба дарун ва умқи фард нуфуз мекунад, ҳитаи калимот ва суханҳо бо

муҳити васеи мусиқии радио, ки шунавандаро дар худ ғарқ мекунад, ба қавли файласуф Ячлорд, то нохудогоҳи ӯ нуфуз ва амал мекунад, ӯро ба оромиши мутлақ ё тахайюлии озод савқ диҳад. Дар ҳоле ки телевизион моро аз худамон ҷудо мекунад, қудрати бештаре аз радио дорад ва худро бар шахсияти мо таҳмил мекунад. Аз назари фикрӣ, ки радио наздиктар ба китоб аст, ин васила дар ҳоли интизоитаре аз телевизион боқӣ мемонад ва паёми худро тавассути идроки одамӣ мунтақил мекунад, дар ҳоле ки аз ҳамин назар, телевизион ҷанбаи шахсӣ ва айнитаре дорад.

Ба кумаки ин ду васила, яъне «радио ва телевизион» аст, ки инсон имрӯз бо аҷзои аз ҳақиқатҳои маконӣ ва замонӣ тамос ҳосил мекунад. Бидуни ин васоит, ошноии ҳақоиқи номақдур хоҳад буд. Радио ва телевизион аз тарафи дигар, дар ҷиҳате савқ пайдо мекунад, ки оммаи мардум битавонанд бештар дар амри бахш ва барномаҳо ширкат дошта бошанд. Ба унвони мисол, ҳангоми пахши барнома, бо истифода аз муколамоти телефонӣ, паёмҳои кутоҳ, интернет ин амр таҳаққуқ пайдо мекунад.

Мо дар баҳси баъдӣ вижагиҳои радио ва телевизион ва ҳамчунин нақши ин ду расона дар ҷомеа ба унвони расонаи ҷамъиро ба таври муфассал мавриди баҳсу баррасӣ қарор хоҳем дод.

Вижагиҳои радио ва телевизион. Радио, ки василаи муҳими иртиботи ҷамъӣ аст, бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷуғрофӣ ва иҷтимоии кишварҳо, арзиши хосе дар миёни васоили иртиботӣ дорад.

Ба таври куллӣ барномаҳои радио аз се унсур таркиб ёфтаанд:а) Калом; б) Мусиқӣ; в) Факту санад.

Ин се унсур меоянд ва нерӯи баёнӣ ва иртиботии хосеро ташкил медиҳанд, ки аз баёни матбуотӣ мактуб ва баёни синамоӣ ё телевизион мутамоиз аст [1].

Факту санад иборатанд аз: садоҳое, ки аз атрофии ҷаҳон омадаанд, садоҳои мухталифе, ки дар ҷаҳон вуҷуд дорад, аз ашёи ҷондорон, ҷамодот ва ғайра рӯйи навор сабтшуда ва онҳоро ба атроф фиристодаанд, ки ин садоҳо дар воқеъ ҳангоми таҳияи барнома бо садоҳои дигар махлут мешаванд [2]. Радио аз ҷиҳати суръат ва мудовимати интишор, ҳамчунин вусъати ҳавзаи интишор, василаи иртиботи ҷамъӣ аст, имрӯз радио, илова бар ахбори умумӣ, дар заминаҳои мухталифи ҳунарӣ, варзишӣ, омӯзишӣ ва иқтисодӣ ҳам барномаҳои ихтисосӣ пахш мекунад.

Густариши радио дар ҷомеаи башарӣ рӯ ба фузунӣ аст, густарише ки пас аз ба вуҷуд омадани транзистор осонтар ва интиқоли паём васеътар сурат мегирад.

Ба таври хулоса дар бораи радио ва имтиёзҳо ва паёмҳои он бояд гуфт:

- радио нисбат ба дигар расонаҳои ҷамъӣ, имтиёзҳои зиёде дорад, аз ҷумла маъруфтарини ин имтиёз ҷозибаҳои қудрати тахайюли радио аст. Аз он ҷо ки радио ба ҷои садо ва тасвир танҳо садо мефиристад, шунаванда ногузир аст, иттилооти дидориро худ барои худ бисозад [3].

Дар китоби «Усули таҳияи барномаҳои радио» ба чанд нукта дар боби имтиёзҳои радио ишора карда шудааст, аз ҷумла:

-паёмҳои радиоӣ ба суръати ҳама ҷо мунтақил мешавад. Фосилаи замонӣ байни андешаи фиристонандаи паём бо зеҳнгирандаи паём, ба суръати тайшуда ва тақрибан ҳамзабони илмиро мешунавад, дар ҳоле ки дар матбуот чунин нест.

- гирандаи радио нисбат ба ҳуҷум ва мизони иттилооте, ки медиҳад аз телевизион ва матбуот арзонтар аст.

- радио ба роҳати қобили ҳамлу нақл аст ва дар ҳама ҷо мавриди истифода воқеъ мешавад.

- барномаҳои радиоро метавон ба роҳатӣ ва ба арзонӣ забт кард ва онҳоро шунид.

- расонаҳои дигар мумкин аст, радиоро такмил кунанд, аммо ҷонишини он нахоҳад шуд [4].

Вижагиҳои телевизион. Ин нукта ба субут расида аст, ки агар телевизион вуҷуд надошт бисёре аз масоили бузурги фарҳанг ва шинохти башарӣ барои бисёре аз афроди мардум ношинохта мемонд [5].

Пас, телевизион имтиёзҳои омӯзишии фаровоне дорад ва ин омӯзишро ба кумаки тамоми васоил анҷом медиҳад. зебоии тасвирҳое, ки сабаби талтифи завқ мешавад, матнҳо ва таснифҳое, ки бар ғанои луғавӣ меафзояд ва ғайра. Телевизион, ё тасвири электронӣ, ки ба рӯйи чор гӯшаи ҷаҳон кушода аст, тамоми синҳои инсонҳо аз кӯдакӣ, то бузургсолонро мутаассир месозад ва қобилияти пазириши бисёре аз ашёи аввалиро ба таври нохудогоҳ ба даст меоварад ва омӯзиши мудовимеро аз сар мегирад.

Телевизион, яке аз қавитарин васоил ва шояд, тавонотарин василаест, ки инсони имрӯз барои дигаргунии ҷомеа ва ҳатто нафси худи инсон дар ихтиёр дорад. Ин васила ба суръати бисёр сареҳе ба далелҳои мухталифе, ки аз ин пас ба хубӣ шинохта шудаанд, мубаддал ба боаҳмияттарин расона шудааст [6].

Тамошои телевизион умдатан ба василаи син, ҷинс, даромад ё ҳар гуна табақабандии ҷамъиятшиносии дигар таъйин намешавад. Талошҳои ба манзури рабт додани мизони тамошои телевизион бо сабки зиндагии мардум ё «вижагиҳои равоншиносӣ»-и онҳо мисли: вижагиҳои иҷтимоӣ, нигаришҳо, ақидаҳо, алоқаҳо, ниёзҳо, шахсиятҳо ва ғайра ба амал омада, аммо ҳеҷ кас натавонистааст, ки байни вижагиҳои равоншиносӣ ва намунаҳои тамошои телевизион робита пайдо кунад. Ин нукта далели он аст, ки телевизион ба дурустӣ расонаи ҷамъӣ аст ва густурдагии он ба қадре зиёд аст, ки наметавон, миёни он ва бахшҳо бо гурӯҳҳои мардуми як мамлакат, робитаи мушаххас барқарор кард [7].

Дар ҳар сурат, бояд ба хотир дошт, ки телевизион ба тамоми мушаххасоташ навъи истироҳати иҷтимоӣ ба бинанда арза медорад. Хонавода гирди ҳам омадааст ва афроди муштарак, телевизион нигоҳ мекунанд, ин навъи роҳати дастаҷамъӣ аст, дар ҳоле ки китоб хондани фаъолияте инфиродӣ ва танҳост [8].

Телавизион дар самимияти хонавода тағйире ба вуҷуд намеоварад. Синамо одамеро ба хурӯҷ аз хона ва лузуман либос пӯшидан маҷбур мекунад. Телевизион дар дохили хона қарор дорад ва роҳатӣ он асбоб роҳати хаёли хонавода мешавад. Хонаводае мумкин аст, як ё чанд утоқ дар ихтиёр дошта бошанд, аммо телевизион дар ҳар ҳол ва ҳамвора дар утоқе қарор дорад, ки афроди хонавода дар он фароҳам меоянд.

Ба мафҳуми васеъ метавон гуфт, ки дар бисёре аз кишварҳо мардуми мо байни 1/3, то ниме аз вақтҳои озод худро бо телевизион сар мекунанд, ки ин замон, аз вақтҳое, ки сарфи ҳар чизи дигар ба ғайр аз хоб ва каломе ва дигар масоили ҳаётӣ мекунем, бештар аст.

Бартарии телевизион нисбат ба радио ва матбуот дидорӣ будан, вузӯҳ ва таъсиргузории фаврии он аст, соири расонаҳо наметавонанд тасовири мутаҳаррик ва садо дар интиқоли «Ҷаҳон ба утоқҳои хонаи мо ё кам ҳазина будан барои мо» рақобат кунанд. Мо амалан сел, заминларза ва пиёда шудан дар курраи Мохро мушоҳида мекунем [9]. Телевизион дар заминаи омӯзиш, ва ба хусус омӯзиш ва ёдгирии забонҳои хориҷӣ низ қодир аст, дастовардҳои асосиро арза бидорад. Бешак, ин васила дар қаламрави таҳсилӣ бо бузургтарин густариш рӯбарӯ шудааст. Хулоса ба мафҳуми куллӣ ва дақиқ, калимаи телевизион метавонад, як муаллим бошад.

Нақши расонаҳо дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар садаи муосир. Имрӯз варақ задании маҷалла, мутолиаи рӯзнома, боз кардани печи радио ва телевизион монанди ғизо хӯрдан ва нафас кашидан барои мо оддӣ шудааст. Мутолиаи китоб ва рӯзнома ва маҷалла, кӯшиш ва гӯш додан ба радио ва билохира соатҳои мутамодӣ пойи телевизион нишастан, ҷузви суннатҳои башари имрӯзӣ гардида, аз он ҷо ки ҷомеаи башарӣ ҳар рӯз дар ҳоли печидатар ва густурдатар шудан аст, ниёзи мо ба матбуот ва радио ва телевизион рӯз ба рӯз бештар эҳсос мешавад.

Нақши расонаҳо дар садаи муосир, ҳар рӯз беш аз пеш барҷастатар шудааст, расонаҳо имрӯз ба воситаи кашф ва ба коргирии технологияиҳои нав иртиботе то умқи ҷомеа нуфуз карда, таъсири босазо ва таъйинкунандае дар ҷиҳатдиҳии афкори умумӣ бархурдор гаштаанд. Инсони охири даҳаи қарни бистум дар ҳолати аз амвоҷ ва дарёи иттилоот ғӯтавар аст ва ин талияи асри нав аст, ки бар пояи иртиботот ва иттилоот шакл хоҳад гирифт. Танҳо афрод ё миллатҳои қодир ба баҳрагирии беҳина аз асри нав хоҳанд буд, ки аз қудрат ва тавони лозим барои «полоиши амвоҷ» ва «созмондиҳии иттилоот» бархурдор бошанд [10].

Нақши расонаи самеӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ. Дар мавриди нақши расонаҳои самъӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ миёни соҳибназарон тавофиқи чашмгире вуҷуд дорад ва масъала комилан низ мушаххас аст, ки дар солҳои охир, дидгоҳи тозае ироа шудааст. Дар шароите, ки дар миёни ҳадафҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ касби маҳоратҳои шифоҳӣ аз мавқеияти волое бархурдор аст[11].

Пас, ҷои шигифте нест, ки расонаҳое чун, радио, забти савт, телевизион ва видео, то ҳадди мавриди таваҷҷӯҳ қарор гиранд. Радио манбаи муҳиме аст, ки барномаҳои он аз кайфияти олӣ бархурдор аст ва мусоҳибаҳои радиоӣ, ахбор, сухан пароканиҳо, мусобиқаҳо ва ғ. анвои мухталифи маводи омӯзиши забонро барои муаллим фароҳам

мекунад. Гарчӣ ин гуна барномаҳо ихтисосан барои тадриси забони хориҷӣ нашуда, аммо дар заминаи омӯзиши забон бисёр муфид ва арзанда аст [12].

Истифода аз як чунин расонаҳо дар омӯзиши забони хориҷӣ муҳтоҷи маводи омӯзишии хос аст ва ҳамчунин фароҳам овардани маводи омӯзишӣ, ки ба дарди забономӯзон бихӯрад ва агар кайфияти молӣ бошад аз сӯйи дигар низ мусталзами вақти зиёд ва маҳорати болоӣ дар заминаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба забономӯзон ва ошноӣ ба вижагиҳои ин расонаҳо аст.

Аз расонаҳои самеӣ метавон, барои ироа, такрор ва баҳрабардорӣ ва низ барои парвариши маҳоратҳои шунидорӣ ва гуфторӣ истифода кард, илова бар он аз ин расонаҳо метавон, барои тақвияти имло, тамринҳои ҳиҷрӣ кардани бисёри ҷанбаҳои дигар навиштор ва низ барои озмуни ин маҳоратҳо кумак гирифт.

Нақши расонаҳои басарӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки дар омӯзиши забонҳо, ҳадафи аввал, интиқоли паём аст ва пас аз он масъалаи дарки паём ироа мешавад, лузуми иноятии бештар ба тасвир ва нақши тасвир дар амри паёмрасонӣ, ки ҳамоно дарк ва фаҳмидан бошад, ҳатмӣ ба назар мерасад [13]. Тайи солҳои мутамодӣ, унсури басарӣ дорои нақши умдае дар омӯзиши забони хориҷӣ будааст.

Дар чанд даҳаи охир, ихтилофи назарҳое дар мавриди равиши ба коргирии расонаҳои басарӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ пеш омадааст, ки ин ихтилофҳоро наметавон, мунҳасир ба нақши расонаҳои басарӣ дар зинда кардан ва эҳёи омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва тақвияту афзуни эҷоди ангеза дар забономӯзон мунҳасир кард, балки акнун ин расонаҳо вазифаи таълимдиҳандаи миёнҷиро низ ба уҳда доранд, бад-он маъно, ки метавон, дастуруламали пеш сохтаеро барои роҳнамоии забономӯзон ҷиҳати истифода аз китоби роҳнамоии омӯзиши забони хориҷӣ фароҳам намуд.

Нақши расонаҳо дар ташдиди бархурдорҳои забонӣ

Истилоҳи бархӯрди забонӣ (Linguistic contact).Истилоҳи бархӯрди забонӣ дар китобҳои забоншиносӣ ба маънои мухталифе ба кор рафтааст, аммо дар мафҳуми ом, метавон онро ба ашколи мухталиф тамоси ду забон ва таъсиргузории онҳо бар якдигар таъбир кард.

Чунонки гуфта шуд, ҳангоме ки иҷтимооти инсонӣ ба далоили мухталифи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, ҷуғрофиёӣ ва монанди он, бо якдигар тамос пайдо мекунанд. Натоиҷ ва ҷанбаҳои гуногуне монанди қарзгирии забонӣ, таодули забонӣ, ҳамгироии забонӣ, забонҳои миёнҷии забонҳои омехта ва ду забонгиро метавон барои он қоил шуд [14].

Мо дар ин ҷо ба роиҷтарин натиҷаи бархурдорҳои забонӣ, ки каму беш дар ҳамаи забонҳои дунё ба навъи қобили мушоҳида аст, яъне қарзгирӣ ва ҳамчунин ба вуруди расонаҳои гурӯҳӣ, ки нақши муҳим дар густариши қарзи забонӣ дорад, мепардозем.

Қарзгирии забонӣ (borrowing): Вақте ки ду ҷомеаи забонӣ бо ҳам тамос пайдо мекунанд, маъмулан аносире миёни забонҳо радду бадал мешавад. Бинобар ин, маъмултарин ва табиаттарин ҳолате ки тақрибан дар ҳамаи бархӯрдҳои забонӣ пеш меояд, радду бадал шудани аносири забонӣ миёни онҳо ё истилоҳан «қарзгирии забонӣ» аст, қарзгирии забонӣ бар асоси таърифи мударрисӣ, иборат аз: «Вуруди аносири вожагонӣ ё сохтории як забоне ё гӯйиш, дар забон ё гӯйиши дигаре» [15].

Аз он ҷо, ки қарзгирии забон ниёзи бахшҳои мухталифе ташкил ёфтааст, бинобар ин, шомили коргирии вожагонӣ (Lexical borrowing) қарзгирии воҷӣ (Phonological borrowing) ва қарзгирии дастурӣ (Grammatical borrowing) мешавад. Аммо дар ин миён қарзгирии вожагонӣ роиҷтарин навъи қарзгирӣ аст, ки пеш аз анвои дигари қарзгирӣ дар забонҳо мушоҳида мешавад.

Бар ин асос, вожагони ҳар забонеро дар як тақсимбандии куллӣ метавон ба ду даста тақсим кард:а) вожаҳои бумӣ; б) вожаҳои қарзӣ.

Вақте як падидае дар дохили як ҷомеа ба вуҷуд ояд, вожаи марбут ба он ҳам дар забони он ҷомеа, ба равише халқ мешавад ва забон, ниёз ба қарз гирифтан пайдо намекунад, вале вақте ҷомеае асари тамос бо ҷомеаи дигар, бо аносири фарҳангии нави ошно мешавад табиатан, худ барои номидани онҳо вожае надорад ва ногузир барои пур кардани ин халлои ба забони он ҷомеа муроҷиат мекунад, дар ин сурат ё мустақиман вожаҳоеро, ки баёнгари он аносири фарҳанг ҳастанд, қарз мегирад ва ё аз рӯйи намунаи онҳо, муодиле барои он месозад.

Ба ин тартиб, ҳар забоне барои номидани падидаҳои тоза аз ду равиш қарзгирии вожагонӣ ва вожасозӣ истифода мекунад, қарзгирии вожагон, ашколи гуногуне ва

печидае надорад ва ба содагӣ анҷом мегирад, вале вожасозӣ, шеваҳои мухталифе дорад, ки дар ҳар як аз имконоти мавҷуд дар забон ба гунае истифода мешавад.

Пардохтан ба ин шеваҳо дар ин ҷо мавриди назари мо нест ва алоқамандон метавонанд, ба манбаҳои марбут дар ин замина муроҷиат кунанд.

Қаблан гуфтем, ки вуруди расонаҳои гурӯҳӣ ба ҷомеаи имрӯзӣ, бисёр таҳаввулангез будааст. Ин расонаҳо, фосилаи замонӣ ва маконӣ байни ҷомеа ва инзивои ҷуғрофиёии онҳоро аз байн бурда, ҷомеаҳои мухталиф ва дур аз ҳамро бошиддат ба якдигар наздик кардаанд, ба тавре ки акнун аз ин ҷомеа «қабилаи ҷаҳонӣ» ва аз дунёи бузурги мо ба унвони «деҳкадаи ҷаҳонӣ» таъбир мешавад. Ба дунболи ин таҳаввулот ва пешрафтҳои дигар, иртибот ва тамос байни ҷомеаҳои мухталиф бештар шуда, дар натиҷа бархӯрди забонҳо ва таъсири онҳо ба якдигар низ, нисбат ба гузашта бештар ва васеътар гардидааст.

Дар гузашта, иртибот ва тамос байни сухангӯёни забонҳо аз назари маҳдуд ва асароти он низ, ба ҳамон чиз ночиз буд, чаро ки ҳадди аксари ҳамон теъдоде ки, масалан ҷиҳати тиҷорат, таҳсил ё муолиҷа ба дигар кишварҳо мусофират мекарданд ва ё ба далоиле ба он ҷоҳо муҳоҷират мекарданд ва ё сарбозоне, ки ба кишвари дигар ҳамла мекарданд, ба таври мушаххас дар маърази забонҳои дигар қарор мегирифтанд ва ё аз тариқи падидаҳои ҷадиде, ки ба сурати маҳдуд тавассути онҳо вориди кишвар мешуданд ё дар асари иртибот бо кишварҳои муҷовир. Бархурдориҳои забонӣ байни ҷомеаҳои мухталиф нисбат ба гузашта, вусъати бештаре ёфта, асароти он низ шадидтар шудааст, густариши расонаҳо ба ҳамроҳ таҳаввулоти дигар, сабаби осонтар шудани амри иртибот миёни ҷомеаи забонии мухталиф, ки гоҳ аз назари ҷуғрофиёӣ дар фосилаҳои дур аз якдигар қарор доранд, мешавад.

Ҳамчунин инъикоси рӯйдодҳо ва воқеаҳои ҷомеаи мухталиф аз тариқи расонаҳо, муҷиби ошноии миллатҳои дур аз ҳам бо фарҳанги якдигар мешавад ба ин тартиб, заминаи миёнҷӣ барои бархӯрдҳои забонӣ фароҳам меояд. Ба ҳар ҳол, акнун тамоми қишри ҷомеаи мустақим ё ғайримустақим, хоста ё нохоста, ба сурати густурда дар маъразаи забонҳои мухталиф қарор мегиранд ва асароти онҳоро бар забони худ мепазиранд.

Вуруди расонаҳои гурӯҳӣ ба ҷомеаи имрӯзӣ ба ду сурат дар эҷод ва ташдиди «бархӯрдҳои забонӣ, муассир будааст, аз як сӯ вуруди худи ин ниҳодҳои ҷадид ба ҷомеа, сайле аз вожагон ва истилоҳоти хоси марбут ба онҳоро низ ба ҳамроҳ дошта ва аз ин тариқ, забони ин ҷомеаро таҳти таъсири худ қарор додаст.

Аз сӯйи дигар, ин расонаҳо худ омили интишор ва интиқоли аносири фарҳангии ҷадидтар ва натиҷаи аносир забони марбут ба он дар сатҳи ҷомеа ҳастанд. Аз тариқи ин расонаҳо, аз роҳи тарҷумаҳои падидаҳои ҷадид ба ҷомеа муаррифӣ мешаванд, афроди ҷомеа бо мафҳумҳои ҷадид ошноӣ пайдо мекунанд ва ба ин тартиб, аносири забонӣ марбут ба онро низ, дар забони худ ба кор мегиранд ва батадриҷ онро дар сатҳи ҷомеаи забонии худ ривоҷ медиҳанд.

Нақши расонаҳо дар шаклгирии забони афрод. Ин ҷо низ бидуни он, ки вориди ҷидоли «зотӣ» ё «иктисобӣ» будани забон шавем. Бадеҳӣ аст, ки инсон забонро аз ҷомеа, аз касоне, ки бештар бо онҳо сару кор доранд, меомӯзанд. Бар асоси таҳқиқот, ҳар фарде дар ҷомеаи имрӯзӣ, рӯзона ба таври миёна беш аз се соат аз вақти худро бо анвои мухталифи расонаҳо, бахусус радио ва телевизион мегузаронанд, яъне аз замоне ки сарфи ҳар фаъолияти рӯзонаи дигар низ аз хобу кор мешавад.

Табиан ин муддат, дар асаргузорӣ бар забони афрод, бахусус кӯдакон ва навҷавонон, ки дар марҳилаи аввали забономӯзӣ ва шадидан таъсирпазир ҳастанд, нақши умдае метавонад дошта бошад.

Аз сӯйи дигар, ин расонаҳо пеш аз соири омилҳои муҳитӣ монанди мадраса бар забони мардум таъсир мегузоранд, чаро ки таҳсил дар мадраса, махсус даврони муайяне аз синни инсон аст, аммо истифода аз расонаҳои гурӯҳӣ аз нахустин солҳои таваллуди инсон то вопасин ҳаёт, маъмул ва мутадовил аст.

«Дар оинаҳои ҷайби» Мак Лоҳан дар ҳамин замина омадааст: «Як тифли панҷсола дар давроне, ки вориди кӯдакистон мешавад, бештар аз тамоми соате, ки то поёни таҳсилоти худ дар мадраса ва синф ба сар мебарад, вақтҳои худро бо телевизион гузаронида аст, бақияи умри ӯ низ дар пойи ин гиранда саҳаромез сипарӣ хоҳад шуд».

Донишомӯзони имрӯза беш аз «15 ҳазор соат» аз вақти худро дар канори телевизион мегузаронанд, дар ҳоле ки фақат «1000 соат» аз вақти онон дар синф ва ё бо

муаллимон мегузарад. Инсон дар иҷтимои маѓрибзамин ҳангоме ки ба 5-6 солагӣ мерасад ба таври миёна 9 соли тамом аз умри худро дар пеши телевизион мегузаронд.

Ин таъсиргузорӣ дар тамоми сатҳҳои забонӣ анҷом мегирад, вале мизони он дар сатҳи вожагон бештар ва малмустар аст ва ба шеваҳои мухталифе зуҳур меёбад ва гоҳе вожаҳои сохташуда, тавассути дигарон аз тариқи ин расонаҳо ба ҷомеа интиқол пайдо мекунанд. Бисёре аз вожаҳо дар студияҳо тавассути нависандагони барномаҳо сохта мешаванд. Ба унвони намуна, бар асоси таҳқиқоте, ки тавассути иддае аз пажӯҳишгарони Маркази таҳқиқоти донишкадаи улуми иртиботи иҷтимоӣ дар соли 1353 сурат гирифта, ривоҷи вожаҳое монанди: дастовард, рухдод, рӯйдод, раҳовард, раҳнамуди ибтидо аз радио сарчашма гирифта ва баъд ба саҳифаҳои маҷалла, рӯзномаҳо ва гуфтугӯҳои адибона рахна кард.

Ҳамчунин радио, телевизион ва матбуот, гоҳ навъи хосе аз талаффузи як калимаро, ки дарӣ аст, аз забони мутадовил берун рафтааст, дубора ҷон медиҳад ва зинда месозанд, масалан ривоҷи калимаи «мурдод» ба ҷои «амрдод» дар даврони қабл аз Инқилоб намунае аз ин таѓйир аст.

Албатта, мизони таъсиргузории расонаҳо бар забон ва огоҳии ҷомеа вобастагӣ ба навъи расона ва наҳваи ироаи паём дар он дорад. Дар ин маврид ба назар мерасад, ки сериалҳои телевизионӣ, филмҳои синамоӣ, ашъору таронаҳо ва сурудҳо, барномаҳои танзу саргармкунанда, ахбори сиёсӣ ва гузоришҳои варзишии радио ва телевизион ба далели бар ҷозиба будан, ҳамагир будан ва пурмухотаб будан, пеш аз дигар бахшҳо аз ин назар муассир бошанд.

Аз он ҷо ки радио ва телевизион ду василаи иртиботи ҷамъӣ ҳастанд, ва нуфузи онҳо шадид ва майдони онҳо бисёр васеъ аст, метавонанд ба таври мустақим ва ѓайримустақим дар боло бурдани сатҳи забони форсӣ дар миёни шунавандагон ва бинандагони худ таъсири зиёде дошта бошанд.

Пас ҳар чӣ расонаҳо дар ироаи паём ба мухотабон дар ҷомеа аз танаввӯъ ва ҷозибаи бештаре бархурдор бошанд, метавонанд бештар дар боло бурдани сатҳи забони форсӣ дар байни мухотабон муассир бошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Исмоилӣ, Мӯҳсин. Қонуни расонаҳо. – Теҳрон, Суруш, 1383 ҳ.
2. Меҳрдод, Ҳурмуз. Муқаддимае бар назариёти иртиботи ҷамъӣ. – Теҳрон, чопи Форон, 1380 ҳ.

РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ИЗУЧЕНИИ ЯЗЫКА

Средства массовой информации доступны каждому и являются общественными. В настоящее время используется огромное количество различных носителей информации: телевизионные и радиопередачи, газеты, еженедельники, журналы, плакаты и т.д. Они используются для того, чтобы донести определенную информацию, обучить, привить определенные навыки, изменить отношение. В данной статье автором рассматривается роль средств массовой информации в изучении языков.

Ключевые слова: средства массовой информации, различные носители информации, изучение языков, радио, телевидение, обучение.

ROLE OF MASS MEDIA IN LANGUAGE STUDYING

Mass media are available to everyone and are public. Now the huge number of various data carriers is used: television and broadcasts, newspapers, weeklies, magazines, posters, etc. They are used to inform certain information, to train, impart certain skills, to change the relation. In this article the author considers a role of mass media in studying of languages.

Key words: mass media, various data carriers, studying of languages, radio, television, training.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Озито Беклари*** **–** соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

НУҚТАИ НАЗАРИ ДОНИШМАНДОН ДАР МАВРИДИ ТАЪРИХИ ЗУҲУРИ РОҲИ АБРЕШИМ

Сулаймони Усмон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Роҳи абрешим тибқи назари муҳаққиқон таърихи тӯлонӣ дошта, сарҳади пайдоиши он то ба ҳол маълум ва равшан нагардидааст. Аз ин лиҳоз, таърихнигорон, мусташриқон, ҷуғрофиядонон, ҷаҳонгардон ва адибону рӯзноманигорон низ ба он бештар таваҷҷуҳ намуда, паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъро мавриди таҳлилу пажӯҳиш қарор додаанд.

Профессор У. Каримов аҳамияти ҳамаҷонибаи ин роҳро ба назар гирифта, чунин таъкид кардааст: “ Дар бораи аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию дипломатӣ ва илмию фарҳангии «Роҳи абрешим» донишмандони кишварҳои Ғарбу Шарқ ҳанез аз солҳои 30-уми асри XVIII мулоҳизаҳои худро баён кардаанд. Он чи ки ҳоло ба мо маълум аст, доир ба асрори абрешим, эҳтиёҷи бузурги он дар саноати нассоҷӣ ва умуман хосияти роҳи абрешим бори нахуст донишманди нидерландӣ Д. Маҳудел дар мақолаи « Асрори абрешим» (Амстердам, 1731) маълумоти мухтасаре додааст” [3,3].

Ин масъала сипас, дар мақолаҳову асарҳои донишмандони дигар, аз ҷумла, дар асарҳои олимон: А.Ҳеррман, А. Бернштам, С. Толстов, В. Бартольд, Б. Ғафуров ва дигарон [6] мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки ҷанбаҳои гуногуни онро фаро мегирад.

Дар бораи кай ва чигуна пайдо шудани ин роҳ, ки он шартан номи «Роҳи абрешим»-ро гирифтааст, фикру назарҳои мухталиф мавҷуданд. Як идда аз муҳаққиқон, хостанд, ки пайдоиши онро бо далелҳои илмӣ ба исбот расонанд, вале бахши дигар ба таври тахминӣ фикру назарҳоеро пешниҳод намуданд, ки дур аз ҳақиқати илмӣ мебошад. Масалан, агар донишманди амрикоӣ А.Стейн [7] кушодашавии роҳи корвонгарди абрешимро аз самти шимоли воҳаи Турфони Чин тавассути воҳаҳои Осиёи Миёна ба асри I пеш аз милод мансуб дониста бошад, пас муаллифону мураттибони китоби «Корвони сулҳу ваҳдат дар шоҳроҳи ваҳдат» [4] оғози онро ба 3700 сол қабл бурда расонидаанд, ки чунин тахминҳо сабаби бавуҷудоии ақидаҳои мухталиф ва норавшаниҳо дар ин ҷанба ба ҳисоб мераванд.

Ҳанӯз 3700 сол қабл корвони аввалин,- навиштаанд онҳо – С.У.- девори бузурги Чинро бурида, аз пойтахти Чини қадим Лояне тавассути Ланчжоу то ба шаҳри Дунхуан расид. Аз ин ҷо ду шохаи асосии Шоҳроҳи абрешим оғоз гардид: яке аз ҷануб, биёбони беоби Такла – Маканро бурида мулкҳои Хӯтан, Ёрканд, Балхро тай намуда, ба Марви қадим мерасид. Дуюмӣ аз шимол тавассути Қашғар ба Аспараю Канд, Хуҷанду Усрушан, Самарқанду Бухоро ва сипас ба Марв расида, дар онҷо ҳарду роҳ як шуда, ба сӯи БаҒдод, Сурия ва Рими қадим ва аз он ҷо ба тамоми Аврупо мебурд.

Аз Қашғар роҳи дигаре қаторкӯҳҳои Бадахшонро гузашта, тавассути Хуталон ба Ҳиндустон мерасид. Шохаи дигари роҳ тавассути мулки Булғор ба дарёи Волга баромада, сӯи Аврупои Шарқӣ идома меёфт. Аз Шарқ бошад, роҳи абрешим ба Куриё, Тайланд, Ҷопон ва дигар мамолики Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пайғом мебурд.

Бо амри сарнавишт, чиниён асосан то Самарқанду Бухоро мол оварда, шоҳии худро ба молу ашёи барояшон зарур иваз карда, ба ватан бармегаштанд ва тоҷирони тоҷик тиҷоратро тавассути ин шоҳроҳ идома медоданд [Ниг:4.5-6].

Донишмандони амрикоӣ А.Франк ва Д. Бравстон таърихи кӯшоиши ин ҷодаро ба соли 105 ё 115 пеш аз милод, замоне, ки ба гуфтаи онҳо, чиниҳо то нимаи роҳи Осиё ба пеш рафтанд ва ба масири монанде, ки аз Мадитарона ба Осиёи Маркази кашида шуда буд, бархурд карданд, марбут медонанд. Аммо ҷодаи абрешим навиштаанд онҳо дар воқеъ басе кӯҳнатар аз ин аст ва шояд ду ҳазор сол ва ҳатто беш аз ин вуҷуд дошта бошад [Ниг.: 5.12].

Ба гуфтаи Б. Ғафуров, робитаи тиҷоратии мардуми ин сарзаминҳо, ҳанӯз дар замони ҳукмронии давлати Ҳахоманишиҳо, яъне дар асрҳои VI-IV пеш аз милод барқарор будааст, ки шоҳиди ин пораҳои сафолу табақҳои чинӣ, осори матои шоҳию мӯина, сиккаи тангаҳои тиллоӣ ва дигар зарфи ашёи шишагии рӯзгор мебошад. Ӯ таъкид мекунад, ки дар байни мардуми ин сарзаминҳо ва кишвари Чин низ, дар асрҳои IV пеш аз милод робитаи додуситад вуҷуд дошт ва халкҳои ин кишварҳо аз дастоварду комёбиҳои якдигар огоҳ будаанд. Роҳи корвонгарди байни Шарқи Наздику Чин, тибқи

навиштаи ӯ, аз Мовароуннаҳр мегузашт. Ин роҳ аз кишварҳои соҳили баҳри Миёназамин сар шуда, аз Байнаннаҳрайн, Бағдод, Ҳамадон, Нишопур, Марв, Омул гузашта, ба Бухоро мерасид ва аз ин ҷо давом ёфта, аз Самарқанд мегузашту Чоч, Тароз, Балосоғун, Сӯйоб ва соҳили ҷанубии Иссиққӯлро тай намуда, то ба Чин мерафт [Ниг.: 2. 484].

Донишманди маъруфи Эрон Хусрави Муътазид дар асари худ «Таърихи тиҷорат ва сармоягузории санъатӣ дар Эрон» [Теҳрон, 1366] доир ба нахустин корвонҳои тоҷирони кишварҳои Шарқу Ғарб мулоҳизаҳои ҷолиб рондааст. Ин муҳаққиқ ба эътибори дастовардҳои бостоншиносон чунончи, пораи абрешим, мӯина, сафол, табақҳои хурди чинӣ, зарфҳои шишагӣ, сиккаи тангаҳои нуқраю зар ва ашёи дигари рӯзгор, ки дар ҷараёни ҳафриёти Теппаи Селаки Кошон, наздики шаҳри Шуштар, соҳили халиҷи Форс, назди ҷодаҳои музофоти Бохтар, Нишопуру Марв, Омул, Тирмизу Туркистон ва воҳаҳои Суғду Хоразм ба даст овардаанд, натиҷа мегирад, ки ҳанӯз 4000–сол пеш аз ин дар байни ин шаҳру музофотҳо корвонҳои бозаргонон бо матоъ ва колоҳои мухталифи пурарзиш ҳаракат мекарданд ва аз Чину Туркистон ва Суғди бостон, то ба соҳилҳои баҳри Миёназамин ва дарёи Аҳмар рафтуомад менамуданд.

Аз хулосаҳои ин ду донишманди маъруф, чунон ки зикр намудааст У.Каримов, бармеояд, ки «Ҷодаи бузурги абрешим» аз даврони қадим дар миёни мардумони ин кишварҳои ҷаҳони Шарқу Ғарб ҳамчун як роҳи иртиботи иқтисодӣ, роҳи ҳаётбахши зиндагонӣ хизмат мекард. Вале дар хулосаҳои онҳо…баробари наздикию ҳамоҳангӣ баъзе тафовут низ, мавҷуд аст. Б.Ғафуров дар ҷодаҳо ҳаракати корвонҳо ва аз марзи Осиёи Марказӣ ба сӯи Чин гузар намудани тоҷиронро дар замони Ҳахоманишиён (асрҳои VI-V пеш аз милод) маънидод кардааст. Ба ақидаи ин донишманд дар ҷодаҳо ҳаракати корвонҳо дар ин даврон бардавом буданд. Аммо Хусрави Муътазид ба эътибори тақрибан чунин ҳуҷҷатҳо, ки дар ихтиёри Б Ғафуров низ буданд, ба хулосае меояд, ки дар ҷодаҳо нахустин ҳаракати корвонҳои тоҷирон 4000 сол пеш аз ин ба вуқӯъ пайваста буд» [Ниг.: 3. 9-10].

Тавре аз навиштаи донишманди амрикои А. Стейн [7] бармеояд кушодашавии роҳи корвонгарди шимолии абрешим аз самти шимоли воҳаи Турфони Чин тавассути воҳаҳои Осиёи Марказӣ сурат гирифтааст, вале муаллифон ва мураттибони китоби «Корвони сулҳу ваҳдат...» онро тавассути Қашғар ба Аспараю Канд, Хуҷанду Усрушан, Самарқанду Бухоро ва сипас ба Марв донистаанд. Муаллифони китоби «Ҷоддаи абрешим» А. Франк ва Д. Бравстон дар ҳалли ин масъала мавқеи миёнаро ишғол намуда, таърихи сунатии кушоиши онро ба солҳои 105-115 пеш аз милод ва дар баробари он таърихи зиёда аз духазорсола ва бештар аз он доштаро низ, зикр намудаанд. Б.Ғафуров ба ҳаракати корвонҳо ва аз марзи Осиёи Марказӣ ба сеи Чин рафтани тоҷиронро дар замони Ҳахоманишиён (асри VI-V пеш аз милод) ишора кардааст. Вале ба гуфтаи Хусрави Муътазид дар ҷодаҳо нахустин ҳаракати корвонҳои тоҷирон 4000 сол пеш аз ин ба вуқӯъ пайваста буд, ки дар ин гуфтаҳо мувофиқат накардани ақидаҳои мавҷуда ба мушоҳида мерасанд.

У. Каримов аз хулосаҳои Хусрави Муътазид илҳом гирифта, ба чунин натиҷа расидааст: «Агар мулоҳизаҳои Х.Муътазидро шартан ба инобат бигирем, пас дар ҷодаҳои ин музофотҳо ибтидоан ҳаракат кардани корвонҳои тоҷирони мамолики гуногун ба замони ҳукмронии подшоҳони давлати Ошур (асрҳои VIII-VI пеш аз милод) рост меояд. Зотан вақти кай таъсис ва кушода шудани «Роҳи абрешим» ба мо равшан маълум нест.

Танҳо ҳаминаш маълум аст, ки корвонҳои тоҷирон дар ҷодаҳои кишварҳои номбурдаи Ғарбу Шарқ дар даврони давлати Ҳахоманишиҳо дар ҳаракат будаанд [Ниг.: 3.10].

Дар ҳаракат будани корвонҳо ва кашондани мол ба кишварҳои Шарқу Ғарб таърихи аз ин ҳам бештар дошта, ба замони киштисозӣ дар сарзамини Эрони бостон тааллуқ доштааст.

Тибқи ишораи донишманди Эрон, таърихшинос Алии Сомӣ «Дар катибаҳои сумерӣ ва аккадии марбут ба ҳазораи севуми пеш аз милод иртиботи дарёии Байнуннаҳрайн бо Дилмун (Dilmгn) ва Муғон (Magan) ва Малуха ёде шуда ва дар катибаи Лагош (Lagosh) марбут ба замони Шулжи (sholgi) (худуди 2310-2263 пеш аз милод) аз киштисозон зикре рафтааст.

Киштисозӣ ва бо киштиҳо бурдани борҳои овардашуда, дар замони Дарюши бузург низ, хеле зиёд будааст, ва тибқи ишораи донишмандони юнонӣ киштиҳои бузург

ба зарфияти 300 то 500 тонна ва киштиҳои хурд 100 то 200 тонна зарфият доштаанд. Ва ин замоне, буд ки кишварҳои ориёӣ аз қабили Хоразм, Бохтар ва ғайра тобеаи шоҳаншоҳӣ буданд ва рафтуомад низ, бо роҳи абрешим сурат мегирифт.

Мувофиқи гуфтаи Алии Сомӣ канале, ки Дорюш ҳифр кард бо канали кунунӣ, ки дар соли 1869 тавассути Мун Фердинанд Де Леспес (Mon Ferdinand de Lespes) ҳифр ва ба итмом расид каме ихтилоф дорад, зеро канали кунунӣ аз порт Сайид шуреъ ва ба Халиҷи Суез ба охир мерасад, вале канали Дорюши Кабир аз қадре болотар аз Бубастис (Иubastis) шуреъ ва ба руди Нил пайваст ва пас аз гузаштан аз водии Тумилат (Tumilat) дар наздикии Суез ба баҳри Аҳмар якҷо мешудааст.

Тавре ки аз навиштаҳои муаррихони қадим бармеояд канали байни Бубастис (яке аз шохаҳои дарёӣ Нил) ва дарёӣ Сурх аз давраи салтанати миёнаи Миср (2160-1788 қабл аз милод) ба он чи Дорюш ҳифр карда буд шабаҳ буда, гӯё дар ҳудуди 1300 сол пеш аз милоди масеҳ яке аз фиръавнҳои Мисри муосири Мусо Алайҳиссалом ҳифр менамояд, вале гилу лойи онро ба тадриҷ месозад, баъдан Наху (Nechao) фиръавни Миср дар охирҳои садаи ҳафтуми қабл аз милод ба ин хаёл меафтад ва дастури пок кардану ҳифри дубораи онро медиҳад, лекин бино ба гуфтаи Диадор Сисилӣ мисриён ба тасаввури он ки агар ин роҳ боз шавад оби дарёи Сурх Мисрро фаро хоҳад гирифт, каналро пур мекунанд ва амалиёти кофтуковӣ бенатиҷа мемонад (Ниг.: 1. 175).

Муаллифи мазкур, сипас гуфтаҳои муаррихонро дар бораи сабабҳои амали гардидану нагардидани ин нақша зикр менамояд.

Таҳлили гуфтаҳои боло ва далелҳои овардаи донишманди Эрон Алии Сомӣ нишон медиҳанд, ки бунёди роҳҳои обӣ ва киштисозиву киштиронӣ, на танҳо дар замони ҳукмронии Ҳахоманишиҳо, балки қабл аз давраи сумерҳову аккадиҳо низ вуҷуд доштааст, ки он дар давраи Ҳахоманишиҳо, бахусус, дар замони Дорюши Кабир хеле ривоҷ ёфта, боиси бунёди каналҳо ва роҳҳои нави тиҷоратӣ шудааст. Катибаҳои пайдошуда низ бори дигар нишон медиҳанд, ки канали Суез, ки бо фармони Дорюши Кабир ба анҷом расида буд, роҳи хешкигард, яъне роҳӣ корвонгардро осон сохта, тиҷорати ҳамагуна молҳои заруриро аз як кишвар ба кишвари дигар таъмин намуд. Молҳо аз Ҳабаша ва Судону дигар кишварҳои африқоӣ ба Миср оварда шуда, тавассути канали Суез ба Эрон интиқол меёфтанд. Дар иваз молҳое, ки ба воситаи роҳи абрешим аз кишварҳои Чин ва Осиё ба Эрон ворид мегардиданд ба василаи ин канал ба он кишварҳои мазкур фиристода шуда, дар бозорҳои чаҳонӣ ба фурӯш бароварда мешуданд. Дар баробари ин киштиҳои эронӣ молҳои мавриди ниёзӣ мардумро, ки бо роҳи абрешим ба Мадитарона равона шуда буданд, ба Эрон ва Миср низ, мебурданд.

Аз катибаҳои ба дастомада маълум гардид, ки тиҷорат бо роҳи абрешим дар замони Ҳахоманишиҳо ба дараҷаи аълои худ расида, додугирифти молҳои мухталиф, аз қабили: асбобҳои филезӣ, шишагӣ, қоғаз, абрешим, либосҳову матоъҳои гуногуннавъ хеле зиёд мавриди ниёзи мардум қарор доштаанд. Дар ин кор саҳми шоҳони Ҳахоманишӣ, бахусус, Дорюши Кабир, ки сарҳади ҳукумронии е то ба Миср расида буд, хеле назаррас аст. Вале чизи муҳимме, ки диққати моро ба худ ҷалб намуд, ин то он давра низ, ривоҷ ёфтани тиҷорат дар Эрони бостон ба ҳисоб меравад, ки он дар муқоиса бо далелҳои нишондодаи муаррихон ва бостоншиносон қадимтар буда, оғози он ҳатто қабл аз давраи сумериҳо ва аккадиҳо будааст, ки шоҳиди ин гуфтаҳо, то ба ҳол мавҷуд будани катибаҳо ва боқимондаи ашёи зимни ҳифр пайдошуда дар Эрон ва Мисри қадим буда метавонанд, ки кофтукови онҳо ҳоло ҳам идома дорад. Аз тарафи дигар ба ин, навиштаҳои донишмандони Юнони қадим шаҳодат медиҳанд, ки то ҳол дар шакли катибаҳо боқӣ мондаанд.

Тибқӣ нишондоди маводи таърихӣ, дар катибаҳои сумерӣ ва аккадии марбут ба ҳазораи севуми пеш аз милод низ, иртиботи дарёӣ вуҷуд дошт ва ин худ гувоҳи он аст, ки дар он замон ҳам, робитаи тиҷорати байни кишварҳо, на танҳо ба роҳи дарёӣ, балки ба роҳи хушкигард, яъне ба роҳҳои корвонгузар ҳам фаъол будаанд. Далели дигаре, ки ин гуфтаҳоро исбот менамоянд то ба ҳол мавҷуд будани 117 навиштаи мисрии марбут ба давраи подшоҳии Ҳахоманишиҳо аст, ки онҳо дар рӯйи сангу лавҳ ва зарфҳои сангию филезӣ ба хатти қадимии мисрӣ навишта шудаанд. Мақолаву маводи як зумра муҳаққиқони дигар роҷеъ ба ибтидои пайдоиши ин роҳ ва соир хусусиятҳои он низ, вуҷуд доранд, ки то андозае ба ин масъала равшанӣ андохтаанд, вале ягона назарияи муайяне, ки бо далелҳо, яъне бо кофтуковҳо ва дастовардҳои бостоншиносон тасдиқ шудааст, ин дар замони ҳукумронии давлати Ҳахоманишиҳо барқарор будани робитаи

тиҷоратӣ мебошад, ки шоҳиди ин ба даст омадани пораҳои сафолу табақҳоӣ чинӣ, сиккаи тангаҳои тиллоӣ ва дигар зарфу ашёи шишагии резгор буда метавонанд.

Хулоса,замони Ҳахоманишиҳо, аз давраи таъсисёбӣ то давраи фурӯпошӣ, яъне то шикасти Дорюши севум аз тарафи Искандари Мақдунӣ дар таърихи тиҷорат бо роҳи абрешим, яке аз фаъолтарин давраҳо ба ҳисоб мерафт. Дар ин сарзамин, ки аз лиҳози марзу бум хеле васеъ буда, тибқи гуфтаи муаррихон иборат аз бист қисмати ҳокимнишин дошт, рафтуомади корвонҳо низ, хуб ба роҳ монда шуда буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алии Сомӣ. Тамаддуни Ҳахоманишӣ. Ҷ. I. Шероз. 1341.
2. Ғафуров Б.Ғ.Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. –Душанбе: Ирфон, 1998.
3. Каримов У. Роҳи бузурги абрешим.- Душанбе, 2003.
4. Корвони сулҳу ваҳдат дар шоҳроҳи ваҳдат. -Душанбе, 2000.
5. Irene M. Franck and David M. Brownstone. The Silk Road: A. History. Тарҷумаи Муҳсин Сулосӣ. Теҳрон, 1376.
6. Hermann A. Die alten Seidenstrassen zwisehen China und Surien. Guuellen und Forschungen zur alten Geschichte und Geographie. Berlin, 1910, pp. 80, 91; Бернштам А.Н. Советская археология Средней Азии. - КСИИМК, вып. XXVIII, 1949; Толстов С.П. Работы Хорезмской археолого-этнографической экспедиции АН СССР в 1949-1953гг.\\Труды Хорезмской археолого-этнографической экспедиции. т. 2, 1958; Бартольд В. В. Сведения об Аральском море и низовьях Аму-Дарьи с древнейших времен до XVII века.- Сочинения, т.3.М., 1965; Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. М., 1956
7. Stein A. Innermost Asia: Detailed Report of Explorations in Central-Asian, Kans and Eastern Iran, 5 volumes. Oxford: Caledon Press, 1928.

ТОЧКА ЗРЕНИЯ УЧЁНЫХ ОБ ИСТОРИИ ПОЯЛЕНИЯ ШЕЛКОВОГО ПУТИ

В данной статье рассмотрены и анализируются мнения исследователей об истории шелкового пути. Все исторические события и процессы изложены, сжато и обоснованно.

Ключевые слова: шелковый путь, история, значение, роль, мнение исследователей.

POINT OF VIEW OF SCIENTISTS ABOUT THE HISTORY OF THE SILK ROAD

This article describes and analyzes the opinions of scholars about the history Silk Road. All the historical events and processes are set out succinctly and soundly.

Key wokds: the Silk Road, the history, values, role, the view of researchers

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*: **Сулаймони Усмон*** - аспирант Таджикского национального университета.

М У Н Д А Р И Ҷ А - С О Д Е Р Ж А Н И Е

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ САДОНОКҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
С. Назарзода 3

АДАПТАЦИЯ РУССКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
М.Б. Нагзибекова 12

ОСОБЕНОСТИ ДИПЛОМАТИЧЕКОЙ ФРАЗЕОЛОГИИ
Х. А. Саидов 15

ТАЪСИРИ ПАЙВАНДАКИ КИ ДАР МУҚАРРАР НАМУДАНИ САРҲАДИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ САБАБ
М.Ҷ. Мирзоева 19

НЕКОТОРЫЕ ЗАПРЕТЫ В ТАДЖИКСКОЙ АНТРОПОНИМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ
Л.Т.Рузиева 22

КАТЕГОРИЯИ ШУМОРА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФРАНСАВӢ (дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ)
М. О. Назарова 25

ИФОДАИ ЭҲСОСОТ ДАР ЭВФЕМИЗМҲОИ ЛУҒАВӢ
М. Ҳайдаров 28

МАСДАРҲОИ СИНОӢ ДАР ОСОРИ ФАЙЛАСУФОНИ ФОРСУ ТОҶИК
Наҷмиддин Солиҳов 33

ПАЙДОИШИ АДАБИЁТ БА ЗАБОНИ УРДУ
Ҷовид Холов 35

ЛИЧНЫЕ ПОДЛЕЖАЩИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
М. Юсупова 38

МАВҚЕИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ
М. Р. Сафаралиева 41

МУРОДИФОТИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР НАСРИ Ӯ. КӮҲЗОД
Нигина Худоёрова 51

К ВОПРОСУ О СЕМАНТИЧЕСКОМ ПОЛЕ ГЛАГОЛОВ ОЩУЩЕНИЯ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Джумабой Усмонов 53

ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ ИССЛЕДОВАНИЯ ТЕРМИНА В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ
Ш.С. Раззокбердиев 56

БОБОҶОН НИЁЗМУҲАММАДОВ – НАХУСТИН ОЛИМИ ТОҶИКИСТОН
Т.С. Ориёфар 60

СУХАНЕ ЧАНД ОИД БА ТАФОВУТИ ИСТИЛОҲ АЗ ДИГАР ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ
Ш. Ҳаитова 65

ҶУМЛАИ СОДА АЗ НИГОҲИ МАЪНО ВА ОҲАНГИ ГӮЙИШ ДАР «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»
Маҳдӣ Дорхол 68

ХУСУСИЯТҲОИ ФОНЕТИКИИ МУАРРАБОТИ “КИТОБ УС – САЙДАНА ФИ – Т - ТИБ”-И АБӮРАЙҲОНИ БЕРУНӢ
Фарзона Саидова 72

ПРОБЛЕМЫ МОДЕЛИРОВАНИЯ СТРУКТУРЫ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
Дилафруз Рахимова 77

НАҚШИ ОМИЛҲОИ СИЁСӢ ДАР ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ
Г. Х. Шукуров 79

ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ КОРБУРДИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВИИ ИСМ ДАР «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ
М.Н. Амонова 82

ЧИДАШАВИИ АЪЗОҲОИ ҶУМЛА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
Муҳаббат Назарова 88

ТАКРОРИ ВОЖАҲОИ МУОДИЛ ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗ
Муҳаммадризо Ҳусейнзода 95

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДАР ШИНОХТИ ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ
Азам Қутбизода Аббасалӣ 101

ОСНОВНЫЕ ТИПЫ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЗНАЧЕНИЙ СЛОВ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ
Мурод Ҳусайнов 105

КОММУНИКАТИВНЫЙ МЕТОД В ПРЕПОДАВАНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА
Шахомат Фатема 106

НАЗАРЕ БА ЛУҒАТИ ГӮЙИШИ БАХТИЁРИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ
Ардашер Сосон 109

ИСТИХРОҶИ КАШИШИ ҶУБРОНИИ МУСАВВИТҲО ВА ЗАМИНАИ БАСОМАДИ ОН ДАР ГӮЙИШИ СИСТОНӢ (ЛАҲҶАИ БАЗӢ)
Б. Ҷаҳонтег 114

БАРРАСИИ СОХТОРИ МУҲТАВОИИ ВАҚФНОМАҲОИ ДАВРАИ ҚОҶОРИЯ ДАР ЭРОН
Молаи Мохаммад Ахмад 119

КИНОЯ АЗ СИФАТ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ АЗ НИГОҲИ ЗАБОНШИНОСӢ
Муҳаммадризо Фаллоҳаттафтӣ 127

ЛЕКСИКА, СВЯЗАННАЯ С НОМИНАЦИЕЙ ЖИВОТНЫХ
Ф.М. Орипова 130

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАИ «ГУЛ» ДАР ҒАЗАЛИЁТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ
Меҳрубон Назаров *132*

ВОЖАҲОИ ГӮЙИШИ БАХТИЁРӢ
Ардашери Сосон *136*

ВОЖАҲОИ ДИНИИ МИФОЛОГӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ
Ҳ. Элназарова *139*

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

МАСЪАЛАИ ҶАҲОНБИНИИ ҶОМӢ ДАР МАСНАВИҲОИ “ҲАФТ АВРАНГ”
М.Низомов *144*

ИНКИШОФИ ЖАНРҲОИ АДАБӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ АДИБОНИ САРГАҲИ ЗАРАФШОН
Ш.Бобоев *149*

«БӮСТОН»-И САЪДӢ ВА МАСНАВИСАРОИИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XIV ВА НИМАИ АВВАЛИ XV
Шарифҷон Тоҷибоев *152*

МАРСИЯ ДАР ОСОРИ ШОИРОНИ ХАЛҚӢ
А. Маҷнунов *158*

БАРРАСИИ МУҲТАВОИИ ЛОЛОИҲОИ ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОН
Фатемех Эйбак Абади *163*

ИРФОНИ НАВ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ФОРСӢ
Симин Мирзои Пуинак *167*

НИЛУФАРИ УСТУРАӢ ДАР АДАБИ ПОРСӢ
Беҳёд Сиддиқпур *171*

НИГОҲИ ДУБОРА БА КИНОЯ
Ҷамоли Алиманиш *176*

БАРРАСИИ ҶОЙГОҲИ МАЪШУҚ ДАР АДАБИ ҲАМОСӢ ВА ҒИНОӢ (ИРФОНӢ ВА ҒАЙРИ ОН)
Марҷон Алиакбарзода *179*

ДОНИШ ВА СУХАНДОНӢ ДАР ДОСТОНИ «АНӮШЕРВОН ВА БУЗУРГМЕҲР»
Ғуломризо Ҳофизӣ *184*

РЕШАИ АДЛУ ДОД ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ АЗ «ҚУРЪОН» ВА ҲАДИС
Ризои Бӯстонӣ *190*

ПАЙДОИШИ ШЕЪРИ НАВИ ФОРСӢ ВА МАКТАБИ РОМАНТИЗМ
Ҷамол Алиманиш *194*

НИГОҲЕ ГУЗАРО БА ТАЗКИРАҲОИ ШОИРОН ВА АНҶУМАНҲОИ АДАБИИ КИРМОНШОҲ, ЗОДГОҲИ ЛОҲУТӢ ВА МИРЗО АҲМАДИ ИЛҲОМӢ
Абдурризо Родфар *198*

СУННАТҲОИ ДОСТОНСАРОИИ ИШҚӢ-РОМАНТИКӢ ТО АЙЮҚӢ
Тупалов Ғозибек *202*

ШАХСИЯТПАРДОЗИИ РОМАНҲОИ ФОРСӢ ДАР ДАВРОНИ ИНҚИЛОБИ МАШРУТА
Шаҳнози Ибодатӣ *204*

БОЗТОБИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ДАР ШЕЪР ВА АНДЕШАИ ФАРРУХИИ ЯЗДӢ
Парасту Яминӣ *208*

ШИНОХТИ ИСТИЛОҲОТИ МАЪРИФАТӢ ДАР «НАВОДИР- УЛ- ВАҚОЕЪ»
Фотима Асад *213*

РОЗ ВА РАМЗҲО ДАР «ШАРАФНОМА»-И НИЗОМӢ
Алиакбар Шариатфар *217*

ТАСВИРИ СИМОИ ШАЙТОН ДАР ШЕЪРИ ШУАРОИ ФОРСӢ
Муҳаммад Байронвандӣ *225*

ВАЗЪИЯТИ ШЕЪРУ ШОИРӢ АЗ ЗАМОНИ НОДИРШОҲИ АФШОР ТО ПАЙДОИШИ САБКИ БОЗГАШТ
Афшини Муродӣ *230*

СОХТОРИ “СИЛСИЛАТ-УЗ-ЗАҲАБ”-И ҶОМӢ ВА МАСОИЛИ АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР ОН
Муҳриддин Низомов *232*

ХУДШИНОСӢ ВА ХУДОШИНОСӢ
Давлатхоҷа Шарипов *236*

ЯК КОРНАМОИИ АБДУЛҒАНӢ МИРЗОЕВ ДАР ТАЪРИХИ ПАЙВАНДҲОИ АДАБИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК
Саврнисо Муҳаммадиева *239*

“ВИС И РОМИН” ГЛАЗАМИ МЫСЛИТЕЛЕЙ РАЗНЫХ ЭПОХ И ВРЕМЕН
Н.Ёралиева *242*

МУЛОҲИЗАИ ҲАДИСИ НАБАВӢ ДАР «АС-САБЪИЙН ДАР ФАЗИЛАТҲОИ АМИРУЛМУЪМИНИН»-И МИРСАЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ
К. Қодиров *246*

ТАСВИРИ ҲАМБАСТАГИИ ИНСОН БО ҶОНВАРОНИ САВОРӢ ДАР “ШОҲНОМА”- И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ
М. Б. Раҳмонов *250*

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ҶАНГҲОИ РАВОНӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ФАЗОИ РАСОНАӢ
С. Хоҷазода *254*

МАЛКУМХОН ВА ИЛМУ ТАМАДДУНИ ҶАДИД
Сайидалӣ Мусавӣ *257*

ФАЪОЛИЯТИ РӮЗНОМАНИГОРИИ АЛӢ ХУШ
М.М. Шодиев *260*

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТИ ОЧЕРКҲОИ ПОРТРЕТИИ ҶӮРА ЮСУФӢ

Замира Сатторова *263*

БАРРАСИИ ТАКТИКАИ БАРҶАСТАСОЗӢ ДАР РАДИОИ «ФАРДО» АЛАЙҲИ ЭРОН
Алиризо Талхобии Алишоҳӣ *267*

НАҚШИ МАТБУОТИ ФОРСИЗАБОНИ ХОРИҶ АЗ КИШВАР ДАР ИНҚИЛОБИ МАШРУТАИ ЭРОН
Ромин Расулов *270*

БАҲСҲО АТРОФИ ДАВРАБАНДИИ ОЛИ СОМОН
Ф. С. Мухторова..... *273*

НАҚШИ РАСОНА ДАР ҲАМГИРОИИ КИШВАРҲОИ ФОРСИЗАБОН
Юнуси Ранҷкаши Кисамӣ *278*

НАҚШИ РАСОНАҲОИ ГУРӮҲӢ ДАР РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ
Озито Беклари *282*

НУҚТАИ НАЗАРИ ДОНИШМАНДОН ДАР МАВРИДИ ТАЪРИХИ ЗУҲУРИ РОҲИ АБРЕШИМ
Сулаймони Усмон..... *288*

БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» мақолаҳое чоп мешаванд, ки онҳо дорои натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ оид ба илмҳои табиӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошанд.

Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия бо забонҳои русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад.

Мақола бояд дар системаи Microsoft Word тайёр карда шавад. Дар баробари нусхаи чопии мақола нусхаи электронии он низ пешниҳод карда мешавад. Мақола дар компютер ҳуруфчинӣ гардида (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, фосилаи байни сатрҳо – 1,5 см., ҳошияҳо: боло – 3 см, поён – 2,5 см, чап – 3см, рост – 2 см;), ҳамаи саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

Дар саҳифаи якум унвони мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф ва ё муаллифон нишон дода мешавад. Дар сатри сеюм номгӯи муассисаи таълимӣ, суроғa ва e-mail. Баъд аз як фосила матни асосии мақола оғоз меёбад. Дар охири мақола баъд аз рӯйхати адабиёт аннотатсияҳо бо забонҳои русӣ, англисӣ ва калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешавад.

Рӯйхати адабиёт бо тартиби умумӣ баъд аз матни мақола оварда мешавад. Он набояд зиёда аз панҷ-шаш номгӯи адабиётро дар бар гирад. Қоидаи тартибдиҳии рӯйхати адабиёт бояд риоя карда шавад.

Мақолаҳои илмие, ки ба редаксия ирсол карда мешаванд, бояд варақаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ (барои мақолаҳои силсилаи табиӣ), тақризи мутахассисони соҳаро дошта бошанд.

Пешпардохт барои чопи мақола аз аспирантон гирифта намешавад.

Ҳайати таҳририя ҳуқук дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла баргардонида мешаванд.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Масъули чоп: **М. Ибодова**
Масъули бахш**: Г. Зоғакова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **Назари Муҳаммадхоҷа,**
И. Ҳакимова, Е. Щербакова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии Филология: **Г. Зогакова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, Назар Мухаммадходжа,**
И. Хакимова, Е. Щербакова
ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj